ISSN 2226-9355

Паёми

ДОНИШГОҲИ ЗАБОНҲО

3(55)
2024

Силсилаи илмҳои:
филологӣ
педагогӣ
таърих

ДБЗХТ

ISSN 2226-9355

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ ЗАБОНҲО
(силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих)
2024. № 3(55)

ВЕСТНИК
УНИВЕРСИТЕТА ЯЗЫКОВ
(серия филологических, педагогических и исторических наук)
2024. №3(55)

HERALD
OF THE LANGUAGES UNIVERSITY
(the series of Philological, Pedagogical and Historical sciences)
2024. № 3(55)

Душанбе – Dushanbe, 2024

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ЗАБОНҲО
Силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих
Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.
Маҷалла соли 2011 таъсис дода шудааст. Дар як сол 4 шумора нашр мегардад.

Сармуҳаррир:
Гулназарзода Жило Бурӣ *доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода*

Муовини сармуҳаррир:
Камолзода Илҳом Икром *доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

10.00.00 – Филология

Муҳаммадҷонзода Олимҷон Обидҷон	*доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм	*доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Ҷамшедов Парвонахон	*доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Турсунов Файёзҷон Мелибоевич	*доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Салими Хатлонӣ	*доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Олимӣ Хосият Ҳоким	*доктори илмҳои филологӣ, дотсент*
Каримов Амонулло Файзуллоевич	*номзади илмҳои филологӣ, дотсент*

13.00.00 – Педагогика

Шербоев Саидбой	*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Неъматов Саъдулло Эргашевич	*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Шоҳиён Нуралӣ Набот	*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Шосаидзода Сафар Ҳасан	*номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
Товбаева Мавлуда Мусулмоновна	*номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*

07.00.00 – Таърих

Ҳотамов Намоз Басарович	*доктори илмҳои таърих, профессор*
Муллоҷонов Сайфулло Кучакович	*доктори илмҳои таърих, профессор*
Миракзода Фаридун Юсуфӣ	*номзади илмҳои таърих, дотсент*
Икромов Ғайбулло Холович	*номзади илмҳои таърих, дотсент*

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.03.2021 ворид гардидааст.

Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Намояи иқтибоси илмии Русия» (НИИР) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст (http: //elibrary.ru).

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зерини илмро барои чоп қабул менамояд:

Дар соҳаи илмҳои филологӣ: *10.01.01, 10.01.03, 10.01.04, 10.01.08, 10.02.01, 10.02.19, 10.02.20, 10.02.22*

Дар соҳаи илмҳои педагогӣ*: 13.00.01, 13.00.02, 13.00.08*

Дар соҳаи илмҳои таърих: *07.00.02, 07.00.03, 07.00.09, 07.00.15*

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.

Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (www.payom.ddzt.tj).

Паёми Донишгоҳи забонҳо.
Силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих. – 2024. – № 3 (55). ISSN 2226-9355.
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.
Шаҳодатномаи №333/МҶ-97 аз 26.02.2024.
Нишонии маҷалла: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Сомонаи маҷалла: www.payom.ddzt.tj
E-mail: payom.dbz@mail.ru
Тел.: (+992 37) 232-87-30

© ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода, 2024

ВЕСТНИК УНИВЕРСИТЕТА ЯЗЫКОВ
Серия филологических, педагогических и исторических наук
Учредитель журнала:
Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде
Журнал основан в 2011 г. Выходит 4 раза в год.

Главный редактор журнала:
Гулназарзода Жило Бури *доктор филологических наук, профессор, ректор Таджикского международного университета иностранных языков имени Сотима Улугзаде*

Заместитель главного редактора:
Камолзода Илхом Икром *доктор юридических наук, доцент, проректор по науке и инновации Таджикского международного университета иностранных языков имени Сотима Улугзаде*

ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:

10.00.00 – Филология	
Мухаммадджонзода Олимджон Обиджон	*доктор филологических наук, профессор*
Саломиён Мухаммаддовуд Каюм	*доктор филологических наук, профессор*
Джамшедов Парвонахон	*доктор филологических наук, профессор*
Турсунов Файёзджон Мелибоевич	*доктор филологических наук, профессор*
Салими Хатлони	*доктор филологических наук, профессор*
Олими Хосият Хоким	*доктор филологических наук, доцент*
Каримов Амонулло Файзуллоевич	*кандидат филологических наук, доцент*
13.00.00 – Педагогика	
Шербоев Саидбой	*доктор педагогических наук, профессор*
Неъматов Саъдулло Эргашевич	*доктор педагогических наук, профессор*
Шохиён Нурали Набот	*доктор педагогических наук, профессор*
Шосаидзода Сафар Хасан	*кандидат педагогических наук, доцент*
Товбаева Мавлуда Мусулмоновна	*кандидат педагогических наук, доцент*
07.00.00 – История	
Хотамов Намоз Басарович	*доктор исторических наук, профессор*
Муллоджонов Сайфулло Кучакович	*доктор исторических наук, профессор*
Миракзода Фаридун Юсуфи	*кандидат исторических наук, доцент*
Икромов Гайбулло Холович	*кандидат исторических наук, доцент*

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан от 30.03.2021.

Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки (http: //elibrary.ru).

Журнал принимает научные статьи по следующим научным областям:

В области филологических наук: *10.01.01, 10.01.03, 10.01.04, 10.01.08, 10.02.01, 10.02.19, 10.02.20, 10.02.22*

В области педагогических наук: *13.00.01, 13.00.02, 13.00.08.*

В области исторических наук: *07.00.02, 07.00.03, 07.00.09, 07.00.15.*

Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.payom.ddzt.tj)

Вестник университета языков.
Серия филологических, педагогических и исторических наук. – 2024. – № 3 (55).
ISSN 2226-9355.
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.
Свидетельство № 333/ЖР-97 от 28.02.2024 г.
Адрес журнала: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6.
Сайт журнала: www.payom.ddzt.tj
E-mail: payom.dbz@mail.ru
Тел.: (+992 37) 232-87-30
© ТМУИЯ им. С. Улугзаде, 2024

HERALD OF THE LANGUAGES UNIVERSITY
The series of philological, pedagogical and historical sciences
Founder of the journal:
Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda
The journal is established in 2011. Issued 4 times a year.

CHIEF EDITOR:
Gulnazarzoda Zhilo Buri — *Doctor of Philology, Professor, Rector of the Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda*

DEPUTY CHIEF EDITOR:
Kamolzoda Ilhom Ikrom — *Doctor of jurisprudence, associate Professor, Vice-Rector for Science and Innovation of the Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda*

MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:

10.00.00 – Philology	
Muhammadjonzoda Olimjon Obidjon	*Doctor of Philology, Professor*
Salomiyon Muhammaddovud Qayum	*Doctor of Philology, Professor*
Jamshedov Parvonakhon	*Doctor of Philology, Professor*
Tursunov Fauyozjon Meliboevich	*Doctor of Philology, Professor*
Salimi Khatloni	*Doctor of Philology, Professor*
Olimi Khosiyat Hokim	*Doctor of Philology, associate Professor*
Karimov Amonullo Fayzulloevich	*Candidate of Philology, associate Professor*
13.00.00 – Pedagogy	
Sherboev Saidboy	*Doctor of Pedagogy, Professor*
Ne'matov Sa'dullo Ergashevich	*Doctor of Pedagogy, Professor*
Shohiyon Nurali Nabot	*Doctor of Pedagogy, Professor*
Shosaidzoda Safar Hasan	*Candidate of Pedagogy, associate Professor*
Tovbaeva Mavluda Musulmonovna	*Candidate of Pedagogy, associate Professor*
07.00.00 – History	
Hotamov Namoz Basarovich	*Doctor of Historical Sciences, Professor*
Mullojonov Saifullo Kuchakovich	*Doctor of Historical Sciences, Professor*
Mirakzoda Faridun Yusufi	*Candidate of Historical Sciences, associate Professor*
Ikromov Ghaybullo Kholovich	*Candidate of Historical Sciences, associate Professor*

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan from 30.03.2021.

The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library (http: // elibrary.ru).

The journal accepts scientific articles on the following scientific specialties:

In the field philological sciences: *10.01.01, 10.01.03, 10.01.04, 10.01.08, 10.02.01, 10.02.19, 10.02.20, 10.02.22*

In the field pedagogic sciences: *13.00.01, 13.00.02, 13.00.08.*

In the field historical sciences: *07.00.02, 07.00.03, 07.00.09, 07.00.15.*

The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.

Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.payom.ddzt.tj).

Herald of the Languages University.
The series of Philological, Pedagogical and Historical sciences. – 2024. – № 3 (55).
ISSN 2226-9355.
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan. Certificate № 333/JR-97 dated 02/28/2024.
Address of the journal: 17/6, Muhammadiev str., Dushanbe, 734019, Republic of Tajikistan.
Web site of the journal: www.payom.ddzt.tj
E-mail: payom.dbz@mail.ru
Phone: (+992 37) 232-87-30

© TIUFL named after S. Ulughzoda, 2024

ТДУ: 808.03+491.71+491.550

ИСМҲОИ ХОС ҲАМЧУН ЯКЕ АЗ ОМИЛҲОИ БАРҶАСТАИ “ТАРҶУМАНОПАЗИРӢ” ДАР ТАРҶУМА (дар мисоли забонҳои русӣ ва тоҷикӣ)

Абдулвадудова Оразбону Мамадалиевна
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар назарияи тарҷума масъалаҳои марбут ба “тарҷуманопазирӣ” мавқеи хос доранд. Сарфи назар аз раванди ҷаҳонишавӣ ва робитаи зичи мардумони гуногунзабон масъалаи мазкур то ба имрӯз мубрам боқӣ мемонад.

Бо рушди амалияи тарҷума миёни тарҷумонҳо ақидаи “тарҷуманопазирӣ” ба вуҷуд омада, инкишоф меёбад, чун дар раванди тарҷума, бахусус, ҳангоми тарҷумаи матнҳои бадеӣ, тарҷумонон бо мушкилоти “тарҷуманопазирӣ”-и воҳидҳои луғавию грамматикӣ рӯ ба рӯ шуда, барои бартараф сохтани онҳо кӯшишҳои иловагӣ ба харҷ медиҳад.

Зери мафҳуми ”тарҷуманопазирӣ” фаҳмидани ҳолатҳои имконнопазир будани тарҷума бо роҳҳои анъанавӣ ва бидуни талафот дар шароити муоширати байнизабонӣ ба мақсад мувофиқ аст. Тарҷуманопазирӣ ба ҳама намуди матнҳо, ҳама ҷанбаҳои матни аслӣ ва тамоми сатҳҳои забон – аз фонетика то синтаксис хос аст [2, 179]. Дар мақолаи мазкур исмҳои хос ҳамчун яке аз омилҳои барҷастаи “тарҷуманопазирӣ” дар тарҷума баррасӣ мегарданд ва роҳҳои тарҷумаи онҳо дар асоси ақидаи тарҷумашиносон нишон дода мешаванд.

Исмҳои хос вожаю ибораҳое мебошанд, ки барои “номгузории ашёи муайян дар доираи синфҳои маълуми ашё” [8, 37] истифода мегарданд. Дар забоншиносӣ исмҳои хос таҳти мафҳуми “онимҳо” низ маъмуланд. Забоншиноси рус Д.И. Ермолович исмҳои хосро чунин шарҳ додааст: “Исмҳои хос барои нишон додани предмети махсусу фардӣ, қатъи назар аз ҳолатҳои муайяншуда ва бе ҳеҷ тафсироти дақиқии ҳатмӣ, хизмат мекунанд. Исмҳои хос вазифаи номгузории махсуси фардиро иҷро мекунанд” [3, 9]. Вазифаи асосии исмҳои хос номугзорӣ буда, онҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон нақши бориз доранд. Дар ин хусус А.В. Суперанская чунин ибрози ақида менамояд, ки исмҳои хоси намудҳои гуногун “тамоми соҳаи ҳаёт ва фаъолияти инсониро шиддатнок мегардонанд”, таркиби исмҳои хос ва “сарбории иҷтимоию идеологии онҳо, дар бисёр бахшҳо: иҷтимоӣ, таърихӣ, иқтисодӣ ва ғайраҳо дида мешаванд” [6, 44].

Ба мисли дигар калимаву вожаҳо онимҳо низ роҳу воситаҳои ташаккулёбӣ доранд. Роҷеъ ба роҳҳои ташаккули онимҳо фикру ақидаи забоншиносон гуногун мебошанд. Дар забоншиносӣ асосан се тарзи маъмули ташаккули онимҳо мавҷуданд: 1) аз дигар ҳиссаҳои нутқ ва ё исми ҷинс сохтани исмҳои хос (масалан, насаби *Долгоруков* бо иловаи пасванди *-ов* аз сифати *долгорукий – дароздаст, дастароз* сохта мешавад ё ин ки номи *Вера* аз исми ҷинси *вера – эътимод, боварӣ* пайдо шудааст; 2) иқтибос гирифтани номи хос аз забони дигар (номҳои Элен, Анатолий аз забони юнонӣ; Жюли аз забони фаронсавӣ); 3) трансонимизатсия (гузариши оним аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар) (гузаштани эпоними *Чехов* ҳамчун насаб ба топоним *Чехов*– номи шаҳре, ки дар вилояти Москва дар наздикии Мелихово воқеъ аст. Дар он ҷо нависандаи бузурги рус Чехов зиндагӣ ва кор мекард) [5, 7].

Бояд ёдовар шуд, ки исмҳои хос низ дар тарҷумашиносӣ мавқеи хоси худро доранд ва дар раванди тарҷума аз тарҷумонҳо муносибати махсус ва ҷиддиро тақозо менамоянд.

Тарҷумаи исмҳои хос аз тарҷумон донишу малакаҳои баланди тарҷумониро талаб менамояд. Тарҷумонро зарур аст, ки роҷеъ ба хусусиятҳои таърихӣ, иҷтимоӣ, адабӣ ва сиёсии кишварҳои забони аслӣ ва тарҷума дониши кофӣ дошта бошад. Дар акси ҳол набудани чунин донишҳо дар фаъолияти ояндаи ӯ боиси пайдо шудани монеаю мушкилиҳо мегардад. Чӣ тавре ки забоншинос М.Ю. Семёнова қайд менамояд, “хусусияти асосии таҷрибаи ҳаётии ҳар як инсон - ин муносибати ӯ бо фарҳанги забоншиносӣ мебошад”,

бинобар ин донистани забон на танҳо донистани ҷузъҳои он аст, балки “доштани дониши амиқ оид ба халқи соҳибзабон мебошад” [4, 80].

Исмҳои хос яке аз омилҳои барҷастаи “тарҷуманопазирӣ” дар тарҷума маҳсуб меёбанд. Имрӯзҳо таҳқиқ ва омӯзиши масъалаҳои тарҷумаи исмҳои хос дар матнҳои бадеӣ мубрам ба шумор мераванд, зеро матнҳои бадеӣ ҳаёти мардумро аз ҷанбаҳои гуногун инъикос намуда, барои таҳлил ва хулосагириҳои бонизом шароити хуб фароҳам меоранд.

Номҳои хос қабати сершумор ва мухталифи низоми луғавии забонҳоро ташкил медиҳанд, аз ин рӯ, дар ономастикаи назариявӣ таснифоти зиёди онимҳо мавҷуданд. Дар айни замон таснифоти онимҳо дар асоси мазмуну унвон, вазифаю маъно ва роҳҳои пайдоиши онҳо хеле маъмул мебошанд [7, 22].

Таснифи мазмунӣ-унвонӣ аз тақсимоти фарозабонии онимҳо ба категорияҳо, гурӯҳҳо ва зергурӯҳҳо вобаста ба предмети ифодакунандаи онҳо асос ёфтааст, масалан, антропоним ҳама гуна номи хосест, ки шахс метавонад дошта бошад; агионим ҳама гуна номи хосе мебошад, ки бо ҷойҳои муқаддас, зиёратгоҳҳо алоқаманд аст; агиоантропоним - номи хосе аст, ки барои номгузории авлиёҳо (шахсоне, ки дар ягон дини муайян эҳтироми хосса доранд) истифода мегардад; артионим - номи асари бадеӣ; астроним – номи хоси ҷирмҳои осмонӣ, аз ҷумла ситораҳо, сайёраҳо; библионим - ном, унвони ягон асари хаттӣ; геортоним - номи иду ҷашнвораҳо; ктематоним – номи ашёи фарҳанги моддӣ ё маънавӣ; теоним - номи хоси худо дар маъбади ҳамаи худоён; топоним – номи хоси ягон объекти ҷуғрофӣ; урбаноним – як навъи топоним, номи хоси ягон объекти топографии дохилишаҳрӣ; хрононим – номи хоси давраи муайян; эргоним – номи хоси иттиҳодияи расмии одамон, аз ҷумла иттиҳодия, ташкилот, муассиса, корхона, ҷамъият, муассиса, маҳвил ва ғайра [5, 10]).

Инчунин, онимҳо дар асоси пайдоишашон ба гурӯҳҳо ҷудо мешаванд. Дар забоншиносӣ ду роҳи асосии пайдоши онимҳо вуҷуд дорад: яке табибатан пайдо шудан ва дигаре бо роҳи сунъӣ сохта шудани онҳо. Онимҳои табиатан ба вуҷуд омада дар ҷамъият таърихан аз номҳои қадима (номҳои ҷинс) инкишоф ёфтаанд, масалан: номҳои *Максим* – аз калимаи лотинии *максимус* – “*бузургтарин*” ва *Евгений* – аз калимаи юнонии *ейгенос* – “*наҷиб”, “олиҳимат”* сарчашма гирифтаанд. Чунин мисолҳо сершуморанд. Онимҳои ба таври сунъӣ сохташуда, дар навбати худ, ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: “номҳое, ки аз тарафи одамон дар баробари номҳои табиӣ мавриди истифода қарор доранд” ва “номҳои китобӣ” [7, 22]. Ба сифати мисоли онимҳои сунъӣ забоншинос А.В. Суперанская номҳои ба истилоҳ шахсии шӯравиро пешниҳод менамояд, ки дар солҳои 1917-1940 хеле маъруф буданд: неологизмҳо – ихтисоротҳо (*Идлен – Идеи Ленина (Ақидаҳои Ленин), Динера – Дитя новой эры (Фарзанди замони нав)*, номҳои шахсии хориҷӣ (*Эрнст* – ба шарафи пешвои коммунистони немис *Эрнст Телман; Роза* – ба шарафи *Роза Люксембург*) ва амсоли инҳо. Ба гурӯҳи махсус номҳои китобӣ дохил мешаванд, яъне “ном ва насабҳои каҳрамонони асарҳои бадеӣ, номҳои ҷойҳое, ки дар он ҷо воқеаву ҳодисаҳои асар рух медиҳанд” [7, 22]. Дар байни мардуми тоҷик ҳам дар замони шӯравӣ номҳои марбут ба ғояҳои ҳамон замон ба вуҷуд омадаанд. Масалан: Мэлс (Макрс, Энгельс, Ленин, Стаоин), Бибиҳуррият (ҳуррият-инқилоб), Колхозчӣ ва ғайра.

Дар назарияи тарҷума исмҳои хос, алалхусус антропонимҳо, асосан бо усули транскрипсия/транслитератсия ба забони тарҷума интиқол дода мешаванд. Масалан:

Так говорила в июле 1805 года известная ***Анна Павловна Шерер****, фрейлина и приближенная императрицы* ***Марии Феодоровны****, встречая важного и чиновного* ***князя Василия****, первого приехавшего на ее вечер (10, 31). – Хоними машҳур* ***Анна Павловна Шерер*** *– фрейлина ва муқаррраби малика* ***Мария Фёдровна*** *– дар моҳи июли соли 1805 соҳибмансаби калон* ***князь Василийро****, ки ба шаби меҳмондории ӯ аз ҳама пештар расида омад, бо ҳамин суханҳо пешвоз гирифт (9, 19).*

Дар ҷумлаи мазкур барои интиқоли номҳои қаҳрамонон тарҷумон аз усули транслитератсия истифода намудааст. Исми хоси ***Анна Павловна Шерер*** аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ дар як шакл гузаштааст. Дигаргунӣ дар бандак ва шакли исми хоси ***Марии Феодоровны*** дар забони русӣ ва ***Мария Фёдровна*** дар забони тоҷикӣ ба назар мерасад, ки он

ба қоидаҳои грамматикии забони русӣ иртибот дорад. Дар забони русӣ таркиби исмҳо ҳангоми тасниф шудан ба падежҳо дучори тағйирот мегардад. Дар матни аслӣ барои ифода намудани соҳибият шакли исми хоси ***Мария Феодоровна*** иваз шудааст, ки ин ҳолат дар забони тоҷикӣ бо бандаки изофӣ ифода ёфтааст, ки ба исми ҷинс на хос илова карда мешавад. Инчунин, ҳангоми интиқоли номи падари ***Мария Феодоровна,*** ки дар забони русӣ шакли ибтидоияш истифода гардидааст, ба забони тоҷикӣ дар шакли ҳозирааш бо тағйир ёфтани ҳарфҳои ***ео*** ба ***ё*** интиқол ёфтааст. Дар тарҷумаи исми хоси ***князя Василия*** ҳолати таснифёбии исм ба падежҳо ва ивазшавии шакли дохилии он ба назар мерасад. Дар забони тоҷикӣ шакли номитанивии исми хос ***князь Василий*** истифода гардидааст. Барои нигоҳ доштани реалияҳои русӣ тарҷумон аз тарҷумаи вожаи ***князь***, ки дар низоми луғавии забони тоҷикӣ дар шакли *ҳоким* бо маънои ҳокими вилоят дар Руси Қадим ва унвони фахрии меросӣ маънидод шудааст, худдорӣ намудааст.

Истифода намудани шакли номинативии атропоним дар забони тоҷикӣ аз тарафи тарҷумон дар ҷумлаи зер низ ба назар мерасад. Дар ҷумлаи русӣ барои ифодаи соҳибият антропоними ***Анна Павловна*** тасниф шуда, дар шакли ***Анны Павловны*** омадааст, ки онро тарҷумон дар шакли номинативиаш ***Анна Павловна*** интиқол дода, соҳибиятро бо бандаки изофӣ дар исми ҷинси *лабон* ифода намудааст:

Сдержанная улыбка, игравшая постоянно на лице ***Анны Павловны****, хотя и не шла к ее отжившим чертам, выражала, как у избалованных детей ...(10, 33). – Табассуми ботамкине, ки ҳамеша дар лабони* ***Анна Павловна*** *ҷилвагар буд, ҳарчанд ба чеҳраи бетавороватшудаиӯ намезебид, монанди он ки дар бачагони эрка мешавад ...(9, 21).*

Ҳангоми тарҷумаи антропонимҳо дар баъзе мавридҳо таҳвилҳои тарҷумавӣ низ мушоҳида мегарданд, яъне тарҷумон сарфи назар аз мавҷуд будан ё набудани антропоним дар матни аслӣ, дар матни тарҷума дар асоси контекст онро илова менамояд. Чӣ тавре ки дар ҷумлаи зер дида мешавад, дар матни аслӣ исми хос ва ё ҷонишини ба он ишоракунанда мавҷуд нест, аммо тарҷумон дар матни тарҷума исми хоси ***Анна Павловна***-ро илова намудааст. Илова шудани антропоним аз тағйир ёфтани шакли грамматикии ҷумла вобастагӣ дорад. Ҷумлаи русӣ дар тарзи мафъул ифода ёфта, онро тарҷумон бо тарзи фоил интиқол додааст, ки бидуни илова намудани мубтадо дар ҷумлаи забони тоҷикӣ чунин тағйирдиҳии ҷумла ғайриимкон мебошад:

В записочках, разосланных утром с красным лакеем, было написано без различия во всех (10, 31) – ***Анна Павловна*** *дар ҳамаи хатчаҳои пагоҳирӯзӣ бо пешхидмати махсус фиристодааш як хел чунин навишта буд (9, 19).*

Бояд тазаккур дод, ки ҳангоми истифода гардидани пешояндҳо бо антропоним дар забони русӣ онҳо ба падежҳо тасниф мешаванд, ки боиси иваз шудани бандакҳо мегардад. Ҳолати мазкур ба забони тоҷикӣ хос нест, яъне бо истифодаи пешояндҳо дар забони тоҷикӣ таркиби номи одамон тағйир намеёбад. Аз ин рӯ, ҳангоми тарҷумаи антропонимҳои русӣ бо пешояндҳо, дар забони тоҷикӣ шакли номинативии онҳо истифода мегардад:

Он подошел ***к Анне Павловне****, поцеловал ее руку, подставив ей свою надушенную и сияющую лысину, и покойно уселся на диване (10, 32). – Князь* ***ба Анна Павловна*** *наздик шуд, сари тоси ялаққосӣ ва атрпошидаашро хам карда дасти ӯро бӯсид ва оромона ба рӯи диван нишаст (9, 20).*

Дар сурати ба вазифаи пуркунанда омадани антропоним дар забони тоҷикӣ ба он пасванди –ро илова карда мешавад, ки ҳолати мазкур дар ҷумлаи зерин баръало намудор аст:

У нее брат, вот что недавно женился на ***Lise Мейнен****, адъютант Кутузова (10, 36). – Адъютанти Кутузов, ки ба наздикӣ* ***Lise Мейненро*** *ба занӣ гирифт, бародари ҳамин духтар мешавад (9, 25).*

Дар забони русӣ исме, ки баъди феъли *жениться (на ком-либо) – бо касе хонадор шудан, касеро ба занӣ гирифтан* истифода мегардад, дар падежи пешояндор (предложный падеж) меояд ва он ба забони тоҷикӣ бо ду роҳ, бо илова намудани пасванди *–ро* ва ё истифодаи пешоянди *бо* интиқол меёбад. Истифода гардидани ҳиссаи ёридиҳанда бо антропоним дар забони тоҷикӣ аз муодили интихобнамудаи тарҷумон вобастагӣ дорад. Агар

тарҷумон дар забони тоҷикӣ аз феъли *хонадор шудан* истифода намояд, пас дар ин ҳолат пешоянд истифода мегардад ва агар феъли ба *занӣ гирифтан*-ро мавриди истифода қарор диҳад, пас ба калима пасванди *–ро* илова карда мешавад. Дар ҷумлаи болозикр тарҷумон феъли *жениться*-ро бо истифода аз муодили он ба *занӣ гирифтан* интиқол дода, ба антропоним пасванди *–ро* илова намудааст.

Яке аз хусусиятҳои хоси таснифи антропонимҳо ба падежҳо дар забони русӣ дар он аст, ки насаб ва номи падари занона, ки аз дигар забонҳо иқтибос гирифта шудаанд, дар сурати бо ҳамсадо тамом шудани онҳо ба падежҳо тасниф намешаванд, ки ин ҳолат кори тарҷумонро дар раванди тарҷумаи антропонимҳо душвор мегардонад. Тарҷумон дар ин маврид ба кадом вазифа омадани антропонимро дуруст дарк накарда, онро ба забони тоҷикӣ мутобиқ карда наметавонад, ки боиси номукаммал гардидани тарҷумаи ӯ мегардад. Аз ин рӯ, ҳангоми тарҷумаи антропонимҳо тарҷумонро зарур аст, ки ба вазифаи он дар ҷумла аҳаммият диҳад, чун на ҳама навъи антропонимҳо дар забони русӣ ба падежҳо тасниф мешавад ва муайян намудани вазифаи антропоним дар ҷумлаи русӣ дар ин мавридҳо имконнопазир мегардад. Дар ҷумлаи болозикр антропоними ***Lise Мейнен*** ба падежҳо тасниф нашудааст, аммо новобаста ба ин тарҷумон вазифаи онро дар ҷумла аз рӯйи контекст дуруст дарк намуда, онро ба забони тоҷикӣ интиқол додааст. Мавриди зикр аст, ки тарҷумони асари “Война и мир” (Ҷанг ва сулҳ) дар интиқоли бештари реалияҳо, аз ҷумла антропонимҳо услуби муаллифро нигоҳ доштааст, аз ин рӯ, ӯ номи қаҳрамони асар ***Lise***-ро бетағйир бо ҳарфҳои лотинӣ интиқол дода, дар поварақ онро бо ҳарфҳои кириллӣ нишон додааст.

Чун “Война и мир” дар солҳои Шуравӣ тарҷума шудааст ва дар он давра дар таркиби алифбои забони тоҷикӣ ҳарфҳои русии ц, щ, ь ва ы вуҷуд доштанд, аз ин рӯ, ҳангоми тарҷумаи антропонимҳо ҳарфҳои русӣ дар таркиби онҳо ҳифз гардидаанд:

И я не верю ни в одном слове ни Гарденбергу, ни Гаугвицу (10, 33). − Ман ба ягон сухани Гарденберг бовар мекунам ва на Гаугвиц (9, 22).

Чӣ тавре ки дида мешавад, дар ҷумлаи тоҷикӣ низ дар таркиби антропоними *Гаугвиц* ҳарфи *ц* дида мешавад, зеро дар солҳои нашри тарҷумаи тоҷикии асар имлои ивази ҳарфи **“ц”**-и русӣ ба **“тс” ё “с”-** и тоҷикӣ қабул нашуда буд, бинобар ин тарҷумон ҳарфи “ц”-ро бидуни тағйирот гузоштааст.

Ҳолати мазкурро дар ҷумлаи зер низ мушоҳида намудан мумкин аст:

*Что они сказали **Новосильцову**? (10, 33). – Онҳо ба **Новосильцев** чӣ гуфтанд? (9, 22).*

Аз тарҷумаи ҷумлаи аслӣ дида мешавад, ки дар таркиби антропоними ***Новосильцов*** ҳарфи *ц* иваз нашудааст ва ҳарфи *ь* партофта нашудааст. Танҳо дар шакли тоҷикии антропоним каме дигаргунӣ дида мешавад. Дар ҷумлаи тоҷикӣ ***Новосильцев*** истифода гардидааст, яъне тарҷумон ҳарфи *о*-ро ба ҳарфи *е* табдил додааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар забони русӣ ду тарзи навишти ин насаб ***Новосильцов*** ва ***Новосильцев*** мавҷуд аст, аз ин рӯ, шакли истифоданамудаи тарҷумон низ дуруст аст, яъне ҳангоми мавҷуд будани намунаҳои гуногуни антропоним дар доираи як забон тарҷумон дар тарҷумаи ин гуна антропонимҳо озод аст. Ӯ метавонад дилхоҳ шакли антропонимро интихоб намояд.

Агар асари мазкур дар замони муосир тарҷума мешуд, пас номҳои хосе дар таркибашон ҳарфҳои ц, щ, ь ва ы мавҷуданд, дучори тағйирот мегардиданд. Чун дар забони тоҷикӣ номҳои русӣ мутобиқ ба овозҳои хоси забони мазкур ифода меёбанд. Чунончи, дар забони тоҷикӣ овозҳои Щ, Ц, Ы ва аломати Ь вуҷуд надорад, бинобар ин тибқи имлои забони тоҷикӣ овозҳои мазкур мувофиқан ба овозҳои Ш, ТС, И иваз шуда, аломати Ь ҳазф мешавад.

Ҳангоми тарҷумаи топонимҳои русӣ ба забони тоҷикӣ низ усули транслитератсия бештар истифода мегардад. Як нуктаеро бояд зикр намуд, ки тарзи навишти топонимҳои зиёд дар забонҳои русӣ ва тоҷикӣ мутобиқат мекунанд:

*Я ничего не понимаю, может быть, но **Австрия** никогда не хотела и не хочет войны (10, 33). – Ман, мумкин аст, чизеро нафаҳмам, лекин **Австрия** ҳеҷ гоҳ ҷанг кардан намехост ва намехоҳад (9, 21).*

Таснифи топонимҳо ба падежҳо ба забони русӣ хос аст. Дар ин сурат, ҳангоми интиқоли топонимҳои ба падежҳо таснифшуда, дар забони тоҷикӣ шакли номинативии онҳо истифода мегардад:

*– Ах, не говорите мне про **Австрию**! (10, 33). – Оҳ ба ман аз **Австрия** гап назанед (9, 21).*

Чӣ тавре ки дида мешавад, дар ҷумлаи русӣ ҳарфи охири ***Австрия*** ба *–ю* табдил дода шудааст, чун он дар падежи аккузатив (винительный падеж) истифода гардидааст, аммо дар тарҷумаи он ба тоҷикӣ шакли номинативи он ***Австрия*** истифода гардидааст. Дар ин ҷо тарҷумаи тарҷумон мукаммал арзёбӣ мегардад.

Асари ба забони тоҷикӣ тарҷумашудаи “Война и мир” (Ҷанг ва сулҳ) соли 1978 аз нашр баромадааст. Дар он солҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати Иттифоқи Советӣ буд, аз ин рӯ, забони русӣ ба низоми луғавии забони тоҷикӣ бевосита таъсир мерасонд. Бештари топонимҳо аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ бетағйир иқтибос мешуданд. Ин ҳолат дар намунаи тоҷикии асар зиёд ба назар мерасад. Масалан, ҳангоми интиқоли топонимҳои русӣ, аз қабили ***Россия, Европа, Франция*** ва амсоли инҳо ба забони тоҷикӣ шакли онҳо дар тарҷумаи тоҷикӣ бетағйир истифода гардидаанд:

***Россия** одна должна быть спасительницей **Европы** (10, 33). – Танҳо як худи **Россия** бояд наҷотдиҳандаи **Европа** бошад (9, 21).*

Ҳолати мазкур дар ҷумлаи зер ҳангоми тарҷумаи топоними *Франция* низ ба назар мерасад:

*...нынче у меня два очень интересные человека, le vicomte de MorteMart, il est allié aux Montmorency par les Rohans, [Кстати, – виконт Мортемар,] он в родстве с Монморанси чрез **Роганов**,] одна из лучших фамилий **Франции** (10, 34). – ... имшаб назди ман ду шахси хеле аҷоиб меоянд, le vicomte de MorteMart, il est allié aux Montmorency par les Rohans [виконт Мортемар, вай аз тарафи **Роганҳо** бо Монморанси каробати хешӣ дорад], онҳо яке аз хонадонҳои беҳтарини **Франциянд** (9, 22).*

Чӣ тавре ки мушоҳида мегардад, топонимҳо низ дар забони русӣ ҳангоми ифодаи соҳибият ба падежҳо тасниф мешаванд. Топоними ***Франция*** дар ҷумлаи русӣ тасниф шуда ҳамчун ***Франции*** навишта шудааст ва он ба забони тоҷикӣ ҳамчун ***Франциянд*** тарҷума шудааст. Бояд гуфт, ки илова намудани бандаки феълӣ ба топонимҳо хоси забони тоҷикӣ аст ва тарҷумон низ ҳангоми интиқоли топоним ба он бандаки феълӣ илова намудааст, ки чунин тарҷума дар назария тарҷумаи дуруст ба ҳисоб меравад.

Интиқоли антропонимҳо дар ҷумлаи мазкур низ ҷолиби диққат мебошад. Дар забонҳои русӣ ва тоҷикӣ исмҳои хос дар шакли танҳо ва ҷамъ истифода мегарданд. Дар ин ҳолат антропоним дар шакли ҷамъ истифода гардидааст, зеро он ифодагари як оила мебошад. Шакли ҷамъ дар забони русӣ бо бандаки *–ов* сохта шуда, онро тарҷумон бо пасванди *–ҳо* ба забони тоҷикӣ интиқол додааст. Тарҷумон антропонимро ба қоидаҳои грамматикии шакли ҷамъсозии забони тоҷикӣ мутобиқ намудааст, аз ин рӯ, гуфта метавон, ки тарҷумаи ӯ дар ин ҳолат мукаммал аст.

Ҳамин тавр, таҳлилҳо нишон доданд, ки новобаста ба омили барҷастаи “тарҷуманопазирӣ” дар назарияи тарҷума будани исмҳои хос, роҳҳои интиқоли онҳо аз забони аслӣ ба забони тарҷума вуҷуд доранд. Аз ин ҷост, ки “тарҷуманопазирии” ин гурӯҳи воҳидҳои забон шартӣ аст. Дар нигоҳи аввал чунин менамояд, ки тарҷумаи исмҳои хос мушкилии хосеро ба вуҷуд намеорад, вале ҳангоми бевосита бо онҳо бархӯрд кардан дар раванди тарҷума эҳсос мегардад, ки ин мушкилии тарҷумаро бо роҳу воситаҳои анъанавӣ бартараф кардан ғайриимкон аст. Таҳқиқи мавзуъ бори дигар собит месозад, ки исмҳои хос аз унсурҳои миллии забон ба ҳисоб рафта, дар забонҳои дигар муодилҳои бевоситаи худро надоранд ва дар раванди тарҷума аз тарҷумонҳо таваҷҷуҳи махсусеро тақозо менамоянд. Муваффақияти тарҷумон дар тарҷумаи исмҳои хос ба тарҷриба ва донишу малака андӯхтаи ӯ оид ба фарҳангу таърихи забони аслӣ вобастагӣ дорад.

Муқарриз: Турсунов Ф.М., д.и.ф., профессори ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

Феҳристи адабиёт:

1. Алексеева И. С. Введение в переводоведение: Учеб. Пособие для студ. филол. И лингв. фак. Высш. Учеб. Заведений.–СПб.: Филологический факультет СПбГУ; М.: Издательский центр «Академия», 2004. -352 с.
2. Алексеева М. Л. Дискуссия о непереводимости сквозь призму истории перевода. – Екатеринбург: УрГПУ, 2015. – 160 с.
3. Ермолович Д.И. Имена собственные на стыке языков и культур / Д.И. Ермолович. – М.: Р.Валент, 2001. – 200 с.
4. Семенова М.Ю. Основы перевода текста: учебник / М.Ю.Семенова. – Ростов н/Д: Феникс, 2009. – 344 с.
5. Спачиль О.В. Имя собственное в литературном переводе: учеб. пособие / Министерство науки и высшего образования Российской Федерации, Кубанский государственный университет. - Краснодар: Кубанский гос. ун-т, 2021. -172 с.
6. Суперанская А.В. Общая теория имени собственного. – М.: Наука, 1973. -366 с.
7. Суперанская А.В. Структура имени собственного: фонология и морфология. -Москва : Наука, 1969. - 206 с
8. Теория и методика ономастических исследований / Суперанская А.В., Сталтма-не В.Э., Подольская Н.В., Султанов А.Х. – Москва: ЛКИ, 2007. – 256 с.
9. Толстой, Л.Н. Асарҳои мунтахаб. Иборат аз 8 ҷилд. (тарҷ. Ҳабиб Аҳрорӣ) / Л.Н. Толстой. – Душанбе, 1978. – Ҷ. 1. Ҷанг ва сулҳ. Роман. – 440 с.
10. Толстой, Л.Н. Война и мир / Л.Н. Толстой. – М., 1968. – Том 1, 2. – 734 с.
11. Тюленев С.В. Теория перевода: Учебное пособие. / С.В. Тюленев. – М.: Гардарики, 2004. – 336 с.

ИСМҲОИ ХОС ҲАМЧУН ЯКЕ АЗ ОМИЛҲОИ БАРҶАСТАИ “ТАРҶУМАНОПАЗИРӢ” ДАР ТАРҶУМА (дар мисоли забонҳои русӣ ва тоҷикӣ)

Мақолаи мазкур ба масъалаи исмҳои хос ҳамчун яке аз омилҳои барҷастаи “тарҷуманопазирӣ” дар тарҷума дар доираи забонҳои русӣ ва тоҷикӣ бахшида шуда, дар он доир ба роҳҳои интиқоли исмҳои хос аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ сухан меравад. Ҳамчунин, муаллифи мақола мафҳумҳои “тарҷуманопазирӣ” ва “онимҳо”-ро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

Дар муқаддима муаллиф мафҳуми “тарҷуманопазирӣ”-ро дар асоси ақидаи тарҷумашиносон таҳлилу баррасӣ намуда, ба хулосае омадааст, ки ҳолатҳои имконнопазир будани тарҷума бо роҳҳои анъанавӣ ва бидуни талафот дар шароити муошират байнизабонӣ мафҳуми “тарҷуманопазирӣ”-ро пурра шарҳ медиҳад.

Дар қисмати асосии мақола муаллиф оид ба роҳҳои ташаккули онимҳо маълумот дода. Исмҳои хосро ҳамчун падидаи тарҷуманопазӣ таҳлил намуда, роҳҳои интиқоли онҳоро аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ нишон додааст.

Дар қисмати хулосавӣ муаллиф фикру ақидаи худро оид ба масъалаи исмҳои хос ҳамчун яке аз омилҳои барҷастаи “тарҷуманопазирӣ” дар тарҷума дар доираи забонҳои русӣ ва тоҷикӣ хулосабандӣ намудааст. Таҳлилҳо нишон доданд, ки новобаста ба омили барҷастаи “тарҷуманопазирӣ” дар назарияи тарҷума будани исмҳои хос, роҳҳои интиқоли онҳо аз забони аслӣ ба забони тарҷума вуҷуд доранд. Аз ин ҷост, ки “тарҷуманопазирии” ин гурӯҳи воҳидҳои забон шартӣ аст. Муваффақияти тарҷумон дар тарҷумаи исмҳои хос ба тарҷриба ва донишу малака андӯхтаи ӯ оид ба фарҳангу таърихи забони аслӣ вобастагӣ дорад.

Калидвожаҳо: *падидаи тарҷуманопазирӣ, онимҳо, исмҳои хос, усули тарҷума, бемуодил, муодил, матни аслӣ, матни тарҷумавӣ, забони русӣ, забони тоҷикӣ.*

ИМЕНА СОБСТВЕННЫЕ КАК ОДИН ИЗ ВЫРАЖАЮЩИХСЯ ФАКТОРОВ «НЕПЕРЕВОДИМОСТИ» ПРИ ПЕРЕВОДЕ (на примере русского и таджикского языков)

Данная статья посвящена именам собственным как одному из ярких факторов «непереводимости» при переводе на русский и таджикский языки. В ней речь идёт о способах перевода имен собственных с русского на таджикский язык. Автор статьи также анализирует и обсуждает понятия «непереводимость» и «онимы».

Во введении автор проанализировал понятие «непереводимость», основываясь на мнении специалистов-переводчиков, и пришел к выводу, что случаи невозможности перевода традиционными методами и без потерь в условиях межъязыкового общения полностью объясняют понятие «непереводимость».

В основной части статьи автор предоставляет информацию о способах образования имен собственных. Она проанализировал имена собственные как явление непереводимости и показал способы их перевода с русского на таджикский язык.

В заключительной части автор обобщает свое мнение по проблеме имен собственных как одного из ярких факторов «непереводимости» при переводе на русский и таджикский языки. Анализ показал, что, несмотря на выдающийся фактор «непереводимости» в теории перевода, существуют способы перенести их с языка оригинала на язык перевода. Именно поэтому «непереводимость» этой группы языковых единиц носит условный характер. Успех переводчика в переводе имен собственных зависит от его опыта, знаний и навыков по культуре и истории языка оригинала.

***Ключевые слова**: феномен непереводимости, онимы, имена собственные, способ перевода, безэквивалентный, эквивалент, оригинальный текст, переведенный текст, русский язык, таджикский язык.*

PROPER NAMES AS ONE OF THE EXPRESSED FACTORS OF “UNTRANSLABILITY” IN TRANSLATION (using the example of Russian and Tajik languages)

This article is devoted to the issue of proper names as one of the striking factors of “untranslatability” when translating into Russian and Tajik languages, and the article also talks about ways to translate proper names from Russian into Tajik. The author of the article also analyzed and considered the concepts of “untranslatability” and “onyms”.

In the introduction, the author analyzed and considered the concept of “untranslatability”, relying on the opinion of specialist-translators, and came to the conclusion that cases of impossibility of translation using traditional methods and without losses in the conditions of interlingual communication fully explain the concept of “untranslatability”.

In the main part of the article, the author provides information about ways of forming proper names. He analyzed proper names as a phenomenon of untranslatability and showed ways of translating them from Russian into Tajik.

In the final part, the author summarizes his opinion on the problem of proper names as one of the striking factors of “untranslatability” when translating into Russian and Tajik. The analysis showed that, despite the prominent factor of “untranslatability” in translation theory, there are ways to transfer them from the original language to the target language. That is why the “untranslatability” of this group of linguistic units is conditional. The success of a translator in translating proper names depends on his experience, knowledge and skills in the culture and history of the original language.

***Key words:** phenomenon of untranslatability, onyms, proper names, translation method, non-equivalent, equivalent, original text, translated text, Russian language, Tajik language.*

***Маълумот дар бораи муаллиф: Абдулвадудова Оразбону Мамадалиевна,** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, унвонҷӯйи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума. Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев 17/6, тел.: (992)888119229, E-mail:orazbonu_maktub@mail.ru*

***Сведения об авторе: Абдулвадудова Оразбону Мамадалиевна** Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, соискатель кафедры сопоставительного языкозания и теории перевода. Адрес:734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.: (992)888119229, E-mail: orazbonu_maktub@mail.ru*

***Information about the author: Abdulvadudova Orazbonu Mamadalievna,** Tajik International University of languages named after Sotim Ulughzoda, Applicant at the department of comparative linguistics and theory of translation of the. Adress: 734019, Dushanbe, st. Muhammadiev 17/6, tel.: (992)888119229, E-mail: orazbonu_maktub@mail.ru*

ТДУ: 42-3

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ВОЖАҲОИ ОМИЁНАИ БРИТАНИЯ ВА АМРИКО ДАР ФАРҲАНГНОМАҲОИ ДУЗАБОНА

Бабаджанова М.Н.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Маълум аст, ки фарҳангномаҳо сарчашмаи бебаҳои маҳфуздорандаи тамоми захираҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии ҳар кадом забон ба шумор рафта, аз онҳо хонанда бо олами маънавии халқ дар даврони мухталифи таърихӣ ошно мегардад. Дар байни чунин захираҳои луғавӣ ва қабатҳои услубии вожаҳо онҳое низ мақому мавқеи хосса доранд, ки забоншиносон бо истилоҳи мухталиф мисли «калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ» [9, с.89; 12, с.38], «калимаҳои гуфтугӯйӣ-халқӣ» [3, с.22], «калимаҳои гуфтугӯйии халқӣ» …[4, с.11], «калимаҳои гуфтугӯйӣ» …[7, с.157] ва монанди инҳо ном бурдаанд. Аз байни чунин истилоҳҳо, ба назари мо, шакли охир ба мақсад мувофиқ аст, зеро он дар таркиби худ ҳамон мафҳуми «халқӣ-гуфтугӯйӣ» ё «гуфтугӯйӣ-халқӣ»-ро дорад. Дигар ин ки истилоҳи «калимаҳои гуфтугӯйӣ» дарбаргирандаи чор навъи унсурҳои луғавӣ: навъи омиёна, шевагӣ, вожаҳои махсуси гурӯҳҳои иҷтимоии одамон ва луғати касбӣ мебошад. Ин аст, ки профессор Ҳ.Маҷидов ба истилоҳи «халқӣ-гуфтугӯйӣ» эрод гирифта навишта буд, ки «ба назар чунин мерасад, ки ин истилоҳ сунъист ва мақсадро муайян ифода карда наметавонад. Муҳаққиқони эроншиноси хориҷӣ чунин вожаҳоро бо истилоҳи «луғоти омиёна», яъне мардумӣ овардаанд, ки он мафҳуми мавриди назарро аниқ ифода кардааст ва ба ин нисбат қобили дастгирӣ аст» [7, с.159]. Мо дар пайравӣ ба гуфтаи фавқи муҳаққиқи номбурда дар ин мақола истилоҳи «луғоти омиёна»-ро мавриди истифода қарор дода, вижагиҳои зикри онҳоро дар мисоли маводди фарҳангномаи дузабонаи англисӣ-тоҷикие, ки аз тарафи профессор А. Мамадназаров мураттаб гардидааст, таҳлил хоҳем кард [5].

Аз маводди гирдомада бармеояд, ки дар фарҳангномаи мазкур дар радифи ҳазорҳо унсури луғавӣ онҳое низ қайд шудаанд, ки бархе хоси гуфтори англисизабонҳои Британияи Кабир ва иддае марбут ба Америка аст. Маълум мешавад, ки агарчи асоси ҳар ду вариант ҳамон як забони англисии куҳан аст, бо гузашти замон дар байнашон тафовутҳои муайян ба вуқуъ омадааст. Зуҳури ин навъи тафовут дар миёни вариантҳои номбурдаи забони англисӣ барвақт сурат гирифта, номувофиқатии маъно дар байни ду гунаи айни як забон соли 1800-ум дар нахустин фарҳангномаи америкоӣ, ки аз ҷониби Ной Уэбстер мураттаб шуд, ишора гардида буд. Бо ин фарҳангномааш номбурда дар инкишофи забони англисии Америка хидматеро ба ҷо овард, ки аҳли таҳқиқ онро бо корнамоии Ҷорҷ Вашингтон дар соҳибистиқлол гардидани америка баробар карда буданд [6, с.142]. Ҳамин муҳаққиқ, соли 1789-ум таҳқиқотеро бо номи «Рисолаҳои забони англисӣ» («Dissertations on the English Language») анҷом дода, сабабҳои ба вуҷуд омадани тафовутро дар забони англисии Америка аз гунаи Британия муайян намуд ва ногузир будани тартиб додани фарҳангномаи комили инъикоскунандаи чунин тафовутро асоснок намуд [10, с.43]. Чунин иқдоми Ной Уэбстер дар пажуҳишҳои ба луғатнигорӣ бахшидаи дигар аҳли таҳқиқ дар охири асри XX ва ибтидои садаи XXI идома дода шуд. Яке аз чунин фарҳангномаҳо, чунонки ишора шуд, ба қалами профессор А. Мамадназаров тааллуқ дорад. Дар ин асар луғоти омиёна ба ишораҳои мухтасари «гуфт.», «инт. гуфт.», «амер. гуфт.» ва ғайраҳо қайд гардидааст. Чунончи, агар калима дар доираи англисизабонҳои Британия ва Америка ҳамчун унсури омиёна ба кор рафта бошад, он бо ишораи қ̄тоҳи «гуфт.» қайд гардидааст: **abed-adv** «дар бистар, дар тахти хоб, дар ҷогаҳ» [мна, с. 27][1], **mull – I** «дарҳамбарҳамӣ» [с. 537], **pate** «сар, калла, фарқи сар» [с.592].

Дар сурати хоси гуфтори англисизабонҳои америкоӣ будани унсурҳои луғавӣ ё яке аз маъноҳои онҳо калима бо ихтисораи «амер. гуфт.» ишора ёфтааст. Бояд гуфт, ки миқдори

[1] Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / М. Мамадназаров. –Душанбе: Эр-граф, 2011. -1015 с. Ҳамаи мисол аз ҳамин нашр аст, бинобар ин минбаъд танҳо саҳифа зикр хоҳад шуд.

чунин вожаву таркибҳо дар фарҳангномаи зикргардида хеле зиёд буда, онҳо аз лиҳози маъно мухталифанд ва яке номи пеша, дигаре амалу ҳолат, сеюмӣ аломату хусусиятро ифода менамоянд: **cits** «либоси ғайринизомӣ» [с.158], **jay-walker** «раҳгузари беэҳтиёт» [с.454], **onse-over** «нигоҳи сарсарӣ / сатҳӣ / рӯякӣ» [с.566], **school-ma'am** «муаллима» [с.715], **vamoose** «бо шитоб гурехтан / рафтан» [с.890].

Маълум аст, ки дар фарҳангномаҳо на танҳо шакли калима, балки доираи маънои он низ инъикос меёбад, зеро «маҳз фарҳанги тафсирии забони миллат ин ҳама ҷузъиёту махсусиятҳои сатҳи маъноиро ба пуррагӣ инъикос кард метавонад. Он калиди дари олами маъноҳо, тобишу ҷилоҳои эҳсосотиву иродавӣ ва меъёрҳои истеъмолии забон мебошад» [8, с.239].

Ба як ё чанд маъно мавриди истифода қарор гирифтани калима хоси ҳамаи қабатҳои услубӣ буда, дар байни онҳо вожаҳои омиёна бо кулли хусусиятҳои забонӣ, сохтору маъно, оҳангҳои эҳсосӣ ва мавридҳои истеъмолаш мақоми ба худ хос дорад. Аз баррасии ин гуна калимаҳои дар луғатномаи зикрёфта бармеояд, ки онҳо низ мисли воҳидҳои луғавии умумиистеъмолӣ ва адабӣ-китобӣ аз ҷиҳати доро буданашон ба як ё чанд маъно ягона нестанд. Бино ба қайди мураттиби фарҳангнома бархе аз онҳо дар англисии америкоӣ маҳдудмаъно буда, фақат ба як маънои мушаххас ба кор мераванд. Дар чунин мавридҳо мураттиби фарҳангнома онҳоро бо ихтисораи «амер. гуфт.» ишора намудааст: **dido** - амер. гуфт. «шӯхӣ, ҳазл; кори аҳмақӣ» [с.243], **horse-sense** - амер гуфт. «ақли солим» [с.411], **mix – in** – амер. гуфт. «занозанӣ, ҷанҷол» [с.527].

Таҳлили вожаҳои сермаънои дар фарҳангномаи ёдшуда дарҷгардида нишон дод, ки онҳо усули мухталифи фарохгардии маъноро тай кардаанд. Ин гуна унсурҳои луғавиро аз рӯйи хусусияташон метавон ба навъҳои зерин дастабандӣ намуд:

1.Вожаҳое, ки ба ҳама маънояшон омиёна буда, он дар забони англисии минтақаҳои мухталиф бо ҳамин вижагӣ ба кор мераванд. Ин аст, ки мураттиби фарҳангнома дар чунин мавридҳо танҳо ихтисораи «гуфт.»-ро зикр кардааст. Ин ҷо ба сифати намуна феъли **diddle**-ро овардан бамаврид аст, ки ба ҳар ду маъно: 1) фиреб кардан, қаллобӣ кардан; 2) вақтро талаф кардан [с.243] омиёна аст.

2.Унсурҳои луғавие, ки ба чанд маъно хоси услуби адабӣ буда, ба яке аз онҳо барои тамоми англисизабонҳо омиёна ҳисоб мешавад. Масалан, аз байни чаҳор маънои вожаи **bonnet**: 1) навъи кулоҳи занона; 2) тех. сарпӯш (-и оҳанӣ), капоти автомобил; 3) шарик (-и ҷиноят); 4) кулоҳи мардонаи шотландӣ [с.109] маънои сеюм хоси нутқи омиёна буда, боқӣ марбут ба шакли меъёрии забон аст.

Бархе аз ин гуна калимаҳо ба яке аз маъноҳо танҳо дар нутқи омиёнаи америкоиён ба кор меравад. Чунончи, аз байни ду маънои вожаи **gooey** 1) часпон, ширешмонанд; 2) беш аз ҳад эҳсосӣ [с.372] маънои нахусташ, аз миёни маъноҳои **minor** 1) ноболиғ, хурдсол; 2) майда -чуйда [с.523] маънои дуюмаш фақат хоси нутқи омиёнаи англисизабонҳои Америка мебошад. Ҳамин тавр, аз байни се маънои калимаи **tall** 1) баланд; 2) қадбаланд, сарвқад; 3)муболиғаомез [с.823] маънои охир ва **roll** 1) лӯла, печида; 2) феҳрист; 3) лағжиш; 4) гулдуррос, ғурриш; 5) кулча, гирдак; 6) пул, нақдина; 7) нонфурӯш, нонпаз [с.696] маънои шашум танҳо дар гуфтори англисизабонҳои америкоӣ истифода мешавад.

3.Дар байни чунин воҳидҳои луғавӣ онҳое низ ба назар мерасанд, ки ба як маъно умумианглисӣ, ба дигаре омиёна ва ба сеюмӣ хоси забони меъёрии америкоиён аст. Масалан, **breeze-I**, ки маъноҳои: 1) насим, боди мулоим; 2) низоъ, ҷанг, ҷанҷол; 3) хабар, овоза [с.118]-ро дорад, намунаи чунин вожаҳост. Ё ки аз байни ҳафт маънои калимаи **cool** 1) сард, хунук; 2) хунсард, бепарво; 3) ғайрисамимӣ (-и рафтор); 4) худдор, маҳоршуда; 5) беодоб, густох; 6) бетафовут, беэътино; 7) хеле хуб, хушоянд [с.194] панҷ маънои аввалаш дар услуби адабӣ ба кор рафта, маънои шашум дар гуфтугӯи англисизабонҳо ва маънои охираш танҳо дар муҳовараи англисизабонҳои Америка корбаст мешавад.

Чунин ҳолат гувоҳи он аст, ки дар баъзе мавридҳо тафовути байни ду варианти тазаккурёфтаи забони номбурда басо ҷиддӣ аст. Маҳз ҳамин ҷиддияти фарқи байни англисии Британия ва Америкаро дар назар дошта, М.В.Моисеев бо такя ба қайди B.Bryson навишта

буд, ки «…америкоии дар кӯча тасодуфан ба беморӣ мубталошуда метавонад фавтад, зеро англисии ӯро касе нахоҳад фаҳмид» [10, с.43].

4.Профессор Ҳ.Маҷидов аз таҳлили хусусиятҳои маъноии калимаҳо ба хулосае омадааст, ки якчанд маънои унсурҳои луғавӣ метавонад омиёна ё гуфтугӯйӣ бошад [7, с.158]. Чунин пиндори муҳаққиқи номбурдаро маводди аз фарҳангномаи мавриди таҳлил гирдомада тасдиқ мекунад. Ин ҷо ҳамчун намуна аз ду калимаи сермаъно ёдовар шуд, ки яке **bump** ва дигаре **lemon** аст. Вожаи аввал дорои чаҳор маъно буда, ду маънои охираш хоси нутқи англисизабонҳои Америка аст: 1) бо такон бархӯрдан; 2) талап-талап кардан; 3) ҷои дигареро гирифтан, барканор кардан; 4) боло бурдан (шартбандӣ дар қимор) [с.124-125].

Аз байни панҷ маънои калимаи **lemon** низ, ки асли форсӣ-тоҷикӣ дорад, ду маънои охираш дар гуфтори англисизабонҳои америкоӣ гардиш дорад: 1) лимӯи турш; 2) дарахти лимӯи турш; 3) ранги лимӯӣ; 4) автомобили бадкор ва дарди сар; 5) одами беарзиш [с.480].

5.Яке аз маъноҳои иддае аз ин гуна унсурҳои луғавии сермаъно хоси нутқи омиёна буда, чунин маъно дар заминаи маҷоз ба вуҷуд омадаанд. Масалан, аз байни ду маънои вожаҳои **tizzy** ва **peach** ва се маънои **clam** маъноҳои охирашон ҳамин усули фарохмаъноиро тай кардаанд: **tizzy** 1) сиккаи шашпенса; 2) ҳаёҳуй, ғавғои пуч [с.846]; **peach** 1) шафтолу (мева в дарахт); 2) хуб, дӯстдоштанӣ, навъи аъло, ноз (инсон ё чиз) [с.594]; **clam** 1) зоол анвои садафҳои дукафа; 2) гӯшти садаф; 3) одами камҳарф, камсухан [с.159].

6.Як хусусияти луғоти омиёна ин аст, ки онҳо дар шакли мухаффаф ба кор мераванд. Ба чунин шакл дучоргардии унсурҳои луғавӣ ба қонуниятҳои корбурди онҳо дар ҷараёни нутқ вобаста аст. Ҳангоми суханронӣ бархе аз овозҳо, ҳатто, ҳиҷоҳои таркиби воҳидҳои луғавӣ аз занҷири овозӣ фурӯгузор шуда, тадриҷан корбурди ҳамин шакли тахфифёфта маъмул мегардад.

Дар фарҳангномаи мавриди таҳлил низ бо чанде аз ин гуна унсурҳои луғавӣ метавон дучор омад. Иддае аз ин гуна вожаҳо дар нутқи омиёнаи кулли англисизабонҳои Британия ва Америка дар шакли мухаффаф мустаъмаланд. Мураттиби фарҳангнома чунин воҳидҳои луғавиро бо ишораҳои «гуфт. кӯтоҳ» ё танҳо «гуфт.» қайд кардааст. Чунончи: **bike** < гуфт. кӯтоҳ аз *bicycle* «велосипед, дучарха» [с. 97], **exam** гуфт. кӯтоҳ аз < *examination* «имтиҳон, санҷиш, озмун» [с.299], **grandpa** гуфт. аз < *rtandfather* «бобо» [с.375**]**.

Дар байни чунин воҳидҳои луғавӣ онҳое низ вуҷуд доранд, ки хусусияти сермаъноӣ зоҳир намуда, ба яке аз ин гуна маъноҳо шакли мухаффаф ба шумор мераванд. Масалан, аз панҷ маънои вожаи **cycle** ба маънои охираш гунаи тахфифёфтаи *bycicle* ҳисоб меёбад [с.217]. Ё аз миёни дувоздаҳ маънои калимаи **head** ба маънои 5-ум он шакли мухаффафи *head master* / *head mistress* «мудири мактаб» мебошад [с.394].

Як вижагии унсурҳои луғавии дар нутқи омиёна гардишкунанда дар як ё чанд вариант ба кор рафтани онҳост [7, с.158]. Ин гуна хусусияти мустаъмал будани захираҳои луғавии забони англисиро дар мисоли калимаҳои **grandma** ва **granny** метавон мушоҳида намуд. Ҳар ду шакл хоси нутқи омиёна буда, гунаи аслӣ ва меъёрияшон *grandmother* «модаркалон» мебошад [с.375].

Аз он ҷо ки мураттиби фарҳангнома ҳангоми шарҳи ду вожаи фавқ ишораи «гуфт.»-ро зикр кардааст, бармеояд, ки ҳар ду гуна дар нутқи омиёнаи англисизабонҳои ҳар ду кишвар: Британия ва Америка гардиш доштааст. Баръакси ду калимаи тазаккурёфта **tote** гунаи мухаффафи totalizator буда, он ба маънои 1) мошини муҳосибаи бурд ва бохт; 2) бо худ доштан (-и силоҳ), силоҳ ҳамл кардан дар байни англисизабонҳо маъмул аст, аммо ба маънои кашидан, бурдан, ҳамл кардан хоси нутқи омиёнаи англисизабонҳои Америка мебошад [с.851].

Бархе аз маъноҳои ин навъи вожаҳои тахфифёфта дар гуфтори кулли англисҳо ба кор рафта, иддаи дигар фақат дар варианти америкоии забони зикргардида истифода мешавад. Чунончи, сарчашмаи калимаи мухаффафи **varsity** унсури луғавии *university* буда, он ба маънои «донишгоҳ» дар нутқи ҳамаи англисизабонҳо ва ба маънои «гурӯҳи варзишии донишгоҳ, коллеҷ ё мактаб» танҳо дар нутқи омиёнаи америкоиҳо истифода мешавад [с.891].

Ба ин тариқ, таҳлил ва муқоисаи корбурди вожаҳо нишон дод, ки калимаҳои омиёнаи дар вариантҳои забони англисии Британияи Кабир ва Америка мустаъмал аз нигоҳи маъно на ҳамеша бо ҳамдигар мувофиқат доранд: агар бархе аз онҳо барои кулли англисизабонҳо ҳамчун вожаи умумӣ ба кор раванд, пас дастаи дигар танҳо хоси англисҳои Америка аст. Ин аст, ки дар фарҳангномаи мавриди таҳлил дар чунин мавридҳо мураттиб ишораҳои «гуфт.», «инт. гуфт.», «амер. гуфт.»-ро зарур шуморидааст.

Аз байни калимаҳои сермаъно яке ё чанде аз маъноҳо хоси нутқи омиёна буда, чанде аз онҳо бо роҳи маҷоз ба вуҷуд омадаанд.

Дар чанд вариант истифода шудани иддае аз унсурҳои луғавӣ ибтидо дар нутқи шифоҳи зуҳур намуда, баъдан ҳамчун ҳодисаи маъмул гоҳ дар забони кулли англисҳо ва гоҳ фақат дар лафзи англисизабонҳои Америка вусъат пайдо кардааст.

Дар баъзе мавридҳо дар нутқи омиёна дар ду вариант ба кор рафтани калимаҳои омиёнаи тахфифёфтае дучор меоянд, ки сарчашмаи ҳар дуяшон гунаи меъёрии айни як вожа аст.

Муқарриз: Турсунов Ф.М., д.и.ф., профессори ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

Адабиёт:

Исходя из вышеуказанного исследования, можно столкнуться с современными задачами теории языкознания и с проблемами прикладного языкознания, которые не в силе отрицать присутствие заимствованной лексики в словарных фондах и в межязыковых процессах развитии языков.

Языкознание всегда нуждается в полном и ясно выраженном определении иноязычных элементов в лексике.

Рецензент: Ходжатов Б.Д., к.ф.н.

Список использованной литературы

1. Верещагин Е.М., Костомаров В.Г Язык и культура Востока. - М., 2005. 15.

2. Виноградов, В. В. Очерки по истории русского литературного языка XVII-XIX вв. : Пособие для высших педагог.учеб. заведений / В. В. Виноградов. – М.: Учпедгиз, 1938. – 448 с.
3. Брандт Р.Ф. Несколько замечаний об употреблении иностранных слов. — М., 1882.
4. Бодуэн де Кутенэ, Иван Александрович (1845-1929). О смешанном характере всех языков / [И.Бодуэн де Куртене].- Санкт- Петербург, 1901. - С.12-24.
5. Кириллова, Н. В. Заимствование иностранных слов в русском языке / Н. В. Кириллова // Экстернат.РФ : электронный журнал. – 2013.
6. Крысин Л.П. Иноязычные слова в современном русском языке. - М., 2006.
7. Крысин, Л. П. Лексическое заимствование и калькирование в русском языке последних десятилетий / Л. П. Крысин // Вопросы языкознания. – 2002. – № 6. – С. 27-36.
8. Крысин, Л. П. Слово в современных текстах и словарях: очерки о русской лексике и лексикографии / Л. П. Крысин. – М.: Знак, 2008. – 318 с
9. Щерба Л.В. «О понятии смешании языков» которое вышло в 1936 (Стенограммадоклада, прочитанного на заседании Института языкознания 15 октября 1936г.)
10. Фасмера М. «Этимологический словарь русского языка», изданный в издательстве «Прогресс», Москва в 1986-1987 годы (15).
11. Русский перевод: Блумфилд Л. Язык. — М., 1968.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ОСВЕЩЕНИЯ ИНТЕРНАЦИОНАЛЬНОЙ ЛЕКСИКИ

Данная статья посвящена языковому явлению «заимствование» и причинам появления заимствованных слов. В начале статьи автор на основе приведённых определений учёных даёт краткую информацию о понятии заимствования, отмечая при этом переход слов с одного языка на другой специфической особенностью любого общества, которое стало на путь развития.

Далее автор утверждает, что заимствуя слово, принимающий язык не полностью принимал его в той форме, в которой он существовал языке - источнике. Перешедшие слова звучали по-разному, замечалась разница и в грамматике, и в значении, и в структуре. Однако переходя в другой язык, они изменялись, приспосабливаясь к фонетическим правилам, грамматическим формам и конструкциям, словообразовательным образцам и законам семантики принимающего языка.

Таким образом, можно сказать, что переход слов с другого языка является совокупность понятий, общее для всех языков, но по-разному в них выражающиеся, которые происходят внеязыковом, отношении реальной действительности, где развивается и функционирует язык, на что влияют общественно-политические факторы.

Ключевые слова: *языковое заимствование, интернациональная лексика, антропонимика и этнонимика, советизм, исконность происхождения, лексико-семантические особенности, словарные фонды, межязыковые процессы, лексика, иноязычная лексика, специфика, особенность функциональные особенности.*

ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ШАРҲИ ЛЕКСИКАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Мақолаи мазкур ба падидаи забонии «иқтибос» ва сабабҳои пайдоиши вомвожаҳо бахшида шудааст. Муаллиф дар ибтидои мақола дар асоси андешаҳои олимон дар бораи мафҳуми вомгирӣ маълумоти мухтасар дода, дар баробари ин аз як забон ба забони дигар гузаштани вожаҳоро ҳамчун хусусияти хоси ҳар ҷомеае, ки роҳро пеш гирифтааст, зикр кардааст.

Баъдан, муаллиф далел меорад, ки ҳангоми вом гирифтан забони қабулкунанда онро ба он шакле, ки дар забони сарчашма мавҷуд буд, пурра қабул накардааст. Калимаҳои интиқолшуда ба таври дигар садо медоданд ва дар грамматика, маъно ва сохтор фарқиятҳо мавҷуданд. Вале хангоми ба забони дигар гузаштан онҳо ба қоидаҳои фонетикӣ, шаклу сохти

грамматикӣ, қоидаҳои калимасозӣ ва қонунҳои семантикаи забони мизбон мутобиқ шуда, тағйир меёфт.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки гузариши калимаҳо аз забони дигар маҷмӯи мафҳумҳое мебошад, ки барои ҳамаи забонҳо умумӣ буда, вале дар онҳо ба таври гуногун ифода ёфта, дар робитаи экстралингвистикӣ ба воқеият ба вуҷуд меоянд, ки дар он забон дар асоси омилхои чамъиятию сиёсӣ инкишоф ёфта, фаъолият мекунад.

Калидвожаҳо. *иқтибоси забонӣ, лексикаи байналмилалӣ, антропонимика ва этнонимика, советӣ, асолати пайдоиш, хусусиятхои лексикӣ-семантикӣ, фонди луғавӣ, равандҳои байнизабонӣ, луғат, лексикаи забони хориҷӣ, хусусият, хусусиятҳои функционалӣ.*

THEORETICAL ASPECTS OF COVERAGE OF INTERNATIONAL VOCABULARY

This article is devoted to the linguistic phenomenon of "borrowing" and the reasons for the appearance of borrowed words. At the beginning of the article, the author, based on the above definitions of scientists, gives brief information about the concept of borrowing, while noting the transition of words from one language to another as a specific feature of any society that has embarked on the path of development.

Further, the author argues that by borrowing a word, the receiving language did not fully accept it in the form in which it existed in the source language. The transferred words sounded different, and there was a difference in grammar, meaning, and structure. However, when they switched to another language, they changed, adapting to phonetic rules, grammatical forms and constructions, word-formation patterns and the laws of semantics of the host language.

Thus, it can be said that the transition of words from another language is a set of concepts common to all languages, but expressed in different ways in them, which occur outside the language, in relation to reality, where language develops and functions, which is influenced by socio-political factors.

Keywords: *linguistic borrowing, international vocabulary, anthroponymy and ethnonymy, Sovietism, primordial origin, lexico-semantic features, dictionary collections, interlanguage processes, vocabulary, foreign language vocabulary, specificity, feature functional features.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Бурҳонова Меҳрубон Зафаровна, *Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, муаллими калони кафедраи забоншиносии умумӣ. Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: (+992) 901317788*

Сведения об авторе: Бурхонова Мехрубон Зафаровна, *Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, старший преподаватель кафедры общего языкознания. Адрес: 734019, г. Душанбе, улица Мохаммадиева, 17/6. Тел.: (+992) 901317788*

Information about the author: Burhonova Mehrubon Zafarovna*, Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, Senior Lecturer of the Department of Linguistics. Address: 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., Phone: (+992) 901317788*

ТДУ: 491

ТАВСИФИ ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ МУОШИРАТИ ҒАЙРИВОЖАГӢ ДАР ФАРҲАНГИ ДУ МИЛЛАТ (тоҷикӣ ва олмонӣ)

Гафарова Қ.Т., Шозедов Н.Ш.
Донишгоҳи славянии Руссия ва Тоҷикистон

Барои муошират кардани инсонҳо на танҳо забон, балки амалҳои ғайризабонӣ ба монанди имову ишора ва ҳаракати қиёфа нақши муҳим дорад. Муошират шакли пахш ва ё қабули итилоот мебошад, ки бо роҳҳои гуногун сурат мегирад. Муоширати байнифарҳангӣ ҳангоми ба ҳам омаданӣ гурӯҳи одамоне, ки дорои забону фарҳангҳои гуногунанд, ба миён меояд, яъне он дар шароити бархӯрди фарҳангӣ сурат мегирад. Ҷодаҳои мухталифи фаъолияту амалиёти инсон метавонанд тавассути вожа ва ё бидуни он ифодаву тавсиф гарданд. Инсон субъекти фаъолтарини олами воқеъӣ буда дар тамоми тағйироти табиату ҷамъият ширкати бавосита ё бевосита дорад ва касе қодир нест, ки оиди тамоми амалу фаъолияти шахс чун субъекти комил лаб ба сухан кушояд. Аз ин сабаб имконияти воқеиву ақлонӣ даст намедиҳад, ки оиди тавсиф ва ҳатто ғайривожагии тамоми амалиёти инсон андешае чанд иброз намоем.

Дар мақолаи хеш кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки оиди ифодаву тавсифи шакли ғайривожагии «салом» сухане чанд рӯйи коғаз биёрем. Мақсади асосии таълифи навиштаҷоти зайл ба таври қиёсӣ ишораи тарзу усули ифодаи ғайривожагии «салом» дар мамолики мухталиф, аз ҷумла Олмону Тоҷикистон аст. Маълум аст, алоқаи мазкур, «салом» дар шакли ғайривожагӣ, муроҷиату муносибат ва ифодаи алоқа дар шакли ҷисмонӣ мебошад. Ба шаклҳои ифодаи ғайривожагии «салом» амалиётҳое мисли дастфишурӣ, дастбӯсӣ, рухсорабӯсӣ, баоғӯшгирӣ, ба китф дастзанӣ ва монанди инҳо шомил мешаванд. Шаклҳои ишорагашта ва оварданашудаи алоқаи ғайривожагиро донистан аз манфиат орӣ набуда ба андешаи шогирдонаи мо ҳаводорони шӯъбаҳои лингвистӣ, аз ҷумла донишандӯзони бахши олмонӣ бе донистану риояи онҳо аз доираи муошират берун мемонад ва ё дар он ба нокомӣ дучор мешаванд.

Бояд гуфт, ки забони имову ишора, ҳаракати бадан, забони аз ҳама паҳншудатарин аст. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки воситаи ғайривожагии муошират, қиёфасозӣ, имову ишора, алоқаи босирӣ, оҳанг ва ғайраҳо, новобаста аз мавқеи муносиб, дар ҳамаи фарҳангҳо арзи вуҷуд доранд. Аз ин ишораҳо хулосаи қатъӣ баровардан хато аст, ки воситаҳои ишорагашта дар фарҳангҳои мухталиф тафовуте надоранд. Фарҳанги ҳар халқу миллат аз рӯи шароиту қонунияти хеш рушду такомул меёбад ва дар ҳар мамолик муоширати ғайривожагӣ аз хусусиятҳои хоси хеш бархурдор аст. Балад будан бо ин хусусиятҳо роҳандозии самараноку дурусти муоширатро дар макони ғайр, дар сӯҳбат ба шахс нерӯ, рӯҳи тозаву боварӣ мебахшад. Лозим ба зикр аст, ки хусусиятҳои хос беш аз пеш ҳама дар имову ишораҳои рамзӣ ба чашм мерасанд. Ин имову ишораҳои «салому хайру маъзур», розигиву инкор, писандидану сарзаниш, хондан ба хомӯшӣ ва монанди инҳо мебошанд. Дар адабиёти ин ҷода оварда мешавад, ки амалӣ намудани алоқаи биноӣ, шакли ламсии ифодаи муносибат, масофа ҳангоми муошират низ дар фарҳангҳо хусусияти фарқкунанда доранд. Дар зер оиди бархе аз ин ҳаракатҳо муфассалтар ҳарф мезанем.

Қайд кардан аз манфиат орӣ нест, ки унсури маъмултарини вохӯрӣ ва хайру маъзур, дастфишурӣ маъсуб меёбад. Ин шакли вохӯрӣ беғаразона буда, метавонад аз ҷониби шиносону дӯстон, дар лаҳзаҳои расмиву муқаррарӣ, мавриди истифода қарор гирад. Дастфишурӣ ахбори зиёдеро дар худ ниҳон дорад. Аз рӯи он муносибати шахс бо ҳамсӯҳбат, нияту азми ҳамсӯҳбатон муайян шуда метавонад. Ахбори ниҳони дастфишуриро аз давомнокӣ, шиддат ва мавқеи даст фаҳмидан мумкин аст. Бояд гуфт, ки дар фарҳанги мамолику халоиқи олам ин амал шабоҳате надошта, шакл, маъно, обуранг ва таъсири рӯҳиву равонии мухталиф дорад. Он метавонад шаклу таъсири нармдилона, калонгирона, сард, зишт, дӯстона, самимонаву рӯякӣ дошта бошад. Ба тамоми камукост нигоҳ накарда, дастфишурӣ ҳар ҷараёни вохӯриву оғози мусоҳиба муҳим буда дорои аҳамият, таъсиру

обуранги махсус аст. Он майлу ҳусни тавақҷӯҳ ба шахс, нияти неку бад, душманонаву холисонаро бо ҳамсӯҳбат таҷассум менамояд. Дастфишурӣ одатан боқувват, бо гирифтани тамоми даст пиёда мегардад. Агар ҳамсӯҳбатон бо пуррагӣ дасти якдигарро нақапанд, салом рӯякӣ фаҳмида мешавад. Онҳо чӣ қадар боҳам муносибати наздик дошта бошанд, дастфишурӣ ҳамон қадар сахттар, самимӣ ва тӯлонитар мешавад. Дар дастдиҳиву дастфишурӣ ба эътибор гирифтани мавқеи ҷамъиятии саломкунандагон аҳамияти махсус дорад. Забоншиноси варзидаи шуравӣ, профессор Г.В. Колшанский дар ин бора қалам ронда, ба эътиборгирии қонуну қоидаҳои зеринро гӯшзад намудааст:

а) нафари зердаст бояд, то дароз намудани даст аз ҷониби шахси боломақомтар, мунтазир шавад;

б) шахси ҷавонтар вазифадор аст, то даст дароз намудани нафари калонсолтар, интизор бошад;

в) хонумон бояд худ ҳал кунанд, ки ба ҳамсуҳбати мард даст дароз кунанд ё на. [1, с. 21-22].

Иқрор бояд шуд, ки на дар ҳамаи мамолик қонуну қоидаҳои ишорагашта риоя мешаванд. Масалан, хонумони ниҳоят чусту чолок ва боғайрати Итолиё дастфишуриро дӯст медоранд, дар Дания бошад, ҳатто дасти кӯдаконро ҳам мефишуранд.

Бояд гуфт, ки намуди дастфишории дӯстонаву самимӣ ва сахту мустаҳкам фишор додани дасти ҳамсуҳбат яке аз бартариятҳои фарҳанги муошират бошандагони мамолики мухталиф аст. Масалан, арабҳо ва арабтаборон ҳангоми вохӯрӣ ба ғайр аз ҳаракати дастфишурӣ боз кафи дастро бо пешонӣ расонда андаке таъзим мекунанд. Агар ҳамсуҳбатони мард ҳамдигарро дер боз надида бошанд, ҳангоми вохӯрӣ якдигарро ба оғӯш гирифта китфи ҳамдигарро мебӯсанд. Марди солхӯрда баъди дастфишурӣ барои нишон додани эҳтироми хеш бо ҳамсуҳбат кафи дасти худро бӯсида ба пешони мебараду баъд таъзим мекунад.

Дар Чини куҳанфарҳанг, дастфишурӣ танҳо бо ашхоси ношинос дар сатҳи расмӣ маъмул аст, чиниҳо дасти ҳамсуҳбати хешро дудаста дошта дурудароз метаконанд ва бо ҳамин эҳтиромашонро ба вай нишон медиҳанд. Ин ҳаракат дар муошират ашхоси наздику шиносони дерина ба назар намерасад. Онҳо ба ҷои ин ба китф ва ё пушти ҳамдигар каф мезананд. Дар Ҷопон ин амал маъмул набуда, дар мавридҳои махсус истифода мешавад. Ҳангоми салом бо дасти хеш аз банди даст ва ё оринҷ қапидани мусоҳиби хеш ва ё гузоштани даст ба китфаш манъ аст. Чунин рафтор барои он қабул шудааст, ки ба ҷопониҳо одати дар ҷараёни муошират ба ҳам расидан писанд набуда, илова бар ин дар ҷараёни ин амал бояд мусоҳибон рост ва дурудароз ба чашмони ҳамдигар нигоҳ кунанд, ки ҷопониҳо инро низ хуш надоранд. Тавре муҳаққиқ М. Корелская менигорад: «Ҷопониҳо мисли куриёниҳо намуди дигари салому эҳтиром ба ҳамсуҳбат, таъзими боэҳтиромонаро ба кор мебаранд» [2, с. 2].

Оиди имову ишора дар ҷараёни салому хайру маъзур ҳарф зада, қайд кардан ҷоиз аст, ки онҳо дар мамолики олам дар шакли мухталиф пиёда мегардонад. Масалан, дар адабиёти гуногунжанру мухталиф мазмун омадааст, ки дар Испониё ҳамдигарро сахт ба оғӯш мекашанд, дар Фаронса аз рухсораи ҳамдигар мебӯсанд, дар бархе аз мамолик ҳангоми салом ва ё хайру маъзур сарро андаке ҷунбонда, дасти ростро то сатҳи сар ва ё камтар болотар бардошта меҷунбонанд.

Дар Тоҷикистони куҳантаъриху куҳанбунёд низ таомули салом таъриху ҳаракатҳои хоси хешро дорад. Дар инҷо роҷеъ ба таърихи он аз сухан рондан худдорӣ мекунем, зеро он пажӯҳиши мукаммалу касбӣ мехоҳад. Мо танҳо тасмим гирифтем оиди чанд ҳаракати маъмули ғайривожагии ифодаи он ибрози андеша намоем. Бояд гуфт, ки шакли маъмули вожагии «салом» дасти ростро дар болои қафаси сина гузошта, қоматро андаке хам намуда, вожаи «ассалом» ва ё ибораи «салом алайкум // ассалому алайкум»-ро ба забон гирифтан аст. Шакли ғайривожагии он бо ҳаракатҳои ишора шуда бе базабон овардани вожаҳои болоӣ амалӣ мешавад. Агар мусоҳибони мард хешу табор, дӯсту рафиқ ва ё шиноси наздик бошанд,

ҳамдигарро ба оғӯш гирифта аз рухсораи якдигар мебӯсанд. Хонумон низ дар ҷараёни салом амалиёти ишорагаштаро анҷом медиҳанд.

Аз солҳои 1993 то 2012 намуди дигари салом, ки аввал дар байни ҷавонон ва баъдан дар тамоми ҷомеа реша давонд, саломи босар, «саломи каллаҷанг» маълум буд. Ин шакли салом дар манотиқи мухталифи кишвар бо вожаҳои маҳал, масалан «А бача чӣ хелӣ?; ё фақат чӣ хелӣ? Читу Шумо (ту?); қалай Шумо? Қалай? ва ё «тсаранг?, созато?» ва ё аксар бидуни ин вожа пиёда мешуд. Дар Бадахшон саломи дастбӯсӣ низ маъмул буд, ки одамон новобаста аз ҷинсу синну сол се маротиба дасти ҳамдигарро мебӯсиданд. Имрӯз ин салом шакли замонавӣ гирифта ҳангоми воҳӯрӣ калонсолон дасти рости хешро дароз мекунанду хурдсолон онро дошта се маротиба мебӯсанд. Чунин таомули саломро дар байни мардуми турку баъзе манотиқи Покистон, дар бархе аз мамолики дигари Шарқ мушоҳида намудан мумкин аст. Дар давраи муайяни баъди ҷанги шаҳрвандӣ дар байни ҷавонон намудҳои дигари саломи ғайривожагӣ низ пайдо шуда буданд, ки бо сабаби мақбули ҳамагон нагардидан зуд аз хотирҳо зудуда шуданд.

Хотирнишон кардан муфид аст, дар аксари мамолик шакли дигари паҳншудаи салом ва хайру маъзур, сафҷунбонии андаку дастфишурӣ низ ба назар мерасад. Аксари фарҳангшиносон ин ҳаракатҳоро нишонаи паҳншудатари муошират ғайривожагӣ медонанд. Ин амал низ на дар ҳама ҷо якхел фаҳмидаву амалӣ мешавад. Масалан, дар Олмону Тоҷикистон сарҷунбонии андак ба пешу қафо ба ғайр аз маънои саломи ғайривожагӣ маънои тасдиқро низ дорад. Дар Туркия, Ҷопон, Булғористон, Ҳиндустон ва чанд мамолики дигар тасдиқ баръакс бо сарҷунбонӣ ба росту чап ифода мешавад, дар фарҳанги олмониҳову тоҷикон ин амал маънои инкорро дорад. Ҷопониҳо бо амали сарҷунбонии тез ба пешу қафо ишора бар он доранд, ки шуморо хуб гӯш доранд, аммо на ба тамоми гуфтаҳоятон розиянд. Арабҳо бошанд, норозигии хешро бо ҳаракати тези сар ба қафо ифода мекунанд.

Ба ин муносибат фарҳангшиносони ватанӣ қиссаҳои шифоҳии фаровон доранд, ки якеяшро дар зер пешкаш менамоем:

«Боре туркзабоне ба Душанбе омада, мехоҳад маззаи палави тоҷикиро чашад, зеро таърифашро дар диёраш зиёд шунида буд. Меҳмон пурсон мешавад, ки дар куҷои Душанбе ин ғизоро беҳтару лазизтар омода мекунанд. Бошандагони Душанбешаҳр ба меҳмон оши хоҷагии ҷамъиятии «Россия»-ро тавсия медиҳанду онкас таксисавор роҳи онҷоро пеш мегирад. Вақти хӯроки нисфирӯзи буду тарабхона мисли ҳарвақта пуродам. Меҳмон базӯр дар гӯшае ҷои нишаст пайдо мекунаду баъди чанде пешхизмат ба наздаш омада меҳмон пурсон мешавад: «Ҷаноби пешхизмат, оё имрӯз оши палав пухтед?» Пешхизмат, ки аз фарҳанги туркҳо пурра бархурдор набуд, сарашро ба пешу қафо меҷунбонад ва турк ин ҳаракатро ба таври худ фаҳмида, даст ба дуо навмед, тарабхонаро тарк мегӯяд. Ҳамин тавр меҳмони беҳолу мадор бо умеди палавхӯрӣ чанд тарабхонаро давр мезанаду дар ҳама ҷой шоҳиди сарҷунбонӣ мешавад. Оқибат қарибиҳои бегоҳ ба собиқ бозори «Сабз», ки аз меҳмонсарояш дур воқеъ набуд ба тамошо мебарояду дар пеши ошхона ошпази кафгирдардастро дар пеши деги оши боқимонда дида хитоб мекунад: «Бародари азиз, аз Туркия ба Тоҷикистон танҳо палавхӯрӣ омадаму дар ҳама ҷо навмед гаштам, танҳо шоҳиди сарҷунбонӣ шудаму халос. Ақалан шумо ба ман як палави хуб ҷӯр кунед, ки гуруснаву хастаам». Ошпаз, ки одами соҳибмаълумоту ҷаҳонгашта буд, аз ин суханони меҳмон пай бурд, ки бо фарҳанги тоҷикон шинос несту сарҷунбониро ба таври худ фаҳмидааст, дилаш ба меҳмон сӯхт ва барояш палави хуб ҷӯр намуда оварду маънову мавқеи сарҷунбониро фаҳмонд ва меҳмон қоҳ-қоҳ зада худ ба ҳоли хеш механдид».

Ин ҳикоти оварда шаҳодат бар он аст, ки донистани амалҳои хоси фарҳангӣ воҷибу муфиданд ва бархурдор набудан аз онҳо боиси нофаҳмиву нороҳатӣ мешавад.

Маълум аст, мо чӣ тавр изҳори таҳсину сипос мекунем. Амалишавии шакли муайяни изҳори таҳсину сипос аз омилҳои зиёд, минҷумла, аз намуди чорабинӣ, сатҳи он, ширкатдорони чорабинӣ, макону замони он, дараҷаи қаноатмандӣ ва ғайраҳо вобаста аст. Масалан, дар Олмон тамошобинон ҳангоми тамошои намоишнома ҳатто мижа намезананд ва бо оғози танаффуси байни саҳнаҳо (антракт) аввал ҳуштаку дасту покӯби баланд шуда баъд

сулфаву биниафшонӣ оғоз мегардад. Бо хотима ёфтани намоиш боз ҳамон ҳаракатҳо такрор мешаванд ва оқибат толор аз ҷо хеста бо қарсаку ҳуштак ва нидои «офарин, офарин! / bravo, bravo!» ҳунарпешагонро гусел мекунад. Дар фарҳанги тоҷикон ин таомул чӣ хел сурат мегирад? Мо қаноатмандиву дараҷаи кайфияти хешро чӣ тавр ифода менамоем? Дар мо таомули аз ҷо хеста бе ҳуштаку покӯбӣ қарсак задан қабул аст. Қарсак метавонад пурмавҷу бардавом, кӯтоҳу дӯстона, миёнаву ором, пасту дарозмуддат, кӯтоҳу сард бошад. Амалишавии яке аз намудҳои ишорагаштаи қарсак аз чорабинӣ ва макону замони баргузории он, аз сатҳи фарҳангу дониш ва дараҷаи қаноатмандӣ вобаста аст.

Мутолиаи адабиёти марбута шаҳодат медиҳад, ки ин амал аз ҷониби халқу миллати гуногуни мухталиф иҷро мешавад. Масалан, арабҳо қаноатмандии хешро ҳатман тавассути задан бо ангуштони ёзонидашуда ба кафи дасти ҳаммусоҳиб, ифода мекунанд. Олмониҳо ва амрикоиҳо ҳам қарсак мезананд, онҳо бо дасту по ба ягон чизи сахт мезананд, дасту покӯбӣ мекунанд. Англисҳову испаниҳо барои нишон додани қаноатмандии хеш бо кафи даст ба пешонаи хеш мезананд. Фаронсавиён бошанд, нӯги се ангушташонро пайваст намуда ба лабҳо мебаранду баъд манаҳро баланд бардошта бӯсаи ҳавоии ширин равон мекунанд.

Бояд гуфт, ки тарзи муошират вожагиву ғайривожагӣ дар сатҳи баландтарини муошират ҷо гирифта дар амалишавии он саҳм мегузоранд. Бешубҳа саҳми онҳо дар ин ҷода як хел нест. Равоншиносон дар натиҷаи пажӯҳишу таҳлил ба хулоса омаданд, ки 70%-и ахбор тавассути воситаҳои ғайривожагӣ ва танҳо 30% тавассути вожа ифода мешавад. Чӣ олмониҳову чӣ тоҷикон аз муошират вожагӣ бархурдор мешаванд ва сароғози ҳар муошират вожаҳои ифодакунандаи салом буда анҷомдиҳандаи он вожаҳои хайру маъзур мебошанд ва ҳарду фаъолият дар ҷараёни таъсири мутақобилаи иҷтимоӣ пойгоҳи махсус доранд.

Муқарриз: Ҳалимова М.С., н.и.ф., дотсенти ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

Адабиёт:

1. Колшанский, Г.В. Объективная картина мира в познании и языке / Отв.ред. А.М. Шахнарович. - М.: Наука, 1990. – С. 95-110.
2. Корельская, М. Особенности невербального общения в разных странах. - М., 2001. – 186 с.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик (лексикология, фонетика ва морфология) кисми 1. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 451 с.
4. Gert Rickheit; Sabine Weiss; Hans-Jürgen Eikmeyer Kognitive Linguistik Theorien, Methoden, Modelle, Tübingen: Francke 2010 – 347 S.
5. Fritz Tschirch, Erkenntnis und Glaube, Weltbild, Denkform und Sprachgestalt, Verlag Herbert Renner – Berlin 1954. – 104 S.
6. Moiken Jessen/Johan Blomberg/Jörg Roche (Hg.) Kognitive Linguistik, Narr Francke Attempto Verlag GmbH + Co. KG. Dischingerweg 5. D – 72070 – Tübingen 2018. – 353 S.
7. Ralf Pörings/Ulrich Schmitz (Hrsg.), Sprache und Sprachwissenschaft, Eine kognitiv orientierte Einführung, Gunter Narr Verlag – Tübingen 1999. – 290 S.
8. https://orator.biz/library/oratorical/osobennosti-neverbalnogo-obscheniya-v-raznykh-stranakh

ТАВСИФИ ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ МУОШИРАТИ ҒАЙРИВОЖАГӢ ДАР ФАРҲАНГИ ДУ МИЛЛАТ (тоҷикӣ ва олмонӣ)

Дар мақола кӯшиш ба харҷ дода шуд, оиди яке аз масоили доғи рӯзи муошират байнифарҳангӣ, доир ба хусусиятҳои хоси муошират ғайривожагӣ дар фарҳанги ду миллати дӯст, сухан чанд рӯи коғаз оварда шавад. Дар андешаронии банда масъалаи дигари ба ин мавзуъ марбут, яъне ҳаракатҳои ифодакунандаи «писандидан», низ аз доираи андешаронии шогирдона берун намондаанд.

Дар мақола инчунин бо овардани мисолҳои мушаххас, масъалаи мавриди назар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Бо сабаби маҳдуд будани ҳаҷми мақола оиди намуди дигари муошират ғайривожагӣ, оиди ҳаракатҳо сухане чанд иброз намуда ба андешаронии хеш ҳусни анҷом мебахшем ва масоили дигари ин проблемаи умдаро бо фарорасии фурсати қуллай мавриди пажуҳиш қарор хоҳем дод. Ҳаракат, ин ҷунбидани тамоми андом – бадан буда, баромади иҷтимоӣ

дорад ва аз ин рӯ хусусияти муошират ғайривожагӣ дар мамолики мухталиф махсусан возеҳу равшан намудор мешавад. Ин гуфтаҳо бевосита ба ҳаракати «писандидан» низ тааллуқ доранд.

Калидвожаҳо: *амалиёт, субъекти комил, дастфишорӣ, дастбӯсӣ, рухсорбӯсӣ, баоғӯшгирӣ, қиёфасозӣ, алоқаи басарӣ, ғайривожагӣ, нерӯ, рӯҳи тоза, алоқаи биноӣ, ламс, масофа, зердаст, боломақом, арабтабор, офарин.*

ОПИСАНИЕ СПЕЦИФИЧЕСКИХ ОСОБЕННОСТЕЙ НЕВЕРБАЛЬНОГО ОБЩЕНИЯ В КУЛЬТУРАХ ДВУХ НАРОДОВ (таджикского и немецкого)

В статье была предпринята попытка привести на бумаге несколько примечаний об одной из острых проблем межкультурного общения, об особенностях невербального общения в культуре двух дружественных народов – таджиков и немцев. В нашем созерцании другой вопрос, связанный с этой проблематики, то есть движения выражающие «симпатию», также не выходят за рамки ученического созерцания.

В статье также приводятся конкретные примеры рассматриваемого вопроса. В связи с ограниченным объемом статьи, посвященной другому виду невербального общения, несколько слов о движениях, мы с удовольствием завершим наше размышление и рассмотрим другие вопросы этой серьезной проблемы с наступлением ближайшего времени. Движение - это движение всей конечностью тела, имеющее социальный выход, и поэтому характер невербального общения в разных странах особенно ярко выражен. Эти высказывания также относятся непосредственно к движению «симпатий».

Ключевые слова*: операция, совершенный субъект, рукопожатие, рукоцелование, поцелуй в щеку, объятие, мимика, басарское общение, невербальное общение, сила, чистый дух, зрительное общение, прикосновение, расстояние, подчиненный, вышестоящий, араб, браво.*

DESCRIPTION OF THE SPECIFIC FEATURES OF NON-VERBAL COMMUNICATION IN THE CULTURES OF TWO PEOPLES (Tajik and German)

In the article, an attempt was made to put on paper a few notes about one of the acute problems of intercultural communication, about the peculiarities of non–verbal communication in the culture of two friendly peoples - Tajiks and Germans. In our contemplation, another issue related to this problem, that is, movements expressing "sympathy", also do not go beyond the scope of student contemplation.

The article also provides specific examples of the issue under consideration. Due to the limited volume of the article devoted to another type of non-verbal communication, a few words about movements, we will be happy to complete our reflection and consider other issues of this serious problem in the near future. Movement is the movement of the entire limb of the body, which has a social outlet, and therefore the nature of non-verbal communication in different countries is especially pronounced. These statements also relate directly to the sympathies movement.

Keywords: *operation, perfect subject, handshake, hand kissing, cheek kiss, hug, facial expressions, Basar communication, non-verbal communication, strength, pure spirit, visual communication, touch, distance, subordinate, superior, Arab, bravo.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Гафарова Қ.Т. *- Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон, н.и.ф., дотсенти кафедраи забонҳои романӣ-германӣ. Нишонӣ: 734025, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода 30, тел.: 550055335; E-mail: kimmatoi@mail.ru*

Шозедов Н.Ш. *- Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон, саромӯзгори кафедраи романи-германӣ. Нишонӣ: 734025, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30, тел.: 938277069*

Сведения об авторах: Гафарова К.Т. *- Российско-Таджикский славянский университет, к.ф.н., доцент кафедры романо-германских языков. Адрес: 734025, г. Душанбе, ул. Мирзо Турсунзаде 30, тел.: 550055335; E-mail: kimmatoi@mail.ru*

Шозедов Н.Ш. *– Российско-Таджикский славянский университет, старший преподаватель кафедры романо-германских языков. Адрес: 734025, г. Душанбе, ул. Мирзо Турсунзаде 30, тел: 938277069*

Information about the authors: Gafarova K.T. *- Russian-Tajik Slavonic University, docent, associate professor of the Department of Romano-Germanic Languages. Address: 734025, Dushanbe, Mirzo Tursunzade str. 30, tel: 550055335; E-mail: kimmatoi@mail.ru*

Shozedov N.Sh. *– Russian-Tajik Slavonic University, senior lecturer at the Department of Romano-Germanic Languages. Address: 734025, Dushanbe, Mirzo Tursunzade str. 30, tel: 938277069*

ТДУ: 42+491.550

ВАЗИФА ВА ВАЗЪИ ВОЖАҲОИ АНГЛИСӢ ДАР ЗАБОНИ ИМРӮЗАИ ТОҶИКӢ

Қурбонов Эраҷ Мулокаримович
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар адабиёти муосири забоншиносии ҷаҳон, масалан забоншиносии рус, ба масъалаи мавҷудияти вожаҳои англисӣ дар он забонҳо ва равандҳои иқтибосгирии онҳо мунтазам таваҷҷӯҳ зоҳир мешавад. Дар он асарҳо муаллифон асосан англисвожаҳои як соҳаи мушаххас, масалан, таблиғот ё ВАО, инчунин, шаклҳои луғавию грамматикии онҳоро дар забони худ (русӣ) мавриди баррасӣ қарор додаанд [2; 4; 11; 12]. Аммо дар забоншиносии тоҷик дар ин соҳа таҳқиқоти ҷиддӣ сурат нагирифтааст. Аз ин лиҳоз, дар ин мақола иқтибосоти англисӣ аз нуқтаи назари мақом ва вазифае, ки онҳо дар як муддати муайян дар забон иҷро мекунанд, баррасӣ карда мешаванд. Муайян кардани мавҷудияти чунин миқдори зиёди луғатҳои англисӣ дар муҳити ҷомеаи муосири тоҷикӣ ҳадафи асосии ин пажӯҳиш мебошад. Ин таҳқиқ барои муайян кардани он, ки кадоме аз англисвожаҳо метавонанд ба мақоми вожаи иқтибосӣ дар забони тоҷикӣ пазируфта шаванд, баъдан як қисми таркиби луғавии он гарданд ва кадомашон як падидаи муваққатӣ мебошанд, кӯмак мерасонад.

Саволе ба миён меояд: оё ҳамаи англисвожаҳоеро, ки имрӯзҳо дар муоширати рӯзмарра ва гирду атрофамон дучор мешавем, ҳамчун вожаи иқтибосӣ шинохтан мумкин аст? Ҷавобаш: — Албатта, не. Маълум аст, ки ҳар як калимаи хориҷиро танҳо дар сурате иқтибосӣ ҳисоб кардан мумкин аст, ки он ба қоида ва табиати овозӣ, имлоӣ, грамматикӣ ва маъноии забони қабулкунанда мувофиқат карда ва аз ҳама муҳимтар, дар луғатномаҳо сабт шуда бошад. Дар давоми тамоми таърихи инкишофи забони тоҷикӣ калимаҳои хориҷӣ аз бисёр забонҳои Ғарб ва Шарқ асосан дар натиҷаи муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ, ҳарбию сиёсӣ, иҷтимоию мадании Тоҷикистон бо дигар кишварҳо ва халқҳои онҳо ба забонамон ворид гардидаанд. Яке аз сабабҳои асосӣ ва маълуми дар забон пайдо шудани вожаҳои хориҷӣ ҳамеша зарурати номбар кардани падидаҳо, мафҳумҳо, ашёи наве буд, ки дар ҷомеаи тоҷикон ва форсизабонон пайдо шуда, дар ибтидо берун аз ҳудуди забон ба вуҷуд омадаанд. Муайян кардан душвор аст, ки забони тоҷикӣ дар тамоми давраи инкишофи худ чӣ қадар луғатҳои забони хориҷиро кабул кардааст.

Дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон миқдори бесобиқаи истифодаи англисвожаҳо мавҷуд аст, ки баъзеҳо аллакай ба грамматикаи забони тоҷикӣ мутобиқ карда шуда бошанд (интерактивӣ, инженерӣ, рейтингӣ, роумингӣ, спа-ҳаммом, инноватсионӣ) баъзеи дигар дар шакли аслии худ (wi-fi, USB, IMAX, 3D, GPS) дар истеъмол қарор доранд. Мушкили асосие, ки бо ба вуҷуд омадани лексемаҳои нави англисӣ дар забони тоҷикӣ алоқаманд аст, муайян намудани мақоми онҳо мебошад. Ним аср пеш, вақте ки вожагони англисӣ дар заминаи илму техника ва дар дараҷаи баланди касбӣ пайдо шуданд, мақом ва вазифаҳои онҳо равшан мушаххас карда шуда буданд. Онҳо хамчун калимаҳои байналмилалӣ, истилоҳот ва калимаҳои соҳавӣ (профессионализмҳо) ба забони тоҷикӣ дохил шуданд. Онҳо дар луғатномаҳо сабт шуда буданд ва маънои онҳо барои мутахассисони соҳаи муайян ошно буд. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки истилоҳоту калимаҳои соҳавии англисӣ аз доираи контексти махсус берун нарафта буданд.

Имрӯз забони тоҷикӣ бо вазъияти комилан наве рӯбарӯ шудааст, ки онро ҳатто метавон “таҳоҷуми забонӣ” номид. Шояд дар муҳити муосири Тоҷикистон ягон соҳаи фаъолият вуҷуд надошта бошад, ки дар он англисвожаҳо истифода нашуда бошанд, масалан, дар соҳаи таҳсилот (*интенсивӣ, интерактивӣ, магистратура, бакалавр, мастер-класс*), сайёҳӣ (*трансфер, чартер, букинг, Coral travel, Annextour*), хӯрокворӣ (*фудкорт, фри, чикенбургер, микс, фишбургер, маффин, капкейк, кекс*), зебоӣ ва мӯд (*блейдинг, макияж, стилист, лофер, сникерс, ламинатсия*), синамо (*мултиплекс, 3D, трек, спойлер*), мусиқӣ (сингл, тор, рэп), варзиш (паркур, скейтборд, фитнес) ва ғайра. Ҳар рӯз, ҳар як тоҷикзабон, хосатан дар пойтахти кишвар ва марокизи вилоятҳо ва ноҳияҳо, маҷбур аст, ки бо калимаҳои англисӣ дар номҳо ва лавҳаҳои меҳмонхонаҳо (Гранд Ҳател), салонҳои зебоӣ (шугаринг, декапитация),

марказҳои савдо (MegaMall), мағозаҳо (Fashion Man, United colors of Benetton, Design Market), тарабхонаву ошхонаҳо ва ҳатто таомномаи онҳо (KFC, Burger & Smoke дучор гардад.

Вақте кас ба шабакаҳои олами маҷозӣ (интернет) васл мешавад, чунин таассурот пайдо мекунад, ки мавҷудияти луғати англисӣ як меъёри амалии ҷомеаи Тоҷикистон шудааст. Аммо мо мефаҳмем, ки калимаҳои англисӣ ба матнҳои ба забони тоҷикӣ нашршуда мустақилона ва худсарона ворид шуда наметавонанд. Барои ин шароит, замон ва макони муайян лозим аст.

Чунон ки маълум аст, ҷомеа ҷудо аз забон вуҷуд надорад, чунон ки забон ҷудо аз ҷамъият вуҷуд дошта наметавонад. Аммо як қисми муайяни одамон аз рӯйи касб ё нуфузашон (рӯзноманигорон, сиёсатмадорон, ҳунарпешагон …) метавонанд ба омма таъсир расонанд. Истифодаи онҳо аз чунин миқдори зиёди англисвожаҳо, мутаассифона, оммаро ба омӯзиши забони англисӣ водор намекунад, балки боиси гумроҳии фарҳангии аҳолӣ, бахусус насли наврас, мегардад. Ин метавонад минбаъд боиси аз байн рафтани таваҷҷуҳ ба фарҳанги миллӣ ва забони модарии тоҷикӣ гардад.

Раванди воридшавии вожаҳои англисӣ ба забони тоҷикӣ он қадар васеъ ва босуръат аст, ки метавонад ба оқибатҳои манфии бебозгашт барои забонамон оварда расонад. Пешгӯйӣ кардан ғайриимкон аст, ки тамоми вожаҳои феълии англисӣ дар забони тоҷикӣ чӣ гуна реша меандозанд, ё мумкин як падидаи муваққатӣ барои забонамон ва ё ин як навъ арҷгузорӣ ба равандҳои муосири ҷаҳонишавӣ бошад. Намунаҳои гуногуни корбурди англисвожаҳоро дар контекстҳои забони тоҷикӣ омӯхта, мо дар айни замон ду вазифаи асосии вожаҳои англисиро дар забони тоҷикӣ муайян кардем.

Яке аз вазифаҳои асосии калимаҳо дар забон, пеш аз ҳама, номгузории ашё, падидаҳо ва хосиятҳои онҳост. Аввалин ва ягона, ба назари мо, вазифаи қобили қабули луғати англисӣ дар забони тоҷикӣ ин ифодаи номи шайъ ё мафҳуми комилан навест, ки берун аз доираи забони тоҷикӣ ба вуҷуд омадааст. Аён аст, ки чунин рушди босуръати илм, техника ва технологияҳои гуногун, ки то ҳол ҳеҷ гоҳ рух надода буд ва на танҳо одамон, балки забонҳо низ барои мутобиқ шудан ба мафҳумҳо ва падидаҳои нави ҳаёти муосир вақт надоранд, чунин ҳолат комилан табиист. Масалан, солҳои 90-уми садаи XX пайдоиши як худи компютер ва ба Тоҷикистон ворид шудани он дар забони мо калимаҳои зиёди ба ин навъи техника марбутро ба вуҷуд оварда: **компютер, принтер, протсессор, интернет, дивиди (DVD, сиди (CD), дискет, сайт** ва ғайра. Чунин вожаҳо бо зарурат ба забонамон дохил гардиданд, ин талаби замон ва шароит буд. Ё худ, солҳои 2017 – 2018 калимаҳои *биткоин* (Bitcoin) (пули рақамӣ) ва *криптовалюта (*cryptocurrency) (асъори рақамӣ ё виртуалӣ, як воҳиди пул - *coin*), ки мафҳумҳои навро дар соҳаи иқтисодии ҷаҳони муосир инъикос мекунанд, пайдо гардиданд ва истифодаи ин гуна калимаҳои англисӣ дар ин ҳолат комилан мувофиқи мақсад аст:

Муфтиёт: ***Биткойн*** *ҳаром аст. Муфтиёти Қазоқистон бо се далел истифодаи* ***криптовалютаро*** *ҳаром эълон кард (Тоҷикистон, №37, 11.09.2019).*

Дар баробари вожаҳои номбаршуда, ки забони тоҷикӣ ниёз ба қабули онҳоро дорад, боз калимаҳое дучор меоем, ки истифодаи онҳо бе зарурат ба миён омадааст. Масалан, калимаи **сайт**, ки муодили тоҷикии он – **сомона**, кайҳо боз дар забони адабӣ мустаъмал гаштааст, имрӯз ҳам дар газетаҳо ва ҳам дар овезаю тахтаҳои тарғиботӣ истеъмоли васеъ дорад:

Дар ин қисмат дар бораи сафарномаи интернетӣ, хабар дар интернет, блог, коммент, колонкаи муаллифӣ, маводи интерактивӣ, фотолента, форум, фейк, чат, мессенҷер, почтаи электронӣ, ***сайт****, китобхонаи электронӣ ва дар қисмати шабакаҳои иҷтимоӣ ва иртибототӣ перомуни Одноклассники, … маълумот медиҳад (Омӯзгор №40, 10.2021).*

Чунонки ба назар мерасад, вазифаи дуюми англисвожаҳо дар забони тоҷикии муосир иваз кардани калимаҳое мебошад, ки онҳо кайҳо боз дар забонамон мустаъмаланд ва мафҳуму ашёи мавриди номбар қарордодаашонро пурра ифода карда метавонанд. Ин вазифа барои забон ягон маънои луғавию консептуалӣ надорад, балки ҷойи вожаҳои ноби тоҷики-

(сомона) -ро иваз намуда, ба фарҳанги дохилии забон таъсири манфӣ мерасонад. Мутаассифона, истеъмоли ин қабил калимаҳо дар забони зинадаи мардум – дар забони гуфтугӯйии тоҷикӣ дар айни ривоҷ ёфтан аст.

Ин навъ вожаҳоро дар забоншиносӣ варваризмҳо (калимаҳои барбарӣ) номидаанд. Варваризмҳоро профессор Ҳ. Маҷидов ба қабати вожаҳои услуби паст дохил намуда, аз ҷумла мегӯяд: «Ба ҷумлаи калимаҳои услуби паст ҳамчунин як силсила варваризмҳо (юн. bararismos аз решаи barbaros – лаққӣ), ё ки калимаҳои ифодагари мафҳуму эҳсосости барбарӣ низ дохил мешаванд. Калимаҳои барбарӣ, ки ба ҷумлаи калимаҳои мамнӯи хориҷӣ шомил ҳастанд, аз доираи меъёрҳои забони адабӣ берун мемонанд. Истеъмоли онҳо низ дар забони адабиёти бадеӣ бо сабабҳои муайяни услубӣ воқеъ мегардад. Адиб бо истифода аз чунин калимаҳо манзараҳо ва лавҳаҳои муайяни бадеиро, ки услуби интихобкардаи ӯ тақозо дорад, ба вуҷуд меоварад. Маҳз бо ҳамин усул намунаҳои ҷудогонаи калимаҳои барбарӣ, ки дар забони умумихалқӣ маҳфузанд, ба забони адабӣ ворид мешаванд» [8, 152].

Ба гурӯҳи дуюм лексемаҳои англисиеро шомил кардем, ки забони тоҷикӣ бе онҳо осон ва дуруст амал карда метавонад ва истифодаи онҳо асосан дар нутқ бо сабабҳои зерин сурат мегирад:

– надонистани забони англисӣ, аммо хоҳиши худро замонавӣ ва доно нишон додани истифодабарандагон;

– худдорӣ намудан аз муодилҳои дар забони тоҷикӣ мавҷудбуда (*контент, ресепшн, дисконт, супервайзер, фидбэк, фэйк, трансфер, лайфхак, маффин, драйв, гаджет, дивайс, кэшбэк);*

– зарурати баланд бардоштани сатҳи сифат ё эътибори маҳсулоте, ки чандон маъмул нест, таваҷҷуҳ ба як мушкили маъмулии хидматрасонӣ (*хайп, аутлет, сеил-хауз, шоу-рум, дисконт, сток, шуга- ринг, баттл, кастинг, диггер, инженеринг, риэлтор, барбер, аккаунт-менеджер*).

Аз сабабҳои дар боло овардашуда охирон – **баланд бардоштан ва тарғибу ташвиқи маҳсулоти фурӯшӣ ё соҳаи хизматрасонӣ,** мавқеи назаррас дорад. Дар овезаҳо, тахтаҳои электронии тарғиботӣ, лавҳаҳои мағозаҳою марказҳои хизматрасонии кӯчаю хиёбонҳои шаҳри Душанбе калимаҳои хориҷӣ, махсусан англисӣ, ниҳоят зиёд дучор мешаванд, ки мақсади аслии истеъмоли онҳо ҷалб намудани харидорон ва корафтодагон аст. Мавриди корбурд қарор гирифтани аксари онҳо, ба назари мо, мақсаднок набуда, балки нодида гирифтан имкониятҳои забони адабии тоҷикӣ мебошад. Инак баъзе аз онҳоро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳем.

1. Dodo pizza. **Додо** (ба русӣ - дронт) номи парандаи парвознакунанда ва нобудшуда аст. Ватани паранда ҷазираи Маврикий дар уқёнуси Ҳинд мебошад. **Додо** ба оилаи кабутарҳо тааллуқ дошт ва тақрибан як метр қад ва 20 кг вазн дошт. Ғизои асосии он мева будааст ва дар рӯйи замин лона мегузоштааст. Ба питсои тоҷикӣ чӣ алоқа дорад, маълум нест. Питзои дастрас.

2. Lazina beauty -кошонаи ҳусн. Тарҷумаи тоҷикии ин таркиби англисӣ «Лазинаи зебо» аст. Бо ин ном кошонаҳои ҳусн дар Душанбе амал мекунанд ва то андозае бо ин ном мувофиқат мекунанд, аммо чаро Лола, Манижа ё ягон номи дигари занонаи тоҷикӣ нею маҳз Лазина? Кӣ аст Лазина?

3. Baby town – шаҳраки кӯдакон тарҷума мешавад. Бо ин ном низ дар ш. Душанбе мағозаҳо мавҷуданд, ки мизоҷонашон асосан тоҷикзабонанд ва аксари онҳо маънои навиштаҷоти ин лавҳаро намедонанд ва ҳатто дар байни фурӯшандагони ин марказҳо пайдо мешаванд нафароне, ки тарҷумаи тоҷикии «Baby town»-ро намедонанд. Ба назари инҷониб, «Шаҳраки (шаҳрчаи) кудакон» барои ин гуна марказҳо беҳтарин ном мебуд.

4. Device store – «фурӯшгоҳи дастгоҳ» тарҷумаи таҳтуллафзии ин таркиб аст. Бо ҳамин ном маркази хизматрасонӣ мавҷуд аст, ки дар он ҷо асосан намудҳои гуногуни хизматрасонӣ, аз қабили таъмири телефонҳо, компютерҳо ва чопу нусхабардорӣ фаъолият мекунанд, инчунин техникаи компютерӣ низ фурӯхта мешавад.

Ба ҳаминҳо монанд навиштаҷоти зиёде дар маркази тоҷикони дунё – шаҳри маҳбуби тоҷикони олам, Душанбе, ба назар мерасанд, ки фақат бегонапарастиро тарғиб мекунанду халос. Масалан, ба ин номҳо таваҷҷуҳ мекунем: «Fast food» -тез тайёр, «French Bakery» - қаннодии фаронсавӣ, Gentlemen fashion house -либоси мардона, Beauty center - маркази зебоӣ, Zeynab Style - Либосҳои занона, Baby shop- мағозаи кӯдакона, Impero Home, Men zone, New friends, Zig Zag, English home, Coffee & desserts, Southern fried chicken, Green Salads, Perfume Boutique, Coffee Moose, Barber shop, Mom&Kids, The Barber house, Burger chili, Relax, Beauty studio, Sou So, City style, Gulya Gold, Energy drink, Cake house, The frame, Drink king, Wines & spirts.

Хулоса, дуруст аст, ки раванди иқтибосгирии вожаҳои хориҷӣ дар рушди ҳар забон як падидаи табиист. Имрӯз дар дунё забоне вуҷуд надоранд, ки таркиби луғавии он вожаҳои хориҷиро дар бар нагирифта бошад. Тағйироти таркиби забон ҳамеша дигаргуниҳои ҷомеаро хеле дақиқ тавсиф мекунанд. Ҳанӯз дар бораи ҳамаи англисвожаҳо, ки тасодуфан ё ғайритасодуфӣ дар матнҳои тоҷикӣ истифода мешаванд, пажӯҳиши ҷиддӣ сурат нагирифтааст ва мақоми иқтибоси луғавии англисӣ то ҳол мушаххас нашудааст. Раванди иқтибосгирӣ аз забони англисӣ ҳанӯз аз лиҳози тағйироти лексикӣ ва грамматикӣ вақт ва саъю кӯшиши бештарро талаб мекунад. Аммо таъсири фарҳанги ғарбӣ (махсусан Амрико) ба ҷомеаи муосири Тоҷикистон тавассути Интернет, санъати кино, мусиқӣ ва пайдо шудани миқдори зиёди англисвожаҳо дар ВАО-и тоҷикзабон ба инкишофи минбаъдаи забони тоҷикӣ ва боиси дигаргуниҳои фарҳангӣ — арзишҳои ахлоқӣ метавонад таъсири манфӣ дошта бошад. Мақоми фарҳангӣ ва забонӣ ва аҳамияти забони модариро дар ҷомеа баланд бардоштан лозим аст, то ки гуфтори тоҷикӣ, суханронии шаҳрвандони Тоҷикистон ва васоити ахбори омма фаҳмо бошад ва истифодаи вожаҳои хориҷӣ танҳо бо набудани муодили тоҷикии онҳо асоснок карда шавад. Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд номгузории фурӯшгоҳҳо, мағозаю тарабхонаҳо, меҳмонхонаву марказҳои зебоӣ ва дигар муассисаҳои хусусиро таҳти назорати пайваста қарор диҳад, номгузорӣ бояд бо забони ноби тоҷикӣ сурат гирад, то ба забони миллат, ки ҳастии миллат аст, осебе нарасад.

Муқарриз: Музофиршоев М.О., н.и.ф., дотсенти ДМТ

Адабиёт:

1. Акобиров Ҷ. Забони матбуоти имрӯзаи тоҷик// Ҷ. Акобиров. / Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад (маҷмӯи мақолаҳо). – Душанбе: Ирфон, – 2008, – С. 298 – 305.
2. Бердиева Т. Назарияи иқтибос. – Душанбе: «Дониш», 1991. –128 с.
3. Бойко С. А. Англицизмы в современном русском языке: лингвоэкологический аспект // Экология языка и коммуникативная практика. 2014. № 2. С. 32-43.
4. Воробьева С. В. Грамматическая ассимиляция новейших англицизмов в русском языке // Вестник Минского государственного лингвистического университета. Серия 1. Филология. 2009. № 5 (42). С. 178-186.
5. Крысин Л. П. Иноязычное слово в контексте современной общественной жизни // Русский язык конца XX столетия (1985-1995) / ред. Е. А.
6. Луғати тафсирии калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ. / Бо саъю эҳтимоми В. Шарипов. – Душанбе: Нашриёти ЭСТ, 1984. – 376 с.
7. Мамадназаров А. Фарҳанги донишгоҳии англисӣ – тоҷикӣ. – Душанбе: Нодир. – 2003. – 492 с.
8. Маҷидов Ҳомид. Забони адабии муосири тоҷик. – Ҷилди I.– Луғатшиносӣ. – Душанбе, 2007. – 248 с.
9. Назарзода С. Ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ – сиёсии забони тоҷикӣ дар асри XX. – Душанбе: Дониш. –2004. – 303 с.
10. Сковородников А. П. Экология современного русского языка и роль средств массовой информации в этом процессе (тезисы) [Электронный ресурс]. URL: http://gazeta.sfu-kras.ru/node/307 (дата обращения: 25.05.2014).
11. Черноголовина Т. Г., Худякова Н. В. Новейшие англицизмы в современном русском языке [Электронный ресурс]. URL: https://moluch.ru/archive/181/46693/ (дата обращения: 22.03.2018).

ВАЗИФА ВА ВАЗЪИ ВОЖАҲОИ АНГЛИСӢ ДАР ЗАБОНИ ИМРӮЗАИ ТОҶИКӢ

Дар мақола кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки мушкилоти истифодаи бенизоми луғати англисӣ дар ҷомеаи муосири тоҷикӣ баррасӣ гардад, вазифа ва мақоми онҳо дар забони тоҷикии муосир муайян шавад. Саволҳо ба миён меоянд: оё ҳамаи англисизмҳое, ки дар муҳити ҳаррӯзаи русзабонон пайдо мешаванд, луғати гирифташуда ҳисобида мешаванд ва оё ҳамаи англисизмҳои истифодашуда ба забони русӣ хеле зарур аст. Дар асоси таҳлили 100 луғати англисӣ ду гурӯҳи калимаҳо ҷудо карда шуданд, ки аз онҳо як гурӯҳи 32 адад метавонад ба мақоми луғати иқтибосӣ даъво кунанд, аз гурӯҳи дигар дар ҳоле ки забони тоҷикӣ метавонад бе англисвожа кор кунад.

Калидвожаҳо: *англисвожаҳо, лексемаҳои англисӣ, иқтибосоти англисӣ, варваризмҳо, таъсири забонӣ, иқтибосоти хориҷӣ, ассимилятсияи забонӣ, мақоми воҳидҳои забонӣ, функсияи номии воҳиди лексикӣ.*

ФУНКЦИЯ И СТАТУС АНГЛИЦИЗМОВ В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье предпринята попытка обсудить проблему нерегулярного использования английской лексики в современном таджикском обществе, определить их роль и статус в современном таджикском языке. Возникают вопросы: все ли англицизмы, встречающиеся в повседневной среде русскоязычных, считаются заимствованной лексикой и все ли употребляемые англицизмы очень нужны в русском языке. На основе анализа 100 английских словарей были выделены две группы слов, из которых группа из 32 наименований может претендовать на статус цитатного словаря, тогда как таджикский язык может обходиться без английских слов.

Ключевые слова: *англицизмы, английские лексемы, английские заимствования, варваризмы, языковое влияние, иностранные цитаты, языковая ассимиляция, статус языковых единиц, номинальная функция лексической единицы*.

ENGLISH BARBARISMS IN THE MODERN TAJIK LANGUAGE: STATUS AND FUNCTIONS

The article is devoted to the linguistic analysis of the means of information warfare. The material for the analysis is modern English political discourse. Some characteristic methods for modifying the meaning of separate linguistic units as well as larger segments of discourse are analyzed. The novelty of the work is that for the first time linguistic means and techniques of information warfare are singled out with the help of linguostylistic analysis. As a result of the research, the author shows how during the mutual influence of different aspects of the meaning within language unit certain processes occur, such as displacing one meaning with another, dimming the meaning and completely changing the meaning of a linguistic unit, allowing the text to be used for geopolitical purposes.

Keywords: discourse; linguostylistic analysis; expressive means of language; euphemism; information warfare.

Маълумот дар бораи муаллиф: Қурбонов Эраҷ Мулокаримович *– Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти (PhD) кафедраи забони адабии муосири тоҷикӣ. Нишонӣ: Тел.: (992) 888223347. E-mail: kurbonov.e@list.ru*

Сведения об авторе: Курбанов Эрадж Мулокаримович*, Таджикский национальный университет, аспирант кафедры современного таджикского литературного языка. Тел.: (992) 888223347. Электронная почта: kurbonov.e@list.ru*

Information about the author: Kurbanov Eraj Mulokarimovich*, TNU, post-graduate student of the Department of Modern Tajik Literary Language,. Phone: (992) 888223347 Email: kurbonov.e@list.ru*

ТДУ: 809.155.0+802.0

ВАЗИФАИ СИНТАКСИСИИ ИСМ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мелиева З.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Бо муқоиса омӯхтани забонҳо барои амиқтар дарк намудани махсусиятҳои забони модарӣ низ кӯмак мерасонад.

Грамматикаи забон яке аз бахшҳои мураккабтарини он ҳисобида мешавад. Забоншиносон талаб менамоянд, ки ба шарҳи он диққати беандоза бояд дошт.

Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ исм ҳиссаи нутқ ба ҳисоб рафта, ашё ва ашёҳои предметонидашударо ифодагар мебошад. Дар забонҳои мавриди қиёс исм на танҳо ашёҳои ҷондор ва беҷон, балки мафҳумҳои абстрактӣ (маънӣ)-ро низ ифода менамояд. Инчунин, исм дар забонҳои муқоисашаванда дорои категорияҳои грамматикӣ, сохтори дастурӣ мебошад.

Категорияҳои грамматикии исм дар забони тоҷикӣ:

1. Категорияи муайянӣ: Аз ин кӯча одам гузаштааст

2. Категорияи номуайянӣ: Аз ин кӯча **одаме** гузаштааст

Мавриди зикр аст, ки категорияи номуайянии исм дар забони тоҷикӣ ба воситаи артикли **–е** ифода меёбад.

3. Категорияи шумора: танҳо ва ҷамъ: бону –бонувон

Категорияҳои грамматикии исм дар забон англисӣ:

1. Исмҳое, ки шуморида мешаванд, ду шумора доранд:

а. танҳо (singular): book

б. ҷамъ (plural): books

2. Исмҳое, ки ашёҳои ҷондор (ва баъзе ашёҳои беҷонро) ифода менамоянд, ду падеж доранд: падежи умумӣ (the common case) ва падежи соҳибӣ (the genitive case).

Дар мақолаи илмии мазкур муаллиф кӯшиш намудааст, ки исмро тибқи критерияи вазифа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлилу баррасӣ намояд.

Ш. Рустамов қайд менамояд, ки дар ҷумла вазифаи синтаксисии исм мухталиф мебошад. Қабл аз ҳама исм дар ҷумла ба вазифаи мубтадо, пуркунанда, муайянкунанда ва ҳол меояд. Бо вижагиаш он аз дигар ҳиссаҳои нутқ фарқият дорад [6, 102].

Дар забони тоҷикӣ исм вақте ки ба вазифаи мубтадо меояд, хабари ҷумла бо он аз ҷиҳати шахсу шумора мувофиқат менамояд.

В. Л. Каушанкая дар ин ақида аст, ки вазифаи асосии исм дар ҷумла пеш аз ҳама мубтадо ва пуркунанда аст. Аммо он метавонад ба вазифаи муайянкунанда ва предикатив (қисми хабари таркибии номӣ) ояд [3, 19].

Дар забони англисӣ низ хабар дар ҷумла дар бештари мавридҳо бо мубтадо мувофиқат менамояд.

Бо такя ба далелҳои овардашуда, метавон гуфт, ки дар забони тоҷикӣ исм ба вазифаи ҳамаи аъзоҳои ҷумла ва дар забони англисӣ бошад ба вазифаи мубтадо, пуркунанда, муайянкунанда ва предикатив (қисми хабари таркибии номӣ) меояд. Муайян гардид, ки дар забони тоҷикӣ исм пеш аз ҳама ба вазифаи мубтадо ва пуркунанда меояд, ки бо ин хосияташ аз дигар ҳиссаҳои нутқ фарқият дорад.

Ҳоло дар зер вазифаи синтаксисии исмро дар забони тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Дар забони тоҷикӣ ҳамаи намудҳои исм ба вазифаи мубтадо омада метавонанд: исми хос, ҷинс, ҷомеъ ва амсоли инҳо.

1. **Қодиров** Назаровро сахт ба оғӯш гирифта бӯсид. **Ҳоҷиумар** нӯги ришашро ба миёни ангуштонаш гирифта, ба Юнусбой нигоҳ нигоҳ кард. **Акбар** ба муроди хуб расид. **Абӯалӣ** аз ёд мехонад.

Боиси зикр аст, ки дар мисолҳои овардашуда калимаҳои **Қодиров, Ҳоҷиумар, Акбар ва Абӯалӣ** исмҳои хос буда, дар ҷумла ба вазифаи мубтадо омадаанд.

2. **Ҳаммомчӣ** аз паси вай давида рафтанӣ мешавад. **Ҳавлӣ** се хонаю як ошхона ва саҳни хурде дошт. **Телефон** дуру дароз ҷиринғос зад. **Маҷлис** қариб ду-се соат давом кард. **Модар** як бӯсаро аз рӯйи духтар ва дигарашро аз рӯйи писар мегирифт. **Маҷлис** дар нимаҳои рӯз тамом шуд [1, 58].

Дар ин мисолҳо бошад калимаҳои **ҳаммомчӣ, ҳавлӣ, телефон, маҷлис, ва модар** исмҳои ҷинс буда, вазифаи мубтадоро иҷро кардаанд.

3. **Мардум** рост хеста ба боғ даромаданд. **Даста** ба тарафи дигар нигоҳ карда бароҳ даромад. **Тӯда** аз ҷунбиш боз истод. Омадагонро дида **мардум** хомӯш монданд. Инҳоро **мардум** оварда буданд.

Дар инҷо исмҳои **даста, тӯда ва мардум** дар ҷумла ба вазифаи мубтадо омадаанд. Исмҳои мазкур ба гурӯҳи исмҳои ҷинс дохил карда мешаванд.

Дар забони тоҷикӣ бештар исмҳо бо феълҳои ёридиҳандаҳои **будан, шудан ва ҳаст** якҷоя омада хабари номӣ мешаванд. Дар мавридҳои зерин исм ба вазифаи хабари номӣ меояд:

1. Оянда **Қорӣ-Ишкамба буд.** Салим **аъзои комсомол буд.** Ин **саройбони сарои Кавказ буд.** Ин **мард Амонов буд.**
2. Бисёр **колхозҳо миллионер шуданд.** Мардум **коргар шуданд.**
3. Ман муаллими мактаби миёна **ҳастам.** Ба мулки худ чу ҷон **ҳастед пайванд** [1, 66].

Мавриди таъкид аст, ки дар мисолҳои зикргардида, исмҳо бо ёрии феълҳои ёридиҳанда хабари номӣ шудаанд.

Ба вазифаи муайянкунанда исмҳое меоянд, ки ашёро ифода карда метавонанд. Исмҳои хос ва ҷинс дар ҷумла вазифаи муайянкунандаро иҷро карда метавонанд:

1. Чашмони **Зебӣ** ва чеҳраи **Шодигул** аз шавқу шодӣ медурахшиданд. Чашми Зебӣ ба Мастура ва шавҳари ӯ ғалтид. Чеҳраи Ҳоҷиумар саҳл равшан гардид.

Дар мисолҳои болозикр исмҳои хоси **Зебӣ, Шодигул ва Ҳоҷиумар** дар ҷумла ба вазифаи муайянкунандаи соҳибӣ омадаанд.

2. Сухани **командир** бо эътирозҳои сахт бурида шуд. Гуфтугузорҳои **колхозчиён** дар болои мувафаққиятҳои имрӯзаашон мерафт. Ҳавлии колхоз бо колхозчиён пур шуда буд. Сандалии **меҳмонхона** бо оташи ҳезуми зардолу сахт гарм шуда буд.

Дар ин маврид калимаҳои **командир, колхозчиён ва меҳмонхона** дар ҷумла вазифаи муайянкунандаи соҳибиро иҷро кардаанд.

Бештар дар забони тоҷикӣ яке аз вазифаҳои асосии синтаксисии исм ин пуркунанда ба ҳисоб меравад. Исмҳои хос ва ҷинс дар бештар мавридҳо вазифаи пуркунандаро иҷро менамоянд:

1. **Гулрӯро** аз ҳафтсолагӣ ба мактаб доданд. Шодӣ **Каримабонуро** нағз мешинохт. Ин сухани модар **Сафарро** боз ба фикру андешаҳои дигар розӣ кард.

Боиси қайд аст, ки дар ҷумлаҳои боло исмҳои хоси **Гулрӯро**, **Каримабонуро** ва **Сафарро** ба вазифаи пуркунандаи бевосита омадаанд.

2. Писару модар **бобоборо** то берун гусел карданд. Колхозчиён **бригадирро** ба депутатӣ пешниҳод карданд.

Дар ин мисолҳо исмҳои ҷинси **бобо** ва **бригадир,** ки шахсро ифода менамоянд, ҳамчун пуркунандаи бевосита шуда омаданд.

Боиси қайд аст, ки дар забони тоҷикӣ ба вазифаи пуркунандаи бавосита ҳамаи исмҳо (хос, ҷинс, моддӣ, маънӣ ва амсоли инҳо) омада метавонанд:

Дар ҳақиқат Муҳаббат аз хонаи бой ба як сурати сабабӣ халос шуда, бо **Сафар-Ғулом** гурехта рафта буд.Макаров бо **Шодӣ** дар боари чизе бо овози паст ба гап задан сар кард. Ҳошим-Корвон авввалин бор бо **Нуралӣ** ҳамфикр нашуд. Ту бо **Ҳоҷиумар** дар бораи духтараш чи қавлу қарор карда будӣ? Макаров бо ҳамроҳии **Шодӣ** хеста бурен баромад. Ду нафар чӯбдори саллакабуд бо **чӯбдастҳои** дарозашон дарвозаро сахт-сахт мезаданд. Ман **бо одамони худ** рафта аз он гузар мегузарам. **Аз модарам** пурсидам, ки рухсат диҳад то ки ман обе нушида ва ноне хӯрда осуда шавам. Гапҳои Пӯлод ба **падару амакаш** маъқул шуданд. Ҳанӯз фикри ман **ба шоҳидҳо** ва **маънии хатти Арбобҳотам** банд буд [1, 93].

Дар мисолҳои овардашуда, калимаҳои ҷудокардашуда исмҳои хос ва ҷинс буда, вазифаи пуркунандаи бавоситаро иҷро карда истодаанд.

Худат хӯрдан гир, ман шикамамро **аз лӯбиёшӯрак** пур мекунам. Эргаш **бо нӯги дос**, чунон ки дар деворҳои чоҳ кананд, ба ҷои зинапоя чукурчаҳо канд. Агар он китоб мебуд, ман суратҳояшро **ба рафиқонам** нишон медодам. **Аз борон ва ҳавои номусоид** истифода бурда, Соро корҳои тайёрӣ ба иди якуми майро авҷ медод. Бибиоиша вақте Арбобро дид, оби чашмони худро бо **остинаш** пок карда, **аз нолаву** зорӣ хомӯш гардид. Зайнаб **дар ошпазӣ** ҳунарманд буд. Мақсади ҳукумати коргару деҳқони мо ин аст, ки халқи меҳнаткаш зудтар **аз торикиву нодонӣ** халос шавад. бачагиҳои вай ба **бачагиҳои** Дилбар монанд нест. Шумо беҳуда **дар хасисӣ** худатонро якто шумурда гаштагед. Пӯлод **ба ин таклифи** Гулрӯ розӣ шуд.

Аз ин мисолҳо бармеояд, ки дар инҷо исмҳои моддӣ ва маънӣ ба вазифаи пуркунандаи бавосита омадаанд.

Дар забони тоҷикӣ аслан исм бо пешоянду пасоянд дар ҷумла ба вазифаи ҳол омада метавонад:

Дар **қаровулхона** зиндагии Умар **ба хубӣ** мегузашт.

Аспи саманд **арӯс барин** оро дода шуда буд.

Аз мисолҳо бармеояд, ки инҷо исмҳои мазкури **қаровулхона**, **ба хубӣ ва арӯс барин** вазифаи ҳолро иҷро карда истодаанд.

Акнун ба вазифаи синтаксисии исм дар забони англисии муосир назар меафканем.

Тавре, ки дар боло қайд гардид вазифаи асосии исм дар забони англисӣ дар ҷумла пеш аз ҳама мубтадо ва пуркунанда буда, инчунин, он метавонад вазифаи муайянкунанда ва предикатив (қисми хабари таркибии номӣ)-ро иҷро намояд.

Пеш аз он ки мо дар бораи вазифаи синтаксисии исм дар ҷумла сухан ронем, бояд дар бораи падежи исмҳои забони англисӣ маълумот дошта бошем.

Дар забони англисӣ исмҳое, ки ашёҳои ҷондор (ва баъзе ашёҳои беҷон)-ро ифода мекунанд ду падеж доранд:

1. Падежи умумӣ-common case
2. Падежи соҳибӣ-genetive case [3, 28].

Исмҳои забони англисӣ, ки ашёҳои ҷондор (ва баъзе исмҳое, ки ашёҳои беҷонро) ифода мекунанд, ду падеж доранд, шакли тағйирнаёбандаашро падежи умумӣ ва шакли тағйирёбандаашро падежи соҳибӣ меноманд.

Чунончи исм дар падежи умумӣ бандакҳои махсус надорад, алоқаи ӯ бо дигар калимаҳо, ҳангоми набудани пешоянд, асосан аз рӯи мавқеаш дар ҷумла муайян карда мешавад:

The **student** recognized the teacher.

Дар забони англисии муосир падежи соҳибии исмҳо дар шакли танҳо бо роҳи илова намудани -’s ба исм (яъне бо аломати апостроф ва ҳарфи s) сохта мешавад,ки ҳамчун [z], [s] ё [iz], талаффуз карда мешавад, ки мувофиқи ҳамон қоидаҳои талаффузи бандаки -s - и шумораи ҷамъи исмҳо аст:

The girl’s hat –кулоҳи духтар

Jack’s friend- рафиқи Ҷек

Пасванди s бо роҳҳои зерин талаффуз карда мешавад:

[iz] пас аз овозҳои шавшудор: judge’s, whitch’s.

[z] пас аз ҳамсадоҳои ҷарангдор, шавшудор ва садонокҳо: boy’s, man’s, king’s.

[s] пас аз ҳамсадоҳои беҷаранг, шавшудор: Smith’s, count’s, bishop’s.

Дар забони мазкур падежи соҳибии исмҳои шакли ҷамъ бо роҳи танҳо илова намудани апостроф сохта мешавад:

The **boys’** book

The **workers’** tools

Дар мавриде, ки исм дар шумораи ҷамъ суффикси **s** надошта бошад, падежи соҳибӣ ба мисли шумораи танҳо бо роҳи илова намудани ’s сохта мешавад:

The **children's** toys

The **workmen's** tools

Дар забони англисӣ падежи соҳибии исмҳои таркибӣ бо роҳи илова намудани 's ба калимаи охири онҳо сохта мешавад:

The commander-in-**chief's** order

My brother-in-**law's** library

Ҳангоме ки ду ва ё зиёда шахс соҳиби як ё ҳамон ашё маҳсуб ёфта бошад, онгоҳ бандаки падежи соҳибӣ ба исми охир илова карда мешавад:

Peter and Helen's flat is large

Боиси қайд аст, ки дар забони англисии муосир исм ҳам дар падежи умумӣ ва ҳам дар падежи соҳибӣ дар ҷумла ба вазифаи мубтадо омада метавонад:

1. **The moon** was rising in the sky.
2. **Great Britain** lies on the islands [5, 196].
3. **Tears** are words the heart can't express.
4. **Marcellus** slowly turned his heard.

Дар мисолҳои болозикр калимаҳои **The moon**, **Great Britain**, **Tears ва Marcellus** исм дар падежи умумӣ буда, дар ҷумла ба вазифаи мубтадо омадаанд.

1. Mrs. **Gummidge's** was a fretful disposition.
2. Oh, my dear Richard, **Ada's** is a noble heart.

Дар ин мисолҳо бошад вожаҳои **Gummidge's** ва **Ada's** ба вазифаи мубтадо омада, дар падежи соҳиби қарор доранд. Яъне дар ин ҷо ба исмҳои апостроф ва пасванди s илова карда шудааст.

Дар забони англисии муосир исмҳо дар ҷумла дар падежи умумӣ ва соҳибӣ низ ба вазифаи хабар (қисми хабари таркибии номӣ) омада метавонанд.

Ҳоло дар зер якчанд мисолҳоро меорем:

1. She is a **student.**
2. She is a pretty **child.**
3. Is it your **book**?
4. She is in good **health**.
5.. No, it's not mine, it is **Nick's.**
6. The book is my **sister's** [3, 280].

Мавриди зикр аст, ки дар ҷумлаҳои якум, дуюм сеюм ва чорум исмҳои **student, child, book ва health** дар падежи умумӣ ба вазифаи хабар омадаанд ва дар ҷумлаи сеюм ва чорум бошад исмҳои **Nick's ва sister's** дар падежи соҳибӣ вазифаи хабарро иҷро кардаанд. Яъне дар ин мисолҳо исмҳо ҳамҷун предикатив (қисми хабари таркибии номӣ) шуда омадаанд.

Дар забони англисӣ исм ба вазифаи пуркунанда омада метавонад:

1. He met **a friend.**
2. The pilot started **the engine.**
3. I have not read **this book.**
4. He saw **that boy**.
5. We ought to give him **a present,** too.
6. Give me **some water** [4, 204].

Бо такя ба мисолҳо метавон гуфт, ки дар ҷумлаҳои овардашуда, калимаҳои ҷудокардашудаи онҳо пуркунандаи ҷумла мебошанд.

Дар забони англисӣ исм дар ҷумла ҳам дар падежи умумӣ ва ҳам дар падежи соҳиби ба вазифаи муайянкунанда омада метавонад:

1. I recognized him as Dougal Todd, the **village** painter and carpenter.

He was pleased that the girl seemed impressed because it showed **business** instinct.

He wore a large **straw** hat.

The Moscow Metro was once one of **the most beautiful underground railways in the whole world**.

Мавриди таъкид аст, ки дар ин мисолҳо исмҳо дар падежи умумӣ буда, ба вазифаи муайянкунанда омадаанд.

2. **Her father's** nerves would never stand the disclosure.

I low could he go up to Oxford now, among all those clups, those splendid friends **of Crum's?**

Мавриди қайд аст, ки дар ин мисолҳо бошад исмҳо дар падежи соҳибӣ қарор дошта, вазифаи муайянкунандро иҷро намудаанд.

Дар забони англисӣ инчунин баёния низ арзи ҳастӣ мекунад, ки дар ҷумла бо исм ифода ёфта метавонад:

1. This is **Doctor Brown.**

2. My elder brother Tom is a university student [4, 217].

Қобили зикр аст, ки дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ исм он ҳиссаи нутқест, ки ашё ва ашёҳои предметонидашударо ифода мекунад. Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дорои вазифаҳои синтаксии хеш мебошад. Дар забони тоҷикӣ исм ба вазифаи ҳамаи аъзоҳои ҷумла омада метавонад. Яъне, ба вазифаи мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол меояд. Дар забони англисӣ бошад исм дар ҷумла пеш аз ҳама ба вазифаи мубтадо, пуркунанда меояд. Инчунин, он метавонад вазифаи муайянкунанда ва хабар (предикатив - қисми хабари таркибии номӣ)-ро дар ҷумла иҷро кунад. Умумият дар он зоҳир мегардад, ки дар ҳарду забони мавриди назар исм дар ҷумла пеш аз ҳама мубтадо ва пуркунанда шуда меояд. Фарқияти асосӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар забони тоҷикӣ исм ба вазифаи ҳамаи аъзоҳои ҷумла ва дар забони англисӣ бошад ба вазифаи мубтадо, пуркунанда, муайянкунанда ва хабар (қисми хабари таркибии номӣ) меояд. Хосияти муҳимми дигари исм дар он аст, ки дар ҳар ду забони мавриди қиёс он пеш аз ҳама ба вазифаи мубтадо ва пуркунанда меояд, ки бо ин вожагиаш дар ҷумла аз дигар ҳиссаҳои нутқ фарқ мекунад.

Муқарриз: Ҳамроев О., н.и.ф.

Адабиёт:

1. Ниёзмуҳаммадов, Б. Забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Ирфон, 1970. – 268 с.
2. Каменский, А.И., Каменская И.Б., Практическая грамматика английского языка.: Справочное пособие для неязыковых вузов. – Часть 1. -Харьков: ИНЭМ, 2002. – 278 с.
3. Каушанская, В.Л. Грамматика английского языка. Пособие для студентов педагогических институтов / В.Л. Каушанская, Р.Л. Ковнер, О.Н. Кожевникова, Е.В. Прокфьева и др. – 5 – е изд. испр. и доп. – М.: Айрис – пресс, 2008. – 384 с
4. Качалова, К.Н. Практическая грамматика англиского языка.-М.: Высшая шқола, 2002. - 365 с.
5. Расторгуева, Т.А. История английского языка: Учебник. – М.: Высшая шқола, 1983. – 347 с.
6. Рустамов, Ш. Граматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. –Душанбе: Маориф, 1982. – 465 с.
7. Partridge E. Origins: A short etymological dictionary of modern English. – London, 1958.
8. Quirk R. An Old English grammar. – London: Methuen, 1955. – 166 p.
9. Reszkiewicz A. An Old English reader (7^{th} – 11^{th} centuries). – Warszawa, 1973. – 146 p.
10. Smith, C.A. Anglo-Saxon grammar and exercise book. With inflections, syntax, selections for reading and glossary. – New York: Allyn and Bacon, 1896. – 193 p.

ВАЗИФАИ СИНТАКСИСИИ ИСМ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақолаи зерин ба забоншиносии муқоисавӣ бахшида шудааст. Дар мақола сухан дар бораи вазифаи синтаксисии исм дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ меравад. Яъне, таҳлили исм аз рӯйи критерияи вазифа ба ҳисоб меравад.

Мақсади мақола таҳлилу баррасии вижагиҳои умумии вазифаи синтаксисии исм дар забонҳои матраҳшаванда мебошад. Барои ноил шудан ба мақсад муаллиф дар ибтидои мақола назарияи вазифаи синтаксисии исмро дар забонҳои муқоисашаванда пешниҳод менамояд. Муаллиф зимни баррасӣ исмро аз рӯйи критерияи вазифа дар забонҳои муқоисашаванда, умумият ва фарқияти онҳоро низ нишон додааст.

Дар қисми якуми мақола муаллиф барои расидан ба ҳадафи асосӣ вазифаи синтаксисии исмро дар забони тоҷикӣ ба риштаи таҳқиқ кашида бо мисолҳо асоснок намудааст.

Дар қисми дуюми мақола муаллиф вазифаи синтаксисии исмро дар забони англисӣ баррасӣ намудааст.

Дар хулосаи мақолаи илмии мазкур муаллиф ақидаҳои зикргардидаро ҷамъбаст намуда, оид ба вазифаи синтаксисии исм дар ҷумлаҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хулосаи хешро мебарорад. Инчунин, умумият ва фарқиятҳои вазифаи синтаксисии исм дар ҷумлаҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар хулосаи мақолаи илмии мазкур дарҷ гардидааст.

Калидвожаҳо: *забон, тоҷикӣ, англисӣ, забоншиносии муқоисавӣ, грамматика, синтаксис, исм, вазифа, ҷумла, мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда, ҳол.*

СИНТАКСИЧЕСКАЯ ФУНКЦИЯ СУЩЕСТВИТЕЛЬНОГО В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Данная статья посвящена сравнительному языкознанию. В статье говорится о синтаксической функции существительного в таджикском и английском языках. То есть анализ существительного рассматривается по критериям задачи.

Цель статьи – проанализировать и обсудить общие особенности синтаксической функции существительного в рассматриваемых языках. Для достижения цели в начале статьи автор представляет теорию синтаксической функции существительного в сопоставляемых языках. Автор, рассматривая существительное с точки зрения функционального критерия в сопоставляемых языках, также показывает их общность и различие.

В первой части статьи для достижения основной цели автор исследовал синтаксическую функцию имени существительного в таджикском языке и обосновал ее примерами.

Во второй части статьи автор рассмотрел синтаксическую функцию существительного в английском языке.

В заключении данной научной статьи автор обобщает изложенные идеи и делает вывод о синтаксической функции существительного в таджикском и английском предложениях. Также в заключении данной научной статьи перечислены сходства и различия синтаксической функции существительных в таджикском и английском предложениях.

Ключевые слова: *язык, таджикский, английский, сравнительное языкознание, грамматика, синтаксис, существительное, функция, предложение, подлежащее, сказуемое, определение, дополнение, обстоятельство.*

SYNTACTIC FUNCTION OF A NOUN IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article is devoted to comparative linguistics. The article talks about the syntactic function of a noun in the Tajik and English languages. That is, the analysis of the noun is considered according to the criteria of the task. The purpose of the article is to analyze and discuss the general features of the syntactic function of a noun in the corresponding languages. To achieve the goal, at the beginning of the article the author presents the theory of the syntactic function of the noun in the compared languages. The author, considering the noun from the point of view of a functional criterion in the compared languages, also shows their commonality and differences.

In the first part of the article, to achieve the main goal, the author examined the syntactic function of a noun in the Tajik language and substantiated it with examples

In the second part of the article, the author examined the syntactic function of a noun in English.

In the conclusion of this scientific article, the author summarizes the ideas presented and draws a conclusion about the syntactic function of the noun in Tajik and English sentences. Also, the conclusion of this scientific article lists the similarities and differences in the syntactic function of nouns in Tajik and English sentences.

Keywords: *language, Tajik, English, comparative linguistics, grammar, syntax, noun, task, sentence, ssubject , news, atribute , object, case.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Мелиева Зӯҳро *- Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, омӯзгори кафедраи филологияи англис. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: 93-330-93-36, E-mail: zuhromelieva701@gmail.com*

Сведения об авторе: Мелиева Зухро *– Таджикский ммеждународный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, преподаватель кафедры английской филологии. Адресс: : 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6. Тел.:93-330-93-36, E-mail: zuhromelieva701@gmail.com*

Author information: Melieva Zuhro *– Tajik International University of Foreign Languages of named after Sotim Ulughzoda, teacher of the Department of English Philology. Adress: 17/6, Muhammadiev str., Dushanbe, 734019, Republic of Tajikistan, phone: 93-330-93-36, email: zuhromelieva701@gmail.com*

ТДУ: 413.161

ОККАЗИОНАЛИЗМҲО ВА ИФОДАИ МАВҚЕИ МУАЛЛИФ ДАР ОНҲО (ДАР АСОСИ МАТНҲОИ ШЕЪРӢ)

Музофиршоев М.О.
Донишгоҳи милии Тоҷикистон

Таҳлили пайдоиш ва фаъолияти воҳидҳои окказионалӣ дар осори илмии бисёре аз забоншиносони хориҷӣ, хусусан рус – В. В. Лопатин., Н. Г. Бабенко., Т. В. Попова., Е.Н. Ремчукова., Н.З. Котелова., Б.А. Успенский ва ғайра мавзуи марказии таҳқиқот қарор гирифтааст. Забоншиносони муосир вобаста ба дигаргуниҳое, ки дар забонҳои ҷаҳон дар охири садаи ХХ — ибтидои асри ХХ1 ба амал омадаанд, ба ин масъала таваҷҷуҳи зиёд доранд. Аммо, сарфи назар аз таваҷҷуҳи хосаи забоншиносон ба ин падида, он то ҳол дар марҳилаи ибтидоии рушд боқӣ мемонад. Шояд ин аз он сабаб бошад, ки окказионализмҳоро дар аксар мавридҳо ба сифати воҳиди забон эътироф намекунанд, онро хориҷ аз меъёрҳои забони адабӣ, падидаҳои хориҷӣ ва ё хусусияти услуби хоси баъзе шоирон мешуморанд [17, 210-217]. Аксар забоншиносон мутаносибан ин навъи луғатҳоро чун маводи амалии иловагӣ қабул карда, онҳоро аз доираи воҳидҳои забонӣ ҷудо мекунанд.

Дар ин маврид назари В.А. Кухаренко мутафовуттар аст. Ӯ тавсифи дақиқтари чунин воҳидҳоро дода, аз ҷумла мегӯяд: «Бо сабаби омезиши ғайриодии морфемаҳои воҳидҳои окказионалӣ онҳо на танҳо таваҷҷуҳро ба падидаи таъйиншуда ҷалб мекунанд, балки роҳи сарфакоронаи ифодаи онро низ нишон медиҳанд. Окказионализми яквожагӣ ҷойи иборaи тавсифии томро мегирад» [5, с. 25]. Вобаста ба хусусияти зикршуда ин навъи воҳидҳои забонӣ ҳангоми истифода дар матн ба ифодаи мавқеъ ва дидгоҳи субъективии муаллиф нисбат ба шайъи тасвир бевосита алоқаманд аст. Таҷрибаи фавқулоддаи инфиродӣ тарзи ғайристандартии баёнро талаб мекунад ва аз ин рӯ, истифодаи воҳидҳои окказионалӣ аз ҷиҳати прагматикӣ (мувофиқати шаклию маъноии дастурӣ) шартӣ мегардад. Ва бо дарназардошти гуногунии услубии муосир дар адабиёт, журналистика (аз ҷумла нашрияҳои интернетӣ) ва хоҳиши бисёре аз муаллифон ба асолат ва шаклҳои нави баён, аҳамияти омӯзиши шеваҳои фаъолияти луғатҳои мансуб ба фард ҳамчун падидаи системавӣ дар матнҳои навъҳои гуногун зиёд шуда истодааст.

Вобаста ба гуфтаҳои боло ҳадафи кори мо таҳлили истифодаи воҳидҳои луғавии окказионалӣ ҳамчун воситаи ифодаи дидгоҳи муаллиф нисбат бар образи матни бадеии манзум мебошад.

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф ҳалли вазифаҳои зеринро зарур медонем:

- шарҳ додани мафҳуми воҳиди окказионалӣ;
-муқаррар намудани хусусиятҳои экспрессивии воҳидҳои окказионалӣ;
- таҳлили қонунияти амалкарди луғатҳои окказионалӣ.

Истилоҳи окказионализм (аз лотинии occasio — «тасодуф», франсузӣ — «тасодуфӣ») калимаҳои алоҳидаеро ифода мекунад, ки фақат мансуб ба матни додашуда буда, барои як лаҳзаи амали нутқи додашуда сохта шудаанд [5, с. 26]. Аммо, аз рӯйи мушоҳидаи мо, луғатҳои мазкурро комилан тасодуфӣ гуфта наметавонем. Аксари онҳо аз тарафи адиб ба муносибат ё сабабе сохта мешаванд. Ба ҳар ҳол, окказионализмҳо ба воҳидҳои дигари забон, ки дар нутқ мукаррар истеъмол мешаванд, мухолифанд.

Норавшании хусусияти воҳидҳои номинативии окказионалӣ пеш аз ҳама аз он шаҳодат медиҳад, ки то ҳол таърифи умум эътирофшудаи калимаи окказионалӣ дар забоншиносии ҷаҳон вуҷуд надорад. Дар адабиёти илмӣ оид ба ин масъала чунин таърифҳо дида мешаванд: **наввожаҳои адиб, наввожаҳои бадеӣ, наввожаҳои эҷодӣ, наввожаҳои услубӣ, наввожаҳои алоҳида, калимаҳои худсохт, калимаҳои шаҳобӣ (метеоритӣ), калимаҳои якрӯза, эологизмҳо, наввожаҳои алоҳидаи муаллифӣ, асарҳои эҷоди нутқи инфиродӣ, навовариҳои эфемерӣ** [3, 5; 8, 27].

Мо, дар забони тоҷикӣ, онҳоро вожаҳои мавридӣ ва фардвожаҳо ном бурдаем. Ҳар кадоме аз ин номҳо яке аз паҳлуҳои фаъолияти ин воҳидҳои номинативиро инъикос

мекунанд, бинобар ин, чунин мешуморем, ки истилоҳи **окказионализм** маъмултарин ва камбаҳсбарангезтар дар адабиёти илмии забоншиносӣ барои тавсифи ин падида мувофиқтар аст.

Муҳаққиқони масъалаҳои неологияи муосир таъкид мекунанд, ки «калимаи окказионалӣ воҳиди сирф нутқ аст» ва «мансубият ба нутқ муҳимтарин хусусияти ин гуна калимҳо мебошад» [5, с. 29]. Дар забонҳои русӣ ва аврупоӣ ин ҳукм то андозае дуруст буда метавонад, вале бояд хотирнишон кард, ки бо муқобил гузоштани забон ва нутқ на ҳодисаҳои мухталиф, балки шаклҳои гуногуни зуҳуроти як моҳият дар назар дошта мешавад: забонро танҳо дар шакли фаъолияти нутқи шахс мушоҳида кардан мумкин аст. Бо вуҷуди он ки фаъолияти воҳидҳои окказионалӣ ба далелҳои нутқ дахл дорад, мо бояд онҳоро аз мақоми падидаҳои забонӣ маҳрум насозем, зеро офаридани онҳо на танҳо эҳтиёҷоти суханвар тавассути воситаҳои нави баён мебошад, балки натиҷаи он аст, ки системаи забон гӯяндаро бо мавод ва воситаҳои зарурӣ таъмин менамояд, яъне тавлиди окказионализмҳо ба меъёр ва қонуниятҳои хоси забонӣ асос ёфтааст [5, с. 53]. Инро дар мисолҳои зерин мушоҳида кардан мумкин аст:

Дил аз каҷравони **равонкаҷ** гирифт,
Най овар, ки аз чангам ояд шигифт [11, 38].

Вожаи «равонкаҷ» аз калимаҳои маъмули забон бо он фарқ мекунад, ки ду паҳлуи хос дорад: офаранда (муаллиф) ва сабаб (роз, сирр). Асрори тавлид ва маъноеро, ки ин воҳиди луғавӣ ифода мекунад, танҳо хонандаи нуктадон ва бо забони адабии тоҷикӣ мусаллат кушода метавонад.

Вожаи **каҷрав** аслан сифат аст, вале дар байти боло ба мисли теъдоди калони сифатҳо (ҷавон, пир, гадо, доро…) исм − «субстантиватсия» шуда, ба маънои «одами аз роҳи рост мунҳарифшуда, фиребгар» далолат мекунад. **Равонкаҷ** бошад, ҳамчун сифат ба маънои «бад, дилсиёҳ, бадхоҳ; бадахлоқ; девона» омада, эҳсосот ва муносибати модалии гӯяндаро возеҳтар ифода мекунад. Мазмуни байт: аз одамони равонкаҷ дилгир (малул, хаста) шудам, аз каҷрафторию каҷфаҳмию каҷкирдории онҳо ҳатто ба асбоби мусиқии дилнавоз – чанг, ки шакли каҷ − хам дорад, нафрат пайдо кардаам.

Окказионализмҳоро баъзе забоншиносон барои он моли забон ҳисоб намекунанд, ки онҳо гоҳо берун аз баъзе меъёрҳои забон сохта мешаванд. Масалан, шоир Аскар Ҳаким пасвандҳои бемаҳсули -сор ва -лохро истифода намуда вожаҳои **гиллох** ва **одамсор** сохтааст. Дар хусуси ин пасвандҳо дар грамматики академикии тоҷик омадааст:

«Суффикси **-сор** бемаҳсул аст, вай танҳо бо чанд исми конкрет омада, макон ва фаровонии онҳоро мефаҳмонад: **кӯҳсор, чашмасор, шохсор**.

«Суффикси **-лох** бемаҳсул мебошад, вай танҳо бо чанд калима омада, макон ва фаровонии онҳоро нишон медиҳад: **санглох, пустлох** (девлох, рӯдлох, оташлох, архаистианд)» [4, с. 156].

«Суффиксҳои -огин, **-осо** (со), **-ваш, -фом, -сор** бемаҳсуланд. Онҳо аз исмҳо сифат месозанд, ки ба маънои асоси калима монанд будани аломатро мефаҳмонанд: **мӯи атрогин, одами дарвешваш, духтари париваш, нигоҳи барқосо, мӯи анбаросо, рухи гулфом, сахрои зумрадфом, марди хоксор, зулфи сумансо**» [4, с. 201].

Калимаҳои **гиллох** ва **одамсор** ба меъёри калимасозии тоҷикӣ мувофиқ бошанд ҳам, аммо аз лиҳози шаклу маъно вожаҳои як андоза ғайримаъмуланд ва ба чашми хонандаи ҳатто таҳсилдида ҳам бегонагӣ мекунанд:

Пайраҳи деҳ мегуфт,
Гарчи ман каҷмакаҷу тангаму лою **гиллох**,
Барамат рост ба дунёи фарох [1, с. 15].

Дар чаҳ афканда Юсуфи афгор
Даҳ бародар – дадони **одамсор**,
Бар падар ин дурӯғро гуфтанд,
Ки варо пок хӯрд гурге ҳор [1, с. 20].

Аз ин рӯ, ҳарчанд воҳидҳои окказионалӣ ба меъёрҳои муайяни забонӣ чандон мувофиқат накунанд ҳам, аммо онҳо ба воситаи ин меъёрҳо тавлид мешаванд, зеро муаллиф барои эҷоди воҳидҳои мавриди ниёзи худ аз унсурҳои забонии мавҷуда истифода мекунад: «Асолат дар интихоби воситаҳои забонӣ, майли навсозии иттилоот ва бозиҳои забонӣ, мунтазам ва пайваста дар нутқи он соҳибони забон, ки меъёрҳои қонунӣ ва ҳама навъҳои амалкарди забонро пурра медонанд, зоҳир мегардад» [5, с. 69]. Бешубҳа, барои матнҳои бадеии манзум басомади истифодаи чунин воҳидҳо бештар аст ва бисёре аз муаллифон имкони ифодаи онҳоро ба дараҷаҳои гуногун истифода мебаранд.

Окказионализмҳо воҳидҳои мукаммали забон мебошанд ва аҳаммияти онҳо дар матне, ки мавриди корбурд қарор гирифтаанд, муайян карда мешавад. Ба қавли Е. Н. Ремчукова «Дар заминаи як баёни воқеан халлоқона татбиқи вижагиҳои флексионии русӣ на танҳо бар маъноҳои дастурӣ, балки бар маъноҳои луғавии шакли калима мутакӣ аст ва мумкин аст, ки бо «афзоишҳои маъноӣ»-и гуногун ҳамроҳ шаванд» [10, с. 30]. Бо ин гуфтаҳо розӣ шуда, илова мекунем, ки дар забони тоҷикӣ афзояндаи маъноӣ нисбат ба вожаҳои маъмулӣ бо ғанигарии бештари маъноии окказионализм ва бори эҳсосии онҳо алоқаманд аст, ки ифоданокии ин навъи воҳидҳоро муайян мекунад. Ба таври дигар гӯем, вазифаи воҳидҳои номинативии окказионалӣ равшансозии тобишҳои эҳсосотӣ ва образнок аст, онҳо ҳамеша дар вижагиҳои субъективии образ чунин хусусиятҳоеро ошкор месозад, ки мақсад ва матлаби муаллифашонро ифшо месозанд, лекин дар таркиби луғавии забон вуҷуд надоранд. Ва воҳидҳои номинативии окказионалӣ ҳамеша диққати хонандаро ба худ ҷалб мекунанд, зеро онҳо ба таҷрибаи забонии ӯ андаке бегонагӣ мекунанд:

Агар бегоҳи ту байтулҳазан шуд,
Илоҳо, ту пагаҳ **байтулҳасан** бош. [1, с. 13].

Вожаи **байтулҳазан** ба хонандаи таҳсилдида ва ба забони адабии тоҷикӣ мусаллат ошност ва агар нофаҳмо бошад ҳам, онро аз луғатномаҳои тоҷикӣ дарёфт намудан мумкин аст. Аммо вожаи **байтулҳасан** мазмунан фаҳмо бошад ҳам, дар фарҳангҳои тоҷикию форсӣ дода нашудааст, он сохтаи муаллифи шеър (Аскар Ҳаким) мебошад.

Окказионализмҳои баландмазмуни бадеӣ ва аз ҷиҳати эстетикӣ нозук ва латиф воситаҳои муҳимми матнсозӣ мебошанд, ки аз муодилҳои маъмули худашон бо қобилияти фавқулоддаи маъноӣ фарқ мекунанд.

Гарчи ман кӯтоҳдастам, **кӯтаҳармон** нестам,
Гарчи ман кӯтоҳумрам, **кӯтаҳимон** нестам.

Дар ин пораи ғазал шоир Лоиқ ду вожаи ҳамвазну ҳамқофия ва ҳамшаклро сохтааст: кӯтоҳармон ва кӯтоҳимон.

Бинобар ин окказионализмхо бевосита ба хусусияти бемонанд ва фавқулодда соҳиб будани субъекти образ ишора мекунанд.

Кашфи окказионализм дар матн хонандаро водор месозад, ки сари воҳиди ношинос бозистад ва онро дарк кунад, ин ба муаллиф имкон медиҳад, ки дарки матнро роҳнамоӣ кунад. Аз ин рӯ, шакли ғайриоддии окказионализм яке аз шартҳои зарурии фаъолияти мақсадноки он ба шумор меравад: ин амалкард чашмро ба як лаҳза аз «давидан» дар матн боз медорад [6, с. 186], хонанда бо вожаҳои барояш ноошно вомехӯрад, ки дарк ва тафсири онҳо аз ӯ заҳмати иловагиро талаб мекунад. Масалан, дар абёти зер шоир вожаи **нота** (лот. nōta — «аломат», «нишона»), ки дар мусиқӣ нишонаи графикии садоҳои мусиқӣ мебошадро ба талабот ва шароити назм дар шакли **нут** ба кор бурдааст.

Зиндагӣ **нути** ҳазорон савту оҳанг аст,
Чун муғаннӣ боядаш бинвохт,
Шод бояд буд,
Шод бояд сохт... [1, с. 7].

Аслан, калимаи мазкур дар забони тоҷикӣ ҳам **нота** аст, аммо азбаски дар мисраъҳои боло дар шакли **нут** омадааст, ба чашми хонанда бегона менамояд ва ӯ маҷбур аст, ки лаҳзае аз хондан бозистад. Ин тарзи ифодаи мавқеи муаллиф ба таври куллӣ мантиқист: «Бозии морфема аз назари амалкард (функсионалӣ) ба бозии калима шабоҳат дорад: вай ҳам

модалияти равшан ифодаёфтаи муаллифро, чун коида, бозии киноя ё танзро ифода мекунад» [3, с. 26]. Мо дар ин ҷо илова мекунем, ки тибқи мушоҳидаҳои мо, модалияти муаллиф, ки бо воҳидҳои окказионалӣ ифода ёфтааст, на танҳо ҳадафҳои ҳаҷвӣ ё кинояро пайгирӣ менамояд, балки метавонад гуногунтар аз он, яъне фоҷеъавӣ, драмавӣ, тантанавӣ ва ғайра низ бошад.

Таснифоти мавҷудаи окказионализмҳо онҳоро бо соҳаҳои забон, ба монанди овошиносӣ, луғатшиносӣ, грамматика алоқаманд месозад. Ин таснифот бар мабнои нишондиҳандаҳои расмӣ (пеш аз ҳама морфемаҳо) асос ёфтаанд. Агар окказионализмҳоро аз ҷиҳати функсионалӣ (амалкардашон) баррасӣ намуда ва эътироф кунем, ки мақсади онҳо таъсиррасонӣ ба мухотаб аст, пас бояд розӣ шавем, ки ҳамаи окказионализмҳо пеш аз хама воҳидҳои маъноӣ буда, маҳз «афзоишҳои маъноӣ» аз ҷиҳати маъниашон дар контекст татбиқи расмии онҳоро талаб мекунанд. Аз ин нуқтаи назар ба чанд мисол рӯ меорем:

Ин мабодо, ки чанд **танхоҳаш**
Дидбонӣ кунад сари роҳаш,
Кори махфӣ чу ошкор шавад,
Охирин чора бебарор шавад [2, с. 104].

ТАНХОҲ 1 تن خواه. пули нақд, зар, мол, давлат; маош, музд, дастмузд. 2. таър. замин ва обе, ки амир ихтиёр ва даромади онро ирсан ба касе вогузор мекард; танхоҳ додан заминеро ирсан ба ихтиёри касе вогузор кардан; танхоҳ хӯрдан бо даромади танхоҳ рӯз гузарондан. [15, с. 310].

Калимаи мазкур дар дигар луғатномаҳои дастраси мо низ ба ҳамин маъноҳо тафсир гардидааст. Устод М. Қаноат, ба мисле ки аз маънои байт маълум мешавад, ба ин вожа маънои «посбон, нигаҳбон»-ро додааст.

Мисолҳои таҳлилшуда асосҳои розӣ шудан ба гуфтаҳои М.В. Ляпонро медиҳанд, ки «фаъолияти харобиовар ва эҷодкори одами эҷодкор, ки қодир аст, нукоти заъфи системаи забонро устокорона ба даст оварад ва он чиро, ки аз назорати кодификатор дур мондааст, истифода барад, иқдоми онро мекушояд. имкони омӯзиши услуби тафаккури зиддидогматики, муқоисаи роҳҳои гуногуни муқобилат бо қолабҳои забонӣ» [5, с. 343].

Бо дарназардошти воҳидҳои окказионалӣ дар як қатор падидаҳои аввалан семантикӣ, бояд қайд намуд, ки онҳо метавонанд аз рӯйи навъи қисматҳои муҳимтарини нутқ сохта шаванд, аз ин рӯ, фаъолияти онҳо дар сатҳи синтагматикӣ ба хосиятҳои грамматикии луғавии мувофиқ вобаста аст. Мутобиқан, воҳиди номинативии окказионалӣ имкониятҳои ифодакунандаи хоси гурӯҳи муайяни калимаҳоро ба даст меорад.

Зи таъну уҷби **ситорамаобҳо** нарамидӣ,
Ту, **осмонитаборо**, чунин фиканда гирифтӣ [11, с. 88].

Мегӯ бар он **чашмобиён**, он селаи мурғобиён.
Ин як паёми мухтасар - камтар зи дарё нестем [11, с. 90].

Эҷоди воҳидҳои окказионалӣ ва ба матн дохил шудани онҳо яке аз василаҳои баёни мавқеи муаллиф аст. Иқтидори ифодаи чунин воҳидҳо ба таври умум эътироф шудааст, ки аз ҷумла, аз он шаҳодат медиҳад, ки ин воҳидҳо аз ҷониби ҳамаи муаллифоне, ки матнҳои онҳо ҳамчун мавод барои таҳлил хидмат кардаанд, кам ё бештар истифода мешаванд. Таҳлили фаъолияти воҳидҳои окказионалӣ дар матни бадеӣ низ моро бовар мекунонад, ки корбурди онҳо дар асар аз ҷиҳати грамматикӣ, маъноӣ ва прагматикӣ муайян карда мешавад. Онҳо воситаи инъикоси тачрибаи муаллифи алоҳида, натиҷаҳои дониши шоир дар бораи олами объективӣ мебошанд.

Гузаштам бо ту оташро, буридам бо ту дарёро,
Самандарфитрати ман, ҳам наҳанги хунфишони ман [11, с. 97].

Муаллифон дар матни худ воҳидҳои навро истифода бурда, ба назар чунин менамояд, ки хонандаро ба эҷоди муштарак даъват мекунанд, зеро тафсири маънои калимаҳои окказионалӣ аз қабулкунанда талаб мекунад, ки матнро ба таври худкор дарк кунад. Дар баробари ин, чунин вожасозӣ тавоноии низоми забонро нишон дода, истифодаи чунин

вожаҳоро на танҳо дар матнҳои адабӣ, балки дар матнҳои публитсистӣ ва рӯзмарра низ водор месозад. Дар баробари ин хонанда дар фаъолияти нутқи худ, ба эҳтимол, ба таҷрибаи шахсии худ такя мекунад, яъне ба намунахои эҷодии воситаҳои ифодаи ба худ маълум пайравӣ мекунад.

Умуман, таҳлили муназзами шаклҳои ташаккул ва фаъолияти луғавии окказионализмҳо чун воситаҳои ифодаи мавқеи муаллиф дар ҷиҳати прагматикӣ низ барои муайян намудани роҳҳои инкишофи шахсияти забоншиносии муосир кӯмак мерасонад.

Насруллоев М., н.и.ф., дотсент

Адабиёт:

1. Аскар Ҳаким. Маҷмуаи осор. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 492 с.
2. Ахтарони адаб. Ҷ. 47. – Душанбе, «Адиб», 2020. - 480 с.
3. Бабенко Н. Г. Окказиональное в художественном тексте. Структурно-семантический анализ: учебное пособие / Н. Г. Бабенко. - Калининград: Калинингр. ун-т, 1997. - 84 с.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Душанбе: Дониш, 1985, 356 с.
5. Кухаренко В. А. Интерпретация текста / В. А. Кухаренко. - 2-е изд., перераб. - М.: Просвещение, 1988. - 192 с.
6. Ляпон М. В. Антинорма и идионорма: интуитивная лингвистика стилесозидающего субъекта / М. В. Ляпон // Русский язык сегодня. Вып. 4. Проблемы языковой нормы: сб. статей / Ин-т рус. яз. им. В. В. Виноградова РАН. - М., 2006. - С. 342-351.
7. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов, - Душанбе, 2007. - 243 с.
8. Михайлов А. А. Мир Маяковского. - М.: Современник, 1990. - 464 с.
9. Попова Т. В. Неология и неография современного русского языка / Т. В. Попова, Л. В. Рацибурская, Д. В. Гугунава. - М.: Флинта: Наука, 2005. - 168 с.
10. Ремчукова Е. Н. Креативный потенциал русской грамматики / Е. Н. Ремчукова. - М.: Изд-во РУДН, 2005. - 329 с.
11. Рустами Ваҳҳоб. Шаҳри Хуршед. – Душанбе, 2008. - 167 с.
12. Скляревская Г. Н. Метафора в системе языка. - СПб., 1993. - 315 с.
13. Успенский Б. А. Ego Loquens: Язык и коммуникационное пространство / Б. А. Успенский. - М.: Российск. гос. гуманит. ун-т. 2007. - 320 с.
14. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. - Душанбе, 2008. - 950 с.
15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. - Душанбе, 2008. - 945 с.
16. Шералӣ Лоиқ. Куллиёт. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1. /Лоиқ Шералӣ. Ашъор - Душанбе, «Адиб», 2008. - 560 с.
17. Юрина Е. А. К вопросу об интерпретации термина «языковой образ» в лексической семантике // Вестник ТГУ: Общенаучный периодический журнал. Бюллетень оперативной научной информации. - 2004. - № 38. - Ноябрь. - С. 6-24.

ОККАЗИОНАЛИЗМҲО ВА ИФОДАИ МАВҚЕИ МУАЛЛИФ ДАР ОНҲО (ДАР АСОСИ МАТНҲОИ ШЕЪРӢ)

Дар мақола қонуниятҳои фаъолияти воҳидҳои номинативии окказионалӣ ҳамчун воситаи инъикоси дидгоҳи муаллиф ба мавзӯи образ дар матнҳои манзум мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Аз таснифоти окказионализмҳо чунин бармеояд, ки онҳо ба дигар соҳаҳои забон, ба монанди овозшиносӣ, луғатшиносӣ, грамматика алоқамандӣ доранд. Аммо агар окказионализмҳоро аз ҷиҳати функсионалӣ (амалкардашон) баррасӣ намуда ва эътироф кунем, ки мақсади онҳо таъсиррасонӣ ба мухотаб аст, пас бояд розӣ шавем, ки ҳамаи окказионализмҳо пеш аз хама воҳидҳои маъноӣ буда, маҳз «афзоишҳои маъноӣ» аз ҷиҳати маъниашон дар контекст татбиқи расмии онҳоро талаб мекунанд. Кашфи окказионализм дар матн хонандаро водор месозад, ки сари воҳиди ношинос бозистад ва онро дарк кунад, ин ба муаллиф имкон медиҳад, ки дарки матнро роҳнамоӣ кунад. Аз ин рӯ, шакли ғайриоддии окказионализм яке аз шартҳои зарурии фаъолияти мақсадноки он ба шумор меравад: ин

амалкард чашмро ба як лаҳза аз «давидан» дар матн боз медорад, хонанда бо вожаҳои барояш ноошно вомехӯрад, ки дарк ва тафсири онҳо аз ӯ заҳмати иловагиро талаб мекунад.

Калидвожаҳо: *окказионализм, матнҳои шеърӣ, назм, осори манзум, мавқеи муаллиф.*

ОКАЗИОНАЛИЗМЫ И ВЫРАЖЕНИЕ АВТОРСКОЙ ПОЗИЦИИ В НИХ (НА МАТЕРИАЛЕ ПОЭТИЧЕСКИХ ТЕКСТОВ)

В статье анализируются закономерности деятельности окказиональных номинативных единиц как средства отражения авторской точки зрения на тему образа в поэтических текстах. Из классификации окказионализмов следует, что они связаны с другими областями языка, такими как фонетика, лексикология, грамматика. Однако если мы рассмотрим окказионализмы с функциональной точки зрения (их действия) и признаем, что их целью является воздействие на адресата, то мы должны согласиться, что все окказионализмы представляют собой прежде всего семантические единицы, а именно «смысловые усовершенствования» с точки зрения их значения в контексте требуют их формального применения. Обнаружение окказионализма в тексте заставляет читателя остановиться и понять незнакомую единицу, что позволяет автору направить понимание текста. Поэтому необычная форма окказионализма является одним из необходимых условий его целенаправленной деятельности: это действие останавливает взгляд на мгновение от «бегания» по тексту, читатель сталкивается с незнакомыми словами, требующими дополнительных усилий для понимания и интерпретации.

Ключевые слова: *окказионализм, поэтические тексты, поэзия, поэтические произведения, позиция автора.*

OCCASIONALISM AND EXPRESSION OF THE AUTHOR'S POSITION IN THEM (BASED ON POETIC TEXTS)

The article analyzes the patterns of activity of occasional nominative units as a means of reflecting the author's point of view on the topic of image in poetic texts. From the classification of occasionalisms it follows that they are associated with other areas of language, such as phonetics, lexicology, and grammar. However, if we consider occasionalisms from a functional point of view (their actions) and recognize that their goal is to influence the addressee, then we must agree that all occasionalisms are primarily semantic units, namely “semantic improvements” in terms of their meaning in the context of formal application, they require them. Detecting occasionalism in a text forces the reader to stop and understand an unfamiliar unit, which allows the author to guide the understanding of the text. Therefore, an unusual form of occasionalism is one of the necessary conditions for its purposeful activity: this action stops the gaze for a moment from “running” through the text, the reader is faced with unfamiliar words that require additional effort to understand and interpret.

Key words: occasionalism, poetic texts, poetry, poetic works, author’s position.

Маълумот дар бораи муаллиф: Музофиршоев Маҳмадалишо *– Донишгоҳи милии Тоҷикистон дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикӣ.* ***Суроға:*** *734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17. Телефон: 935-26-47-25. E-mail: mamad61@mail.ru*

Сведения об авторе: Музофиршоев Махмадалишо *– Таджикский национальный университет, доцент кафедры современного литературного таджикского языка.* ***Адрес:*** *734003, Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.* ***E-mail****:* mamad61@meil.ru. ***Тел****: (+992) 935 26 47 25.*

About author: Muzofirshoev Mahmadalisho *– Tajik National Universiti, the docent of the department of modern Tajik literary language.* ***Address:*** *734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17.* ***E-mail****:* mamad61@meil.ru.. ***Tel****: (+992) 935 26 47 25.*

УДК: 491.550

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ СЛОЖНОСОЧИНЁННЫХ ПРОТИВИТЕЛЬНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ (на материале текста «Воспоминаний» Садриддина Айни и его перевода на русский язык)

Нарзикулова Хилола Маруфджоновна
Института языка и литературы имени Рудаки НАНТ

Научное определение противоположности основывается на философском и логическом истолковании антонимии. Противоположность, лежащая в основе антонимии, есть различие внутри одной и той же сущности. Одним из проявлений сущности антонимии являются сложносочинённые противительные предложения. Логическая противоположность, которая конкретизируется в языке, становится моделью антонимии противительных предложений, которые обозначают качество или выражение противоположной направленности действий, состояний, признаков и свойств. Такие предложения обычно используются для передачи более сложных мыслей, связанных с различными аспектами сюжета, описаниями, размышлениями и диалогами.

Противительные сложносочинённые предложения – это такие предложения, в которых противительные союзы связывают две или более простых предложений. Этот важный вопрос всегда привлекал внимание ученых [см.:10; 13; 16]. Например, С. Е. Крючков и Л.Ю. Максимов С. Э. охарактеризовали этот тип предложений следующим образом: «в сложносочинённых предложениях с противительными союзами выражаются противительные отношения, т.е. указывается на противопоставление событий на их различие или несоответствие» [8, с. 24] .

В сложносочинённых противительных предложениях два или более простых предложения сочетаются параллельно, чтобы выразить противопоставление и контраст. Семантическая структура противительных сложносочинённых предложений обычно такова: в одном простом предложении сообщается о чём-то, выражается некоторое позитивное значение, а в другом простом предложении даётся соотносимое с ним, но противоположное ему или, по крайней мере, не соответствующее с ним значение в первом предложении.

Как и в русском, так и в таджикском языках противительные сложносочинённые предложения могут быть использованы для создания более глубокой и насыщенной противоположностями атмосферы, передачи различных, обычно противоположных эмоций и мыслей персонажей, усиления ритма выражения мыслей, а также противоположных и несовместимых отношений. Основными структурными средствами, играющую роль сигнала между простыми предложениями внутри противительных сложносочинённых предложений и их грамматической формы являются противительные союзы [см.:11; 12; 15].

Из союзов в структуре противительного ССП в таджикском языке употребляются противительные союзы ***«аммо, вале, лекин, балки» («но»), «вагарна, набошад» («напротив»), «ҳол он ки, ва ҳол он ки»/ «между тем*** **как»,** а также форма аориста ***«бошад» («а, но, что касается…»),*** а также подобно русскому языку ряд служебных синтаксических средств, частицы, модальные и вводные слова, порядок слов, интонация и т.п.

В русском языке, для выражения противительности используются союзы ***«но», «а», «или», «да», «напротив», «тогда так», «между тем как», «однако», «однако же», «что касается», «зато», « же», «все же»…***, а также ряд служебных синтаксических средств, таких, как частицы, модальные и вводные слова, порядок слов, интонация и т.п.

Стоит отметить что, противительные союзы в любом языке имеют общую цель связывать [5, с.57] и выражать соотношение между разными частями сложного предложения.

Разница между противительными союзами в русском и таджикском языках заключается в отличиях в их употреблении, семантике и в их грамматических характеристиках.

В обоих сопоставляемых языках противительные союзы используются для выражения противопоставления, противоречия, отрицания или различия между двумя или более частями предложения. В названных языках каждый союз может приобретать различные значения в зависимости от контекста. Грамматические характеристики противительных союзов в русском и таджикском языках также могут отличаться.

В таджикском языке союзы "***аммо, вале, лекин, вале, валекин"*** \ "**но"** "выражают противоположные сопоставляемые отношения и в основном, являются однозначными и синонимичными" [14, с.233]

В русском языке противительные союзы могут быть связаны с обратными падежами или изменениями порядка слов в предложении, в то время как в таджикском языке грамматические характеристики могут включать употребление определенных окончаний или форм глаголов.

Как отмечает автор, П.А**.** Лекант «главным доминантным и являются союзы ***а*** с сопоставительной семантикой ***и*** но со значением противопоставления» [9, с.557].

По утверждению Ш. Рустамова «простые предложения в составе сложносочинённого противительного предложения по содержанию и по отношении друг к другу являются противоположными, противоречивыми и несоответствующим по смыслу» [14, с.236].

В таджикском языке союз *"аммо*" обычно используется для выражения противоположности и соответствует русскому союзу *"но"* или *"а".* Этот союз помогает связать два противоположных или контрастных утверждений в предложении.

1. Сложносочинённые противительные предложения, в которых противопоставления между двумя простыми двусоставными предложениями выраженно союзами ***"аммо" / "но"*** *с* одновремёнными отношениями:

а) *Зардолуҳо рехта нобуд шуда мерафтанд,* ***аммо*** *ӯ ғундошта намехушконид.* [2, с. 43]

Абрикосы опадали и загнивали, ***но*** *она их не собирала и не сушила*.[1, с.45]

Структура данных сопоставляемых сложносочинённых предложений одинакова. Первое простое предложение состава сложносочинённого противительного предложения русского перевода осложнено рядом однородных сказуемых *"опадали"* и "*загнивали"***.** Однако, таджикский текст следует перевести как «*отпадая загнивали».* Сказуемые данных противительных предложений выражают действие, которое произошло в прошлом. В русском переводе текста не учтены особенности состава сказуемого оригинального текста.

б) *Ӯ ҳам худро ба девонагӣ зада мегашт,* ***аммо*** *«девонагӣ»-и ӯ фаъолона ва боғайратона буд.*[3, с.8]

Он тоже претворялся сумасшедшим, ***но*** *его «сумасшествие» было активным и деятельным.* [1, с.386]

Данные сопоставляемые сложносочинённые противительные предложения состоят из двух простых предложений. Кроме противительных союзов *«аммо»/«но»,* которые соединяют простые предложения в составе сложного, ещё использована усилительная частица «*ҳам*» / «*тоже*», которая в данных предложениях играет роль усилительную слова и указывает на сходство или совпадение между действиями или свойствами двух различных людей или предметов. По содержанию сопоставляемые сложносочинённые противительные предложения близки друг другу. В таджикском сложносочинённом предложении сказуемое «*зада мегашт*» выражает событие, которое происходило и продолжалось в прошедшем времени. А в русском предложении сказуемое "*претворялся"* выражает темпоральное отношение прошедшего времени, а это означает, что действие, происходило в прошлом.

2. Сложносочинённые противительные предложения, в которых противительные союзы «***аммо***», «***балки***»/ «***однако***» выражают противопоставление или противоречие между частями предложения с последовательным отношением.

Баъд аз он дарро кӯфтам, ***аммо*** *на танҳо ҷавоб нашунидам,* ***балки*** *он хисир-хисири мушона ҳам бурида шуд*. [3, с.298]

*Тогда я постучал****,*** ***однако*** *и на сей раз не услышал ответа; шорох, подобный мышиному, вновь прекратился.* [1, с. 634]

Эти сложные таджикское и русское предложения, состоят из двух простых предложений. Первая часть данных предложений – однородная со сказуемыми «*кӯфтам*», «*нашунидам*» / «*постучал*», «*не услышал*», которые выражают прошедшее время. Оно выражено с помощью союза «*аммо*»/ «*однако*», который соединяет части предложения, имеющие сходное предметное содержание и выражают варианты одной и той же мысли. Это свидетельствует о том, что они являются частью одного цельного предложения. В первом простом предложении оригинального текста присутствует эллипсис *“Баъд аз он дарро кӯфтам**, аммо** на танҳо ҷавоб нашунидам,”*. Но он в русском предложении отсутствует «*Тогда **я** постучал, **однако** и на сей раз не услышал ответа;»*. Слово "сей раз" подчеркивает повторяемость действия, что помогает лучше понять смысл предложения. Хотя в русском переводе есть изменения, но по содержанию сопоставляемые сложносочинённые противительные предложения близки друг к другу.

3. Сложносочинённые противительные предложения, где в функции дополнения употребляется прямая речь, в которых для противоположности между понятиями использованы противительные союз ***«лекин»*** и слово ***«якобы».***

*– «Ман ба ҷаноби меҳмон «Искандар бемор аст» гуфта будам, **лекин** ӯро ҳеҷ бало намезанад…»* [3, с.660]

*«Я сказал господину гостю, что Искандар **якобы** болен, на самом **же** деле ничто его не берёт…»* [1, с.931]

Оригинальный текст является двусоставным сложносочинённым предложением, так как в нём присутствуют две разные мысли, соединённые противительным союзом "*лекин*". В данном тексте предложение *«Искандар бемор аст»* употребляется в функции дополнения. Русский перевод данного предложения не является сложносочинённым, а сложноподчинённым по смыслу. В переводе употреблено слово *«что»* в значении *«ки»* которое обозначает косвенную речь, и, таким образом, изменяет синтаксическую структуру предложения. Поэтому предложение «*что Искандар якобы болен»* является придаточным . Слово *«якобы»* (*гӯё*) и словосочетание *«на самом деле»* (*дарвоқеъ*) отсутствуют в оригинальном тексте. В русском предложении слово *"якобы"* играет роль союза, который соединяет две части. Он указывает на разницу между тем, о чем говорят, и тем, что действительно происходит. В сопоставительных предложения глаголы выражают «*гуфта будам»/ «сказал»* прошедшее и *«намезанад»/ «не берёт»* будущее время.

4. Сложносочинённые противительные двусоставные предложения в которых для противопоставления их частей использовано выражение ***"ҳеҷ набошад***" в значении ***“а”, “хоть”.***

*Одамҳо масҷиду мадраса меандозанд, ман **ҳеҷ набошад**, аз худам пул харҷ накарда дили шуморо ба даст гирам…* [2, с. 343]

*Чтобы угодить богу, люди возводят мечети и медресе, **а** я , **хоть** и не потрачу своих денег, постараюсь все же сделать вам добро...* [1, с. 308]

Текст оригинала состоит из двух простых предложений. Перевод данного сложносочинённого противительного предложения на русский язык сохраняет основной смысл, но имеет некоторые различия. В переводе употреблено выражение “*Чтобы угодить богу*”, который в оригинальном тексте отсутствует. В оригинальном тексте выражение *"хеҷ набошад"* эквивалентно союзу *"аммо"*. И поэтому для дополнения его элиптической противительной функции во второй части оригинального текста употреблено выражение *"хеҷ набошад"* в значении “*а”, “хоть”*. Сказуемые “*меандозанд*”/,“*возводят*” и “*гирам*” / “*сделать*” в значении *“взять ”* указывают на будущее время.

5. Сложные предложения, которые состоят из двух независимых частей, объединенных союзом ***"балки" / "но"*** совместно с частицами ***на танҳо(фақат)-балки\ но-нетолько*** образуя парные союзы выражают равноценные или связанные между собой мысли.

*Дар ин мунозираҳо на танҳо ҳамон 5 присент хушзеҳнон, **балки** ҳамаи шогирдон иштирок мекарданд*. [2, с. 217]

В таких словесных состязаниях участвовали не только незначительная часть способных учеников, ***но*** *вообще все учащиеся.* [1, с. 240]

Сопоставляемые предложения по смыслу близки друг к другу. Но есть некоторые различия «***5 присент***» / «***незначительная часть***» **в значении** ***пять процентов способных учеников.*** Союз ***"балки"/"но"*** употребляется для подчёркивания множественности субъектов. В этом сложном предложении глаголы *"иштирок мекарданд"/ "участвовали"* в первом предложений для предотвращения повтора, т.е. по стилистическим соображениям, опущено, она употреблено лишь в конце второй предложения, и, таким образом глагол первого предложения является эллиптическим.

6. Сложносочинённое предложение в которых для "смысловых отношениях между предложениями, объединяемыми в сложном" использован противительный союз ***"вале"/ "а".*** [7, 207]

В. В. Виноградов считает что «*В отличие от сложносочинённых предложений с союзом* ***и****, предложения с союзом а обычно состоят не более чем из двух предложений или из двух групп предложений, так как всякий единичный акт сопоставления предполагает только два сравниваемых объекта*». [6, 202]

Напурсидам аз номи он некмард,
Вале ***буд ӯро лақаб Ҳоҷӣ Зард.*** [3, с. 532]

Спросил я: «О, имя, добрейший, скажи? ».
А ***был он по прозвищу «Рыжий-хаджи».*** [1. с. 830]

Структура вышеуказанного сложного предложения оригинального текста подсказывает недостающий член предложения *(подлежащее которое определяется по глагольному окончанию 1. лица единственного числа)* в первом простом предложении и является эллиптически неполным. Из-за того, что в русском языке по глагольным окончаниям прошедшего времени нельзя определить подлежащего, поэтому в переводе структура предложения изменена.

Русский перевод данного простого предложения является двусоставным. Оно по структуре и смыслу не соответствует «***Напурсидам аз номи он некмард***»/ «***Спросил я: «О, имя, добрейший, скажи?»*** оригинальному тексту. Кроме этого в данном предложении присутствует прямая речь ***«О, имя, добрейший, скажи?»***. Сказуемые «***Напурсидам***»/ «***Спросил***» хотя отличаются действием и «***буд***»/«***был***» выражают прошедшее время.

7. Многосоставные сложносочинённые предложения, в которых для противопоставления между их частями использованы противительные союзы ***"валекин", "лек" /" лишь"/ "да".***

«*Ҷаннате» буд ба таъмир, валекин «беҳур»,*
Лек якчанд гаву хар ивази «ҳуро»[207] *буд*. [3, с. 606]
По замыслу то зданье – рай, ***лишь*** *гурий лишено,*
Взамен красавиц были там осла, ***да*** *бык ревел*. [1, с. 887]

Вышеуказанные сопоставляемые сложносочинённые предложения структурно не соответствуют друг к другу. Сложносочинённое предложение таджикского языка состоит из трёх, а русский перевод из четырёх частей. Вторая часть оригинального текста и первой части русского перевода – односоставные. Сказуемые *«буд» / «были», «ревел»* выражают прошедшее время. Перевод оригинального текста неточен. При переводе следующих строк автор на прямую вместо *ҷаннат / "рай"* употребляет слово *«здание»*. Приведённое слово в кавычках «*ҷаннат*» придаёт лексеме смысль иносказания. Так стоило, привести слово *«рай»*

в кавычках. Кроме того слово *«ревел»* отсутствует в данном тексте. Было бы лучше привести перевод выше названных строк следующим образом:

*«Рай» тот был красив, **но** «гурией» лишён,*
*Ослами и коровами **лишь** был он заменён.*

8. Косвенная речь в сложносочинённых предложениях, в которых простые двусоставные предложения противопоставлены между собой противительными союзами ***«лекин»/ «зато».***

*–Ман намедонам, – гуфтааст мирзо,– **лекин** мирохурбошӣ[147] хуб медонад*.[3,с.416]

*– Я-то не знаю их, – ответил писец, – **зато** хорошо знает наш новый главный конюший.* [1,с.731]

Данные сопоставляемые предложения состоят из двух частей и их структура почти одинакова. Русский перевод по смыслу близок оригинальному тексту, но есть некоторые различия: в оригинальном тексте слова «*то*», «*их*» и словосочетание «*наш новый*» отсутствуют. Глаголы «*намедонам*»/ «*не знаю*» и «*медонад*»/ «*знает*» сочетаются друг с другом и выражают настоящее время.

9. Сложносочинённые предложения *с* последовательными отношениями, в которых для сочетания двух или более независимых частей использованы союзы ***“аммо”/ “но”***, “***и***”, “***чтобы*”.**

*Ман даҳан рост карда мехостам ҷавоб диҳам, **аммо** ӯ бо дасти худ маро ба хомӯш истодан ишора карда, дар пайи баёни як мулоҳизаи эҳтимолии ман ва дафъи он афтода, давом намуд:* [2, с. 410]

*Я собрался ей ответить, **но** она махнула рукой, чтобы я помолчал , и продолжила говорить сама, словно стремилась устранить возможные сомнения*. [1, с. 363]

Данное сложносочинённое противительное предложение таджикского языка состоит из двух простых двусоставных предложений. В первом простом предложении синтаксическое сочетание “*даҳан рост карда*” выражает обстоятельство образа действия. Второе предложение в своём составе имеет две однородные обстоятельства образа действия, которые указывают на последовательность действий субъекта предложения.

Русский перевод тоже является сложносочинённым, так как состоит из двух взаимосвязанных частей, выражающих разные мысли объединённые с помощью союза "*но*", однако второе предложение является сложноподчинённым. Как отмечают исследователи русского языка, «сложносочинённое предложение может состоять из двух частей, из которых одна является сложнопочинённым предложением, а другая - простым предложением» [6,с.12].

Каждая часть имеет свою самостоятельную грамматическую структуру и можно поставить точку в конце каждой части.

Перевод не отражает полностью и досконально содержания и смысла текста оригинала. Так как во второй части оригинального текста сочетание «*дар пайи баёни як мулоҳизаи эҳтимолии ман* » передано как: «*словно стремилась устранить возможные сомнения*», который не может отражать семантико-смысловые оттенки таджикского текста.

Сложносочинённые противительные предложения в “Воспоминаниях» Садриддина Айни занимают особое место, и при формировании этих синтаксических структур следует отметит функцию и языковые особенности противительных союзов. Поэтому при переводе данных предложений на русский язык обычно использовался не формальная структура предложение оригинала, а художественный способ передачи мыслей автора.

В зависимости от природы русского языка и профессиональных навыков переводчика существуют различие в формах и значениях передачи данных предложений в языке перевода, и изучение этих вопросов проливает свет на многие неисследованные аспекты структуры и стилистики этих синтаксических единиц.

А.З. Розенфельд при переводе текста “Воспоминаний» Садриддина Айни, чаще всего, перевела не скрытие замысли автора, а прибегла к прямому переводу значений скрытых поэтических и прозаических идей писателя, т.е., ей не использована художественные способы передачи мыслей автора при переводе текста “Воспоминаний» С.Айни.

Рецензент: Ходжатов Б.Д., к.ф.н.

Литература:

1. Айни, С. Воспоминания (перевод с таджикского Анна Розенфельд) / С. Айни. – Москва – Ленинград, 1960. – 1090 с.
2. Айнӣ, С. Куллиёт / С. Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 2020. – Ҷ.10. – 560 с.
3. Айнӣ, С. Куллиёт / С. Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – Ҷ.11. – 699с.
4. Бабайцева В. В. Русский язык. Синтаксис и пунктуация / В.В. Бабайцева. –М., 1979. – С. 230–231.
5. Бабалова Л. Л. Об употреблении союзов И, А, НО в сложном предложении // Русский язык за рубежом. 1980. – № 4. – С. 57–62.
6. Белошапкова В. А., Брызгунова Е. А., Земская Е. А. Современный русский язык: Учеб. для филол. спец. ун-тов – 2-е изд., испр. и доп / В.А.Белошапкова, Е.А. Брызгунова , Е.А. Земская. – Москва, Россия.: Высш. шк., 1989. – 800 с.
7. Виноградов, В. В. Грамматика русского языка , том II, Синтиксис часть II / В. В. Виноградов: – Москва, 1954. –704с.
8. Крючков , С. Е., Максимов, Л.Ю. Современный русский язык, Синтаксис сложного предложения / С. Е. Крючков , Л.Ю. Максимов: – Москва, “Просвещение”, 1977. - 191 с.
9. Лекант, П.А. Современный русский язык / П.А.Лекант: – Москва, 2007. –557с.
10. Максудов У.О. Синтаксическо-морфологические трансформации при переводе художественных текстов / У.О. Максудов // Вестник Педагогического университета. 2021.– № 5 (94).– С. 86-94.
11. Мирзоева З.Г. Противоречивые союзы в сложных предложениях с противоречивыми союзами в сопоставимых языках / З.Г. Мирзоев // Вестник Педагогического университета. 2021.– № 5 (94). – С. 20-28.
12. Пешковский А. М. Существует ли в русском языке сочинение и подчинение предложений? // Пешковский А. М. Избр. труды. – М., 1959. – С. 131-147.
13. Распопов И. П. Очерки по теории синтаксиса / И.П. Распопов. – Воронеж, 1973. – С. 162-187
14. Рустамов, Ш. Забони адабии ҳозираи тоҷик (Синтаксис, қисми II / Ш.Рустамов: – Душанбе, “Маориф”, 1995. – с. 223
15. Ҳаитов А.Ҷ. Роҳҳои ифодаи ҷумлаҳои пайрав дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / А.Ҷ. Ҳаитов // Вестник педагогического университета. 2023. № 5 (106). С. 43-51.
16. Ширяев, Е.Н. Дифференциация сочинительных и подчинительных союзов на синтаксической основе / Е.Н. Ширяев//Филологические науки. - М.: Наука, 1980.-№ 2, - с.49-54.

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТИ ХИЛОФӢ (дар асоси матни “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ ва тарҷумаи русии он)

Дар қисмати наҳвии забони тоҷикӣ масъалаҳои мубраму баҳсталаб зиёданд, ки омӯзиши сохтор ва ифодаи маъноии ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофӣ аз қабили ҳамин масъалаҳост. Дар ин навъи ҷумлаҳо маъноҳои васеъ дар қолабҳои наҳвӣ ифода гашта, дар шаклгирии онҳо мазмуну мундариҷа ва муҳтавои унсурҳои нутқ дорои як қатор хусусиятҳои забонӣ мегарданд.

Дар ин мақола мухтасаран оид ба баъзе хусусиятҳои ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофӣ дар асоси матни “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ ва тарҷумаи русии он андешаронӣ менамоем.

Бояд қайд кард, ки дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофӣ ду ва зиёда ҷумлаҳои сода маънои ягонадошта ба ҳам омада, мазмуни хилофиро ифода менамоянд. Ҷанбаи маъноии ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофиро чунин метавон тавсиф намуд: дар яке аз ҷумлаи содаи ин навъи ҷумлаҳо оид ба мазмуне сухан рафта, дар ҷумлаи дувуми он маънои хилофии ҳамон ҷумла баён мешавад, ки онҳоро бояд дар алоқамандӣ омӯхт.

Забонҳо дар ҳамаи бахшҳо табиати худро доро буда, вобаста ба он қолабҳои сарфиву наҳвӣ ба тағйирот дучор мешаванд. Чун дар забони русӣ дар забони тоҷикӣ низ ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофӣ барои ифодаи мазмуни хилофидошта корбаст мешаванд, ки дар ин вазифа мавқеи пайвандакҳои хилофӣ назаррас арзёбӣ мегарданд. Барои ифодаи маънои хилофӣ оҳангу сохтори ҷумла низ нақши муҳим доранд. Дар шаклгирии ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофӣ дар баробари пайвандакҳо тартиби калима дар ҷумла, унсурҳои модалӣ, ҳиссачаҳо ва ғ. нақш мебозанд. Омӯзиши ин навъи ҷумлаҳо дар асоси матни “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ ва тарҷумаи русии он барои муайян кардани хусусиятҳои наҳвии забонҳои муқоисашаванда заминаи мусоид фароҳам меорад.

Калидвожаҳо: *ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофӣ, пайвандакҳо, муносибатҳои синтаксисӣ, сохтори ҷумла, нутқ, нутқи айнан нақлшуда, нутқи мазмунан нақлшуда, хусусиятҳои услубӣ, муқоиса, хусусиятҳои грамматикӣ.*

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ СЛОЖНОСОЧИНЁННЫХ ПРОТИВИТЕЛЬНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ

(на материале текста «Воспоминаний» Садриддина Айни и его перевода на русский язык)

В таджикском языке существуют множество спорных синтаксических вопросов, например в области сложносочинённых противительных предложений. Такие предложения обычно используются для передачи более сложных мыслей, связанных с различными аспектами сюжета, описания, размышления и диалогов.

В этой статье коротко исследованы некоторые особенности сложносочинённых противительных предложений (на материале текста «Воспоминаний» Садриддина Айни и его русского перевода).

В сложносочинённых противительных предложениях два или более простых предложений сочетаются параллельно, чтобы выразить противопоставление и контраст. Семантическая структура противительных сложносочинённых предложений обычно такова: в одном простом предложении сообщается о чём-то, выражается некоторое позитивное значение, а в другом простом предложении даётся соотносимое с ним, но противоположное ему или, по крайней мере, не соответствующее с ним значение в первом предложении.

Языки во всех отраслях имеют свою собственную природу, и в зависимости от этого их использование и грамматические модели могут меняться. Как и в русском языке, в таджикском языке для выражения противоположного содержания используются противительные сложносочинённые предложения, и в этом немаловажную роль играют противительные союзы. Тон и структура предложения также играют важную роль в выражении противоположной мысли. При образовании сложносочинённых предложений с противительными отношениями наряду с союзами играют роль также порядок слов в предложении, модальные элементы, частицы и т. д. Изучение данного типа предложений на основе текста «Воспоминаний» Садриддина Айни и его русского перевода дает благоприятную основу для определения грамматических особенностей сопоставляемых языков.

Ключевые слова: *сложносочинённые противительные предложения, союзы, синтаксические отношения, структура предложения, речь, прямая речь, косвенная речь, стилистические особенности, сравнение, грамматические особенности.*

SOME FEATURES OF COMPLEX ADVERSATIVE SENTENCES (BASED ON THE TEXT OF SADRIDDIN AYNI'S MEMOIRS AND ITS TRANSLATION INTO RUSSIAN)

There are ma ny controversial syntactic issues in the Tajik language, for example in the field of complex adversative sentences. Such sentences are usually used to convey more complex thoughts related to various aspects of the plot, description, reflection and dialogues. This article briefly examines some of the features of complex adversatives (based on the text of Sadriddin Ayni's Memoirs and its Russian translation). In complex adversative sentences, two or more simple sentences are combined in parallel to express opposition and contrast. The semantic structure of complex adversative sentences is usually as follows: in one simple sentence, something is reported, some positive meaning is expressed, and in another simple sentence, a meaning correlated with it, but opposite to it, or at least not corresponding to it, is given in the first sentence. As in Russian, so in Tajik, complex adversative sentences can be used to create a deeper and richer atmosphere of opposites. In addition, it is used to convey various opposite emotions and thoughts of the characters, enhance the rhythm of expression of thoughts, as well as opposite and incompatible relationships. The main structural means that play the role of a signal between simple sentences within opposable compound sentences and their grammatical form are opposable conjunctions, as well as a number of auxiliary syntactic means, such as particles, modal and introductory words, word order, intonation, etc.

Key words: *complex adversative sentences, conjunctions, syntactic relations, sentence structure, speech, direct speech, indirect speech, stylistic features, comparison, grammatical features.*

Маълумот дар бораи муаллиф*: *Нарзиқулова Ҳилола Маъруфҷоновна *– Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, унвончӯй. Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 21. E-mail: noila@internet.ru. Тел.: (+992-37) 221-60-11.*

Сведение об авторе: Нарзикулова Хилола Маруфджоновна *– Института языка и литературы имени Рудаки НАНТ, соискатель. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 21. E-mail: noila@internet.ru. Тел.: (+992-37) 221-60-11.*

Information about the author: Narziqulova Hilola Marufjonovna *– Institute of Language and Literature named after Rudaki TNAS, Researcher. Address: Tadjikistan, 734025, Dushanbe, Rudaki street, 21; Phone: (+992-37) 221-60-11. E-mail: noila@internet.ru*

ТДУ: 42-3:6

ВОҲИДҲОИ МУРАККАБИ ЛУҒАВИИ НИМТИРЕДОРИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР МАТНҲОИ ИЛМӢ-ТЕХНИКӢ ҲАМЧУН ПАДИДАИ «ТАРҶУМАНОПАЗИРӢ»

Сафарзода Р.А.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар баробари ихтироот дар соҳаи илму техника дар соҳаи забоншиносӣ аз ҳисоби номгузорӣ кардан ба навгониҳои баамаломада истилоҳоти нав пайдо мешаванд ва захираи луғавии забон ғанӣ мегардад. Тарҷумаи матнҳои илмӣ-техникӣ яке аз намудҳои хоси тарҷума буда, аз тарҷумон эҳтиёткорӣ ва дониши вижаро талаб менамояд. Қисми бештари матнҳои илмӣ-техникиро истилоҳот, ихтисораҳо ва калимаҳои мураккаб дар бар мегиранд.

Бархе аз забоншиносон, аз ҷумла С.А. Леонова гурӯҳи истилоҳоти яккалимагиро ҳамчун калимаҳои мураккаб ҷудо мекунанд [6, с. 80]. Ба ақидаи В.И. Заботкина «дар раванди калимасозӣ, чунон ки забоншиносон қайд мекунанд, майл ба бисёрҷузъӣ меафзояд» [4, с. 126]. В. Д. Аракин низ зери истилоҳи «ҷузъи бисёртаркиба» он калимаҳои мураккаберо дар назар дорад, ки аз ду ва зиёда асос иборатанд [1, с. 232]. Мо низ тарафдори ин ақидаҳо мебошем.

Ба ақидаи А.Л. Пумпянский «тарҷумаи адабиёти илмӣ ва техникӣ фани махсусе мебошад, ки дар асоси алоқаманд гардидани забоншиносӣ ҳам аз лиҳози илмӣ ва ҳам техникӣ пайдо шудаанд. Аз ин сабаб, тарҷумаи адабиёти илмӣ ва техникӣ бояд ҳам аз нигоҳи забоншиносӣ ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои забоншиносии умумӣ бо назардошти афзалиятҳои он ва ҳам илмӣ-техникӣ ҳангоми таҳлили истилоҳотҳои маҳдуд баррасӣ карда шавад [10, с. 19].

Дар захираи луғавии забони англисӣ воҳидҳои луғавии нимтиредор ҷойи муайянро ишғол менамоянд. Онҳо бештар вақт метавонанд ҳамчун воҳидҳои бемуодил ё худ тарҷуманопазир ифода ёбанд, чунки таркиби луғавии забонҳо якхела нестанд. Сарфи назар аз он, ки аксари калимаҳои як забон ба забони дигар бештар ё камтар мувофиқати дақиқ доранд, ҳар як забон шумораи муайяни калимаҳоеро дорад, ки хоси он аст ва дар забонҳои дигар ҳамто надорад. Зери мафҳуми воҳидҳои луғавии бемуодили забони асл, танҳо воҳидҳоеро фаҳмидан мумкин аст, ки дар системаи луғавии забони тарҷума муодил надоранд, яъне калимаи «тайёр» ё ибораи устуворе, ки ба ҷои он дар тарҷумаи дақиқ гузошта шаванд, мавҷуд нест. Забоншиносон роҷеъ ба масъалаи воҳидҳои бемуодил фикру ақидаҳои худро баён кардаанд. Аз ҷумла, Л.С. Бархударов воҳидҳои луғавии бемуодил гуфта «он воҳидҳои луғавии як забонро дар назар дорад, ки дар дигар забон на муодили пурра ва на муодили қисман доранд» [2]. В.Н. Крупнов вожаҳои бемуодилро ҳамчун «калима ва ибораҳое, ки ашёҳо, равандҳо ва ҳодисаҳоеро ифода мекунанд, ки дар ин марҳилаи инкишофи тарҷума муодили худро надоранд» таъриф мекунад [5].

Ҳадафи мақолаи мазкур аз муайян намудани воситаҳои интиқоли воҳидҳои луғавии мураккаби нимтиредори забони англисӣ дар матнҳои илмӣ-техникӣ ба забони тарҷума мебошад.

Сохторҳои нимтиредор ҳангоми тарҷума мушкилии махсусро пеш меоранд, зеро на танҳо тарҷумаи таркибҳо, балки комбинаторика ва таъсири мутақобилаи воҳидҳои тарҷумаро низ ба назар гирифтан лозим аст. Барои тарҷумаи сохторҳои нимтиредори матнҳои илмию техникӣ тасниф кардани онҳо аз рӯйи шумора ва категорияи мансубияти аломатҳо ҷоиз мебошад. Воҳидҳои мураккаби луғавии нимтиредори забони англисӣ тавассути як нимтире, ду нимтире, се нимтире ва зиёда аз он, ҳатто бо пайваст шудани дигар аломатҳои забонӣ сохта мешаванд. Дар луғатҳои забони англисӣ калимаҳои мураккаби бо як нимтире сохташуда бештар маъмуланд.

Барои ноил шудан ба тарҷумаи дурусти ин гуна воҳидҳои луғавӣ тарҷумонро зарур аст, ки хусусиятҳои сохторӣ-семантикии онҳоро донад ва алоқаи семантикии силсилаи сохторҳои мураккабро ба назар гирифта, бо кадом роҳу восита ба забони тарҷума ифода шудани онҳоро таҳқиқ намояд. Аз ин сабаб, ҳангоми тарҷумаи сохторҳои мазкур ба

хусусиятҳои сохторӣ-семантикии онҳо диққати махсус дода, баъдан усулҳои асосии тарҷумаи онҳоро ба кор бурдан зарур аст. Ҳангоми тарҷумаи вожаҳои мазкур дар аксар мавридҳо онҳо ба таври шарҳу эзоҳ, яъне тарҷумаи тасвирӣ, транслитератсия, калка, ихтисора ва усули нигоҳ доштани шакли ҳуруфӣ интиқол мешаванд, на ин ки худи сохтор яклухт. Мисол:

- Интиқол додани воҳидҳои луғавии мураккаб тавассути тарҷумаи тасвирӣ, яъне ба таври шарҳу эзоҳ: *drag-drop technique – техникаи кори унсурҳои интерфрейси корбар*;
- Интиқол додани воҳидҳои луғавии мураккаб тавассути транслитератсия: *Web-publishing tool – асбобу анҷом барои Веб-интишорот*;
- Интиқол додани воҳидҳои луғавии мураккаб тавассути калка: *mobile-phone service-хизматрасонии телефони мобилӣ*;
- Интиқол додани воҳидҳои луғавии мураккаб тавассути ихтисора: *E-mail=electronic mail – почтаи электронӣ;*
- Интиқол додани воҳидҳои луғавии мураккаб тавассути усули нигоҳ доштани шакли ҳуруфӣ: *HTML (Hypertext Mark-up Language) – забони аломатгузории гиперматнӣ*.

Аломатҳои хоси матни илмӣ-техникӣ дар муқоиса бо дигар матнҳо дар пурмазмун будан ва дорои як қатор вожаҳои дахлдор доштани онҳо ифода мегардад. Ба воҳидҳои луғавии мураккаби матнҳои илмӣ-техникӣ ихтисораҳо низ дохил мешаванд. Ҳангоми тарҷумаи ихтисораҳои матнҳои илмӣ-техникӣ ва касбӣ тарҷумон бояд дар назар дошта бошад, ки ихтисораҳо дар забони тоҷикӣ нисбатан камистеъмоланд. Аз ин рӯ, ӯ бояд ин гуна калимаҳоро калима ба калима тарҷума намуда, мафҳуму моҳияти онҳоро барои хонанда равшан созад. Чи гунае ки ба ҳамагон маълум аст тарзи навишти ихтисора бо ҳарфҳои калон ё бо нуқта гузоштан дар байни ҳарфҳо сурат мегирад. Аз ҳамин сабаб, дар рафти тарҷума қиёс кардани ихтисора аз калимаи муқаррарӣ хеле муҳим аст. Намунаи калимаи дар боло зикршударо мисол меорем:

RAM [ræm] – шакли кӯтоҳшудаи Random Access Memory – хотираи оперативӣ (компютер);

Ram[ræm]n – гӯсфанд (соҳаи ситорашиносӣ);

HOPE –шакли кӯтоҳшудаи Health Opportunities to People Everywhere – барномаи хайрия барои расонидани кӯмаки тиббӣ ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ

Hope [həup] – умед, умед кардан.

Ин гуна мисолҳоро дар соҳаи тарҷумашиносӣ хеле зиёд вохӯрдан мумкин аст.

Хусусиятҳои хоси матнҳои илмӣ-техникӣ дар маълумотнокӣ, дақиқӣ, мантиқнокӣ ва фаҳмову паиҳам будани он зоҳир мегардад, чунки ин гуна матнҳо бештар дорои факту далелҳо мебошанд. Дар матнҳои илмӣ-техникӣ пеш аз ҳама истилоҳҳои махсус мавҷуданд, ки гурӯҳи хоси луғатҳоро ташкил медиҳанд. Аз ин лиҳоз, мутарҷим бояд ин хосиятҳои матнро дар вақти тарҷума ба назар гирад. Истилоҳотҳо метавонанд, монанди калимаҳои муқаррарие, ки ҳамарӯза дар нутқ истифода мебарем, гуногунмаъно бошанд. Ин гуна истилоҳот омонимӣ мебошанд. Маънои онҳо аз самти истифода шудани онҳо вобастагӣ дорад. Мисол:

Exchange [ıks'ʧeınʤ] – мубодилаи моддаҳо (дар соҳаи тиб); мубодилаи асъор (соҳаи иқтисод ва савдо); стансияи телефон (соҳаи алоқа);

Rate [reit] – андози коммуналӣ (соҳаи ҳуқуқшиносӣ), суръат (соҳаи алоқа) ва ғ.

Дар матнҳои илмӣ-техникии забони англисӣ воҳидҳои луғавии мураккаб ва сохторҳои мураккаби аттрибутивиро низ вохӯрдан мумкин аст. Чи тавре ки Я.И. Ретскер қайд мекунад, шакли асосии ҷумлаҳои адабиёти илмӣ-техникиро ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ ташкил медиҳанд, ки исмҳо, сифатҳо ва шаклҳои бешахси феълро дар бар мегиранд. Ин хусусият боиси васеъ истифода шудани пешояндҳо ва пайвандакҳои таркибӣ, шаклҳои бешахси феъл дар вазифаи пуркунанда ва ҳол, масдар, сифати феълӣ ва герунд мегардад [11].

Аз муқоиса ва таҳлилу баррасии мисолҳои дар боло зикргардида маълум гардид, ки дар тарҷумашиносӣ ҳар соҳа, бахусус соҳаи илму техника, чанд вижагии хоси худро доро мебошад. Тарҷумони соҳаи илму техника на танҳо бояд донандаи забон бошад, балки оид ба

самти илму техника маълумоти кофӣ дошта бошад. Ҳамчунин бояд тазаккур дод, ки хусусияти «тарҷуманопазирии» воҳидҳои луғавии мураккаби нимтиредор, аз ҷумла дар матнҳои илмӣ-техникӣ, дар он зоҳир мегардад, ки бинобар набудани баробарҳои сохторҳои луғавӣ аз ҳисоби махсусиятҳои имконоти калимасозӣ бо роҳҳои анъанавӣ тарҷума намешаванд ва барои ҳалли ин мушкилӣ дар тарҷумашиносӣ роҳҳои махсус вуҷуд доранд, ки дар таҳлили мисолҳо нишон дода шуданд. Аз ин лиҳоз «тарҷуманопазирӣ» ин гурӯҳи вожаҳо шартӣ мебошад, зеро тамоман интиқол наёфтани онҳоро ба забони тарҷума дар назар надорад.

Муқарриз: Турсунов Ф.М., д.и.ф., профессори ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

Адабиёт:

1. Аракин В. Д. Сравнительная типология английского и русского языков / под ред. М. Д. Резвецовой. 4-е изд-е. М.: ФИЗМАТЛИТ, 2008. 232 с.
2. Бархударов Л.С. Язык и перевод: Вопросы общей и частной теории перевода. - М.: Междунар. отношения, 1975. – 240 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. – Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
4. Заботкина В. И. Новая лексика современного английского языка. М.: Высшая школа, 1989. 126 с.
5. Крупнов, В.Н. Курс перевода. Английский язык: Общественно-политическая лексика - М.: Международные отношения, 1979. – 14-27 с.
6. Леонова С. А. Сравнительный анализ перевода одно- и двухсловных терминов терминополя «автоматизированный электропривод» // Вестник Московского государственного областного университета. Серия «Лингвистика». 2012. № 2. С. 79-84.
7. Луғати «ABBYY Lingvo Live» [манбаи электронӣ]. – Тартиби истифодабарӣ: https://www.lingvolive.com.
8. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ/А. Мамадназаров. – Душанбе.: “ЭР-граф”, 2017. – 1016 с.
9. Мюллер, В.К. Англо-русский. Русско-английский словарь. 250000 слов /250000 слов/ В.К. Мюллер. –М.: АСТ, 2015. – 1184 с.
10. Пумпянский А.Л. Введение в практику перевода научной и технической литературы на английский язык. [Текст] /А.Л. Пумпянский. - М.: Наука, 1965. – 304 с.
11. Рецкер Я.И. Методика технического перевода [Текст] / Я.И. Рецкер – М.: Дрофа, 2009. – 216 с.

ВОҲИДҲОИ МУРАККАБИ ЛУҒАВИИ НИМТИРЕДОРИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР МАТНҲОИ ИЛМӢ-ТЕХНИКӢ ҲАМЧУН ПАДИДАИ «ТАРҶУМАНОПАЗИРӢ»

Дар мақолаи мазкур муайян намудани тарҷуманопазирии воҳидҳои мураккаби луғавии нимтиредори забони англисӣ дар матнҳои илмӣ-техникӣ ва роҳу воситаҳои тарҷумаи онҳо мебошад. Таҳлили сохторӣ-семантикии воҳидҳои мураккаби луғавии нимтиредори забони англисӣ ба роҳ монда шудааст, ки дар рафти он усулҳои гуногуни тарҷума, аз қабили тарҷумаи тасвирӣ, транслитератсия, калка, ихтисора ва усули нигоҳ доштани шакли ҳуруфӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Мавридҳое низ мавҷуданд, ки ҳангоми тарҷума шакли калимаи мураккаб низ таъсир мерасонад ва ин ҳолатҳо низ дар мақолаи мазкур инъикос карда шудааст.

Дар матнҳои илмӣ-техникӣ бештар вақт истилоҳоти хос, бахусус ихтисораҳо истифода карда мешаванд, ки воситаҳои тарҷумаи онҳо мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Инчунин, роҷеъ ба воҳидҳои луғавии бемуодил, ки ҳамчун воҳидҳои луғавии тарҷуманопазир баррасӣ карда мешаванд, фикру ақидаи олимон пешниҳод карда шудаанд. Вижагиҳои матнҳои илмӣ-техникӣ низ дар мақолаи мавриди назар баррасӣ карда шудаанд. Ғайр аз ин, ба тарҷумонон доир ба тарҷумаи матнҳои илмӣ-техникӣ ва воҳидҳои луғавии мураккаби нимтиредори забони англисӣ тавсияҳо пешниҳод карда шудааст.

Воҳидҳои мураккаби луғавии нимтиредори забони англисӣ бо якчанд роҳу воситаҳо сохта мешаванд. Ба ақидаи муаллиф сохторҳои нимтиредор ҳангоми тарҷума мушкилии махсусро пеш меоранд, зеро на танҳо тарҷумаи таркибҳо, балки таъсири мутақобилаи воҳидҳои тарҷумаро низ ба назар гирифтан лозим аст. Барои ноил шудан ба тарҷумаи дурусти сохторҳои нимтиредори матнҳои илмию техникӣ тасаввурот ва фаҳмиш доштани тарҷумон роҷеъ ба соҳаи мазкур хеле муҳим мебошад. Дар луғатҳои забони англисӣ калимаҳои мураккаби бо нимтире сохташуда ҷойи муайянро ишғол менамоянд.

Калидвожаҳо: забони тоҷикӣ, забони англисӣ, тарҷума, тарҷуманопазир, воҳидҳои мураккаби луғавии нимтиредор, муқоиса, матни илмӣ-техникӣ, бемуодилӣ, сохтор, луғат.

ДЕФИСНЫЕ СЛОЖНЫЕ ЛЕКСИЧЕСКИЕ ЕДИНИЦЫ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА В НАУЧНО-ТЕХНИЧЕСКИХ ТЕКСТАХ КАК ФЕНОМЕН «НЕПЕРЕВОДИМОСТИ»

Целью данной статьи является определение непереводимости сложных лексических единиц английского языка в научно-технических текстах, а также способов и средств их перевода. Проведен структурно-семантический анализ сложных лексических единиц английского языка, в ходе которого использованы различные методы перевода, такие как описательный перевод, транслитерация, калька, аббревиация, а также способ сохранения графической формы. Встречаются также случаи, когда при переводе сложных слов их структура влияет на ход перевода и эти случаи также отражены в данной статье.

В научно-технических текстах чаще всего используются специальные термины, особенно аббревиатуры, средства перевода которых проанализированы в статье. Также представлены мнения ученых относительно безэквивалентных лексических единиц, которые считаются непереводимыми лексическими единицами. Специфика научно-технических текстов также рассматривается в данной статье. Кроме того, переводчикам предлагаются рекомендации по переводу научно-технических текстов и сложных лексических единиц английского языка.

Сложные лексические единицы английского языка образуются несколькими способами. По мнению автора, дефисные конструкции представляют особую проблему при переводе, поскольку необходимо учитывать не только перевод компонентов, но и взаимодействие единиц перевода. Чтобы добиться правильного перевода дефисных конструкций научно-технических текстов, переводчику очень важно обладать воображением и пониманием данной сферы. В словарях английского языка определенное место занимают сложные слова, составленные через дефис.

Ключевые слова: таджиксий язык, английский язык, перевод, непереводимость, сложные лексические единицы с дефисом, сопоставление, научно-технический текст, безэквивалентность, конструкция, словарь.

HYPHENATED COMPOUND LEXICAL UNITS OF THE ENGLISH LANGUAGE IN SCIENTIFIC-TECHNICAL TEXT AS A PHENOMENON OF «UNTRANSLATABILITY»

The purpose of this article is to determine the untranslatability of compound lexical units of the English language in scientific and technical texts, as well as methods and means of their translation. A structural and semantic analysis of compound lexical units of the English language was carried out, during which various translation methods were used, such as descriptive translation, transliteration, calque, abbreviation, and a method of saving the graphic form. There are also cases that, during translating compound words, their structures also influence and these cases are also reflected in this article.

In scientific and technical texts, special terms are most often used, especially abbreviations, the means of their translation are analyzed in the article. The opinions of scientists regarding non-equivalent lexical units, which are considered untranslatable lexical units, are also presented. The specifics of scientific and technical texts are also discussed in this article. In addition, translators are

offered recommendations on the translation of scientific and technical texts and compound lexical units of the English language.

Compound lexical units of the English language are formed in several ways. According to the author, hyphenated structures pose a special problem in translation, since it is necessary to take into account not only the translation of components, but also the interaction of translation units. In order to achieve the correct translation of hyphenated structures in scientific and technical texts, it is very important for the translator to have imagination and understanding of this field. In English dictionaries, compound hyphenated words occupy a certain place.

Keywords: Tajiki language, English language, translation, untranslatability, hyphenated compound lexical units, comparison, scientific-technical text, non-equivalence, construction, vocabulary.

Маълумот дар бораи муаллиф: Сафарзода Рухангези Акбар *– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума.* ***Суроға:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6. Тел.: (+992) 987-48-32-53. E-mail: ruhangezakbar@mail.ru*

Сведения об авторе: Сафарзода Рухангези Акбар *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры сопоставительного языкознания и теории перевода.* ***Адрес:*** *Республика Таджикистан, 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. E-mail: ruhangezakbar@mail.ru*

Information on the Author: Safarzoda Rukhangezi Akbar *– Tajik International University of Foreign Languages named after S. Ulughzoda, Candidate of Philological Sciences, senior teacher of the Department of Comparative Linguistics and Translation Theory.* ***Address:*** *17/6, st. Muhammadiev, Dushanbe, 734019, Republic of Tajikistan. E-mail: ruhangezakbar@mail.ru*

ТДУ: 808.03

МУТАЗОДҲОИ ЛУҒАВӢ ДАР МАТНИ ТАРҶУМАҲОИ ФОРСИИ ДАВРОНИ ОҒОЗИНИ ЗАБОНИ ФОРСИИ ДАРӢ

Саъдуллозода У.Қ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Пайдоиш, ташаккул ва такомули ҳар як забон, махсусан таркиби луғавии он, ба ҳаёти иҷтимоӣ, таърих ва соҳибони он алоқаи ногусастанӣ дорад. Мусаллам аст, ки ҳамаи вожаву истилоҳоти дар забонбуда ғанӣ будани захираи луғавии онро ташкил медиҳанд. Аз ин ҷиҳат, метавон гуфт, ки захираи луғавӣ ва таркиби луғавии забон ҳама вақт рушду густариш меёбад. Рушду густариши таркиби луғавии забон ба раванди тараққиёту пешравии ҷамъият, техникаву технологияи нав, илму фарҳанг, ба тағйироту таҳаввулоти муносибатҳои ҷамъиятӣ ва зисту зиндагӣ, расму русуми одамон робитаи қавӣ дорад. Дар ҷамъият дар давоми солҳову асрҳо воқеа ва ҳодисаҳои нав ба вуҷуд меоянд, истеҳсолоти ҷамъиятӣ тағйир меёбанд, аз ҷониби донишмандон маснуоти зиёд, чизу чора ва ғайраҳо ихтироъ мешаванд. Аз ин рӯ, ҳар он тағйироту таҳаввулоте, ки дар ҳаёти ҷомеаи инсонӣ ба вуҷуд меояд, дар забон низ бетаъсир наmemонад.

Вожаҳои мутазод (антоним) ду ва зиёда калимаҳое мебошанд, ки дар онҳо маъно, ҳолат, хислат ва амали он акси якдигар гардидаанд ва онҳо яке аз ҳодисаҳои инкишофёфтаи забон маҳсуб меёбад ва ҳамчун воситаи муассири баён барои равшан ифода кардани фикр ва таъмини балоғату фасоҳати сухан нақши калон доранд. Бо истифода аз калимаҳои зидмаъно эҷодкор аломату хосият ва ҳаракати инкоршавандаро баён карда, муносибати худро нисбат ба он нишон медиҳад. Чунонки забоншинос М. Муҳаммадиев зикр мекунад: «Антонимҳо яке аз категорияҳои муҳимми лексикӣ буда, дар забон вазифаҳои гуногуни услубиро адо менамоянд. Калимаҳое, ки маънои хилофи ҳамдигарро ифода мекунанд, антониманд. Антонимҳои лексикӣ берун аз матн ҳам хусусияти антонимии худро нигоҳ медоранд. Аммо дар дохили матн, дар алоқамандӣ бо калимаҳои антонимии худ, ҷиҳати антонимиашон равшантар аст. Ба ин тариқ, дар калимаҳои антонимӣ ба тариқи муқоиса мафҳум ё ягон хусусияти сифатии мафҳум ва ё предметҳо ба ҳам муқобил гузошта мешавад» [11, 103]. Барои равшан баён намудани фикр антонимҳо кумак мерасонанд. Онҳо аломат, хосият, амал ва ҳолатҳои мухталифи объекти мавриди муҳокимаро нишон дода, дар вазъиятҳои гуногуни нутқ ва дар шаклҳои зиёде истифода мешаванд ва бештар дар як матни алоқаманд дучор мегарданд. Ин ба табиати калимаҳои зидмаъно зич алоқаманд аст. Мураттиби «Луғати антонимҳои забони адабии тоҷик» дотсент Ҳ. Талбакова дар хусуси ин воҳидҳои луғавӣ чунин менависад: «Антонимҳои луғавӣ аз ҷумлаи категорияҳои муҳими забон ба шумор рафта, дар аниқ намудани мафҳумҳо, тасвири ҳодисаву воқеаҳои мухталифи ҳаёти воқеӣ, зиддиятҳои зиндагии мардум мақоми муҳим доранд. Дар сари ҳар қадам ба назар мерасанд. Маҳз ҳамин зиддиятҳо аксар ба воситаи калимаҳои антонимӣ ифода мегарданд, қисми таркибиву диалектикии табиат ва ҷамъиятро ташкил медиҳанд. Дар фалсафа мафҳумҳое, ки ин категорияҳои луғавӣ ифода мекунад, баҳамзидҳо номида шудаанд» [16, 8]. ва забоншиноси рус Л. А. Новиков дар мавриди антонимҳо чунин мегӯяд: «Шарҳи илмии муқобилгузориҳо аз асоси фалсафӣ ва мантиқии онҳо бармеояд» [14, 243]. Дар забоншиносии тоҷик баъзе асарҳо ва мақолаҳои олимон М. Муҳаммадиев [11, 103], Р. Ғаффоров [2, 25-27], Ҳ. Маҷидов [7, 9-11] ва тадқиқотҳои ба масъалаҳои услубиёти адибони ҷудогона бахшидаи Н. Масъумӣ [8, 102], Б. Камолиддинов [5, 67] ва дигарон чанд паҳлуҳои ин мушкилоти муҳимми забонро аз назар гузаронидаанд. Аз ин воситаҳои муассири тарзи баён, яъне антонимҳо, нигоранда ба мақсадҳои гуногун истифода мебарад.

Яке аз китобҳои куҳани арзишманд дар заминаи Қуръон тарҷумаи Қуръони Қудс аст.

«Қуръони Қудс» яке аз нусхаҳои куҳани тарҷумаи форсӣ маҳсуб ёфта, дар «Китобхонаи Остони Қудси Разавӣ» маҳфуз аст ва бо ҳамин ном ёд мешавад. Донишманди Қуръон Алии Равоқӣ соли 1360 ш. [1981 м.] дар китобхонаи мазкур бо ин нусха ошно мегардад. Муҳаққиқи зикргардида аз ин таърих барои тасҳеҳу таҳияи ин тарҷумаи нодир бо

тамоми тавоноӣ бар талошу кӯшиш афтода, дар зарфи се сол матнро таҳия месозад. Ҳосили ин кӯшиш, ки тасҳеҳу таҳияи матнро бо муқаддимае муфассал ба бор оварда, соли 1364 ш. [1985 м.] аз сӯйи «Муассисаи фарҳангии Шаҳиди Равоқӣ» бо номи «Қуръони Қудс – куҳантарин баргардони Қуръон ба форсӣ» ба нашр расидааст.

Донишманди увупоӣ Жилберт Лазар дар таълифоти хеш роҷеъ ба ин асари таърихӣ ва динӣ ибрози андеша карда, аз ҷумла чунин қайд кардааст: «Гӯиши ҷануб дар матнҳое ба дасти мо расидааст, ки бо бархе аз онҳо аз беш аз як садаи пеш ба хубӣ ошноем, аммо далолати гӯишии ин мутун дер замоне ношинохта мондааст. Мурод матнҳои куҳани форсӣ-яҳудӣ аст, ки бештари онҳоро тарҷумаҳо ва тафсирҳои китоби муқаддас ташкил медиҳад. Ин санад, ки аз назари забоншиносӣ аҳамияте бемонанд дорад, тарҷумае аз Қуръон аст, ки Алии Равоқӣ нусхаи хаттии мунҳасир ба фард ва ноқиси онро дар китобхонаи Остони Қудси Разавӣ кашф карда ва сипас, дар ду ҷилди нафис бо унвони «Қуръони Қудс» ба чоп расондааст. Ин матн, ки вижагиҳои гӯйишии фаровоне дорад, ба эҳтимоли қавӣ, дар Сиистон ё дар ноҳияе наздик ба он навишта шудааст ва имкон дорад мутааллиқ ба қарни панҷум ва шашуми ҳ.қ. бошад» [6, 222].

Иддае аз муҳаққиқон тарҷумаи мазкурро куҳантарин баргардони форсии Қуръон донистаанд. Аз ҷумла, Муҳаммадҳусайни Руҳонӣ дар мақолаи «Навтарин ганҷ дар куҳантарин ганҷина (Қуръони Қудс)»-и худ аз ин нукта сухан намудааст. Аз баррасии муҳаққиқи номбурда пайдост, ки ӯ таърихи тарҷумаро дар ҳудуди асри дуюму сеюми ҳиҷрӣ донистааст [ниг:, 12, 139-140].

Устод Баҳор ва доктор Киё асрҳои се ва чоруми ҳиҷриро бар он тахмин задаанд. Дар «Донишномаи Қуръон» фосилаи байни 250-350 ҳ. [846-961 м.] таърихи китобати он ёд шудааст [3, 558].

Зумраи муҳаққиқони дигар низ бар ин назар буда, ки дар маҷмуъ, ҳама тарҷумаи мазкурро куҳантарин тарҷумаи форсии Қуръон ҳисобидаанд.

Мусаҳҳеҳ низ бо тардид ва эҳтимол дар яке аз гузоришоти хеш онро «куҳантарин баргардони Қуръон ба форсӣ» номидааст [4, 23]**.**

Мавриди зикр аст, ки дар бахши дуюм матн бо забони форсии миёна муқоиса гардидааст. Дар ин бахш масъалаи мазкур дар самтҳои ҳамсониҳои вожаӣ, ҳамгуниҳои овоӣ ва ҳаммонандиҳои сохторӣ баррасӣ ёфтааст. Дар маҷмуъ, мусаҳҳеҳ кӯшида, то дар ин мабҳас забони тарҷумаро бо забони форсии миёна пайванд бидиҳад. Аз баррасиҳои мусаҳҳеҳ, агарчи бо эҳтиёт матолибро арза медорад, пайдост, ки ӯ бар муаррифии нусха чун куҳантарин матни мутарҷам тамоюл намудааст [13, 112].

Гузоришҳои дигари ӯ низ инро таъйид менамояд, ки забони тарҷумаро «яке аз наздиктарин гунаҳои забони форсии нав ба забони паҳлавии сосонӣ» ва ҳамчун «ҳалқае миёни забони паҳлавии сосонӣ ва забони форсии нав» хондааст [13, 112-113].

Муҳаққиқ Ф. Насриддинов дар мавриди баҳси куҳантарин баргардони Қуръон ба забони форсӣ чунин менигорад: «Дар маҷмуъ, назари аҳли таҳқиқ бар таърихи ҷадидтари тарҷума мустанадтар буда, тарафи дигарро низ таҳти таъсири худ қарор додааст. Аз ҷумла мусаҳҳеҳ, ки дар муқова дар зери унвони «Қуръони Қудс» ҷумлаи «куҳантарин баргардони Қуръон ба форсӣ?»-ро сабт карда буд, онро пас аз чанд сол ба «Тарҷумаи куҳан аз Қуръон ба форсӣ» ислоҳ намудааст.

Пас бо такя бар ин аснод ва баҳсҳои дар пеш матраҳгардида «Қуръони Қудс»-ро тарҷумае аз асри панҷуми ҳиҷрӣ (баробари асри XI-и милодӣ) ба лаҳҷаи систонӣ ё наздик ба он, ки баҳраёб аз «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» аст, донистан саҳеҳтар мебошад.

Тарҷумаи «Қуръони Қудс» аз нигоҳи вожаву таъбирҳои нобу куҳан, калимоти лаҳҷавиву гӯишӣ, хусусиятҳои овоиву наҳвӣ ва вижагиҳои дигар дар рушди донишҳои филологӣ аз сарчашмаҳои пурбори таҳқиқ маҳсуб мегардад» [13, 115-116].

Вожаҳои зидмаъно дар «Қуръони Қудс» ба таври васеъ корбурд доранд ва аз ҷиҳати баромад ба се гурӯҳ ҷудо намудем.

А) Тоҷикиву тоҷикӣ

Ба ин гурӯҳ калимаҳои зидмаъноеро дохил намудем, ки ҳар ду калима аз ҷиҳати баромад тоҷикӣ мебошанд. Мутарҷими Қуръон бештар вожаҳои сирф тоҷикиро истифода кардааст.

Ростӣ – киле (б) (килеб, кажӣ, бероҳӣ)

Макруҳ кардан нест дар дин. Дидвар шуд **ростӣ** аз **киле** (килеб, кажӣ, бероҳӣ). Кӣ кофар шаҳад ба дев, бигаравед ба Худой, бигирифт гӯшаи хустувортар (устувортар) нест онро. Худой ишнавои доност (Бақара, 256).

Дар ояи мазкур вожаҳои **рост** (форсии бостон râsta, форсии миёна râst-ростӣ, дуруст, сеҳеҳ, савоб, инсоф [17, 1414]) ва **киле (б)** мутазоданд. Вожаи **килеб** дар матн бо ихтисор гардидани овози «б» дар шакли киле истифода гардидааст ва ин шояд то ҷойе таъсири гӯиши Сиистон бошад. Ин вожа имрӯз дар гӯишҳо корбурд дорад (качу килеб).

Хушком – душком

Эй ҷуд (ҷуз) дини Худой металабед? Ӯйро нарм шуд, ки дар осмонҳо ва замин **хушком** ва **душком** ва ба Ӯй воз оварда шед (шавед) (Оли Имрон, 83).

Хушком-(бахушӣ, хушманишӣ, шодмонӣ) ва **душком**-(бадхушӣ, нохушманишӣ, бадманишӣ).

Пинҳом (пинҳон) –- ашкоро (ошкоро), шав (шаб) – рӯз

Эшон каме хазин кунанд молҳо эшон ба **шав** ва **рӯз, пинҳом** ва **ашкаро,** эшонро биҳад музди эшон наздики Худованди эшон. На тарс биҳад вар эшон ва на эшон андуҳ баранд (Бақара, 274).

Дар ояи мазкур вожаҳои шав (шаб)-рӯз ва пинҳом (пинҳон)-ашкоро (ошкоро) зидмаъно буда ва дар тағйири шакли вожаҳо (шав, ашкоро) таъсири гӯйиш ба назар мерасад. Вожаи **пинҳом** дар фарҳанг дар ду шакл (пинҳом, пинҳон) тавзеҳ ёфтааст. Ин вожа дар форсии миёна *pa nihân-*pa аз *pati ва nihân аз пӯшида собиқа дошт ва ба монанди вожаҳои падруд, падид ва пагоҳ дар давраи миёна сохта шудаанд [17, 735]. Шаб-замони байни ғуруби Хуршед то сапедадам. Рӯз аз решаи rauk-рӯшан будан, партавафкан ва дар забони форсии бостон-raučah ва форсии миёна-rôč [17, 1483]. Вожаи ашкоро такя ба «Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ» дар шакли ҳошкоро низ корбурд дорад. Дар асл вожа ошкор, ошкоро бошад ба маънии зоҳир, ҳувайдо, пайдо муқобили махфӣ, пинҳон ва ниҳон. Ошкоро аз эронии бостон *âviš-kâra аз *âviš-пайдо,зоҳир ва *kâra аз решаи kor-кардан сарчашма мегирад [17, 74].

Рӯшноӣ (форсии бостон-rauxšana, форсии миёна-rôšn ба маъниҳои тобнок, нуронӣ, тобон ва дурахшон [17, 1491]). **Торикӣ** (дар забонҳои эронии қадим ва миёна собиқа дорад, форсии бостон-*taØryaka, форсии миёна-târik аз решаи tam-тира будан, торик будан [17, 811]).

Сипос он Худойро, ки биофарид осмонҳо ва замин ва кард **торикиҳо** ва **рӯшноӣ.** Воз эшон, ки кофир шуданд ба Худованди эшон, ме ширк гиранд (Анъом, 1).

Некуӣ – гастӣ

Неку-дар форсии бостон *naibaka ва форсии миёна nëvak ва ба маънии хуб, матлуб, писандида шарҳ ёфтааст [17, 2833].

Гаст дар луғат ба маънии зишт, қабеҳ ва нозебо ташреҳ ёфтааст. Ин калима таърихи куҳан дошта, дар форсии бостон-gasta (танаффурангез, зишт) зоҳиран аз решаи gad [17, 2406] собиқа дошт.

Будед геҳ (беҳ) гурӯҳе, ки берун оварда шуд мардумонро, мефармоиед ба **некӯӣ** ва ме воз занед аз **гастӣ** (бадӣ, сахтӣ) ва ме бигаравиед ба Худой, ар бигаравистандӣ аҳли китоб, будӣ геҳ эшонро. Зи эшон ҳаст муъминон ва гештари (бештар) эшон фосиқонанд (Оли Имрон, 110).

Маҳ (форсии бостон-mâh (a), форсии миёна- mâh [17, 2579]).

Хуршед (форсии бостон hvar-xšaita, форсии миёна-xvar-(x)šëd [17, 1205])

Шикофтори бом аст ва кунор (кунанда) шавро сокинӣ (оромӣ) ва **Хуршед** ва **Маҳ** ба ҳисобанд. Он аст тақдири азизи доно (Анъом, 96).

Андуҳ – ромишт (ромиш)

Андуҳ-вожаи куҳани форсии тоҷикист. Аз решаи taug муштақ аз ҳиндуаврупоии *(s)teu-g-зарба задан, дур кардан, рондан сарчашма мегирад. Зоҳиран аз форсии бостон *ham-tauga ва дар форсии миёна handôn [17, 301].

Ромиш-оромиш, осудагӣ, фароғат, айшу ишрат, шодӣ, шодмонӣ (ромишу шодиву шодкомӣ ва шодмонӣ як маъниро доро ҳастанд) дар форсии бостон дар шакли râmišn корбурд дошт [17, 1419].

Ар расад ба шумо некуе, **андуҳгин** кунад эшонро, ва ар расад ба шумо гастӣ, **ромиште** шанад (шодмон шаванд, шодкомӣ кунанд) бад-он…(Оли Имрон, 120).

Ба ҳамин монанд метавон вожаҳои зидмаънои сирф тоҷикии харидан-фурӯхтан, осмон-замин, зинда-мурда, тангдастӣ-фарохдастӣ, сапед-сиёҳ, Гиҳишт (Биҳишт)-дӯзах, нар – мода, мард-зан, палид-пок, нармон-сахтон, кӯр-бино, хушк-тарн (тар), духтар-писар дар тарҷумаи “Қуръони Қудс” ном бурд. Бо мисолҳо дар зер оварда шудааст:

Харидан – фурӯхтан

Ё эшон, ки бигаравистед (имон овардаед)! Хазин кунед (ҳазина кунед, нафақа) з-он рӯзе додем шуморо аз пеш он ки ояд рӯзе **хариду фурӯхт** набиҳад (набошад) дар он ва на дӯсте ва на шафоат. Кофирон эшонанд ситамкорон (Бақара, 254).

Осмон – замин

Дар офаридани **осмонҳо** ва **замин** ва мухталиф шудани шаву рӯз, нишонҳост худовандони хирадҳоро (Оли Имрон, 190).

Зинда – мурда,

Эй нанигарӣ ба ӯй, ки пайкор кард во (бо) Ибраҳим дар Худованд ӯй? Дод ӯйро Худой подшоӣ. Гуфт Ибраҳим: Худованди ман Ӯст, ки **зинда** кунад ва **бимиронад.** Гуфт: Ман **зинда** кунам ва **бимиронам**….(Бақара, 258).

Тангдастӣ – фарохдастӣ

Ар биҳад Худованд **тангдастӣ,** та замони додан (замон ва муҳлат додан) то ба **фарохдастӣ** (тавонгарӣ, фарохӣ), ки садақа кунед, геҳ биҳад шуморо ар ҳед, ки медонед (Бақара, 280).

Сапед – сиёҳ

Он рӯзи **сапед** шаҳад рӯйҳое ва **сияҳ** шаҳад рӯйҳое. Аммо эшон, ки сияҳ шаҳад рӯйҳо эшон, эй кофир шудед пас гаравишт шумо? Та (пас) бичашед (пас бичашед) азоб бад-он будед ме кофир шудед (Оли Имрон, 106).

Гиҳишт (Биҳишт) – дӯзах

Ё пиндоштед, ки дар шед дар **Гиҳишт?** (Биҳишт) Ва надонад Худой эшонро, ки ҷиҳод карданд аз шумо ва бидонад шикевоёнро (шикебоёнро) (Оли Имрон, 142).

Эй кӣ пас рӯй кунад хушнудӣ Худойро чун кӣ воз омад ба хашме аз Худой ва ҷойгаҳи ӯй **дӯзах** биҳад ва гад (бад) аст шудан ҷой (Оли Имрон, 162).

Нар – мода

Ҷавоб кард эшонро Худованди эшон: Ман зоеъ накунам кори коркуноре (коркунанда) аз шумо, аз наре ё мода…(Оли Имрон, 195).

Мард – зан

Ё мардон! Бипархезед аз Худованди шумо, Ӯй, ки биофарид шуморо аз як нафс ва биофарид аз вай анбози ӯй ва пароканд аз он ду мардони фаравон ва занон ва бипархезед аз он Худой, ки як аз дигар мехоҳед бад-Вай воз буридан хешиҳо. Худой ҳаст вар шумо нигаҳвон (Нисо, 1).

Палид – пок

Диҳед ятимонро молҳо эшон ва ба дил магиред **палидро** ба **пок** (Нисо, 2).

Нармон – сахтон

Ё эшон, ки бигаравистед! Кӣ воз гардад аз шумо аз дини Ӯй анӯз орад (зуд бувад, ки биёрад) Худой қавме дӯст дорад эшонро ва дӯст доранд Ӯйро, **нармон** (нармсорон) вар муъминон, **сахтон** вар кофирон. Ме ҷиҳод кунанд дар раҳи Худой ва натарсанд аз маломати маломаткуноре (маломаткунанда). Он аст фазли Худой, диҳад он киро хоҳад. Худой фарохрӯзе доност (Моида, 54).

Кӯр – бино

Бигуҳ (Бигӯй): намегуҳам (намегӯям) шуморо наздики ман аст хазинҳои (ганҷҳо) Худой ва надонам ғайб ва намегуҳам шуморо ман фаристае (фариштa) ҳам пас равӣ намекунам бе он рой (онро ки) ме ваҳй карда шаҳад бе ман. Бигуҳ: эй гарогар банд (баробар бошанд) **кӯр** ва **бино**? Эй ҳамошат накунед (андеша накунед)? (Анъом, 50).

Хушк – тарн

Наздики ӯй аст хазинҳои ғайб надонад онро магар ӯй. Ва донад он дар даст (дашт) ва дарё ва бинаяфтад ҳеч барге дарахт то бе донад онро ва не донае дар торикиҳои замин. Не **тарн** (тар, тарӣ) ва не **хушк**, ё бе дар китобе дидвар аст (Анъом, 59).

Духтар – писар

Карданд Худойро ҷиниёнро шариконе ва биёфарид ишонро ва дурӯғ гуфтанд ӯйро ба **писарон** ва **духтарон** ба ҷуд илм. Покӣ ӯйро вар дур аст з-он ме сифат кунанд (Анъом, 100).

Нопадидӣ – ҳозирӣ

... Донои **нопадидӣ** ва **ҳозирӣ.** Ӯй аст Дурусткоре Огаҳ (Анъом, 74).

Водминон – нахустинон

То азмон (азамон) даррасанд дар он ҳама гуҳанд **водминонашон** (бозпасиён, ҷамоати мутааххир) **нахустинонашонро** (ҷамоати мутақаддим):.. (Аъроф, 38).

Пешиниён – пасиниён

Гуҳанд **пешиниёнашон** (мутақаддимашон) **пасиниёнашонро** (мутааххирашон):... (Аъроф, 39).

Б) Тоҷикиву арабӣ

Ин қабил вожаҳои зидмаъно метавонанд бо ҷузъи тоҷикиву арабӣ низ оянд.

Ҳиҷора (андак, кам) – фаравон (фаровон, бисёр, зиёд)

…Гуфтанд эшон, ки ме яқин шанад (шаванд), ки эшон падираомадорони (бинандагон, расандагон) Худоянд: Чанд аз гурӯҳи **хиҷора** (андак) ғалаба кард вар гурӯҳи **фаравон** ба фармони Худой. Худой во…….(Бақара, 249).

Нопадид – ҳозир

Ӯй Ӯест ки биёфарид осмонҳо ва замин ба ҳақ. Он рӯз гуҳад: Бибош! Бибуҳуд (бибошад). Қавли ӯй ҳақ аст ва онро подшои он рӯз ки дамида шаҳад дар сур донои нопадиде ва ҳозире. Ӯй аст дурусткоре огаҳ (Анъом, 73).

В) Арабиву арабӣ

Машриқ – Мағриб

Гуфт: Ман зинда кунам ва бимиронам. Гуфт Ибраҳим: Худой биорад Хуршедро аз **Машриқ,** биор онро аз **Мағриб.** Ҳакавӣ шуд (дармонд, мабҳут шуд, саргардон шуд) ӯй, ки кофир шуд. Худой раҳ нанамояд қавми ситамкоронро (Бақара, 258).

Ҳалол –ҳаром

Ситаме аз эшон, ки ҷуҳудӣ карданд, ҳаром кардем вар эшон покиҳо **ҳалол** карда шуд эшонро воз задани эшон аз раҳи Худой фаравон (Нисо, 160). Ё эшон, ки бигаравистед! Ҳаром нагиред покиҳо он **ҳалол** кард Худой шуморо ва гадишторӣ макунед. Худой дӯст надорад гадишторикуноронро (аз ҳад даргузарандагон) (Моида, 87).

Муъмин – кофир

Ё эшон, ки бигаравистед! Кӣ воз гардад аз шумо аз дини Ӯй анӯз орад (зуд бувад, ки биёрад) Худой қавме дӯст дорад эшонро ва дӯст доранд Ӯйро, нармон (нарсорон) вар **муъминон,** сахтон вар **кофирон.** Ме ҷиҳод кунанд дар раҳи Худой ва натарсанд аз маломати маломаткуноре (маломаткунанда). Он аст фазли Худой, диҳад он киро хоҳад. Худой фарохрӯзе доност (Моида, 54).

Чунонки забоншинос А. А. Реформатский менависад: «Антонимҳо воситаи пуркуввати маъноии забонианд ва онҳо барои гузориши зиддият, барои ба вуҷуд овардани тарзи муқобилгузорӣ дар забон нақши бузург мебозанд» [15, 68] ва бояд қайд кард, ки на ин

ки дар назм, балки дар наср ҳам бисёр нақши муаасир доранд ва ин гуфтаҳо дар мисолҳои аз тарҷумаи «Қуръони Қудс» овардашуда баръало ҳис мешавад.

Таҳқиқ ва баррасии корбурди антонимҳои луғавӣ нишон дод, ки дар давраи муайяни рушди забони адабии тоҷик вожаҳое, ки имрӯз дар забон ҳамчун вожаҳои зидмаъно мустаъмал нестанд, антонимҳои луғавӣ будаанд.

Аз корбурди антонимҳои луғавӣ дар «Қуръони Қудс» ба чунин хулоса кардан мумкин аст, ки дар муассир гардидани гуфтор ва навиштор калимаҳои антонимӣ мавқеи хосро соҳибанд ва бо истифода аз вожаҳои антонимӣ нутқ комилу нишонрас мегардад.

Муқарриз: Муслимзода Ҳ.А., н.и.ф., дотсенти ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

АДАБИЁТ:

1. Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ. Калимаҳои форсӣ дар Қуръони маҷид./ Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ. // Чашмандоз. №1, 2000. – С 4-9.
2. Ғаффоров Р. Калимаҳои антонимӣ ва хусусиятҳои услубии онҳо // Мактаби советӣ, 1977, № 12. – С.25-27.
3. Донишномаи Қуръон ва қуръон пажуҳӣ/ Зери назари Б. Хуррамшоҳӣ. – Теҳрон: Дӯстон-Ноҳид, 1377, иборат аз ду ҷилд.
4. Имодӣ Сайид Муҳаммад. Қуръони форсии куҳан. / Имодӣ Сайид Муҳаммад.– Теҳрон: Нашри мероси мактуб, 1378. – 224 с.
5. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим. -Душанбе: Ирфон, 1967. –186 с.
6. Лазар Ж. Шаклгирии забони форсӣ. Чопи саввум./Лазар Ж.– Теҳрон: Ҳирмис, 2005. – 204 с.
7. Маҷидов Ҳ. Антонимҳои луғавӣ // Маърифат, 1999, №1-2. – С.9-11.
8. Маъсумӣ Н. Забон ва услуби Аҳмади Дониш. –Душанбе, 1976. – 196 с.
9. Муҳаммад Муин. Фарҳанги форсӣ. Ҷилди 1./Муҳаммад Муин.– Теҳрон, 1375.– 1472 с.
10. Муҳаммад Муин. Фарҳанги форсӣ. Ҷилди 4. Муҳаммад Муин.– Теҳрон, 1381.– 5594 с.
11. Муҳаммадиев М., Талбакова Ҳ., Нурмаҳмадов Ю. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1997. – 190 с.
12. Муҳаммадҳусайни Руҳонӣ. Навтарин ганҷ дар куҳантарин ганҷина / Муҳаммадҳусайни Рӯҳонӣ. Баййинот. –Қум, 1373. – №4. – 139-140.
13. Насриддинов Ф. Арзишҳои адабӣ дар тарҷума ва тафосири куҳани форсӣ-тоҷикӣ./Насриддинов Ф.– Хуҷанд: Ношир, 2012. – 576 с.
14. Новиков Л. А. Антонимия в русском языке. – М.: МГУ, 1973.-290 с.
15. Реформатский А.А. Введение в языкознание. – М.:Просвещение, 1955.-268 с.
16. Талбакова Ҳ. Луғати антонимҳои забони адабии тоҷик.-Душанбе, 2008. –110 с.
17. Ҳасандӯст Муҳаммад. Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ. Ҷ.1.2.3.4 – Теҳрон: Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ, 1393. – 2955 с.

Манбаъ:

1. Қуръони Қудс. Бо кӯшиши Алии Равоқӣ. – Теҳрон: Муассисаи фарҳангии Шаҳид Равоқӣ, 1364 (Дар ду ҷилд).

МУТАЗОДҲОИ ЛУҒАВӢ ДАР МАТНИ ТАРҶУМАҲОИ ФОРСИИ ДАВРОНИ ОҒОЗИНИ ЗАБОНИ ФОРСИИ ДАРӢ

Вожаҳои мутазодд (антоним) ду ва зиёда калимаҳое мебошанд, ки дар онҳо маъно, ҳолат, хислат ва амали он акси якдигар гардидаанд ва онҳо яке аз ҳодисаҳои инкишофёфтаи забон маҳсуб меёбад ва ҳамчун воситаи муассири баён барои равшан ифода кардани фикр ва таъмини балоғату фасоҳати суҳан нақши калон доранд. Бо истифода аз калимаҳои зидмаъно эҷодкор аломату хосият ва ҳаракати инкоршавандаро баён карда, муносибати худро нисбат ба он нишон медиҳад.

Қудс яке аз қадимтарин тарҷумаҳои Қуръон аст. Ба эътиқоди пажӯҳишгарон, забони тарҷумонӣ аз наздиктарин навъҳои забони форсии нав ба паҳлавии сосонӣ буда, пайванде миёни паҳлавии сосонӣ ва забони тоҷикӣ-форсӣ аст.

Ҳадаф дар ин мақола вожаҳои зидмаъност, ки дар тарҷума хеле зиёд корбурд доранд. Вожаҳои зидмаъноро дар тарҷумаи мазкур аз ҷиҳати баромад ба се гурӯҳ ҷудо намудем: тоҷикиву тоҷикӣ, тоҷикиву арабӣ ва арабиву арабӣ. Вожаҳои зидмаънои тоҷикиву тоҷикӣ дар тарҷума мавқеи муайянро ишғол мекунанд ва мавриди зикр аст, ки вожаҳои зидмаъно воситаи пурқуввати маъноии забонианд ва онҳо барои гузориши зиддият, барои ба вуҷуд овардани тарзи муқобилгузорӣ дар забон нақши бузург мебозанд. Таҳқиқ ва баррасии корбурди антонимҳои луғавӣ нишон дод, ки дар давраи

муайяни рушди забони адабии тоҷик вожаҳое, ки имрӯз дар забон ҳамчун вожаҳои зидмаъно мустаъмал нестанд, антонимҳои луғавӣ будаанд.

Калидвожаҳо: *антоним, пинҳом, ашкоро, килеб, гастӣ, гиҳишт, ромишт, андуҳ, ҳиҷора, фаравон.*

ЛЕКСИЧЕСКИЕ АНТОНИМЫ В ПЕРСИДСКИХ ПЕРЕВОДЧЕСКИХ ТЕКСТАХ НАЧАЛЬНОГО ПЕРИОДА ЯЗЫКА ФАРСИИ ДАРИ

Противоположные слова (антонимы) — два и более слов, у которых значение, состояние, характер и действие противоположны друг другу, и они считаются одним из развитых явлений языка и играют роль эффективного средства для выражения мысли и обеспечивают зрелость и красноречие. Используя антонимы, творец выражает отрицаемый знак, характеристику и движение и показывает свое отношение к нему.

Коран Кудс – один из древнейших переводов Корана. По мнению исследователей, переводной язык является одним из наиболее близких типов новоперсидского языка к сасанидскому пехлеви и является связующим звеном между сасанидским пехлеви и таджикско-персидским языком.

Цель данной статьи – противоположные слова, которые очень часто используются в переводе. В этом переводе мы разделили антонимы на три группы: таджикско-таджикские, таджикско-арабские и арабо-арабские. Таджикско-таджикские антонимы занимают определенное место в переводе, и стоит отметить, что антонимы являются мощным смысловым средством в языке и играют большую роль в сообщении противоречий, в целях создания способа противостояния в языке. Исследование и обзор употребления лексических антонимов показали, что в определенный период развития таджикского литературного языка лексическими антонимами были слова, которые сегодня не используются как слова с противоположным значением.

Ключевые слова: *антоним, скрытый, открытый, истина, благодеяние, рай, покой, печаль, мало, много.*

LEXICAL ANTONYMS IN PERSIAN TRANSLATION TEXTS OF THE INITIAL PERIOD OF THE FARSI DARI LANGUAGE

Opposite words (antonyms) are two or more words whose meaning, state, character and action are opposite to each other, and they are considered one of the developed phenomena of language and play the role of an effective means for expressing thoughts and providing maturity and eloquence. Using antonyms, the creator expresses the negated sign, characteristic and movement and shows his attitude towards it.

Quds is one of the oldest translations of the Quran. According to researchers, the translated language is one of the closest types of the New Persian language to the Sasanian Pahlavi and is a link between the Sasanian Pahlavi and the Tajik-Persian language. The purpose of this article is opposite words, which are very often used in translation. In this translation, we divided antonyms into three groups: Tajik-Tajik, Tajik-Arabic and Arabic-Arabic. Tajik-Tajik antonyms occupy a certain place in translation, and it is worth noting that antonyms are a powerful semantic means in the language and play a large role in communicating contradictions, in order to create a way of confrontation in the language. A study and review of the use of lexical antonyms showed that at a certain period in the development of the Tajik literary language, lexical antonyms were words that today are not used as words with the opposite meaning.

Key words*: antonym, hidden, open, kilib, gasti, gikhisht, romisht, sadness, hijara, faravan.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Саъдуллозода Умедҷон Қудратулло – *Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ф., дотсенти кафедраи таърихи забон ва типология. Сурога: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Тел. 918888832. E-mail: bejanumed@mail.ru*

Сведения об авторе: Садуллозода Умеджон Кудратулло *– Таджикский национальный университет, к.ф.н., доцент кафедры истории языка и типологии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел. 918888832. E-mail: bejanumed@mail.ru*

Information about the author: Sadullozoda Umejon Kudratullo *– Tajik National University, PhD, Associate Professor of the Department of History of Language and Typology. Address: 17 Rudaki Ave., Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan. Tel. 918888832. E-mail: bejanumed@mail.ru*

ТДУ: 808.03

КИНОЯ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАРҶУМАИ АСАРҲОИ БАДЕӢ
(дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)

Соҳибназарова Ҳ.Т.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Фикри инсон тавассути ҷумла ифода мегардад ва истифода намудани ҷумла дар шакли ҷаззоб, аз адиб маҳорат ва малакаи махсусро талаб менамояд. Дар ифодаи ҷумлаи ҷаззоб санъатҳои бадеӣ нақши бориз ва муассир доранд, ки дар қолаби сухан ифода мегарданд. «Забони содаву табиӣ ва ғановатманди халқ сарчашмаи асосии тавоноиву зебоии забони адабист, аммо сухани одӣ ва дурушт монеаест, ки ба пешрафти озодона ва ривоҷу равнақи табиии забони адабӣ халал мерасонад. Одӣ ва дурушт шудани сухан, беэътиноӣ нисбат ба дурустиву зебоии он, вайрон кардани қоидаҳои забон ва ба назар нагирифтани меъёрҳои он ҳодисаи манфиест, ки ба ҳамаи соҳаҳои маънавии ҷомеа зиён меорад» [15, с. 13].

Мавриди зикр аст, ки барои тарҷумон интиқоли санъатҳои бадеӣ яке аз равандҳои мушкилтарин ва мураккаб маҳсуб меёбад, чунки ин раванд дониши хуби забони модариро тақозо менамояд ва истифодаи нодурусти санъатҳои бадеӣ боиси номукаммалии тарҷума мегардад.

Санъатҳои бадеӣ дар нутқ ҷойгоҳи хоса касб карда, ҷиҳатҳои адабӣ, услубӣ ва забонии онҳо мавриди таҳқиқи муҳаққиқони соҳа қарор гирифтаанд ва ба таври ошкору пӯшида истифода бурда мешаванд, ки ба онҳо истиора, ташбеҳ, таззод, маҷоз, тамсил, киноя ва амсоли инҳо дохил мешаванд. Киноя гуфта, калимаю ибораҳоеро меноманд, ки дар худ мафҳуми пӯшидаро таҷассум карда, ҳамчун санъати бадеӣ ё ифодаи адабӣ мавриди истифода қарор дода мешавад. «Киноя маънои зид ва мухолифро қасд карда гап задан ва ба ибораи дигар акси гапи гӯянда мурод аст. Масалан, аз хубӣ баҳс карда бадиро ифода кардан ва аз бадӣ баҳс карда нағзиро фаҳмонидан киноя аст» [3, с. 124], ки дар ҳама гуна асарҳои бадеӣ онро мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ киноя ба маънои «намёк; иносказательность; гл.: выражатся иносказательно; лит.: аллегория; метонимия; метафора; говорить намёками, иносказательно; намекать» [9, с. 276] омадааст, ки ба ақидаи мо ин каме иштибоҳ аст ва ба ин масъала дар тарҷумаи киноя дар фарҳангу дигар сарчашмаҳо мо мувофиқ нестем. Мазмун ва муҳтавои ифодаҳои мазкур дар умум, ба мазмун ва муҳтавои киноя мувофиқат намекунанд, зеро дар дигар сарчашмаҳои илмӣ ифодаҳои метонимия ва метафора ба дигар маъно корбурд мешаванд. Агар ин се санъати бадеӣ дар як шакл корбурд шаванд, пас ифодаи онҳо дар ҷумла чӣ тавр амалӣ карда мешавад? Ё ин ки ба ибораи дигар агар *киноя* аллегория бошад, пас барои чӣ боз дар шакли намёк истифода шудааст?

Мусаллам аст, ки ифодаи мазкур (намёк) дар луғати русӣ-тоҷикӣ хеле хуб ифода гардида, ба чунин маъно омада бошад ҳам, дар тарҷумаи он каме иштибоҳ роҳ дода шудааст: «киноя, ишора; кинояомез гап задан» [2, с. 525]. «Аллегория» бошад, дар луғати мазкур дар шакли «маҷоз, рамз, киноя, истиора, аллегория» [Ҳамон ҷо, с. 30]. оварда шудааст, ки варианти ягона надорад. Тасаввур кунед, ки дар як луғат як мафҳуми киноя дар се шакл ифода гардидааст: «аллегория», «намёк» ва «аллюзия» [Ҳамон ҷо, с. 525; 30; 30].

Мазмун ва мундариҷа дар матни бадеӣ, бар хилофи матнҳои илмӣ метавонанд ба таври возеҳ интиқол дода шаванд ё онҳо метавонанд бо истифода аз дигар санъату образҳои бадеӣ, аз қабили рамзҳо – киноя (аллегория), рамзҳо (симоволов), ишораҳо (аллюзий) ва ғ. ифода ёбанд. Бар хилофи дигар санъатҳои бадеӣ, киноя – ин «интиқоли шартии мафҳум ё ҳукми тахайюли ғайривоқеӣ тавассути тасвири мушаххас мебошад» [4, с. 159].

Дар китоби «Теория перевода» (Назарияи тарҷума)-и В.В. Сдобников мафҳуми мазкур чунин шарҳ дода шудааст: «Рамз нисбат ба киноя сермаънотар буда, дақиқ ва муайян будани тасвири образро надорад (масалан, калимаи “доира”-ро метавон рамзи беохир ё

ҷовидонӣ ҳисоб кард ва парранда барои рассомон рамзи рӯҳу ҷон ва амсоли инҳо). Рамз (аллюзия) ишора ба ҳодисаи умумии воқеӣ, матни бадеӣ, баён аст» [7, с. 351].

Дар фарҳанги тафсирии забони русӣ киноя (аллегория) ба маънои «ифодаи ягон тахайюли ғайривоқеӣ, ягон ақида ё идея дар образи воқеӣ» [5, с. 22], ва ишора (намёк) ин «калима (ҳатто имову ишора ва амал), ки аз рӯйи тахмин фаҳмида мешаванд», мебошанд [Ҳамон ҷо, с. 386], яъне киноя гуфта, калимаю ибора ва дигар воҳидҳои забониеро меноманд, ки фикр дар онҳо тавассути мафҳумҳи маҷозӣ норавшан ва нопурра дар тахайюли ғайривоқеӣ баён шуда, танҳо аз рӯйи мазмун тахмин карда мешаванд.

Пас, варианти истифода ва тарҷумаи *киноя (аллегория)*, ки дар луғати русӣ-тоҷикӣ (Арзуманов С.Д.) ва луғати тафсирии забони русӣ (Ожегов С.И.) омадаанд, қобили қабул дониста мешаванд.

Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки падидаи асосии калимаи киноя дар тамоми луғатҳо – ин тахмин кардан аст, яъне муайян намудани мафҳуми асосии киноя ва мақсади гӯянда ба худи хонанда ё шунаванда вогузор карда мешавад. Дар ин сурат, хонанда ё шунаванда бояд дар асоси маълумоти пӯшидае, ки дар он ифода ниҳон аст, бо истифода аз усули воҳидҳои аслии забонӣ ба баъзе хулосаҳо ояд ва онро чун нуқтаи назари худ ба таври мусбат ё манфӣ баҳогузорӣ кунад.

Дар умум, тахмин кардан ба мафҳуми киноя метавонад ё як масъалаи оддӣ, ё як муаммои мушкилро ҳал намояд, зеро дар маркази ифодаи киноя новобаста аз мақсад, ҳалли масъалаи мушкил меистад.

Аз ин рӯ, вобаста ба шакли истифода ва оҳангу мақсад кинояро ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо кардан мумкин аст: ***киноя аслӣ (истинная аллегория)*** ва ***киноя мураккаб (сложная аллегория)*** .

Хусусияти асосӣ ва муҳими кинояи аслӣ дар он аст, ки ҳангоми истифода дар асар дарк накардани киноя ба гум шудани мафҳуми матн оварда намерасонад ва дар натиҷа маънои семантикии матн гум намешавад, танҳо аз надонистани муҳтавои киноя дар матн як ҷаззобияти хоссае пайдо намешавад.

Кинояи аслӣ фазои маънои матнро ташаккул дода, дар баъзе ҳолатҳо барои хонанда номафҳум бошад ҳам, мафҳуми сатҳи матн барои ҳар як қабулкунанда (адресат) кушоду равшан боқӣ мемонад.

Масалан,

“No,” the old man said. “*You`re with a lucky boat*” (Hemingway, p. 8).

Тарҷума:

-Не, -гуфт пирамард. *Толеъ ба он заврақ ёр аст* (Ҳемингвей, с. 9).

Дар ҷумлаи мазкур “*You`re with a lucky boat*” кинояи аслӣ маҳсуб меёбад, зеро калимаи «*luck*» дар ҷумлаи мазкур мафҳуми «хушбахтӣ», «толеъи баланд»-ро ифода мекунад ва хонанда аз ин пай мебарад, ки гап сари кадом масъала рафта истодааст. Дар матни тарҷумавӣ ҷумлаи мазкур муодили худро дар шакли «*Толеъ ба он заврақ ёр аст*» ёфтааст ва тарҷумаи мазкурро низ тарҷумаи мукаммал ҳисобидан мумкин аст.

Кинояи мураккаб киноя мебошад, ки маънои дақиқ дар он нуҳуфтааст ва мазмуну мундариҷаи онҳо ба таври равшан барои хонанда ё шунаванда дастрас нест ва тахмин намудани онҳо низ дар матни аслӣ барои қабулкунанда мушкилӣ ба бор меорад.

Масалан,

The old man opened his eyes and for a moment *he was coming back from a long way away* (E. Hemingway, p. 20).

Пирамард чашмонашро боз кард ва як лаҳза чунон буд, ки *аз олами руъё бармегашт* (Э. Ҳемингвей, с. 21).

Дар қисмати дуюми ҷумла кинояи мураккабро вохӯрдан мумкин аст, зеро дар алоҳидагӣ *he was coming back from a long way away* ба маънои ҷумлаи аслӣ бештар шабоҳат дорад. Аз ин рӯ, гарчанде ба мазмуни сода ҳам корбарӣ шавад, барои дарки мазмун он мушкилӣ пеш меояд. Гарчанде дар тарҷума номутобиқатии сохторӣ ҳам мушоҳида шавад, дар маънои он

мутобиқати мазмуниро мушоҳида кардан мумкин аст, яъне мазмуни ҷумлаи матни аслӣ мазмуни ҷумлаи матни тарҷумавиро дода метавонад ва ба он муодил аст.

Чӣ тавре, ки П.Ф. Стросон қайд менамоянд, «моҳияти киноя дар он аст, ки шунаванда бояд (на бештар) мавҷудияти мақсади муайян, масалан, нияти ба вуҷуд овардан ва ошкор намудани эътиқоди мушаххасро тахмин кунад. Мақсади шахс барои бо киноя сухан гуфтан, аслан пешакӣ мушаххас нест» [8, с. 144].

Таҳлилҳо нишон доданд, ки истифодаи кинояи аслӣ ва мураккаб ба маънои муайян ба салоҳияти адиб вогузор карда шудааст ва аз адиб вобастагии комил дорад ва азнавсозии мазмун ва мундариҷаи он имкон медиҳад, то дар робита ба самти коммуникативии киноя, ки мундариҷаи кинояро ҳамроҳӣ мекунад, тағйироти назаррас ба вуҷуд ояд.

Боиси зикр аст, ки барои муайян намудани падидаи мазкур аз рӯйи ду назарияи асосӣ метавон хулосабарорӣ намуд:

1. Он ҳамчун категорияи сунъӣ ба мазмун ва муҳтавои калимаи *киноя* ва феъли *киноя задан* ҳеҷ иртиботе надорад;
2. Он ҳамчун категорияи табиӣ, ки истифодаи он ҳамчун ҷузъи маъноии калимаи *киноя* ва *киноя задан* иртиботи зич дорад, тахмин карда мешавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар матнҳои бадеӣ киноя аз рӯйи мазмуни матн муайян карда мешавад, яъне лафзӣ (вербальный) ва ғайрилафзӣ (невербальный) истифода шудани онҳо ба баёни он дар нутқи нотиқ ё адиб зич алоқаманд аст. Масалан, дар забони тоҷикӣ барои дар тааҷҷуб афтодан одам аз гиребонаш медорад, ки дар асл маънои “Ё тавба”-ро дорад, ки ифодаи мазкур ҳам лафзӣ ҳам ғайрилафзӣ баён шуда метавонад.

Қобили қайд аст, ки ба таври ғайрилафзӣ истифода шудани киноя дар нутқ аҳаммияти калон дорад ва барои истифода ҳангоми тарҷума на он қадар мушкилӣ эҷод мекунад, чунки истифодаи он ба мазмун ва муҳтавои як навъ нисбат дода мешавад. Кинояи ғайрилафзӣ он киноя аст, ки дар он маънои мувофиқ барои соҳиби забон муқаррарӣ нест, яъне имову ишораи муайян соҳиби киноя буда наметавонанд ва онро дар тарҷума мо “ишора” (намёк) гуфтем:

Ҳомидхоҷа, бе он, ки овоз барорад, аз дасти ман гирифта *ишорат кард*, ки ба ҷои худ биравем (С. Айнӣ, с. 84).

Дар ҷумлаи мазкур *(бо қиёфа ё даст) ишора барои ба ҷойи худ рафтан* кинояи ғайрилафзӣ маҳсуб меёбад ва бо усули рамзӣ ифода мегардад.

Киноя яке аз санъатҳои бадеии ҷолиб ба шумор рафта, барои сохтани образ нақши муҳим дорад ва дар матнҳои илмӣ кам истифода бурда мешавад. Дар китоби «Донишномаи бадеъ»-и У. Тоиров киноя «сухани пӯшида, пӯшида сухан гуфтан, рамз, ишора» [10, с. 188] маънидод шуда, оварда шудааст: «Сухане ё калимае, ки ба ғайр аз маънои аслии худ маънои дигаре низ дорад, киноя мебошад. Дар маҷоз маънии ҳақиқиро ирода кардан мумкин нест» [Ҳамон ҷо, с. 188]. Масалан, дар ибораи «сари қоқ» мафҳуми «каси яккаву ягона, муҷаррад, каси бенаво, бечизу чора» [13, с. 76] ифода шудааст, ки маҷозан дар ҷумла ифода мешаванд. Ё дар ибораи «хаёли хом», ки маънои маҷозӣ дорад, мафҳуми «орзую ҳаваси беасос» [Ҳамон ҷо, с. 248] ифода шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки дар санъати киноя маъноии аслии калима ба маънои маҷозӣ дар баъзе мавридҳои мухталиф наздик ва дар дигар мавридҳо дур шуда метавонад, яъне то андозае ба воқеият ва тахайюл ҳам наздикӣ дорад. Масалан, дар ибораи «хатои маҳз будан», ки мафҳуми «сар то по ғалат будан, тамоман хато будан» [Ҳамон ҷо, с. 266] ба воқеият наздикӣ дорад, вале дар ибораи «хизр назар карда (-гӣ) (будан)» маънои «шахси муқаддас, порсо, ҳалол будан, касе ки кораш мудом барор мекунад» [Ҳамон ҷо, с. 269] киноя аз шахси покдоман аст, ки ба тахайюли нависанда вобастагӣ дошта, аз воқеият дур аст. Ибораи мазкур ба ҳаёти воқеӣ робита надошта, адиб онро аз рӯйи эҷодиёти худ вобаста ба услуби эҷодиёти худ истифода мебарад.

Масалан,

«Э офтоби оламтоб. *Агар офтоби олам дуру дароз рӯи худро нанамояд, ҳамаи мавҷудоти ҷондор афсурда шуда мемиранд*. Ту, ки офтоби ман мебошӣ, чаро рӯи худро аз

ман мепӯшӣ? Магар мехоҳӣ, ки ман аз фироқи ту афсурда шуда бимирам? Ман гумон намекунам, ки ту ин қадарҳо сардмеҳр ва номеҳрубон бошӣ! Ман *ба хоки пои ту сар монда* аз ту мепурсам, ки ҳеҷ набошад, ягон бор ба ин *«муштоқи бисмилшудаат»* ҷамоли ҷаҳонороятро бинамой. Агар ҳамин шаб баъд аз фурӯ рафтани офтоб ту, ки офтоби ман мебошӣ, ба ман рух нанамоӣ, ман худро дар чоҳи бобоят (дар чоҳи мазори Хоҷа Ӯбон) партофта ҳалок мекунам. Дар он вақт *хуни ман ба гардани ҷавони ту мемонад*...» (С. Айнӣ, с. 241).

Ҷумлаи мазкури асари бадеӣ сарорсар аз санъати киноя сохта шуда, дар он 4 санъати киноярo мушоҳида кардан мумкин аст. Дар мисоли аввал «*Агар офтоби олам дуру дароз рӯйи худро нанамояд, ҳамаи мавҷудоти ҷондор афсурда шуда мемиранд*» маънои ҷумла фаҳмо бошад ҳам, шаклан пӯшида аст, яъне киноя аз набаромадани офтоб ва хушк шудани мавҷудоти зинда мебошад, вале ҳакиқати воқеӣ дорад, яъне кинояи аслӣ аст. Ифодаи дуюм, яъне «ба хоки пойи касе сар мондан» мафҳуми маҷозӣ дошта, киноя аз *ҷон фидо кардани шахс барои касе* мебошад. Дар фарҳанги ибораҳои рехта мафҳуми мазкур дар ду шакл мавриди истифода қарор дода шудааст, ки дар умум, онҳо ҳамин маъноро ифода мекунанд: «(Аз) хоки поят гардам (шавам)- қурбонат шавам, садқаат шавам, бандаи ту бошам» [13, с. 285] ва «Хоки пойи касе тӯтиёи дида шудан – барои касе ниҳоят азиз, боқадр шудан» [Ҳамон ҷо, с. 286]. Ифодаҳои мазкур ба маънои маҷозӣ корбурд шуда, санъати кинояеро ифода мекунад, ки аслан асоси воқеӣ надорад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар як ифода якчанд санъати бадеиро мушоҳида кардан мумкин аст. Ибораи сеюми ҷумлаи мазкур «муштоқи бисмилшудаат» истиора буда, киноя аз «ёр» аст, ки дар фироқи маъшуқааш месӯзад. Дар фарҳанги забони тоҷикӣ калимаи «муштоқ» иштиёқманд, орзуманд, сахт моил ва роғиб ба чизе, шавқманд [11, с. 790] ва калимаи «бисмил» *а.* забҳшуда, сарбурида, кушташуда (аслан шакли кӯтоҳшудаи *бисмиллод* аст, ки дар вақти сар задани ҳайвоноти қурбонӣ гуфта мешуд) [Ҳамон ҷо, с. 186] оварда шудаанд. Аз ин бармеояд, ки дар ин ҷо нависанда ошиқро чунон муболиға намудааст, ки ҷони худро фидои маъшуқа менамояд, яъне ифодаи мазкур ба сифати *ошиқи шайдо ё ошиқи шефта* корбурд мешавад.

Дар ҷумлаи дигар «*хуни ман ба гардани ҷавони ту мемонад»* санъати киноя ба маънои аслии «хуни касе ба гардани касе афтодан» омадааст, ки маънои «боиси қатли касе гардидан» корбурд мешавад. Дар фарҳанги ибораҳои рехта мафҳуми мазкур дар се шакл ифода гардидадааст: «1. Хуни касе ба гардани касе афтодан *–барои куштани касе ҷавобгар шудан, боиси қатли касе гардидан;* 2. Хуни касе ба гардани касе будан – *сабабгори қатли касе будан, барои марги касе ҷавобгар будан;* 3. Хуни касеро ба гардани касе мондан – *барои ҳалокати касе касеро ба ҷавобгарӣ кашидан, барои қатли касе касеро ҷавобгар донистан*» [13, с. 336-337]. Ифодаи мазкур дар ҷумла ба варианти сеюм «барои қатли касе касеро ҷавобгар донистан» мувофиқат мекунад.

Мисоли дигар,

«Ситора коғази маро гирифта бурд. Ман дар дили худ гуфтам: «Оҳо! Ин духтараки 12-солаи саҳроӣ ҳам «ба шарофати даргоҳи Хоҷа Ӯбон» *бӯи бағалро шамида будааст*. Мо бошем, бо вуҷуди хату савод доштан ва шоир будан беҳуда дар мадраса *хок лесида хобида будем*» (Айни, с. 242).

Мисоли дар боло зикргардида нишон медиҳад, ки дар ҷумлаҳои мазкур мафҳумҳо рамзӣ истифода шуда, аз маънои аслии худ дур рафтаанд. Дар ҷумлаи «бӯи бағалро шамида будааст» мафҳум маҷозӣ буда, киноя аз маънои аслии «шамидани бӯйи бағал» нею, дар умум, «аз зиндагӣ огоҳ будан»-ро ифода мекунад. Кинояи дуюми ҷумлаи мазкур «*хок лесида хобида будем*» дар фарҳанги ибораҳои рехта ба маънои «хок лесидан- *ба андак чиз қаноат кардан, гирифтори камбағалию маҳрумиятҳо шудан, азобу уқубатҳо кашидан*» [13, с. 285] омадааст.

Қобили зикр аст, ки санъати киноя яке аз санъатҳое маҳсуб меёбад, ки новобаста аз шакли маҷозии кушода ё пӯшида доштан ҳангоми тарҷума аз як забон ба забони дигар мушкилиҳоро ба бор меорад. Дар раванди тарҷумаи киноя, тарҷумон бояд хусусиятҳои

матни тарҷумавиро ба инобат гирифта, онро ба забони тарҷума мувофиқ кунонад, яъне вазифаи тарҷумон мутобиқ кунондани мазмуни киноя матни аслӣ ба матни тарҷума маҳсуб меёбад. Мисолҳои зерин далели ин гуфтаҳоянд:

"The month when the great fish come", the old man said. ***Anyone can be a fisherman in May*** (E. Hemingway, p. 18).

Тарҷума:

Моҳи омадани моҳии бузург, -гуфт пирамард. -***Дар моҳи май ҳар бӯз хирман мекубад*** (Э. Хемингвей, с. 19).

Қисмати дуюми ҷумлаи мазкур ***«Anyone can be a fisherman in May»*** дар матни тарҷумавӣ муодили худро дар шакли ***«Дар моҳи май ҳар бӯз хирман мекубад»*** дарёфт намудааст, ки чун киноя мавриди истифода қарор гирифтааст. Ҳангоми тарҷума гарчанде хусусияти маъноии онҳо ба ҳам наздик аст, аммо аз ҷиҳати сохтор дар байни онҳо тафовут мушоҳида карда мешавад. Аслан, калимаи ***«fisherman»*** дар забони англисӣ маънои *моҳигирро* ифода кунад ҳам, дар забони тоҷикӣ чун *бӯз* тарҷума шудааст, ки маҷозан дуруст аст. Дар фарҳанги ибораҳои рехта воҳиди мазкур чун «буз агар хирман мекӯфт ҳоҷати барзагов набуд» [13, с. 716] омадааст, ки дар асл ин мафҳумро ифода карда метавонад. Ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки вазифаи тарҷумон на танҳо интиқоли мазмуни матни аслӣ, балки барои хонандаи забони тарҷума наздик кардани муҳтавои матни аслӣ ва ба забони тарҷума ва мувофиқ кунонидани он унсурҳое, ки хоси ҳамон забонанд, мебошад:

But, he thought, *I keep them with precision*. Only *I have no luck any more.* But who knows? *Maybe today* (E. Hemingway, p. 38).

Тарҷума:

«Ман шастҳоямро аниқ мепартоям, -фикр кард пирамард. *Фақат ки толиам пастӣ мекунад*. Аммо кӣ медонад?! *Шояд имрӯз бахтам механдад*» (Э. Хемингвей, с. 39).

Дар мисоли аввал вожаҳои ***I have no luck any more*** ташбеҳ буда, ***толиам пастӣ мекунад*** тарҷума шудааст. Адиб қаҳрамони асарро ба ***одами бетолеъ*** ташбеҳ кардааст, ки киноя аз *толеъ надоштан* аст, вале ҳангоми тарҷума бо риоя аз хусусиятҳои услубӣ ва истифодаи дурусти санъатҳои бадеӣ дар матни тарҷумавӣ тарҷумон онро *фақат, ки толеам пастӣ мекунад* тарҷума намудааст. Калимаи «толеъ» ҳангоми тасриф шудан ба шахсу шумора аз нигоҳи имлоӣ каме нодуруст интиқол дода шудааст, чунки дар фарҳанг вожаи мазкур дар шакли «толеъ – бахт, иқбол, тақдир» [11, с. 371] ифода ёфтааст, на дар шакли *толиъ*. Дар фарҳанги ибораҳои рехта ибораи мазкур дар ду шакл «Толеи касе паст будан» (бахт надоштан, бадбахт будан) ва «Толеи паст доштан» (толеи касе паст будан) [13, с. 198] ба чунин маъно ифода шуда, муодили пурраи англисии ***«I have no luck any more»*** шуда метавонад, яъне мафҳуми мазкурро пурра иваз мекунад, зеро ***«any more»*** дар ибораи мазкур ба маънои *фақат (ҳамеша)* омадааст.

Дар ҷумлаи дигари мисоли мазкур, санъати киноя дар ифодаи *«Maybe today»* - *«Шояд имрӯз бахтам механдад»* мушоҳида шуда, киноя аз *«бобарор шудани коре»* мебошад. Мафҳуми ибораи *«бахт хандидан»,* аслан, ба маънои *«барори кор»* корбурд мешавад. Ҷумлаи матни аслӣ дар шакли ҷумлаи нопурра омада, сохтори он ба сохтори ҷумлаи матни тарҷумавӣ мутобиқат намекунад, яъне дар байни ҷумлаи матни аслӣ ва тарҷумавӣ номутобиқатии пурраро аз нигоҳи сохтор мушоҳида кардан мумкин аст. Ҷумлаи матни аслӣ ҷумлаи содаи яктаркибаи нопурра буда, хабари он ба ихтисор шудааст. Шакли пурраи ҷумла дар асл бояд *«Шояд имрӯз толеам баландӣ кунад»* бошад, зеро мазмуни онро аз ҷумлаи пешина барқарор кардан мумкин аст ва дар асл, ин муодили ҷумлаи матни тарҷумавии *«Шояд имрӯз бахтам механдад»* шуда метавонад.

Аз ин рӯ, ҳангоми тарҷумаи санъати киноя аз як забон ба забони дигар, бояд масъалаи нигоҳ доштани хусусиятҳои услубии матни аслӣ ба инобат гирифта шаванд, зеро дар адабиёти назариявӣ роҷеъ ба илми тарҷумашиносӣ яке аз вазифаҳои асосии тарҷумон ин дуруст ва мукаммал интиқол додани муҳтавои матни аслӣ бо нигоҳ доштани хусусиятҳои услубӣ ба шумор меравад. Дар раванди тарҷумаи асарҳои бадеӣ масъалаҳои лексикӣ, грамматикӣ ва услубӣ ба ҳам робитаи зич доранд.

Баҳри бартараф намудани ин мушкилиҳо роҳу усулҳои асосии тарҷумонӣ ва воситаҳои интиқоли мазмуни забони мабдаъро ба мақсад, яъне асос, меъёр ва усулҳои калимасозӣ ё интиқоли мазмуни матни аслӣ дар сатҳи лексикӣ, грамматикӣ ва услубиро донитан шарт ва зарур аст.

Ба ақидаи Д.Э. Розентал ва М.А. Теленкова «Киноя гуфта, як навъи маҷозеро меноманд, ки тавсифи образии баъзе мафҳуми абстрактӣ дар зери мафҳуми ягон объекти дигари мушаххас ба таври қобили мулоҳиза монанд аст, баён мегардад [6, с. 359].

Киноя дар афсона ва қиссаҳо бештар истифода мешавад, яъне дар симо ва хислати одамон ифода намудани ҳайвонот, ашё ва ҳодисаҳои табиат мебошад. Масалан, ба воситаи симои рубоҳ, ифода намудани шахси зирраку маккор, мурча- шахси заҳматкашу меҳнатдӯст ва амсоли онҳо:

Масалан,

— Акнун ин на одам мешавад ва на мулло, *рафта-рафта ин хар мешавад*. Аз мулло муқаррарӣ шуданаш, *хар шуданаш беҳтар аст*,— гуфт падарам дар ҷавоб (С. Айнӣ, с. 45].

Дар фарҳанги забони тоҷикӣ мафҳуми калима «хар» чун «1. чорпои боркаш, ҳимор; 2. *маҷ.* аҳмақ, аблаҳ» [13, с. 462] истифода шудааст, варианти дуюм ба ҷумлаи фавқ мувофиқ аст, яъне дар ҷумлаи матни аслӣ «хар» ба ҷойи одами *беадаб* (аблаҳ, аҳмақ) ифода шуда, киноя аз шахсе аст, ки аз *одобу рафтори инсонӣ* дур аст. Дар фарҳанги ибораҳои рехта воҳиди мазкур дар чунин шакл корбурд шудааст: «Ба хар муносиб ҳангос, ба хурӯс муносиб овоз», яъне ҳар кас мувофиқи ҳиммат ва қобилияташ кор мекунад, рафтор мекунад» [Ҳамон ҷо, с. 254].

Аслан, калимаи киноя (аз калимаи юнонии ἀλληγορία — рамз, киноя) гирифта шудааст, ки дар асари бадеӣ маънои тасвири бадеии мафҳумҳо тавассути тасвир ё муколаммаи мушаххаси бадеӣ дар шакли махфӣ ё пӯшида баён карда мешавад. Вай фикри нависанда ё гӯяндаро ба таври конкретӣ ифода карда, дар санъат барои ифода намудани афкори абстрактӣ тавассути образи конкретӣ истифода бурда мешавад.

Ин мафҳум аз давраи антиқа, дар давраи юнони қадим аз калимаи «allēgoría» гирифта шуда, маънои рамзи баён намудани фикр (иносказание) -ро дорад. Дар аҳди қадим киноя барои ифода намудани фикр ба таври рамзӣ ба аҳли гурӯҳ ё ҷомеа истифода бурда мешуд.

Мавриди зикр аст, ки киноя ҳамчун хусусияти асосии санъат ва махсусан, сухани бадеӣ фаҳмида мешавад.

Нуқати назари муҳаққиқони соҳа роҷеъ ба масъалаи киноя ва тамсил гуногун арзёбӣ мегардад. Бисёре аз муҳаққиқони соҳа байни киноя ва тамсил айният намегузоранд, ҳол он ки байни киноя ва тамсил айнияти комил вуҷуд дорад. Чӣ тавре, ки қайд намудем, киноя одатан дар тасвири шеър ё ҳикоя ба маънои пӯшида ё бо рамз ифода мегардад. Баръакси ин амал тамсил санъатест, ки барои ифодаи масал дар матнҳои динӣ ва руҳонӣ истифода бурда мешавад. Ҳардуи ин санъатҳои бадеӣ маҳсуб ёфта, дар асарҳои бадеӣ барои ифода намудани услуби баландтарини баён ба таври пӯшида фаровон истифода бурда мешаванд. Хусусияти асосии киноя аз он иборат аст, ки вай аз доираи мазмуни пӯшида берун баромада наметавонад.

Киноя яке аз санъати адабист, ки чун истиора корбурд шуда, макон, хислат ва ё ҳодисаро барои ирсоли баён ифода мекунад. Фарқи байни киноя аз истиора дар он аст, ки дар киноя фикри абстрактӣ дар образ ифода намегардад, вале дар истиора бошад, ташбеҳи пӯшида назар ба фикри пӯшида бештар истифода бурда мешавад.

Ҳамин тавр, моҳияти киноя дар он ифода мегардад, ки муҳтавои баъзе аз баёни фикр ба тафаккури хонанда вобастагии комил дорад.

Дар умум, вобаста ба вазъият ва шароит киноя бар он асос меёбад, ки қабулкунанда бояд соҳиби дониши манзарии зарурӣ бошад, то ба муҳтавои киноя дар матн сарфаҳм равад.

Муқарриз: Турсунов Ф.М., д.и.ф., профессори ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

Фехристи адабиёт

1. Айнӣ, С. Энциклопедияи насри муосири тоҷик: Ёддоштҳо (чаҳор қисм): Иборат аз як китоб /С. Айнӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энциклопедияи Миллии Тоҷик, 2009. - 680 с.
2. Арзуманов, С.Д., Ахрори Х.А. Бегбуди М. и др. Русско-таджикский словарь: Свыше 72 000 слов /С.Д. Арзуманов, Х.А. Ахрори, М. Бегбуди и др. Под. ред. М.С. Асимова. –М.: Рус. яз., 1985. – 1280с.
3. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан /Т. Зеҳнӣ. -Душанбе: Маориф, 1992. -397с.
4. Краткая литературная энциклопедия. Том I. \Сов. энциклопедия. –М., 1962. -1088с.
5. Ожегов, С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка: 80 000 слов и фразеологических выражений /С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова //Российская академия наук. Институт русского языка им. В.В. Виноградова. –4-е изд., дополненное. –М.: ООО «А ТЕМП», 2010. – 874с.
6. Розенталь, Д.Э., Теленкова М.А. Словарь-справочник лингвистических терминов: Пособие для учителя /Д.Э. Розенталь, М.А. Теленкова. –М.: Просвещение, 1985. – 399с.
7. Сдобников, В.В., Петрова О.В. Теория перевода: [учебник для студентов лингвистических вузов и факультетов иностранных языков] /В.В. Сдобников, О.В. Петрова. — М.: АСТ: Восток—Запад, 2007. — 448 с.
8. Стросон, Я.Ф. Намерение и конвенция в речевых актах // Новое в зарубежной лингвистике. Теория речевых актов /Я.Ф. Стросон. -М., 1986. -200с.
9. Таджикско – русский словарь: 70 000 слов и выражений /сост. В.А. Капранов, А. Отахонова и др. //Академия наук РТ. –2-е изд., дополненное. –Душанбе, 2006. – 784с.
10. Тоиров, У. Донишномаи илми бадеъ /У. Тоиров. –Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2023. -720с.
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. /Мурат. Т.Н. Зеҳнӣ, В.А. Капранов, И.А. Ализода, С.С. Арзуманов. –М.: Совесткая энсиклопедия, 1969. -950 с.
12. Фёдоров, А.В. Основы общей теории перевода (Лингвистические проблемы) /А.В. Фёдоров. –М.: ФИЛОЛОГИЯ ТРИ; Санкт-Петербург, Филологический факультет СПбГУ, 2002. -348с.
13. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехта. Ҷилди 1. /М. Фозилов. –Душанбе: ИРФОН, 1960. – 952 с.
14. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехта. Ҷилди 2. /М. Фозилов. –Душанбе: ИРФОН, 1964. - 802 с.
15. Шукуров, М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нуқта мақоме дорад /М. Шукуров. –Душанбе: Ирфон, 1985. - 367с.
16. Хемингвей, Э. Пирамард ва баҳр /Э. Хемингвей; бо заб. англ. ва тоҷ. -Душанбе, 2014. -167 с.

КИНОЯ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАРҶУМАИ АСАРҲОИ БАДЕЙ (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)

Мақолаи мазкур ба масъалаи яке аз хусусияти санъатҳои бадеӣ -киноя дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шуда, доир ба умумият, тафовут ва роҳҳои ифодаи он сухан меравад. Ҳамчунин, муаллиф дар мақола бо мисолҳои мушаххаси ду забон роҳҳои интиқоли кинояро нишон додааст.

Раванди таҳқиқ нишон медиҳад, ки яке аз мушкилиҳои ҷиддӣ ҳангоми омӯзиш ва тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ва баръакс – ин вуҷуд надоштани тарҷумаи дурусти як қатор калимаҳо, ки дар забони тарҷума мазмуни онҳо нодуруст интиқол ёфтааст. Воқеан, дар аксари мавридҳо барои тарҷумонҳои навқалам калима ва ҳатто ибораҳои ҷудогонаи ин ё он ҷумла фаҳмо бошанд ҳам, дарки мантиқи фикр ва муайян намудани ҷавҳари асосии мазмуни ҷумла мушкилӣ пеш меорад ва аз ин сабаб, онҳо бо забони худ ҷумлаи дурустеро эҷод карда наметавонанд ва дар натиҷа мазмуни ҷумла пурра ва бенуқсон ифода намегардад.

Аз ин рӯ, дар мақола роҳҳои тарҷумаи киноя ва фарқи он аз рамз дар асари бадеӣ сухан рафта, бо мисолҳои мушаххас таҳлили амиқу дақиқ карда шудааст.

Калидвожаҳо: *санъатҳои бадеӣ, киноя, роҳҳои интиқол, хусусият, тарҷумаи бадеӣ, инъикос, рамз.*

АЛЛЕГОРИЯ И ЕЕ РОЛЬ В ПЕРЕВОДЕ ХУДОЖЕСТВЕННЫХ ПРОИЗВЕДЕНИЙ (на примере таджикского и английского языков)

Статья посвящена особенностям художественной выразительности - аллегории в таджикском и английском языках и их общности, различиям и способам их передачи. В ней

также автор на конкретных примерах показал способы трансформации аллегории в художественных произведениях.

Процесс работы показал, что одной из серьёзных трудностей, возникающих при изучении или переводе с английского языка на таджикский язык и обратно, является отсутствие правильного перевода ряд слов, который приведёт к неправильному толкованию его значения в языке перевода. Действительно, в большинстве случаев, хотя отдельные слова и даже словосочетания того или иного предложения иностранного языка понятны молодым и начинающим переводчикам, зачастую они испытывают трудности в логически правильном понимании и определении самой сути содержания некоторых слов, вследствие чего они затрудняются в воссоздании предложения на родном языке и предложение иностранного языка искажается.

Поэтому в статье обсуждаются способы перевода аллегории и ее отличие от намёка в художественном произведении, а также проводится глубокий и точный анализ на конкретных примерах.

Ключевые слова: *художественная выразительность, аллегория, способы передачи, особенность, художественный перевод, отражение, намёк.*

ALLEGORY AND ITS ROLE IN TRANSLATING WORKS OF ARTS (in the example of the Tajik and English languages)

The article deals with the features of the imaginative emphasizes-allegory in the Tajik and English languages and their community, distinction and the way of their transformation. The author also showed with the specific examples the way of transformation of the allegory in the works of arts.

As the process of search showed, that one of the serious difficulties during studying or translating from English into Tajik and vice versa is the lack of a correct translation of a number of words that will lead to a misinterpretation of its meaning in the target language. Indeed, in most cases, although the single words and even phrases of a particular sentence of a foreign language are understandable to young and novice translators and they often experience difficulties in logically correct understanding and determining the very essence of the content of some words, as a result of which they find it difficult to recreate the sentence in their native language and the sentence of the foreign language is distorted.

Therefore, the article discusses the ways of translating allegory and its difference from allusion in a work of art, and also provides a deep and accurate analysis using specific examples.

Keywords: *imaginative emphasizes, allegory, the way of transformation, feature, literary translation, reflect, hint.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна, *Донишгоҳи баналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума. Суроға: 734019, ш. Душанбе, к. Муҳаммадиев 17/6, тел.: (+992)937-00-04-37, e-mail: havas3001@mail.ru*

Сохибназарова Хавасмох Тиллоевна, *Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, к.ф.н., доцент, заведующий кафедрой сопоставительного языкознания и теории перевода. Адрес: 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел. (+992)937-00-04-37, e-mail: havas3001@mail.ru*

Sohibnazarova Havasmoh Tilloevna *- Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Comparative Linguistics and Theory of Translation. Address: 734019, Dushanbe, st. Muhammadiev 17/6, tel. (+992)937-00-04-37, e-mail: havas3001@mail.ru*

УДК: 800.2+801.3

ПОСЛОВИЦЫ И ПОГОВОРКИ КАК ЧАСТЬ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКОГО СОСТАВА ЯЗЫКА (НА МАТЕРИАЛЕ ПОВЕСТИ С. АЙНИ «СМЕРТЬ РОСТОВЩИКА»)

Талабов Т.С.
Таджикский национальный университет

При рассмотрении устойчивых предложений как одного из типов фразеологического состава продолжается обсуждение вопрос о включении в состав фразеологии пословиц и поговорок. В пользу признания пословиц и поговорок как части фразеологического состава сильные аргументы в области коннотативной природы пословиц и поговорок приводит Л.И. Ройзензон.

Однако факты убеждают нас в том, что идиоматичность сочетаний лексем, взятая за основу выделения фразеологизмов, заставляет с одной стороны, признать фразеологичность предложно-падежных форм, а с другой - фразеологичность воспроизводимых фраз, в том числе пословиц и поговорок. Вопреки термину, сфера фразеологии расширяется от сочетания одной лексемы с граммемой (и может быть продолжена в области сочетаемости граммем) до сочетания нескольких лексем, в том числе образующих синтаксему, эквивалентную предложению (предикативной единицы). Противники включения пословиц и поговорок во фразеологический состав считают, что полноценными фразеологизмами могут быть только те фразеологизмы, которые имеют структуру словосочетания, также выполняющие номинативную функцию и выступающие как эквиваленты в роли из одного членов предложения. Противниками включения пословиц и поговорок в состав фразеологии являются Н. Н. Амосова, А. М.Бабкин, С. И. Ожегов, А. И. Молотков.

Вопрос об отличии пословиц от поговорок имеет важное теоретическое значение для определения их места среди других жанровых форм фольклора и решения спорной проблемы включения или не включения их в состав фразеологии. Проведению четких граней между этими видами метких образных выражений мешают существующие трудности семантического и структурного порядка. В Таджикистане, как уже говорили, издано много сборников пословиц и поговорок, но в них нет никаких четких границ между этими речениями.

Издания таджикских пословиц и поговорок в Таджикистане немногочисленны. Наибольшего внимания заслуживают сборники, изданные таджикским ученым Фозиловым. В 1963-1964 годах в Таджикистане вышел двухтомный труд Фозилова («Словарь таджикско-персидских пословиц, поговорок и афоризмов») в двух томах. Автор, придерживаясь традиции большинства персидких учёных, в основу своего сборника положил пословицы и афоризмы книжного происхождения. Этот сборник содержит около 8000 пословиц, поговорок, афоризмов.

Кроме того, можно назвать имена таких известных таджикских авторов, как Калонтаров Я. И., который собирал материал для своей книги полевым методом («Мудрость трех народов» таджикские, узбекские и русские пословицы и поговорки в аналогии, 1989.) и это придаёт его труду особую ценность. Автор расположил материал в алфавитном порядке.

Равшан Рахмони – известный таджикский фольклорист, работы которого представляют большую ценность, как и Калонтаров, применил полевой метод для сбора материала. Примеры в книге расположены тоже в алфавитном порядке. Автор передал пословицы в форме, бытующей в народе, и на материале пословиц создал представление о национальном характере таджиков, об их уме, нравственности, жизни. Он рассматривает пословицы как воплощение «народной души [1, с. 2].

Таджикские пословицы и поговорки мало изучены. Сборники, изданные в Таджикистане и других странах, за исключением некоторых, содержат в основном книжную паремию. Одной из трудностей составления паремиографических словарей является классификация материала. Так, как имеющияся литература не проводит чёткой границы между пословицами и поговорками, и даже фразеологическими единицами. Не всегда можно

отделить таджикские пословицы от поговорок, так как чёткой границы между ними не существует, таджики и персы называют пословицы и поговорки одним термином или (*масал* или *зарбулмасал*) [2, с. 68].

Однако в настоящее время многие учёные рассматривают устойчивые по своей структуре и значению предложения как неотъемлемую часть фразеологии. Сторонниками включения пословиц и поговорок в состав фразеологии считаются В. Л. Архангельский, А. В. Кунин, Н. М. Шанский, И. И. Чернышева и др. Пословицы и поговорки немецкого языка получили широкое распространение во всех жанрах художественной литературы. Они постоянно употребляются в разговорной речи [12, с. 241].

А.В. Кунин, наряду с такими учеными, как Шанский Н.М. и Серебренников Б. А., включает паремии во фразеологический состав языка. Ученый выделяет в своей классификации ФЕ-предложения. Он отмечает, что они могут являться, как главными, так и придаточными предложениями.

Мы вместе с вышеупомянутыми авторами придерживаемся широкого подхода и, следовательно, будем рассматривать паремии как фразеологические единицы.

Далее нам необходимо дать определение, таким понятиями «паремия», «пословица» и «поговорка».

Как утверждает Г.Л. Пермяков паремия – это народное изречение, выраженное предложением (например, пословицы, поговорки, приметы) или короткая цепочка предложений (например, побасенки, «одномоментные» анекдоты, загадки) [10, с. 33].

Представим определение понятий пословицы и поговорки. В своей работе В.Л. Архангельский рассматривает пословицы и поговорки как особый тип вторичных языковых знаков, включаемых в круг фразеологических единиц [Архангельский, 1964, 147].

В работе Г.Л. Пермякова рассматривается пословица как «грамматически законченное (имеющее вид предложения) изречение с образной мотивировкой общего значения, т.е. требующее расширенного толкования» [10, с. 150]. Поговорка как «грамматически незаконченное (не являющееся предложением) изречение с образной мотивировкой общего значения» [10, с. 155].

Подобные определения можно найти и в толковых словарях, а также во многих специальных статьях и трудах.

В толковом словаре С.И. Ожегова можно увидеть следующее определение: «пословица – краткое народное изречение с назидательным смыслом» [8, с. 568]. Поговорка – это «выражение, преимущественно образное, не составляющее, в отличие от пословицы, цельное предложение» [8, с. 800].

По мнению М.А. Мещерякова пословица это «краткое, законченное, образное изречение обобщающего характера; поучительное жизненное наблюдение, применимое к самым различным случаям и ситуациям; малая жанровая форма фольклора» [7, с.34]. Поговорка – это меткое образное выражение, не заключающее в себе обобщающего смысла. Она является не законченным выражением, а только его частью. Может быть частью пословицы, самостоятельным выражением, придающим речи выразительность, или заимствованием из литературного произведения» [7, с. 35].

Автор знаменитого словаря русских пословиц В. Даль даёт следующее определение пословице «как «краткое изречение поученье, болъе въвидъ притчи, иносказанья, или въ видъ житейского приговора; пословица есть собъ языка, народной речи, не сочиняется, а рождается сама; это ходячий ум народа, она переходит в поговорку или простой оборот речи, и сама за себя говорит» [4, с. 334]. Поговорка, по народному определению, цветочек, а пословица ягодка [3, с.10]. Поговорка – складная, короткая речь ходячая въ народъ, но не составляющая полной пословицы; поученье, въ принятыхъ выраженяхъ [4, с. 334].

Как уже отмечалось нами ранее пословицы и поговорки хранят в себе знания о мире и о человеке в этом мире, являются средством отражения и, соответственно, познания национальной языковой картины мира.

Немецкие ученые как В. Флайшер, Х. Бургер, А. Сиалм, Х. Бухофер включают пословицы и поговорки в состав фразеологии. При классификации фразеологизмов вышеназванные немецкие учёные выделяют пословицы и поговорки в отдельную группу. Поговорки и пословицы, как фразеологизмы не создаются в процессе речи, а воспроизводятся говорящим в готовом виде. Особенность пословиц и поговорок заключается в том, что говорящий не может менять слова или добавлять новые слова по своему усмотрению.

В новейших западногерманских исследованиях по фразеологии пословицы выделяются как подкласс с синтактиксически-грамматическим критерием в рамках референтных фразеологизмов. Согласно данной точке зрения, пословицы – это замкнутые предложения, которые никакими своими лексическими элементами не должны быть привязаны к контексту. Это формальное свойство, часто обозначаемое как «замкнутая форма», рассматривается автором как выражение семантической специфики пословиц [14, с. 106].

Поговорки и пословицы занимают особое место среди несвободных сочетаний слов. Они входят в состав коммуникативных фразеологизмов – предложения, однако не подлежат адекватному анализу. Это означает, что они воспроизводятся в готовом виде. Таким образом, можно констатировать, тот факт, что пословицы и поговорки являются неотъемлемой производной культуры и быта каждого конкретного народа, нации. Воспроизведение определенного заданного значения и постоянного лексико-грамматического состава служит основанием для включения пословиц в состав фразеологии [9, с. 511]. Поговорки содержат лексический запас, который является неизменной, и они, как правило, имеют метафорический смысл, который не соответствует первоначальному смыслу терминов.

Изучение пословиц народов и систематизирование их в сравнительном плане представляет научный интерес и практическое значение. Сравнительное рассмотрение таджикских и немецких пословиц выявляет большой круг параллелей, возникших в результате одинакового осмысления и отношения к основным понятиям и явлениям жизни. [5, с. 6-7]

Например: *Он чи бо шир дарояд, бо ҷон барояд – Die Katze lässt das Mäusen nicht – Сколько волка не корми, он все в лес смотрит; Олими беамал, занбури беасал –Wer sich zur Kuh macht, de rwird gemolken – Если тебе корова имя, у тебя должно быть молоко и вымя*;

Как отмечает Бургер**,** пословицы по сравнению с фразеологизмов считаются самым хорошо исследованным классом [Бургер, 1982, 134] и называет их «автономными предложениями» [Бургер, 2003, 101]**,** смысл которых связан с остальным текстом. Они служат в качестве формулировки убеждений, ценностей и норм или как предупреждения, уговоры, аргументы и т.д.

Например: *Баъди тӯй нағора – Abends wird der Faule fleißig – Ум найдет, да пора пройдет; Умри дурӯғ кӯтоҳ аст – Lügen haben kurze Beine – У лжи ноги коротки.*

Эквивалентность пословиц и поговорок

Рассмотрев общепринятую классификации ведущих лингвистов, мы пришли к выводу, что и в таджикском языке существует тоже самое разделение данных семантических групп. В качестве примера можем назвать следующие группы: ***Моноэквивалент, Полиэквивалент, Семантический эквивалент, Нулевой эквивалент.***

1.При моноэквиаленте говорится о том, что существует только один вариант в другом языке. При этом можно их распределить на следующие подтипы:

а) Первый подтип представляет собой симметрический эквивалент со структурной идентичностью сравниваемых единиц:

Таджикский язык	*Немецкий язык*
Аз борон гурехта ба новадон (лойдон) афтидан *То реша дар об аст, умедисамараст*	*(aus dem) vom Regen in die Traufe geraten(kommen)* *Solang ins Wasser die Wurzel*

То омадани табар кунда меосояд *«шавад обӣ, нашавад лалмӣ»*	*langt,niemand um die Fruchte landt* *Solange die Axt nicht niedersaust, hat der Hausklotz Ruhe.* *Gelingt es, wird es ein bewässartes Feld, gelingt es nicht, wird es ein dürrer Acker.*

б) Второй подтип представляет собой симметрически-асимметрический эквивалент со структурными отличиями сравниваемых единиц:

в) Третий подтип представляет собой так называемый асимметрический эквивалент с разными компонентами в структуре:

2. Полиэквивалент означает, что существует два и более вариантов в другом языке.

3.При семантическом эквиваленте речь идет о том, что они имеют такое же значение, но строятся по-разному:

Таджикский язык	*Немецкий язык*
Атои шумора ба лиқои шумо бахшидам *Сарфаи сари оташдон сафдогари Хиндустон* *Оби ганда ба ҳандақ*	*Ihnen Ihre Gabe zurückzugeben* *Sparren ist größer Kunst den erwerben* *Ubelriechendes Wasser fließt in den Graben*

4.При нулевом эквиваленте пословица не имеет эквивалента на немецком и поэтому она передается путем перефразирования.

Таджикский язык	*Немецкий язык*
Аз ин ҷо ронда, аз онҷомонда *Эй, ки беҳ нашуд, бадтар шуд* *Болои сӯхта намакоб* *Аз хасрубадон гирифта ба лойдон задан*	Ich komme nur zu den Besetzungen zu spät, mir geht das Stück Stoff verloren, das ich auf dem Friedhof bekommen kann *Es wird noch schlimmer geworden* *Salzwasser auf eine Brandwunde gießen* *Verunglimpfen*

В ходе анализа пословиц и поговорок описывающий человеческий характер показал, что пословицы и поговорки выражающий негативный характер человека, наблюдается в обоих языках больше, чем пословицы и поговорки с позитивным характером человека. При сопоставлении замечается, что в большом количестве эквивалентное соответствие, лишь у незначительных фразеологизмов наблюдается безэквивалентность.

Пословицы и поговорки, являющиеся наследием народного творчества, передавались из уст в уста, из поколения в поколение и, несмотря на жизненные испытания и исторические преобразования, они противостояли всему. Это доказывает, что пословицы и поговорки всегда будут характерной чертой определенного народа, объектом внимания и исследования.

Поэтому они при переводе передаются соответствующими эквивалентами, и они часто не совпадают и переводятся в зависимости от понимания определенного народа.

Сопоставительный анализ пословиц и поговорок разных народов показывает, как много общего имеют эти народы, что, а также способствует лучшему взаимопониманию и сближению между этими народами. В пословицах и поговорках отражены своеобразное хранилище сведений о народной жизни, некое зеркало, отражающее богатый исторический опыт, обычаи, и обряды, бытия и культура определенного народа.

Рецензент: Ходжатов Б.Д., к.ф.н.

Литература:

1. Архангельский, В. Л. Устойчивые фразы в современном русском языком / В. Л. Архангельский – Ростов-на Дону, Изд-во Рост. уни-та, 1964. – 315 с.
2. Голева, Г. С. Фразеология современного персидского языка. – М., 2006.
3. Даль, В.И. Пословицы русского народа / В.И. Даль – Москва, 2003. –704 с.
4. Даль, В.И. Пословицы русского народа / В.И. Даль – Москва, 2006. –
5. Калонтаров, Я.И. Таджикские пословицы и поговорки в аналогии с русскими / Я. И. Калонтаров. – Душанбе: Ирфон, 1965. – 534 с.
6. Калонтаров, Якуб Исхакович Мудрость трех народов» таджикские, узбекские и русские пословицы и поговорки в аналогии. 1989.- 427 с.
7. Мещерякова, М.А. Литература в таблицах и схемах. Домашний репетитор / М.А. Мещерякова. – М.: Айрис,2000. – 60с.
8. Ожегов, С. И. Толковый словарь русского языка: Около. 80 000 слов, терминов и фразеологических выражений / С.И. Ожегов, Н. Ю. Шведова. – М.: Изд-во Мир и Образование, Оникс, 2012. – 1376 с.
9. Общее языкознание. (внутренняя структура языка). Отв. ред. Б.А. Серебренников – М.: Наука, – 1972. – 564 с.
10. Пермяков, Г.Л. От поговорки до сказки / Г.Л. Пермяков // Заметки по общей теории клише. – М.: Наука, 1970. – 240с.
11. Рубинчик, Ю.А. Основы фразеологии персидского языка: монография / Ю.А. Рубинчик. – М.: Наука, 1981. – 274 с.
12. Фазылов, М. Словарь таджикско-персидский пословиц, поговорок и афоризмов / М. Фазылов. – Ч.1, 2. – Душанбе: Ирфон, – 1963, 1964.- 952 с.
13. Burger, H. Phraseologie. Eine Einführung am Beispiel des Deutschen / H. Burger. – Erich Schmidt Verlag, 3., bearbeitete Auflage. – Berlin, – 2007. – 240 S.

ПОСЛОВИЦЫ И ПОГОВОРКИ КАК ЧАСТЬ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКОГО СОСТАВА ЯЗЫКА (НА МАТЕРИАЛЕ ПОВЕСТИ С. АЙНИ «СМЕРТЬ РОСТОВЩИКА»)

В статье рассматриваются пословицы и поговорки таджикского языка на материале произведения С. Айни «Смерть ростовщика» и даются переводы этих пословиц и поговорок на немецком языке. Автор анализирует типы, эквивалентов, аналоги и типы пословиц и поговорок во фразеологический состав таджикского и немецкого языков.

Статья посвящена изучению сходств и различие, а также структура оформление пословиц и поговорок двух изучаемых языков: таджикского и немецкого языков. Использование пословиц и поговорок таджикского и немецкого языков показало, что большая часть этой лексической группы имеет место употребления, для образного выражения мысли как часть фразеологического состава языка.

Каждая пословица и поговорка служит в отдельных случаях для понимания происходящей ситуации. При классификации пословицы и поговорки важным считается симметрически и асимметрический эквивалент, также асимметрический эквивалент с разными компонентами в структуре. При семантическом эквиваленте речь идет о том, что они имеют такое же значение, но строятся по-разному.

В ходе анализа пословиц и поговорок описывающий человеческий характер показал, что пословицы и поговорки выражающий негативный характер человека, наблюдается в обоих языках больше, чем пословицы и поговорки с позитивным характером человека. При сопоставлении замечается, что в большом количестве эквивалентное соответствие, лишь у незначительных фразеологизмов наблюдается безэквивалентность.

Ключевые слова: *пословицы и поговорки, тип, симметрически и асимметрический эквивалент, аналог, афоризм, идиоматичность, перефразирования, анекдоты, загадки, сходства, различия.*

ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛ ҲАМЧУН ҚИСМАТИ ТАРКИБИИ ФРАЗЕОЛОГИЯИ ЗАБОН (АЗ РӮИ ПОВЕСТИ С. АЙНӢ «МАРГИ СУДХӮР»)

Дар мақола зарбулмасалу мақолҳои забони тоҷикӣ аз рӯи асари С.Айнӣ «Марги судхӯр» мавриди баррасӣ қарор гирифта, тарҷумаи ин зарбулмасалу мақолҳо ба забони олмонӣ оварда шудааст. Муаллиф намудҳо, муодилҳо, аналогҳо ва навъҳои зарбулмасалу мақолҳоро дар таркиби фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ мавриди таҳлил қарор додааст.

Мақола ба омӯзиши монандӣ ва тафовут, инчунин сохтори тарҳрезии зарбулмасалу мақолҳои ду забони омӯхташаванда: тоҷикӣ ва олмонӣ бахшида шудааст. Истифодаи зарбулмасалу мақолҳои забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ нишон дод, ки аксари ин гурӯҳи луғавӣ барои ифодаи образноки фикр ҳамчун ҷузъи таркиби фразеологии забон истифода мешаванд.

Ҳар як зарбулмасалу макол дар мавридхои алоҳида барои дарки вазъияти ҳозира хизмат мекунад. Ҳангоми таснифи зарбулмасалу мақол муодили симметрӣ ва асимметрӣ, инчунин муодили асимметрии дорои ҷузъҳои мухталиф дар сохтор муҳим дониста мешавад. Атрофи эквиваленти семантикӣ сухан дар бораи он меравад, ки онҳо як маъно доранд, вале ба таври гуногун сохта шудаанд.

Зимни таҳлили зарбулмасалу маколҳое, ки хислати инсонро тавсиф мекунанд, нишон дода шудааст, ки зарбулмасалу маколҳое, ки хислатҳои манфии инсонро ифода мекунанд, нисбат ба зарбулмасалу маколҳои дорои хислати мусбати инсон бештар дар хар ду забон мушохида мешаванд. Ҳангоми муқоиса мушоҳида мешавад, ки шумораи зиёди мутобиқоти эквивалентӣ мавҷуд аст, танҳо воҳидҳои фразеологии хурд набудани эквивалентро нишон медиҳанд.

Калидвожаҳо: *зарбулмасалу мақол, навъ, муодили симметрӣ ва асимметрӣ, аналогҳо, афоризм, фразеологизм, тавзеҳот, латифаҳо, муаммоҳо, шабоҳатҳо, фарқиятҳо.*

PROVERBS AND SAYINGS AS PART OF THE PHRASEOLOGICAL COMPOSITION OF THE LANGUAGE (BASED ON S. AINI'S STORY "THE DEATH OF A USURER")

The article examines proverbs and sayings of the Tajik language based on the work of S. Aini "The Death of a Usurer" and provides translations of these proverbs and sayings in German. The author analyzes the types, equivalents, analogues and types of proverbs and sayings in the phraseological composition of the Tajik and German languages.

The article is devoted to the study of similarities and differences, as well as the structure of the design of proverbs and sayings of the two languages being studied: Tajik and German. The use of proverbs and sayings of the Tajik and German languages has shown that most of this lexical group is used for figurative expression of thought as part of the phraseological composition of the language.

Each proverb and saying serves in individual cases to understand the current situation. When classifying proverbs and sayings, the symmetrical and asymmetrical equivalent, as well as the asymmetrical equivalent with different components in the structure, are considered important. With semantic equivalent, we are talking about the fact that they have the same meaning, but are constructed differently.

During the analysis of proverbs and sayings describing human character, it was shown that proverbs and sayings expressing the negative character of a person are observed in both languages more than proverbs and sayings with a positive character of a person. When comparing, it is noticed that there is a large number of equivalent correspondences, only minor phraseological units show non-equivalence.

Key words: *proverbs and sayings, type, symmetrical and asymmetrical equivalent, analogue, aphorism, idiomaticity, paraphrasing, anecdotes, riddles, similarities, differences.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Талабов Тағоймурод Сайфович *– Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотенти кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои олмонӣ ва фаронсавӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, Тел.: (+992) 987-45-58-55. E-mail: tagay75@mail.ru*

Сведения об авторе: Талабов Тагаймурод Сайфович *– Таджикский национальный университет, дотцент общеуниверситетской кафедры немецкого и французского языков. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17, Тел.: (+992) 987-45-58-55, E-mail: tagay75@mail.ru*

Information about the author: Talabov Tagaymurod Sayfovich *– Tajik national university, docent of the Department of German and French languages. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17, Tel.: (+992) 987-45-58-55, E-mail: tagay75@mail.ru*

ТДУ: 492.7.09; 491.155+93+913

ПАСВАНДҲОИ НОМВОЖАСОЗИ ФОРСӢ-ТОҶИКИИ ДОРОИ МАЪНОИ ЛУҒАВӢ ДАР ОСОРИ ҶУҒРОФИИ АРАБИЗАБОН

Ҳайбулоев Ш.А.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Ин методро дар адабиёти илмии топонимика бо номҳои мухталиф вохӯрдан мумкин аст, аз қабили «методи формантӣ», «методи калимасозӣ ва сохторию сарфу наҳвӣ», «методи таҳлили сохторию сарфу наҳвӣ», «методи таҳқиқи калимасозӣ», «методи сохторӣ» [4, с. 13-25; 3, с. 177].

Ба андешаи топонимшинос А. Хромов, «топоформантҳо пасванд ва ё морфермаҳои ёвареанд, ки ҳамчун воситаи калимасози топонимӣ истифода мешаванд. Топоасоси дилхоҳ морфемаи луғавиест, ки дар асоси он топоним ба воситаи ҳамроҳшавии топоформант сохта мешавад» [13, с. 4]. Пас, маълум мешавад, ки пасвандҳои номвожасоз дар шакл гирифтани номвожаҳои ҷуғрофӣ саҳми хоса доштаанд, ки ҳамаи муҳаққиқони илми топонимика ба ин унсур таваҷҷуҳ намуда, дар таҳлили маводи топонимии ин ё он минтақа хусусиятҳои онҳоро махсус қайд намудаанд. Аз ин ҷост, ки мо низ маҷмуи формантҳо ё анҷомаҳои топонимсозро вобаста ба вижагиҳои онҳо таҳқиқу баррасӣ менамоем.

Лозим ба ёдоварист, ки ба қатори пасвандҳои номвожасози дорои маънои луғавии маводи гирдоваришуда вожаҳои аслан тоҷикӣ ё умумиэронӣ мансубанд, ки дар поён роҷеъ ба ҳар яки ин формантҳо мисолҳо оварда, онҳоро мавриди баррасии забоншиносӣ қарор медиҳем.

Пасванди номвожасози -канд [**-كند**]. Ин унсури хеле қадимаи форсӣ буда, дар забони суғдии шакли *kanδ-kδ< kanδa* маънои «шаҳр, маҳалла, истеҳком»-ро дошта, решааш *kan*-и бостон ба маънои «пӯшонидан, иҳота кардан» аст [7, с. 36].

Ҷуғрофишиноси араб Ёқути Ҳамавӣ бошад, маънои истифодабарии ин пасванди номвожасозро аз забони мардуми Мовароуннаҳр чунин баён мекунад: «Бароям гуфтанд, ки маънои «канд» ба забони мардуми он кишвар (*Узкандро дар назар дорад – Ҳ.Ш.*) «деҳа/қаря» бошад» [19, ҷ. 1, с. 351].

Бояд қайд намуд, ки ин пасванди номвожасоз дар осори ҷуғрофии арабизабон инчунин, дар шаклҳои «кат», «кас», «қанд» ва «кад» мавриди истифода қарор гирифтааст. Чи тавре Ёқути Ҳамавӣ ишора кардааст, «кас» шакли муарраби «кат» [19, ҷ.1, с.153] ва «кат» шакли хоразмии «канд» ба маънои «шаҳр» мебошад [1, с. 442].

Аз ҷумлаи номвожаҳои ҷуғрофиии тоҷикиасли бо ин формант сохташуда инҳо мебошанд: Боз+канд [**بازكند**], Искил+канд [**إسكلكند**], Нав+канд [**نوكند**], Уз+канд [**أوزكند**], Фирӯз+канд [**فيروزكند**], Лова+канд [**لاوكند**], Шаҳр+канд [**شهركند**], Рудфағ+кад [**روذفغكد**], Фаран+кад [**فرنكد**], Хараш+кат [**خرشكت**], Бин+кат [**بنكت**], Бор+кат [**باركت**], Бунҷи+кат [**بنجيكت**], Сурха+кат [**سرخكت**], Хараш+кат [**خرشكت**], Ахси+кас [**أخسيكث**], Бамиҷ+кас [**بمجكث**], Кабузанҷа+кас [**كبوذنجكث**], Мадёмҷа+кас [**مذيامجكث**], Наҷо+кас [**نجاكث**]…

Бояд қайд намуд, ки Ёқути Ҳамавӣ як вожаи тоҷикиасли дигареро, ки «кос» [**كاث**] мебошад, зикр намуда, онро аз забони хоразмиён маънидод кардааст. Ӯ мегӯяд:

«Кос [**كاث**] – шаҳри калоне аз навоҳии Хоразм бошад… Маънои «кос» дар забони хоразмиён «девори калоне дар саҳрост, ки чизеро иҳота накарда бошад» [19, ҷ. 4, с. 535].

Дар ҷойи дигар, ин вожаро ҳамчун пасванди номвожасоз истифода бурда, чунин менигорад: «Нузкос [**نوزكاث**] – шаҳракест наздики Ҷурҷонияи Хоразм ва «нуз» ба забони хоразмиён «нав» ва маънои «кос» - «девор» бошад. Гӯё маъноаш «девори нав» мешавад. Ин ҷо шаҳрест бо номи Кос ва ин Нузкосро гӯё «Коси нав» гуфтаанд» [19, ҷ. 5, с. 397].

Пасванди номвожасози -истон [**-استان**]. Ин пасванди номвожасоз таърихи қадима дошта, дар номвожаҳои ҷуғрофиии форсӣ-тоҷикии сарчашмаҳои ҷуғрофии арабизабон ба таври фаровон истифода шудааст. Ёқути Ҳамавӣ дар муқаддимаи «Муъҷам-ул-булдон» ба пасванди номвожасоз будани «истон» ишора карда, чунин мегӯяд: «Чунончи аз Ҳамза нақл

кардем, «истон» ва «кӯра» як маъно доранд. Шаҳристон, Хузистон ва Табаристон бо ёрии «истон» сохта шудаанд. Истон ба русто, туссуҷ ва деҳахо тақсим мешавад» [19, ҷ. 1, с. 48].

Бисёр ҷолиб аст, ки Ёқути Ҳамавӣ ҳанӯз дар замони худ маънои дақиқи ин пасвандҳои номвожасозро баён карда, мегӯяд: «...маънои «истон»: «ҷой» ва «маъво» мебошад, чунончи мегӯянд: «استان گرفت / истон гирифт», яъне «ба ҷойе манзил гирифт» [19, ҷ. 1, с. 48].

Ба ақидаи Э.М. Мурзаев низ: «Баромади ин формант аз шакли «sthānam»-и ҳиндии қадим ба маънии «ҷойи зист», «ҷой» ва «stāna»-и авастоӣ ва форсии бостон ба маънои «макон», «такягоҳ», «ҷой» ба вуҷуд омадааст» [Мурзаев 1988, с.85]. Дар форсии миёна дар шакли «awestām» ва дар форсии дарӣ «ustān» гаштааст [21, ҷ. 1, с.9 0].

Аз рӯйи ақидаи А.Л. Хромов ва Р.Х. Додихудоев, маълум мегардад, ки ин пасвандҳои номвожасоз дар забонҳои шарқиэронӣ низ, аз қабили суғдӣ ва помирӣ роиҷ будааст [13, с. 469; 6, с. 106].

Ин пасванди номвожасоз бо вожаҳои олмонии «staat», аглисии «state», испании «estado», фаронсавии «etat» ҳамреша буда, дар забонҳои англисӣ бо «province», дар олмонӣ бо «provinz» ва дар фаронсавӣ бо «province» ҳаммаъно мебошад.

Дар маводи гирдоваришуда ин пасванди номвожасоз дар номвожаҳои ҷуғрофиии зиёд ба қайд гирифта шуд, аз қабили: Шаҳр+истон [**شهرستان**], Табар+истон [**طبرستان**], Хуҷ+истон [**خجستان**], Қӯҳ+истон [**قوهستان**], Биҳ+истон [**بهستان**], Ироҳ+истон [**إيراهستان**], Зобул+истон [**زابلستان**], Тахор+истон [**طخارستان**], Ғарш+истон [**غرشستان**], Турк+истон [**تركستان**], Тимор+истон [**تيمارستان**], Хуз+истон [**خوزستان**], Диҳ+истон [**دهستان**], Сарв+истон [**سروستان**], Шик+истон [**شكستان**]…

Пасванди номвожасози -обод [**اباذ / اباذ-**]. Ин пасванди номвожасоз, ки дар номвожаҳои ҷуғрофиии форсӣ-тоҷикӣ ба таври фаровон ба кор меравад, аз шакли форсии миёна «āpād / ābād» ба маънии «обод» ва «шукуфон» шакл гирифтааст [10, с. 89]. Ёқути Ҳамавӣ ин пасванди номвожасозро чунин шарҳ медиҳад: «Аммо «ābād» дар номи кишварҳо, деҳаҳо ва рустоҳо дар ин китоб зиёд зикр мешавад, монанди Асадобод, Рустамобод, Ҳиснобод. Пас, Асад исми хос буда, «ābād» дар забони форсӣ ба маънои «иморат», «ободкардашуда» мебошад, яъне маънои Асадобод «ҷойи ободнамудаи Асад мешавад». Ҳамчунин, дар ин китоб номҳои зиёде ба ин маъно такрор мешаванд» [19, ҷ. 1, с. 49].

Чи тавре дида мешавад, истифодаи ин пасванди номвожасоз бемақсад набуда, балки воситаи такроршаванда ва маънодорест, ки дар охири номвожаҳо омадааст. Ин пасванди номвожасоз, асосан, дар забонҳои эронӣ маъмул буда, Ёқути Ҳамавӣ маҳз ба забони форсӣ тааллуқ доштани онро қайд мекунад ва онро дар номвожаҳои ҷуғрофие овардааст, ки дар он ҷо мардуми эронинажод истиқомат доштаанд. Донишманди лаҳҷашинос В. С. Расторгуева низ ба ҳамин маъно ишора карда, менависад: «шакли «ābād» дар авастоии «pāta»**,** форсии миёна «āpat», дар форсии бостон «āpata», дар заминаи шакли эрониғарбӣ: форсии тоҷикӣ.: «ābād» ба вуҷуд омадааст» [10, с. 89].

Дар баъзе этимологияҳои мардумӣ, ки бар пояи ривоёту достонҳои куҳани асотирӣ устувор гардидаанд, вожаи «ābād»-ро номи аввалин пайғамбари Аҷам медонанд ва мазҳаби ӯро «ābādān» мехонанд, аммо чунин ба назар мерасад, ки дар бештари мавриди чунин ривоятҳо ҷанбаи асотирӣ доранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба мисли гузашта суннати номгузорӣ бо ин формант зиёд ба назар мерасад, монанди Муъминобод, Навобод, Нуробод, Тоҷикобод, Файзобод. Дар солҳои Шуравӣ низ ин суннат риоя мешуд, монанди: Колхозобод, Кировобод, Комсомолобод ва ғайра.

Ин пасванди номвожасоз дар мавридҳои зиёди осори ҷуғрофии арабизабон зикр гардидааст, аз ҷумла: Шаҳр+обод [**شهراباذ**], Астар+обод [**أستراباذ**], Озодмард+обод [**أزادمردباذ**], Устун+обод [**أستناباذ**], Ғонм+обод [**غانماباذ**], Моҳи+ёбод [**مايابادٰ**], Муволиқ+обод [**موالقاباذ**], Наср+обод [**نصراباذ**], Виз+обод [**ويذاباذ**], Фирӯз+обод [**فروزاباذ**], Рустам+обод [**رستماباذ**], Хуср+обод [**خسراباذ**], Давлат+обод [**دولتاباذ**], Сан+обод [**سناباذ**], Синҷ+обод [**سنجاباذ**], Сисамар+обод [**سيسمراباذ**], Шобар+обод [**شابراباذ**]…

Пасванди номвожасози -диз [**دز**]. Ин пасванди номвожасоз тоҷикиасл низ дар сарчашмаҳои ҷуғрофии арабизабон истифодаи фаровон дорад. Муродифи форсии он калимаи қадимаи «диж» мебошад, ки чунин таърихи инкишоф дорад: умумиэронӣ daiza – «қалъа», dheigh-«истеҳком», аз ҳиндуаврупоии dheig - «деворҳои сангин сохтан», dheighos – «бино», «девор» [18, с. 744], ҳиндии қадим dehi - «девор», авастоии pairi-daeza – «девор» > форсии бостон dida «истеҳком», «диж» [16, с. 116], модӣ diza «диж», дар калимаи dizaka (*аз сарчашмаҳои аккадӣ*)- «сокини қалъа» [10, с. 32].

Ёқути Ҳамавӣ дар бораи пасванди номвожасози «диз» дар таркиби номи Куҳандиз маълумоти ҷолибе овардааст. Ӯ мегӯяд:

«Дар асл «куҳандиз» ба диже гуфта мешавад, ки дар байни шаҳр бошад. Ин калима, махсусан, дар забони мардуми Хуросон ва Мовароуннаҳр истифода мешавад. Аксари ровиён «қуҳундиз» гӯянд ва он муарраби «куҳандиз» ба маънои «дижи куҳан» бошад. Гоҳо пешу пас гуфта мешавад (*куҳандиз ва дизкуҳан*), чун «куҳан» - «атиқа» ва «диз» - «қалъа» шавад. Сипас ин вожа хоси қалъаҳои шаҳрҳо гашт ва ба қалъае, ки берун аз шаҳр ва танҳо бошад, «куҳандиз» гуфта намешавад. Ин ном дар ҷойҳои зиёд дида мешавад, аз қабили: Куҳандижи Самарқанд, Куҳандижи Бухоро, Куҳандижи Балх, Куҳандижи Марв, Куҳандижи Найсобур» [19, ҷ. 4, с. 525].

Номвожаҳои ҷуғрофиии дарбаргирандаи ин пасванди номвожасоз аз қарори зайланд: Нав+диз [**نودز**], Санҷа+диза [**سنجديزه**], Си+диз [**السيديز**], Суво+диза [**سواديزه**], Устуғдо+диза [**أستغاديزه**], Уштоба+диза [**أشتابديزه**], Фағон+диз [**فغانديز**], Фиғ+диз [**فغديز**], Харон+диз [**خرانديز**], Ҳумрон+диз [**حمراندز**], Шоҳ+диз [**شاه دز**]…

Пасванди номвожасози -ҷирд / -гирд / -кирд [**جرد-**]. Ин пасванди номвожасоз низ дар топонимияи форсӣ-тоҷикӣ истифодаи фаровон дорад. Вожаи «ҷирд» аз пасвандҳои паҳлавии «gird» ва «kirt / krt» буда, маънои «сохта, сохтан, кардан»-ро дорад ва дар охири номвожаҳои ҷуғрофӣ омада, маънои «қалъа, ҳисор, шаҳр»-ро мегирад [20, ҷ. 5, с. 7629].

Ёқути Ҳамавӣ низ айнан, ба ҳамин маъно ишора карда, дар номи Хусравҷирд чунин мегӯяд:

«Он ба маънои «сохтаи Хусрав аст», зеро «гирд» аз решаи феъли «кардан» аст» [19, ҷ. 2, с. 461].

Дар ҷойи дигар муарраб будани «ҷирд»-ро чунин ишора каррдааст: «Гирд» ба маънои «кардан» аст, пас, онро муарраб сохта [г]-ро [ҷ] талаффуз карданд» [19, ҷ. 2, с. 554].

Бояд қайд намуд, ки Ёқути Ҳамавӣ вожаҳои «ғирд» ва «қирд»-ро низ шаклҳои муарраби «гирд» медонад, чунончи дар шарҳи номи Бошқиристони имрӯза чунин мегӯяд: «Бошғирд - бархе Бошҷирд ва бархе Бошқирд гӯянд, кишварест байни Қустантиния ва Булғор» [19, ҷ. 1, с. 402-403].

Ҳоло якчанд мисол бо истифодаи ин пасванди номвожасоз аз сарчашмаҳои ҷуғрофии арабизабон меорем:

Балош+ҷирд [**بلاشجرد**], Барван+ҷирд [**برونجرد**], Бару+ҷирд [**بروجرد**], Валош+ҷирд [**ولاشجرد**], Воша+ҷирд [**واشجرد**], Даста+ҷирд [**دستجرد**], Миҳри+ҷирд [**مهريجرد**], Рома+ҷирд [**رامجرد**], Сонво+ҷирд [**سانواجرد**], Фанҷа+кирд [**فنجكرد**], Сосон+ҷирд [**ساسانجرد**], Сусан+ҷирд [**سوسنجرد**], Фур+ҷирд [**فورجرد**], Ҳафт+ҷирд [**هفتجرد**], Ҳурмуз+ҷирд [**هرمزجرد**], Лоз+кирд [**لاذكرد**]…

Пасванди номвожасози -рӯд [**روذ-**]. Рӯд низ вожаи аслан тоҷикӣ буда, дар забони форсии бостон ва форсии миёна, ки гузаштаи бевоситаи забони тоҷикӣ аст, дар шаклҳои *rautah* - «дарё», «рӯд», «маҷро» > rod - [rwd] «рӯд», «дарё», «маҷро» арзи ҳастӣ кардааст [15, с. 65]. Ин анҷомаи номвожасоз вожаи қадимаи умумиэронӣ буда, муродифи вожаи «дарё» аст. Вожаи «дарё» дар давраи қадим ба маънои «баҳр»-и имрӯза ва «рӯд» барои ифодаи «дарё»-и имрӯза корбаст мегардид. Вожаи «рӯд» муродифи вожаи «об» аст ва дар забон барои ифодаи зиёди номҳои ҷуғрофии маводи гирдоварикардаи мо, бахусус, гидронимҳо корбаст гардидааст, аз қабили: Марв+рӯд [**مرو الروذ**], Воҷ+рӯд [**واج روذ**], Занда+рӯд [**زندروذ**], Заран+рӯд [**زرنروذ**], Исбиз+рӯд (*Спедрӯд*) [**إسبيذروذ**], Калон+рӯд [**كلان روذ**], Канҷа+рӯд [**كنجروذ**], Маҳ+рӯд [**مهروذ**], Миён+рӯдон [**ميان روذان**], Сано+рӯд [**سناروذ**], Санҷа+рӯд [**سنجروذ**], Сарда+рӯд

[سردروذ], Синд+рӯд [السندروذ], Ханда+рӯд [خندرود], Хурраммо+рӯд [خرَмароذ], Ҷанза+рӯд [جنزرود], Ҷанҷ+рӯд [جنجروذ]…

Пасванди номвожасози -ғар [غر]. Ин пасванди номвожасоз аз вожаи форсии бостон *gari- «кӯҳ, сахра, теппа»; авастоии gari- «кӯҳ, кӯҳсор», форсии миёна gar (gr) «кӯҳ» [17, с. 81] буда, ба маънои «баландӣ» ва «кӯҳ» далолат мекунад. Вожаи «ғар, ғарҷ, ғарч ва ғалч» имрӯз ҳам дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон боқӣ мондааст. Ин вожа чун анҷома дар созмон додани чунин номвожаҳои ҷуғрофиии мавод нақши муайян дорад: Аб+ғар [أبغر], Бузди+ғара **[بزديغره],** Вазо+ғар **[وزاغر],** Коҷ+ғар **[كاجغر],** Кош+ғар **[كاشغر]…**

Пасванди номвожасози -банд [بند]**.** Ин анҷомаи топонимсоз вожаи қадимаи умумиэронӣ буда, дар забони форсии бостон дар шакли bandaka=ba[n] - daka - «банда, мутеъ», дар забони форсии миёна bandak/bandag, дар форсии нав banda ба маънои «банд, бастан» далолат мекунад [11, с. 163], аз қабили: Арсо+банд [أرسابند], Дар+банд [دربند], Турор+банд [طراربند]...

Пасванди номвожасози -об [اب]. Ин анҷома вожаи тоҷикӣ буда, ба маънои моеи маъруф, ки аз омезиши обзо ва туршизо иборат аст, омадааст. Ҳамчунин, ин вожа ба маънои «дарё», «рӯд» низ далолат мекунад [12, ҷ.1, с. 883].

Вожаи об, чун анҷома, дар сохтани номвожаҳои ҷуғрофиии осори ҷуғрофии арабизабон нақши назаррас дорад, аз қабили: Асфиҷ+об (*Испиҷоб*) [أسفيجاب], Андар+об [أندراب], Андар+оба [اندرابه], Бор+об [باراب], Ваҳх+об [وخاب], Зул+об [زولاب], Марғ+об [مرغاب], Нил+об [نيلاب], Сур+об [سوراب], Тор+об [طاراب], Фар+об [فراب], Фор+об [فاراب], Хуш+об [خشاب], Вахш+об [وخشاب], Шӯр+об [شوراب]…

Як нуқтаро бояд қайд намуд, ки бархе донишмандони номшинос калимаҳои алоҳида, аз қабили об, кӯча, қалъа, дара, кӯҳ, дашт, чанор, чашма, замин, роҳ, хона ва ғайраро, ки дорои маънои мустақили луғавӣ буда, сифати истилоҳи ҷуғрофӣ ба кор мераванд, ба қатори топоформантҳо дохил кардаанд [5, с. 41-43; 2, с. 183; 8, с. 409].

Пасванди номвожасози -дара [ـدره]. Ин пасванди номвожасоз низ аз форсии миёна darrak «дара» < форсии бостон *daraka, аз решаи dar - «буридан, шикофтан, даридан» мебошад [7, с. 37].

Ин анҷомаи топонимсоз вожаи тоҷикӣ буда, ба маънои роҳ ё масоҳати начандон васеи байни ду доманаи кӯҳ далолат мекунад. Ин вожа чун анҷома дар созмон додани номвожаҳои ҷуғрофиии форсӣ-тоҷикӣ нақши муайян дорад, монанди: Бай+дара [بيدرة], Фағон+дара [فغندره], Икан+дара [اسكندره], Дузах+дара [دوزخ دره]…

Пасванди номвожасози -дашт [دشت]. Ин вожа аз форсии миёна dašt «дашт» < эронии бостон *daxŝta- аз решаи daxŝ- < dag-s «сӯхтан»; авастоии daxŝa «оташ», daxŝta «аломат, нишона, доғ» мебошад [7, с. 37]. Ин пасванди номвожасози тоҷикиаслро низ дар сарчашмаҳои ҷуғрофии арабизабон дидан мумкин аст, мисли: Дар+дашт [دردشت], Моиқ+дашт [مائق الدشت], Моя+дашт [مايدشت], Рувай+дашт [رويدشت], Рӯз+дашт [روذدشت]…

Пасванди номвожасози -кӯҳ [كوه]. Кӯҳ калимаи қадимаи форсӣ буда, чунин таърихи инкишофи маъноиро аз сар гузаронидааст: умумиэронӣ kaufa-› форсии бостон kaufa–«кӯҳ», (ҳ.а. kerp), авастоии kaofa– «кӯҳ» › форсии миёна kof, ф.к. koh, форсии миёна krh [10, с. 138]. Намунаи мисолҳои номвожаҳои ҷуғрофиии форсӣ-тоҷикии мавод, ки бо ин пасванди номвожасоз сохта шудаанд чунин аст: Бируз+кӯҳ [بيروز كوه], Сиёҳ+кӯҳ [سياه كوه], Фируз+кӯҳ [فيروز كوه], Шод+кӯҳ [شاذ كوه], Чағон+кӯҳ [جاغان كوه]…

Пасванди номвожасози –кон [كان]. Зоҳиран, аз решаи феъли kan- «кадан, ҳафр кардан» аст. Қиёс шавад бо вожаи khani–и санс. ба маънои «кон, мағок, ғор», khani - «кон», авастоии kani-«гудол, хандақ», ava-kani, ava-kanta, ava-kana - «гудол, мағок, хандақ» [7, с. 36]. Ин пасванд ба маънои «бисёрӣ» ва «фаровонӣ» низ меояд [2, с. 188].

Дар сарчашмаҳои ҷуғрофии арабизабон бо ин пасванди номвожасоз дар мавридҳои зиёд вохӯрдан мумкин аст, ба монанди: Анду+кон [أندكان], Арза+кон [أرزكان], Бунду+кон [بندكان], Вар+кон [وركان], Дора+кон [داركان], Дусар+кон [دوسركان], Канҷа+кон [كنجكان], Карса+кон [كرسكان], Мағ+кон [مغكان], Монда+кон [ماندكان], Моса+кон [ماسكان], Муш+кон [مشكان], Розо+кон [راذاكان], Шами+кон [شميكان], Шоваш+кон [شاوشكان]…

Аз таҳлили мисолҳои боло дида мешавад, ки нишонаҳои методи формантӣ бо қонуниятҳои худ дар осори ҷуғрофии арабизабони асрҳои IX-XIII намоён буда, пасванди номвожасози зикршуда ба қатори пасванди номвожасози дорои маънои луғавии аслан тоҷикӣ дохил шуда, аз замонҳои пешин дар ташаккули номвожаҳои ҷуғрофиии форсӣ-тоҷикӣ саҳми назаррасе доштаанд.

Муқарриз: Муҳаммадҷонзода О.О., д.и.ф., профессор

АДАБИЁТ:

1. Абаев, В. И. Историко-этимологический словарь осетинского языка. Т. 1. [Текст] / В.И. Абаев. – М . – Л ., 1958. – 6 55 с.
2. Алимӣ, Ҷ. Топонимияи минтақаи Кӯлоб. Таҳқиқи таърихӣ-забоншиносӣ [Матн] / Ҷ. Алимӣ. –Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 448 с.
3. Алимӣ, Ҷ. Ономастика (назария ва амалия): Дастури илмӣ-методӣ / Ҷ. Алимӣ. – Душанбе, 2017. – 552 с.
4. Бондарчук, Г. П. История формантного метода в топонимике [Текст] / Г. П. Бондарчук // Развитие методов топонимических исследований. – М., 1970. – С. 19-25.
5. Додихудоев, Р.Х. Памирская микротопонимия (исследование и материалы) [Текст] / Р.Х. Додихудоев. – Душанбе, 1975. – 165 с.
6. Додихудоев, Р.Х., Линвистический анализ микротопонимии Памира (на материале шугнано-язгулямской группы языков). [Текст]: дис. ... д.ф.н. / Р.Х. Додихудоев. – Душанбе, 1979. – 367 с.
7. Имомзода, М.С. Пажӯҳише дар номшиносӣ ва номгузорӣ (Таҳқиқи лингвистию иҷтимоӣ) [Матн] / М.С. Имомзода. –Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – 132 с.
8. Исмоилов, Ш. Топонимияи водии Рашти Тоҷикистон [Матн] / Ш. Исмоилов. – Душанбе, 2019. – 508 с.
9. Мурзаев, Э. М. Аппелятивы в топонимах Средней Азии [Текст] / Э. М. Мурзаев // Ономастика Средней Азии. – Фрунзе: Илим, 1980. –210 с.
10. Расторгуева, В. С. Сравнительно-историческая грамматика Западноиранских языков. Филология [Текст] / В. С. Расторгуева. – М.: Наука, 1990. – 253 с.
11. Саймиддинов, Д. Форсии бостон. [Матн] / Д.Саймиддинов. – Душанбе: Пайванд, 2007. – 190 с.
12. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX) иборат аз 2 ҷилд [Матн] / дар зери таҳрири М.М. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. Ҷ.1. – 951 с.; Ҷ.2. – 952 с.
13. Хромов А.Л. Историко-лингвистическое исследование Ягноба и верхнего Зеравшана. / А.Л.Хромов. – Душанбе, 1970. – 765 с.
14. Ҳайбулоев, Ш. Топонимияи форсӣ-тоҷикӣ дар сарчашмаҳои ҷуғрофии арабизабони асрҳои IX-XIII (таҳлили лингвистӣ) [Матн]: дис. н. фил. / Ш. Ҳайбулоев. – Душанбе, 2022. – 303 с.
15. Ҳомидов, Д. Топонимияи водии Кешрӯд (таҳқиқи лингвистӣ-таърихӣ). [Матн] / Д. Ҳомидов. – Душанбе, 2014.–164 с.
16. Brandenstein, W, Mayrhofer, M. Handbuch des Altpersischen [Text] / W Brandenstein. – Wiesbaden, 1964. – 160 c.
17. Nyberg H.S. A Manual of Pahlavi. Pt. II. Glossary. – Weisbadȳn, 1974.
18. Pokorny, J. Indogermanisches Etimologisches Worterbuch, 1-11 [Text] / J Pokorny. – Bern-Stuttgart, 1959.
19. شهاب الدين ياقوت بن عبدالله الحموي. معجم البلدان ج 1-5 / الحموي عبد الله ياقوت شهاب االدين. قدم له و شرحه و وضع فهارسه الدكتور صلاح الدين الهواري. – بيروت: المكتبة العصرية، 2014 م. – 670 ص.
20. على اكبر دهخدا. لغتنامه دهخدا / دهخدا على اكبر. ج.1-16. – مؤسسه انتشارات و چاب دانشگاه تهران، 1998.
21. محمد حسن دوست. فرهنك ريشه شناختى زبان فارسى / حسن دوست محمد. عبارت از 5 جلد. – تهران: فرهنكستان زبان و ادب فارسى، 1393.

ПАСВАНДҲОИ НОМВОЖАСОЗИ ФОРСӢ-ТОҶИКИИ ДОРОИ МАЪНОИ ЛУҒАВӢ ДАР ОСОРИ ҶУҒРОФИИ АРАБИЗАБОН

Дар ин мақола пасвандҳои номвожасози форсӣ-тоҷикии дорои маънои луғавӣ дар осори ҷуғрофии арабизабони асрҳои IX-XIII мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар мақола қайд карда мешавад, ки пасвандҳои номвожасоз дар шакл гирифтани номвожаҳои ҷуғрофӣ саҳми хоса доштаанд, ки ҳамаи муҳаққиқони илми топонимика ба ин унсур таваҷҷуҳ намуда, дар таҳлили маводи топонимии ин ё он минтақа хусусиятҳои онҳоро махсус қайд намудаанд.

Ҳамчунин, муаллиф таъкид намудааст, ки истифодаи пасвандҳои номвожасоз бемақсад набуда, балки воситаи такроршаванда ва маънодорест, ки дар охири номвожаҳои ҷуғрофӣ меоянд. Пасвандҳои номвожасоз, асосан, дар забонҳои эронӣ маъмул буда, Ёқути Ҳамавӣ маҳз ба забони форсӣ тааллуқ доштани онро қайд мекунад ва онҳоро дар номвожаҳои ҷуғрофие зикр мекунад, ки дар он ҷо мардуми эронинажод истиқомат менамоянд.

Дар мақола махсусан, таъкид гардидааст, ки нишонаҳои методи формантӣ бо қонуниятҳои худ дар осори ҷуғрофии арабизабони асрҳои IX-XIII намоён буда, пасвандҳои номвожасози зикршуда ба қатори пасвандҳои номвожасози дорои маънои луғавии аслан тоҷикӣ дохил шуда, аз замонҳои пешин дар ташаккули номвожаҳои ҷуғрофиии форсӣ-тоҷикӣ саҳми назаррасе доштаанд.

Калидвожаҳо: *топонимика, пасвандҳои номвожасоз, методи формантӣ, сарчашмаҳои ҷуғрофии арабизабон, номшиносӣ, номвожаҳои ҷуғрофии форсӣ-тоҷикӣ, ҷуғрофияшиноси арабизабон, таҳлили лексикӣ.*

ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКИЕ ТОПОФОРМАНТЫ ИМЕЮЩИЕ САМОСТОЯТЕЛЬНОЕ ВЫРАЖЕНИЕ В АРАБСКИХ ГЕОГРАФИЧЕСКИХ ИСТОЧНИКАХ

В данной статье исследованы и обсуждены персидско-таджикские топоформанты имеющие самостоятельного выражения в арабских географических источниках IX-XIII веков.

В статье отмечается, что топоформанты имеют особый вклад в образовании топонимов, и все топонимисти обращали внимание на этот элемент и специально отмечали их особенности при анализе топонимических материалов того или иного региона.

Также автор подчеркнул, что употребление топоформантов является не бесцельным, а повторяющимся и осмысленным средством в конце топонимов. Топоформанты распространены в иранских языках, и Йакут Хамави отмечает, что они принадлежат персидскому языку, и упоминает их в географических названиях, где проживают иранцы.

В частности, в статье подчеркивается, что признаки формантного метода с его особенностями просматриваются в арабоязычных географических трудах IX-XIII вв. Упомянутые топоформанты входят в число топоформантов имеющие таджикское лексическое значение и с древнейших времен употребляются в образовании персидско-таджикских топонимов.

Ключевые слова: *топонимика, топоформанты, формантный метод, арабоязычные географические источники, номенклатура, персидско-таджикские топонимы, арабоязычные географы, лексический анализ*.

PERSIAN-TAJIK TOPOFORMANTS HAVING INDEPENDENT EXPRESSION IN ARAB GEOGRAPHICAL SOURCES

This article examines and discusses Persian-Tajik topoformants that have independent expression in Arabic geographical sources of the 9th-13th centuries.

The article notes that topoformants have a special contribution to the formation of toponyms, and all toponymists paid attention to this element and specifically noted their features when analyzing toponymic materials of a particular region.

The author also emphasized that the use of topoformants is not aimless, but a repetitive and meaningful means at the end of toponyms. Topoformants are common in Iranian languages, and

Yakut Hamavi notes that they belong to the Persian language and mentions them in place names where Iranians live.

In particular, the article emphasizes that signs of the formant method with its features are visible in Arabic-language geographical works of the 9th-13th centuries. The mentioned topoformants are among the topoformants having Tajik lexical meaning and have been used in the formation of Persian-Tajik toponyms since ancient times.

***Key words**: toponymy, formation of toponymy, formant method, Arabic-language geographical sources, nomenclature, Persian-Tajik toponyms, Arabic-language geographers, lexical analysis.*

***Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳайбулоев Шамсидин Аҳлидинович** - Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи Шарқи Наздик. **Нишонӣ**: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. **Телефон**: (+992) 988509098. E-mail: shams--92@mail.ru*

***Сведение об авторе**: **Хайбулоев Шамсидин Ахлидинович** – Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, кандидат филологических наук, доцент кафедры ближневосточной филологии. **Адрес**: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6. **Телефон**: (+992) 988509098 .**E-mail**: shams--92@mail.ru*

***About the author: Haibuloev Shamsidin Ahlidinovich** – Tajik International Uiversity of Foreighn Languages names after Sotim Ulughzoda, Candidate of philological scinces, associate professor of the Department of the Middle Eastern Philology. **Address**: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev str., 17/6. **Phone:** (+992) 988509098. **E-mail:** shams--92@mail.ru*

УДК: 491.550

БЕЗЭКВИВАЛЕНТНАЯ ЛЕКСИКА И ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ СИСТЕМЫ РУССКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ
(на примере произведений русской литературы)

Хамидова Т.М.
Таджикский международный университет иностранных языков им. Сотима Улугзаде

По мнению Н.М.Шанского, «…при определении специфики русского языка как неродного необходимо изучение не только дифференцированных черт, сторонних тому или иному родному языку, но и в не меньшей степени черт сходства, в которых проявляются языковые контакты или родственные узы русского и родного языков, а также наличие в языке как орудии познания и форме существования знания так называемых лингвистических универсалий» [8, с. 200].

Во фразеологических системах русского и таджикского языков имеются полные фразеологические эквиваленты - единицы, совпадающие по значению и стилистической окраске, соотносимые по компонентному составу и грамматической организации. Например: *с головы до ног «аз сар то по» - целиком, полностью; руки не доходят – «даст намерасад» - нет времени, возможности заняться чем-либо; ни мало ни много – «на каму на зиёд» - ровно столько, сколько указано; как сквозь землю провалиться – «гуё ки замин кафиду даромад» - неожиданно пропал, скрылся*.

К межъязыковым фразеологическим эквивалентам относятся и те обороты, в которых не все лексические единицы или грамматические формы компонентов у многочленных соответствуют. Например: *ни слуху ни духу «на хату на хабар» (ни письма ни известий) – никаких известий; под одной крышей «дар як хона» - в одном доме жить; с лёгким сердцем «бод или сафед» (с белым сердцем) – без опасений и тревог; смотреть в оба «чор чашма нигоҳ кардан» (смотреть четырьмя глазами) – быть внимательным, бдительным.* В языкознании термин «эквивалент» трактуется весьма расплывчато и не всегда однозначно. В «Словаре лингвистических терминов» [1, с. 49] слову «эквивалент» даётся такое определение: «Единица речи, совпадающая по функции с другой, способная выполнять ту же функцию, что другая единица речи». А.В. Кунин выделяет фразеологические эквиваленты двух видов: моноэквиваленты и выборочные фразеологические эквиваленты. К первым относятся единственно возможные соответствия русских фразеологизмов. Под выборочными фразеологическими эквивалентами понимается перевод одним из фразеологических синонимов.

Среди моноэквивалентов различаются полные и частичные фразеологические эквиваленты. Первые характеризующиеся совпадения значений, лексических составов, образности, стилистической направленности, грамматических структур. Вторые совпадают семантически и стилистически, но имеют расхождения в лексическом составе, грамматической структуре, образности. На основе лексико-грамматических расхождений частичных эквивалентов выделяются частичные лексические и частичные грамматические эквиваленты [3, с. 123].

В.Г. Гак и Я.И. Рецкер также делят эквиваленты на две группы: полные и частичные, абсолютные и относительные.

Критерием отнесения ФЕ к первой группе является возможность передачи всех значений многозначных фразеологических единиц. При совпадении смысловых и стилистических характеристик выделяется полный эквивалент, при несовпадении - неполный, относительный эквивалент.

Полными (абсолютными) эквивалентами могут быть ФЕ, различающиеся по образной характеристике, но совпадающие в экспрессивном отношении. Полные эквиваленты соответствуют моноэквивалентам [2, с. 3].

Довольно часто фразеологизмы, отражая национальную специфику языка, в то же время показывают схожесть образного мышления русского и таджикского народов. Люди,

живущие в постоянных ссорах, сравниваются с кошкой и собакой: как кошка с собакой *«сагу гурба барин»; если кого-то или что-то заботливо оберегать, то говорят «как зеницу ока» ҳамчун гавҳараки чашм; если кто-то сидит прямо, напряжённо, говорят «как аршин проглотил» - хода хурдагӣ барин (как шест проглотил).*

Сопоставительный структурно-типологический анализ фразеологических соответствий обнаруживает отсутствие для некоторых устойчивых единиц полного эквивалента в одном из языков: *как две капли воды «як себи ду кафон барин» (как две половины расколовшегося яблока) - очень похожи; капля в море «донае аз харман» (зёрнышко из кучи зерна) – ничтожно мало по сравнению с тем, что нужно; кто в лес, кто по дрова «яке аз боғу дигаре аз роҳ» (один из сада, другой с дороги).* И всё же такие фразеологические единицы, как нам представляется, типологически похожи.

Сравнение фразеологизмов русского и таджикского языков позволяет определить процесс формирования целостного переносного значения фразеологической единицы, имеющего как образную, так и логическую мотивированность: *молоко на губах не обсохло «аз даҳонаш буи шир меояд» (у него изо рта идёт запах молока) – молодой, неопытный человек; гроша ломаного не стоит «ба як пули пучак ҳам намеарзад» (не стоит монеты, стёршейся от долгого употребления); старый (матерый) волк «гурги боронди да» (волк, вымокший под дождём); выносить сор из избы « гапи хона ба бозор баровардан» (домашний разговор выносить на базар).*

«Так как механизм построения фразеологизмов в различных языках, как показывают исследования, то очевидна возможность использования знания фразеологии родного языка» [1, с.49].

Однотипность соотношения семантики фразеологических единиц русского и таджикского языков свидетельствует о типологической общности их семантической структуры, о наличии общих для фразеологизмов моделей. В некоторых случаях совпадение может быть только в логико - семантическом смысле, фразеологизм при этом может характеризоваться образно-национальным своеобразием: *пускать козла в огород «гӯспандро ба гург супурдан» (баранов поручить волку); как лунь седой «пахта барин сафед» (белый как хлопок); засучив рукава «дев барин кор кардан» (работать как див); кожа да кости «ҳамчун савачӯб хароб» (худой как связка прутьев, которыми перебивают вату).*

Следует отметить, что в русском и таджикском языках есть большая группа фразеологизмов, имеющих в своём составе одинаковые компоненты. Например, группа соматических фразеологизмов: *рука об руку «даст ба даст»; чужими руками «ба дасти ғайр»; брать себя в руки «худро ба даст гирифтан».*

В рассматриваемых языках имеются и межъязыковые омонимы, создающие интерференцию при изучении русской фразеологии: *«остаться с носом» - терпеть неудачу, остаться без того, на что рассчитывал, соответствует таджикскому «ду даст дар (ба) бини»; который имеет значения: 1) терпеть неудачу. 2) вернуться с пустыми руками, 3) не достичь цели*;

- фразеологизм «лёгкая рука» - удачливый, приносящий успех, имеет в таджикском языке эквивалент «дасти сабук», выступающий со значениями: 1) умелый, искусный, 2) удачливый в торговле;
- фразеологизм «ставить (поднимать) на ноги», имеющий значения: 1) вылечить, избавлять от болезни, 2) воспитывать, доводить до самостоятельности, 3) заставить активно действовать, принимать деятельное участие в чём-либо, 4) будоражить, волновать, создавать суматоху, в таджикском языке имеет идеографический эквивалент «ба по монда» - будоражить, волновать [5, с. 67].

При переводе языковых единиц, в том числе и фразеологических, необходимо передать смысл, эмоции, функции, стиль. Фразеологические обороты, таким образом, могут быть сопоставлены с точки зрения сохранения смыслового, эмоционально-экспрессивного и функционально-стилистического содержания, которое передавалось соответствующим устойчивым словосочетанием в языке оригинала. Так, большинство русско-таджикских

межъязыковых фразеологических эквивалентов связаны с общностью мыслительных процессов двух народов: бок о бок «паҳлу ба паҳлу» - рядом, вместе, заодно; мастер на все руки «ба ҳар кор усто» - человек, умеющий всё делать, мастерить.

Заимствования из русского языка в основном характерны для выражений – терминов: ҳамроҳи сунъии замин «искусственный спутник земли»; киштии фалакпаймо «космический корабль» и др.

В каждом из сопоставляемых языков устойчивые фразеологические словосочетания изучены в достаточной степени.

Исследования по таджикской фразеологии воплотились в двухтомном фразеологическом словаре М. Фазылова «Фарҳанги ибораҳои забони ҳозираи тоҷик» на основе которого возможны сравнения в обоих языках идентичных фразеологизмов и использования единого для обоих языков терминологического аппарата.

Практика сопоставительно-типологических исследований фразеологических оборотов подтверждает мысль о сопоставимости фразеологических систем.

В фразеологических системах русского и таджикского языков имеются полные фразеологические эквиваленты - единицы, совпадающие по значению и стилистической окраске, соотносимые по компонентному составу и грамматической организации. Например: с головы до ног «аз сар то по»- целиком, полностью; руки не доходят «даст намерасад»- нет времени, возможности заняться чем-либо; ни мало ни много «на каму на зиёд» - ровно столько, сколько указано; как сквозь землю провалиться «гӯё ки замин кафиду даромад» - неожиданно пропал, скрылся.

Фразеологические сочетания, соотносимые со словами, включены в словарный состав языка в качестве аналогов различных частей речи. Они характеризуются семантической целостностью, у них есть словесно-выраженная внутренняя форма. Внутренняя форма фразеологизма – это лексическое содержание свободного словосочетания, изначальный образ, ставший фразеологической единицей с устойчивым значением. Например: *«толочь воду в ступе» (попусту тратить время) – дар хован об куфтан; оҳани сард куфтан; «сгонять семь потов» (изнурять, изматывать работой) – равғани касеро об кардан (кунондан); «терять почву под ногами» (лишаться уверенности)* - *эътимод аз даст додан, мавқеъ гум кардан.* В данных фразеологизмах внутренняя форма почти явная, но она может и утрачивать свою мотивацию.

Например: *заложить за галстук – май нушидан; заморить червячка – шушбанд кардан; синий чулок –занаки мардтабиат (мардфеъл); отставной козы барабанщик - боми пастак, одами ношуди норуад; дать дуба – поча дароз кардан; казанская сирота – мусичаи бегуноҳ; под мухой –маст будан, ширакайф будан*.

Тем более трудно мотивировать значение фразеологической единицы, если в неё входят архаизмы. Ср.: бить баклуши- бекорхӯҷагӣ кардан [РТС. 63]; разводить турусы [на колёсах] – ҳарза гуфтан, сафсата гуфтан [РТС,924], точить лясы – прост, лаққидан, гапфурушӣ кардан, сафсата гуфтан [РТС,1110], вверх тормашками- сарнагун, вожгун [РТС,1108], ничтоже сумняшеся- бе ҳеҷ такку шубҳа, бо каломи эътимод [РТС,1080]

Таким образом, в современном языке не всякая внутренняя форма обладает объяснительной способностью. В обычной речи фразеологизмы данной группы воспроизводят своё значение, а не значение составляющих их слов, их внутренняя форма нейтрализована. И в обычной речи мы не задумываемся над внутренней формой слов *самолёт, пароход, сапожник* и др.

На внутреннюю форму переводчик обратит внимание при калькировании как словообразовательном приёме.

«Вряд ли оправданы требования к тому, чтобы переводчик стремился к образной и структурной адекватности фразеологизмов рассматриваемого типа в языке перевода и оригинала. Это требование часто практически невыполнимо, а теоретически необоснованно. Переводчик обязан искать смысловое, экспрессивное и функционально – стилистическое соответствие фразеологизму оригинала, а не ломать голову над воспроизведением

внутренней формы такой словесной единицы… Поэтому заранее можно сказать, что фразеологическим словосочетаниям анализируемого вида в языке перевода могут соответствовать фразеологизмы, отдельные слова и свободные словосочетания» [2, с.183].

Наиболее ярко национально-культурный компонент семантики проявляется во фразеологизмах. Фразеологические единицы передают от поколения к поколению культурные установки и архетипы.

В.Н. Телия пишет, что фразеологический состав языка – это «зеркало, в котором лингвокультурная общность идентифицирует своё национальное самосознание» [6, с. 76].

Фразеологизмы как бы подсказывают носителям языка особое видение мира. Например, о быте русского народа (*красный угол, печки-лавочки*), о поведении (*не в свои сани не садись, не солоно хлебавши, ломать шапку*), о традициях и обычаях (*вывести на чистую воду*).

Для передачи значения фразеологической единицы и её стилистической характеристики язык перевода предоставляет обычно 4 возможности:

1) В языке перевода оказывается фразеологизм, идентичный фразеологизму оригинала, т.е. имеющий то же значение, стилистическую окраску и внутреннюю форма: длинный язык – лаққӣ; бросать якорь-лангар андохтан [РТС,1239].

Их можно считать полными эквивалентами. Они адекватны по грамматическому составу, значению, экспрессивно-стилистической окраске.

У таких эквивалентов может быть своя национальная специфика, различия в сочетаемости, в стилистических оттенках.

2) В языке перевода есть эквивалентная фразеологическая единица с тем же или близким значением, стилистической окраской и внутренней формой белая ворона – зоғи ало; вести двойную игру – фитнагарӣ, найрангбозӣ [РТС,333]; кафтари дубома шудан, дурӯягӣ кардан; кота в мешке покупать – кӯрхаридӣ кардан [РТС,415];

Подобные русские и таджикские фразеологизмы следует отнести к неполным эквивалентам.

3) В языке перевода есть стилистически эквивалентное фразеологическое сочетание, с тем же или сходным значением, но иной внутренней формой:

мартышкин труд – кори беҳуда, меҳнати бефоида [РТС,466]; козёл отпущения – бомаки паст [РТС,396]; считать ворон – 1) даҳанала будан; фурсат аз даст додан; 2) бекор гаштан; тамбалӣ кардан [РТС,122], когда рак свистнет ≈ кай думи уштур ба замин расад [РТС,940]; куда глаза глядят – ҳар ҷо, ки бошад; ҳар ҷо, ки рост ояд [РТС,177], из огня да в полымя ≈ аз барф гурехта ба бӯрон вохӯрдан; аз борон гурехта ба новадон афтидан[РТС,613].

Такие пары также являются неполными (частичными) эквивалентами.

4. В языке перевода есть соответствующие по своему значению и стилистической окраске слова: как нельзя лучше – бисёр хуб, аъло, кори калон; краем уха – бедиққат, аҳамият надодан; кот наплакал – бисёр кам; как снег на голову – ногаҳон, банохост; оставлять желать лучшего - чандон хуб нест, он қадар нағз нест.

В этом случае перед нами однословные частичные эквиваленты фразеологизмов.

Итак, в переводе фразеологической единице может соответствовать фразеологизм или слово, обладающее эквивалентным объёмом информации. «Конечно, переводчик должен стремиться к переводу фразеологизма фразеологизмом. Это основное требование. Выполнением его достигается, как правило, наибольшая равноценность в воссоздании фразеологии оригинала в переводе. Однако иногда такой приём невозможен: в языке перевода может не оказаться понятийно равного фразеологизма или он есть, но не подходит по своим стилистическим характеристикам. Именно в этом случае прибегают к помощи однословного соответствия, описательному переводу и иногда к калькированию». [2, с. 185].

Сопоставительный метод изучения фразеологических единиц даёт возможность увидеть такие особенности языка, подойти к которым изнутри трудно или даже невозможно. По мнению П.Гальперина, «первой задачей разъяснения нового языкового явления становится разъяснение мыслей, представлений, заключённых в формальной структуре,

уяснение создания данным народом тех вещей, которые в других языках представляются существенно или отчасти иначе, а нередко и совсем не выделяются и вместо них выделяются другие стороны вещей» [3, с. 101-103].

При сопоставлении русской фразеологии с таджикской, отражающей национальную культуру, обычаи, традиции, быт и исторические события, следует воспроизводить понятие и образность ФЕ, т.е. с лингвострановедческой точки зрения установить не только языковую форму, но и новые понятия, которые отсутствуют в мышлении носителя другого языка.

Во фразеологии образность, конкретность тесно связаны с конкретными предметами и вещами, с явлениями и событиями реальной действительности. Этим объясняется и то, что в таджикской фразеологии может отсутствовать понятие, выражаемое исконно русским фразеологизмом. Возможно расхождение и в образности русских и таджикских фразеологизмов. В образной фразеологии актуализируются потенциальные семантические компоненты слова, отражающие реальные свойства данного предмета или свойства, приписываемые ему в данном языковом коллективе.

Рецензент: Хасанова Ш.Р., к.ф.н., доцент ТМУИЯ им. С. Улугзаде

Использованная литература:

1. Быстрова Е.А. Теоретические основы обучения русской фразеологии в национальной школе. - М.: Педагогика,1985
2. Виноградов В.С. Введение в переводоведение. - М., 2001
3. Гальперин И.Р. Текст как объект лингвистического исследования. – М.: Наука, 1981. – 139 с.
4. Русско–таджикский словарь. - М.: Русский язык, 1985
5. Самокрутова Л.В., Мирсалимов П.К. Изучение русской фразеологии как средство обогащения русской речи учащихся – таджиков. // Совершенствование методов обучения русскому языку в таджикской школе. – Душанбе, 1983
6. Телия В.Н. Русская фразеология. Семантический, прагматический и культурологический аспекты. – М.: Школа, языки русской культуры,1996. – 284 с.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М., 1969, Ҷ.1. – 951с., Ҷ. 2 – 949с.
8. Шанский Н.М. Фразеологические обороты русского языка. – М. : Русский язык, 1988. – 390с
9. Хамидова Т.М. БЭЛ русского языка и способы их перевода на русский язык. - Душанбе, 2013

БЕЗЭКВИВАЛЕНТНАЯ ЛЕКСИКА И ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ СИСТЕМЫ РУССКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ
(на примере произведений русской литературы)

Типологическое сходство многих фразеологических оборотов основано на общности жизненного опыта, однотипности логических процессов мышления русского и таджикского народов, близкими фактами объективной действительности. А также на заимствованиях, обусловленных культурно-историческими связями, процессами взаимовлияния и взаимодействия языков.

Практика сопоставительно-типологических исследований фразеологических оборотов подтверждает мысль о сопоставимости фразеологических систем.

По мнению автора статьи, фразеологические соответствия, семантически и стилистически сходные, но различающиеся по грамматической организации компонентов, считаются неполными эквивалентами.

Таким образом, фразеологические эквиваленты обладают общим семантико-стилистическим значением и характеризуются совпадением лексического состава (при возможных частичных расхождениях) или соотносительностью образной структуры, с необязательно тождественной грамматической оформленностью.

Воспроизведение понятия и образности фразеологизмов изучаемого языка наилучшим образом происходит при сопоставлении, обнаруживая при этом национально-культурную специфику.

Ключевые слова: *Типологическое сходство, культурно-исторические связи, дифференцированные черты, фразеологические системы русского и таджикского языков, полные фразеологические эквиваленты, грамматические формы компонентов, сопоставительный структурно-типологический анализ семантической структуры*.

ЛЕКСИКАИ БЕМУОДИЛ ВА ИБОРАҲОИ РЕХТАИ ЗАБОНҲОИ РУСӢ ВА АНГЛИСӢ (дар мисоли осори адабиёти рус)

Ба ҳам монанд будани типологии бисёр ибораҳои фразеологӣ ба умумияти таҷрибаи ҳаётӣ, шабоҳати равандҳои мантиқии тафаккури халқҳои рус ва тоҷик, далелҳои наздикии воқеияти объективӣ асос ёфтааст. Ва инчунин дар асоси истилоҳот, аз робитаҳои фарҳангию таърихӣ, равандҳои таъсири мутақобила ва таъсири мутақобилаи забонҳо вобастагӣ доранд.

Таҷрибаи омӯзиши муқоисавӣ-типологии воҳидҳои фразеологӣ андешаи доир ба қиёмпазирии низомҳои фразеологиро тасдиқ мекунад. Ба андешаи муаллифи мақола, мутобиқати фразеологӣ, ки аз ҷиҳати маъно ва услубӣ ба ҳам монанд, вале аз ҷиҳати ташкили грамматикии ҷузъҳо фарқ мекунанд, муодили нопурра ҳисобида мешаванд.

Ҳамин тариқ, муодили фразеологӣ маънои умумии семантикию услубӣ дошта, бо мувофиқати таркиби луғавӣ (бо ихтилофоти эҳтимолии қисман) ё таносуби сохтори маҷозӣ, бо тартиби интихобан якхелаи грамматикӣ хос аст.

Таҷдиди мафҳум ва образнокии воҳидҳои фразеологии забони омӯхташаванда ҳангоми муқоиса ва ошкор намудани хусусиятҳои миллию фарҳангӣ беҳтар ба амал меояд.

Калидвожаҳо: *шабоҳати типологӣ, робитаҳои фарҳангӣ ва таърихӣ, хусусиятҳои фарқкунанда, низомҳои фразеологии забонҳои русӣ ва тоҷикӣ, муодили фразеологии пурра, шаклҳои грамматикии ҷузъҳо, таҳлили муқоисавии сохторӣ ва типологии сохтори маъноӣ.*

RUSSIAN AND TAJIK LANGUAGES' NON-EQUIVALENT VOCABULARY AND PHRASEOLOGICAL SYSTEMS (using the example of works of Russian literature)

The typological similarity of many phraseological phrases is based on the commonality of life experience, the similarity of the logical processes of thinking of the Russian and Tajik peoples, close facts of objective reality. And also on borrowings due to cultural and historical ties, processes of mutual influence and interaction of languages.

The practice of comparative-typological studies of phraseological units confirms the idea of the comparability of phraseological systems. Phraseological correspondences, semantically and stylistically similar, but differing in the grammatical organization of the components, are considered incomplete equivalents.

Thus, phraseological equivalents have a common semantic**.** The article provides information regarding the concept of “equivalent”, Phraseological equivalents have a common semantic and stylistic meaning and are characterized by the coincidence of the lexical composition (with possible partial discrepancies) or the relativity of the figurative structure, with not necessarily identical grammatical structure. The reproduction of the concept and imagery of phraseological units of the studied language occurs in the best way when compared, revealing the national-cultural specificity.

Keywords*: Typological similarity, cultural and historical connections, differentiated features, phraseological systems of the Russian and Tajik languages, full phraseological equivalents, grammatical forms of components, comparative structural and typological analysis of the semantic structure.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Хамидова Т.М. *– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти рус.* ***Нишонӣ:*** *734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: (+992) 933454466*

Сведения об авторе: Хамидова Т.М. *- Таджикский международный университет иностранных языков им. Сотима Улугзаде, кандидат филологических наук, заведующий кафедрой теории и истории русской литературы. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6. Тел.: (+992) 933454466*

Information about the author: Khamidova T.M. *- Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, PhD in philology, Head of the Department of Theory and History of Russian Literature. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. Phone: (+992) 933454466.*

ТДУ: 808.3

ПРОБЛЕМА НЕПЕРЕВОДИМОСТИ ПРИ ПЕРЕВОДЕ ВВОДНЫХ ЕДИНИЦ С РУССКОГО ЯЗЫКА НА ТАДЖИКСКИЙ
(на примере художественного произведения)

Ходжатов Б.Д.
Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде

Ежегодно 30 сентября во многих странах мира отмечается как Международный день переводчика. В 2017 году Генеральная ассамблея ООН на своем очередном заседании единогласно приняла Резолюцию, в которой признаётся роль профессионального перевода в объединении народов, содействии миру.

В Таджикистане также отмечается Международный день переводчика. В этот день практически во всех вузах страны проходят комплексные мероприятия в виде конференций и круглых столов, куда приглашаются ведущие переводчики страны. Они рассказывают о роли и значении переводов в мировой классической литературе, обсуждают профессиональные проблемы переводов и делятся своими творческими планами.

Следует отметить, что 27 сентября 2022 года Глава государства уважаемый Эмомали Рахмон в ходе своего выступления в Таджикском государственном институте языков имени С. Улугзаде поручил создать Национальный центр переводов при Правительстве Таджикистана: «В целях обеспечения доступа населения к мировой литературе, особенно научной, а также представления истории и культуры древнего и цивилизаторского таджикского народа на иностранных языках через историко-культурные и художественные труды ученых страны необходимо создать отдельный центр перевода научных и художественных произведений» [https://khovar.tj]

Благодаря переводу стал возможен фольклорный обмен и взаимопроникновение культур разных народов. Мировые шедевры средневековых классиков доступны не только в оригинале, но и переведены на разные языки мира.

Понятия переводимости и непереводимости считаются одним из важнейших вопросов не только таджикского переводоведения, но и переводоведения в целом. Вопросы непереводимости являются предметом серьезного внимания исследователей с недавнего времени, т.е. с 50-х годов прошлого века, и для науки такой срок как капля в море. Нужны столетия, чтобы сформировалась определённая теория по какому-нибудь научному направлению.

Понятие непереводимости проявляется двояко:

1) естественная непереводимость;

2) условная непереводимость.

Естественная непереводимость обусловлена сущностью и природой языков, которые невозможно перевести ни на какой язык. Здесь речь идет о фонетических, лексических, грамматических единицах и т.д., которые не только не переводятся, но и их перевод в конкретных случаях не является необходимым.

Условная непереводимость касается языковых явлений, статус непереводимости которых условен, и в этом случае термин заключен в кавычки. Условная непереводимость отличается от естественной тем, что она все же переносится на язык перевода, но особыми способами. В качестве примера можно привести большинство типов безэквивалентных единиц.

Рассмотрим проблему непереводимости на примерах с вводными конструкциями из романа Ф.М. Достоевского «Преступление и наказание» и его перевода на таджикский язык.

В ниже приведённом примере семантику вводности в предложении представляет вводное слово *пожалуй* со значением неуверенности, предположения, неопределённости, допущения: *Но что-то было в нем очень странное; во взгляде его светилась как будто даже восторженность, — **пожалуй**, был и смысл и ум, — но в то же время мелькало как*

будто и безумие [5, с.12]. *Аммо дар қиёфаи вай як чизи бағоят аҷибе ба назар мерасид; аз нигоҳаш гӯё ҳатто осори шавқу завқи бепоёне падид меомад, - нигоҳи чашмонаш маънис дошту ба ақлмандии вай далолат мекард, - аммо дар айни ҳол аз ин нигоҳ гӯё ифодаи беақлӣ низ ҳувайдо мегашт* [4, с.14-15]. Стоит отметить, что слово *пожалуй* в таджикском языке обладает такими эквивалентами, как *шояд, эҳтимол* и *мумкин аст*, но переводчик не использует ни одного из них при передаче данной единицы на таджикский язык. Переводчик обходится без использования вводной единицы и неплохо справляется перед поставленной задачей.

Следующий контекст свидетельствут о том, что иногда переводчик игнорирует вводные конструкции, оставляя при этом субъективную позицию на сообщаемую информацию без внимания. Такой подход переводчика не случайный, так как естественность происходящего настолько явна, что и нет необходимости в упоминаниии автономности той или иной информации: *Его разговор,* ***казалось****, возбудил общее, хотя и ленивое внимание* [5, с.13]. *Суханони вай диққати умумро ба худ кашид, ҳарчанд ин диққати умум коҳилона буд* [4, с.17]. В этом примере вводное слово *казалось* также со значением неуверенности, предположения, неопределённости, допущения предваряет преположительную информацию, которую не объязательно передавать на переводимый язык, для общего представления в этом нет необходимости.

Ниже приведённые предложения пример того, что нельзя перевести глагол, использованный в роли вводного компонента, так как словарные соответствия данной вводной единицы могут привести к искажению семантики данной языковой единицы в языке перевода, а в данном случае таджикского языка: ***Позвольте****, молодой человек, случалось вам… гм… ну хоть испрашивать денег взаймы безнадежно?* [5, с.14] ***Лутфан бигӯед****, йигит, оё шумо ягон вақт... ҳм... лоақал бе ягон умедворӣ қарз пурсида будед* [4, с.17]. Здесь также превалируют элементы, свидетельствующие о функционировании естественной непереводимости.

Анализ примеров, собранных из романа показал, что одним из вводных единиц, не подлежащих переводу на таджикский язык является вводное слово *однако*, выражающее сильное удивление или возмущение. В романе выявлено 63 контекста с данной единицей, в которых исследуемый компонент оставлен без перевода: *На какую грязь способно,* ***однако****, мое сердце!* [5, с.9] *Находдар дили ман ҳамин қадар ниятиифлосе нуҳуфта бошад?* [4, с.11]. В этих примерах проявляется фрагмент естественной непереводимости, так как переводчик выбрал фразу без вводной единицы для передачи переводимого отрезка текста. Речь идёт о природе таджикского языка, т.е. в данном случае переводчик выбрал тот смысловой шаблон, который свойственен носителю таджикского языка. Сказать простыми словами таджик не строит свою мысль как в во фразе исходного текста, которая свойственна носителю русского языка.

Далее, обнаруживаем использование вводного компонента *однако* в роли усиления оценочной характеристики ситуации, чьих-либо действий как вызывающих интерес, являющихся достойными внимания. Обратим внимание на слова главного героя Родиона Раскольникова, в которых слово *однако* занимает одно из центральных мест в контексте: *Опять та же история, как тогда… А очень,* ***однако же****, любопытно: сам я пришел или просто шел да сюда зашел?* [5, с.105] *Боз ҳамон дафъа барин шудааст... Ҳаминаш бисьёр ғалатӣ, ки ба ин ҷо оё худи ман омадаам ё худ раҳгузар шудааму сонӣ ин ҷо даромадаам?* [4, с.133] Здесь герой якобы внезапно обнаруживает странность своего поведения, своих действий, для чего и автором подобрана данная языковая единица. Эту постановку мысли переводчик передаёт через целое предложение «*Ҳаминаш бисьёр ғалатӣ...*». Нет необходимости прибегать к переводу вводной единицы, природа языка, его специфика не позволяют совершить это.

Выявлено также смысловой оттенок сильного удивления в употреблении вводного слова *однако.* Родион Раскольников находит в словах своей матери недоумение, которое вызвано внутренним состоянием героя, лишь ему это кажется странным: *А если б вы знали,*

***однако**, какую вы странную мысль сейчас сказали, маменька, — прибавил он вдруг, странно усмехнувшись* [5, с.218]. *Медонед, модарҷон, шумо хозир як фикри бисьёр ачибро гуфтед - боз гуфт ӯ, банохост, табассуми тааҷҷубоваре карда* [4,с.271]. Если обратить внимание на перевод с этой точки зрения, но никакого чувства удивления не просматривается, субъективная позиция героя не учтена, видимо переводчик посчитал это необъязательным.

Среди вводных слов есть такие, природа которых настолько специфична для определённого языкового мышления, что в словарях их толкование даётся описательным переводом. Примером такой единицы может служить разговорное вводное слово *дескать*, которое употребляется при передаче чужой речи. При его передаче переводчик исходит из содержимого контекста и коммуникативной цели говорящего. В русском языке такая языковая установка существует (я имею в виду смысловую нагрузку вводного слова *дескать*), а в других языках может и не существовать, по крайней мере, в таджикском языке такой установки мысли нет, но есть масса приёмов выразить данный смысловой оттенок. Например, *«Живешь, **дескать**, ты, дармоедка, у нас, ешь и пьешь, и теплом пользуешься», а что тут пьешь и ешь, когда и ребятишки-то по три дня корки не видят!* [5, с.18] *Ту дар ин даргоҳи мо ошу нони муфтро хӯрда гаштаӣ, ғами обу ҳезумро намедонӣ, гуфта таъна мекунад. О вай кадом ошу нони муфтро мехӯрдааст, охир кӯдакҳо се рӯз-се рӯз рӯи нонро намебинанд!* [4, с.22] В словах героя романа Мармеладова использование вводного слова *дескать* связано с тем, что мысль исходит от имени другого героя, как раз данная единица указывает на источник сообщения. В переводе данной единицы на таджикский язык нет никого упоминания о вводном слове, выражающем источник сообщения, но в целом фраза несёт предположительный характер.

Далее, в следующем примере вводная единица *дескать* является стартовой точкой передачи чужой речи, указывающей на мнимость слов героя, их нессответствия действительности. Таким образом герой романа Лебезятников выражает своё обострённое самолюбие, чрезмерное самомнение, и как раз кроме того, что вводное слово *дескать* несёт смысловую нагрузку вводности, также ставит под сомнение слова героя: *Сначала сам добивался от Сонечки, а тут и в амбицию вдруг вошли: «Как, **дескать**, я, такой просвещенный человек, в одной квартире с таковскою буду жить?»* [5, с.19] *Даставвал худи вай Соняҷонро бероҳа карда, фиреб доданӣ буду акнун якбора он кас ору номус мекардагӣ шуданд: «О ин чӣ, гап, охир ман, ки як одами соҳибмаърифат мебошам, дар як хона бо инзайлин занака чӣ хел зиндагӣ мекардаам?»* [4, с.24] А в варианте перевода та же самая стартовая точка заключается в первой части контекста, в которой вводные компоненты не использованы.

А вот в третьем примере – напротив, данное вводное слово выражает основную коммуникативную цель говорящего, предположительно, но как бы раскрывает настоящую семантику слов героя, хотя нужно помнить, что это субъективное мнение говорящего: *«Ну, говорит, Мармеладов, раз уже ты обманул мои ожидания… Беру тебя еще раз на личную свою ответственность, - так и сказали, - помни, **дескать**, ступай!»* [5, с.19] *«Хайр, майлаш, Мармеладов, гуфтанд, ту як маротиба ҳама умедҳои маро барбод дода будӣ... Боз як маротибаи дигар туро ба хизмат мегираму худам шахсан масъул мешавам, - ана ҳамту гуфтанд, инро фаромӯш накун, бирав!»* [4, с.24] Что касается перевода, то и в этом контексте данная единица оставлена без перевода, так как в передаче мысли, заключённой в данном отрезке его присутствие не объязательно. Природа таджикского языка не располагает таким способом выражения данной мысли. Просто в варианте перевода не берётся во внимание, что высказанная мысль несёт характер предположения и допущения. Стоит отметить, что несмотря на то, что к слову *дескать* в таджикском языке нет определённого словарного соответствия, в некоторых диалектах, точнее в диалекте, сформировавшем в столице, часто употребляется диалектизм *мақсад*, соответствущий словам *дескать, мол, якобы*, но в литературной речи слово *мақсад* с таким смысловым оттенком не употребляется. Нельзя забывать, что данное слово в прямом значении на русский язык переводится как *цель*.

В процессе анализа установлено, что не подлежит переводу также вводная единица *собственно*, функция которой заключается в оценке стиля высказывания, манеры речи, способов оформления мыслей. Её употребления зависит от того каким персонажем используется данная единица, представителем какого слоя населения, специальности, возраста, убеждений является он, следовательно не переводится на таджикский язык: *Она именно состоит в том, что люди, по закону природы, разделяются вообще на два разряда: на низший (обыкновенных), то есть, так сказать, на материал, служащий единственно для зарождения себе подобных, и* ***собственно*** *на людей, то есть имеющих дар или талант сказать в среде своей новое слово* [5, с. 246-247]. *Ин фикр маҳз аз он иборат аст, ки одамон, мувофиқи қонуни табиат, умуман ба ду тоифа таксим мешаваяд: ба тоифаи паст (одамони оддӣ), яъне, ба масолеҳ, ки танҳо барои худашон барин одамонро ба вуҷуд овардан хизмат мекунанд ва ба тоифаи одамоне тақсим мешаванд, ки соҳиби истеъдод ё худ ҳунари гуфтани сухани тоза дар муҳити худ мебошанд* [4, с. 305]. Для таджикского переводчика это обычная передача мысли в изъявительном наклонении, никакая субъективная позиция не учитывается, упоминать о ней не входит в задачи переводчика. В словах, относящихся к Родиону Раскольникову, как раз вводное слово *собственно* подчёркивает стиль и манеру речи героя.

Данный компонент часто используется и в словах следователя Порфирия Петровича, но в отчасти качестве оговорки. Таким образом он подкрадывается к истине, выводит Раскольникова на чистую воду, впрочем это и есть стиль и манера ведения речи блюстителей закона: - *Нет-с, это ведь я так только интересуюсь,* ***собственно****, для уразумения вашей статьи, в литературном только одном отношении-с…* [5, с.252] - *Не, ман фақат барои дурусттар фаҳмидани мазмуни мақолаатон ба ин масъала мароқ зоҳир мекунам, фақат аз ҷиҳати адабиаш албатта...* [4, с.311] В переводе предложения на таджикский язык ощущается оттенок оговорки, но без помощи вводной конструкции, и именно вводная составляющая исходного текста наводит на то, чтобы переводчик построил свою фразу в таком ключе.

В следующем примере также вводная единица *собственно* связана со свойством манеры речи героини романа Авдотьи Романовны, которая даёт основательное объяснение Петру Петровичу по поводу их будущего. Этим героиня пытается довести до него суть сложившейся ситуации, строго-настрого предупреждает его: - *Я вам не про то,* ***собственно****, говорила, Петр Петрович, - немного с нетерпением перебила Дуня, - поймите хорошенько, что всё наше будущее зависит теперь от того, разъяснится ли и уладится ли всё это как можно скорей или нет?* [5, с.285] - *Ман ба шумо дигар чизро гуфта будам, Петр Петрович, - бо бетоқатии андаке сухани ӯро бурид Дуня, - дурусттар мулоҳиза кунед, ҳамаи ҳаёти ояндаи мо акнун ба ҳамин вобаста аст, ки оё ҳамаи ин моҷаро ҳар чи зудтар барҳам мехӯрад ё не?* [4,с.352] В тексте перевода не ощущается оттенок свойства манеры речи или стиля высказывания, героиня в обычном порядке разъясняет, что не о том, что показалось герою хотела говорить и далее воспроизводит дальнейший ход мысли. Это говорит о том, что и в этом случае такой ход событий связан с естественной непереводимостью.

Таким образом, все рассмотренные примеры показали, что непереводимость вводных единиц с русского языка на таджикский связана с элементами **естественной непереводимости** - сущностью и природой таджикского языка. Вводные конструкции не только не переводятся, но и их перевод в конкретных случаях не является необходимым, т.е. без их участия можно решить проблему передачи коммуникативной цели.

Рецензент: Турсунов Ф.М., д.ф.н., профессор ТМУИЯ им. С. Улугзаде

Список использованной литературы:

1. Валгина, Н.С. Розенталь Д.Э., Фомина М.И. Современный русский язык. Учебник для вузов / Под ред. Н.С. Валгиной. - Изд. 6-е, перераб. и доп. - М.: Логос, 2003. - 528 с.
2. Валгина, Н.С. Синтаксис современного русского языка: учебник для вузов / Н.С. Валгина. - М.,1991. - 432 с.

3. Виноградов, В.В. О языке художественной прозы / В.В. Виноградов - М.: Наука, 1980. - 360 с.
4. Достоевский, Ф.М. Д 78 Ҷиноят ва ҷазо; Роман, Иборат аз шаш қисм бо хотимааш (Тарҷ. Шамсӣ Собир). Душанбе: Ирфон, 1984. - 656 с.
5. Достоевский, Ф.М. Преступление и наказание: Роман в шести частях с эпилогом / Ф.М. Достоевский, Москва: Худож. лит., 1983. – 400 с.
6. Зикриёев, Ф. Хусусияти грамматикии вохидҳои туфайлӣ. - Масъалаҳои забони точикӣ // Маҷмуаи илмӣ. Институти педагогии ба номи Т. Г. Шевченко. - Душанбе, 1978. - С. 24-34.
7. Зикриёев, Ф. Ҷумлаҳои туфайлӣ ва муносибати онҳо бо ҷумлаҳои пайрави тарзи амал // Маҷмӯаи илмӣ (материалҳо оид ба забони адабии точик), Серияи филологӣ, ҷ. 55, Институти давлатии ба номи Т. Г. Шевченко. - Душанбе: Ирфон, 1967. – С. 83-109.
8. Зикриёев, Ф., Исматуллоев М., Каримов Х. и др. Современный таджикский литературный язык. Ч. 2./ Под ред. Ш. Рустамова, Б.Камоллидинова.- Душанбе: Маориф, 1984. - 324 с.
9. Ниёзмухаммадов, Б., Рустамов Ш. Таджикский язык: Синтаксис, - Душанбе: Маориф, 1976. – 219с.
10. Ниёзмухаммадов, Б., Ш. Ниёзи. Грамматика таджикского языка года, Синтаксис, часть II. - Сталинобод, 1955, С. 63-64
11. Самый полный курс русского языка: учебное издание. Лексика, фразеология, фонетика, фонология и орфоэпия, графика и орфография, словообразование, морфология, синтаксис и пунктуация / Под ред. Н.В. Адамчика - Минск: Харвест, 2008. - 848 с.
12. Современный русский язык.: Лексика и фразеология, фонетика и орфоэпия / Под ред. Д.Э. Розенталя - М.: Наука, 1979. - 256 с.
13. https://khovar.tj

ПРОБЛЕМА НЕПЕРЕВОДИМОСТИ ПРИ ПЕРЕВОДЕ ВВОДНЫХ ЕДИНИЦ С РУССКОГО ЯЗЫКА НА ТАДЖИКСКИЙ
(на примере художественного произведения)

В данной статье рассмотрена проблема непереводимости вводных единиц на примерах из текста художественного произведения. Целью статьи – установить причины, связанные с проблемой непереводимости при переводе вводных единиц с русского на таджикский язык.

В начале статьи автор даёт краткие сведения о роли профессионального перевода и проблеме непереводимости в Республике Таджикистан и за её пределами. Утверждается, что понятие непереводимости проявляется двояко:

1) естественная непереводимость (обусловлена сущностью и природой языков); 2) условная непереводимость (касается языковых явлений, статус непереводимости которых условен).

На основе анализа автором выявлены и обоснованы элементы, свидетельствующие о функционировании естественной непереводимости. Отмечается, что это связано с природой таджикского языка, с его смысловыми установками и способами выражения мысли. Также автором установлено, что иногда вводные конструкции не только не переводятся, но и их перевод в конкретных случаях не является необходимым, т.е. без их участия можно решить проблему передачи коммуникативной цели.

Ключевые слова: *переводимости, непереводимости, вводные единицы, естественная непереводимость, условная непереводимость, природа языка, статус непереводимости, смысловая установка.*

МУШКИЛОТИ ТАРҶУМАНОПАЗИРӢ ҲАНГОМИ ТАРҶУМАИ ВОҲИДҲОИ ТУФАЙЛӢ АЗ ЗАБОН РУСӢ БА ТОҶИКӢ
(дар мисоли асари бадеӣ)

Дар мақолаи мазкур масъалаи мушкилоти тарҷуманопазирии воҳидҳои туфайлӣ бо истифодаи мисолҳо аз матни асари бадеӣ баррасӣ мешавад. Мақсади мақола муайян кардани

сабабҳои марбут ба мушкилоти тарҷуманопазирӣ ҳангоми тарҷумаи воҳидҳои туфайлӣ аз забонии русӣ ба тоҷикӣ мебошад.

Муаллиф дар ибтидои мақола дар бораи нақши тарҷумаи касбӣ ва мушкилоти тарҷуманопазирӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он маълумоти мухтасар медиҳад. Баррасӣ мешавад, ки мафҳуми тарҷуманопазирӣ дар ду шакл зоҳир мегардад: 1) тарҷуманопазирии табиӣ (аз рӯи моҳият ва табиати забонҳо); 2) тарҷуманопазирии шартӣ (ба зуҳуроти забонӣ, ки статуси тарҷуманопазириашон шартӣ аст, дахл дорад).

Муаллиф дар асоси таҳлил унсурҳоеро муайян ва асоснок кардааст, ки аз тарҷуманопазирии табиӣ шаҳодат медиҳанд. Қайд мешавад, ки ин ба табиати забони тоҷикӣ, бо муносибатҳои маъноӣ ва тарзи баёни афкораш вобаста аст. Муаллиф инчунин муайян кардааст, ки баъзан таркибҳои туфайлӣ на танҳо тарҷума карда мешаванд, балки тарҷумаи онҳо дар ҳолатҳои мушаххас зарур нест, яъне бе иштироки онхо масъалаи расондани максади коммуникативиро ҳал кардан мумкин аст.

Калидвожаҳо: *тарҷумапазирӣ, тарҷуманопазирӣ, воҳидҳои туфайлӣ, тарҷуманопазирии табиӣ, тарҷуманопазирии шартӣ, табиати забон, статуси тарҷуманопазирӣ, муқаррароти семантикӣ.*

THE PROBLEM OF UNTRANSLABILITY WHEN TRANSLATING INTRODUCTORY UNITS FROM RUSSIAN LANGUAGE INTO TAJIK

(using the example of a work of fiction)

This article examines the problem of untranslatability of introductory units using examples from the text of a work of fiction. The purpose of the article is to establish the reasons associated with the problem of untranslatability when translating introductory units from Russian into Tajik.

At the beginning of the article, the author provides brief information about the role of professional translation and the problem of untranslatability in the Republic of Tajikistan and beyond. It is argued that the concept of untranslatability manifests itself in two ways: 1) natural untranslatability (due to the essence and nature of languages); 2) conditional untranslatability (applies to linguistic phenomena whose untranslatability status is conditional).

Based on the analysis, the author has identified and substantiated elements that indicate the functioning of natural untranslatability. It is noted that this is due to the nature of the Tajik language, with its semantic attitudes and ways of expressing thoughts. The author also found that sometimes introductory constructions are not only not translated, but their translation in specific cases is not necessary, i.e. without their participation, the problem of conveying the communicative goal can be solved.

Key words: *translatability, untranslatability, introductory units, natural untranslatability, conditional untranslatability, nature of language, untranslatability status, semantic setting.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Хоҷатов Бахтиёр Давлятҷонович *– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забоншиносии умумӣ.* ***Нишонӣ****: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6, тел.: (+992) 907424287. E-mail: bakhtiyor.hojatov@gmail.com*

Сведения об авторе: Ходжатов Бахтиёр Давлятджонович *- Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой общего языкознания. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, тел.: (+992) 907424287. E-mail: bakhtiyor.hojatov@gmail.com*

Information about the author: Hojatov Bakhtiyor Davlatjonovich *– The Sotim Ulughzoda Tajik International University of Foreign Languages, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Head of the Department of General Linguistics. Address: 17/6, Muhammadiev str., Dushanbe, 734019, Republic of Tajikistan, tel.: (+992) 907424287. E-mail: bakhtiyor.hojatov@gmail.com*

ТДУ: 81.2-7

ТАСНИФОТИ ТАРҶУМА ВА ХУСУСИЯТҲОИ УСЛУБИИ МАТНҲОИ АДАБӢ

Шокиров Ҷ. В.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Мусаллам аст, ки тарҷума яке аз қадимтарин намудҳои фаъолияти зеҳнӣ буда, воситаи равобити фарҳангӣ, маданӣ, таърихӣ, адабии халқҳои гуногун ба шумор меравад.

Доир ба назарияи умумии тарҷума асарҳои сершумори муҳаққиқони хориҷиро аз қабили Комиссаров В.Н., Федоров А.В., Крачковский М.Н., Микоян А.С. ва ғайра пайдо кардан мумкин аст. Дар бахши тарҷумашиносӣ олимону забоншиносони тоҷик, аз ҷумла Ҳ.Аҳрорӣ., Р.Ҳошим., А.Деҳотӣ., М.Шукуров., А.Сайфуллоев., А.Сатторов., З.Муллоҷонова., Ш.Мухтор., М.Хоҷаева., А.Абдусатторов., А.Абдуманнонов., А.Аминов., А.Самадов., Ф.Турсунов ва дигарон хидмати шоиста кардаанд. Дар омӯзиши ҷанбаҳои назарӣ ва амалии тарҷума Х.Шодиқулов ва А.Давронов баъзе мақолаҳои алоҳида доранд.

Масалан, С.Р. Кесамирова дар луғати бемуодил дар тарҷумаи бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, Э.Муллоқандов дар мавзуи «Назаре ба забони тарҷума дар матбуоти тоҷик» навиштаанд. У.О. Мақсудов дар мавриди симметрия (мутаносибӣ) ва асимметрия (номутаносибӣ), корбурди таҳвилҳо (трансформатсия)-и тарҷумонӣ дар тарҷумаи осори бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ чандин мақолаҳои илмӣ ба табъ расонидааст. Ҳамчунин, М.А. Атамулоева, З.А. Раҳмонов, Ҷ.Ҷ. Мурувватиён, Н.Ш. Ҳамидова ва дигарон рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ дар тарҷумаи бадеии забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дифоъ намудаанд.

Муҳаққиқон тарҷумаро чун "ифода кардани фикри як забон ба забони дигар" маънидод мекунанд [8, с. 21]. Тарҷума манбаи муҳимми ёрирасонест, ки вазифаи мубодилаи маълумоти забонҳоро дар ҳолатҳое иҷро мекунад, ки агар афкор дар забонҳои гуногун иброз шуда бошад [4, с. 11]. Тарҷума дар мубодилаи афкори байни халқу миллатҳои гуногун ва густариши ганҷинаи фарҳангҳои ҷаҳонӣ нақши муҳим мебозад. Беҳуда А.С. Пушкин тарҷумонро "аспи хаткашони тамаддун" ном набурдааст [8, с. 123].

Дар яке аз конференсияҳо оид ба масъалаҳои тарҷума маърӯзачӣ баён мекунад: "Санъат-муаммои вазнин аст, вале санъати тарҷумонӣ муаммои аз ин ҳам вазнинтар аст" [15].

Дар бисёре аз ғалатҳо "дӯстони бардурӯғи тарҷумон"- калимаҳои забон, ки аз ҷиҳати овоз ба дигар калима монанданд, вале маънои дигар медиҳанд, айбдоранд. Масалан: калимаи арабии **(مكتب-maktab)** бо фаҳмидан ба калимаи тоҷикии мактаб-муассисаи таълимӣ монанд аст, вале маънои аслии он **«миз»** мебошад.

Дар замони муосир тасаввурот оид ба замон ва макон дигаргун гашта, давраи "ҷомеаи иттилоотӣ" фаро расидааст. Фаҳмиши маънои калимаи "забон" низ тағйир ёфтааст, ки ин пештар чун сарҳади байни миллатҳо шинохта мешуд. Манбаъҳои зиёди нав, ки дар кори тарҷума истифода мешаванд, пайдо шуда, дар натиҷа дар фаъолияти тарҷумонӣ муҳиммият ва осонӣ дида мешавад.

Рушди тарҷума барои бемамониат паҳн шудани иттилоот сабаб гашта, ба мубодилаи дониш ва таҷриба одамон мусоидат намуд. Инкишофи тарҷума-ин инкишофи тамаддуни ҷаҳонист, ки ба шикаст додани сарҳадҳо, ки дар ҳолати фарқияти забонҳо ба вуҷуд омада буд, сабаб шудааст [13, с. 31].

Маҳз тарҷума сабаб шуд, ки бисёре аз халқҳои ҷаҳон таносухоти таърихии бузургро аз сар гузаронанд, ки шамоили имрӯзаи онҳоро инъикос мекунад. Мавридҳое кам нест, ки тарҷума ба пайдошавии табақаҳои иҷтимоии монанд, ки назария ва ё маданияти дигар миллатҳоро тавассути тарҷума омӯхта, ба худ тамаддуни дигаре сохтаанд, сабаб гаштааст.

Классики мактаби тарҷумонии муосири рус В.Н. Комиссаров қайд кардааст: "Баъди ба итмом расидани ҷанги дуюми ҷаҳон ҳодисае бо ном "таркиши иттилоотӣ"-якбора зиёд шудани мубодилаи иттилоот байни одамон ва миллатҳо ба вуқӯъ омад, ки бо " таркиши тарҷумонӣ " – бузург шудани доираи фаъолияти тарҷумонӣ дар тамоми ҷаҳон дар як вақт сурат гирифт. Навъҳои нави тарҷума аз қабили тарҷумаи синхронӣ, тарҷума-дубляжи

филмҳо, барномаҳои радио ва телевизион пайдо шуданд. Бо кори тарҷума натанҳо тарҷумонони касбӣ, инчунин дигар мутахассисон, аз қабили муҳандисон, китобдорон, сафирон ва референтон, муаллимон, журналистон ва ғайра ки забони хориҷиро медонистанд, сарукор доштанд [5, с. 38-39].

Аввалан, фаъолияти тарҷумонӣ танҳо бо адабиёти бадеӣ алоқаманд буд. Вале имрӯзҳо ҳам аз руйи ҳаҷм ва ҳам аз ҷиҳати аҳамияти иҷтимоӣ матнҳои моҳияти махсусдоштаи иттилоотӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва техникиро фарқ мекунанд.

Ҳамчун асосгузори фаъолияти тарҷумонӣ Гермес ном шахсеро мешиносанд, ки ҳамаи забонҳои ҷаҳонро медонист ва бесабаб нест, ки фаъолияти тарҷумониро "герменевтика" низ ном мебаранд [11, с. 7].

Дар методи таҳлили лигвистӣ аҳаммияти махсусро истифодаи маҷоз ишғол мекунад ва дар таҷрибаи ҷаҳонӣ истифодаи зиёди он дар ВАО дида мешавад. Мисолҳои маҷоз, ба монанди "оташи ҷанг, нуқтаи оташин, арсаи сиёсӣ, фишанги иқтисодӣ, таркиши иттилоотӣ" ва ғайраро дар саҳифаҳои матнҳои иттилоотӣ новобаста аз он, ки бо кадом забон навишта шудааст, пайдо кардан мумкин аст [16].

Дар шароити рушди бемайлони технология ва воситаҳои гуногуни алоқа, инчунин боло шудани нақши иттилоот дар ҳаёти ҷомеа жанрҳои иттилоотӣ дар васоити ахбори оммаи гуногун ҷойгоҳи махсусеро ишғол мекунад. Дар замони ҳозира онҳо давраи рақобатпазириро, ки ба имкониятҳои нави технологӣ, роҳҳои гуногуни дастрасӣ ва сохтани иттилоот вобаста аст, аз сар гузаронида истодаанд. Асоси ин тараққиёт алоқаи вербалӣ маҳсуб ёфта, ҷамъияти инсониро имрӯзҳо он иттилооте қонеъ мегардонад, ки тавассути ВАО дастрас шуда бошад. Бешубҳа, васоити ахбори омма нақши муассиреро дар ҳаёти ҷамъият мебозад ва баъзан онро ҳокимияти чорум низ меноманд [9, с. 21].

Ба тарҷумонон, мисли нависандагон таҷрибаҳои ҳаётӣ ва захираи таассуротҳо лозим аст. Фақат он тарҷумононе ба комёбӣ ноил шуда метавонанд, ки фаъолияти хешро бо шиори "Забон ҳамаи мушкилиҳоро бартараф мекунад ва барои ӯ монеае вуҷуд надорад" оғоз намоянд.

Тарҷумони муваффақ будан-ин муттаҳидшавӣ бо муаллиф мебошад. Муттаҳидшавӣ бошад, ҷустуҷӯ, суханбофӣ, дарёфт, аз худ кардан, мутаассир шудан, тезбинӣ, шунавоии хуб ва ҳиссиёти баландро талаб мекунад. Вале чунин нест, ки тавассути эҷодиёти фардӣ махсусиятҳои муаллиф маҳв карда шавад.

Қайд кардан мумкин аст, ки тарҷумонони муваффақ низ вуҷуд доштанд. Онҳо шахсоне ҳастанд, ки аввалин шуда ба кори тарҷума даст задаанд. Боиси қайд аст,ки имрӯз ҷаҳон бо он тарҷумононе ифтихор мекунад: А.С. Пушкин., И.Ю. Крачковский., В.Н. Комиссаров., В.Н Белкин., Н.Д. Финкелберг ва ғайра намояндагони мактаби тарҷумонии рус ва дар як вақт тарҷумонони муваффақ мебошанд, ба назарияи тарҷума асос гузоштаанд.

Игнатий Юлианович Крачковский шахсест, ки аз аввалинҳо шуда, ба тарҷумаи осори арабӣ ба забони русӣ даст задааст. Крачковский назарияҳои илмии худро замоне пешниҳод карда буд, ки назарияи тарҷума ҳамчун илми мустақил вуҷуд надошт. Дар замони муҳарририаш дар нашриёти "Всемирная литература", ки тарҷумонон асарҳои тарҷумакардаи худро дар он ба нашр мерасониданд, серҷабҳагии фаъолияти худро нишон дода, таъкид менамуд, ки дар вақти тарҷумаи осори гаронбаҳои арабӣ нозукиҳои бадеӣ ва гуногунрангии маъногии лафзи арабиро нишон диҳанд. Ӯ асарҳои дар заминаи эҷодиёти А.М. Горкий., А.П. Чехов ва А.И. Крилов ба забони арабӣ тарҷумашударо назорат мекард ва дар он ғалатҳои хусусияти денотативӣ доштаро ошкор мекард. Крачковский тарҷумононро таъкид мекард, ки ҳангоми интихоби лексика ба хатогиҳо роҳ надиҳанд ва маънои калимаҳои арабиро хуб дарк намоянд. Ӯ якчанд насли тарҷумононро тарбия намудааст, ки шогирдони вай маърӯзачиёни донишгоҳҳо ва ҳавзаҳои муҳмими арабшиносии рус мебошанд.

Крачковский нафақат ба тарҷумаи осори бадеӣ, инчунин ба осори динӣ аҳаммияти ҷиддӣ медод. Вақте ки дар тарҷумаи яке аз оятҳои Қуръон калимаи **(احسان-Ehson)** ба маънои аслиаш на он қадар мутобиқат намуд, ӯ кӯшиш кард, то маънои калима дар тарҷума аз худ дур нагардад. Калимаи **(احسان- Ehson)** дар луғати Х.К. Баранов чун амали савоб, садақа, кори

хайр маънидод карда шудааст. Дар луғати О. Атоӣ, ки махсуси матнҳои динӣ мебошад, ин калима чун хайрхоҳӣ, кори савоб тарҷума шудааст. Крачковский ба ин гуна тарҷумаҳо қаноат нанамуда, бо такя бар тафсирҳои арабӣ калимаи **(احسان- Ehson)**-ро чун ғамхорӣ нисбати волидайн, хизмат ба волидайн тарҷума ва маънидод кардааст, ки ба маънои калима дар оят пурра мувофиқат мекунад. Ин мисол нишон медиҳад, ки ӯ яке аз мутахассисони соҳибтаҷрибаи арабшинос маҳсуб меёфт [13, с. 16].

Олими дигаре, ки фаъолияти ӯ дар соҳаи назарияи умумии тарҷума назаррас аст, Вилен Наумович Комиссаров мебошад. Ӯ чун забоншинос ва назариядиҳандаи машҳур барои рушд ёфтани назарияи тарҷума саҳми босазое дорад. Ӯ муаллифи беш аз 10 китоб ва 80 мақолаи илмиест, ки дар он муаммоҳои назарияи тарҷума, масъалаҳои семасиологӣ ва муаммоҳои тарҷумониро ҳаллу фасл ва баррасӣ намудааст.

В. Н. Комиссаров тарҷумони соҳибтаҷрибаест, ки тӯли солҳои зиёд ба ҳайси тарҷумони хаттӣ ва синхронӣ фаъолият бурдааст. Ӯ инчунин тарҷумонони муваффақро тарбия намудааст, ки шогирдонаш дар соҳаҳои гуногун ба ҳайси тарҷумони ҳарбӣ, сиёсӣ ва тиббӣ фаъолият бурдаанд. Комиссаровро на фақат дар ҳудуди Россия, инчунин мамлакатҳои дигари пешрафта низ мешиносанд, чунки ӯ назарияи тарҷумаи на фақат як забон, балки тамоми забонҳои дунёро пешниҳод намудааст [4, с. 6].

Вақте ки сухан дар бораи тарҷумонони муваффақ меравад, Наталия Дмитриевна Финкелбергро набояд фаромӯш кард, чунки хизмати ӯ нафақат дар ибрози назарияи умумии тарҷума, инчунин назарияи тарҷумаи забони арабӣ назаррас аст. Бешубҳа, ӯ ягона олимест, ки назарияи тарҷумаи забони арабиро дар алоҳидагӣ ва ба таври комил омӯхтааст. Пажӯҳишҳои илмии вай бевосита ба ин самт нигаронида шудааст ва доир ба назарияи тарҷумаи забони арабӣ якчанд тадқиқотҳои илмӣ бурдааст. Китобҳои ӯ «Курс теории перевода», «Теория и технология перевода», «Обучение переводу» дар мавриди тарҷумаи забони арабӣ иншо шуда, мавзӯъҳои асосӣ ва дарбаргирандаи тамоми масоили назарияи тарҷумаи забони арабӣ дар он гирд оварда шудааст.

Вақте ки сухан дар бораи забони арабӣ меравад, бояд қайд кард, ки аз ин забон ба забонҳои дигари дунё асарҳои сершумори фалсафӣ ва дигар осори илмӣ, аз қабили эҷодиёти Ибни Сино ва Ғазолӣ тарҷума шудаанд. Инчунин осори адабиёти араб, ки дар марҳилаи пешазисломӣ эҷод шуда буд, ба забонҳои англисӣ ва фаронсавӣ тарҷума шуда, аз ҷумлаи он муаллифон Тоҳо Ҳусайн чун "партиархи адабиёти араб " шинохта шуда буд.

Тарҷумаи осори мутаалиқ ба нависандаи мисрӣ Нақиб Маҳфуз, ки маҳбуби ҳамаи арабҳо мебошад, боис гашт, ки ӯ ҷоизаи Нобелиро дар соҳаи адабиёт ба даст орад. Повестҳои "Бачаҳои маҳаллаи мо" ва "Тангкӯчаи ал-Маддак" ба забонҳои англисӣ, испанӣ, русӣ ва якчанд забонҳои дигар тарҷума шуда, шӯҳрати нависандаро боз ҳам афзун намудааст.

Яке аз муаммоҳои дигаре, ки тарҷумонро ҳангоми тарҷумаи матнҳо дар он аст, ин тарҷумаи ҷуғрофӣ ва номи давлату созмонҳои байналмиллалӣ ва минтақавӣ мебошад. Тарҷумаи дурусти номи бархе аз давлатҳо ва шаҳрҳо дар баъзе ҳолат ба муҳоваравду луғатҳои соҳавӣ эҳтиёҷ пайдо мекунад ва тарҷумонро зарур аст, ки чунин номҳоро ёддошт кунад ва ё аз бар намояд. Чунин ҳолатҳо тарҷумонро дар ҳар як қадам интизоранд. Махсусан, тарҷума кардани суханони персонажҳои нотакрор бисёр мушкил аст. Дар ин ҷо талаф додани обуранги бадеӣ, элементҳои фолклорӣ, лаҳҷавӣ, жаргонҳо, ки тарҷума намешаванд, дида мешавад.

Дигар ғалатҳо аз он сар мезананд, ки тарҷумон бо фарҳанги он мамлакат, ки матнро ба забони он тарҷума мекунад, ошно нест. Чунки тарҷумаи асари бадеӣ бояд бо услуби бадеӣ сурат гирад. Бесабаб нест, ки тарҷумонони беҳтарин одатан шоирон ва нависандагони муваффақ мебошанд, ки баъзеашон забони аслии матнро намедонанд.

Дараҷаи муфассалнокии маълумот аз сарчашмаи он вобаста аст. Дар ҳолатҳои зарурӣ тарҷумонро лозим аст, ки бо роҳи истифодаи калимаҳои шарҳдиҳанда мавзӯъро батафсил тарҷума намояд ва дар ин вазъият хусусиятҳои забонӣ-фарҳангии тарафи дуюмро ба ҳисоб гирад.

Бояд қайд кард, ки тарҷумаи воҳидҳои лексикӣ аз қабили лаҳҷаҳо, жаргонҳо ва ғайра на ин ки бевосита, балки бо ҷустуҷӯ ва пайдо кардани калимаҳои мутобиқаткунанда ба он ва мутобиқ ба чорчӯбаи қоидаҳои забонӣ бояд сурат гирад.

Яке аз муаммоҳое, ки тарҷумонон имрӯз бо он рӯ ба рӯ мешаванд, ин: интихоби нодурусти лексика, номувофиқии терминологӣ, душвории муайян намудани семантикаи калимаҳо вобаста ба хронологияи истифодаи онҳо дар ҳуҷҷат ва ё матн мебошад. Вале тарҷумони муваффақ бо истифода аз донишу таҷрибаи худ метавонад ҳамаи муаммоҳоро бартараф намояд ва кӯшиш мекунад то маҳсули кори ӯ самаранок ва ба чорчӯбаи талаботи тарҷумонӣ мувофиқ бошад.

Ҳар як тарҷумаро чун эҷодиёти нав шуморидан мумкин аст, вале ба дӯши тарҷумон на масъалаи эҷод, балки масъалаи баргардонидани матн бо хусусиятҳои аслии он меистад ва барои нишон додани ҳиссиётҳои рӯҳӣ ва бадеӣ, тарҷумон бояд беҳтарин воситаҳои забониро дарёбад: синонимҳо ва образҳои бадеии ҷавобгӯй дар ин ҳолат воситаи ҳалли муаммоанд [2, с. 43].

Албатта, ҳамаи усулҳои шаклӣ ва дар дохил буда баргардонида намешаванд. Дар ҳама гуна тарҷума чунин ҳолатҳо рӯй медиҳад:

1) Ягон қисми мавод тарҷума нашуда, партофта мешавад.

2) Ягон қисми дигар на дар шакли аслиаш баргардон мешавад ва ба ҷойи он калимаҳои монанди он истифода мешаванд.

3) Маводе оварда мешавад, ки дар матни аслӣ тамоман мавҷуд нест.

Талаботи асосӣ нисбат ба кори тарҷума инҳоянд:

1) **Аниқ будан:** Тарҷумон бояд тамоми фикри муаллифро то хонанда бурда расонад. Илова бар ин тарҷумон набояд фикри муаллифро шарҳ диҳад ё кӯтоҳ кунад.

2) **Фишурдагӣ:** Тарҷумон набояд сергап бошад. Афкор бояд ба таври фишурда ва мухтасар баён шавад.

3) **Равшан будан:** Мухтасар ва фишурда будани сухан набояд ба фаҳмо будан ва равшании фикр халал расонад. Инчунин калимаҳои муродифи васеъ истифода нашаванд, ки ин нофаҳмиро пеш меорад. Фикр бояд бо забони сода ва фаҳмою равшан ифода шавад.

4) **Бадеият:** Тарҷума бояд қоидаҳои забони дуюмро акс кунад ва ҳар як калом ба таври зинда ва табиӣ гуфта шуда бошад.

Бо риоя ба талаботҳои асосӣ тарҷумон метавонад фикри худро мукаммал гардонад ва ин боиси тарҷумаи хуб мегардад. Инчунин талаботе нисбати тарҷумон мавҷуд аст, ки аз зинаҳои аввали талабот маҳсуб ёфта, калиди муаммоҳои гуногун дар раванди тарҷума мебошад. Фаҳмидани пурраи матн ва маънои он, аз маънои ҷумла сар карда то маънои ҳар як элемент, ҳар як калимаи матн аз тарафи тарҷумон ба ӯ имконият медиҳад, ки аз уҳдаи тарҷумаи матн барояд. Бидуни фаҳмиши муайян тарҷумаи муайянро ба даст овардан номумкин аст. Яке аз сабабҳои асосии хатогиҳои лексикӣ, грамматикӣ ва маъноӣ низ дар нафаҳмидан ва ё хато ё нопурра фаҳмидани матни асл зоҳир мешавад.

Барои такрор накардани чунин хатогиҳо тарҷумонро мебояд, ки

- сохтори маъноӣ ва коммуникативии матнро омӯзад.

-ғояҳои асосӣ, задаҳо ва муносибатҳои дохили матнро ҷудо кунад.

-алоқаи матнро бо падидаҳои берун аз матнӣ, бо ҳаёти воқеӣ ошкор намояд.

-омилҳои лингвистӣ ва экстралингвистиро ба ҳисоб гирад.

-услуби нутқ ва услуби шунаванда (хонанда)-ро муайян кунад.

-аз доираи ҳодисаи дар дохили матн ба вуқӯъ омада баромада тавонад ва мақсади нависандаро фаҳмад.

-ба маънои иловагии калимаҳо низ аҳамият диҳад ва вобаста ба вазъият аз доираи маънои луғавии калимаҳо берун барояд.

-донишҳои худро васеъ ва амиқ гардонад.

-луғатнома, маълумотнома ва маслиҳатҳои коршиносонро истифода барад.

-исмҳои хос ва топонимҳои ба ӯ номаълуми дар матн зикршударо таҳқиқ намояд ва дар бораи онҳо маълумот дошта бошад.

-аз мантиқи гуфторҳо ва умуман матн берун барояд [14, с. 78].

Тарҷумон набояд:

-маънои калимаро дар чизе бинад, ки дар луғат дода шудааст ва бояд маъноҳои дигарро ҷустуҷӯ намояд.

-ба калимаҳои дузабона, ки дар ду забон истифода мешаванд, бовар накунад ва ҳангоми тарҷума бояд ба луғатҳои тафсирии мӯътамад руй оварад.

-ҳодисаҳои "шубҳанок" ва "новобастагиҳо"-и маъноиро ба як сӯ нагузошта, онро таҳқиқ кунад.

-ба ҷое, ки бояд дурустии маълумот таҳқиқ шавад, ба ҳисси пешакӣ ва тахминҳо такя нанамояд.

- дар ҷое, ки ифодаҳо чун ибораҳои устувор ва воҳидҳои идиомавӣ омада бошанд, набояд тарҷумаи таҳтуллафзӣ анҷом диҳад, чунки онҳо ба назари тарҷумон оддиву нолозима менамояд.

Тарҷумаи беҳтарин ба фикри мутахассисон онест, ки нисбат ба асл тағйирот ворид карда шуда бошад ва ин тағйирот барои сохтани тарҷумаи шабоҳатдошта ба матни асл кӯмак намояд. Муайянии тарҷума низ аз иловаи тағйирот ба он вобаста аст ва чӣ қадаре, ки иловаҳо кам бошанд, ҳамон қадар тарҷума бисёртар ба асл мутобиқат мекунад [4, с. 23].

А.И. Куприн дар асараш "Юнкеры" гуфтааст: "Барои тарҷума кардан аз забони хориҷӣ муҳим нест, ки тарҷумон қоидаҳои забонро ба қадри кофӣ дониста бошад. Инчунин, бояд ба дохили маънои амиқ, зинда, гуногунранг ворид шуда, қувваи пурасрори пайванди ин ва ё он калимаро омӯзад" [9, с. 66].

Ҳамин тавр, қайд кардан мумкин аст, ки тарҷумаи муайян он тарҷумаест, ки фикри муаллифро бо ҳамаи хусусиятҳои маъноӣ ва расмию услубиаш ба забони дуюм нишон дода тавониста бошад.

Аз назарияҳои овардашуда ва мисолҳо доир ба тарҷумонони муваффақ ба хулосае омадан мумкин аст, ки имрӯз ҷаҳон на ба "тарҷумон", балки ба "тарҷумони бомаҳорат" эҳтиёҷ дорад ва талабот ба он рӯз аз рӯз зиёд мешавад. Фаъолияти тарҷумонӣ кори саҳлу осон набуда, омӯзиши амиқ, дониш ва ҷаҳонбинии васеъро аз мутахассис талаб мекунад. Чунки дар раванди тарҷумаҳое, ки дар сатҳи байналхалқӣ сурат мегирад, тақдири омма ва ҷаҳон дар дасти тарҷумон хоҳад буд.

Муқарриз: Турсунов Ф.М., д.и.ф., профессори ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

Адабиёт:

1. Алексеева И.С. Профессиональный тренинг переводчика. / И.С. Алексеева. – М.: 2000. – 271 с.
2. Бархударов Л.С. Язык и перевод (Вопросы общей и частной теории перевода). / Л.С. Бархударов. – Москва, 1975. – 278 с.
3. Вилгелм Фон Гумболдт. Избранные труды по языкознанию: Пер. с нем. / Общ. Ред. Г.В. Рамишвили. – М.: ОАО “Прогресс” 2000, – 400 с.
4. Комиссаров В.Н. Общая теория перевода. / В.Н. Комиссаров. – Москва, ЭТС,1999. – 253 с.
5. Комиссаров В.Н. Современное переводоведение. / В.Н. Комиссаров. – Москва,ЭТС, 2002. – 424 с.
6. Куприн А.И. Юнкеры. / А.И. Куприн. – М., 2007, – 340 с.
7. Латышев Л.К. Перевод: проблемы теории, практики и методики преподавания. / Л.К. Латышев. – М.: 1988. – 170 с.
8. Микоян А.С. Проблемы перевода текстов СМИ. / А.С. Микоян. – Москва: Гардирики,2004. – 214 с.
9. Мустафаева А.А. Лингвистические проблемы перевода арабских терминов на русский язык. / А.А. Мустафаева. – Алматы, КНУ, 2010. – 118 с.
10. Федоров А.В. Основы общей теории перевода. / А.В. Федоров. – М.: 1983, 197 с.
11. Тюленев С.В. Теория перевода. Учебнос пособие. / С.В. Тюленев. – Москва: Гардирики, 2004. – 167 с.

12. Тютебаева А.М. Моделирование перевода телевизионных информационно-новостных текстов. / А.М. Тютебаева. – Алматы: Абылай-хан,2014. – 136 с.
13. Финкельберг Н.Д. Арабский язык. Курс теории перевода. / Н.Д. Финкельберг. – Москва: Восток-Запад,2004. – 229 с.
14. Яковенко А.В. Практический курс перевода. / А.В. Яковенко. – Москва: Восточная Литература РАН,2005. – 290 с.
15. https://studfiles.net/preview/5631014. [Манбаи электронӣ]. (санаи истифодабарӣ 22.11.2023 с.)
16. https://razvitie-arabskogo-pravovogo-yazyka-mezhyazykovoe-i-mezhkulturnoe-vzaimodeystvie-i-problemy-perevoda. [Манбаи электронӣ]. (санаи истифодабарӣ 19.11.2023)

ТАСНИФОТИ ТАРҶУМА ВА ХУСУСИЯТҲОИ УСЛУБИИ МАТНҲОИ АДАБӢ

Омӯзиши муаммоҳои тарҷумонӣ аз мавзӯъҳои муҳиме маҳсуб меёбад, ки натиҷаҳои он барои якдигарфаҳмии забонӣ ва табодули иттилоот, ки аз бахшҳои ҳаёти имрӯза мебошад, самараи хуберо фароҳам меорад.

Дар мақолаи мазкур муаллиф хусусиятҳои назарияи тарҷума ва муаммоҳои таснифоти тарҷумаҳо ҳангоми тарҷумаи матнҳо мавриди таҳқиқ қарор додааст. Инчунин дар мақолаи мазкур масъалаи асосии тарҷума дар сохтори маъноӣ ва коммуникативии матн, ғояҳои асосӣ, задаҳо, муносибатҳои дохили матн, алоқаи матн бо падидаҳои берун аз матнӣ ва омилҳои лингвистӣ ва экстралингвистӣ баррасӣ шудаанд.

Навовариҳо дар нуқтаҳои назари овардашуда масъалаҳои мубрами тарҷумаи муосирро нишон медиҳанд. Муаллиф хусусияти услубии матнҳои адабиро дар фишурдагӣ, равшанбаёнӣ ва бадеият ифода мекунад.

Муаллифи мақола ба бардоште расидааст, ки дар шароити рушди бемайлони технология ва воситаҳои гуногуни алоқа, инчунин боло шудани нақши иттилоот дар ҳаёти ҷомеа, нақши иттилоот дар васоити ахбори оммаи гуногун ҷойгоҳи махсусеро ишғол карда, дар пешрафти тарҷумонии байналмиллалии тоҷик саҳми сазовор мегузорад.

Калидвожаҳо: *назарияи тарҷума, тарҷумаи бадеӣ, фаъолияти мутарҷимӣ, герменевтика, маҷоз, ВАО, дӯстони бардурӯғи тарҷумон, нақши иттилоот дар ҷомеа, робитаҳои байнифарҳангӣ.*

КЛАССИФИКАЦИЯ ПЕРЕВОДА И СТИЛИСТИЧЕСКАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ХУДОЖЕСТВЕННЫХ ТЕКСТОВ

Исследование проблем перевода считается одной из важных тем, результатом которой является обеспечение лучшего языкового взаимопонимания и обмена информацией, что является частью сегодняшней жизни.

В данной статье автор исследовал особенности теории перевода и проблемы классификации переводов при переводе текстов. Кроме того, в данной статье обсуждаются основные вопросы перевода в семантической и коммуникативной структуре текста, основных идеях, элементах, отношениях внутри текста, связи текста с внетекстовыми явлениями и лингво-экстралингвистическими факторами.

Новшества, представленные в статье, показывают актуальность вопросов современного перевода. Стилистические особенности художественных текстов автор выражает в лаконичности, ясности и художественности.

Автор статьи пришел к выводу, что в условиях непрерывного развития техники и различных средств коммуникации, а также возрастания роли информации в жизни общества, роль информации в различных средствах массовой информации занимает все более важное место и вносит достойный вклад в развитие международного таджикского перевода.

Ключевые слова: *теория перевода, художественный перевод, переводческая деятельность, герменевтика, метафора, медиа, ложные друзья переводчика, роль информации в обществе, межкультурные отношения.*

CLASSIFICATION OF TRANSLATION AND STYLISTIC CHARACTERISTICS OF LITERARY TEXTS

The study of translation problems is considered as one of the important subjects, which results in providing better linguistic mutual understanding and information exchange, which is part of today's life.

In this article, the author investigated the characteristics of the theory of translation and the problems of classification of translations while translating texts.

Moreover, in this article, the main issue of translation in the semantic and communicative structure of the text, main ideas, elements, relations within the text, connection of the text with extratextual phenomena and linguistic and extralinguistic factors are discussed. Innovations presented in the article show the relevancy issues of modern translation. The author expresses the stylistic features of literary texts in conciseness, clarity and artistry.

The author of the article has come to the conclusion that in the conditions of the continuous development of technology and various means of communication, as well as the increasing role of information in the life of society, the role of information in various mass media occupies a special place and makes a worthy contribution to the progress of international Tajik translation.

Keywords: *translation theory, literary translation, translation process hermeneutics, metaphor, media, translator's false friends, the role of information in society, intercultural relations.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Шокиров Ҷамшед Валиевич *- Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, н.и.ф., дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ. Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, мкр.17, бинои 1. Тел.: (+992) 927559695 E-mail: Shokirov.jamik1985@gmail.com*

Сведения об авторе: Шокиров Джамшед Валиевич – *Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, к.ф.н., дотсент кафедры иностранных языков. Адрес: 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, 17 мкр, дом 1. Тел.: (+992) 927559695 E-mail: Shokirov.jamik1985@gmail.com*

Information about the athor: Shokirov Jamshed Valievich *– Tajik state university of law, business and politics, candidate of philological Sciences. Adress: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 17 microdistricts, home 1. Tell.: (+992) 927559695 E-mail: Shokirov.jamik1985@gmail.com*

ТДУ: 491.550

ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ОМЕХТА ВА ВИЖАГИҲОИ ОН ДАР РОМАНИ “ФИРДАВСӢ”-И СОТИМ УЛУҒЗОДА

Юсупова Б.Ғ.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Ҷумлаи мураккаб низ монанди ҷумлаи сода воситаи ахбор буда, на фақат барои ташкил додан, ифода намудан ва фаҳмидани фикр хизмат мекунад, балки ба ҳастии воқеӣ чӣ гуна муносибат доштани гӯяндаро нишон медиҳад. Дар қиёс бо ҷумлаи сода, ҷумлаи мураккаб идроки мураккабтари ҳастӣ, тасаввуроту робитаҳои мураккабтари байни ҳодисаҳои онро ифода мекунад ва табиист, ки интишору истифодаи он ба давраҳои нисбатан инкишофёфтаи ҷамъият, забон ва тафаккури инсон вобаста аст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки яке аз навъҳои ҷумлаи мураккаб ҷумлаи мураккаби омехта мебошад. Ҷумлаи мураккаби омехта гуфта чунин ҷумлаҳоро меноманд, ки ҷумлаи содаи таркибашон на камтар аз сето буда, агар он ҷумлаҳои сода ҳам бо пайвандакҳои пайвасткунанда (масалан, ҷумлаи содаи якуму дуюм) ва ҳам ба воситаи пайвандакҳои тобеъкунанда (ҷумлаи дуюму сеюм) ба ҳам алоқаманд шуда бошанд. Яъне, ҷумлаи мураккабе, ки алоқаи байни ҷумлаҳои содаи таркиби он ҳам бо роҳи пайвасткунӣ ва ҳам бо роҳи тобеъкунӣ сурат гирифтааст, ҷумлаи мураккаби омехта номида мешавад [8, с. 425].

Оид ба ҷумлаҳои мураккаби омехта дар китобҳои дарсии мактабҳои миёна В. Мирзоев., Ш. Ниёзӣ., М. Ғафуров “Грамматикаи забони тоҷикӣ” (қ.2. Синтаксис, 1948, с.81) бо номи “ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва ғайритобеъ” ва Б. Ниёзмуҳаммадов ва Ш. Ниёзӣ “Грамматикаи забони тоҷикӣ” (қисми 2, Синтаксис, 1954, с.114) бо номи “Ҷумлаҳои мураккаб бо пайваст ва тобеъкунӣ” маълумоти мухтасар оварда шудааст.

Дар забони адабии тоҷик ҷумлаҳои мураккаби омехтае, ки ҳиссаҳои онҳо аз дуто зиёд бошанд, кам нестанд. Миқдори ҳиссаҳои ҷумлаи омехта ба адади ҷумлаҳои содаи баробарҳуқуқи он вобаста аст. Дар ҷумлаи мураккаби омехта чӣ қадар ҷумлаи баробарҳуқуқ бошад, ҳамон қадар ҳисса шуда метавонад. Инро дар мисоли ҷумлаи мураккаби омехтаи сеҳиссадор равшан дидан мумкин аст. Ҳиссаҳои ин навъи ҷумлаи мураккаби омехта низ дар ду шакл: пайваст ва ё тобеъ воқеъ мешаванд. Ин аст, ки онҳо дар таркиби ҷумлаи мураккаби омехта ба тариқи гуногун меоянд.

Нависанда Сотим Улуғзода дар романи “Фирдавсӣ” дар ҷумлаороӣ аз чунин намуди ҷумлаҳо хеле зиёд истифода намудааст: *Шумо худ на фақат шоир, балки олим ва зоҳид ҳам ҳастед, мусалмонон аз шумо ашъору достонҳое чашм доранд, ки бар қуввати ислом афзоянд*[2] *(с.19).*

Дар байни ин ду ҷумлаи мураккаб, ки ҷумлаи якум ***Шумо на фақат шоир*** ва ***олим ва зоҳид ҳам ҳастед*** ҷумлаи якум бо ҷумлаи дуюм ба воситаи пайвандаки пайвасткунандаи **балки** пайваст шудааст. Дар ҷумлаи дуюм сарҷумла ***мусалмонон аз шумо ашъору достонҳое чашм доранд*** ва ***бар қуввати ислом афзояд*** ҷумлаи пайрав мебошад.

Он гоҳ ӯ ба худ қарор дод, ки аввалан ба «бидъаткории» Фирдавсӣ тавассути имоми шодобӣ ва шахсони дигар далелу бурҳони лозима ҷамъ кунаду сониян ӯро ба масъулият кашонад (с.20).

Охир инҳо далел намешаванд ва агар шаванд ҳам, далелҳои сустанд (с.25).

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ҷумлаҳои мураккабе низ вомехӯранд, ки аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои сода таркиб ёфта, дар он ҷумлаҳои сода аз як тараф баробарҳуқуқанд, ё яке аз ҷумлаҳои сода ба дигараш тобеъ мешавад.

Дар китоби **“**Забони адабии ҳозираи тоҷик” зери таҳрири профессор Б.Ниёзмуҳаммадов 4 хели ҷумлаҳои мураккаби омехта оварда шудааст, ки аз чунин хелҳои ҷумлаи мураккаби омехта нависандаи зиндаёд Сотим Улуғзода бамаврид истифода намудааст:

[2] Сотим Улуғзода. Фирдавсӣ. – Душанбе, 1988. – 269 с. Минбаъд мисолҳо аз ҳамин асар оварда шуда, саҳифаҳо дар қавс нишон дода мешавад.

1. Ҷумлаи мураккаби омехтае, ки ҷумлаи пайрав ба яке аз ҷумлаҳои сода тобеъ гашта бошад ҳам, ба ҳамаи ҷумлаҳои содаи мураккаби омехта як хел таъсир мебахшад: *Вақте ки дарбон ба Исфароинӣ хабар дод, ки пирамарде омадасту хоҷаро дидан мехоҳад, хоҷа ҳайрон нашуд ва ба айвон баромада, дар он пирамарди "рустоӣ" шоирро шинохт...(с.162)*

Дар ин мисол ҷумлаи "*вақте ки дарбон ба Исфароинӣ хабар дод"* пайрави замон буда, ба сарҷумлаи "*хоҷа ҳайрон нашуд"* тобеъ бошад ҳам, ба ҷумлаи пайрави дуюм, ки пайрави пуркунанда мебошад, *"пирамарде омадасту хоҷаро дидан мехоҳад"* ва ҷумлаи охир "*ба айвон баромада, дар он пирамарди рустоӣ шоирро шинохт"* як хел муносибат дорад ва ин ҷумлаҳоро низ аз ҷиҳати вақту замон шарҳ медиҳад.

2. Ҷумлаҳои мураккаби омехтае, ки ҷумлаи пайрав ба яке аз ҷумлаҳои содаи ҷумлаи мураккаби омехта тобеъ гашта, фақат ҳамон ҷумлаи содаро шарҳ медиҳад: *Шоир дар меҳмонхонаи Моҳак аз ӯ кӣ будани он пиракиро пурсид, маълум шуд, ки имоми даргоҳи шоҳ, пири ӯ ва номаш Шайх маҳамшод будааст (с. 194).*

3. Ҷумлаҳои мураккаби омехта, ки дар онҳо ҳар кадом ҷумлаи сода ба худ ҷумлаи пайрав гирифтааст: *Аз "Кохи Фирузӣ"-и худ то масҷиди "Аруси фалак" роҳи пинҳонӣ созонда буд, то битавонад ба осонӣ дар намози ҷамоат ҳозир шавад; дар масҷид мақсурае барои худ дошт, ки дар вай бе ташвиш машғули ибодат мегардид (с.203).*

4. Ҷумлаи мураккабе, ки яке аз ҷумлаҳои сода ва ё ҳар кадом ҷумлаи содаи муқобили якдигар гузошташуда пайрав дошта бошад, ҷумлаи мураккаби омехта номида мешавад: *Зару моли беҳисобе, ки аз ғорату яғмои кишварҳо ба даст овардааст, ба хазинаҳояш намеғунҷад, вале раиятҳои бадбахташ аз хироҷҳои гарон хонабардӯшанд ё аз гуруснагӣ ҷон меканад* (с.258).

Ҳамзамон, профессор Д.Т. Тоҷиев ҷумлаҳои мураккаби омехтаро ба се гурӯҳ ҷудо намудааст:

1. Ба гурӯҳи аввал ҷумлаҳои мураккаби омехтае дохил мешаванд, ки ҷумлаҳои пайвасти он як ё якчанд ҷумлаи пайравро тобеъ мекунанд:

2. Ҷумлаҳои мураккаби омехтае, ки ҷумлаҳои пайрав ба ҳама ё аксарияти ҷумлаҳои пайваст баробар тобеъ мешаванд.

3. Ҷумлаҳои мураккаби омехтае, ки ҷумлаҳои пайрав ба ҳама ё ба аксарияти ҷумлаҳои пайваст тобеанд ва пайравҳои пайрави дигар барои эзоҳи ҷумлаи пайвасти алоҳида омадаанд [1, с. 69]

Барои тақвияти фикр якчанд намуна аз хели ҷумлаҳои мураккаби омехтаи романи "Фирдавсӣ"-и Сотим Улуғзода бо нақшааш меорем:



Ҳамин фикр аз дили Абу Дулаф ҳам мегузашт, вале ҳар дуяшон ҳам онро ба забон овардан намехостанд ва умед мекарданд, ки ин тавр нахоҳад шуд (с. 232).



Агар устод ба зистани дар он деҳкада розӣ шаванд, лоақал Бобак бояд дар хизматашон бошад, ба устод дастёр даркор аст (с. 229).



Абу Дулаф боз хабар овард, ки дар хонаҳо ва мафҳилҳои тӯсиён шоҳномахонӣ дар авҷ аст, ҳатто авомон ҳам абёти китобро аз бар карда месароянд (с. 249).



Маро лозим меояд, ки аз анвои ривоятҳои ҳар як достон беҳтаринашро баргузинам ва сипас ин беҳтаринҳоро аз ҳар гуна зиёдатиҳо, беработиҳо ва ғайруҳу тоза, ноҳамвориҳоро ҳамвор кунам, ҷойҳои холиро пур кунам, миёни воқеаҳо равобити ботиниашонро дарёбам ва барқарор созам, маъно ва мафҳуми онҳоро биҷӯям (с. 58).



Аз "Кохи Фирузӣ"-и худ то масҷиди "Аруси фалак" роҳи пинҳонӣ созонда буд, то битавонад ба осонӣ дар намози ҷамоат ҳозир шавад; дар масҷид мақсурае барои худ дошт, ки дар вай бе ташвиш машғули ибодат мегардид (с.203).

Ҷумлаҳои мураккаби омехта аз рӯйи миқдори ҷумлаҳои таркиби худ ва вобастагии онҳо хеле гуногун мешавад. Муносибати маъноии байни ҷумлаҳои мустақил мисли ҷумлаҳои мураккаби пайваст буда, алоқаву муносибати ҷумлаҳои пайрав нисбат ба сарҷумла мисли ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аст. Ҳама хелҳои ҷумлаҳои пайрав бар эзоҳи ҷумлаҳои мустақил омада метавонанд. Барои намуна чанд намуди ҷумлаҳои мураккаби омехтаро аз назар мегузаронем.

1. Ҷумлаи мураккаби омехтае, ки ҷумлаи пайрав ҷумлаи содаи мустақили дуюмро шарҳу эзоҳ додааст: *Устод онро ба ҷаноби Муҳаммади Лашкарӣ тақдим карда будаанд, он ҷаноб ориятан ба ман дода буданд, ки фаслеро аз ёд кунам (с.48).*

2. Ду ва ё зиёда ҷумлаҳои пайрави гуногун ҷумлаи мустақили дуюмро эзоҳ додаанд: *Вақте ки хизматгор ба шайх хабар дод, ки Абулқосими Фирдавсии шоир ба зиёрат омадааст, шайх як қадар бесаранҷом шуда монд: деҳқон ва шоири божӣ дер боз ба зиёрати ӯ наомада буд, бешак ин омаданаш бо аризаи Абдунабии имоми шодобӣ алоқаманд аст* (с. 17).

Ҷумлаи пайрав дар шакли дараҷа низ бар эзоҳи ҷумлаи мустақили дуюм меояд: *Ҳуҷраи хоссаи шайх дар ҳавлии беруни ӯ буд, Фирдавсӣ аз дарвоза даромада ба хизматгори ӯ - мардаки солхӯрдае бархӯрд, ки барраи сафедеро аз арғамчини гарданаш кашида сӯйи собот мебурд, барра аз рафтан саркашӣ мекард* (с. 16).

Чунин намуди ҷумлаҳо дар романи "Фирдавсӣ" хеле серистеъмоланд.

3. Ҷумлаи мураккаби омехтае, ки фақат ҷумлаи мустақили якум ҷумлаи пайрав гирифтааст: *Шоире ки дар достонаш ба мардум "Маёзор мӯре ки донакаш аст, ки ҷон дораду ҷони ширинаш хуш аст, гӯён панд медод, ба чӣ хаёлҳои гарон рафту аз дилаш чиҳо гузашт, инро бо ибораи маъмул гӯем "худаш медонисту худо"* (с. 85).

Ҷумлаи мустақили якумро ҷумлаҳои пайрави чида эзоҳ додаанд:

Замона ва анъана чунин буд, ки китобе агар ба номи амире, шоҳе нигошта ё ба вай бахшида нашаваду аз тарафи вай тақдир наёбад, эътибор пайдо намекард ва аксаран пора-пора дар дасти ҳар кас парешон монда ва ҳатто фаромӯш мегардид (с. 72).

Муқарриз: Гулназарзода Ж.Б., д.и.ф., профессор

АДАБИЁТ:

1. Забон – рукни тоат (Язык – столп поклонения). – Маҷалаи илмӣ- назариявӣ. Китоби нуҳум. – Душанбе: Пойтахт, 2017. – 264 с.

2. Мирзоев А. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Қисми 2. Синтаксис барои мактабҳои ҳафтсола ва миёна / А.Мирзоев, Ш.Ниёзӣ, М.Ғафуров. - Сталинобод, 1948. – 96 с.
3. Сотим Улуғзода. Фирдавсӣ. – Душанбе, 1988. – 269 с.
4. Тоҷиев, Д. Воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии тоҷик / Д. Тоҷиев. – Душанбе, 1971. – 156 с.
5. Тоҷиев, Д. Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиба / Д. Тоҷиев. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 40 с.
6. Тоҷиев, Д. Ҷумлаи мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик (Ҷумлаҳои пайрави ҳол) / Д. Тоҷиев. – Душанбе: Дониш, 1981. – 218 с.
7. Хоҷаев, Д. Синтаксис ва пунктуатсия / Д. Хоҷаев. – Душанбе: Маориф, 1991. – 60 с.
8. Шербоев, С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ / С. Шербоев. – Душанбе, 2020. – 425 с.
9. Шоев, Э. Доир ба ҷумлаҳои мураккаби омехта дар романи “Восеъ”-и Сотим Улуғзода / Э. Шоев // Масъалаҳои инкишофи сохти синтаксисии забони тоҷикӣ (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 1988. – С. 61-67.

ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ОМЕХТА ВА ВИЖАГИҲОИ ОН ДАР РОМАНИ «ФИРДАВСӢ»-И СОТИМ УЛУҒЗОДА

Мақола ба таҳлилу баррасии ҷумлаҳои мураккаби омехта ва вижагиҳои он дар романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода бахшида шудааст. Масъалаҳои назариявии ҷумлаҳои мураккаби омехта дар забоншиносии тоҷик ҳаллу фасл гардидааст, вале вижагиҳои корбурди он дар осори адибони муосири тоҷик, ба хусус осори адабии Сотим Улуғзода пурра таҳқиқ нашудааст. Бинобар ин, омӯзиши вижагиҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои мураккаби омехта аз масъалаҳои марказии илми наҳв боқӣ мемонад.

Муаллиф қайд намудааст, ки Сотим Улуғзода дар истифодаи қабатҳои наҳвии забон ва меъёрҳои ибораороиву ҷумлабандӣ хеле эҳтиёткор аст. Махсусан, дар баёни фикр нависанда хеле моҳир ва дақиққор буда, ба шогирдон ва нависандагони ҷавон мактаби адабии бузург ва макони сухани ноби тоҷикӣ аст.

Дар мақола, асосан, ин навъи ҷумлаҳои мураккаб бо мисолҳо аз романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода таҳлил шудаанд, ки нависанда аз он хеле фаровон истифода намудааст.

Калидвожаҳо: *наҳв, ҷумлаи мураккаб, сарҷумла, ҷумлаи пайрав, муносибат, хусусият, нависанда, омехта*

СМЕЩЕННОЕ СЛОЖНОЕ ПРЕДЛОЖЕНИЕ И ЕГО ОСОБЕННОСТИ В РОМАНЕ СОТИМА УЛУГЗАДЕ «ФИРДАВСИ»

Статья посвящена анализу смешанных сложных предложений и их особенностей в романе Сотима Улугзаде «Фирдавси». Теоретические проблемы сложного предложения решены в таджикском языкознании, но особенности его употребления в произведениях современных таджикских писателей, особенно в творчестве Сотима Улугзаде, до конца не исследованы. Поэтому изучение структурных и семантических особенностей смещанных сложных предложений остается одним из центральных вопросов грамматики.

Автор отметил, что Сотим Улугзаде очень осторожен в использовании грамматических пластов языка, норм выразительности и правил построения предложений. В частности, писатель очень умело и точно выражает свои мысли и является прекрасной литературной школой и местом лучшей таджикской речи для студентов и молодых писателей.

В статье в основном анализируется данный тип сложных предложений на примерах из романа Сотима Улугзаде «Фирдавси», которые писатель часто использовал.

Ключевые слова: *грамматика, сложное предложение, главное предложение, придаточное предложение, связь, признак, писатель, сочетание.*

DISPLACED COMPLEX SENTENCE AND ITS CHARACTERISTICS IN SOTIMA ULUGHZODA'S NOVEL "FIRDAVSI"

The article is devoted to the analysis and review of complex sentences and their features in the novel “Firdavsi” by Sotim Ulughzoda. The theoretical problems of a complex sentence have

been solved in Tajik linguistics, but the peculiarities of its use in the works of modern Tajik writers, especially in the works of Sotim Ulughzoda, have not been fully studied. Therefore, the study of the structural and semantic features of complex sentences remains one of the central issues of grammar.

The author noted that Sotim Ulughzoda very carefully uses the grammatical layers of the language, norms of phraseology and sentence construction. In particular, the writer expresses his thoughts very skillfully and accurately and is an excellent literary school and place of the best Tajik speech for students and young writers.

The article mainly analyzes this type of complex sentences using examples from Sotim Ulughzoda's novel "Firdavsi", which the writer often used.

Key words: *grammar, complex sentence, preposition, subordinate clause, connection, sign, writer, combination.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна *– Донишгоҳи байналмилаии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филоллогӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигорӣ.* ***Нишонӣ:*** *734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.:(+992) 987532524*

Сведения об авторе: Юсупова Бибижон Ганижоновна *- Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, кандидат филологических наук, доцент кафедры языкознания и журналистики. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Мухаммадиева, 17/6, тел.:(+992) 987532524*

Information about the authors: Usupova Bibijon Ghanijonovna *- Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Linguistics and Journalism. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: (+992) 987532524*

ТДУ: 891. 550. 09+07 (575.3)

ШАКЛГИРИИ АНВОИ ТОЗАИ НАСРИ БАДЕЙ ДАР МАТБУОТИ НАХУСТИНИ ТОҶИК («Бухорои шариф», «Оина» ва «Шуълаи инқилоб»)

Хатлонӣ С., Абдураҳимов Б.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Жанрҳои нави насри бадеӣ чун публитсистика, тарона-лавҳа ё руҷӯи лирикӣ, ҳикоя, намоишнома, суҳбат, саҳначаҳо ва ғайра бори нахуст дар саҳифаҳои нашрияҳои аввалини тоҷикӣ - рӯзномаи «Бухорои шариф» (1912), маҷаллаҳои «Оина» (1913-1915) ва «Шуълаи инқилоб» (1919-1921) ба чашм расида, дар пайдоиш ва ташаккули онҳо нақши намоён гузоштаанд. Яке аз шаклҳои ҷолиби онҳо, ки намунаашро дар адабиёти классикии тоҷик дидан мумкин аст, ҳикоёти устуравӣ мебошад. Дар он тасвири хобу баёни таъбири он нақши асосӣ мебозад. Намунаи нахустини ин жанр дар «Бухорои шариф» ҳикояти «Хаёли мушавваш» аст, ки бо услуби хоси публитсистиву бадеияти баландаш фарқ мекунад. Он ба мавзуи асосии рӯзнома - мактабу маориф, тарғиби илму дониш бахшида шудааст: «Дишаб рафиқе ба ман гуфт, ки чаро чизе ба рӯзнома наменависӣ? Гуфтам, ки вақт надорам. Гуфт: «Бирав, бирав, танбалӣ накун, чизе навис!» [13, с. 2]. Асар, ки бо имзои «Мутафаккир» чоп шудааст, аз рӯйи сабкаш хоси қалами мудири адабии рӯзнома Мирзо Сироҷи Ҳаким мебошад. Дар он замон Мирзо Сироҷ ва ҳамқаламонаш бо сабаби дар нимароҳ мондани ниятҳои наҷибашон рӯҳафтода гашта, аз навиштан дилсард шуда буданд. Масъала чунин шарҳ меёбад: «Ба худ мегуфтам, ки хуб фалонӣ, ин мазамматҳоро ба кӣ менависӣ, вақте ки ҳама хобидаанд. На ин ки хобида, балки беҳуш ва аз зиндагонии худ бехабаранд… Ба ин ҷо расида будам, ки боз хаёлоти дигар сарам афтода охир нагузошт, ки чизи маъқуле навишта ба идора пешниҳод кунам» [13, с. 2].

Дар чанд ҳикояи дигар мавзуи мазкур идома ёфтааст. Яке аз онҳо «Хоби мушавваш. Мобаъд хаёли мушавваш» (муаллиф Мирзо Сироҷ) мебошад. Он чунин шурӯъ мешавад: «Бо хаёлҳои аламангез парешаб ба хоб рафтам. Тоза хобам омада буд, дидам, ки дар саҳрои васеъ ҳастам ва ин майдони бепоён пур аз ҷунбандагон аст. Лекин на худам ва на дигаронро шабеҳ ба инсон намедидам… Дар ин ҷо аз хоб бедор шуда, дидам, ки сахт арақ карда ва дилам метапад. Нафаҳмидам, ки ин чӣ хоб буд. Он шахс кӣ буд ва чанд нафар одамҳое бо сурати аслии инсон киҳо буданд». «***Мутафаккир***» [14]. Сипас, аз хонандагон таъбири хоб пурсида мешавад. Гумон кардан мумкин аст, ки ҳадафи муаллиф аз тасвири одами захмхӯрда ҷамъияти хайрия (ҷамъияте, ки муассисони рӯзнома таъсис доданианд) ва махлуқҳои ҳайвонсурат одамони беинсоф мебошанд. Забони асар равону таъсирбахш аст.

Дар ҷавоби он асари «Таъбири хоби мушавваш» ба чоп расид, ки дар он омадааст: «Мутафаккири бародар! Ҳақиқаташ ман ба хоб эътиқод надорам, чӣ ҷойи таъбираш?! Маҳз хотири шумо, ки хоҳиш мекунед, он чӣ аз илҳомоти ғайбӣ ба дегчаи синаам мерезад ва бо оташи хаёли хом пухта мегардад, якчанд ифодаро музоиқа надорам...» [6]. Муаллиф хобро ба таври худ таъбир мекунад. Одами танҳою заифро ашхоси машҳури динӣ медонад, сипас, аз фикраш гашта, онҳоро ба рӯзномаву рӯзномахонҳо монанд мекунад. Хулоса мебарорад, ки: «Пас хоб бетаъбир монд!.. Ҳо ёдам омад, шахси заиф газитачиҳои мусулмонон будаанд. Дигар ҳарфе нест, ки инҳо миллатро ба тараққӣ ва илм мехоҳанд!» «***Муаббир***» [6]. Хуллас, ба қавли муаббир ислоҳи кор илоҷ надорад. Ин ҷо бояд гуфт, ки ҳикояти мазкур то андозае мазмуни яке аз расмҳои карикатуравии маҷаллаи «Мулло Насриддин»-и Қафқозро ба ёд меоварад. Воқеан, дар мавриди таъсири маҷаллаи мазкур ба адабиёт ва матбуоти аввали асри бистуми тоҷик В.Самад навиштааст: «Дар шумораи 14 (7 апр.с.1907)-и «Мулло Насриддин» сурати аҷибе чоп шудааст: мардуми зиёде дар Регистони Бухоро ҷамъ омадааст, шахсе шумораи нави рӯзномаеро ба мардум нишон дода, аз хусуси аҳамияти он чизе гуфтан мехоҳад, вале мардум аз он ваҳмида, худро ба ҳар тараф мезананд ва он марди газетабадаст

дар майдон ҳайратзадаву танҳо мемонад» [12, с. 126]. Ба андешаи мо, муаллифони асарҳои «Хоби мушавваш» ва «Таъбири хоби мушавваш»-и «Бухорои шариф» ба карикатураи зикршудаи «Мулло Насриддин» то андозае пайравии эҷодкорона кардаанд. Аз ин рӯ, ҳақ бар ҷониби муҳаққиқи мазкур аст, ки ҳамаи ин «аз пайванди ғоявии ҷадидони демократии тоҷик ва муллонасриддинчиёни Қафқоз башорат медиҳад» [12, с. 127].

Тасвирҳои устуравӣ, воқеоте, ки бофта буданашон аниқ аст, аммо ба ҳақиқат наздиканд, дар асарҳои насрии дигари рӯзнома низ мушоҳида мешаванд. Матлаби «Мактуби пайдошуда ё худ матарс», ки таҳти рубрикаи «Фелетони кӯчак» ба чоп расидааст, аз ҷумлаи он аст: «Мудири муҳтарам! Ду нафарро дар Когон дидам (маълум мешавад, ки инҷоӣ нестанд), қадаре бо ҳам суҳбат карда рафтанд. Ман ба ҷойи суҳбати онҳо расида дидам, ки як покат афтодааст. Покатро бардоштам, ба хона омада боз карда ва хондам. Дидам, ки ба вилояти худ навиштаанд. Чун эшонро ҷустуҷӯ карда наёфтам, ҳоло аз мудири муҳтарам хоҳиш дорам, ки ҳамон мактубро дар рӯзнома дарҷ намоянд, ки соҳиби мактуб хабардор шуда, аз идора бибарад ва дубора заҳмат кашида нанависад. Коғаз: «Бародари гиромӣ! Шумо ба ман менависед, ки аз вазъ ва тараққии мусулмонони ин ҷо ба шумо бинвисам. Банда он чиро дар рӯзи вуруд худам дидам, ба шумо менависам. Аз ин мактуб андозаи тараққии мамлакатро бардоред…» Номанавис мушоҳида кардааст, ки мардуми Бухоро дар тарсу ҳарос зиндагӣ мекунанд, аз жандармҳо мегурезанд. Кӯчаҳо чиркин. Нафаре, ки мардум аз диданаш меҳаросанду мегурезанд, «газитчӣ» будааст, аҷибаш он ки бузургон ва уламо аз газетчӣ метарсанд, аммо авом наметарсидааст, шояд намедонад, ки вай кисту вазифааш чист. Услуби мазкур, ки ба фикри мо, илҳом аз рӯзномаҳои форсию туркӣ мебошад, дар нашрияҳои баъдинаи тоҷикӣ минбаъд низ ба кор рафтааст. Намунаи он ҳикояти аз кӯча дарёфт кардани мактуби афтода ва овардани мазмуни он дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» (1927) буда метавонад.

Услуби мазкур дар маҷаллаи «Оина» низ истифода шудааст. Дар «Хоб» ном асари ин маҷалла андешаҳои тараққипарварӣ ва маорифпарварона баён гаштааст. Аз ҷиҳати сабку услуб он то андозае ба памфлету ҳаҷвияҳои хурди имрӯза монанд аст: «Дӯсте доштам аз авзои олам бохабар. Гуфт: бародар, дӯш хобе дидам: ду кас дар якҷо истода. Яке бо либосҳои фохира ва асои сабзе дар даст. Нур аз ҷабинаш ба осмон тулӯъ мекард. Ва дигаре бадшамоил монанди гавони ҳабашии сиёҳ ва дандонҳои бузург аз лаб берун шуда, ба ҳайкали аҷибе дасти худро ҳаракат дода, ба шахси муҳтарами пир даъво дошт. Аз яке пурсидам: бародар, инҳо кистанд, чаро бо ҳам даъво мекунанд? Ҷавоб дод: ин мардаки нуроние, ки мебинӣ, илм аст ва ин шахси сиёҳ, ки чун шаби дайҷур тира ва торик, ҷаҳл аст. Инҳо муддатест бо ҳам сари даъво дар миён оварда мехоҳанд яке дигареро аз миёна бардорад. Алҳол тарафдорони ҷаҳл бисёр ва ғолиб омада. Намебинӣ, ки бечора илм аз ғалабаи эшон дар тарсу ҳарос аст, чораи кори худро намедонад ва тарафдоронаш низ мағлубанд, анқариб аст, ки вилои абадӣ гӯяд. Дар ин асно буд, ки ҳоло шахсе, ки номи шарифаш Илм аст, якбора овоз дардод, ки «Эй фарзандони ман ва эй толибони ман, маро дарбиёбед ва мадад диҳед. Наздик аст, ки ин ҷаҳл маро ба боди фано хоҳад диҳад. Вақт ғанимат аст, пушаймон хоҳед шуд ва ҳарчанд ҷӯед, маро нахоҳед ёфт». Дар ин асно аз хоб ларзида бедор шудам, ки ҷомаи хоб аст, беихтиёр гиряам даст дод, ба гиристан оғоз кардам. Гуфтам: Худоё! Боз ин чӣ рӯзи номасъуд ва ин хотири парешон, аз ин зиёда чӣ гуна ҷаҳл ғалаба хоҳад кард? Магар мо, бечорагон, аз шараф ва иззати илм насиб надорем? Якбора ба тангнои ғафлат хоҳем монд. Ин гуфт, ба ҳой-ҳойи тамом гирист. Банда ба машаққати тамом худдорӣ намуда, барои тасаллии хотираш гуфтам: Хайр, бародарҷон! Иншоаллоҳ, корҳо оҳиста-оҳиста беҳтар мешаванд ва рӯз ба рӯз тараққӣ мекунанд. Хотирҷамъ бошед, ки илм ғолиб бар ҷаҳл аст. Ҳамин ки толибони худро ба сӯяш даъват кард, ба мададгориаш домани ҳиммат дар камар зада мекӯшанд». *Бухоро, «Мим. Қо*.». [5].

Ҳикояти дигар дар ин мавзуъ асари «Хоби неку ба об бояд гуфт»- и «Ф.Р.» (имзои Фахриддини Роҷӣ) мебошад. Ҳадафи асосӣ дар ҷумлаи охир ифода ёфтааст: «Дирӯз мегузаштам, ки ду талаба ба дӯкони шахсе нишаста буданд. Дар байнашон хеле суолу ҷавоб муҳовара мешуд. Аз он ҷумла соҳиби дӯкон азбаски зарофат ва латофат дошт, аз яке ҳамин

талаба мепурсид, ки: Аҷиб замону ғариб овон аст, ки се сол қабл хобҳое медидам, масалан, ба асб ва ароба савор мешудам, ё ин ки дар мадраса бо мисли шумо талабагон суҳбат медоштам, ё худ ба дарёи азиме, ба дашту бӯстонҳои аҷибе гашту убур менамудам. Ҳоло хобҳое мебинам, ки хилофи он аст. Чунончӣ: аз ин замин, яъне, аз ин курае, ки мо ба болои ӯем, ба кураи дигар - рафтору гашт мекунам... Ва баъзан мисли соири парандагон озод, ба хуфту саҳулат гӯё, ки тоирам, суъуд ва фуруд мекунам… Илтимоси он дорам, ки таъбир ва хоб ба қадри фаҳми банда ва қонеъкунанда бошад, бифармоед… Азбаски яке аз он талаба фаҳим ва закӣ буд, фармуд, ки: Бародар,.. ба хотири ҷанобатон маъзуран мегӯям, ки масалан, 30-40 сол қабл ҳар чизе, ки медидед ва мешунидед ва мефаҳмидед, яъне, ҳар хабаре, ки ба муҳити фикратон буд, онро ба олами хоб мушоҳида менамудед. Ҳоло чизҳое, ки пеш аз ин набуда акнун пайдо шуда, яъне аз табъи аҳли санъат ва хибрат пайдо шуда ва дар пайдо шудан аст, мебинед ва мешунавед ва тафаккур мекунед ва аз хавос инҳоро низ ба олами хоб мушоҳида мекунед… Акнун бояд, ки худро ба дигар инсонон қиёс намуда ва сабаби беҳунарӣ ва паст мондани худро нек мулоҳиза намоем!» [11].

Муаллиф мардумро огоҳ мекунад, ки хоболуд набошанд ва аз дунё қафо намонанд, илму дониш андӯзанд, вагарна тараққии илму санъатро дар хоб мебинанд. Вобаста ба ин дар зери ҳикояти тамсилие бо номи «Дузд ва рӯбоҳ» ҷой дода, дар хулосаи он омадааст: «Миллате, ки дар роҳи илму дониш ба ғафлату хоб аст, ҳам аз дунё қафо мемонад ва ҳам дороиашро аз даст медиҳад» [11]. Ҳамин тавр, «Оина» низ монанди «Бухорои шариф» дар роҳи бедории афкори мардуми Осиёи Марказӣ хизмати бузургро ба ҷо овард.

Намунаи дигари барҷастаи асарҳои насрӣ дар «Бухорои шариф» таронаҳо ё руҷӯъҳои лирикӣ таҳти унвони «Шеъри мансур» мебошанд, ки то он вақт дар адабиёти тоҷик маъмул набуданд. Чунин шакли бадеию публитсистиро муҳаққиқони соҳаи журналистика лавҳа, лавҳаи лирикӣ, тарона низ номидаанд. Муҳаққиқ М.Муродов дар бораи он маълумоти муфассал додааст: «Агар дар лавҳа ҳиссиёти нигоранда нисбат ба ҳодисаҳои табиат, ҷашнҳои таърихӣ, олами ҳайвоноту наботот, лаҳзаҳои сӯзу гудоз ва амсоли ин баён шуда бошад, инро лавҳаи лирикӣ меноманд. Лавҳаи лирикӣ аз шевотарин навъи лавҳа буда, бо тасвирҳои воқеии манзараҳои табиат, сӯзу сози одамӣ, тахайюли рангин ороста мешавад. Вобаста ба рӯҳияи мавзуъ нигоранда метавонад аз воситаҳои адабӣ, ашъори лирикӣ, тасвирҳои рангин истифода кунад» [7, с. 184]. Дар лавҳаҳои лирикии «Бухорои шариф» низ андешаҳои ҳаяҷономези муаллиф баён шудаанд. Бештари лавҳаҳо таҳти унвони «Шеъри мансур» ба қалами Мирзо Ҷалол оиданд: «Эй табъи ҳушёр! Эй қариҳаи обдор! То ба кай дар хоб ва хуморӣ?! Охир ҳарчи дорӣ, биё ва биёр! Рафиқон саргардон, сар ба гиребон. Намедонам ман дар чӣ фикру тадбир буда бо кадом ҳила ва тазвир дохили ин ҷамъи парешон гардида?.. Аз осмон садое намешунавем, аз замин нидое!..» Порчаи мазкур аз санъатҳои бадеии сачъ, такрор, тасвир, байтҳо оро ёфтааст. Руҷӯи лирикии дигар бо имзои «Мим.Айн» «Мухотабаи қалам» ном дорад: «Эй қалам! Туӣ тарҷумони аҳволи муаллим ва мураббии атфол ва бани Одамро басо хидматҳои касир ба самтҳое ва хайроти сабқат карда туӣ!» Мушоҳида мешавад, ки мавзуи муҳимми иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ин порчаҳо бо ороишоти бадеӣ инъикос ёфтааст. Дар «Шеъри мансур»-и дигар бо номи «Мутойибаи мусалсал» Мирзо Ҷалол навиштааст: «Кош, тавонистаме ҳикояти манзум гуфтаме аз дарди қиссаи дили маҳмум. Эй шефтагони рангу бӯ, эй печидагони тори мӯ, эй дилдодагони бечашму абрӯ, назари марҳамате ба ин сӯ фармоед! Уқдаи мушкил ва гираҳкори ин бедили гирифтори ҷоду кушоед! Чӣ кунам то рамузи ошиқӣ донам?» Баста бо хаёлҳои шоирона қаҳрамони лирикӣ ногоҳ чашмаш дар сафҳаи ахбор ба воқеоти инқилоби Эрон, ҷанҷоли Туркияву Италия расида, хотираш мағшуш мегардад ва бо байте хулоса мекунад: «Кард парешон маро хаёлу дилу ҳуш; Турраи Тӯрон, ҷабини хамзадаи Рум!» Яъне, вақти шеъргӯӣ набуда, воқеоти сиёсии давр чунон ба худ гирифтор кардааст, ки шеъргӯ ҳам намондаасту шеърхон ҳам.

Афкори муаллиф оид ба воқеоти давр зери оҳанги бадеӣ, танзомез то андозае пӯшида ифода ёфтааст. Услуби мазкурро Мирзо Ҷалол минбаъд идома дода, шеъри мансури дигарро бо номи «Масаллас» ба табъ расондааст: «Муддате буд, ки табъи худододи ман ба хоб рафта майли мусофирати адамобод дошт ва меғунуд… Ман дар гӯшаи ҳайрат нигоҳ ба

табиати башария мекардам ва зи табъи шоиронаи худ тааҷҷуб намуда ва ба ҳайрат меафзудам, ки ту машғули хоби ноз ва фориғ аз дилбари танноз будӣ, чӣ шуд, ки бедор шудӣ?..» Дар ин руҷӯъ ақл ва табъ гуфтугӯ мекунанд. Ақл мепурсад: «Чаро олами башарият аз ҳар карона рӯ ба бедорӣ гузоштаанд, мо бар хоби хуш меафзоем?!» Табъи нимабедор посух медиҳад, ки: «Агар роҳ миёни ҳамсоягон табоҳ ва парешон нашавад, агар пойи мардӣ ва ғайрати рафтани роҳ бошад, агар садде ва ҳоиле монеъ нагардад, албатта, ба нидои ҳамдигар ҷавоб медиҳанд». Асари мазкур аз намунаи барҷастаи руҷӯи публитсистиест, ки баъдҳо онро устод Айнӣ дар асарҳои насрии худ ба кор бурд. Аз он сабаб онро публитсистӣ меноманд, ки дар он бо факту рақамҳо комёбӣ ё норасоиҳои ҷомеа зикр мешаванд. Илова ба ин, руҷӯъҳои навъи мазкур бо нидову суханони обдор ва қитъаҳои шеър оро меёбанд.

Дар маҷаллаи «Оина» руҷӯи лирикӣ ба шакли боло ба чашм нарасад ҳам, яке аз навиштаҳои ҷолиби бадеӣ дар мавзуи норасоиҳои ҷомеа «Киноят», ки бо имзои «Асъад» ба табъ расидааст, ба талаботи жанри мазкур ҷавобгӯст. Мақолаи мазкури Асъади Бухороиро устод Садриддин Айнӣ ҳамчун намунаи беҳтарин дар «Намунаи адабиёти тоҷик» овардааст [1, с. 367-369]. Мақола бо ашъор, аз ҷумла, ғазали Ҳофиз оро ёфтааст. Вобаста ба он муаллиф ба зикри ноқисиҳои ахлоқи ҳамзамонон мепардозад. Асар оҳанги киноят дорад. Чунончи, рӯҳониён агар мансаберо дар хоб бинанд, ҳамоно барои он талош меварзанд. Хуллас: «Чӣ кунему чӣ чора намоем, ки ба пайкари нозанини мамлакати мо оташи ҷаҳолат боло гирифта, касе нест, ки ба оби марҳамате онро фурӯ нишонад» [3].

Намунаи дигари насри бадеии «Бухорои шариф» ҳарчанд камшумор аст, сафарномаҳо мебошанд, ки ба қалами Мирзо Ҷалол оиданд. Яке аз онҳо «Аснои сафар» ном дошта, асари хуби бадеист ва онро метавон яке аз асарҳои аввалин дар жанри сафарнома номид.

Жанри дигари бадеӣ суҳбат аст, ки бори аввал дар «Бухорои шариф» истифода шудааст. Мусоҳиба (суҳбат) тибқи дастури аксар муҳаққиқони журналистикаи тоҷик (И.Усмонов, М.Муродов, А.Нуралиев) ба жанри ахборӣ дохил мешавад. М.Муродов жанри суҳбатро ба таври алоҳида зикр карда, онро ба жанри таҳлилии журналистика дохил намудааст [7, с. 133-135]. Аммо дар таҳқиқоти мо суҳбат ба намуди публитсистию бадеӣ наздик аст, баробари ин, дар он хусусияти драмавӣ-саҳначаи бадеӣ баръало мушоҳида мешавад. Намунаи аввалини саҳнача бо номи «Забони маҳаллӣ» таҳти рубрикаи «Фелетони кӯчак» дар «Бухорои шариф» ба чоп расидааст. То ба он вақт ба чунин шаклу мазмун дар адабиёти тоҷик асари бадеӣ ба вуҷуд наомада буд.

Сипас, дар рӯзнома саҳна-суҳбатҳои дигар низ ба чоп расидаанд. Яке аз онҳо «Мусоҳибаи хаёлия. Насиҳати мулло Назмӣ - мактабдор барои шогирдҳо ва маъзарат намудани Иқболхон ва шиква кардани вай аз ҷониби акааш мулло Болта» (муаллиф А. Сайидзафар Маданӣ) ном дорад. Суҳбат дар синфхона, байни муаллим ва шогирдон мегузарад: *«Назмӣ*- Бачаҳо, нури чашмҳо, аввалан шуморо ба итоати падару модар амр мекунам, ки итоаташон фарзи айн аст, яъне, ин фаризаи ҷомеъ ва шомили ҳама фароиз аст. Сониян, ин ки дар сояи адолат ва ҳамияти подшоҳи муаззами мо, ки дар Бухорои шариф газит баромада, бояд ҳамаатон газит гирифта мутолиа кунед, ки газитхонӣ барои ҳар фард аз афрод як дараҷа илми иҷмолӣ аз ҳар фан мебахшад. Шумо аксар фанҳои лозимиро намедонед, ҳатто, ҳамин Бухорои шариф, ки Ватани шумо аст, ӯро намедонед, ки дар кадом қитъаи замин воқеъ аст, ҳоло аз шумо агар бипурсанд: «Бухоро дар кадом ҷониби Осиё аст?» чӣ мегӯед? Ва чӣ ҷавоб медиҳед?

Дар ин асно як шогирди нав даромад ба по истод ва ба камоли ҷуръат гуфт: -Мегӯям, ки дар Бухоро, балки дар ҷавониб ва атрофи Бухоро осиёбҳои сангии калон ниҳоят дараҷа бисёр аст.

- Иқболҷон, Шумо намедонед Осиё, ки мегӯянд, як ҳиссаи рӯи заминро мегӯянд.

Шогирди навдаромада тааҷҷуб карда нишаст.

Иқболҷон: - Тақсир, аз ин нодонтар акем мулло Болта аст. Ҷаноби шумо ҳафтаи гузашта ба хондани газит таъкид карда будед. Аз дасти Мавзеъ ҳамон рӯз як газит гирифта,

ба ҳавлӣ рафта шаб мутолиа мекардам. Акем пурсид: - чист? Ман гуфтам: - газит! Бисёр ҳақорат дод, ки газит чаро мехонед? Газит вақти падару бобоямон набуд ки!..»

Саҳначаи «Мусоҳибаи мулло ва тоҷир» (муаллифаш «Т.М.») низ дар шакли суҳбат омадааст: «Рӯзе муллое бо тоҷире тарҳи суҳбат доштанд, ки дар байни суҳбат газитчӣ газити «Бухорои шариф»-ро оварда ба дасти тоҷир дод. Тоҷир шурӯъ ба хондани газит кард. Мулло гуфт: «Шумо ҳам магар газити «Бухорои шариф» (-ро) муштарӣ ҳастед?». Тоҷир гуфт: - Оре!

Мулло: - Ба шумо аз ин чӣ фоида мебошад, ки чиҳил танга дода инро мехонед?

Тоҷир: - Фавоиди он бешумор аст. Яке он ки шахси газитхон аз аҳволи олам бохабар мебошад, мисли чӣ шудани ҷанги Туркия ва Итолиё ва чӣ шудани муноқишаи Фаронса бо Марокаш ва чӣ будани аҳволи Эрон ва Русия ва ҳоказо… Дигар аз фавоиди ӯ ин ки тариқи тамаддун ва тараққиро ба шахси газитхон мефаҳмонад, ки дигарон чӣ навъ тараққӣ карданд, ба кадом тариқ рафтанд, мо чӣ кардем, ки ин қадар қафо мондем ва чигунагии мадорис ва макотиби онҳоро ва аҳволи макотиб ва мадориси моёнро ва тариқи тартиб ва таълимро нишон медиҳад…»

Хуллас, тоҷир манфиатҳои рӯзномаро номбар мекунад ва муллоро водор менамояд, ки ба он таваҷҷуҳ намояд. Дар охир мулло аз омодагии худ ба рӯзномахонӣ хабар медиҳад. Рӯзи дигар тоҷир ба мулло аз шумораи нав мақолаи «Таддаюн ва тамаддун»-ро хонда дод.

«Мулло: - Дарвоқеъ… моён заррае хаёли тамаддун ва тараққиро ба сар надорем, ягон мактаби саноат надорем, дар мамлакатамон ягон табиби ҳозиқ намебошад, агар бошад ҳам, базӯри қуввати ақлу фаҳми худ чизе гардидааст, дар пеши муаллим рафта имтиҳон надодааст».

Тоҷир ҳам аз камбудиҳои кори тиҷорат, аз бесаводӣ зиён кашидани тоҷирони Бухоро қисса карда, сабаби инро дар он донист, ки дар Бухоро мактаби тиҷорат нест, ки фарзандонамонро дар он ҷо хононда, аз бачагӣ ба онҳо сирру асрори тиҷоратро омӯзонем.

Асари дигари бадеӣ ба шакли суҳбат-саҳнача «Мусоҳибаи ду нафар дӯсти меҳрубон» (муаллиф Р.Ё.) ном дошта, хусусияти тарбиявӣ дорад: «Ду нафар дӯсти меҳрубон Муҳаммадбек ва Акбарбек ном, ки дар як қонтур (идора) хидмат мекарданд, рӯзе бад-ин қарор гуфтугӯ намуданд:

Муҳаммадбек: - Салом алайкум, Акбар, бародар, аз дидани ту хеле масрурам.

Акбарбек: - Ваалайкум ассалом, бародари ман. Аҳволи ту чӣ тавр аст? Тамоми як ҳафта аст, ки туро дар контур намедидам».

Аз идомаи суҳбат маълум мегардад, ки Акбар аз бемории дӯсташ Муҳаммадбек истифода бурда, ӯро ба роҳбар бад карда нишон дода, ӯро аз кор холӣ ва худ ба ҷойи вай таъйин шудааст. Саҳначаи мазкур хислатҳои пасти инсонӣ, аз ҷумла, хабаркашӣ, одамфурӯшӣ ва ғаразмандиро нишон дода, ҳушдор медиҳад, ки аз одамони дорои чунин хислатҳо бояд дурӣ ҷуст. Аммо муаллиф дар тасвири ин ҳодиса ба зиёдгапӣ роҳ додааст.

Бояд гуфт, ки саҳначаҳои дар боло зикршуда он вақт қобили ба намоиш гузоштан буданд, зеро аллакай дар Қафқоз ва минтақаҳои дигари мусулмоннишини Русия театрҳо амал мекарданд ва дар бораи фаъолияти онҳо дар «Бухорои шариф» хабарҳо чоп шудаанд. Чунончи, дар яке аз хабарҳо омада, ки аввалин театри мусулмонон дар шаҳри Тифлис кушода шуда, дар он оид ба аввалин намоишноманависи мусулмон Мирзо Фатҳалӣ Охундов маълумот дода шудааст. Ҳамчунин, намоишномаи муҳаррири маҷалла Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ «Падаркуш» дар саҳнаҳои хурду бузург ба намоиш гузошта шуда буданд.

Минбаъд шаклҳои суҳбат ва намоишнома дар журналистикаи ҷавони тоҷик анъана гардид ва дар «Оина» ва «Шуълаи инқилоб» идома ёфт. Аз ҷумла, дар маҷаллаи «Оина» (1913-1915) ҳикоёти танзомез ба шакли суолу ҷавоб омадааст. Онҳо бештар аз забони ҳайвонот мебошанд. Дар онҳо масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Сарчашмаи чунин шаклҳои бадеию публитсистиро нашрияҳои пешқадами Қафқоз ва Мисру Туркия ва Эрон номидан мумкин аст. Ҳарчанд сарчашмаи чунин ҳикоят дар адабиёти форсу тоҷик аз ҳикоёти Саъдии Шерозӣ, Убайди Зоконӣ ва дигарон низ шурӯъ мешавад, аммо ба шакли рехта ва жанри алоҳида маҳз дар матбуоти охири асри нуздаҳ ва аввали қарни бистум ташаккул ёфтааст.

Намунаи аввалини он дар «Оина» ҳикояти танзомези «Ҷавоб ба муш» аст. Ба он «*Камина Гурба*» имзо гузошта шудааст (№11.1914.4 январ). Чунин ҳикоёти тамсилӣ ҳадафи муайян дошта, норасоиҳои ҷомеа, маросимҳои нодаркор ва урфу одатҳои зарарнокро мазаммат кардаанд. Бо чунин шакл дар шумораи №12, аз 11 январи соли 1914 ҳикояти «Мактуби кушода ба Муш-оғо» ба забони ӯзбекӣ дарҷ шудааст. Бештари асарҳои тамсилӣ дар шакли суҳбат таҳти рубрикаи «Суҳбат» мебошанд. Яке аз мавзуъҳои муҳимми онҳо баҳси қадиму ҷадид аст. Намунаи беҳтарини суҳбат дар ин мавзуъ асари Абдурауф Фитрат «Мунозира» буда метавонад, ки соли 1910 дар Истанбул ба нашр расидааст. Порчае аз муқаддимаи асари мазкурро устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» овардааст, ки забони шево ва таъсирбахш дорад. Он ҷо ҳам суҳбат дар мавриди қадиму ҷадид меравад ва ниҳоят намояндаи қадим-мударриси бухоройӣ ба фарангии ҷадид тан медиҳад: «Шумо хуб марди донишманде будед, воқеан, тамоми дардҳои ватану миллати моро ёфта, илоҷашро ҳам некӯ баён намудед» [1, с. 335].

Дар саҳифаҳои «Оина» муҳовараҳо ба забонҳои ӯзбекӣ ва форсӣ зиёданд. Мавзуи муҳовараи дигар низ баҳси қадиму ҷадид мебошад: «*Мулло*: - Чист ин? Газит-мӣ? *Талаба*:- Бале, тақсир, газета. *М.*: - Фавоидаш чист? *Т.:* - Яке аз фавоидаш ин ки шахси газитхон аз тамоми қоидоти ҷаҳон ва аз ҳолатҳои илмӣ, фаннӣ, иқтисодӣ ва ҷиҳатҳои сиёсӣ дар байни ҳар миллат ва ҳар давлат хабардор мегардад…» *Бухоро: Зуҳуриддин Фатҳиддинзода.* [16].

Мушоҳида мешавад, ки дар чунин суҳбатҳои сершумор мавзуъҳои муҳимми иҷтимоӣ, аз ҷумла, таълиму тадрис, тарғиби китобу матбуот муҳокима шудаанд ва ба хонанда таъсири хуб мерасонанд.

Бояд гуфт, ки дар мавриди жанри суҳбат бисёр адабиётшиносон ва муҳаққиқони тоҷик изҳори назар кардаанд. Аз ҷумла, И.Усмонов зикр мекунад, ки «мақсади суҳбат шинос кардани хонанда бо фикри мусоҳиб мебошад» [15, с. 24]. Ба андешаи Абдусаттор Нуралиев, суҳбат «ҳамчун жанри қадимтарин ва паҳншудаи матбуот имконияти васеъ дорад. Дар он на танҳо оид ба муносибатҳо ва андешаи ҳамсуҳбат дар мавриди далел ва ҳодисаҳои муҳим, балки оид ба шахсият ва ҷаҳони ботинии ӯ маълумот пайдо кардан мумкин аст» [9, с. 33]. Суҳбатҳои «Оина» дорои хусусиятҳои хосанд. Дар ин бобат Г.Дадобоева дуруст зикр карда, ки «суҳбат ва диалогҳои дар маҷаллаи «Оина» батабърасида бо мухтасарбаёнӣ, оҳангнокӣ фарқ мекунанд, дар онҳо афкор, андеша, муқоиса, ҷамъбаст ва ғайра истифода шудааст» [4, с.58]. Дар мавриди аҳамияти жанри суҳбат дар адабиёт ва журналистика муҳаққиқ А.Шехов зикр карда: «Бо роҳи суҳбат аксар вақт муаллифон ҳадаф доштанд ғояҳои ҳаракати маорифпарвариро дар байни аҳолӣ паҳн карда, мушкилоти таъсиси мактабҳои нав, нашри рӯзномаву маҷаллаҳоро ҳал намоянд. Услуби мазкур то андозае хусусияти тарғиботӣ дошт, хонанда худро дар ҷой ё мавқеи ин ё он мусоҳиб мегузорад» [18, с.13]. Илова карданием, ки дар суҳбатҳои «Оина» оҳанги бадеияти классикии тоҷик, аз ҷумла, забони «Гулистон»-и Саъдӣ мушоҳида мешавад. Забон, сабку услуби суҳбатҳои мазкур оҳангнок, образнок ва хонданбоб мебошанд ва хонанда аз онҳо лаззати зиёди эстетикӣ ва тарбиявӣ мегирад. Дар суҳбатҳо гуфтору мақол, таъбирҳои мардумӣ истифода шудаанд. Суҳбатҳо таҳти рубрикаҳои «Суҳбат», «Мубоҳиса», Мусоҳиба», «Мубоҳиса ё мусоҳиба» ва ғайра ба чоп расида, муаллифони онҳо бештар имзои мустаор доранд: «Муш-мирзо», «Пишак-сӯфӣ», «Абдулқадим», «Сомеъ» ва ғайра. Мавзуи асосии онҳо тарғиби мактабҳои усули нав, рӯзномахонӣ, баҳси қадиму ҷадид ва ғайра мебошанд. Суҳбатҳо байни Муш-мирзо ва Пишак-сӯфӣ, Талаба ва Домулло, Қадимӣ бо Ҷадидӣ ва ғайра доир мегарданд. Хусусияти барҷастаи суҳбатҳои «Оина» аз он иборат аст, ки тарафҳо ҳамдигарро таҳқир намекунанд, норасоиҳои ҳамдигарро бо нармӣ фош намуда, ба инъикоси мақсади асосии нашрия ёрӣ мерасонанд. Баҳси суннию шиъа яке мавзуъҳои муҳимми ашъор ва суҳбатҳои маҷалла мебошад, ки дар онҳо масъалаҳои илму ирфон, расму одат, бартарӣ додан ба таълими насли наврас дар ҷойи аввал меистанд.

Суҳбат, намоишномаю асарҳои саҳнавӣ ва баъзе намунаҳои насри ҳикоямонанд бо шаклу сохтори имрӯза дар адабиёти даҳсолаҳои аввали тоҷик мавҷуд набуданд. Аммо сарчашма ва заминаҳои онҳо дар адабиёти шифоҳӣ, асарҳои адибони классики тоҷик ҷой

доштанд, ки дар ин бора муҳаққиқон ишораҳо кардаанд. Чунончи, намунаҳои жанри тамоман камёфти намоишнома - матнҳои драмавии халқиро профессор Н.Нурҷонов ҷамъоварӣ карда, мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар рӯзномаҳои пешазинқилобии Осиёи Марказӣ низ суҳбату гуфтугӯҳои қаҳрамонон ҳамчун шакли нави адабӣ ба чоп расидаанд, ки намунаашонро дар «Бухорои шариф» мушоҳида кардем. Бо вуҷуди ин, муҳаққиқ Х.Асозода дуруст таъкид намуда, ки «то соли 1917 дар ҳудуди ҳафт-даҳ асари саҳнавӣ навишта» шуда бошанд ҳам, ба забони ӯзбекӣ буданд. Мавзуи ин асарҳо ба масоили муҳимми давр – «ислоҳи мазҳабӣ, ислоҳи омӯзиш дар мадрасаҳо ва ғайраҳо» [2, с. 197] оид буданд. Аммо ба андешаи муҳаққиқи зикршуда, дар ин бора, ки «намоишномаи Беҳбудӣ «Падаркуш» (1913)… аз арзишҳои адабӣ холӣ буда, тарзи баёнаш низ хеле муғлақ сурат гирифтааст» [2. с. 197], наметавон розӣ шуд. Зеро агар асари мазкур суст мебуд, шакли тоторию ӯзбекии он дар саҳнаҳои театрҳои бузурги Россия ва Осиёи Марказӣ намоиш дода намешуданд.

Намунаи аввалини насри бадеии намоишномавӣ дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» асари калони «Мусоҳибаи ислом, охунд ва ҳотифулғайб» аст, ки чопи он аз шумораи №12, 10 июли соли 1919 шурӯъ шуда, то №18, 30 августи ҳамон сол, давоми қариб ду моҳ идома ёфтааст. Маълум мешавад, ки он асари тарҷумавист, ба эҳтимоли зиёд аз туркии озарбойҷонӣ тарҷума шудааст. Номи муаллифи асар ва тарҷумони он маълум нест. Дар зерсарлавҳа омада: «Тарҷума аз асари «Ходими миллат». Асар аз ҷиҳати сохт ва мавзуъ то андозае ба суҳбатҳои зикршудаи «Бухорои шариф» (1912) ва «Оина» (солҳои 1913-1915) монанд аст. Маълум мешавад, ки маорифпарварон ва равшанфикрони охири асри XIX ва аввали асри XX бо мақсади мубориза алайҳи рӯҳониёни ифротӣ ва бедор кардани маърифати мардуми Шарқ аз ин усул зиёд истифода бурдаанд ва асари мазкур намунаи барҷастаи он мебошад. Дар он хусусияти асари намоишномавӣ пурра риоя шудааст. Шумораи қаҳрамонон маҳдуд аст, ҳамагӣ се нафар: Ислом (дини ислом) ҳамчун шахси воқеӣ, охунд (намояндаи муллоҳо) ва ҳотифулғайб (ҳотифи ғайбӣ, ки ҷисман дида нашуда, суханаш шунида мешавад) [8].

Дидан мумкин аст, ки забони асар равону шево буда, аз ҷиҳати бадеият ва услуб ҳам қобили мулоҳиза аст. «Алломаи 18-газа, «лабҳои чарбу равғанӣ» барин ифодаҳо, «гардан ба монанди гардани гов», «рӯят сиёҳ бод» барин суханҳои образноку халқӣ дар он зиёд истифода шудаанд. Баъзе ифодаву тасвирҳо ба гуфтори мардуми эронӣ шабоҳат доранд. Тахмин кардан мумкин аст, ки тарҷумаи форсӣ истифода шудааст. Аммо барои тоҷикони моваруннаҳрӣ ҳам фаҳмост.

Ҳамин тавр, намунаи жанрҳои нави насрӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» ва маҷаллаҳои «Оина», «Шуълаи инқилоб» аз руҷӯъҳои лирикӣ, «Насри мансур», ҳикоятҳо, суҳбат, саҳначаҳои хурд, намоишномаҳо иборатанд. Намунаи жанри ҳикоя дар шакли имрӯза ба чашм нарасад ҳам, порчаҳои хурди бадеӣ нишонаи оғози жанри ҳикоя буда метавонанд. Ҳамаи ин аз саҳми назарраси нашрияҳои пешазинқилобӣ ва аввалиинқилобии тоҷик дар пайдоиш ва ташаккули жанрҳои нави адабиёт ва журналистикаи тоҷик дарак медиҳад. Бинобар ин, қавли муҳаққиқ М.Шакурӣ дуруст аст, ки: «бо пайдоиши рӯзномаву маҷаллаи «Бухорои шариф», «Самарқанд», «Оина» жанри нави публитсистикаи маорифпарварӣ-равшангарӣ падид меояд» [19. с. 401-402].

Гуфтан мумкин аст, ки намунаҳои аввалини жанрҳои дар адабиёти тоҷик нисбатан нави насрии намоишнома, суҳбат, сафарнома, лавҳа (руҷӯъ) ва ҳикоя маҳз дар нашрияҳои нахустини тоҷикӣ «Бухорои шариф», «Оина» ва «Шуълаи инқилоб» ба нашр расидаанд ва ташаккул ёфтаанд. Минбаъд анъанаи мазкурро маҷаллаҳои «Дониш ва омӯзгор», «Раҳбари дониш» дар солҳои 1926-1927 идома доданд, ки ин мавзуи алоҳида аст.

Муқарриз: Олимӣ Х.Ҳ., д.и.ф., дотсент

Адабиёт:

1. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик / С.Айнӣ. - Душанбе: Адиб, 2010. - 448 с.
2. Асозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик (Давраи нав) / Х.Асозода. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. - 672 с.
3. Бухоройӣ А. Киноят / А.Бухоройӣ // Оина. – 1914. – 1 март. - №19.

4. Дадобоева Г. Ойина»-родоначальник журнальной периодики Средней Азии. / Г.Дадобоева. - Душанбе: Ирфон, 2018. - 72 стр.
5. Мим. Қо. Хоб / Қо. Мим // Оина. – 1914. – 24 апрел. - №27.
6. Муаббир. Таъбири хоби мушавваш / Муаббир // Бухорои шариф. – 1912. - №80.
7. Муродӣ М. Асосҳои эҷоди журналистӣ / М.Муродӣ. - Душанбе: Ирфон, 2014. - 256 с.
8. Мусоҳибаи ислом, охунд ва ҳотифулғайб. Шуълаи инқилоб. – 1919. 10 июл. - №12.
9. Нуралиев А. Жанрҳои ахбории матбуот / А.Нуралиев. - Душанбе: Ирфон, 1988. – 126 с.
10. Роҷӣ Ф. Дузд ва рӯбоҳ / Ф.Роҷӣ // Оина. – 1915. – 14 январ. - №7.
11. Роҷӣ Ф. Хоби неку ба об бояд гуфт / Ф.Роҷӣ // Оина. – 1915. – 14 январ. - №7.
12. Самад В. Аз қаъри Хазар то авҷи Зуҳал / В.Самад. - Душанбе: Маориф, 1991. - 220 с.
13. Сироҷ М. Хаёли мушавваш / М.Сироҷ // Бухорои шариф. – 1912. – 6 июн. - №74.
14. Сироҷ М. Хоби мушавваш. Мобаъд хаёли мушавваш / М.Сироҷ // Бухорои шариф. – 1912. - №79
15. Усмонов И.К. Жанрҳои публитсистика / И.К.Усмонов. -Душанбе: Адиб, 2009. - 138 с.
16. Фатҳиддинзода З. Туркистонӣ-эронӣ / З.Фатҳиддинзода // Оина. – 1914. – 28 июн. - №36.
17. Хуқандӣ З.М. Мусоҳибаи илмия ва баёни ташаккур / З.М.Хуқандӣ // Оина. – 1914. – 6 ноябр. - №1.
18. Шехов А. А. Равобити адабӣ ва зуҳури он дар маҷаллаи «Ойина» / А.А.Шехов // Номаи донишгоҳ. - Хуҷанд, 2011. - №2.
19. Шукуров М. (М.Ш.Бухороӣ). Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист / М.Шукуров. - Душанбе: Пайванд, 2006. - 456 с.

ШАКЛГИРИИ АНВОИ ТОЗАИ НАСРИ БАДЕЙ ДАР МАТБУОТИ НАХУСТИНИ ТОҶИК («Бухорои шариф», «Оина» ва «Шуълаи инқилоб»)

Намунаҳои аввалини асарҳои насри бадеӣ дар нашрияҳои нахустини тоҷикӣ - рӯзномаи «Бухорои шариф», маҷаллаҳои «Оина» ва «Шуълаи инқилоб» аз публитсистика, тарона-лавҳа, ҳикоя, намоишнома, суҳбат, саҳначаҳо ва жанрҳои дигари бадеиву журналистӣ иборатанд. Дар ин бобат дар адабиётшиносии тоҷик таҳқиқоти муфассал анҷом дода нашудааст. Яке аз шаклҳои ҷолиб, ки намунаҳояшро дар адабиёти классикии тоҷик дидан мумкин аст, ҳикоятҳои устуравӣ мебошанд, ки аз тасвири хобу таъбири он иборатанд. Намунаҳои нахустини ин жанр дар рӯзномаи «Бухорои шариф» мавҷуданд, ки бо услуби хоси публитсистиву бадеияти баландашон фарқ мекунанд. Онҳо ба мавзуи асосии рӯзнома - мактабу маориф, тарғиби илму дониш бахшида шудаанд. Сипас, услуби мазкур дар маҷаллаи «Оина» ба кор рафт. Дар «Хоб» ном асари ин маҷалла андешаҳои тараққипарварӣ ва маорифпарварона баён гаштааст. Аз ҷиҳати сабку услуб он то андозае ба памфлету ҳаҷвияҳои хурди имрӯза монанд мебошад.

Намунаи дигари барҷастаи асарҳои насрӣ дар «Бухорои шариф» таронаҳо ё руҷуъҳои лирикӣ таҳти унвони «Шеъри мансур» мебошанд, ки то он вақт дар адабиёти тоҷик маъмул набуд. Чунин шакли бадеию публитсистиро муҳаққиқони соҳаи журналистика лавҳа, лавҳаи лирикӣ низ номидаанд. Намунаҳои беҳтарини чунин таронаҳо-руҷуъҳои лирикӣ ба қалами Мирзо Ҷалол оиданд.

Жанри дигари бадеӣ суҳбат аст, ки бори аввал дар «Бухорои шариф» истифода шудааст. Дар мақолаи мавриди назар суҳбат ба намуди публитсистию бадеие дохил гардида, ки дар он хусусияти драмавӣ-саҳначаи бадеӣ низ дида мешавад.

Минбаъд шакли суҳбат дар журналистикаи тоҷик анъана гардид ва дар «Оина» ва «Шуълаи инқилоб» идома ёфт. Аз ҷумла, дар маҷаллаи «Оина» ҳикоёти танзомез ба шакли суолу ҷавоб омадааст ва аз забони ҳайвонот мебошад. Дар онҳо масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Сарчашмаи чунин шаклҳои бадеию публитсистиро нашрияҳои Қафқоз ва Мисру Туркия ва Эрон донистан мумкин аст. Ҳарчанд намунаи онҳо

дар осори Саъдии Шерозӣ, Убайди Зоконӣ ва дигар классикон низ мушоҳида мешаванд. Намунаи аввалини он дар «Оина» ҳикояти танзомези «Ҷавоб ба муш» аст. Чунин ҳикоёти тамсилӣ ҳадафи муайян дошта, норасоиҳои ҷомеа, маросимҳои нодаркор ва урфу одатҳои зарарнокро мазаммат кардаанд. Мавзуъҳои муҳимми онҳо аз баҳси қадиму ҷадид, таълиму тарбия, рӯзномахонӣ мебошанд.

Калидвожаҳо: *асарҳои насрӣ, ҳикоёти устуравӣ, хобу хоббинӣ, ҳикоёти тамсилӣ, тарона, суҳбат, намоишнома, саҳнача.*

ФОРМИРОВАНИЕ НОВЫХ ЖАНРОВ ХУДОЖЕСТВЕННОЙ ЛИТЕРАТУРЫ В ПЕРВОЙ ТАДЖИКСКОЙ ПРЕССЕ («Бухарои шариф», «Оина» и «Шуълаи инкилоб»)

Первыми образцами художественных произведений в первых таджикских изданиях - газете «Бухараи Шариф», журналах «Оина» и «Шуълаи инкилоб» являются публицистика, песни, рассказы, пьесы, интервью, пьесы и другие жанры искусства и журналистики. Подробных исследований по этому вопросу в таджикской литературе не проводилось. Одной из наиболее интересных форм, примеры которой можно найти в классической таджикской литературе, являются устойчивые рассказы, состоящие из описания снов и их толкования. Первые образцы этого жанра можно найти в газете «Бухараи Шариф», отличающихся публицистическим и высокохудожественным стилем. Они посвящены основной теме газеты - школе и образованию, популяризации науки и знаний. Позже этот стиль был использован в журнале «Оина». В этом журнале «Хоб» выражены идеи развития и воспитания. По стилю он чем-то похож на сегодняшние брошюры и небольшие анекдоты.

Еще один выдающийся образец прозы в «Бухараи Шариф» - лирические гимны или стихи под названием «Шеъри мансур», до того времени не пользовавшиеся популярностью в таджикской литературе. Исследователи в области журналистики также назвали эту форму искусства и публицистики - публицистикой и лиризмом. Лучшие образцы таких песен - лирические стихи Мирзо Джалала.

Другой художественный жанр беседа, впервые использованный в «Бухараи Шариф». Данная статья представляет собой беседу в журналистской и художественной форме, которая также показывает драматизм художественной сцены.

С тех пор такая форма разговора стала традицией в таджикской журналистике и продолжилась в «Оина» и «Шуълаи инкилоб». В частности, в журнале «Оина» регулярный рассказ ведется в форме вопросов и ответов на языке животных. На них обсуждались общественно-политические вопросы. Истоки таких форм искусства и журналистики можно найти в публикациях Кавказа, Египта, Турции и Ирана. Хотя их примеры можно найти в произведениях Саади Шерози, Убайди Закани и других классиков. Первый пример в «Оина» - регламентированный рассказ «Ответ мышке». Такие притчи имеют цель и осуждают недостатки общества, ненужные ритуалы и вредные обычаи. Их самые важные темы - это древние и современные дебаты, образование и чтение газет.

Ключевые слова: *прозаические произведения, повествование, сны, басни, песни, беседы, пьесы, сценки.*

FORMATION OF NEW GENRE OF ARTISTIC LITERATURE IN THE FIRST TAJIK PRESS ("Bukharai Sharif", "Oina" and "Shulai Inkilob")

The first examples of works of art in the first Tajik publications - the «Bukharai Sharif» newspaper, the «Oina» and «Shulai Inkilob» magazines - are journalism, songs, stories, plays, interviews, plays and other genres of art and journalism. In this regard, no detailed research has been carried out in the Tajik literature. One of the most interesting forms, examples of which can be found in classical Tajik literature, are enduring stories, consisting of descriptions of dreams and their interpretation. The first examples of this genre are in the newspaper "Bukharai Sharif", which is distinguished by its unique journalistic and artistic style. They are devoted to the main topic of the newspaper - school and education, popularization of science and knowledge. This style was later

used in «Oina» magazine. This magazine "Khob" expresses the ideas of development and education. In style, it is somewhat similar to today's brochures and small anecdotes.

Another outstanding example of prose in «Bukharai Sharif» is lyrical hymns or poems called «Sheri Mansur», which were not popular in Tajik literature until that time. Journalism researchers have also called this form of art and journalism journalism and lyricism. The best examples of such songs are the lyric poems of Mirzo Jalal.

Another artistic genre is conversation, first used in «Bukharai Sharif». This article is a conversation in a journalistic and artistic form, which also shows the drama of the art scene.

Since then, this form of conversation has become a tradition in Tajik journalism and continued in «Oina» and «Shulai Inkilob». In particular, the magazine "Oina" has a regular story in the form of questions and answers in the language of animals. They discussed social and political issues. The origins of such forms of art and journalism can be found in publications from the Caucasus, Egypt, Turkey and Iran. Although their examples can be found in the works of Saadi Sherozi, Ubaidi Zakani and other classics. The first example in "Oina" is the regulated story "Answer to the Mouse". Such parables have a purpose and condemn the shortcomings of society, unnecessary rituals and harmful practices. Their most important topics are ancient and modern debates, education and newspaper reading.

Keywords: *prose works, narration, dreams, fables, songs, conversations, plays, plays.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Салими Хатлонӣ *- Донишгоҳи байналмилалии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёт. Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, ул. Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: (+992) 883001154*

Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимович – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, декани факултети филология ва рӯзноманигорӣ. Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, ул. Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: (+992) 904-10-85-85. E-mail: vorisonisomoni@mail.ru

Сведения об авторах: Салими Хатлони *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, доктор филологических наук, профессор кафедры теории и истории литературы. Адрес: 734019, г. Душанбе, ул. Муохаммадиева, 17/6. Тел.: (+992) 883001154*

Абдурахимов Бахтиёр Абдурахимович – Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, декан факультета филологии и журналистики. Адрес: 734019, г. Душанбе, ул. Муохаммадиева, 17/6. Тел.: (+992) 904-10-85-85. Электронная почта: vorisonisomoni@mail.ru.

Information about the authors: Salimi Khatloni *– Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and History of Literature. Address: 734019, Dushanbe, st. Muhammadiev, 17/6. Tel.: (+992) 883001154.*

Abdurakhimov B.A. *- Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, Dean of the Faculty of Tajik Philology. Address: 734019, Dushanbe, st. Muhammadiev, 17/6.Phone: (+992) 904-10-85-85. E-mail: vorisonisomoni@mail.ru*

ТДУ: 891.550

АҲАМИЯТИ ОМӮЗИШИ СИМОИ ВОҚЕЙ ВА БАДЕИИ ҚАҲРАМОНИ МИЛЛӢ ВОСЕЪ

Ашурова Матлуба Бобомуродовна
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар бораи шӯриши Восеъ дар солҳои ҳаштодуми асри нуздаҳ дар ҳудуди Аморати Бухоро, шахсияти Восеъ, симои воқеии ӯ дар тасаввури мардум ва образи бадеии ӯ дар адабиёти шифоҳӣ ва хаттии тоҷик матолиби зиёд мавҷуданд, аммо матолиби дастрас ҷамъбаст ва хулоса нашуда, як симои воқеӣ ва таърихӣ, ҳамчунин, бадеии Восеъ таҷассум наёфтааст. Аз ин рӯ, акс ва муҷассамаи ҳақиқии ин қаҳрамони миллӣ, ҳарчанд аз ҳалокаташ вақти зиёд нагузаштааст (ҳамагӣ тахминан яксаду чил сол), то ба ҳол арзи вуҷуд надорад. Ҳадафи асосии таҳқиқот аз он иборат аст, ки бо ҷамъбасти ковишу ҷустуҷӯҳои муҳаққиқон ва симои хотиравию офаридаи халқ, адибон, санъаткорон тарҳи ба воқеият наздики қаҳрамони миллиро пешниҳод намоем. Зеро Восеъ дар таърихи муборизаҳои халқ барои озодӣ, раҳоӣ аз зулму асорат, дар ҳақиқат, як симои ҳақиқӣ, воқеӣ ва миллии халқи тоҷик ба ҳисоб меравад, ки дар муқоиса бо қаҳрамонони дигари миллӣ аз устура, ривоят, гуфторҳо то андозае барӣ буда, дар ёди халқ ба таври воқеӣ боқӣ мондааст. Ҳол он ки қаҳрамонони зиёди дигари халқи тоҷик, монанди Рустами Дастон, Суҳроб, Самаки айёр, Шерак, Муқаннаъ, Деваштич, Исмоили Сомонӣ, Темурмалик хусусияти устуравию ривоятию достонӣ ва шифоҳӣ дошта, симои ҳақиқӣ, воқеӣ ва таърихии онҳо камтар пеши назари хонанда ва бинанда аст. Ҳарчанд дар васфи онҳо нақлу ривоятҳои шифоҳию китобӣ, суруду достонҳои зиёд мавҷуд буда, ба забонҳои гуногуни ҷаҳон тарҷума шуда, ба китобҳои дӯстдоштаи мардуми дунё табдил ёфтаанд, симои воқеии онҳоро мо дар даст надорем. Дар бораи зиндагиву симои аслии ҳеч яки онҳо, на устуравию на воқеӣ таҳқиқоти комили илмӣ анҷом дода нашудааст. Аммо Восеъ шахси дигар мебошад. Ӯ, пеш аз ҳама, шахси воқеӣ буда, замони зиндагӣ, ҷойи таваллуд ва кору фаъолият, хешу табор ва наздиконаш аниқ аст; баробари ин, то солҳои наздик онҳое, ки мавсуфро дидаанд, дар қайди ҳаёт буданд. Хушбахтона, агар образҳои Рустам, Суҳроб, Шерак, Спитамен, Темурмалик, Деваштич то андозае хусусияти устуравӣ, мифологидошта бошанд, қаҳрамони халқи тоҷик Восеъ шахси воқеӣ аст, зодгоҳ, таваллуд ва вафоташ маълум мебошад, аз ин рӯ, омӯзиши дақиқ ва тасвири симои ҳақиқии ӯ зарур ва муҳим арзёбӣ мешавад. Чӣ тавре муҳаққиқ Ҳафиз Раҳмон қайд кардааст: “дар таърихи тоҷикон номҳое, аз қабили Восеъ, Шерак, Спитамен, Темурмалик, Деваштич абадуддаҳр дар ҳофизаи мардум пойдор хоҳанд монд” [30, с.41]. Дар ҳақиқат, ин номҳо фаромӯшнашаванда буда, на танҳо дар саҳифаҳои таърих ва таърихномаю достонҳои шифоҳию китобӣ, балки дар дили мардум устувор ҷой гирифтаанд ва мегиранд. Баробари ин, симои Восеъ дар фолклор ва адабиёти бадеиву театру кино хуб офарида шуда, ҳаёту фаъолият ва қаҳрамониҳои ӯ то андозае мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Бо вуҷуди ин, то ба имрӯз давоми зиёда аз сад сол ҳаёти Восеъ аз ҷиҳати илмию таърихӣ таҳқиқ нашудааст. Вақти он расида, ки дар бораи ҳар яке аз ин қаҳрамонони миллии халқи тоҷик таҳқиқотҳои таърихию адабиётшиносӣ анҷом дода шаванд. Чунин асарҳо барои шиносонидани симои ҳақиқии инсонҳои қаҳрамон, бедории ҳофизаи таърихӣ, муайян кардани ҳадафу ғояи халқ, бедории ҳисси миллӣ, хештаншиносӣ ва ватандӯстии мардум нақши босазо хоҳанд гузошт.

Муҳимтар аз ҳама, аҳамияти омӯзиши мавзуи мазкур дар тарбияи ватандӯстӣ, озодихоҳӣ, дар шароити имрӯзаи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати мустаҳкам намудани давлатдорӣ ва равона намудани қувваю истеъдоди насли наврас ва ҷавонони тоҷик барои ҳифзи он хеле бузург мебошад.

Корномаҳои муборизони роҳи адолат бо номҳои “Шӯриши Нозим”, “Шӯриши Қаландар”, “Шӯриши Усмон”, “Шӯриши Восеъ” ва ғайра фаромӯш нашуда, мардум онҳоро дар ёд доранд. Махсусан, шӯрише, ки дар нимаи дуюми солҳои ҳаштодуми асри нуздаҳ дар қисмати ҷанубии Тоҷикистони имрӯза таҳти роҳбарии Восеъ ба вуқуъ пайваст, дар адабиёти шифоҳӣ равшан тасвир ва бо обуранги бадеӣ сайқал ёфта, дар бисёр асарҳои бадеии адибон

инъикос гардидааст. Аллома Бобоҷон Ғафуров дар байни шӯришҳои зиёди меҳнаткашон шӯриши Восеъро алоҳида ва махсус ёдовар шуда: ”Ҳаракати ҳақиқии халқӣ ин шӯриши деҳқононест, ки бо роҳбарии Восеъи камбағал соли 1885 дар бекигарии Балҷувон ба амал омада буд” [9, с.215]. Ёдоварии ин ҳодиса аз тарафи таърихшиноси бузург, Қаҳрамони Тоҷикистон бесабаб нест. Ин воқеа дар таърихи халқи тоҷик яке аз саҳифаҳои мондагор ва бошараф ба ҳисоб меравад, ки аз он бояд омӯхту таҷриба бардошт. Ҳамин тавр, “яке аз ҳодисаҳои таърихие, ки дар миёнаҳои солҳои 80-уми асри 19 дар Бухорои Шарқӣ воқеъ шуда, пояи ҳукумати амирии Бухороро ба ларза овард ва баъдҳо таваҷҷуҳи сиёсатмадорон, адибон ва олимонро ҷиддан ба худ ҷалб намуд, шӯриши мардуми кӯҳистон, бо сарварии Восеъ мебошад” [27, с.5]. Вазифаи таҳқиқоти мо аз ҷамъбасти таҳқиқоту эҷоди аҳли илму адаб, сиёсатмадорон ва ҷомеашиносон, эҷодиёти даҳонакии халқ оид ба корномаи Восеъ ва тавассути онҳо ба вуҷуд овардани симои воқеии қаҳрамон ва зимни он тарбияи ватандӯстӣ ва ҳифзи адолату оромии мамлакат мебошад.

Бояд гуфт, ки таваҷҷуҳи аҳли илму адаби тоҷик ба образи Восеъ барвақт, замоне ки аз ҳодиса вақти зиёд нагузашта буд, шурӯъ шудааст. Нахустин асари бадеӣ ва китобӣ дар бораи Восеъ намоишномаи А.Фитрат “Шӯриши Восеъ” (соли 1927) аст, ки ба муносибати даҳсолагии инқилоби октябр ба теъдоди 2070 нусха чоп шуд [29, с.59-93]. “Бино ба хабари рӯзномаи “Овози тоҷик”, ин намоиш аввалин маротиба 30-юми январи соли 1928 аз тарафи хонандагони курси марказии таълиму тарбияи тоҷикон ва баъзе аз ҳаваскорони дигар, дар кохи коргарони Самарқанд ба саҳна гузошта шуд” [26, с.136]. Аҳамият ва овозаи шӯриши Восеъ то андозае баланду паҳншуда буда, ки ҳатто, нафаре аз пантуркистони гузаро, яке аз саромадони он – ин ҷараёни зиддитоҷикӣ, ба ҳар ҳол донишманди намоёни давр Абдурауф Фитрат ба кору корномаи намояндаи халқи тоҷики кӯҳистон рӯй овард. Ин ҷо сабаб нахуст *сиёсӣ* буда метавонад, яъне, дар охири он сол даҳсолагии Инқилоби октябр ҷашн гирифта мешуд. Аз ин бармеояд, ки дар он вақт мардум, зиёиён воқеаи Восеъро хуб дар ёд доштанд. Баъди зинда кардани номи халқи тоҷик ҳамчун яке аз халқҳои қадимаи Осиёи Миёна ва ёдоварии дастовардҳои ин халқ аз тарафи адибону олимоне чун устод Айнӣ ва Бартолд қаҳрамонии як нафар фарзанди кӯҳистони тоҷик, ки дар он ҳудуд Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон таъсис ёфта буд, Фитратро водор кард, ки аввалин шуда, ба тасвири ин воқеа даст занад. Ба вуҷуд омадани намоишномаи мазкури “Шӯриши Восеъ” аз ҳодисаҳои муҳимми сиёсии солҳои бистум ба ҳисоб меравад. Сабаби дувум, *заминаи иҷтимоӣ* дорад: халқи одӣ, деҳқонон ва фақирони тоҷик баъди соҳибдавлат шудан (соли 1924) бар ғояи асосии шӯриш, ки ғолиб омадан бар синфи истисморгар буд, ноил гардиданд. Дар натиҷа ҳодисаи машҳури чанд вақт пеш бавуқуъпайваста – шӯриши Восеъ, ба ёд расида, дар ин бора як қатор асарҳо ба вуҷуд омаданд.

Намоишномаи дувум ба ҳамин ном – “Шӯриши Восеъ” ба қалами Ғанӣ Абдулло буда, соли 1937 таълиф шудааст. Он худи ҳамон сол дар Душанбе ба саҳна гузошта шуда бошад ҳам, баъди сиёҳ кардани номи муаллиф аз саҳна бардошта шуд ва то ҳол матни он дастрас нест. Муҳаққиқ С.Эмомалӣ барои дарёфти асари мазкур саъю кӯшиш дорад.

Баъдан устод Мирзо Турсунзода ва П.Деҳотӣ солҳои 1938-1939 драмаи мусиқии “Шӯриши Восеъ” ва дар асоси он солҳои 1939-1940 либреттои операи “Шӯриши Восеъ”-ро эҷод бинмуданд, ки шуҳрати зиёд пайдо кард [28,с.93-127].

Вобаста ба шурӯи Ҷанги Бузурги Ватанӣ таваҷҷуҳ ба образи қаҳрамонони миллӣ боз ҳам афзуда, дар бораи онҳо асарҳои мондагор ба вуҷуд омаданд. Ин асарҳо бо ҳофизаи халқ, ки дар асарҳои шифоҳии фолклорӣ ифода меёфт, якҷоя шуда, ба диловарию устувории халқ замина гардиданд.

Яке аз махсусиятҳои муҳимми шӯриши Восеъ аз он иборат аст, ки он, пеш аз ҳама, аз тарафи халқ, бо эҷоди шеъру ривоятҳои гуногун ҷовидонӣ гардид. Умуман, дар тамоми минтақаҳои тоҷикнишини Осиёи Миёна аз тарафи халқ эҷод шудани байту рубоӣ ва ашъори халқӣ ба ҳукми анъана даромадааст. Дар минтақаҳои ҷануби Тоҷикистон, аз ҷумла, Ховалингу Балҷувон бошад, қабл аз ҳама, байту достонҳо дар бораи корномаи Восеъ ва ёронаш мебошад. Ин аст, ки образи Восеъ дар навбати аввал дар эҷодиёти даҳанакии халқ

васеъ, дуруст ва равшан офарида шудааст. Зеро “халқ ҳеч гоҳ корнамоиҳои фарзандони далери худро фаромӯш нахоҳад кард. Ёддоштҳои халқ барои муайян кардани сабабҳои сар задани шӯриш, таърих ва сабабҳои шикасти он маъхази муҳим ба шумор меравад” [26, с.113]. Ин аст, ки минбаъд тамоми таҳқиқотчиён зимни омӯзиши мавзуи мазкур дар навбати аввал ба эҷодиёти даҳанакии халқ рӯй оварданд. Вобаста ба ин, аз ибтидои солҳои сиюм дар рӯзномаю маҷаллаҳо ва маҷмуаю китобҳои дарсӣ намунаи сурудҳои халқӣ доир ба шӯриши Восеъ чоп шудан гирифтанд. Аввалин маротиба соли 1930 дар маҷаллаи “Раҳбари дониш” бо пешгуфтори С.Раҳимӣ 35 тарона аз шӯриши Восеъ пешниҳод гардид [22, с. 6-10]. Соли 1943 (ё 1934) нахустин маҷмуаи эҷодиёти шифоҳии халқ “Адабиёти даҳанакӣ” (мураттиб О.Исматӣ) ба табъ расид, ки 28 банд суруди “Шӯриши Восеъ”-ро бо номи “Таронаҳои халқ дар хусуси Восеъ” дар бар мегирифт. Ба қавли муратиб, шӯриш пахш шуда бошад ҳам, “мардикорон ва деҳқонони меҳнаткаши халқи тоҷик онро фаромӯш накарда ва бо номи Восеъ таронаҳо сохтанд” [14,с.6]. Аз ҷумла, банди зерини машҳур оварда шудааст:

Восеъ сари сангонай,
Пои аспаш лангонай,
Ҳудуш марди майдонай [14, с.12].

Маҷмуаи мазкур кам бошад ҳам, аввалин ёдоварии ҳодисаи шӯриши Восеъ ба таври расмӣ аз рӯи эҷодиёти халқ мебошад. Баъдан китоби Л.Бузургзода ва Р.Ҷалилов “Инъикоси шӯриши Восеъ дар фолклор” (соли 1941) дар Ленинград чоп шуд.

Бо вуҷуди ин, дар солҳои сиюму чилум муҳаққиқони тоҷик, асосан, намунаҳои эҷодиёти халқро дар бораи шӯриши Восеъ ҷамъ оварда, худи ҳодиса, образи қаҳрамонҳои асарро пурраву ҳаматарафа, мазмуну ғоя ва ҳадафи эҷоди чунин асарҳоро намеомӯхтанд. Аз ин рӯ, мулоҳизаи муҳаққиқ Мурод Муродӣ дуруст аст, ки дар асараш “Тақриз дар матбуоти даврии тоҷик (солҳои 1920-1930) чунин ишора кардааст: "Тақризҳои “А.Болдиров “Дар бораи “Шӯриши Восеъ” ва “Эпоси даҳанакии халқ” [6, с. 14-15 ва 5, с. 37-38] аз намунаи навиштаҳои танқидии марбут ба асарҳои фолклорианд. Мақолаҳои А.Болдиров сабабҳо ва таърихи навишта шудани “Эпоси Гурӯғлӣ” ва “Шӯриши Восеъ”-ро дар бар гирифта, муаллиф мазмун, мундариҷа, сюжет, забон ва амалиётҳои қаҳрамонҳоро нақл мекунад. Ин мақолаҳо тобиши муаррифиро гирифта, мақсади онҳо на таҳлили асар, балки ба хонанда шинос намудани мазмуни китобҳо аст” [18, с. 159]. Хуллас, намунаҳои эҷодиёти халқ ва тақризу мақолаҳои аввалин дар бораи Восеъ хусусияти илмӣ надошта, танҳо бо мақсади шиносоӣ ба нашр расидаанд.

Бо вуҷуди ин, гуфтан мумкин аст, образи Восеъ дар фолклори тоҷик аз ҳама бештар ва барҷаста тасвир гардида:

Зулми амирон, ки ҳудудаш набуд,
Косаи сабри фуқаро пур намуд.
Восеи батрак, писари Балҷувон
Сар шуду сарбоз ба пиру ҷавон [26, с.109].

Аз ин банди шеър, ҳатто, баромади иҷтимоии Восеъ маълум шуда: ӯ аз байни мардум, аҳолии камбизоат (батрак) мебошад. Ҳамчунин, аз намунаҳои эҷодиёти даҳанакии халқ маълум мегардад, ки аксари мардуми он минтақаи кишвар аз баргузории шӯриш воқиф шуда буданд ва ба он назари хешро ифода мекарданд. Ин аст, ки муҳаққиқон ба хулоса омаданд, ки “шӯришгарон ҳанӯз ба қалъаи Балҷувон ҳуҷум накарда, мардум дар бораи Восеъ ва дӯстону ҳаммаслакони ӯ суруд мегуфтанд ва ҳикоёти ҷолиб нақл мекарданд, аз ҷумла:

Восеъ мега: ма мирум,
Мулло Назир вазирум,
Балҷувона мегирум [26, с.111].

Дар ин банд шеър аз нияту мақсади шӯришчиён ва тартиби корашон сухан меравад. Ҳарчанд дар бораи нақшаву тартиби фаъолияти онҳо маводи нависторӣ ё оморӣ боқӣ намондааст, аз фолклори халқ дар ин маврид матолиби даркорӣ ба даст овардан мумкин мебошад. Аз шеърҳои халқӣ бармеояд, ки мардум бовар доштанд ӯ онҳоро ба роҳи рост

раҳнамоӣ карда, ба мубориза алайҳи золимон бархезондааст. “Халқ дар сурудҳо қудрату тавоноии Восеъ, ҳиммaтбаландӣ, ҳақиқатпарастӣ, ҷасорати ӯ ва дигар хислатҳои хоси қаҳрамонро воқеъбинона тараннум кардааст” [26, с. 112]. Аз чунин шеърҳои халқӣ портрети Восеъро ҳам ба вуҷуд овардан мумкин аст: ӯ *сабзинарӯ, чорпаҳлӯ, миёнсол* буда, симои баҳодурона доштааст. Вақте ки муҷассамасозон ҳайкали ӯро метарошанд, санъаткорон симои ӯро меофаранд, бояд чунин ишораҳои байтҳои халқиро ба ҳисоб гиранд.

Н.Маъсумӣ соли 1950 бо номи “Шӯриши Восеъ ва сурудҳои таърихӣ” асаре навишт, ки ба қавли Б.Шермуҳаммадов, “то имрӯз ягона таҳқиқоти муфассал дар бораи “Сурудҳои шӯриши Восеъ” мебошад” [32, с.96]. Ба қавли Н.Маъсумӣ, сурудҳои мазкур дар асоси воқеаҳо суруда шуда, “қатъи назар аз он ки асари бадеиянд, ба ҳодиса, воқеа, мавриду лаҳзаҳои шӯриш хеле мутобиқат доранд ва ба ҳақиқати воқеӣ хеле наздиканд” [16, с.70]. Ҳамин тавр, “Ҳамаи он корномаҳое, ки мардуми тоҷик дар давоми солиёни зиёд аз сар гузаронидаанд, хусусан, шӯриши озодихоҳонаи мардуми кӯҳистони тоҷик бо сарварии Восеъ дар хотири халқ дар шакли суруду достон, ёддошту ривоят абадӣ нақш бастаанд” [16, с.114]. Бинобар ин, ҳангоми ба вуҷуд овардани симои воқеии Восеъ бояд дар навбати аввал сурудҳои халқӣ омӯхтаю ҷамъбаст карда шаванд.

Баробари эҷодиёти даҳанакии халқ ашъори шоирони халқӣ дар бораи Восеъ низ ҳамчун далел ва матолиби муҳим хизмат карда метавонанд. Ашъори чунин шоирон дар ду маҷмуа, ки “Восеънома” ном доранд, дарҷ шудаанд. Маҷмуаи аввалин “Восеънома”-и Б. Шермуҳаммадов аст, ки соли 1985 интишор гардида. Дар як боби он бори аввал ашъори шоирони халқӣ дар бораи Восеъ ҷой дода шудааст [8]. Аз ҷумла, дар маҷмуаи мазкур достонҳои шоирони халқӣ Бобоюнус Худойдодзода ва Қурбоналӣ Раҷаб дарҷ гардидаанд. Чунончӣ, Б.Худойдодзода “Достони Восеъ”-ро дар асоси мушоҳидаҳои шахсӣ, муҳтавои сурудҳои таърихӣ ва ёддоштҳои муосирони қаҳрамон эҷод кардааст. Ин достонро бори аввал Л.Бузургзода, Р.Ҷалилов ва Чейлитко соли 1939 аз забони ин ҳофиз навишта гирифта буданд. Достони мазкур барои муайян кардани бисёр лаҳзаю воқеаҳои шӯриш, кашфи ному маҳалҳо, ҷою макон, мубориза задухӯрди персонажҳо ва тасвири муносибатҳои гуногуни иҷтимоӣ низ ёрӣ мерасонад. Яке аз хислатҳои асосии Восеъ дар он аст, ки ӯ бо кору рафтори хеш эҳтиром ва бовари мардумро ба даст овардааст ва обрӯи ӯ “дар назди ҷамъият боз ҳам меафзояд”. Баъди ин соли 2022 “Восеънома”-и С. Эмомалӣ ба нашр расид, ки нисбатан мукаммал буда, дар он илова ба ашъори шоирони халқӣ ашъори шуарои касбии тоҷик низ ба чашм мерасанд [27].

Бояд гуфт, ки андешаву афкори халқ ва қаҳрамони миллӣ ҳамеша ба ҳам мувофиқ ҳастанд. Ин аст, ки дар мавриди образи Восеъ дар романи ҳамноми С.Улуғзода М.Шакурӣ фармуда: “Масъалаи қаҳрамон ва халқ дар романи “Восеъ” аз масъалаи асосист” [33, с.318]. Восеъ ошкоро ба ҳамдеҳагон муроҷиат карда, ба онҳо роҳ нишон медиҳад, ба мубориза даъват мекунад: “Дар зулмат накунен кор”. Ҳамчунин, аз пораҳои алоҳидаи достони зикршудаи Б.Худойдодзода бармеояд, ки “муборизаи Восеъ моҳияти иҷтимоию сиёсӣ дорад” [26, с.116]. Дар сурудҳои мардумӣ, достонҳои шоирони халқӣ ва асарҳои бадеӣ мардонагӣ ва матонати Восеъ чунон тасвир шуда, ки ӯ аз ҳокимон заррае ҳарос надорад, ҳатто, дар пояи дор бо сари баланд меистад: “Мир аз Восеъ чунон дар ҳарос аст, ки ҳатто, назди паҳлавони даступобаста худро аз хатар эмин намедонад: Қариб он мир аз тарсаш бихезад; Қариб аз пеши Восеъ ӯ гурезад” [26, с.119]. Ин ҷо мазмуни романи таърихии адиби эронӣ Ҳайдаралӣ Камолии Исфаҳонӣ “Мазолими Туркон-хотун” пеши назар меояд, ки дар он қаҳрамони асар Шоҳрух, пеш аз он ки кушта шавад, теғро ба шиками муғул мехалад: “вале ӯ розӣ буд аз ин ки интиқом гирифтааст, *чеҳрааш табассуми асроромез дошт*” [31, с.156]. Восеъ ҳам, ҳатто, дар пои дор аз роҳи интихобкарда ва муборизааш дар тасвири нависанда розӣ аст; пеш аз марг ба осмони соф *бо сари баланд менигарад*. Шоир М.Қаноат дар ин маврид “характери Восеъро ба воситаи вожаҳои кӯҳ ва чанор ифода карда, бузургии Восеъ ва як умр ба замину мардуми меҳнатқарини диёри меҳрубонаш пайваст будани қаҳрамонро хеле амиқу ҳаяҷонбахш ба тасвир гирифтааст” [26, с. 131].

Ба қавли муҳаққиқ С.Эмомалӣ, “Инъикоси симои Восеъ дар осори манзум бо ду роҳ сурат гирифтааст: аввал, дар фолклор ва дувум, адабиёти китобӣ. Дар адабиёти китобӣ низ симои Восеъ бо ду роҳ тасвир гардида: асарҳое, ки корномаи Восеъро ҳамчун симои таърихӣ дар бар мегиранд ва дигар, шеърҳо дар ситоиши қаҳрамони мардумӣ” [26, с.124]. Дар байни ин гуна ашъор, махсусан, манзумаи Доро Наҷот “Ёдгор” аҳамияти вижа дорад. Мавзуи асосии манзума васфи шахсияти таърихӣ – Восеъ буда, дар он сараввал саргузашти печидаву пурмоҷарои миллат, ғановати моддии миллӣ, фаровонии неъматҳои моддӣ, ифтихори миллат аз мавқеи ҷуғрофӣ, обу хоки диёр ба мушоҳида мерасад [26, с.126]. Дар достони М.Қаноат бошад, образи оташ мавқеи барҷаста дорад:

Дар сари кӯҳи баланди Балҷувон,
Гулхане афрӯхт имшаб ногаҳон.
Аз замин мехест боло оташе,
Оташи монанди Восеъ саркаше [13, с.35].

Ниҳоят, асари бузурги монументалӣ дар бораи Восеъ романи Сотим Улуғзода мебошад, ки соли 1967 баъди заҳмати чандинсолаи адиби бузург таълиф шуд. “Устод Улуғзода маконеро, ки дар он айёми кӯдакӣ, ҷавонӣ ва миёнсолии Восеъ гузаштааст, ваҷаб ба ваҷаб ба мушоҳида гирифтааст” [26,с.143]. Дар офариниши образи Восеъ ба образи падари худ Умархон дар повести “Субҳи ҷавонии мо” такя бинмуда: “Яке аз хислатҳои Умархон қатъияти ӯ буда, чандин бор зоҳир шудааст ва ӯ худ гуфта: “Ман, ки ба ягон кор ҷазм кардам – тамом! Аз роҳам намегардам!” Ҳамин хислатро дар Восеъ мебинем ва нависанда инро ошкоро таъкид бинмуда: “Восеъ агар ба коре азм мекард, маҳол буд, ки касе ӯро аз азмаш гардонад”. Тавассути образҳое монанди Восеъ Улуғзода “муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоӣ чун ватандӯстӣ, адолатхоҳӣ, озодандеширо бо тамоми ҷузъиёт ва муфассалӣ ба риштаи таҳлили бадеӣ мекашад” [26, с.146].

Барҳақ, байни асарҳои таърихию бадеиву театрии дар мавзуи Восеъ ба вуҷуд омада романи Сотим Улуғзода “Восеъ” аҳамияти барҷаста ва аввалиндараҷа дорад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мақолаашон дар бораи саҳми Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода қайд кардаанд: «Сотим Улуғзода бо роҳнамоии устод Айнӣ… фаъолияти адабиашро аз навиштани мақолаҳо дар бораи шахсият ва осори классикони адабиётамон оғоз мекунад… Вай чун пайрави сазовори Айнӣ ба тасвири бадеии таърихи пурфоҷиаи халқи тоҷик ва шахсиятҳои беназири он камар мебандад. Ин мавзуъ дар он замон барои эҳёи хотираи таърихӣ, худшиносии миллӣ, бедорӣ ва шинохти фарзандони фарзонаи миллат чун обу ҳаво зарур буд… Маҳз аз баракати истеъдод ва килки сеҳрофарини Сотим Улуғзода хонанда… талошҳои ҷоннисоронаи Темурмалику Восеи диловар барои озодии халқу диёр аз ҷабру ситами ғосибон ошно шуд» [23, с.332]. Баҳои баланди Пешвои миллат ба осори Сотим Улуғзода моро водор мекунад, ки ба омӯзиши асарҳои мавсуф, ки ба қавли он кас, «барои эҳёи хотираи таърихӣ, худшиносии миллӣ, бедорӣ ва шинохти фарзандони фарзонаи миллат чун обу ҳаво заруранд» ҷиддӣ машғул шавем.

Дар бораи ин асари муҳимми Сотим Улуғзода дар адабиётшиносии тоҷик шумораи мақолаву таҳқиқот зиёд бошад ҳам, онҳо масъалаҳои забону сабк, мазмуну мундариҷа, навоварӣ, хусусиятҳои бадеӣ ва услубии осори мазкурро дар бар мегиранд. Аз ҷумла, асарҳои зерини муҳаққиқ Сироҷиддини Эмомалиро қайд кардан лозим аст, ки дар улуғзодашиносӣ аҳамияти назаррас доранд: “Восеънома (Мураттиб ва муаллифи пешгуфтор Сироҷиддини Э.), 2003; “Сотим Улуғзода ва фарҳанги миллӣ”, 2011; “Таҷассуми бадеии таърих дар насри Сотим Улуғзода (Солҳои 60-80-уми асри 20), 2020; “Арзишҳои миллӣ дар насри бадеии Сотим Улуғзода”, 2021; “Восеънома” (Воситаи таълимӣ) (2022) ва ғайра. Ногуфта намонад, ки дар онҳо хусусиятҳои тарбиявӣ, аҳамияти худшиносӣ, ватандӯстии корномаи Восеъ, аз ҷумла, дар романи “Восеъ”-и С.Улуғзода пурра ва мукаммал таҳқиқ нашудаанд.

Ба муносибати 80-солагии Сотим Улуғзода мақолаи Маъруф Раҷабӣ “Тазоҳури бадеии зиндагии хусусӣ” яке аз матолиби ҷолиб дар мавриди адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ буда метавонад [15, с.58].

Бо назардошти ҳамаи ин, мавзуи интихобкардаи мо – «Аҳамияти омӯзиши симои таърихӣ ва бадеии қаҳрамони миллӣ Восеъ” масъалаи муҳимми адабиётшиносӣ, ҳатто, таърихӣ ва ҷомеашиносӣ ба ҳисоб рафта, дар тадқиқи масоили сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар адабиёти бадеӣ ва тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон нақши муҳим мебозад. Дар ин мақола кӯшиш шуд то масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор гиранд:

– дараҷаи омӯзиши аҳамияти сиёсию иҷтимоӣ ва бадеии тасвири симои қаҳрамонони миллӣ, аз ҷумла, Восеъ дар адабиёти тоҷик;

– зарурати тасвири образи қаҳрамонони миллӣ дар асарҳои устуравӣ, ашъори шифоҳӣ ва асарҳои назми эпикӣ;

– маълумот дар бораи асарҳои шифоҳӣ ва катбие, ки дар онҳо симои ин қаҳрамони миллӣ офарида шудаанд;

– инъикоси воқеаи таърихии шӯриши Восеъ дар фолклори халқи тоҷик;

– кӯшишҳои адибони тоҷик, пеш аз ҳама, Сотим Улуғзода дар тасвири бадеии образи Восеъ;

– таносуби воқеият ва бадеият дар инъикоси ҳодисаи таърихии шӯриши Восеъ;

– муқоисаи ҳодисаи шӯриши Восеъ бо қаҳрамонию далерии намояндагони халқи кӯҳистон дар даврaҳои минбаъдаи таърих, чун дар солҳои навадуми асри бист;

– аҳамияти образи бадеии Восеъ ва дигар қаҳрамонони миллӣ дар тарбияи ҳисси ватандӯстӣ, адолати иҷтимоӣ.

Навоварии асосии таҳқиқи зер аз он иборат аст, ки бори аввал аҳамияти асари бадеию таърихӣ ва ашъори халқӣ барои тарбияи ватандӯстӣ ва озодагию хештаншиносии мардум ба сифати намуна ба кор хоҳад рафт. Зеро “ифтихор аз ватану ватандорӣ, ҳимояи шарафу номуси инсонӣ низ яке аз паҳлуҳои худшиносист, ки дар романи “Восеъ” баръало ба назар мерасад” [25, с. 16-17]. Ҳамин тавр, мақсади мақола аз муайян кардани аҳамияти сиёсию иҷтимоӣ ва бадеии тасвири симои қаҳрамони миллӣ Восеъ дар адабиёти тоҷик, дар рӯҳияи ватандӯстӣ, озодӣ, адолат, истиқлолият, инсондӯстӣ, худшиносии миллӣ тарбия кардани шаҳрвандон иборат мебошад. Ба андешаи мо, аҳамияти тарбияи ватандӯстию хештаншиносӣ ва худшиносии асарҳои бадеию таърихие чун романи “Восеъ” баланд мебошад. Зеро: 1) бо назардошти шароити буҳрони сиёсию иҷтимоӣ ва муборизаи идеологии қудратҳои ҷаҳонӣ баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ, ватандӯстии мардуми тоҷик ба ҷойи аввал баромадааст; 2) романи “Восеъ” дорои аҳамияти баланди сиёсию иҷтимоӣ, ғояи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ мебошад; 3) Донишгоҳи мо номи муаллифи асари безаволи “Восеъ” – Сотим Улуғзодаро дорад. Ба ин сабабҳо таҳқиқи мавзуи мақолаи мазкур – “Аҳамияти омӯзиши симои воқеӣ ва бадеии қаҳрамони миллӣ Восеъ” дар воқеият ва адабиёт муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Муқарриз: Абдураҳимов Б.А., н.и.ф., дотсенти ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

АДАБИЁТ:

1. Амир С. Фирдавсӣ ва Шоҳин / Субҳони Амир // Адаб. - №3, 1999. - с.22-28.
2. Асозода Х. Сотим Улуғзода ва фоҷиаи ӯ / Х. Асозода. - Душанбе: Деваштич, 2005. - 205 с.
3. Асозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик (Давраи нав) / Х.Асозода. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. - 672 с.
4. Бакоева С. Концепция историзма ва творчестве Сатима Улугзаде: автореф. на соиск. уч. степ. к.ф.н. /С.А. Бакоева. - Душанбе: 2010. - 25 с.
5. Болдирев А.Н. Эпоси даҳанакии Тоҷикистон // БАС.-1934. - №11 - 12. - с.37-38.
6. Болдирев А.Н. Дар бораи шӯриши Восеъ / А.Н.Болдирев // БАС, 1936. - №1. - с.14-15.
7. Бузургзода Л., Ҷалилов Р. Инъикоси шӯриши Восеъ дар фолклор / Л.Бузургзода, Р.Ҷалилов. – Сталинобод -Ленинград, 1941. - 140 с.

8. Восеънома (Мураттиб ва муаллифи пешгуфтор Баҳром Шермуҳаммадов). – Душанбе: Ирфон, 1985. - 137 с.
9. Ғафуров Б. Тоҷикон. Ҷ.2 / Б.Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1985. - 441 с.
10. Ғаффоров У. Сотим Улуғзода / У.Ғаффоров. – Душанбе: Адиб, 2014. - 382 с.
11. Демидчик Л.Н. Образ Восе в драматургии / Л.Н.Демидчик // Из истории народных движений в Средней Азии. – Душанбе: Ирфон, 1988. - с. 84-96.
12. Дехоти А., Турсунзаде М. Как мы создавали либретто /А.Дехоти, М.Турсунзаде // Коммунист Таджикистана, 1941. - 12 апреля. - с.3.
13. Қаноат М. Достони оташ / М.Қаноат. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 68 с.
14. Исматӣ О. Адабиёти даҳанакӣ / О.Исматӣ. – Сталинобод –Самарқанд, 1934. – 150 с.
15. Маъруф Рачабӣ. Тазоҳури бадеии зиндагии хусусӣ / Маъруф Рачабӣ // Адаб. – 3 (9). - 1991.
16. Маъсумӣ Н. Шӯриши Восеъ ва сурудҳои таърихӣ" /Н.Маъсумӣ // Из истории народных движений в Средней Азии. - Душанбе: Дониш, 1988. – саҳ. 66-134.
17. Муллоев А. Чеҳранигории ҳунарӣ дар асари таърихӣ /А.Муллоев. – Душанбе: Ирфон, 2003. - 173 с.
18. Муродӣ М. Тақриз дар матбуоти даврии тоҷик (солҳои 1920-1930) / М.Б.Муродӣ. – Душанбе, 2023. - 200 с.
19. Николаев П.А. Историзм в художественном творчестве и литературоведении / П.А.Николаев. - Москва: Изд-во МГУ, 1983. - 256 с.
20. Отахонова Х. Роман дар бораи шӯриши Восеъ / Х.Отахонова // Маориф ва маданият, 1969. - 19 декабр. - с. 3.
21. Пирумшоев Х. История изучения восстания Восе / Х.Пирумшоев. – Душанбе: Маориф, 1995. - 137 с.
22. Раҳимӣ С. Намунаҳои халқ дар хусуси шӯриши Восеъ / С.Раҳимӣ // Раҳбари дониш. - 1930. - №21. - с. 6-10.
23. Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор / Э.Раҳмон. – Душанбе: Эр-граф, 2016. - 363 с.
24. Рачабов М. Образи Восеъ дар насри муосири тоҷик /М.Рачабов // Из истории народных движений в Средней Азии. – Душанбе: Дониш, 1988. - саҳ. 107-125.
25. Сироҷиддини Эмомалӣ. Сотим Улуғзода ва фарҳанги миллӣ / С.Эмомалӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2011. - 110 с.
26. Сироҷиддини Эмомалӣ. Таҷассуми бадеии таърих дар насри Сотим Улуғзода (Солҳои 60-80-уми асри 20) /С. Эмомалӣ. – Душанбе, 2020. - 238 с.
27. Сироҷиддини Эмомалӣ. Восеънома (Воситаи таълимӣ) / С.Эмомалӣ. – Душанбе: 2022. - 189 с.
28. Турсунзода М., Деҳотӣ А. Шӯриши Восеъ (Либреттои опера) / М.Турсунзода, А.Деҳотӣ // Сироҷиддини Эмомалӣ. Восеънома. - Душанбе, 2022. саҳ. 93-127.
29. Фитрат. Шӯриши Восеъ (Чор парда) / А.Фитрат // Сироҷиддини Эмомалӣ. Восеънома. - Душанбе, 2022. -саҳ. 59-93.
30. Ҳафиз Раҳмон. Гаҳвораи тамаддуни башар / Ҳафиз Раҳмон // Адаб. - №7-9. - 1997. - с.41.
31. Ҳумайро Ранҷбар Имронӣ, Комрон Порсинажод. Адабиёти достонӣ дар Эрон. Паҳлавии аввал: Аз соли 1300 то 1320 бо таъкид бар сайри таҳаввулоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ / Ҳумайро Ранҷбар Имронӣ, Комрон Порсинажод // Теҳрон: Катиба. - 1397, 175 саҳ. (ба хатти форсӣ), с.156.
32. Шермуҳаммадов Б. Назаре ба таърихи гирдоварӣ, нашр ва таҳқиқи "Сурудҳои шӯриши Восеъ" / Б.Шермуҳаммадов // Из истории народных движений в Средней Азии. – Душанбе: Дониш, 1988. - Саҳ.96-107.
33. Шукуров М. Насри солҳои 1945-1974. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Ҷ.4 / М.Шукуров. – Душанбе: Дониш, 1980. - 383 с.
34. Шукуров М. Сотим Улуғзода / М.Шукуров. – Сталинобод: Нашр. давл. тоҷик, 1961. - 60 с.

АҲАМИЯТИ ОМӮЗИШИ СИМОИ ВОҚЕЙ ВА БАДЕИИ ҚАҲРАМОНИ МИЛЛӢ ВОСЕЪ

Мавзуи мақолаи мазкур фасле аз кори умумии муаллиф дар мавриди аҳамияти сиёсию иҷтимоӣ ва бадеии тасвири симои қаҳрамони миллӣ Восеъ дар адабиёти тоҷик буда, дар он дар бораи шӯриши Восеъ, ки дар солҳои ҳаштодуми асри нуздаҳ дар ҳудуди Аморати Бухоро ба амал омад, шахсияти Восеъ, симои ҳақиқии ӯ дар тасаввури мардум ва образи бадеии ӯ дар адабиёти шифоҳӣ ва хаттии тоҷик матолиби зиёд оварда шудааст. Бояд гуфт, ки то ҳол акси воқеӣ ва таърихии Восеъ ҳамчун шахси воқеӣ пешниҳод нагардидааст, дар натиҷа дар байни аҳолӣ, санъаткорону адибон тасаввуроти гуногун ҳосил мешавад. Ҳадафи асосии муаллиф аз он иборат аст, ки бо ҷамъбаст кардани ковишу ҷустуҷӯҳои муҳаққиқон ва симои хотиравию офаридаи халқ, адибон, санъаткорон тарҳи ба воқеият наздики қаҳрамони миллиро пешниҳод намоем. Зеро Восеъ дар муқоиса бо қаҳрамонони дигари миллӣ аз устура, ривоят, гуфторҳо то андозае дур буда, дар ёди халқ ба таври воқеӣ боқӣ мондааст. Восеъ, пеш аз ҳама, шахси воқеӣ буда, замони зиндагӣ, ҷойи таваллуд ва кору фаъолият, хешу табор ва наздиконаш аниқ аст; аз ин рӯ, омӯзиши дақиқ ва тасвири симои ҳақиқии ӯ зарур ва муҳим арзёбӣ мешавад. Умуман, вақти он аст, ки дар бораи ҳар яке аз қаҳрамонони миллии халқи тоҷик таҳқиқотҳои таърихию адабиётшиносӣ анҷом дода шаванд.

Муҳим аз ҳама, аҳамияти омӯзиши мавзуи мазкур дар тарбияи ватандӯстӣ дар шароити имрӯзаи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарурати мустаҳкам намудани давлатдорӣ ва равона намудани қувваю истеъдоди насли наврас ва ҷавонони тоҷик барои ҳифзи он бузург мебошад.

Калимаҳои калидӣ*: Восеъ, шӯриши Восеъ, қаҳрамони миллӣ, қаҳрамони асари бадеӣ, симои воқеӣ, образи бадеӣ, ватандӯстӣ, хештаншиносӣ.*

ЗНАЧЕНИЕ ИЗУЧЕНИЯ РЕАЛЬНОГО И ХУДОЖЕСТВЕННОГО ОБРАЗА НАЦИОНАЛЬНОГО ГЕРОЯ ВОСЕ

Тема данной статьи является частью общего труда автора о политическом, социальном и художественном значении образа национального героя Восе в таджикской литературе. Его правда в воображении народа и его художественный образ представлены в таджикской устной и письменной литературе. Следует сказать, что до сих пор не представлен реальный и исторический портрет Восе как реальной личности, в результате чего среди населения, художников и писателей формируются разные представления. Основная цель автора – представить приближенный к реальности образ национального героя путем обобщения усилий исследователей и памятных образов, созданных народом, писателями и художниками. Потому что, по сравнению с другими национальными героями, Восе несколько далек от рассказов, легенд и повестей и действительно остался в памяти народа. Он прежде всего реальный человек; время его жизни, место рождения и деятельность, его родные и близкие ясны; поэтому необходимо и важно точное изучение и изображение его истинного образа. В общем, настало время провести историко-литературные исследования по каждому из национальных героев таджикского народа.

Важность изучения данной темы заключается в воспитании чувства патриотизма у подрастающего поколения и таджикской молодёжи во время Государственной независимости Республика Таджикистан, направить все сила на её защиту и процветание.

Ключевые слова: *Восе, Восейское восстание, национальный герой, герой художественного произведения, реальный образ, художественный образ, патриотизм, самопознание.*

THE SIGNIFICANCE STUDY of THE REAL AND ARTISTIC IMAGE OF NATIONAL HERO VOSE

The article deals with the part of the general work of the author regarding the political, social and artistic significance of the image of the national hero Vose in Tajik literature. The truth of his imagination in the people is mind and his is presented in Tajik oral and written literature. It

should be noted that until the real and historical photo of Vose as a real person has not been presented, nov as a result, different ideas are formed among the population, artists and writers.

There are also written about Vose rebellion which was happened in Bukhara in 80 years XIX century. The main goal of the author is to present a close-to-reality design of the national hero by summarizing the efforts of researchers and the memorable images created by the people, writers and artists. Because in comparison with other national heroes, Vose is somewhat distant from stories, legends and he has truly remained in the memory of the people. Vose, first of all, is a real person and the time of his life, place of birth and activities and his relatives are clear; so, accurate study and depiction of his true image are necessary and important. In general, it is time to conduct historical and literary studies on each of the national heroes of the Tajik people. Most importantly, the importance of studying this theme in the education of patriotism in the current conditions of the state independence of the Republic of Tajikistan, the need to strengthen statehood and direct the strength and talent of the younger generation and Tajik youth it is great.

Key words: *Vose, Vose rebellion, national hero, the hero of a work of art, real image, artistic image, patriotism, self-knowledge.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ашурова Матлуба Бобомуродовна *– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи адабиёт. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+992) 98 808 89 61. E-mail: matojon@mail.ru*

Сведения об авторе: Ашурова Матлуба Бобомуродовна *– Международный университет иностранных языков Таджикистана имени Сотима Улугзаде, соискатель кафедры теории и истории литературы. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, телефон: (+992) 98 808 89 61. E-mail: matojon@mail.ru*

Information about the author: Ashurova Matluba Bobomurodovna *- Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, graduante of the Department of Theory and History of Literature. Address: 734019, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Muhammadiev St., 17/6, phone: (+992) 98 808 89 61. E-mail: matojon@mail.ru*

ТДУ: 811

СУННАТҲОИ ДЕТЕКТИВНИГОРӢ ДАР «САМАКИ АЙЁР» ВА МУШТАРАКОТИ ОНҲО БО АДАБИЁТИ ДЕТЕКТИВИИ ҒАРБ

Базрова Тоҷинисо Тоҷиддиновна

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Навиштани асарҳои ҷинойӣ бо вуҷуди таърихи тӯлонӣ доштан ва ба адабиёти Аҳди бостони Юнони қадим, Чин ва арабу форс алоқаманд будани он, ба назари муҳаққиқони адабиёти Ғарб, заминаи устувори суннати детективнависиро нависандаи маъруфи амрикоӣ Эдгар Алан По гузоштааст. Ӯ дар силсила новеллаҳои солҳои 40-и асри XIX чеҳраи детективӣ, муфаттиши фавқулодда, роҳу воситаҳои фош намудани ҷиноятҳо бо усули дедуктивӣ, сужетҳои завқоварро ворид кардааст. 20 апрели соли 1941 новеллаи “Куштор дар кӯчаи Морг”-и нависанда нашр шуд, ки он дар адабиётшиносии Ғарб ба ҳайси нахустин намунаи детектив эътироф шудааст ва барои аксарияти нависандагони детективнавис илҳом бахшидааст.

Бо вуҷуди ин, ки рушди воқеии детективи амрикоӣ бо исми Эдгар По алоқамандӣ надорад ва баъдтар бо вестернҳо ва hard boiled (қиём) зуҳур мекунад, маҳз асарҳои ин нависанда дар таърихи жанр нақши созанда мебозанд: модели жанр ба вуҷуд меояд, ки муқоиса бо он имкон медиҳад, ки минбаъд формулаи детективи классикӣ ба миён ояд.

Ба ном «таърихи жанрҳои детективӣ» пас аз Едгар По, пеш аз ҳама, ҳама навъҳои имконпазири тағирёбии модели жанрро, ки классикӣ меноманд, пайгирӣ мекунад, яъне бештар дар анъанаҳои адабии пешин такрор ва дар даврaҳои минбаъда фаъолона истифода мешавад. Даврабандии жанри ҷиноятнависӣ дар чунин «дастурҳо», чун қоида, аз нишон додани пайдоиши достонҳои детективӣ, сужаҳои наздик ба детективи муосир, дар адабиёти асримиёнагии арабӣ, форсӣ, юнониёнӣ, чиноӣ ва дигар оғоз меёбад [1, с. 138-153].

“Вожаи “детектив” (аз «detego» - фош мекунам, ошкор мекунам) бори нахуст аз ҷониби нависандаи амрикоӣ Анна Кетрин Грин (1846-1935), ки ба унвони “модари детектив” маъруф аст, истифода шуд. Нахустин романи детективии ӯ “Парвандаи Ливенуортҳо” (1878) байни хонандагон аз маҳбубияти хос бархурдор буд.”

Суннатҳои навиштани асарҳои бадеӣ бо истифода аз унсурҳои тасвири ҷиноӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ низ хеле маъмул аст. “Фаразан дар яке аз ҳикоятҳои “Ҳазору як шаб” (Ҳикоят ас-сабийя ал- мақтула), қиссаи дар канори рӯди Даҷла аз ҷониби моҳигир дарёфтани сандуқ, ки баъдан онро ба Халифа Ҳорун-ар-Рашид мефурӯшад ва дар он ҷисми порашудаи зани зебо пайдо мешавад. Ҳорун аз вазири худ Ҷафъар ибни Яҳё хоҳиш мекунад, ин ҷиноятро таҳқиқ кунад” [2, с. 4].

Баъзе вижагиҳои сохтории ин ҳикоят аз он далолат мекунад, ки имкон дорад онро ба як архетипи фантастикаи детективӣ нисбат дод[7]. Ҳодиса дар ҳикоя ба таври баръакс, яъне содир шудани ҷиноят ва пас мавриди таҳқиқ қарор гирифтани он сурат мегирад, ки ин унсур дар суннати детективнависии адабиёти Ғарб низ зиёд ба назар мерасад. Вале тафовути асосии Ҷаъфар дар ҳикояти мазкур ва детективҳои афсонавии баъдӣ дар адабиёти Ғарб, ба мисли Шерлок Холмс ва Ҳеркул Пуаро дар он аст, ки Ҷаъфар дар симмати вазирӣ қарор дошт, мисли ду нафари баъдӣ корогоҳи ҳирфаӣ набуд ва вазифааш бо ошкор кардани ҷиноятҳо ҳеҷ алоқа надошт. “Ӯ аз тарси муҷозот шудан аз ҷониби халифа ба ин кор даст мезанад ва ба иллати таҷриба надоштан мисли детективҳои номавари адабиёти Ғарб на бо усули гуногуни таҳқиқи ҷиноят, балки ба таври тасодуф ин қазияро ошкор мекунад” [3, с. 96-97].

Яке аз асарҳое, ки истифодаи сужаҳои ҷиноӣ дар он зиёд ба назар мерасад, “Самаки айёр” аст, ки усулан анъанаҳои детективнависии адабиёти форсии тоҷикиро такмил додааст. Асар мазкур услуби хосро доро буда, дар он воқеаҳо зуд-зуд тағйир меёбанд ва хеле пурмоҷаро ва пурамал аст. Асарҳое мисли “Самаки айёр” дар адабиёти форсии тоҷикӣ ба унвони “насри ривоятӣ” эътироф шудаанд. Гирдоварандаи китоб Фаромуз ибни Худодод буда, дар заминаи қиссаву ривоятҳои дар байни халқ маъруф ҷамоварӣ шудааст. Фаромуз

ибни Худодод гарчанде, ки муаллифи ин асар нест, вале сабку салиқаи нигориш ӯ, ки беҳтарин суннатҳои забон ва услуби насри форсии тоҷикиро ҳифз намудааст, қобили таҳсин аст.

Бино ба гуфти олимон, аз байни осори ривоятӣ "Самаки айёр" ҷолибтар аст, аз ин рӯ, онҳо бештар ба ҳамин асар таваҷҷӯҳ кардаанд. Қобили қайд аст, ки "Самаки айёр"аз ҷиҳати ҳаҷм, фарогирии ҳодисаву воқеот афзалият дорад, балки он имтиёзҳои дигарро низ доро мебошад, ки онро муҳаққиқи номии Эрон Парвиз Нотили Хонларӣ чунин баён кардааст: Он "нахуст аз ҷиҳати иборот, луғат ва истилоҳот ганҷинаи гаронбаҳост ва агар аз китобҳои тафсиру таърих бигузарем, муфассалтарин ва бузургтарин матнест, ки аз қарнҳои шашуму ҳафтум дар даст дорем. Арзиши ин китоб шояд аз ин ҷиҳат бештар бошад, ки иншои адибона нест ва забони маъмули роиҷи замонро беҳтар аз навиштаҳои маснуъ ва мутакаллифу муншиёна нишон медиҳад. Матни китоб шомили луғати фаровонест, ки ё дар китобҳои дигари ин замон дида намешавад ё дар ин ҷо дар маънии истилоҳи хос омадааст [4, с. 146].

Тавре ки зикр намудем, китобҳое монанди «Самаки айёр» ба қалами як нависанда тааллуқ надоранд, чаро ки онҳо дар заминаи ривоятҳои мардумӣ гирдоварӣ шудаанд. “Самаки айёр” низ дар ин миён истисно набуда, солҳои тӯлонӣ қабл аз он ки Фаромуз ибни Худодод ҷамоварӣ ва дар шакли китоб пешниҳод кунад, дар шакли риввоятҳои ҷудогона оид ба қаҳрамониҳои Самак ва ёрони ӯ Шағоли Пилзӯр, Сурхвард ва айёрони дигар, моҷарои Маҳпарию Хуршедшоҳ, ҷавонмардии Фаррухрӯз дар байни омма шӯҳрати зиёд дошт ва ба таври шифоҳӣ аз ҷониби ровиён ва қиссагӯён паҳн мешуд.

Тавре ки маълум аст, дар таҳқиқи забон ва услуби насри ривоятӣ ва гуфтугӯӣ, аз он ҷумла “Самаки айёр” донишмандони забоншиноси тоҷик Н.Маъсумӣ., Р.Ғаффоров., Б.Камолиддинов., Х.Ҳусейнов., А.Абдуқодиров., С.Сабзаев., Т.Шокиров ва И. Ҳасанов ва адабиётшиносон Ю.Салимов., Ҷ. Азизқулов., Қ. Чиллаев., Қ. Восеъ., Р.Шоев ва Г. Шарифова тадқиқоти ҷолиберо анҷом додаанд. Вале қобили зикр аст, ҷанбаҳои детективии ин асар, ки хеле барҷаста аст, то ҳанӯз мавриди тадқиқоти ҷиддӣ ва густурда қарор нагирифтааст.

Хислат ва рафтори қаҳрамонони асарҳои детективие, ки баъдтар дар адабиёти кишварҳои Ғарб ва Русия арзи вуҷуд намуданд, ба хислатҳои ҷавонмардӣ, футуват, айёрӣ, зиракии қаҳрамонони ин шоҳасари адабиёти ниёгон хеле шабоҳат доранд.

Дар ин замина муҳаққиқи рус А. Казачкова дар рисолаи худ нишонаҳои асосии жанри детективро, ки аз дигар асарҳои бадеӣ тафовут доранд, дар заминаи андешаҳои дигар муҳаққиқони ин ришта чунин муайян намудааст. “Дар нақди адабӣ то ҳанӯз таснифоти якхелаи жанр вуҷуд надорад: асар аз рӯи меъёрҳои гуногун дар ҳар як маврид — ҳаҷм, шакл, фарогирӣ (агар сухан дар бораи шеър бошад) ва ғайра ба ин ё он жанр тасниф карда мешавад. Жанри детектив бо хусусиятҳои асосии зерин муайян карда мешавад:

• ҷиноят мавзӯи асосии баҳс мешавад;

• низоъ ба таври махсус сохта мешавад: дар детектив низои асосӣ байни ҷинояткор ва детектив аст;

• хронотопи мушаххас: пас аз тасвири ҷиноят тафтишот оғоз мегардад, ки мақсад аз он барқарор намудани ҳодисаҳои пеш аз ҷиноят рухдода мебошад, бинобар ин дар детектив ду хатти замон мавҷуд аст: хатти замони шартан воқеӣ, ки дар он муфаттиш пас аз содир шудани ҷиноят онро таҳқиқ мекунад ва хатти ретроспективӣ, ки амали ҷинояткорро аз қасд (мақсад) то ошкор шудани далелҳои ҷиноят нишон медиҳад, ки муфаттиш онро қисм-қисм аз нав барқарор мекунад;

• навъи хоси қаҳрамон: барои детективи классикӣ симои ягона вуҷуд надорад, вале шакли тағйирнопазири фарди дорои зеҳни фавқуллода, тарзи фикрронии вижа ва ғайримаъмулӣ ҳифз мешавад;

• хусусиятҳои сохтори сужет: достони детективии классикӣ бо тасвири ҷиноят огоз ёфта, бо фош шудани он ба охир мерасад, фош кардани ҷинояткор, инчунин ошкор намудани тамоми рафти тафтишот, муайян намудани алоқаҳои сабабу натиҷа, ки қаҳрамон-детектив фош кардааст” [5, с. 24-25].

Гарчанде, ки ин нишона ва хусусиятҳо дар “Самаки айёр”, ки бо услуби комилан дигар навишта шудааст, ба тарзи бориз ба назар намерасад, вале баъзе монандиҳо дар хислати қаҳрамон, мисли дорои зеҳни фавқулодда будан, тарзи фикронии вижа ва ғайримаъмулӣ ва ё дар бахши хронотопи мушаххас - барқарор намудани ҳодисаҳои пеш аз ҷиноят рухдода, дар бахши хусусиятҳои сохтори сужет - бо тасвири ҷиноят оғоз ёфта, бо фош шудани он ба охир мерасад, фош кардани муҷрим ва мисли ин ба назар мерасанд.

Як тафовути дигари назаррас дар “Самаки айёр” ва асарҳои детективии нависандагони адабиёти Ғарб дар ин аст, ки дар ин асар масъалаи ҷавонмардӣ, бастани аҳду паймон, садоқату вафодорӣ бештар ба назар мерасад, ки дар детективҳои маъмулӣ камтар мушоҳида мешавад. Дар “Самаки айёр” расм аст, ки вақте айёре ба айёри дигар ва ё ба паҳлавоне ё ҳатто ба инсони оддие бархурд мекунад, ки бо якдигар қасди анҷоми амалиёте доранд, дасти ҳамдигарро мегиранд, ба парвардигор ва нуру нор савганд мехуранд, ки бародар, пушту паноҳ ва вафодор ба якдигар бошанд: “Маҳрӯя Самакро бознишонд. Самак гуфт: — Эй Маҳрӯя, ҷавонмардиву ҳалолзодагии ту он бошад, ки маро ба зинҳор дорӣ ва аз ин ҷойгоҳ ба сарои худ барӣ ва мудовот кунӣ, то беҳтар шавам ва он чӣ тавонам аз некӣ, ба ҷой ту кунам ва аз яздон туро мукофоти некӣ расад. Маҳрӯя гуфт: — Фармонбардорам. Пас, ҳам дарсоат Самакро дар пушт гирифт ва ба сарои худ овард. Маҳрӯя зане дошт сахт порсову некӯмаҳзар ва номи ӯ Сомона. Гуфт: Эй Маҳрӯя, ин кист? Гуфт: — Эй зан, чандин сол аст ношоист мекунам, чунон ки Яздон бар он розӣ нест. Кори нек аз баҳри Яздон хоҳам кардан. Ин мард аз ҷумлаи айёрон аст, ки Фағфур эшонро ба макр бикушт. Ин ҷавон хастагӣ дорад, ҷароҳати бисьёре ба вай расидааст. Ӯро муолиҷат кунам, то Яздон ӯро шифо диҳад ва бар ман раҳмат кунад. Зан гуфт: — Аз ин беҳтар чӣ хоҳӣ кардан. Кошки ҳамаи корҳо чунин кардӣ. Пас, зан бархост ва об гарм кард ва пеши Самак овард, то хун аз андоми вай бишӯяд. Самаки айёр гуфт: — Ман туро ба хоҳарӣ қабул кардам ва ту маро ба бародарӣ қабул кун. Сомона ӯро ба бародарӣ қабул кард...” [6, с. 95].

Дар асари мазкур агарчӣ ин аҳду паймон на ҳама вақт риоя мешавад, вале лаҳзаҳое низ ба назар мерасанд, ки ба хотири риояи ойини ҷавонмардӣ, қаҳрамонон ҷони худро ба хотири нигаҳ доштани аҳду паймон ба хатар мегузоранд, ки намунаи барҷастаи он рафтори Заранди ҷарроҳ аст, ки ба дасти Меҳрони вазир гирифтор ва шадидан уқубат мешавад: “Ҷарроҳро аз боргоҳ берун бурданд дар уқобайн кашиданд ва дасти чӯб бар вай кушоданд. Заранд бо худ гуфт: «Эй тан, туро беш аз чӯб нахоҳанд задан, мардӣ кун ва худро ба дасти чӯб боздеҳу ин роз ошкоро накун, ки номардӣ бошад аз барои сад чӯб ё ҳазор чӯб марде боздодан: зинҳор роз нигоҳдор ва агар худ туро ба захми чӯб бикушанд ва ба захми чӯб мурдан беҳ бошад аз хиёнат кор фармудан ва мардеро ба ҷон дарбозидан. Хосса чун Самак марде!»”

Қаҳрамони меҳварии ин китоб Самаки айёр низ дар оғоз ба вафодорӣ, бародарӣ ва камари хизмат бастан ба Хуршедшоҳ савганд мехӯрад ва то ба охир ба он пойдор мемонад.

Дар детективҳои Ғарб дар тасвири дӯстӣ ва нахустин бархӯрди қаҳрамонон бо ҳамдигар ин усул ба назар намерасад. Бастани аҳди бародарӣ, риояи оини ҷавонмардӣ ва савганд ёд кардан барои садоқат хоси ин навъ асарҳо нест. Фаразан дар асари Артур Конан Дойл “Саргузашти Шерлок Холмс” нахустин мулоқоти қаҳрамонони меҳварии ин асар Шерлок Холмс ва Доктор Ватсон, ки то ба охир ба якдигар содиқ буданд, комилан ба тарзи дигар сурат мегирад [7]. Агар дар “Самаки айёр” қаҳрамонони асар дар нахустин мулоқот бо ҳам аҳди дӯстӣ ва бародарӣ банданд, фаразан дар асари “Қайдҳо дар бораи Шерлок Холмс” қаҳрамонони асосии асар дар ибтидо ба ҳамдигар бо шубҳа назар мекунанд ва одатҳои вижа ва камбудиҳои худро бармешуморанд, то ба муносибати минбаъдаи онҳо халал нарасонад.

Ҳангоми муқоисаи хислатҳои қаҳрамони асосии ин ду асар, Самаки айёр ва Шерлок Холмс низ баъзе умумиятҳо ба назар мерасанд: Ҳар ду қаҳрамон дорои зеҳни фавқулодда, андешаронии хос, тарзи фикронии вижа ва ғайримаъмулӣ, тавонмандии муборизаи ҷисмонӣ бо рақиб, яне размандагӣ мебошанд.

Услуби навиштани “Самаки айёр”, ки аз ҳодисаву воқеаҳо ва сужетҳои гуногун иборат аст, дар асари нависандагони Ғарб Артур Конан Дойл “Шерлок Холмс” ва Агата

Кристи “Хонум Марпл” низ эҳсос мешавад, ки ҳар қиссаи он шомил ба воқеаву рӯйдоди наву тоза аст.

Ю.К.Маркулан дар такя ба фарзияҳо муаллифи достонҳои детективӣ Р.О.Фриман «Маҳорати достони детективӣ», чор марҳалаи асосии композитсияро муайян мекунад:

1) баёни масъала (ҷиноят);

2) тафтишот (аз тарафи муфаттиш гузаронида мешавад);

3) қарор (ҷавоб ба саволи «кӣ?»);

4) далел, таҳлили санадҳо (чавобҳо ба саволҳои «чӣ тавр?» ва «чаро?»).

Сужет ва фабула метавонад мувофиқат кунад ё мувофиқат накунад, дар ҳоли барои муаллиф зарур, таъкидро аз хронологияи ҳикоя ба эҳсосоти қаҳрамонони асосӣ гузаронад ва ин имкон медиҳад, ки хонанда ба принсипҳои ахлоқии онҳо бо чашми персонажҳои дигар нигоҳ кунад. Ин вижагӣ ба таҳрик додани хонанда ёрӣ мерасонад [8, с. 6-50].

Дар насри ривоятии “Самаки айёр” низ ин унсурҳо ҷо-ҷо дар сужетҳои алоҳида ба назар мерасанд. Танҳо тафовут ин аст, ки таҳқиқот, ҷустуҷӯ ва ошкор кардани ҷиноят на аз ҷониби муфаттиш ва ё корогоҳ (детектив), балки аз ҷониби як марди айёрпеша сурат мегирад: “Самак бархост ва ҷуббаи кӯҳна дарпӯшид ва кулоҳи кӯҳии Ҳумор дар сар ниҳод ва ҷуволе бар дарозгӯш афканд ва барнишаст ва ба миёни шаҳр баромад, то ба дарвоза расид. Самак дарозгӯш дар гӯшае бидошт ва назора мекард ва сипоҳ мегузаштанд. Бо Шаҳрони вазир Меҳрони вазир ҳамроҳ дид ва тавқу дасторча барафканда ва хилъати шоҳ пӯшида, ки пеши вай бозбурда буданд.

Самак дар вай нигоҳ кард. Гуфт, донистам, ки ин ҳама бадфеълӣ ва ҳаромзодагӣ Меҳрон кардааст. Раво бошад. Агар Яздон хоҳад ва зиндагонӣ бошад, мукофоти ин нокас бозкунам, чунон ки ҷаҳониён ибрат гиранд” [6, с. 230]

Ҳамин услуби таҳқиқи ҷиноят бо тағйири лисбос ва симо дар қаҳрамони асари А. Конан Дойл, Шерлок Холмс низ ба назар мерасад, ки ҳатто наздиктарин дӯст ва ҳамкораш Доктор Ватсон дар аксар ҳолатҳо ӯро намешиносад.

Тасвири симои қаҳрамонони манфӣ низ дар “Самаки айёр” ва асраҳои детективии классикони адабиёти ғарб низ то андозае шабоҳат доранд. Фаразан дар тамоми асарҳои маъруфи нависандагони Ғарб Артур Конан Дойл., Дороти Л. Сейерс ва Агата Кристи қаҳрамонони манфӣ ба гунаи шахси маккор, инсонбадбин, дасисабоз, пинҳонкор талаққӣ шудаанд.

Дар “Самаки айёр” ва дигар насрҳои ривоятии форсӣ низ ин тасвир ба назар мерасад: “Кас фиристод ва зиндонбонро бихонд ва номи вай Тармаша буд, на зан ва на мард, балки ҳам зан буд ва ҳам мард, хунасо буд... Валекин на майлаш ба мардон будӣ ва на ба занон. Ва ҳардуро душман доштӣ” [6, с. 231].

Ин далелҳо аз он дарак медиҳанд, ки баъзе унсур ва нишонаҳои детективнависӣ ҳароина дар адабиёти ниёгон, ба хусус “Самаки айёр”, ки ровии он Садақа ибни Абулқосими Шерозӣ ёд шуда, аз ҷониби Фаромурз ибни Худодод ибни Абдуллоҳи Арҷонӣ оғоз аз 20 июни соли 1189 китобат шудааст, ба назар мерасанд[11]. Бештар услуби нигориш ва ҷанбаҳои забонии ин асар аз ҷониби муҳаққиқони варзидаи тоҷик ва эронӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст, вале дар бахши шабоҳат ва таъсигузории ин асар ба адабиёти Ғарб, ҳанӯз тадқиқоти густурдае ба анҷом нарасидааст.

Муқарриз: Ҳамдамов Б.О., н.и.ф., дотсент

Рӯйхати адабиёт

1. Silverman, Kenneth. Edgar A. Poe: Mournful and Never-ending Remembrance/ Kenneth Silverman. Orion Publishing Group, Limited, 1993. – 564с.
2. Амирян, Т.Н. От классического детектива к постмодернистскому детективу: аспекты жанровой трансформации. Метаморфозы жанра в современной литературе / Т.Н. Амирян.- Москва: Сер. Теория и история литературоведения, ИНИОН РАН, 2015.-18с.
3. Пино, Дэвид. Методы рассказывания историй в "Арабских ночах"/ Дэвид Пино.- Brill Publishers, 1992. – 342с.
4. Салимов Ю. Насри ривоятии форсу тоҷик. Ёдгори умр / Ю.Салимов. Ҷилди 1. -Хуҷанд: “Нури маърифат”, 2003.-132с.

5. Казачкова А. Жанровая стратегия детективных романов Бориса Акунина / А.Казачкова.- Саранск:-2015.-203с.
6. Самаки айёр. Ҷилди 1.-Душанбе: “Ирфон”, 1967.-296с.
7. Конан А. Дойл. Записки о Шерлоке Холмсе / Артур Конан Дойл.-Москва: Издательство Детгиз, 1957.- 144с.
8. Маркулан, Я. К. Зарубежный кинодетектив. Опыт изучения одного из жанров буржуазной массовой культуры / Я.К. Маркулян.- Ленинград: Искусство, 1975.-167с.
9. Сайфуллоев Атахон, Уфуққои наср / Атахон Сайфуллоев. Ҷилди 1. –Душанбе: “Адиб”, 2012.-455с.
10. Соҳиб Табаров. Ҳаёт, адабиёт, реализм. - Душанбе: Ирфон, 1978. – 338 с.
11. Суфиев, Ш. Предпосылки становления суфийской поэтической терминологии / Ш. Суфиев // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия гуманитарно-общественных наук. – 2013. – № 3(36). – С. 29-40. – EDN RDRTJT.

СУННАТҲОИ ДЕТЕКТИВНИГОРӢ ДАР «САМАКИ АЙЁР» ВА МУШТАРАКОТИ ОНҲО БО АДАБИЁТИ ДЕТЕКТИВИИ ҒАРБ

Дар мақолаи мазкур муаллиф ҷанбаҳои муҳимтарини сунантҳои детективнависии адабиёти бостонии ниёгонро дар мисоли насри ривоятии «Самаки айёр» ва таъсиру ҳамоҳангии онро бо жанри детективии адабиёт классикии ғарб ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Суннатҳои навиштани асарҳои бадеӣ бо истифода аз аносири тасвири ҷиноӣ дар адабиёти классикии форс-тоҷик низ хеле маъмул аст.

Яке аз асарҳое, ки истифода сужетҳои ҷиноӣ зиёд ба назар мерасад, маъруф ба “Самаки айёр” аст, ки муҳаққақан ба анъанаҳои детективнависии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ замина гузоштааст ва ба адабиёти дигар миллатҳо низ таъсир расонидааст.

Калидвожаҳо: *Самаки айёр, детектив, ривоят, адабиёт, ғарб.*

ДЕТЕКТИВНЫЕ ТРАДИЦИИ «САМАКИ АЙЁР» И ИХ ИДЕН- ТИЧНОСТИ С ДЕТЕКТИВНОЙ ЗАПАДНОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

В данной статье автор исследовал важнейшие аспекты детективного жанра древней литературы предков на примере повествовательной прозы «Самаки Айяр» и ее гармонии с детективным жанром западной классической литературы. Традиция написания художественных произведений с использованием элементов криминальных образов также весьма распространена в персидско-таджикской классической литературе.

Одно из произведений, в котором, судя по всему, использовано много криминальных сюжетов, известно как «Самаки Айяр», которое определенно заложило основу детективно-писательских традиций персидско-таджикской литературы, а также оказало влияние на развитие литературы других народов.

Ключевые слова: *Самаки айёр, детектив, повествование, литература, запад.*

DETECTIVE TRADITIONS OF "SAMAKI AYYAR" AND THEIR IDENTITY WITH DETECTIVE WESTERN LITERATURE

In this article, the author investigated the most important aspects of detective fiction of Tajik classical literature on the example of narrative prose "Samaki Ayyar" and its influence and harmony with the detective genre of classical literature of the west. The tradition of writing works of fiction using elements of criminal imagery is also very common in Persian-Tajik classical literature. One of the works, which appears to use many criminal plots, is known as "Samaki Ayyar", which definitely laid the foundation of detective-writing traditions of Persian-Tajik literature, as well as influenced the development of literature of other nations.

Keywords: *Samaki ayyar, detective, narrative, literature, west.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Базрова Таджинисо Таджиддиновна *- ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров, унвонҷӯи кафедраи адабиёти муосир, факултети филологияи тоҷик. Нишонӣ: 735750, ш. Гулистон, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, 14/21. Тел.: (+992)92747-50-55.*

Сведения об авторе: Базрова Таджинисо Таджиддиновна *– ХГУ имени академика Б. Гафурова, соискатель кафедры современной литературы, факультет таджикской филологии. Адресс: 735750, г. Гулистон, улица Исмоили Сомони 14/21. Тел.: (+992)92747-50-55.*

Information about the author: Bazrova Tajiniso Tajiddinovna *– KSU named after Academician B.Gafurov, Candidate of the Department of Modern Literature, Faculty of Tajik Philology. Address: 735750, Guliston, Ismoili Somoni Street 14/21 Tel: (+992)927475055.*

ТДУ: 891.550

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ МАВЗУЙ ВА МУНДАРИҶАВИИ АШЪОРИ САЛИМИ ХАТЛОНӢ (ДАР АСОСИ ҶИЛДИ ПАНҶУМИ КУЛЛИЁТИ ШОИР)

Боев Ш.Э.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Салими Хатлонӣ солҳои ҳаштодуми асри гузашта ба майдони адабиёт ворид шуда, дар адабиёти замони Истиқлол марҳилаи бузурги эҷодии худро тай намуд. Ӯ аз чеҳраҳои барҷаста ва тобноки адабиёти имрӯзи мост. Шахсият ва фаъолияти Салими Хатлонӣ гуногунпаҳлу ё худ чандбуъдист. Ӯро мо ҳамчун шоир, муҳаққиқ, дипломат ва тарҷумон мешиносем. Аз устод дар ин бахшҳои зикргардида мероси арзишманде болои кор омадааст.

Бояд таъкид намоем, ки Салими Хатлонӣ ҳамчун офарандаи каломи мавзун дар миёни мардум овоза ва шуҳрати бештар дорад. Зербино ва дарунмояи ашъори ин шоири маъруфро истеъдоди фитрӣ, донишу маърифат, андешаи баланд, завқи қавӣ ва азму иродаи мустаҳкам ташкил медиҳад. Ӯ аз оғоз дард будани адабиётро дарк намуд. Рисолати худро, ки бо каломи ҷонбахш даво намудани дарди ҷомеа аст, эҳсос кард. Шеъри худро бо ишқу ирфони омехта бо сӯзу фироқ ҳамнаво сохт. Ба ибораи Халилуллоҳи Халилӣ: “Таъбире зи рӯъёи парешони ҳаёт” будани шеърро фаҳмид ва донист, ки “Шеър ногуфтан беҳ аз шеъре, ки бошад нодуруст”.

Салими Хатлонӣ бо дарки баланди масъулият дар шеъру шоирӣ, мутолиаву аз бар намудани ашъори зиёде аз мутақаддимону мутааххирин, заҳмату талошҳои хастагинопазир, мушоҳидаҳову мулоҳизаҳо ва ҷусторҳои эҷодӣ тавонист, бо сабку шеваи ба худ хос роҳи худро дар адабиёт пайдо намояд. Маҳз ҳамин тафаккуру табаҳҳури эҷодӣ ва камолоти маънавӣ буд, ки ӯ бо нашри нахустин маҷмуаи ашъор диққати аҳли илму адабро ба худ ҷалб намуд. Ҳанӯз санаи 12.03.2000 дар маҳфили шеъраш, ки дар толори театри Лоҳутӣ баргузор гардид, шоири халқии Тоҷикистон устод Муъмин Қаноат дар бораи ӯ чунин ибрози назар карда буд: “Салими Хатлонӣ яке аз шоиронест, ки шояд китоби аввалини ӯ дар интихоби мавзуъ ва мазмун аз китоби ҳама ҷавоншоироне, ки аз аввал то ба имрӯз буданд, олитар ва пухтатар аст. Дар шеъри ӯ сухани асил ва тозакориҳо аз дарун, аз дарунмояи шеър, аз тасвирҳо ва тозакориҳои рангину зебо шурӯъ шудааст. Тасвири рангу бӯро аз сабки Бедил бо сабки худаш бисёр нозук истифода мекунад… Яъне ки дар маҷмӯъ Салими Хатлонӣ яке аз шоиронест, ки истиқлоли комили шоирӣ дорад. Фардият, шахсият ва сабки тозаи худро дорад. Яъне ки аз ӯ бӯи тақлид намеояд, ҳарчанд ки дар шеъри форсӣ аз замони Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ то кунун ин шева маҳлул шудааст… аммо шеъри устод Салими Халонӣ ба сифати нав, бо шакли нав, бо чеҳраи худаш дар ин ҳулӯл берун омадааст…”. Ин истиқболи зебои устод Муъмин Қаноат ба шоире, ки маҷмуаи нахустини худро дар даст дошт, руҳу илҳоми тоза бахшид ва роҳи ӯро барои оянда мунаввар гардонид.

Устод Бозор Собир, ки китоби нахустини ин шоирро хонда, таҳрир карда ва ҳатто ин маҷмуаро “Аз пушти борон” номгузорӣ кардааст, низ дар зимни як суҳбат бо шоирони ҷавон, аниқтараш дар ҷаласаи шуъбаи назми Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, дар рафти курс-конферентсияи адибони ҷавон, соли 1983, ки Салими Хатлонӣ низ дар онҷо ширкат доштааст, аз миёни чанд тан ҷавоншоирон исми ӯро ба забон овардаву “ҳамин бача шоир мешавад” мегӯяд ва ба шоири ояндадор шуданаш ишора мекунад. Чӣ гунае ки маълум аст, номи Салими Хатлонӣ минбаъд ҳамчун шоир вирди забони ҳаводорони шеъраш мегардад.

Дар бораи фардият ва саликаи баланди эҷодии Салими Хатлонӣ адабиётшинос, доктори илмҳои филологӣ Шамсиддини Солеҳ барҳақ фармудааст: «…Бояд иқрор шуд, ки Салими Хатлонӣ ба ҳайси шоир ба муаррифӣ ниёз надорад. Сеҳри каломи пуртаровату рангин ва зеҳннишинаш кайҳост, ки бо муҳтавиёти дилнишинаш ба дилҳо роҳ ёфта. Шеъри ӯ имрӯзҳо дар доираҳои хурду бузурги адабии Эрону Афғонистон низ шинохта шуда, дар бисёр рӯзномаю маҷаллаҳои адабӣ, инчунин кутуби фаровони дастҷамъии ин кишварҳо ба табъ расидаанд. Намунаи осораш ба забонҳои русиву озариву туркманӣ ва ӯзбекӣ тарҷума ва нашр гардидаанд» [6,10]. Ба назари ин ҷониб низ тавфиқи рӯзафзуни Салими Хатлонӣ дар

шеър пеш аз ҳама интихоби дурусти шеваи эҷодӣ, истиқлоли андеша ва муқаллид набудани ӯст, ки аз баррасии маҷмуаи зери дасти мо ин нукта ҳувайдост.

Маҷмуае, ки мо дар даст дорем, ҷилди панҷуми куллиёти шоир ба ҳисоб меравад. Ин маҷмуа аз силсилаашъори «Чанд панди судманд», "Зилзилаҳо аз гилаҳо", достони «Шаҳбол», манзумаи «Ниёиш», баёзи шеърҳои «Оли Сомонӣ, муборак соли Сомонӣ!», «Сурудҳо» ва чанд байт унвонии "Абёте бар пештоқ ва девори ошхона" таркиб ёфтааст.

Силсилаашъоре, ки муаллиф онро «Чанд панди судманд» номгузорӣ кардааст, аз 104 маснавии кутоҳ иборат буда, ин маснавиҳои асосан дар се баҳри арӯзӣ эҷод шудаанд:

1. Маснавиҳои баҳри хафиф [хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф ё мақсур ва хафифи мусаддаси махбуни аслам ё аслами мусаббағ, хафифи мусаммани махбуни аслам] 34 адад.

2. Маснавиҳои баҳри ҳазаҷ [ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ё мақсур, ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи махбун] 28 адад.

3. Маснавиҳои баҳри мутақориб [мутақориби мусаммани маҳзуф ё мақсур] 42 адад.

Маснавиҳои мавриди назар комилан дорои тарбиявӣ-ахлоқӣ буда, шоир дар ҳар маснавии кутоҳ, ки аз 19 то 25 байтро фаро мегиранд, бештар мазмунҳои иҷтимоиро тавъам бо паёмҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ ҷой додааст. Муаллиф ҳолату воқеа, манзара, дидаву шунида, мушоҳида ва бардоштҳои худро аз зиндагии рӯзмарра дар қолаби маснавиҳои кутоҳ баён менамояд, ки аз нигоҳи мазмуну муҳтаво ва шакл ҷолиби диққат мебошанд.

Ӯ дар ҳар маснавии кутоҳ мавзуеро матраҳ менамояд, ки дорои ягон хусусияти ахлоқӣ ва ё ҳикматомез буда ва хонандаро бо суханҳои насиҳатомез аз рафтору кирдори нописанди вобаста ба мавзуъ баёнгардида боз медорад. Дар маснавии кутоҳи дуюм, ки шоир онро "Панд" номгузорӣ кардааст, нақл мекунад, ки "Шунидам, ки устоде ба фарзанди худ аз накӯиву вафо панд медод ва судманд будани некиву бегазандии рӯзгори инсони некро таъкид менамуд. Зимни насиҳат устод ба фарзанди хеш гиромӣ доштани накӯӣ, аз ҳарфи бад нигаҳ доштани забон ва дар зиндагӣ ба фаҳму ақлу дониш такя намуданро иброз медорад". Ин маснавӣ дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ё мақсур суруда шуда, интихоби баҳри ҳазаҷ муҷиби равониву хушоҳангии калом ва ба гӯш форам садо додани сухан гардидааст:

Шунидам, устодеро, ба фарзанд,
Ки медод аз накӯиву вафо панд:
-Накӯ хоҳӣ, накӯӣ судманд аст,
Накӯро рӯзгораш бегазанд аст!
Накӯ гуфтан туро дорад гиромӣ,
Зи некӯӣ расӣ бар некномӣ [6,4].

Донишманди сареҳназар Умар Сафар, ки яке аз ноқидони ашъори Салими Хатлонӣ низ ҳаст, роҷеъ ба ҳунари маснависароии шоир чунин изҳори назар намудааст: «Бешубҳа аз шоъирони муосири тоҷик касе, ки бо ҷиддият бо риояти низому иқтизои фаннӣ маснавӣ сохта, Салими Хатлонӣ мебошад. Албатта намояндагони насли бузургтар дар заминаи маснависароӣ таҷрибаҳое доштанд, вале шеваи кори онҳо мутафовит буд. Тафовути нахустин, канор гузоштани бархе аз қавоиди марсум дар шеваи нигориш буд. Тафовути баъдӣ, дар содагии баён ва забоне ҷиҳат гирифта ҷониби авом. Ҷанбаи дигаре, ки маснавиҳои муосирро аз қадим ҷудо мекард, мавзӯъ ва дарунмояҳое буд, ки бештар ҳадафи иҷтимоӣ-таблиғотӣ дошт.

Салими Хатлонӣ талош меварзад аз чаҳорчӯби таъиншуда дар халқи маснавӣ по фаротар нагузорад… Шояд руҷуъи шоир ба ин жанри пирсол барои гурӯҳе аз муосирон қобили пазириш набошад ва ин иқдоми ӯро «бод дар каф гирифтан» талаққӣ кунанд. Вале таъаммуқу ғавр дар маснавиҳо нишон медиҳад, ки майдони маснавӣ барои баёни андешаҳои имрӯзин то чи андоза муносибу созгор будааст» [5,133].

Шоир дар каломи худ аз санъатҳои шеърӣ хуб истифода намуда ва чунон ки аз байти зерин аён мегардад, дар рафти баёни андеша аз санъати тарсеъ бо маҳорати баланд кор гирифтааст:

Ба кори ақл мебояст кӯшид,
Ба нори ақл мебояст ҷӯшид [6,4]!

Дар маснавии дигари кутоҳе, ки дар баҳри хафифи мусаддаси махбуни аслам ё аслами мусаббағ суруда шудааст, шоир аз навъҳавони ошиқ, ки ба дари оқиле шикоят мебарад, сухан ба миён оварда, нахуст шикваҳои он навъҳавонро аз нозу адоҳо ва бениёзиҳои маъшуқа баён менамояд. Сипас, насиҳати худро аз забони марди оқил ба қалам медиҳад, ки омӯзаи хубе барои ошиқон аст:

Гуфт оқил, ки: «Гар амон ҷӯӣ!
Бояд онро зи нақди ҷон ҷӯӣ!
Сархати ҷабри ишқ, хомӯшист!
Беҳушӣ, бехудӣ, фаромӯшист!
Ба шикоят чӣ дошт муҳтоҷат?
Содиқонро шико на бар ҳоҷат!..
Гар ба ишқ омадӣ, зи ҷон бигзар!
Ҷонфидо, сӯи ҷони ҷон биспар!..
Ошиқон нақди ҷон намедонанд,
Чун зи ҷон серу тан ба қурбонанд!..»[6,65].

Дар маснавии кутоҳи “Хайр”, ки аз 19 байт иборат аст, муаллиф аз хайрхоҳӣ обод шудани ҷаҳонро баён намуда, дар сурати ба мардуми нодору дастнигар сарф нагардидан, эътибор надоштани моли мардонро таъйид менамояд. Шоир ба ин назар аст, ки ҷавонмардӣ дар аҳд боиси бар ҷаҳд афзудани ёрон мегардад.

“Некномӣ” ҳам аз маснавиҳои кутоҳи ин маҷмуа аст, ки дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф эҷод шуда, маснавии “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Низомии Ганҷавиро ба хотир меорад. Дар ин маснавӣ, чунон ки маълум мегардад, ба некӣ ва некукорӣ гаравидани инсон, бо ба бенавоён сохтану аз онҳо панд бурдани пасиниён ва бо ном боқӣ мондан, низомивор ба қалам дода шудааст:

Месоз кунун ба бенаво чанд,
То аз ту баранд сониён панд!
То аз ту баранд бар гиромӣ,
Бикшой даре ба некномӣ!
Дар нек чу некном ойӣ,
Магрой ба бад ба дерпойӣ!
Зеро, чу ғанимат аст то дам,
Мекӯш ба ном монӣ одам [6,73].

Яке аз мушаххасаҳои равшани ашъори Салими Хатлонӣ тобиши ирфонӣ доштани онҳост. Масалан дар маснавии кутоҳи “Накӯ бош” зимни тарғиби нек будан ва ба бад нагароидан, аз вожаҳои “сукр, аташ, асрор, парда, ҷуръа, тавф, ибораҳои ҳоли бетоб, марди раҳ, ишқи Ҳақ ва ғайра кор мегирад ва ҷолиб ин аст, ки аз забони ӯ ҳикмату мавъиза дар қолаби шеъри ҳамосӣ баён мешавад:

Яке гуфт дар панди некон маро,
Ки: “Эй баста дар қайди чуну чаро!..
Чу дар ҳоли бетоби сукру аташ,
Ба дасти аҷал мешавӣ ҷуръакаш!..
Ба ёд ояд аз неку бад кардаат,
Шавад фош асрори дар пардаат!
Ба сар бар диҳад рафтаат аз хаёл,
Биё, шукр гӯ, эй туро хуш ба ҳол!
Ду-се дам, ки боқӣ зи ин умр монд,
Хушо кас, ки дар иззати тавф ронд!
Ба тавфе, ки дар умр дорад сабақ,
Яқин гӯямат, тавф бар ишқи Ҳақ [6,91]!

Дар абёти поёнии маснавӣ, шоир андешаву орои назари худро бо вожаҳои софу сода ва равони тоҷикӣ баён менамояд, ки ҳадаф ва мақсадаш ба хонанда равшан аст:

Ба афтодану рафтанат ҳуш дор,

Ки фурсат шумор аст, эй ҳушёр!
Ҳамекӯш, то раҳ ба бад наспарӣ,
Накӯ бош, то дар ҳаловат барӣ!
Чу дар нек ояд, ҳам ояд ба бад,
Ки ҳам неку бад нест будан абад!
Баҳорон гузашту хазонҳо гузашт,
Чу бодест, яксон намонад ба дашт [6,91]!

Аз арзёбии мазмун ва муҳтавои қисмати “Чанд панди судманд” аён гардид, ки шоир бо сухани кутоҳи пурмазмун мавзуъҳои ҳикматомез ва панду ахлоқиро дар қолаби жанри суннатии маснавӣ, бо тарзу ифодаи ба худ хос, ба қалам додааст. Шоир ба воситаи чунин каломи зебо инсонҳоро аз хислатҳои разилаи инсонӣ, ба монанди дар банди ҳавову ҳавас будан, кибру ғуруру худписандӣ, бадиву бадкирдорӣ, риёкорӣ, мардумфиребӣ, носипосӣ, душманӣ, нотавонбинӣ, каҷрафторӣ, бехирадӣ, айёшӣ, бадгумонӣ ва ғайра дур нигоҳ медорад. Дар баробари накӯҳиши афъоли нописанд шоир бо суханҳои ҳикматдор мухотаби хешро ба дӯстиву рафоқат, ҳамдиливу ҳамзистӣ, дӯст доштани марзу буми аҷдодӣ, ростиву росткорӣ, тавоноиву созандагӣ, нишоту хуррамӣ, ҳушёриву зиракӣ ва муҳимтар аз ҳама, хидмати софдилона ва содиқона ба халқу Ватан даъват менамояд.

Бахши баъдӣ дар ин китоб “Зилзилаҳо аз гилаҳо” унвон гирифта, шоир ба тариқи ашъоре чанд бо гилагузорӣ аз хотири ранҷури хеш бар носазову ноҳақиҳои такондиҳандаи бархе аз аҳли ҷомеа, аз ҷумла тамаллуққорон, хушомадгӯён, чоплӯсон, фитнакорон, инчунин носозгориҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ арзи хешро баён намуда, бо ин роҳ саъй кардааст, ки як навъ пандгӯиро низ дар назми ин ашъор ба таваҷҷуҳи хонандагон пеш бигзорад.

Аз барррасии баъзе вижагиҳои мавзуӣ ва мундариҷавии ашъори Салими Хатлонӣ, ки дар бахшҳое аз ҷилди панҷуми куллиёти шоир сурат гирифт, иртиботи комили лафзу маъно, паём, андеша, эҳсоси баланди шоирона, баёни зебои отифа, ишқ, хирад ва дар ин росто ташвиқи инсон ба сӯи зебоипарастӣ, дӯстдорӣ, некӣ ва худшиносиву худогоҳиву ватанпарастӣ ба сароҳат ошкор аст. Шоири мумтоз бо интихоби сареҳи мавзуъҳо, ки ғолибан дар қолаби маснавӣ баён гардидаанд, тавонистааст, матолиби судмандеро ба хонандаи хеш баён намояд.

Муқарриз: Шамсов Н.С., н.и.ф., дотсент

Феҳристи адабиёти истифодашуда:

1. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан. - Душанбе: Ирфон, 1978.-328 с.
2. Қосимов, С.С. Рӯзгор ва осори Салими Хатлонӣ [масъалаҳои назми тоҷик дар замони Истиқлолият]. Монография [Матн]. – Душанбе: Истеъдод, 2014. –192 с.
3. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт.-Душанбе: Маориф, 1990.-336 с.
4. Сируси Шамисо. Анвои адабӣ.-Теҳрон, 1370 ҳ.-162 с.
5. Умар Сафар. Бигӯ, тарона бимонад [нақде бар сурудаҳои Салими Хатлонӣ].-Душанбе: Эр-граф, 2016.-192 с.
6. Хатлонӣ С. Мунтахаби ашъор[ҷилди 5].-Душанбе:Истеъдод, 2015.-560 с.
7. Хатлонӣ, С. Бенавое дар навои най [Матн] / С. Хатлонӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2011. – 464 с.
8. Шакурӣ, М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷики садаи бист.-Душанбе: Пайванд, 2006.-456 с.
9. Шарифов, Х. Сухан аз адабиёти миллӣ.-Душанбе: Пайванд, 2009.-476 с.

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ МАВЗУӢ ВА МУНДАРИҶАВИИ АШЪОРИ САЛИМИ ХАТЛОНӢ (ДАР АСОСИ ҶИЛДИ ПАНҶУМИ КУЛЛИЁТИ ШОИР)

Дар мақола баъзе вижагиҳои мавзуӣ ва мундариҷавии ашъори Салими Хатлонӣ дар асоси ҷилди панҷуми куллиёти шоир мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифи мақола аз таъини шахсият ва фаъолиятҳои дигари шоир аз қабили муҳаққиқӣ ва тарҷумонӣ сухан оғоз намуда, ҳамчун офарандаи каломи мавзун шуҳрати бештар доштани ӯро таъкид менамояд.

Бо сабку баёни ба худ хос ба адабиёт роҳ ёфтани шоир, аз ҷониби шоирон ва муҳаққиқони маъруфи тоҷик баҳои баланд гирифтани ашъори ӯ аз нуктаҳоеанд, ки дар мақола баён шудааст. Теъдоди маснавиҳои кутоҳи ҷилди мавриди назар, дар кадом баҳри арӯзӣ эҷод шудани онҳо, ҷанбаи мавзуии маснавиҳо дар мақола арзёбӣ гардидааст. Афзун бар ин, аз баррасии мазмун ва муҳтавои қисмати "Чанд панди судманд" муаллиф ба ин натиҷа мерасад, ки шоир бо сухани кутоҳи пурмазмун мавзуъҳои ҳикматомез ва пандуахлоқиро дар қолаби жанри суннатии маснавӣ, бо тарзу ифодаи ба худ хос ба қалам додааст.

Мақоланигор ба ин назар аст, ки Салими Хатлонӣ бо дарки баланди масъулият дар шеъру шоирӣ, мутолиаву аз бар намудани ашъори зиёде аз мутақаддимону мутааххирин, заҳмату талошҳои хастагинопазир, мушоҳидаҳову мулоҳизаҳо ва ҷусторҳои эҷодӣ тавонистааст, дар шеъру шоирӣ ҷойгоҳи худро пайдо намояд.

Муаллиф дар мақола таъкид менамояд, ки яке аз мушаххасаҳои равшани ашъори Салими Хатлонӣ тобиши ирфонӣ доштани он аст ва ин масъала дар маснавиҳои шоир, бахусус, маснавии кутоҳи "Накӯ бош" зимни тарғиби нек будан ва ба бад нагароидан, бо истифода аз вожаҳои "сукр, аташ, асрор, парда, ҷуръа, тавф, ибораҳои ҳоли бетоб, марди раҳ, ишқи Ҳақ ва ғайра равшан мегардад.

Калидвожаҳо: *маснавӣ, шоир, шеър, хусусият, мавзуъ, шакл, Салими Хатлонӣ, вижагӣ, мазмун, таҳқиқ, арзёбӣ, шинохт.*

НЕКОТОРЫЕ ТЕМАТИЧЕСКИЕ И СОДЕРЖАТЕЛЬНЫЕ ОСОБЕННОСТИ ПОЭЗИИ САЛИМА ХАТЛОНИ (НА ОСНОВЕ ПЯТОГО ТОМА ПОЛНОГО СОБРАНИЯ СОЧИНЕНИЙ ПОЭТА)

В статье рассматриваются некоторые тематические и содержательные особенности поэзии Салима Хатлони на основе пятого тома полного собрания сочинений поэта. Автор статьи начинает с упоминания личности и других видов деятельности поэта, таких как исследовательская и переводческая работа, подчеркивая, что Салими Хатлони получил наибольшую известность как творец изящного слова.

В статье отмечается, что поэт, благодаря своему уникальному стилю и выражению нашёл путь в литературу, также его позия получила высокую оценку со стороны известных таджикских поэтов и исследователей. Количество коротких маснави, рассматриваемого тома, в каком арузском размере они созданы, а также тематические аспекты этих маснави рассматриваются в статье. В дополнение к этому, изучая содержание раздела "Чанд панди судманд" автор приходит к выводу, что поэт коротким содержательным словом учёл нравственные и философские темы в традиционном жанре маснави, используя свой особый способ выражения.

Автор статьи считает, что Салими Хатлони благодаря высокому чувству ответственности в поэзии, изучению и усвоению стихов своих предшественников и современников, своим упорным трудом, наблюдениями и творческими поисками сумел найти своё место в творческом мире.

Автор подчеркивает, что одной из ярких характеристик поэзии Салима Хатлони является его мистический оттенок, что особенно проявляется в коротком маснавии "Наку бош", где поэт, пропагандируя добродетель и отклонение зла, с использованием слов "хмель, жажда, занавес, глоток, хождение, беспокойное состояние, странник пути, любовь к Богу и другие".

Ключевые слова: *маснави, поэт, стихотворение, особенность, тема, форма, Салим Хатлани, особенность, содержание, исследование, оценка, признание.*

SOME THEMATIC AND CONTENT FEATURES OF THE POETRY OF SALIMI KHATLONI (BASED ON THE FIFTH VOLUME OF THE COMPLETE WORKS OF THE POET)

The article examines some thematic and content features of Salimi Khatloni's poetry based on the fifth volume of his complete works. The author begins by mentioning the poet's personality and other activities, such as his research and translation work, emphasizing that Salimi Khatloni gained the most recognition as a creator of exquisite words.

The article notes that the poet, thanks to his unique style and expression, found his way into literature, and his poetry has received high praise from renowned Tajik poets and researchers. The number of short masnavis in the volume under consideration, the metrical forms in which they are created, and the thematic aspects of these masnavis are discussed in the article. Additionally, by studying the content of the section “Chand Pandi Sudmand”, the author concludes that the poet, with concise and meaningful words, addressed moral and philosophical themes in the traditional genre of masnavi, utilizing his distinctive mode of expression.

The author believes that Salimi Khatloni, due to his strong sense of responsibility in poetry, his study and assimilation of the verses of his predecessors and contemporaries, along with his persistent labor, observations, and creative quests, has managed to find his place in the creative world.

The author emphasizes that one of the striking characteristics of Salimi Khatloni's poetry is its mystical tone, which is particularly evident in the short masnavi “Naku bosh,” where the poet, promoting virtue and rejecting evil, uses words such as “wine, thirst, veil, sip, wandering, restless state, traveler on the path, love for God,” and others.

Keywords: *masnavi, poet, poetry, character, theme, form, Salimi Khatloni, uniqueness, content, content, research, Assessment, cognition.*

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Боев Шавкат Элмуродович*** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсент. ***Нишонӣ****: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: (+992) 935445450; E-mail: mustafo0612@mail.ru*

Сведения об авторе: Боев Шавкат Элмуродович *- Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, кандидат филологических наук, дотсент. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.:(+992) 935445450; E-mail: mustafo0612@mail.ru*

Information about the author: Boev Shavkat Elmurodovig *- Tajik International University of Foreign Languagesnamed after Sotim Ulughzoda, kondidat of Philology, dotsant. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Muhammadiev, 17/6, phone:(+992) 935445450; E-mail: mustafo0612@mail.ru*

ТДУ: 891.550.09-1

ҒАЗАЛ – ЖАНРИ АСОСИИ ЛИРИКАИ ҲОФИЗ

Бобоева М.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Хоҷа Шамсуддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ дар саросари таърихи шеъри форсии тоҷикӣ ҳамчун номдортарин сарояндаи ғазал шинохта шудааст. Шуҳрати Ҳофиз, пеш аз ҳама, ба ғазалиёте вобаста аст, ки аз муҳтавои тозаву амиқ ва баёни хушу балоғати саршор бархӯрдор мебошанд. Ҳамин хусусияти ғазалиёташро Ҳофиз дар бисёре аз абёти тахаллусӣ таъкид карда, худро садрнишини «девони ғазал» меҳисобад, ки намунаи он параҳои зер мебошанд:

Ғазал гуфтиву дур суфтӣ, биёву хуш бихон, Ҳофиз,
Ки бар назми ту афшонад фалак иқди Сурайёро [5, 18-19].

Ва:

Мутриб аз гуфтаи Ҳофиз ғазале нағз бихон,
То бигӯям, ки зи аҳди тарабам ёд омад [5, 150].

Ҳамчунин:

Шеъри Ҳофиз ҳама байтулғазали маърифат аст,
Офарин бар нафаси дилкашу лутфи суханаш [5, 234].

Ба ин далел, аксари тазкиранависон ва муҳаққиқон низ ҳунари ғазалсароии Ҳофизро сутудаанд. Аз ҷумла, Абдурраҳмони Ҷомӣ «аксари ашъори» ӯро «латиф ва матбуъ» дониста, «салосат ва равонӣ»-и ғазалҳояшро аз имтиёзи онҳо ба қалам медиҳад [1, 250]. Шиблии Нуъмонӣ низ «дар қасида ва маснавӣ ҳам аз асотиди фан ақиб» набудани Хоҷаро таъйид карда, дар ин замина меафзояд, ки «лекин муъҷизаи аслии ӯ дар ғазалсароист ва ин матлаб ба таври умум мусаллам аст, ки дар олами вуҷуд касе то ба имрӯз натавониста бо ӯ ҳамсарӣ намояд» [10, 475].

Дар воқеъ, тавоноии Ҳофиз дар эҷоди навъи ғиноии [лирикии] ғазал дар ҳамаи марҳалаҳои эҷодиёташ бисёр воло буда, ҳатто дар тарзи нигориши ӯ ранги тозагӣ доштани оддитарин орову андешаҳо аз имтиёзоти тафаккури бадеӣ ва зебоишиносии ӯ ба шумор меравад. Андешаи бадеӣ ва зебоишиносии Ҳофиз зери таъсири авзои табиӣ, ҷуғрофиёӣ, таърихӣ ва сиёсиву иҷтимоии замони шоир парвариш ёфта ба камол расидааст, ки ин омил аввалан ба ҷараёни эҷодии ӯ бетаъсир набудааст, сониян андешаву орои аҳли таҳқиқро дар тӯли замонҳо ба шеър ва ҳунари шоирии ӯ мутағаййир сохта, ҳатто заминаи дигарандеширо дар шарҳу тафсири ғазалиёти Хоҷа ба вуҷуд овардааст. Аз ин ҷиҳат, вазъи мавҷудаи таҳқиқи мухтассоти мундариҷавӣ ва ҳунарии ғазалиёти Ҳофизро ба назар гирифта, мо қарор додем, ки дар ин мақола баъзе паҳлуҳои ҷустуҷӯҳои бадеии шоирро дар эҷоди жанри ғазал ба таври фишурда таҳқиқу арзёбӣ ва нақши ӯро дар ташаккул ва таҳаввули ин навъи ғиноӣ мушаххас намоем.

Ғазал аз анвои умдаи шеъри ғиноӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ буда, маҳз ба ҳиммати Ҳофиз, ба ифодаи Сируси Шамисо «қасидаро ба ақиб ронд ва худ қолаби роиҷ ва мусаллати шеъри форсӣ гардид» [11, 302]. Ғазал дар девони шоир ҳам аз ҷиҳати миқдор ва ҳам сифат ҷойгоҳи хос дошта, миқдори он дар нусхаҳое, ки дар солҳои гуногун китобат ва таҳия шудаанд, ба тарзи гуногун забт шудааст. Масалан, агар дар нусхаҳои баъди 30-50 соли вафоти шоир китобатшуда қиёсан наздик ба 500 ғазал омада бошад, дар нашри Муҳаммад Қазвинӣ ва Қосим Ғанӣ 495 ғазал забт шудааст [1, 254]. Ғазалиёти дар нусхаҳои хаттӣ ва чопии девони Ҳофиз забтшуда гувоҳи онанд, ки ин жанр на фақат ба миқдор, балки аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ва сохтори бадеиву жанрӣ низ дар эҷодиёти шоир ҷойгоҳи хос дошта, равиш ва сатҳи асосии ҷустуҷӯҳои ӯро дар инкишофи ғазал муайян менамояд.

Ҳофиз на фақат ба сохтори жанрии ғазал тағйироти қобили мулоҳиза ворид сохт, балки сатҳи муҳтаво ва маънавии онро низ такмил бахшид. Ба ифодаи дигар, ғазалиёти Ҳофиз мисли ғазалҳои Саъдиву Аттор, Мавлонову Ироқӣ ҳам дар сатҳи ошиқонаву орифона суруда шудаанд, ҳам «вазифаи аслии қасидаро, ки мадҳ аст, бар дӯш» [12, 342] доштаанд. Илова ба

ин, дар ин гуна шеъри ғиноӣ шахсияти шоир дар шинохт ва тафсиру такмили муҳтавою маънӣ дар ҷои аввал меистад, ки хонанда ва ҳам шореҳ аз ҳамин роҳ шеъри ӯро метавонад пазирад ва дарку тафсир намояд. Чунин хусусияти ғазал рӯҳи шоирро ба назари хонанда зинда намуда, ба ӯ дар бораи замон ва каҷдору марези он, ки аз дили ӯ гузаштаву адешаву ороишро такмил бахшидааст, тасаввуроти ҷомеъ медиҳад. Дар ин ҳол, рамзу истиораву маҷоз ва талмеҳу тамсил шикофии дунёи воқеӣ ва тасаввуриву тасвирии шоирро менамоянд, ки аз дили шоир гузашта, рамзи пайванди зич ва устувори ӯ бо воқеияти зиндагӣ ва замони ҳолу аздастрафта мебошад. «Ман»-и Ҳофиз дар ин ҳол на фақат бо мухтассоти нотакрори худ, ки фардияти ҳастии инсонӣ ва ҳунарии ӯро ифода мекунад, балки он чиро низ ошкор ва бармало месозад, ки мутааллиқ ба башар асту таъмимист [типист]. Ба ҳамин далел, Гёте шеъри ӯро «ҳамчун абадият бузург» шинохта, сипас афзудааст:

Туро дарёе аст ором,
Дар ашъори сабукпову осонат.
Ки ҷӯшида амвоҷе оташин мегарданд
Шарораи он маро мебалъад.
Вале дар ман ғуруре ба по мехезад,
Ки маро густохӣ медиҳад.
Чу ман низ дар сарзамине, ки аз партави хуршед бархурдор аст,
Зиста ва ишқ варзидаам.
Гар ҷаҳони ишқ фано шавад боке нест,
Эй Ҳофиз, бо ту, бо ту танҳост
Ки мехоҳам баробарӣ кунам!
Шодиву ғам
Моро бародарони тавъамро муштарак бод!
Чун ту ишқ варзидан ва нӯшидан,
Ин зиндагӣ ва ифтихори ман бошад! [3, 73].

Ҳамин тавр, дар такя ба сарнавишт ва таҷрибаи шеърии Ҳофиз метавон маҷмӯаи омилҳоеро, ки ҷараёнҳои зеҳнии шоирро ташкил дода, арзиши ғазалиёти ӯро башарӣ кардаанд, ба се даста тақсим кард: нахуст омили фарҳанги умумии шоир, яъне огоҳии ӯ аз масоили таърихиву иҷтимоӣ ва сиёсӣ сар карда то иттилооти диниву асотирӣ ва илмиву фалсафӣ, ки дар гузаштаву ҳол, дар муҳити дуру наздики рӯзгори ӯ ҷараён дошта, ба ташаккули шахсияти ҳунариаш таъсиргузор будааст; омили баъдии фарҳанги шеърии ӯ алфозу маонии шеърӣ ва натиҷаи хондаҳову шунидаҳои ӯ буда, аҳамияти ин омил низ дар ташаккули шахсияти ҳунарии ӯ аҳамиятнок мебошад ва ниҳоят, таҷрибаҳои хусусии шоир аз рӯзгори кӯдакӣ сар карда то лаҳзаи камолоти ҳунариаш дар ташаккул ва таҳаввули мундариҷа ва сохтори жанрии ғазалиёти ӯ таъсири амиқ гузошта, ба шаклгирии чеҳраи фардии ӯ дар эҷоди ғазал мусоидат намудааст.

Омилҳои зикршуда дар ташаккули шакли зоҳири ғазали Ҳофиз, ки ба қавли Шафеии Кадканӣ «хасоиси фаннӣ ва зоҳирӣ» [15, 24] дорад, низ таъсиргузор буда, дар ин замина дар давраҳои гуногун баъзе таҳқиқот сурат гирифтааст [10, 475-535; 8, 42-45; 9, 27-68; 11, 302-309: 12, 242-245]. Аз ҷумла А. Мирзоев нақши Ҳофизро дар ҷараёни «ташаккулёбии ғазали истилоҳӣ» [2, 42] муайян карда, барқарор намудани тахаллус дар мақтаи ғазал, маънии мустақил «дар бар кардани ҳар як байти ғазал» ва «кор карда баромадани забони хоси ғазалсароӣ»-ро аз омилҳое медонад, ки ғазалро «дар эҷодиёти Ҳофиз ба баландтарин қуллаи тараққиёти худ» [8, 46] расондаанд.

И. С. Брагинский низ хусусиятҳои фаннӣ ва сохтори зоҳирии ғазалиёти Ҳофизро таҳқиқ карда, лаҳни нигориш ва таносубу ҳамсозии лаҳну ово ва қофияву радифро ҳамчун омили таъсиргузори ташаккул ва таҳаввули ин жанр дар эҷодиёти шоир ба қалам додааст [2, 380-385].

Донишманди дигар, Сируси Шамисо дар таҳқиқоти ҷомеи худ оид ба сохтори жанрии ғазал ҳамчун навъи ғиноӣ ва унсурҳои сабксози ғазалиёти Ҳофиз сухан карда, ҷустуҷӯҳо ва тозакориҳои шоирро дар ин замина баррасӣ кардааст, ки шинохти сохтори ғазали талфиқӣ ва

мухтассоти тарзи нигориши Ҳофиз дар ин замина аз ҷумлаи мушаххасоти ҷустуҷӯҳои ӯ дар боби сохтори жанрии ғазали шоир ва тарзи нигориши ӯ мебошад.

Омилҳои дар боло ёдшуда дар шаклгирии бунёди маънавию рӯҳонӣ ва сохтори мундариҷавии ғазалиёти Ҳофиз, ки мабдаи аслии тамаддунӣ ва фарҳангиву ғоявии ин навъи ғиноии шеъри шоир аст, низ таъсиргузор буда, мутаассифона, ин паҳлуи масъала дар адабиётшиносии мо ба дараҷае, ки лозим аст, таҳқиқ ва арзёбӣ нашудааст.

Бояд таъкид кард, ки бунёди маънавию рӯҳонӣ ва хусусияти сохтори мундариҷавию жанрии ғазалиёти шоир, пеш аз ҳама, зери таъсири омили фарҳангиву тамаддунии Эрони исломӣ ташаккул ёфта, омили аслии нуфӯзи ғазалиёти ӯ дар густараи фарҳангии миллӣ ва ҷаҳонӣ будааст. Фазилати дигари маънавӣ ва ҳунарии ғазалиёти Ҳофиз, ки зери таъсири омилҳои ёдшуда ташаккул ёфтааст, эҳсосот ва авотифи инсонӣ мебошад, ки новобаста ба замони соат мӯҷиби қабули хосу ом қарор гирифтааст. Ғазалҳои ӯ гувоҳи онанд, ки андешаву назарҳои инсонӣ ва мазҳабӣ, илмиву таърихӣ ва фарҳангӣ бунмояи ин гуна осорро шакл дода, заминаро барои шуҳрати ҷаҳонии «орифе баландпоя ва жарфков» [4, 132] фароҳам овардаанд.

Ғазалҳои Ҳофиз фарогири мероси фарҳангӣ ва таҷрибаи фардии шоир буда, рӯйдодҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, таърихӣ, мушкилоти ахлоқӣ ва маънавии зиндагии инсонро новобаста ба замони соат матраҳ ва баррасӣ кардаанд, ки шикоят аз замона, ғалаёни рӯҳӣ, умеди висол, инкор ва шубҳа, ишқ, ояндабинӣ, сабру таваккул, тарғиби илму дониш, танқиди замон ва замондорон ва ғайра аз ин ҷумла аст.

Ғазалиёти шоир маҷмӯи андешаҳои ӯ дар бораи ишқу бехудӣ, шарти ақл дар шинохти дунё ва мушкилоти он, арзиш ва нақши ақлу илм дар ҳаёти ҷомеа, шодиву нишот, ҳадиси қиёмат ва мавқеи риёкоронаи шайхону зоҳидон буда, ин ҳамаро дар матни воқеияти рӯзгараш тасвир ва баррасӣ мекунад ва нидои зистан ва ояндабин буданро сар медиҳад. Ғазалиёти Ҳофиз фарогири олому дардҳои зоҳир ва ишқҳову зебоиҳои ботини инсон буда, озодӣ ва саодати воқеии инсонро дар ҷаҳони каҷдорумарез замонат медиҳанд. Шоир андешаву ороишро дар ин замина бо тарз ва равишҳои гуногуни ҳунарӣ баён карда, ба ин васила ин жанри ғиноиро барои шинохти ҳастии инсон, дунё ва гиру дори он истифода кардааст. Аз ин ҷиҳат, ӯ дар тасвир ва баёни андешаву оро шеваҳои риндӣ, тасаввуфӣ, ғайритасаввуфӣ, ирфонӣ ва ғайриирфониро ҳунармандона ба кор гирифта, сатҳи маънавӣ ва ҳунарии ин жанрро таҳаввул бахшидааст.

Масалан, Ҳофиз дар замири ғазали зерин мазмун ва аносири маънавии мазҳабӣ ва ирфониро ҷой дода, тарзи баён ва тасвири матлаб табиию самимӣ ва новобаста ба савияи маърифатӣ ва мансубияти иҷтимоиву табақотии инсон ба эҳсосоти ӯ таъсиргузор мебошад.

Дӯстон вақти гул он беҳ, ки ба ишрат кӯшем,
Сухани аҳли дил аст ину ба ҷон бинйушем.
Нест дар кас караму вақти тараб мегузарад,
Чора он аст, ки саҷҷода ба май бифрӯшем.
Хуш ҳавоест фараҳбахш, худоё, бифирист
Нозанине, ки ба рӯяш майи гулгун нӯшем.
Арғунунсози фалак раҳзани аҳли ҳунар аст,
Чун аз ин ғусса нанолему чаро нахрӯшем.
Гул ба ҷӯш омаду аз май назademаш обе,
Лоҷарам з-оташи ҳирмону ҳавас мечӯшем.
Мекашем аз қадаҳи лола шаробе мавҳум,
Чашми бад дур, ки бе мутрибу май мадҳушем.
Ҳофизо, ин ҳоли аҷаб бо кӣ тавон гуфт, ки мо
Булбулонем, ки дар мавсими гул хомӯшем [5, 308-309].

Ин ғазал намунае аз офаридаҳои Ҳофиз аст, ки шоир дар он ғазали ошиқона ва орифонаро ба ҳам пайванд зада, шинохти ҳақиқати зиндагӣ ва таносуби он бо андешаву орои шоирро ба миён кашидааст. Қаҳрамони ғазали ғиноии шоир дар ин ҳол гоҳе маъшуқи заминӣ аст ва гоҳи дигар маъбуди осмонӣ ва гоҳе аз тоифаи булбулонест, ки дар мавсими гул

хомӯшанд. Дар суханони шоир даъвати самимӣ ва берӯю риё, ҳам рози ошуфта дар матни воқеиятҳои зиндагии каҷдорумарез ба ҳам омадааст, ки бозгӯи ҳоли инсон ва замони носозгор аст. Ба мушоҳидаи Х. Шарифов «Ин ҷаҳони рӯҳонӣ ва шоиронаи сохтаи Ҳофиз ба дили ҳар каси солимақл ва солимфитрат ошност ва ӯро водор мекунад, ки дар ҷаҳони ғаму шодии хеш андеша кунад ва лофи ақлу беҳудагӯиро ба пеши довари ростини ҳастӣ, яъне Худованд гузорад. Хулоса, Ҳофиз касро ба авҷи шоиронаи даричаи неку бади ҳастӣ ва довари ҳақиқии он мебарад ва баъид аст ин маънӣ бар рӯҳияи хонанда ва ё шунавандаи он муассир набошад» [14, 283].

Воқеан ҳам, ғазали иқтибосшудаи Ҳофиз аз қасида самимитар буда, бештар ба дил ва рӯҳи инсон таъсир мегузорад ва ҷанбаи мадҳӣ низ дорад. Ин гуна ғазалҳои Ҳофиз, ба қавли Абдулҳусайни Зарринкӯб «суруди ишқу бехудист ва шоир ҷуз бо ишқу бехудӣ» натавонистааст «андӯҳи замонаеро, ки дар фасоду гуноҳ ва дурӯғу фиреб ғутта» хӯрдааст, «фаромӯш кунад» [6, 214].

Ба мушоҳидаи муҳаққиқони осори Ҳофиз «зеботарин ғазалҳои мадҳиро» низ ӯ сурудааст. «Махсусан ғазалҳои номаӣ, ки барои шоҳ фиристодааст ва аз дурӣ гилоя кардааст, бисёр пурмазмун ва таъсиргузор» [11, 308] буда, ғазале, ки бо байти «Равоқи манзари чашми ман ошёнаи туст,// Карам намову фурӯд о, ки хона хонаи туст» [5, 43].оғоз меёбад, намунаи ҳамин гуна ғазалҳо мебошад.

Ҳофиз ҳамчунин ғазалҳои марсия низ сурудааст, ки заминаи таърихӣ ва иҷтимоии қавие дошта, чеҳраи замон ва замондоронро ба сароҳат ошкор менамояд. Шоир яке аз ин гуна марсияҳояшро дар моҷарои ҳукумати зудгузар ва қатли дардноки шоҳ Шайх Абӯисҳоқ дар шакли ғазал суруда, дар 9 байт бо эҳсоси жарф аз рӯзгоре, ки гузаштаасту бозгашташ ҳаргиз муяссар нахоҳад буд, ёд мекунад. Умқи ин эҳсос ва андешаи шоирро метавон аз радифи **–буд** ба равшанӣ дарёфт. Ин радиф дар ғазали марсия ҳамчун танини навҳаи ҷонгудоз хонандаро дар ҳар байт ба дунболи худ кашида, дунёи бесубот ва доим дар ҳоли вайрониро пеши назар меоварад.

Масъуди Фарзод зимни сухан аз ҳамин ғазал ва бо таваҷҷӯҳ ба байти охири он: «Дидӣ, он қаҳқаҳаи кабки хиромон Ҳофиз,// Ки зи сарпанҷаи шоҳини қазо ғофил буд» [5, 177] менависад: «Чӣ васфе дақиқтар ва муассиртар аз «кабки хиромон» барои шоҳ Шайх ва «шоҳини қазо» барои амир Муборизиддин метавон оварда» [7, 435-436]. Ин ғазал бо байтҳои зер оғоз мешавад, ки андӯҳ ва ҳолати эҷобии шоир дар он образнок ба тасвир омадааст:

Ёд бод он, ки сари кӯи туам манзил буд,
Дидаро рӯшанӣ аз хоки дарат ҳосил буд.
Рост чун савсану гул аз асари суҳбати пок,
Бар забон буд маро он чӣ туро дар дил буд.
Дил чу аз пири хирад нақли маонӣ мекард,
Ишқ мегуфт ба шарҳ он чӣ бар ӯ мушкил буд.
Оҳ аз ҷавру татовул, ки дар ин домгаҳ аст,
Оҳ аз он сӯзу ниёзе, ки дар он маҳфил буд
Дар дилам буд, ки бе дӯст набошам ҳаргиз,
Чӣ тавон кард, ки саъйи ману дил ботил буд... [5, 176-177].

Ҳофиз дар шакли ғазал марсияҳои дигаре низ навиштааст, ки яке он марсияи фарзанд мебошад. Ин ғазали бисёр пурсӯз ҳикоят аз марги сареъ ва ногаҳонии фарзанди шоир дорад, ки аз отифа ва эҳсоси амиқи инсонӣ саршор буда, ҳунармандии ӯро дар сурудани ин навъи шеър собит менамояд. Зайли намуна пораеро аз ин ғазал иқтибос мекунем:

Булбуле хуни диле хӯрду гуле ҳосил кард,
Боди ғайрат ба садаш хор парешондил кард.
Тӯтиеро ба хаёли шаккаре дил хуш буд,
Ногаҳаш сели фано нақши амал ботил кард...
Оҳу фарёд, ки аз чашми ҳасуди маҳу чарх
Дар лаҳад моҳи камонабрӯи ман манзил кард.
Назадӣ шоҳ руху фавт шуд имкон Ҳофиз,

Чи кунам бозии айём маро ғофил кард [5, 120-121].

Асолату пайванди маънавӣ ва муассирии абёти ин ғазал онро хеле муассир карда, ҳоли падари доғдидаро ба сароҳат менамояд. Ҳофиз аз ин ки мувозибати беҳтару бештаре аз фарзанди хеш накардааст худро маломат мекунад ва аз ин ки фурсати чунин мувозибате барои ҳамеша аз байн рафта аст, ғам мехӯрад ва изҳори таассуф менамояд.

Зимнан бояд ёдовар шуд, ки Насруллоҳи Имомӣ ғазалҳои марсияи Ҳофизро таҳлил карда, бе ҳеҷ далеле онҳоро «қолаби ҷоафтодае барои марсия ба ҳисоб» [7, 434] намеоварад. Баръакс, муқоиса ва таҳлили фушурдаи ду марсияи Ҳофиз, ки дар шакли ғазал сурудааст, собит сохт, ки ин жанр метавонад қолаби таъсигузор барои марсия бошад.

Чунонки ба мушоҳида расид, имтиёзи таҷрибаи шеърии Ҳофизро дар эҷоди ғазал, пеш аз ҳама, муҳтаво, заминаи маънавӣ ва сохтори бадеии тасвир мушаххас месозад, ки ҳосили отифаву андеша, хаёли шоирона ва ҳунари тасвиргарии шоир буда, ин равиши ҳунарӣ чеҳраи аслии шоирии Ҳофизро муайян ва мушаххас менамояд. Таҷрибаи Ҳофиз, пеш аз ҳама, ҳосили отифа, андеша ва хаёлест, ки бе унсури охир ва нерӯи он ҳеҷ кадоме аз он ду унсури қаблӣ наметавонад созандаи ғазал ба маънии воқеии калима бошад. Яъне усулан ҳунар вақте аз худ дарак медиҳад, ки хаёлу баёни ҳунарӣ корсоз бошад. Ба ифодаи дигар, баён ва зебоӣ ду мафҳум нестанд, балки як мафҳум ҳастанд, ки ҳар кадом аз ин ду калимаи мутародифро, ки бихоҳем метавонем ба он илҳоқ кунем [14, 24].

Донишмандон отифаро андӯҳ ё ҳолати ҳамосӣ ё тааҷҷубу ҳайрате донистаанд, ки шоир аз рӯйдоди ҳодисае дар хеш эҳсос мекунад ва аз хонанда ё шунаванда мехоҳад, ки бо вай дар ин эҳсос ҳамсоз бошад. Таҷрибаи шеърии бисёре аз шоирон нишон медиҳад, ки на ҳамаи онҳо ҳолате отифиро ба хонанда мунтақил карда тавонистаанд, зеро шеъри онҳо ин ҳолатро дар худ нағунҷондааст. Таҷрибаи шеърии Ҳофиз фарогири авотиф ва андешаҳое ҳастанд, ки аз як тараф бо хирад ва мантиқ сару кор доранд, аз тарафи дигар заминаи навъи ғиноии ғазал ҳастанд. Таҷрибаи шеърии Ҳофиз дар ғазалиёти ӯ лаҳзаҳои отифиеро фаро гирифтаанд, ки ба кӯмаки нерӯи хаёл ҷанбаи шоирона ба худ гирифтаанд. Дар ин замина метвон гуфт, ки « Ба воситаи кашфи маъно чигунагии интиқоли андеша ба забон равшан мешавад. Баррасии забони шеър дарки моро аз андешаҳои аслии шоир фузунӣ мебахшад. Дар ҳама гуна матни адабӣ, аз ҷумла дар шеър, маънои калима комилан дар худи он нест, балки то андозае бо вожагони дигари матн муносибат дорад. Даруни вожа дар шеър пур аз таҷаллии маъност. Вожа дар шеър ҳамвора дар ҳаракат аст, дар рақсу бозист.» [13, 102]. Ғазали зерини Ҳофиз ифодагари ҳамин таҷрибаи ҳунарии ӯ мебошад:

Ёрӣ андар кас намебинем, ёронро чӣ шуд?
Дӯстӣ кай охир омад, дӯстдоронро чӣ шуд?
Оби ҳайвон тирагун шуд, Хизри фаррухпай куҷост?
Хун чакид аз шохи гул, боди баҳоронро чӣ шуд?
Кас намегӯяд, ки ёре дошт ҳаққи дӯстӣ,
Ҳақшиносонро чӣ ҳол афтод, ёронро чӣ шуд?
Лаъле аз кони мурувват барнаёмад солҳост,
Тобиши хуршеду саъйи бду боронро чӣ шуд?
Шаҳри ёрон буду хоки меҳрубонон ин диёр,
Меҳрубонӣ кай саромад, шаҳриёронро чӣ шуд?
Гӯи тавфиқу каромат дар миён афкандаанд,
Кас ба майдон дарнамеояд, саворонро чӣ шуд?
Сад ҳазорон гул шукуфту боги мурғе барнахост,
Андалебонро чӣ пеш омад, ҳазоронро чӣ шуд?
Зуҳра созе хуш намесозад, магар удаш бисӯхт?
Кас надорад завқи мастӣ, майгусоронро чӣ шуд?
Ҳофиз, асрори илоҳӣ кас намедонад, хамӯш!
Аз ки мепурсӣ, ки даври рӯзгоронро чӣ шуд? [5, 147].

Вақте аносири маънавии ин ғазали Ҳофизро мавриди баррасӣ қарор медиҳем, маълум мегардад, ки дар ин ғазали саршор ва пурмаънӣ аносири маънавии шеърро мушкилоти зерин

шакл додааст: нахуст андешаи фурӯ афтодани пояҳои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ҳамчун як таҷрибаи мантиқӣ ва воқеӣ, ки бархоста аз зеҳни андешаманд ва мушоҳидаи шоир аст; аз сӯи дигар, отифаи хоси инсонӣ дар баробари воқеиятҳои нигаронкунандаи ҷаҳони ҳастӣ ва афсӯсу дареғи шоир бар фанои инсон ва нобудии меъёрҳои созандаи ҳаёти одамӣ. Аммо чун дақиқ биандешем, заминаҳои маънавии зикршуда тозагӣ ва лутфе надоранд, зеро андешаи фурӯ афтодани пояҳои ахлоқ ва ҳарос аз вазъи зиндагӣ барои Ҳофиз чизи тоза нест. Фақат хаёли нируманди шоир тавонистааст, ки ин андеша ва отифаи ҳамаи инсонҳоро дар тасвире хос ва таъсиргузор ҷовидонӣ созад ва он таҷрибаи оддии зиндагии инсонро дар тасвирҳои «лаъле аз кони мурувват», «шаҳри ёрон буду хоки меҳрубонон», «сад ҳазор гул шукуфту бонги мурғе барнахост», «Зуҳра созе хуш намесозад, магар удаш бисӯхт» ва монади инҳо ҷовидона созад.

Ба ин тартиб, агар таҷрибаи шеърии Ҳофизро дар эҷоди ғазал дақиқ мурур кунем, маълум мешавад, ки ҳеҷ таҷрибаи зиндагӣ дар корбурди лисонулғайб бе истифода аз неруи хаёл арзиши ҳунарӣ ва шеърӣ пайдо накардааст. Воқеияте, ки дар ғазали мазкур мавриди таваҷҷуҳи шоир қарор гирифтааст, аз шуҳуди ҳиссӣ ва хаёли шеърӣ баҳра гирифта, ба ҳадди як шуҳуди ғиноӣ расидааст.

Аз таҳлилҳои анҷомгирифта бармеояд, ки дар сохтмони ғазал зеҳни Ҳофиз ба ду тарз амал кардааст. Дар як сӯ тарҳи куллӣ ва маҷмӯи созандаи шеър аст, ки бо ҳамсозии мундариҷа ва ғоя сохтори маънавӣ ва шаклии ғазалро ба вуҷуд овардааст ва аз сӯи дигар дар ин ҳавза хаёли Ҳофиз аз маҷмӯи таҷрибаҳо ва ёдҳо ва таъсирот дар заминаҳои мухталиф ёрӣ гирифтааст, то шакли аслӣ ва тарҳи куллии ғазал ба вуҷуд ояд.

Дар мисоли ғазали иқтибосшуда ва ғазалҳои дигари шоир метавон афзуд, ки яке аз паҳлуҳои муҳими таҷрибаи ӯ дар он аст, ки дар эҷоди ин навъи шеър шоир ҳодисаҳо, ашё ва ё маъниҳои мутаносибро интихоб карда, ба ин васила миёни ҷузъҳои сужа ва сохтори мундариҷавии ғазал ҳамсозӣ ва ҳамоҳангии комилро ба вуҷуд овардааст. Шоир нахуст аз адаму нобудии яке хабар дода, оқибати корро ба воситаи пурсиш ифода кардааст. Чунончи, ёриву ёр, дӯстиву дӯстдор, оби ҳаёту Хизр, шохи гулу абри баҳор, ҳаққу ҳақшинос, лаълу кон, тобиши хуршеду боду борон ва ғайра. Ин тарзи тасвир ва ифодаи андешаву оро равиши асосии тарзи нигориши Ҳофизро дар ироа ва тасвири воқеияти рӯзгор дар ғазалҳои ӯ шакл додааст, ки аз имтиёзоти ҳунарии ӯ мебошад. Усули барозандаи тасвири Ҳофизро мо дар тарҳи масоили иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фалсафӣ низ дучор мешавем, ки хусусияти дид ва тасвиргарии ӯро дар қолаби жанри ғазал бармало месозад.

Муқарриз: Суфизода Ш.З., д.и.ф, профессор

КИТОБНОМА

1.Афсаҳзод, А. Худованди эҳсос ва исён / А. Афсаҳзод. Дар сафи бузургон. – Душанбе: Ирфон, 1986. – С. 240-285.

2. Брагиискый, И. С. Очерк о Хафизе, его эпохе и творчестве / И. С. Брагинский. Из истории персидской и таджикской литератур. Избранные работы. –Москва: Наука. 1972. – С. 327-412.

3. Бюргел, К. Гуте ва Ҳофиз / К. Бюргел // Садои Шарқ. -1994. - № 3-4. – С. 70-80.

4. Дастғайб, А. Ҳофиз дар ҷаҳони андеша / А. Дастғайб // Садои Шарқ. -1990. -№ 4. – С. 132-136.

5. Девони Ҳофиз аз нусхаи Муҳаммад Қазвинӣ ва Қосим Ғанӣ. Бо муқаддимаи Пажмон Бахтёрӣ / Девони Ҳофиз. – Теҳрон, 1381. – 440 с.

6. Зарринкӯб, А. Бо корвони ҳулла. Маҷмӯаи нақдӣ / А. Зарринкӯб. – Душанбе: Пайванд, 2004. – 392 с.

7. Имомӣ, Н. Марсиясароӣ дар адабиёти форсии Эрон [то поёни қарни ҳаштум] /Н. Имомӣ. – Ҷиҳоди донишгоҳии Аҳвоз, 1369. – 488 с.

8. Мирзоев, А. Сездаҳ мақола [Аз таърихи адабиёти асрҳои 10-15 форсу тоҷик] / А. Мирзоев. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 288 с.

9. Мирзозода, Х. Ошиқи ҳаёт ва шоири туғёнӣ Ҳофизи Шерозӣ/ Х. Мирзозода. Адабиёт аз нуқтаи назари ҳаёт [Маҷмӯаи мақолаҳо]. – Душанбе: Ирфон, 1973. – С. 27-68.

10. Нуъмонӣ, Ш. Шеър-ул-Ачам. Ҷолди аввал ва дувум / Ш. Нуъмонӣ. – Душанбе: ДДОТ, 2016. – 544 с.
11. Шамисо, С. Анвои адабӣ / С. Шамисо. – Теҳрон: Фирдавс, 1381. – 376 с.
12. Шамисо, С. Сабкшиносии шеър / С. Шамисо. – Теҳрон: Фирдавс, 1374. – 430 с.
13. Суфиев, Ш. З. О путях понимания смысла стихотворения / Ш. З. Суфиев // Вестник Педагогического университета. – 2020. – № 3(86). – С. 101-106. – EDN LRYEPG.
14. Шарифов, Х. Дар шинохти шеъри Ҳофиз ва дигарон / Х. Шарифов. Сухан аз адабиёти миллӣ. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Пайванд, 2009. – 476 с.
15. Шафеъии Кадканӣ, М. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ: таҳқиқи интиқодӣ дар таттаввури иможҳои шеъри порсӣ ва сайри назарияи балоғат дар ислом ва Эрон / М. Шафеъии Кадканӣ [Вироиши 2]. – Теҳрон: Огоҳ, 1366. – 732 с.

ҒАЗАЛ - ЖАНРИ АСОСИИ ЛИРИКАИ ҲОФИЗ

Ғазал жанри асосии шеъри Ҳофиз буда, ҳамчун «байтулғазали маърифат» аз ибтидо мавриди таваҷҷӯҳи тазкиранигорон ва муҳаққиқони адабиёт қарор гирифтааст. Бо назардошти ҷойгоҳи ин жанр дар эҷодиёти шоир мо дар ин мақола саъй кардем, ки мухтассоти сохторию мундариҷавии ғазалиёти Ҳофизро таҳқиқ ва арзёбӣ карда, дар ин замина ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва зебоишиносии шоирро мушаххас намоем. Дар мақола омилҳои асосие, ки ҷаҳони зеҳнии шоирро ташаккул дода, заминаи рушди ғазалро дар мероси адабии ӯ фароҳам овардаанд, низ оварда шудааст. Дар рафти таҳқиқ нақши ҷаҳонбинӣ, истеъдод ва маҳорати шоирии Ҳофиз дар рушди жанри ғазал мавриди баррасӣ қарор гирифт. Нақши ин омилҳо дар ташаккули ҳаёти воқеии Ҳофиз ва вежагиҳои шаклию маъноии ғазалҳои ӯ, ки баландтарин қуллаи инкишофи ин жанри лирикӣ ба ҳисоб мераванд, мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Ҳамчунин кӯшиш кардем, ки мақоми газалиёти Хофизро дар тасвири ҳунармандонаи масъалаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, таърихӣ ва ахлоқию маънавии ҷомеа дар заминаи ҷустуҷӯҳои бадеии ӯ муайян кунем.

Калидвожаҳо*: ғиноӣ, ғазал, тарҳ, масоил, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фалсафӣ, ошиқона, маънавӣ, отифа, баён, зебоӣ, хаёл, тасвир.*

ГАЗЕЛЬ – ОСНОВНОЙ ЖАНР ЛИРИКИ ХАФИЗА

Газель является основным жанром творческого наследия Хафиза и как «верный носитель знания» с самого начала была предметом внимания авторов поэтических антологий и литературоведов. С учётом место этого жанра в творчестве поэта, в данной статье мы попытались определить структурно-содержательную специфику газелей Хафиза и в этом контексте конкретизировать художественно-эстетические поиски поэта. В статье также представлены доминирующие факторы, сформировавшие интеллектуальный мир поэта и создавшие основу для развития газели. В ходе исследования подвергли обсуждению роль мировоззрения поэта, его поэтического таланта и мастерства в развития жанра газели. Исследована роль этих факторов в формировании жизненного мира Хафиза и формально-содержательных особенностей его газелей, которые считаются вершиной развития этого лирического жанра. Мы также попытались определить место газелей Хафиза в поэтическом изображении социальных, политических, исторических и нравственно-духовных проблем общества в контексте его художественных поисков.

Ключевые слова*: лирика, газель, форма, проблемы, социальные, политические, философские, романтические, духовные, сентиментальные, выражение, красота, воображение, образ.*

GAZEL – THE MAIN GENRE OF HAFIZ'S LYRICS

The ghazal is the main genre of Hafiz's creative heritage and as a "faithful bearer of knowledge" has been the subject of attention of poetical anthologies' authors and scholars from the very beginning. Taking into account the place of this genre in the poet's work, in this article we have tried to determine the structural and substantive specifics of Hafiz's ghazals and in this context to concretize the poet's artistic and aesthetic searches. The article also presents the dominant factors

that formed the poet's intellectual world and created the basis for the development of the ghazal. During the study, the role of the poet's worldview, his poetic talent and skill in the development of the ghazal genre were discussed. The role of these factors in the formation of Hafiz's life world and the formal and substantive features of his ghazals, which are considered the pinnacle of this lyrical genre, is investigated. We also tried to determine the place of Hafiz's ghazals in the poetic depiction of social, political, historical and moral-spiritual problems of society in the context of his artistic searches.

***Keywords**: lyrics, ghazal, form, problems, social, political, philosophical, romantic, spiritual, sentimental, expression, beauty, imagination, image.*

***Маълумот дар бораи муаллиф: Бобоева Муътабархон Саидмуртазоевна**, ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷик. Нишонӣ: 735019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. E-mail: boboeva_0973@mail.ru*

***Сведения об авторе: Бобоева Муътабархон Саидмуртазоевна**, ХГУ имени акад. Б.Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской классической литературы. Адрес: 735019, Республика Таджикистан, г Худжанд, проезд Мавлонбеков, 1. E-mail: boboeva_0973@mail.ru*

***Information about the author: Boboeva Mutabarkhon Saidmurtazoyevna**, Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, candidate of philological sciences, Associate Professor of the department of Tajik classic literature. Address: 735019, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov 1. E-mail: boboeva_0973@mail.ru*

ТДУ: 491.550-3

ВАЗЪИ ФАРҲАНГИИ КӮҲИСТОНИ ДАРВОЗ ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ ХІХ ВА ИБТИДОИ АСРИ ХХ

Ғозиева С.И.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Маданияти моддӣ ва маънавӣ новобаста ба давру замон оинаест, ки ҳамаи ҷузъиёт, пастию баландӣ ва дору мадори ҳаёти ҷомеаро бо тамоми ҳастияш дар хеш таҷассум менамояд. Воқеан, маданият беҳтарин мизон барои муайян кардани дастовардҳои сиёсию иқтисодӣ, маданию фарҳангӣ дар марҳалаҳои инкишофи таърихӣ, нишондоди мақоми халқу миллат дар тамаддуни башарият маҳсуб меёбад. Табиист, ки дастовардҳои илмию маданӣ ва фарҳангии халқ беҳтарин роҳ барои шинохти сатҳи маърифатнокии миллат ба ҳисоб меравад.

Минтақаи кӯҳистони Дарвоз аз замонҳои пеш ҳам маскани тоҷикон дониста шуда, дар ҳама зинаҳои таърихӣ аз омехташавӣ бо дигар қабилаҳои турктабори кӯчманчӣ дар канор мондааст.

Аломатҳои муҳими маданияти моддӣ шаҳрдорию шаҳрсозӣ ва дорои дастовардҳои ҳаётан муҳим барои маишат мебошанд. Мулки Дарвоз ба дастовардҳои болотарини сатҳи камолоту беназир нарасида бошад ҳам, лекин тавассути санъати баркамоли ҳунармандону косибони гуногунаш талаботу зарурати маишати рӯзгори мардуми худро таъмин кардааст.

Дар байни марказҳои бекигарии мулки Дарвоз Қалъаи Хумб ягона марказ шинохта мешуд, ки ба талаботи шаҳрдории мардум ҷавобгӯ буд. Маркази Дарвоз Қалъаи Хумб ба якчанд маҳалла ҷудо мешуд, ки аз ин қабил мебошанд: «маҳаллаи Сари Ҷегунӣ (тахмин меравад, ки то сохтану сераҳолӣ шудан ин ҷо майдони чавгонбозии ҷавонон будааст) Сариду (Сари деҳа), Пуниду (Поёни деҳа), Ғӯли Ҳавдак, Сангов, Кӯли Устовон (шояд шакли ба шеваи маҳаллӣ мутобиқшудаи маҳаллаи устоҳои оҳангар бошад)» [8, с.188].

Маҳаллаҳои мазкур ба гузарҳо ҷудо мешуданд. Масалан, маҳаллаи Сари Ҷегунӣ, ки марзи он ба ҳарду тарафи соҳили Хумбов мерасид, ба маҳаллаҳои Чорбоғ, Қӯли Мазор, Лаби Хумбов ва Таи Чанор ҷудо мешуд. Маҳаллаи Пуниду бошад, дар қурби қалъа ҷой дошт ва гузари Сариду дар қисми шимоли шарқии Қалъаи Хумб қарор гирифта буд. Маҳалҳои Ғӯли Ҳавдак, Сангов ва Қӯли Устовун соҳилҳои назди дарёи Панҷро ташкил мекарданд. Аз рӯйи маълумоти мардумшиносони тоҷик маҳаллаи Ғӯли Ҳавдак бештар иқоматгоҳи аҳли фақр ва маҳаллаи Сангов бошад, макони одамони номдору ашрофзодагон, аммо бештар шаҳрнишинон одамони одию камбизоатро ташкил мекард.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки Қалъаи Хумб ҳама гуна анъанаҳои шаҳрдорию шаҳрсозии охири асри миёнагиро доро буда, дар ин ҷода нисбат ба бекигариҳои ҳамсоя то андозае пешсаф буд.

Маҷмуи дастовардҳои сокинони Қалъаи Хумб дар маркази амлокдориҳою тамоми қаламрави бекигари Дарвоз бараъло ба назар мерасид. Ҳамчунин, чандин сифатҳои дигар, аз қабили боғдорию зироаткорӣ ва чорводорию ҳунармандӣ маҳсули заҳмати сокинони заҳматкашу меҳнатдӯст буда, аз маданияти баланди касбию, ҳусни одоби онҳо дар шароити мушкили кӯҳистон дарак медиҳад. Муҳити зист ба талаботи ҷуғрофӣ ва зарурати таъминоти зиндагии мардуми деҳоти Дарвоз низ мусоидат мекард. Мардумшинос ва антропологи машҳур А. Шишов дар ин бора чунин гуфтааст: «Деҳаҳоро дар Дарвоз ва Қаротегин дар ҳар ҷо дидан мумкин аст. Баъзе дар чукурии дара, дар соҳили дарё ва шохоби он; дигарҳо қариб дар баландиҳои назди қуллаҳои барфпӯши кӯҳҳо, дар ҷойҳои аз тармаю селфуроиҳо бехавф доман паҳн кардаанд. Аз рӯи шумораи ҳавлиҳо (аз 10 то 100 ҳавлӣ ё буна) деҳаҳо бузург набошанд ҳам, хело серодаманд. Чунки дар кӯҳистон хонадор намудани писар ва ҷудо кардани хоҷагии он, чӣ тавре ки дар водиҳо ҷой дорад, ба анъана надаромадааст. Дар он ҷо як навъ қонуни кооперативӣ (зисти якҷояи оила бо заҳмати коллективонаи оилавӣ дар самтҳои хоҷагидорӣ ва таъминоти иҷтимоӣ) вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, ҳавлиҳои алоҳида кам ба

назар мерасанд ва хонаҳои зисту биноҳои чорвою рӯзгордорӣ ба якдигар хеле наздик сохта мешаванд» [11, с.110].

Дар сириштu тинати сокинони мулки Дарвоз аз даврaҳои қадим шавқу рағбат оид ба илму донишандӯзӣ дида мешавад.

Мутаассифона, маълумоти амиқу дақиқ дар хусуси сатҳи саводнокию саводомӯзии сокинони ин диёр дастрас намебошад, вале бо итминони том гуфта метавонем, ки бештари мардум, ба вижа мардон бо истифода аз кӯшишу заҳмати зиёде сазовори донишу малака ва маҳорати илмию фарҳангӣ мегардиданд. Бо вуҷуди ин, мактабҳои хонагӣ ва назди масҷидҳои маҳаллӣ бошад мактабҳои таълимӣ вуҷуд дошта, барои таълим додани хонандагон фаъолият менамуданд.

Ба ҷуз аз муассисаҳои хурди таълимӣ, ки дар ҳама рустоҳо фаъолият доштанд, хонандагон таълими баъдиро дар мадрасаи Қалъаи Хумб фаро мегирифтанд. Мадрасаи мазкур дар назди масҷиди маҳаллаи Пуниду арзи вуҷуд дошт. Қайд кардан бамаврид аст, ки таълими анъанавии мадрасаҳои Бухоро ва дигар шаҳрҳои марказии тобеи он барои таълим гирифтани толибилмон бештар имтиёзу шароит фароҳам меовард, ки дигар зарурати бунёд намудани мадрасаҳои таълимии баландпояро дар минтақаи Дарвоз аз байн бардошта буд. Ғолибан ҷавонони боистеъдоду лаёқатманди Дарвоз пас аз худ кардани дараҷаи таълимии ноҳия барои идомаи таҳсилу такмили дониши худ роҳи Бухоро ва дигар марказҳои бонуфузи он замонро пеш мегирифтанд.

Қобилияти зеҳнию тезфаҳмӣ ва хотираи васею қавӣ доштани мардуми кӯҳистон забонзади хосу ом гашта буд. Чунончи полковник ва сайёҳи рус Г.А. Арандаренко ба ин нукта изҳори ақида намудааст: «Қобилияти зеҳнии кӯҳистон дар тезфаҳмӣ, майли баланди мушоҳидакорӣ, хотираи васеъ ва қавии ба дарвозиёну қаротегиниҳо хос буда, дар аз ёд донистани шаҷара, қиссаву ривоятҳои дароз мушоҳида мешавад. Рағбати онҳо ба илм хеле зиёд аст. Ҷавонони зиёде мадрасаҳои Бухорову Самарқандро дар мӯҳлати хеле кӯтоҳ хатм мекунанд, ҳоло он ки таҳсили водинишинон дар ин мадрасаҳо 16-25 сол тӯл мекашад» [4, с.212].

Аз таҳқиқу баррасии олимони рус чунин натиҷа ба даст меояд, ки хатм намудан ва гирифтани шаҳодатномаи расмии мадрасаи Бухоро барои мардуми ин кӯҳистон анъана будааст. Аз ин лиҳоз, номи хатмкардагони зиёди мадрасаҳои Бухорову Самарқанд ва дигар марказҳои таълимӣ, то имрӯз дар хотири сокинон нақш бастааст. Ин гуна касон дар амлокдории Қалъаи Хумб барои пеш бурдани сатҳи илмию маорифпарварии мардуми кӯҳистон саҳми беназири худро гузоштаанд.

Ҳунармандию косибӣ, ки аз пешаҳои ҳаётан муҳими мардуми кӯҳистон мебошанд, аз даврaҳои қадим чун шуғли асосии мардуми Дарвоз ба ҳисоб мерафт. Бозорҳои дохилии ноҳия дар ҳама замону макон фаъолият намекарданд, аз ин рӯ, ниёзи пайдо шудани савдои берунӣ ба миён меомад ва дар ҳолати нокофӣ будани тақсимоти меҳнат, барои пешрафти тиҷорату иқтисодиёт халал эҷод менамуданд.

Бо вуҷуди ин ҳама заҳмату талош ва мушкилот, мардуми табиатан зебопарасту ҳунарманди мулки Дарвоз шуғли аҷдодони худро такмил ва равнақу ривоҷ бахшида, бо доштани санъати волою косибию ҳунари нотакрори хеш, на фақат дар маркази Бухорои Шарқӣ, балки тамоми минтақа ва берун аз он маъруфиятро ба даст оварда буданд. Ҳунармандию косибии мардуми кӯҳистон аз ҳама гуна истеҳсолот иборат буд, агарчи қисме аз навъи молҳои гаронбаҳою баландсифат барои сарватмандону амалдорони маҳаллӣ аз хориҷ ворид мешуд, лекин ҳунармандон талаботи муҳими рӯзгору маишати хоҷагии мардумро аз истеҳсоли дохилӣ таъмин менамуданд. Гуфтан ба маврид аст, ки доираи истеҳсолоти ҳунармандону косибони мулки Дарвоз фарох буда, таҳлили онро ба таври фишурда зикр хоҳем кард.

Бофандагӣ. Яке аз фаъолиятҳои меҳнатию муҳим ва зарурии қалamрави Дарвоз бофандагӣ ба шумор рафта, қариб дар ҳама хонаҳои сокинони он дастгоҳҳои бофандагии анъанавиро дидан мумкин буд. Ҳунармандон дар ин соҳа кам набуданд, онҳо ба ивази ашёҳои гуногун барои ҳамдеҳагони худ матоъ омода мекарданд. Деҳқонон низ ба ҷуз аз

шуғли доштаашон ба бофтани матоъ сару кор доштанд. Фаъолияти бештари ҳунармандон дар деҳаҳои серодам ва маркази бекигарию амлокдориҳо ба роҳ монда шуда буд.

Олим ва шарқшиноси машҳур А.А. Семёнов аз натиҷаи мушоҳидаҳои худаш оид ба Дарвоз, дар ибтидои асри ХХ хулосабарорӣ карда, қайд намудааст, ки диёри Дарвоз яке аз марказҳои муҳими бофандагии Бухорои Шарқӣ дониста мешуд: «Матои пахтагини сафед ё рангаро, ки либоси асосии тамоми кӯҳистониён аз хурд то калон ҳисоб меёбад, дар ҳамаи хонаҳо мебофанд. Ресмон, ришта ё калобаи онро занон тайёр карда, бофтанаш пурра ба зиммаи мардон меафтад»[11, с.146].

Барои истеҳсол кардани матоъҳои гуногуни муҳими рӯзгори мардум бештар аз пашми ҳайвонот истифода мекарданд. «Дар ин диёр мисли дигар ҷойи Осиёи Миёна аз мӯйина (пашм) ҳар гуна матои пашмину нимпашмин мебофтанд» [9, с.147]. «Бахусус бофтани ҷӯробҳои пашмин бо нақшу нигори аҷибу ғалатӣ дар ин ҷо ба ҳукми анъана даромада буд ва то имрӯз ин шуғли авлодӣ пойбарҷост»[7, с.148].

Тавре маълум аст, фасли сармо дар минтақаи кӯҳистон шиддатнок ва давомдор мебошад, мардум барои муҳофизат намудан худ ва рафъ карданаи сармо чакман ба бар мекарданд, ки омода кардани чакман заҳмату талоши зиёдеро талаб мекард. Дигар матои сермасрафу серхаридори ин мардум палосу чодар, хӯрҷин ва дигар ашёҳои зиндагӣ буданд. Назари шарқшинос А.А. Семёнов дар ин маврид мувофиқ мебошанд: «Аз пашм тайёр намудани матои рағза, ки барои дӯхтани чакман истифода мешуд, бахусус дар деҳаҳои баландкӯҳи Равнов, Варҷуҷ ва Пшихарв бофтани ин навъи матоъ ба ҳукми анъана даромада буд. Ҳамчунин аз матои пурдошти пашмин палос ё шолча, чодар, рағзаи ҷувоз, пайтоба, айили асп, хӯрҷин ва дигар маҳсулот барои либоси болопӯшу рӯзгордорӣ муҳим тайёр мекарданд. Дар ин радиф аз чодари (палос) аз пашми (мӯи) буз бофта, ки онро «чодари бузмӯгӣ» мегуфтанд. Ёдовар шудан лозим меояд, ки ин навъи маҳсулот барои густурдан ба фарши андоваи гилемдошта ё ба сифати полони асп мавриди истифода қарор меёфт, зеро ин навъи чодар намнокиро аз худ намегузаронд. Пушти аспи бо ин полон пӯшондашуда ҳатто муддати тӯлонӣ дар зери борон мондан тар намешуд» [11, с. 212].

Дигар ашёи хом барои омода намудани матоъҳо ва касби бофандагӣ навъи пахтаи ҷойдорӣ (маҳаллӣ) ғӯза буд, ки онро дар минтақаҳои Қаротегину Дарвоз бо номи пахтаи чиртик мешинохтанд. Кишт кардани пахта монанди дигар зироатҳои асосӣ ривоҷ дошта, дар минтақаи Дарвоз махсусан, дар деҳоти атрофи дарёи Панҷ шинонида мешуд. Аз сабаби дар минтақаи сард кишт нашудани зироати пахта заминҳои соҳили дарёи Хингоб барои кишти пахта мусоид набуданд, мардуме, ки дар ин минтақа сукунат доштанд, пахтаро аз Қаротегину Нуробод дастрас мекарданд. Мулки Дарвоз на фақат талаботи мардуми худро, балки бозорҳои Ғарм, Ҳоит ва Қалъаи Лаби обро низ бо пахта таъмин мекард.

Барои омода намудани пахта аз асбоби чарха истифода карда, барои бофтани матои пашмин бошад, аз дастгоҳи дӯконӣ, ки онро чоҳ ё сари кори рағзабофӣ низ ном мебурданд, истифода мекарданд. Дигар кори заҳматталаб дар ин самт ранг додани матоъ буд, ки рангҳои гуногунро аз навъҳои растанӣ тайёр мекарданд. Масалан, ранги сурхро аз рӯян (навъи растанӣ), ранги зардро аз ҷоғари дарахти чормағз, тут, зардолу ва решаҳои шилхаю зело, ранги кабуд ё нилобиро аз решаи торон, ранги сиёҳро аз пӯчоқи анор ва хокаи оҳан мегирифтанд. Ҳамин тавр, рангҳои гуногун ихтироъ намуда, ҳунармандон матоъҳои хушрангу бозоргир, аз қабили алоча, беқасаб, алифтор ва ғайра омода мекарданд.

Аз ҳунарҳои дигари машҳури мардуми кӯҳистон оҳангариро метавон ном бурд. Коркарди оҳан ва тайёр намудани олатҳои гуногуни истеҳсолот барои рӯзгордорӣ пешаи муҳими ин диёр будааст. Аз рӯи маълумотҳо чунин бармеояд, ки Қаратоғ ва Қалъаихумб маркази машҳури ҳунармандии Бухорои Шарқӣ дониста мешуданд ва донишманди рус Г.Е. Грум Гржимайло коркард ва истеҳсоли маҳсулоти оҳангарии Қалъаихумбро бар Ҳисор тарҷеҳ дода, гуфтааст, ки маҳсули дасти ҳунармандони ин марказ берун аз кишвар ҳам шӯҳрат пайдо кардаанд. Дар тақвият ба гуфтаҳои боло донишманд Д.Н. Логофет чунин ибрози ақида кардааст: «Ба ғайр аз наъл, табар, оҳани испор, каланд, дос, ки дар тамоми деҳаҳову шаҳрҳо устоҳои маҳаллӣ аз оҳани нисбатан сусттар (нармоҳан) месозанд, дар

Ҳисор, Қалъаи Хумб ва Ғарм корду теғу ханҷарҳои ниҳоят аълосифат тайёр мекунанд. Аз он ҷо ин моли бозоргузар дар тамоми хонигарӣ паҳн карда мешавад» [2, с. 273-274].

Оид ба сифати санъати баланду усули оҳангарии мардуми Дарвоз, чунин гуфтан ба маврид аст, ки аз онҳо аз усули димишқӣ истифода мекарданд, ки бо ин тарз сохта мешуд: Усто оҳани аълосифатро, дар коргаҳ суп-сурх карда метафсонд, сипас тавассути путк онро мекӯфт ва ба тунука табдил медод, сипас онро дар равған хунук карда, ҳамин тавр тунукаи дигарро омода мекард ва бо ҳам мепечонд. Пас аз тасмаи тунукагӣ сохтан онро боз тоб дода, ин амалро то чиҳил маротиба такрор мекард, ҳар лаҳза ба ҷои об аз равған истифода намуда, онро хунук мекунанд. Ҳамин тавр, шамшери пӯлодин ва аълосифат тайёр мешуд. Дастаи шамшерро бошад, одатан аз устухони фил месохтанд. Ин навъи шамшерҳо бо як задан оҳани баробари ангуштро мебуриданд ва дамашон тағйир намеёфт.

Аз рӯи маълумотҳои гуногун бармеояд, ки дар давраи инқилоб дар Қалъаихумб ҳафт устои машҳуру соҳибмактаб фаъолият доштанд, ки шуҳрати онҳо тамоми минтақаро фаро гирифта буд. Пешаи асосии онҳо сохтани камон, корд, ханҷар, дудама, асоханҷари баландсифатро дар бар мегирифт. Ин касби анъанавии онҳо тавассути шогирдонашон то солҳои 40-ум ва 50-ум идома дошт.

Тибқи хулосагирӣ аз мушоҳидаҳои хеш А. Шишов изҳор кардааст, ки дар минтақаҳои Ҳисор, Кӯлоб ва Дарвоз ду навъи милтиқ сохта мешуд: «камуни фаранг» (милтиқи франсузӣ ё аврупоӣ) ва «камуни сиёҳ» (милтиқи ҷойдорӣ). Милтиқи фарангӣ нисбат ба милтиқи сиёҳ сабуктару мили дарозтар дошта, нишонрастар буд»[11, с.130].

Кулолгарӣ. Дигар пешаи муҳими зиндагии мардуми кӯҳистон, ки дар ҳама давраҳои таърихӣ маъмул буд, кулолгариро метавон ном бурд. Гарчанде ҳунармандони соҳаи кулолгарӣ дар ҳама бекигариҳои Бухорои Шарқӣ зиёд буданд, аммо кулолгарони Дарвоз аз ҷиҳати истеҳсоли босифат тайёр кардан дар сафи пеш қарор доштанд. Ақидаи донишманди рус Д.Н. Логофет далели гуфтаҳои болост: «Ин навъи ҳунармандӣ дар тамоми қаламрави аморати Бухоро васеъ ривоҷ дорад, вале аз ҷиҳати миқдору сифат бартарии Қаротоғ, Ҳисор, Дарвоз ва Балҷувон бараъло эҳсос мешавад» [2, с.274].

Тавре маълум аст, кулолгарӣ гили махсусро тақозо мекунад ва аз ин лиҳоз, онро на дар ҳама ҷо пайдо кардан мумкин аст. Гили мазкур дар Дарвоз бештар аз деҳаҳои Висхарв, Ёгед, дар болооби дарёи Хумбов Гишон, Хост, Рубот ва Сағирдашт дастрас карда мешуд ва деҳоти номбурда калонтарин марказҳои ин навъи маҳсулоти ҳунармандӣ шинохта мешуданд. Кулолгарони аморати Бухоро ҳангоми тайёр кардани маҳсулоти муҳими рӯзгор аз чархи кулолгарӣ истифода мекарданд. Дар Қаротегину Дарвоз бошад, бе истифода аз чарх ин корро анҷом медоданд ва танҳо занҳо ин шуғлро ба уҳда доштанд. Зиёда аз чил навъи ин маснуоти ҳунармандӣ аз қабили чойнику офтоба, кӯзаву коса, табақҳои гуногун, асбоби шамъгузорӣ, бозичаҳои кӯдакона, сандуқҳои барои нигаҳдошти либосворӣ ва ғайра омода карда мешуд.

Чармгарӣ. Бесабаб нест, ки шароити номусоиди кӯҳистон зарурати аз пӯст омода намудани пойафзолу навъҳои болопӯшро аз давраҳои қадим барои мардум водор карда буд. Аз ин лиҳоз, касби чармгарӣ низ аз шуғли зарурии рӯзгори сокинони Дарвоз ба шумор мерафт. Устоҳои касбие, ки ба чармгарӣ сару кор доштанд, дар ҳама маҳаллу деҳот, махсусан дар рустоҳои бузургу сераҳолӣ фаъолият карда, мувофиқ ба талаботи мардум мӯзаву масҳӣ, мӯкиву чоруқ, зин, пӯстину борхалтаи чармин ва ғайра истеҳсол менамуданд. Дар баъзе деҳот се-чор устои чармгар ҳам кор мекард, вале устоҳои номие, ки маълуму машҳур буданд, дар Қалъаихумб шуғл меварзиданд.

Коркарди чӯб. Чӯбу маводи чӯбин воситаи муҳими шароити зисти одамон буда, аз ин рӯ, вобаста ба рушду тараққиёт ва пешрафти ҷомеа чун воситаи сӯзишворӣ, манзилсозиву мевадиҳӣ ва ғайра ба кор бурда мешавад. Оид ба коркарди чӯб дар манотиқи Дарвоз олимону сайёҳони пешазинқилобии рус таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, фикрҳои худро навиштаанд. Чуноне ки А.А Семёнов Пишхарвро яке аз марказҳои муҳимтарини истеҳсолоти маҳсулоти чӯбин ном бурда, ишора кардааст, ки ҳунармандони он тамоми Қаротегин ва Дарвозро аз навъҳои гуногуни ин маҳсулот таъмин мекарданд. «Дар Ванҷ бошад, аз химчаҳои бед ва

қамиш сабаду сабадчаҳои гуногунҳаҷми баландсифат мебофтанд» [11,164]. Пославскикий Ю.И. чунин қайд мекунад: «Маҳсулоти ҳунармандони Пшихарв ва ғайра аз қаламрави бекигарии Дарвоз дар Қаротегину Рӯшону Шуғнон ҳам паҳн мешуд» [10, с.221].

Аз маводи чӯбин устоҳои чирадаст бештар навъҳои зиёди қошуқ, кафлез, коса, табақ, кафши чӯбин, панҷшоха барои бод кардани ғалла, тахтабели нӯгтез, юғу сипор, дастаҳо барои досу табар, гаҳвора, сандалӣ, чархдӯли, дӯғкашӣ, бозичаҳои кӯдакона, шона, қулфи чӯбин, дастгоҳи бофандагӣ, дӯлу нову чархи осиёб ва ғайраро, ки ашёҳои муҳими рӯзгору маишати мардуми ба ҳисоб мерафтанд, тайёр менамуданд.

Қариб дар ҳама деҳоти Дарвоз устоҳои чӯбкор фаъолият намуда, дар кандакори низ дасти тамом доштанд. Хонасозӣ ва сохтмону бинокорӣ, ки заҳмату меҳнати баландро тақозо дошт, барои дуредгарони чирадасти Дарвоз касби пуршараф маҳсуб меёфт. Тибқи мушоҳида ва натиҷагирии донишманд Д.Н. Логофет касби заргарӣ низ то андозае дар мулки кӯҳистони Дарвоз ривоҷ дошт, чуноне ки қайд намудааст: «Ҳунармандони бо тилло сару кор дошта дар тамоми шаҳрҳои Бухоро ҷой доранд, онҳо бештар камарбанди бо сагакҳои тилло ва нуқра ороёфта, зебу зинати занона дар шакли дастмона, гӯшвораю чалла тайёр мекунанд. Ҳамаи ин маҳсулоти онҳо нақшу ороиши хосу фарқкунандаи худро дорост...» [7, с.275].

Қитъаҳои истеҳсоли тилло, нуқра, мис ва оҳан дар 5 минтақаи Дарвоз вуҷуд дошт ва тиллошӯӣ танҳо аз тарафи мардуми маҳаллӣ анҷом дода мешуд. Аз сабаби ба талабот ҷавобгӯ набудани таҷҳизоти техникӣ сатҳи истеҳсолот начандон хуб мушоҳида мешуд. Бо вуҷуди ин, тибқи баъзе маълумотҳо истеҳсоли тилло, ки дар аморати Бухоро ҳашт пудро ташкил мекард, шаш пуди он дар Кӯлобу Балҷувон ва боқимондааш дар Дарвозу Қурғонтепа истеҳсол мегардид.

Аз сабаби парокандаву алоҳида будани давлатҳои феодалии Осиёи Миёна ва вуҷуд надоштани давлати ягонаи мутамаркази тоҷикон, адабиёти он ба доираҳои хурди пароканда ва ҷудо тақсим шуда, фаъолият мебурд. Аз ин рӯ, дар асри XIX ва ибтидои асри XX дар баробари доираҳои адабии шаҳрҳои бузурги марказӣ монани Бухоро, Самарқанд, Хӯқанд, дар шаҳрҳои музофотӣ ва вилоятҳои нисбатан хурд чун Кеш, Хуҷанд, Ҳисор, Кӯлоб, Қаротегин, Дарвоз, Бадахшон ва ноҳияҳои дигар низ доираҳои адабии маҳаллӣ вуҷуд доштанд.

Дарвоз яке аз марказҳои бонуфузи мулки кӯҳистон ба ҳисоб меравад. Фарҳангдӯстдории мардуми кӯҳистон, касро ба олами ҳайрат мекашонад ва имрӯз ҳам ин анъанаҳои мазкур ба назар мерасанд. Истеъдоди мардуми ин мулки зебонманзар, дар соҳаҳои гуногуни ҳунармандӣ, махсусан дар завқи сухану сухандонӣ, шеъру шоирӣ ва маънирасӣ бештар мушоҳида шудааст. Аз ин ҷост, ки Дарвозро диёри адибпарвару адибхез ном мебаранд.

Дар суҳбатҳои мардуми Дарвоз, дар маҳфилҳо ва умуман дар ҳама гуфтаҳояшон аз ашъори бузургони назми форсу тоҷик амсоли Саъдӣ, Ҳофиз, Бедил, Муҳаммад Иқбол, Лоҳутӣ, Турсунзода, Мӯъмин Қаноат, Лоиқ ва дигарон бо лаҳни зебои хоси худ қироат кардаву шарҳу маънӣ медиҳанд. Дар ҳақиқат ҳам, сокинони Дарвоз аз қадим боз ба шеър гуфтану ғазалсароӣ, таронаву достонсароӣ шуҳрат доранд.

Устод Мирзо Турсунзода дар бисёр баромадҳояш қайд мекунад, ки “Мардумони мо аксар шоирмизоҷанд”. Ин фикр дар ҳақиқат ҳам дуруст буда, мо онро дар мисоли мардуми Дарвоз хеле равшан мебинем [1, с.11].

Гарчанде ки то имрӯз дар бораи назми тоҷикӣ дар ин сарзамин маълумоте дар даст надорем, аммо аз ашъори шоирони тоинқилоб маълум мешавад, ки суннатҳои адабии дерина ва таҳкурсии амиқи назм дар асрҳои XVIII-XIX ва ташаккул ёфтани мактаби адабӣ дар Дарвоз номумкин буд.

Ҳабибов А. дар тадқиқоти хеш оид ба ҳавзаҳои адабии Бухорои Шарқӣ чунин хулоса кардааст: “Аз охирҳои асри XVIII то ибтидои асри XX Дарвоз доираи адабии худро доштааст. Шоирони ин ноҳия бо шоирони доираи адабии Қаротегин, Қӯқанд, Бухоро ва Бадахшон алоқаи наздики эҷодӣ доштаанд” [1, с.11].

Дар давраи ҳукмронии Мирзо Юлдошбии Бухорӣ,ки ба охири асри ХХ ва ибтидои асри ХІХ рост меояд, инкишоф ёфтани доираи адабии Дарвоз равшан ба назар мерасад.

Барои тақвияти гуфтаҳои боло ба шарҳи ҳоли мухтасари қисме аз шоирону адибони машҳури мулки Дарвоз, ки дар асри ХІХ хаёту фаъолият доштаанд, мепардозем.

Убайдуллоҳи Зиғарӣ, ки тахаллусаш Ҳабои Дарвозӣ буд, дар ашъораш бештар ба Ҳофизи Шерозӣ пайравӣ кардааст. Ҳомидхоҷа ибни Раҳматуллоҳ, ки бо тахаллуси Вола шеър мегуфт, аз ашъораш бармеояд, пайрави сабки Ҳофизи Шерозӣ будааст.

Дигар шоири машҳури ин диёр Мулло Муҳаммад Нодир аст, ки аз дӯстони наздики Вола буд ва дар ширинбаёнӣ касе бо ӯ баробар шуда наметавонист. Аз ашъораш чунин бармеояд, ки дар пайравӣ бо Мушфиқӣ ва Савдо шеър эҷод кардааст.

Ҳамин тариқ, метавон истинод кард, ки дар нимаи дуюми асри ХІХ ва ибтидои асри ХХ вазъи фарҳангии мардуми Дарвоз бо вуҷуди мушкилиҳои ҷуғрофӣ, иқлими номусоид рушд карда, ин давра барои ташаккули косибиву ҳунармандӣ ва пешрафти адабиёт низ нақши муҳим дорад.

Муқарриз: Салими Хатлонӣ, д.и.ф., профессори ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

Адабиёт:

1. Абибов, А. Ганҷи парешон. –Душанбе, 1984. - 300 с.
2. Абибов, А. Доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ – Душанбе: Дониш, 1984 – 239 с.
3. Айнӣ, С. Таърихи инқилоби Бухоро. – Душанбе, 1987. – 240 с.
4. Арандаренко, Г.А. В Горах Дарваза –Каратегина. –Ташкент, 1883-183 с.
5. Ғафуров, Б. Тоҷикон. - Душанбе, 1985. - 866 с.
6. Кисляков, Н. А. Таджики Каратегина и Дарваза. – Душанбе, 1966. – 380 с.
7. Логофет, Д. Н. Бухарское ханство под русским протекторатом. Ташкент, 1911- 307 с.
8. Масальский В.И. Туркестанский край- Руссия. Полное географическое описание нашего Отечество. – Ташкент, 1913. – 803 с.
9. Пирумшоев, Ҳ. Таърихи Дарвоз. - Душанбе: Ирфон, 2008. – 703 с.
10. Пославский, Ю. И. Экономический очерк Таджикистана. – Ташкент, 1925. - 208 с.
11. Семёнов, А.А. Этнографические очерки Зарафшанских гор, Каратегин и Дарваза. – М., 1903. - 69 с.
12. Шишов А. Таджики. – Алматы, 2006. - 392 с.

ВАЗЪИ ФАРҲАНГИИ КӮҲИСТОНИ ДАРВОЗ ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ ХІХ ВА ИБТИДОИ АСРИ ХХ

Минтақаи кӯҳистони Дарвоз аз замонҳои пеш ҳам маскани тоҷикон дониста шуда, дар ҳама зинаҳои таърихӣ аз махлутшавӣ бо дигар қабилаҳои турктабори кӯчманчӣ дар канор мондааст. Дар мақолаи мазкур вазъи фарҳангии Дарвоз дар нимаи дуюми асри ХІХ ва ибтидои асри ХХ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои илмию адабӣ қайд менамояд, ки Дарвоз яке аз марказҳои бонуфузи мулки кӯҳистон ба ҳисоб меравад. Фарҳангдӯстдорию истеъдоди волои мардуми ин мулки зебоманзар дар соҳаҳои гуногуни ҳунармандӣ, махсусан дар завқи сухану сухандонӣ, шеъру шоирӣ касро ба олами ҳайрат мекашонад. Аз ин ҷост, ки Дарвозро диёри адибпарвару адибхез ном мебаранд. Бештари мардум бо истифода аз кушишу заҳмати зиёде сазовори донишу малака ва маҳорати илмию фарҳангӣ мегардиданд. Барои таълим гирифтани хонандагон мактабҳои зиёди хонагӣ ва назди масҷидҳои маҳаллӣ, фаъолият мекарданд, пас аз худ кардани дараҷаи таълимӣ ноҳия барои идомаи таҳсил роҳи Бухоро ва дигар марказҳои бонуфузи он замонро пеш мегирифтанд.

Дар баробари аз худ кардани илму фарҳанг онҳо ҳунармандию косибӣ, ки аз пешаҳои ҳайётан муқимии мардуми кӯҳистон мебошанд, такмил ва равнақу ривоҷ бахшида, бо доштани санъати волою косибию ҳунари нотакрори хеш, на фақат дар маркази Бухорои Шарқӣ, балки тамоми минтақа ва берун аз он маъруфиятро ба даст оварда буданд.

Калидвожаҳо: *Дарвоз, фарҳанг, кулолгарӣ, чармгарӣ, оҳангарӣ, бофандагӣ, коркарди чӯб, заргарӣ.*

СОСТОЯНИЕ КУЛЬТУРЫ ГОРНОГО ДАРВАЗА ВО ВТОРОЙ ПОЛОВИНЕ XIX-НАЧАЛЕ XX ВЕКА

Горный регион Дарваза издавна считался родиной таджиков и на всех этапах своей истории был обособлен от других кочевых тюркских племен. В данной статье анализируется и изучается культурная ситуация Дарваза во второй половине XIX века и начале XX века. На основе изучения научных и литературных источников автор отмечает, что Дарваз считается одним из наиболее влиятельных центров горного региона. Любовь к культуре и высокая одаренность жителей этой прекрасной земли в различных областях ремесел, особенно в красноречивости, мелодичности и поэтичности говора удивительна. Поэтому Дарваз называют краем любителей и ценителей творчества, культуры и поэзии. Большинство жителей старались приобретать хорошие знания, навыки, приложив немало усилий в суровых горных условиях. Для обучения учащихся действовало множество местных школ и мечетей, которые после приобретения образовательного уровня района отправлялись в Бухару и другие престижные центры того времени для продолжения образования.

Наряду с приобретением знаний и навыков, в Горном Дарвазе ученикам важно было усваивать и совершенствовать свои способности в приобретении различных ремесел. Мастерство горцев и продукт их труда получили популярность не только в центре Восточной Бухары, но и во всем регионе, можно сказать, даже за ее пределами.

Ключевые слова: *Дарваз, культура, гончарство, кожевничество, кузнечество, ткачество, деревообработка, ювелирное искусство.*

THE STATE OF CULTURE OF MOUNTAIN DARVAZ IN THE SECOND HALF OF THE XIX-EARLY XX CENTURIES

The mountain region of Darvaz has long been considered the homeland of Tajiks and at all stages of its history was separated from other Turkish tribes. This article analyzes and studies the cultural situation of Darvaz in the second half of the XIX century and the beginning of the XX century. The love of culture and the high giftedness of the inhabitants of this beautiful land in various fields of crafts, especially in the eloquence, melodic and poetic nature of speaking, is amazing. Therefore, Darvaz is called the land of lovers and connoisseurs of creativity, culture and poetry. Most residents tried to acquire good knowledge and skills, having made a lot of efforts in harsh mountain conditions. During these times, there were many local schools at mosques and private houses, studying in which students acquired appropriate degrees of knowledge, and to continue their studies they went to Bukhara or other prestigious educational centers of that time.

Along with acquiring knowledge and skills, in Mountain Darvaz, it was important for students to learn and improve their abilities in acquiring various crafts. The craftsmanship of the highlanders and the product of their work gained popularity not only in the center of Eastern Bukhara, but also in the entire region, we can say, even beyond its borders.

Key words: *Darvaz, culture, craft, pottery, tannery, blacksmithing, weaving, woodworking, jewelry.*

***Маълумот дар бораи муаллиф*: Ғозиева Салимахон Идибековна** - *Донишгоҳи байналмилалии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ассистенти кафедраи назария ва таърихи адабиёт. Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, ул. Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: (+992) 933670999;*

***Сведения об авторе*: Гозиева Салимахон Идибековна** – *Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, ассистент кафедры теории и истории литературы. Адрес: 734019, г. Душанбе, ул. Мохаммадиева, 17/6. Тел.: (+992) 933670999*

***Information about the author*: Gozieva Salimakhon Idibekovna** – *Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, assistant of the Department of Theory and History of Literature. Address: 734019, Dushanbe, st. Muhammadiev, 17/6. Tel.: (+992) 933670999*

ТДУ: 891.550

ФАЪОЛИЯТИ РЎЗНОМАНИГОРИИ ШОҲМУЗАФФАР ЁДГОРӢ

Зафари Гулмурод
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шоҳмузаффар Ёдгорӣ чун рӯзноманигор солҳо дар рӯзномаву маҷаллаҳои бонуфӯзи кишвар, аз қабили «Роҳи Ленинӣ», «Тоҷикистони совети» (ҳозира Ҷумҳурият) фаъолият намуда, дар ин давра бо таълифи шеър, мақолаҳои публитсиститӣ ва илмиву омавӣ низ иштиёқ пайдо кардааст.

Меҳнати пайваста Шоҳмузаффар Ёдгориро ба хонанда чун рӯзноманигор ва матбуотчии боистеъдод ошно намуд. Ӯ тайи солҳои зиёди кор дар матбуот даҳҳо очерк офаридааст, ки муаллифро чун очеркнавис машҳур гардонидааст. Очеркҳои ӯ соли 1985 бо унвони «Сарбандакҳои сурх алвонҷ мехӯранд» дар нашриёти «Ирфон» ба табъ расидааст. Дар ин китоб очеркҳои «Гулнисо», «Аҷабанд духтарони деҳот», «Пиримшоҳ», «Сарбандакҳои сурх алвонҷ мехӯранд» ва ғайраҳо ҷойгузин шудаанд, ки очеркҳои солҳои гуногун таълифшуда мебошанд. Очеркҳо ғолибан ба ҳаёти деҳқononи деҳот ихтисос доранд. Ин очеркҳои баъди нашр он қадар маҳбубият пайдо менамоянд, ки ҳеҷ кадоме аз асарҳои нависандаҳои ҳамқадамаш он замон ин қадар маҳбубият надошт. Сабки нигориши очеркҳояш он қадар аз таоруф ва гӯишҳои мардумӣ саршоранд, ки баъди мутолиа ҳар нафар гумон мекунад, ки қаҳрамонон ҳамдеҳа ё каси наздиктарин мебошад. Ҳамин тарзи нигориш ва обуранги бадеӣ маҳбубияти ӯро миёни мардум хеле зиёд намуда буд. Муҳаққиқи шинохтаи тоҷик устод Соҳиб Табаров дар як нигоштаи хеш дар мавриди очеркҳои Шоҳмузаффар Ёдгорӣ чунин навиштааст: «*Шогирди азизам, Шоҳмузаффарҷон! Ман очерки навиштаатро бо номи «Сарбандакҳои сурх алвонҷ мехӯранд» хонда хеле хурсанд шудам. Шумо дар навиштани очерк қобилияти фавқулода доред. Қаҳрамонҳоят мисли қаҳрамонҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ хеле ҷоннисору ватанхоҳ ва ватанпарвар буда, ба хонанда рӯҳу илҳоми тоза мебахшанд. Образҳои бадеӣ ва тасвири воқеият дар очеркҳо мисли романҳои таърихӣ оварда шуда, дар шумо ман як нависандаи романнависро мебинам. Ҳамаи ин очеркҳои публитсистиат дар оянда заминаи воқеии офаридани як романи хубро аз ҳаёти воқеии мардумони деҳа муҳайё сохтааст. Хоҳиш мекунам, ки ҷиддитар ба очерк машғул шав. Мо то ҳанӯз як нависандаи воқеии очеркнавис надорем. Умед дорам, ки ин маслиҳати беғаразонаи каминаи камтаринро қабул намуда, дар оянда аз уҳдаи ин ҳама мебароӣ*» [8].

Гуфтан ба маврид аст, ки шояд ин номаи устод Соҳиб Табаров роҳнамои кори адиб гардида, ду романи ӯ бо номҳои «Васваса» ва «Талош» рӯи чоп омада, хонандагони сершумори хешро пайдо намудаву миёни шоирону нависандагони кишвар соҳиби мақоми хеле баланд гардид.

Фаъолияти рӯзноманигории Шоҳмузаффар Ёдгорӣ аз даврони донишҷуйӣ оғоз мегардад. Дар ин давр мақолаҳояш дар матбуоти даврӣ гоҳ-гоҳ чоп мешаванд ва баъди хатми Донишгоҳ, соли 1962 ӯро ба рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» (Ҷумҳурият) ба кор даъват мекунанд. Дар аввал чун ходими адабӣ ва баъдтар ба сифати мудири шуъбаи илм, маданият ва донишкадаҳои олӣ кор мекунад. Ба ин масъала муҳаққиқ А. Саъдуллоев назар намуда, аз ҳамқаламон ва шоирони давраи Шоҳмузаффар Ёдгорӣ чунин ёдовар мешавад: “*Шоҳмузаффар Ёдгорӣ ба адабиёт солҳои шастум ворид шудааст, Лоиқу Бозори Собир, Ғоиб Сафарзодаю Меҳмон Бахтӣ, дертар Ҳабибулло Файзуллоюю Ҳақназар низ он айём аввалин чакидаҳои хомаашонро манзури хонандагон мегардонданд. Солҳои донишҷӯии номбурдагон низ қариб ба як вақт рост меояд, онҳо дар макотиби олии пойтахт таҳсил карда, ба хобгоҳҳои якдигар рафтуо доштанд, дар маҳфилҳои адабии ҳамдигар фаъолона ширкат меварзиданд...”* [7, с. 69].

Шоҳмузаффар Ёдгорӣ дар ин давра бо таърифи мақолаҳои публитсистӣ ва шеъру достонҳояш чеҳраи шинохтаи адабӣ мегардад. Бештари навиштаҳои Шоҳмузаффар Ёдгорӣ ба мавзуҳои адабӣ, масъалаҳои шеъру шоирӣ ва нигоҳдошти асолати милливу фарҳангӣ нигаронида шудаанд. Масалан, ҳар китоби нави шоирони тоҷик, ки чоп мешуд, ҳатман дар

бораи он китобҳо, вижагӣ ва бартарӣ, камбуду норасоии навиштори муаллифон мақолае навишта, аз бурду бохти он сухан мегуфт. Дар баробари ин робитаҳои байнихалқии адабиёти тоҷик ва дигар адабиёти ҷаҳонро бо тафсил дар навиштаҳояш баррасӣ мекард ва аз бурду бохти муҳити адабии тоҷик, пешрафт ва рушди фарҳанги халқ, адабиёти бачагона ва нависандаҳои машҳури ин адабиёт ба навиштаҳои ҷолиб дар ин нависанда дучор шудан мумкин аст. Ҳамчунин табиати зебои кишвари азизамон аз назари Шоҳмузаффар Ёдгорӣ дур намондааст. Ӯ ҳамеша аз зебоиҳои Тоҷикистон ифтихор менамояд ва оид ба табиати зебои ватан мақолаҳо навишта чоп менамуд. Далели ин гуфтаҳо тақризи «Китоби нави шоир» (Тоҷикистони советӣ. – 1973. – 5 июл), «Равобити адабиёти ду халқи бародар» (Комсомоли Тоҷикистон. – 1970. – 15 ноябр), «Ҷозибаи сухан» (Комсомоли Тоҷикистон. – 1971. – 23 апрел), «Дар бораи шоири ҷавон» (Комсомоли Тоҷикистон. – 1963. – 16 июн), «Муҳаббати сарзамини кӯҳсор» (Тоҷикистони советӣ. – 1968. – 22 декабр) ва дигар мақолаҳои Шоҳмузаффар Ёдгорӣ мебошан, ки оид ба мавзӯҳои гуногун навишта шудаанд.

Дар муддати 10 соли сарварӣ Шоҳмузаффар Ёдгорӣ чун рӯзноманигори таҷрибаандӯхта рӯзномаи «Роҳи Ленинӣ»-ро ба яке аз беҳтарин нашрияҳои ҷумҳуриявӣ табдил медиҳад. Дар ин рӯзнома бар иловаи сарварӣ бо мақолаҳои худ аз камбудиву норасоиҳои минтақа пайгирӣ менамояд ва бо ташаббуси ӯ дар ин давр (1980-1995) чандин корманди рӯзнома соҳиби хонаи истиқоматӣ мегарданд. Ба сифати роҳбари рӯзномаи «Роҳи ленинӣ» таъин ва фаъолияти Ш. Ёдгориро нависанда А. Самад чунин ёд мекунад: «*Шоҳмузаффар Ёдгориро устод Мӯъмин Қаноат ба Идораи тарғиби адабиёти Иттифоқи нависандагон ба кор оварда, то ки муҳити адабӣ ба кори эҷодияш файзе бахшад. Лекин пас аз чанде ӯро ба ҳайси сармуҳаррири рӯзномаи вилояти Кӯлоб «Роҳи ленинӣ» ба кор фиристоданд. Таҷрибаи ғанӣ, донишу фаҳмиш, ирода, масъулияттиносӣ ва малакаву маҳорати хуби мураббигии ӯ на танҳо ба гирд овардану муттаҳид кардани рӯзноманигорони хуби вилоят, хонову пурмуҳтаво шудани рӯзнома, балки солиму пурсамар гардидани муҳити адабии минтақаи Кӯлоб созгор афтод. Як зумра рӯзноманигорону адибон ва драманависони хушқаламу фаъол маҳз дар ҳамон давраи кори Шоҳмузаффар Ёдгорӣ аз Кӯлобшаҳр рӯйи об баромаданд, ки асарҳояшон саҳнаи театрҳоро рангин карданд*». [6, с. 6]. Ҳамкори ӯ низ А.Фирӯз дар мақолааш ёдовар шудааст, ки «*Ҳама ӯро дӯст медоштанд, эҳтиромаш мекарданд. Ба чанд корманди иҷоранишини рӯзнома таъҷилан хона гирифта дод. Агар газета дер чоп мешуд, ба ронандааш амр мекард, то ҳамаи коргаронро хона ба хона бурда монад. Мегуфт, ки ин мошини ман нест, мошини идора аст, мошини ҳамаи мост*». [10, с. 2].

Пешаи рӯзноманигорӣ аз аввалин гомҳои ҷиддии нависанда дар роҳи эҷод аст ва навиштаҳояш ҳам ба воситаи таҷрибаи корӣ дар матбуот роҳи ӯро ба адабиёт ҳамвор месозад. Ба ин маънӣ Ҷ. Темурзода дар ҷодаи рӯзноманигорӣ ба воя расидану рушди минбаъдаи нависандаро дар ду рӯзномаи бонуфузи кишвар чунин менигорад: “...*Пешаи асосиаш рӯзноманигорӣ буда, сарманшаи зиндагиаш аз қалам буд. Қаламроҳи рӯзгори ибратомӯзаш аз рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» оғоз гардида, тӯли беш аз чил сол ҳамнишини ин пешаи пурифтихор будааст. Ҳамқаламон ва ҳамқадамонаш мегӯянд, ки соли 1978 вақте ки аз рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» ба шаҳри Кӯлоб ба сифати сармуҳаррири рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» омад, мақдамаш файзу баракат оварда. То омадани ӯ шӯру ғавғо ва кашмакашҳову бадгӯиву рашку ҳасад ҳолати корро дар рӯзнома хеле вазнин намуда, аксари рӯзноманигорон аз кор рафта буданд. Устод Шоҳмузаффар ҳамаи онҳоро боз оварда, шароити кори рӯзномаро дар як муддати кӯтоҳ хеле хуб намуд. Мактаби ҳунар ва одамияташ ҳамагонро атрофаш ҷамъ оварда, кори рӯзнома аз нав ҷоннок гардид*” [9, с. 196].

Соли 1990 Ёдгорӣ бо хоҳиши худ аз вазифаи муҳаррирӣ меравад. Худи ҳамон сол ӯро ба вазифаи котиби масъули шуъбаи дар Кӯлоб будаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон таъйин мекунанд. То соли 1995 масъулияти роҳбарии ин шуъба бар души Шоҳмузаффар Ёдгорӣ вогузор мешавад. Дар давоми мақола Ҷ. Темурзода ишора мекунад, ки «*То ин вақт тамоми адибони вилоят китобҳои худро дар пойтахти кишвар – шаҳри Душанбе чоп*

мекарданд. Ҳеҷ кас тассавур намекард, ки дар Кӯлоб ҳам чопи китобро ба роҳ мондан мумкин аст. Ба ин иқдом бори аввал Шоҳмузаффар Ёдгорӣ даст зад» [9, с. 197].

Воқеан корнамоӣ ва масъулияти баланди кории Шоҳмузаффар Ёдорӣ аст, ки имрӯз ӯро дар баробари шоир, нависанда ва рӯзноманигор будан, чун роҳбари масъулиятшинос низ мешиносанд. Хотираҳое, ки дар бораи ин шахси наҷиб ва таърихӣ гуфтаанд хеле зиёданд. Ёдномаи рӯзноманигор Қ. Камол дар мавриди хизматҳои шоёни Ш. Ёдгорӣ ҳамчун рӯзноманигори хизматнишондодаву созанда чунин ироа мешавад: «*Устод Ёдгорӣ тавонист номи худро дар таърихи матбуоти тоҷик ҳамчун сармуҳаррири эҳёгар ва созанда бинависад. Ӯро ҳам дар рӯзномаи «Роҳи ленинӣ» - нашрияи асосии вилояти Кӯлоб ва ҳам дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» нашрияи раҷами яки давлати Тоҷикистон рӯзгороне сарвар таъйин намудаанд, ки онҳо аз ҳар ҷиҳат дар вазъи хеле бад қарор доштаанд*» [2, с. 116].

Соли 1995 Шоҳмузаффар Ёдгорӣ дубора ба рӯзномаи «Ҷумҳурият» ба пойтахти кишвар ба кор даъват мешавад. Масъулияти сармуҳарририи ин рӯзномаро бар душаш мегузоранд. Абдулқодири Раҳим дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» соли 2012 бо унвони «Дар хазон омаду баҳор овард» чунин менависад. «*Ӯ сармуҳаррири «Ҷумҳурият» таъин шуд, сармуҳаррири рӯзномае, ки панҷ моҳ ё бештар аз он нашр намегардид. Коргаронаш қариб ҳама пароканда шуда буданд. Коргаронро ҷамъ меорад. Нақл мекунанд, вақте Ёдгорӣ гап мезад, дили ҳама дубора нисбати касби хеш гарм мешуд. Ба ояндаи хубу гуворои кишвар умед мебастанд. Хулоса, «Ҷумҳурият» ҳафтае як маротиба, оҳиста – оҳиста ду маротиба, ниҳоят ҳафтае се маротиба чоп мешуд. Шӯъбаҳо зиёд гардиданд, ходимон низ. Айёми роҳабарии Ёдгорӣ «Ҷумҳурият» нашрияи расмии Тоҷикистон мегардад. Ба ин мақом расидан маҳз туфайли кӯшиши устод буд*». [5, с. 11].

Пешаи рӯзноманигорӣ барои Шоҳмузаффар Ёдгорӣ болотар аз эҷодиёт буд. Ҳамеша мекӯшид то матлаби тозаеро дар рӯзнома ба нашр бидиҳад. Аммо баробари рӯзноманигорӣ шеъру ҳикоя эҷод мекард ва навиштаҳояшро такмил медод. Дар як вақт ду самти муҳимро пеш бурдан албатта кори осон набуд, вале ин амалро Шоҳмузаффар Ёдгорӣ ба таври шоиста ба анҷом мерасонад. Ин аст, ки дар як нигошта Ҳ. Азим ишора мекунад: *«Шоҳмузаффар Ёдгорӣ пеш аз ҳама журналисти воқеӣ буданд, устоду тарбиятгар ва роҳбари ғамхори чандин коллективҳои эҷодӣ, таҷрибаи журналистӣ ба кори эҷодиаш мададрасон буд. Шеъру достонҳо, публитсистика ва романҳои устод аз истеъдоди фитриаш гувоҳӣ медиҳанд*» [4, с. 1].

Мутаассифона то имрӯз ашъори ӯ, навиштаҳои публитсистии ӯ ба таври лозим омӯхта нашудааст. Адабиётшиносони мо имрӯзҳо масъалаҳои мубрами соҳаро баррасӣ мекунанду паҳлуҳои гуногуни навиштаи адиберо, рӯзноманигореро ба риштаи таҳлил мекашанд. Пас мебояд, ки зиндагинома ва эҷодиёти Шоҳмузаффар Ёдгорӣ низ чун шоири ватанхоҳу ватанпарвар, чун нависанда, ки мақсадаш бедории миллату ободии Ватану буду қаламаш ба нафъи созандагиву ободии миллат, хидмат мекард ҳаматарафа мавриди пажуҳиш қарор бигирад.

Муқарриз: Салими Х., д.и.ф., профессор

Адабиёт:

1. Давлатов, Т. Навдаи бурбори боғи адаб [Матн]: Дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти шоири даврони Шӯравӣ Шоҳмузаффар Ёдгорӣ / Т. Давлатов // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2013. – 30 январ. – С.3.
2. Қурбонийон, К. Аз ману сомони ман [Матн] / К. Қурбонийон. – Душанбе: Эр-Граф, 2018. – С.116.
3. Маҷид, С. То нафас боқист, гулпарвар шавед... [Матн] / С. Маҷид // Ҷумҳурият. – 2020. – 23 январ. – С.3.
4. Ҳасан, А. Ёдгори аҳли дил [Матн] / А. Ҳасан // Ҷумҳурият – 2022. – 26 декабр. – С.1.
5. Раҳим, А. Дар хазон омаду баҳор овард [Матн] / А. Раҳим // Ҷумҳурият – 2012. – 3 январ – С.11-12.
6. Самад, А. Биё, эй дӯстам [Матн] / А. Самад // Адабиёт ва санъат. – 2020. – 9 январ. – С.6.

7. Саъдуллоев, А. Рангҳои зиндагӣ [Матн] / А. Саъдуллоев. – Душанбе: Адиб, 2007. – С.69.
8. Табаров, С. Мактуб ба Шоҳмузаффар Ёдгорӣ [Матн] / С. Табаров // Аз бойгонии Шоҳмузаффар Ёдгорӣ
9. Темурзода, Ҷ. Қаламроҳи ёдҳо [Матн] / Ҷ. Темурзода. – Душанбе: Шарқи озод, 2021. – С.196.
10. Фирӯз, А. Ҳеҷ кас монанди ӯ дилдода набуд: Ба муносибати 75 солагии шоир Шоҳмузаффар Ёдгорӣ [Матн] / А. Фирӯз // СССР. – 2015. – 1 январ. – С.2.

ФАЪОЛИЯТИ РӮЗНОМАНИГОРИИ ШОҲМУЗАФФАР ЁДГОРӢ

Дар ин таълифот аз фаъолияти рӯзноманигории идиби шинохта ва рӯзноманигори барҷаста Шоҳмузаффар Ёдгорӣ сухан рафта, доир ба паҳлуҳои сарварии ӯ дар рӯзномаҳои «Роҳи Ленинӣ» ва «Тоҷикистони советӣ» (ҳоло Ҷумҳурият) баҳс меравад. Чунон ки ишора мешавад Шоҳмузаффар Ёдгорӣ чун рӯзноманигор солҳо дар рӯзномаву маҷаллаҳои бонуфӯзи кишвар, аз қабили «Роҳи Ленинӣ», «Тоҷикистони советӣ» (ҳозира Ҷумҳурият) фаъолияти худро идома дода, дар ин давра бо таълифи шеър, мақолаҳои публитсистӣ ва илмиву омавӣ низ иштиёқ пайдо кардааст.

Пешаи рӯзноманигорӣ барои Шоҳмузаффар Ёдгорӣ болотар аз эҷодиёт буд. Ҳамеша мекӯшид то матлаби тозаеро дар рӯзнома ба нашр бидиҳад. Аммо, баробари рӯзноманигорӣ шеъру ҳикоя низ эҷод мекард ва навиштаҳояшро такмил медод. Дар як вақт ду самти муҳимро пеш бурдан албатта кори осон набуд, вале ин амалро Шоҳмузаффар Ёдгорӣ ба таври шоиста ба анҷом мерасонад.

Мутаассифона то имрӯз ашъори ӯ ва навиштаҳои публитсистии ӯ ба таври лозим омӯхта нашудааст. Биноан, дар ин мақола кӯшиш шудааст, ки ба таври зарурӣ баъзе паҳлуҳои рӯзноманигории Шоҳмузаффар Ёдгорӣ дида баромада шавад.

Калидвожаҳо: *рӯзноманигорӣ, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, журналист, сарвар, «Роҳи Ленинӣ» «Тоҷикистони советӣ», «Ҷумҳурият», пеша, очерк, муаллиф, сабк, публитсист*.

ЖУРНАЛИСТСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ШАХМУЗАФФАРА ЁДГОРИ

В данной статье речь идёт о журналистской деятельности известного писателя и выдающегося журналиста Шахмузаффара Ёдгори, а также рассматриваются аспекты его управленческой деятельности в газетах «Рохи Ленини (Путь Ленина)» и «Тоҷикистони советӣ (Советский Таджикистан)» (ныне Республика). Как уже упоминалось, Шахмузаффар Ёдгори как журналист в течение многих лет продолжая свою работу в самых влиятельных газетах и журналах страны, таких «Рохи Ленини» и «Тоҷикистони советӣ», в этот период сочиняя стихи, интерес вызвали также публицистические и научно-популярные статьи.

Профессия журналиста для Шахмузаффара Ёдгори был выше чем творческим. Он всегда пытался написать новую статью в газету и публиковать. Однако наряду с журналистикой деятельностью он сочинял стихи и рассказы, и совершенствовал их. Осуществлять одновременно два важных направления было конечно непростой задачей, но Шахмузаффар Ёдгори справлялся с этим хорошо.

К сожалению, его стихи и публицистические статьи должным образом не изучены. Поэтому в данной статье предпринята попытка рассмотреть некоторые аспекты журналистики Шахмузаффара Ёдгори.

Ключевые слова: *журналистика, Шахмузаффар Ёдгори, журналист, лидер, «Рохи Ленини» («Путь Ленина») «Советский Таджикистан», Джумхурият» («Республика»), профессия, очерк, автор, стиль, публицист*.

JOURNALISTIC ACTIVITY OF SHAHMUZAFFAR YODGORI

This work deals with the journalism activities of the famous writer Shahmuzaffar Yodgori and discusses aspects of his leadership in the newspapers "Rokhi Lenini", "Tojikistoni Soveti" (now Dzhumhuriyat). As already mentioned, Shahmuzaffar Yodgori, as a journalist, continued his work

for many years in the most influential newspapers and magazines of the country, such as "Rokhi Lenini", "Tojikistoni Soveti" (now Dzhumhuriyat), during this period writing poetry, publicistic and popular science articles.

The profession of a journalist for Shahmuzaffar Yodgori was higher than creative work. He always tried to write a new article for the newspapers and publish it. However, along with journalism, he composed poetry and short stories, and improved his writing skills. It was certainly not an easy task to carry out two important directions at the same time, but Shahmuzaffar Yodgori did it well.

Unfortunately, his poems and journalistic articles have not been properly studied. Therefore, this article should consider some aspects of the journalism of Shahmuzaffar Yodgori.

Keywords: *journalism, Shahmuzaffar Yodgori, journalist, leader, "Rohi Lenini" ("Lenin's Way") "Soviet Tajikistan", Jumkhuriyat" ("Republic"), profession, essay, author, style, publicist.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Зафари Гулмурод *– Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи назарияи адабиёти навини форсӣ-тоҷикии факултаи филология. Нишонӣ: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Тел.: (+992) 987-65-00-89. E-mail: Zafar-zafar-01@mail.ru.*

Сведения об авторе: Зафари Гулмурод *– Таджикский национальный университет, соискатель кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы филологического факультета. Адрес: 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел.: (+992) 987-65-00-89. E-mail: Zafar-zafar-01@mail.ru*

Information about the author: Zafari Gulmurod – *Tajik National University, co-author of the Department of Theory and Modern Persian-Tajik Literature of the Faculty of Philology. Address: 17 Rudaki Avenue, Dushanbe, 734025. Tel.: (+992) 987-65-00-89. E-mail: Zafar-zafar-01@mail.ru*

УДК: 891.550+891.55

ГАЗЕЛЬ – КОНЦЕПТ ЛЮБВИ В ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКОМ МИРОВОЗЗРЕНИИ

Нигораи Сафарали
Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни

Слово «газель» в классическом языке фарси, как и некоторые другие слова, в своем историческом развитии имело два значения: лексическое (родовое) и терминологическое (видовое).

Из средневековых сочинений по литературоведению впервые этот вопрос был затронут в «Муджам» Шамси Кайса. Вот эго определение:

«Газел» в основном значении слова – это рассказ о женщинах, описание любви и страстного влечения к ним. Сочинение газелей…. Это [воспевание] любви. Некоторые лексикографы различают газель и насиб. Они утверждают: насиб – это описание поэтом характера и нрава возлюбленной, описание того, так им овладела любовь к этим ее качествам. А газель – это описание любви к женщинам и страстного сердца к ним.

«Многие поэты называют газелью описание красоты возлюбленной и изображение состояния любви, и влюбленность. А газели, являющиеся вступлением к панегирику или восхвалению кого – ни будь, называют насибами. Цель газели - успокоение души и доставление приятного настроения. Поэтому газель должно быть сочинена плавным метром, ясным и красивыми словами должно содержать благодарение мысли

Эти рассуждения Шамси Кайса заслуживают особого внимания. Он, как видно из приведенной цитаты, выражает не свое субъективное, а распространенное в то время понимание газели как особой формы. Именно такое представление о газели было распространено в литературных кругах Мавераннахра и Хорасана до начала XIII в. хотя Шамси Кайс происходил из Рея и поэтому иногда допускал ошибки, цитируя стихи поэтов Хорасана и Мавараннахра, тем не менее возможность ошибки в определении газели маловероятна, так как он многие годы жил в культурных центрах Хорасана и Мавераннахра (Бухара, Хоразм, Марв), а свою книгу начал писать в 614/1217 – 1218 г. в Мерве. Шамси Кайсу пришлось многое претерпеть из – за монгольского нашествия, однако он сумел завершить в 630/1233 г. в Фарсе труд, представляющий собой большую ценность. В силу всего, сказанного в приведенном нами выше определении газели не могли не отразиться представления о форме газели, бытовавшие в литературных кругах Мавараннахра, Хорасана и Фарса времен Саъди [2, с.90].

После XIII в. семантика слова «газел» не претерпевает существенных изменений. Словари, составленные даже поле XV в., повторяют, по существу, с незначительными изменениями, определение Шамси Кайса. Только в «Хафт кулзум» Кабӯла Мухаммада наряду с повторением лексического значения этого слова дается также и терминологическое толкование. Вот его определение:

«Знай же», что «газел» в словарном значении – это описание любви и отношения к женщине. А терминологически – это несколько бейтов, объеденных единым стихотворным метром и монорифмой. Первый из этих бейтов бывает муссари (мусари называют такой бейт, оба мисра которого рифмуются), а этот первый бейт называют матла или мабда. Второй бейт, если рифмуются оба его мисра, называется красным матла. Последний бейт называется макта или хатима. Считается обязательным, чтобы (объем газели) не превышал 12 бейтов… Некоторые же называют газелью (стихотворение такого рода), содержащее до 19 бейтов [8, с. 210]. А некоторые поэты поздних веков доводят число бейтов в газели до 21. В газели, большой частью, описываются красота возлюбленной, переживания и чувства влюбленного. Дидактические же советы выражаются в других видах поэзии. Газель начинается и кончается единой темой, будь то свидание (с возлюбленной) или разлука. В газели не должно быть вялых бейтов, каждый бейт должен выделятся от предыдущего и сильно отличатся [1, с. 571-606].

Это терминологическое определение газели, данное автором «Хафт кулзум», может быть принято без существенных оговорок. К нему с точки зрения формальных моментов следует еще добивать, что в макта газели упоминается тахаллус поэта и что после рифмы может стоять редиф. Нужно указать еще, что каждый бейт газели может быть совершенно самостоятельным по выраженной в нем мысли. Однако определение Кабула Мухаммада в значительной степени недостаточно с точки зрения содержания и тематики газели. В действительности в газели изображается не только облик и причуды возлюбленной, не только тоска, грусть, сетование на соперника и на судьбу, описывается не только картины природы, вино, чаша, - короче говоря, тематика газели не ограничивается интимной лирикой, напротив, в ней могут быть выражены вопросы этики, философии, суфизма, дидактики, жалобы на окружающую действительность. Иными словами, тематика газели охватывает не только интимные переживания личности, но и вопросы общественной жизни [14, с. 685].

Следует также иметь в виду, что особенность газели, заключающаяся в том, что каждый отдельный бейт может заключать самостоятельную мысль, дает возможность поту выражать в рамке любовной лирики социальные вопросы.

Если слово «газель» в своем историческом развитии приобрело такие значений, оно может быть применено по отношению к стихотворениям Рудаки и поэтов X века? Теперь, как нам кажется, уже не трудно ответить на вопрос.

Если слово «газель» в применении к поэзии X века понимать в терминологическом значении, т. е. как вид поэзии, то надо присоединиться к точке зрения Шибли Муъмини, Е. Э. Бертельса и их сторонников. В действительности, как уже говорилось выше, мы не находим в памятниках X века ни одного поэтического произведения, которое удовлетворяло бы всем требованиям газели как вида поэзии и месте с тем не вызывало бы при этом сомнения в своей подлинности [3, с. 30-39].

Но если рассматривать эти памятники X в. с точки зрения их тематики, определения газели, данного Шамси Кайсом, то мы должны будем подойти к решению интересующего нас вопроса с иных позиций. Газель, несомненно, не была видом (жанровой формой) в поэзии X в., но особенности поэтических отрывков, принадлежащих Рудаки и приведенных нами выше, свидетельствуют о том, что в X в. наряду с основными видами поэзии – касыдой, маснави, китъа, рубаъи – существовали также стихотворения, в которых выражались любовные переживания, тоска и грусть, призыв к наслаждению, советы, и сентенции, изображались картины природы. Слова Шамси Кайса, что «большинство поэтов называет газелью изображение красоты возлюбленной, описание любви и любовных переживаний», также свидетельствуют о том, что подобные поэтические произведения X в. назывались газелями.

В силу этого мы не можем присоединиться к мнению Шибли Нуъмани и его сторонников о том, что под газелью в X в. понимали исключительно насиб (ташбиб) касыды. Подтверждением нашей точки зрения служа и следующие обстоятельства:

Во – первых, в настоящее время невозможно доказать, что все без исключения сохранившиеся от X в. лирические стихотворения являются насибами касыд. Этим только обловлено и то обусловлено и то обстоятельство, что авторы тазкира расходятся в вопросе о том, к какому виду поэзии относится эти поэтические отрывки. Иными словами, как мы об этом уже говорили, одно и то же стихотворение некоторые авторы называют стихотворением или частью касыды, а другие – газелью.

Во – вторых, утверждение Шамси Кайса о том, что «некоторые знатоки различают насиб и газел», т. е. различение им этих двух понятий опровергает мнение, что в X в. слово «газель» употребляюсь для обозначения насиба. При этом не следует упускать из виду, что и слово «ташбиб» насиб обозначало не только вступление к касыде, о чем свидетельствует следующее определение:

«Ташбиб» – это изображение возлюбленной и своих любовных переживаний. Это называют также «насибом» и «газелью». Однако также принято называть ташбибом ту часть (касыды), где говорится не о восхваляемом.

Из этих слов явствует, что насибом, как правило, называли стихотворение о любовных переживаниях, которое впоследствии стало вступлением к касыде [3, с. 30].

В – третьих, ни в одном источнике нет указания на то, что эти лирические стихотворения были только насибами. Правда, Рашидадин Ватват в другом месте своего сочинения, определяя понятие тахаллус (в значении бейта, на котором поэт кончает насиб, чтобы перейти к панегирику, а не в обычном значении последнего бейта газели), употребляет слово «газель» в значении насиба. Но, поскольку он делает это в том месте, где определит момент перехода от вступления к панегирику в касыде, и не останавливается специально на газели как виде поэзии, то из его рассуждений не вытекает заключения о тождестве газели и насиба.

В четвертых, многие опровергает свое собственное определение газели: «Любов, - пишет он, — это частица природы человека. Поэтому повсюду, где бы ни был человек, ему сопутствует любовь». И поскольку нет такого народа, который не дал бы поэта, постольку нет народа, который был бы лишен любовной лирики. Можно ли после такого утверждения ограничить лирическую поэзию X в. рамками насиба касыды? Коль скоро любовь есть частица человеческой природы, то совершенно очевидно, что любовная тематика, выражение любовных переживаний должны были иметь большее распространение, чем касыды, ограниченная рамками феодального двора [4, с. 64].

Следовательно, содержание понятия «газель» в X в. было шире понятия насиба касыды иными словами, если газель в X в. означала жанр любовной лирики, то насиб был лишь отдельным видом (жанровой формой) этого рода (жанра), т. е. лирическое стихотворение называлось насибом в том случае, оно являлось вступлением к касыде. Слова Шамси Кайса при их внимательном рассмотрении подтверждают эту точку зрения. В процитированном нами определении газели Шамси Кайс утверждает, что газель, являющаяся вступлением к панегирической или биографической касыде, называется насибом.

Эти обстоятельства вынуждают нас рассматривать употребление слова «газель» в приложении к стихотворениям поэтов X- XI вв. в его широком значении. Унсури, называя газелями стихи как Рудаки, так и свои собственные, имел в виду не только насиби касыд, но, по всей вероятности, все лирические стихотворения, посвященные теме любовь [5, с. 156].

И так, мы подошли к вопросу об источниках происхождения газели. В отличие от вопроса о существовании газели в поэзии X в. по этому вопросу в научной литературе существует одна точка зрения, сформулированная индийским ученым Шибли Нуъмани. Развивая свою мысли о том, что в X в. газелью был только насиб касыды, он считает единственным источником происхождения этого вида поэзии касыду. В V томе «Шиър ал - Аджам» Шибли Нуъмани связывает с каждой происхождение всей персидско – таджикской поэзии. В другом месте он пишет: «Мы уже говорили, что поэзия в Иране ведет свое происхождение от касыды и что газель возникла не как выражение внутреннего состояния личности, а для усовершенствования других видов поэзии, поскольку лирические стихи помещались в начале касыды. Когда же эту лирическую часть отделили от касыды, она стала газелью, словно с дерева касыды срезали побег и посадили его отдельно.

Эта точка зрения в научной литературе, к сожалению, не только не была отвергнута, но, напротив, была безоговорочно воспринята многими видными исследователями. Мало того, попытки видеть в касыде источник происхождения газели привели к тому, что некоторые специалисты не только стали считать панегирическую литературу первым шагом персидско-таджикской поэзии, но и признали феодальный двор единственным фактором, способствовавшим возникновению поэтического творчества [12, с. 260].

Например, Саид Нафиси, приведя в качестве примера стихи Мухаммада ибн-Васифа (III в. х.), пишет: «Первые стихи на персидском языке были панегириками. Панегирик - самый древний вид персидской поэзии. Причина этого обстоятельства, следующая: иранские властители из династий Саффаридов и Саманидов побуждали поэтов писать на родном языке, и именно им обязана поэзия на современном персидском языке своим

происхождением. Вне всякого сомнения, первыми помыслами поэтов были панегирики в честь этих властителей».

Эта мысль Саида Нафиси очень близка к точке зрения Шибли Ну мани. В чем же источник их взглядов? Как нам кажется, мнения обоих авторов, несмотря на их близость, порождены различными причинами. Шибли Нумани считает началом поэзии касыду, которая возникла как подражание арабской касыде. А точка зрения Саида Нафиси обусловлена сведениями «Тарихи Систан» [5, с. 191].

Здесь уместно отметить, что после обнаружения и опубликования «Тарахи Систан» некоторые современные иранские исследователи, основываясь в вопросе о зарождении персидско-таджикской поэзии на сведениях этого источника, считают первыми после появления ислама стихами на персидском языке строки Мухаммада ибн-Васифа, посвященные завоеваниям Якуба ибн-Лайса Саффарида. Показателен пример автора последней работы по истории персидско-таджикской поэзии Забихаллаха Сафа. В разделе «О возникновении первых персидских стихов и первый персоязычный поэт» он собрал воедино все сведения по данному вопросу, но все же на первое место поставил сообщение «Тарихи Систан» [6, с. 64].

Литературные памятники IX-X вв. представляют собой, по большей части, панегирики, а авторы их были, как правило, связаны с различными династиями. Эти обстоятельства и породили точку зрения Шибли Нумани Нафиси, Забихаллаха Сафаи др. Общность тематики и содержания, которая существует между лирическими стихотворениями о любви и насибами, также, несомненно, повлияла на возникновение взглядов о тождестве насиба и газели. И, наконец, не следует упускать из виду влияние, которое оказывают на современных исследователей легендарные сведения автором тазкира, в которых происхождение поэзии связывалось с деятельностью представителей различных династий [11, с. 688].

Мы не собираемся здесь останавливаться на том, с какого вида началось зарождение персидско-таджикской поэзии — это может отвлечь нас от предмета нашего исследования. К тому же, эта проблема уже не однократно обсуждалась, и в последнее время был опубликован ряд новых сведений, которые проливают свет на действительное положение вещей. Однако мы не можем обойти молчанием концепцию о происхождении газели от панегирика, теорию о том, что будто панегирик и вообще вся после исламская поэзия иранских народов были порождены исключительно феодальным двором.

Как уже было сказано, основной довод сторонников этой теории - сведения «Тарихи Систан». В этом сочинении говорится, что Якубу ибн -Лайсу после одного из его успешных походов были преподнесены хвалебные стихи на арабском языке. Однако он был необразован и не понял их. При этом присутствовал дабир Мухаммад ибн Васиф, который был знатоком литературы (а в то время еще не слагали стихов на языке фарси). А Якуб заметил: «Зачем говорить то, чего я не понимаю?» И Мухаммад ибн-Васиф стал слагать стихи на языке фарси. Именно он сложил в «Аджаме впервые стихи на языке фарси».

Конечно, едва ли кто-нибудь будет оспаривать, что «Тарихи Систан" - самый древний источник, содержащий сведения по этому вопросу. Первая часть этого сочинения, как определили исследователи по стилю, по-видимому, написана в конце IV или начале V в.х, Мы нисколько не сомневаемся в Мухаммаде ибн-Васифе как поэте и в подлинности приписываемых ему стихотворений, но изложение этих событий, как у Мухаммада Ауфи, который приписывает сочинение первого персидского стиха Бахраму Гуру, имеет легендарный характер. Ведь не следует упускать из виду, что в период феодализма различные открытия связывались с именами феодальных деятелей, подобно тому, как основные герои эпоса делались представителями феодальных родов. Не исключена возможность, что легенда о зарождении персидской поэзии также возникла не без влияния Якуба ибн-Лайса [13, с. 3-17].

Трудно согласиться также с высказанным по случаю написания Мухаммадом ибн-Васифом панегирика Якубу утверждением автора «Тарихи Систан", что он «…впервые

сложил в Аджаме стихи на языке фарси» ибо «Аджам по географическим представлениям того времени - обширное пространство, включавшее все мусульманские страны, исключая населенные арабами. Связи между странами, включаемыми в понятие «Аджам», были тогда очень затруднены. Могли в таких условиях автор книги, у которого не было возможности получить достоверные и полные сведения, определить точно, что до Мухаммада ибн-Васифа никто не писал стихов на языке фарси? Без всестороннего изучения и исследования этот вопрос не может быть решен.

С другой стороны, отрывок из касыды Мухаммада ибн-Васифа, приведенный автором «Тарихи Систан» в качестве примера, является литературным произведением, зрелым с точки зрения требований аруза и изобразительных средств. Как бы поэт ни был талантлив, но, если он переходит от сочинения стихов на одном языке к их сочинению на другом, пусть даже родном языке, он не сможет сочинить экспромтом таких зрелых стихов. Для того чтобы стихи могли быть зрелыми с точки зрения техники, требуется определенное время [7, с. 709].

Поэтому нам кажется трудным целиком полагаться на утверждение, что упомянутый панегирик Мухаммадп ибн-Васифа был первым поэтическим произведением на языке фарси. Следует к тому же обратить внимание на утверждение самого автора «Тарихи Систан», что Мухаммад ибн-Васифа был «дабиром» и «знатоком литературы». Вполне очевидно, что ибн-Васиф не мог научиться ремеслу дабира и поэтическому мастерству за короткий промежуток времени правления Якуба, он должен был это сделать много раньше. Возможно, что, обучаясь поэтическому искусству, он сочинял стихи на родном языке. Зрелость его стихов, посвященных Якубу, подкрепляет это наше предположение [12, с. 260].

Доказательством зарождения поэзии в виде панегириков, тем более при феодальном дворе, не может служить и тот факт, что творческое наследие поэтов X в. состоит главным образом из панегириков. Если бы среди поэтических памятников X в. не было, кроме касыды, других поэтических форм, то тогда стоило бы задуматься над этим вопросом. Однако в поэтическом наследии авторов X в. одновременно с упомянутыми лирическими стихотворениями мы встречаем все формы классической поэзии. Что же касается того, что сохранившиеся поэтические памятники X в. большей частью состоят из касыд, то это явление порождено особым вниманием, которое в то время уделялось касыде. Именно это обстоятельство привело к тому, что X-XI вв. в истории персидско-таджикской литературы называются «периодом касыды».

Наличие идейной и тематической общности между сохранившимися бейтами лирических стихотворений и насибами касыды также не служит доказательством положения о происхождении газели из насиба. Эта связь и общность для X в. обязательны, так как поэтические каноны того периода, требования туркестанского стиля еще не выработали специфических формальных черт газели, в том числе и обязательного для газели условия о самостоятельности мысли, выраженной в каждом бейте. Некоторые особенности поэзии X в., такие, как простота и ясность изложения мыслей, конкретность темы, употребление слов и выражений, доступных для понимания, преимущественное использование изобразительных средств, основанных на искусстве слова (употребление слов, близких по звучанию, редифу и рифме в мисра каждого бейта) и др. -все эти черты порождали определенную общность точки зрения языка между разными видами поэзии, в особенности между лирическими стихотворениями и насибами касыд [15, с. 24-28].

Но мы не находим в лирических стихотворениях X в. такой особенности газели, как самостоятельность мысли, выраженной в каждом бейте. Даже в газелях XII в. это требование соблюдено не всегда. И лишь в более поздние века развития газели как вида поэзии окончательно утвердилось это условие формы. Далее мы остановимся на этом вопросе подробно.

Как нам кажется, сторонники теории придворного происхождения поэзии не смогут назвать ни одного первоклассного поэта IX-XI вв., творчество которого началось бы после его приобщения к феодальному двору. Как и в более поздние периоды истории персидско-таджикской поэзии, творческая деятельность поэтов, как правило, начинается в

общественных кругах вне феодального двора, и их привлекают ко двору, когда они совершенствуют свое мастерство и приобретают известность. Таково было положение и в X-XI вв. Это подтверждается фактами, например, историей жизни Рудаки. Как свидетельствуют все источники, Рудаки приобрел профессиональные навыки у себя на родине, уже в малолетнем возрасте он сочинял стихи и в совершенстве овладел искусством игры на различных музыкальных инструментах. Когда Рудаки получил всеобщее признание, он был привлечен ко двору Саманидов [9, с. 58].

Таково действительное положение вещей.

Какими же могут быть первые плоды поэтических упражнений? Это, безусловно, не панегирик, а стихи, отражающие интимные переживания, любовь, тоску и грусть, рисующие картины природы и т. д. Если обратиться к цитированным нами словам самого Шибли Нумани, то истина прояснится в еще большей степени. Действительно, если любовь является частицей человеческой природы, если нет народа, лишенного любовной лирики, то само собой разумеется, что такие стихи возникали не после появления на сцене истории Саффаридов и Саманидов и, тем более, не из касыды, что, напротив, лирические стихи появились намного раньше касыды, одновременно с музыкой, сопутствуя радости и горю, счастью и невзгодам во всех обстоятельствах жизни народов Мавераннахра и Хорасана - предков таджиков и персов [10, с. 128].

Итак, приведенные нами доводы, а также тот факт, что понятия «газель» и «насиб» «касыды» в X в. как было показано, совершенно отличаются друг от друга, дают возможность высказать следующие соображения.

Процесс выделения газели как самостоятельного вида поэзии протекал в результате деятельности мастеров слова в течение нескольких столетий. Каждый век закладывал в здание газели свой кирпич. Период Рудаки - первый этап в этом процессе. Об этом свидетельствуют дошедшие до нас поэтические произведения того времени, равно как и тот факт, что именно тогда входит в употребление слово «газель».

Рецензент: Усмонзода Ш.- д.ф.н, доцсент ТГПУ им. С.Айни

Литература

1. Бархударов Л.С. О лексических соответствиях в поэтическом переводе // Тетради переводчика. М.: Международные отношения, 1964. -Вып.2. - С. 18-. 8.Беляев В.Ф. Основная терминология метрики и поэтики // О.С. Ахманова. Словарь лингвистических терминов. М.: Советская энциклопедия, 1966. - С. 571-606.
2. Бертельс Е. Э. История персидско-таджикской литературы, М., 1960. 90 с.
3. Бушманова Е.В. Реализация концепта любовь средствами паремиологии // Лингвистические парадигмы и лингводидактика: материалы XII Межународной научно-практической конференции, Иркутск, 13-15 июня 2007г. Иркутск: Изд-во БГУЭП, 2007. - 4.1. -С.30-39.
4. Воркачев, 2001 Воркачев С. Г. Лингвокультурология, языковая личность, концепт: становление антропоцентрической парадигмы в языкознании // Филологические науки. - 2001. - № 1. - С. 64-72.
5. Гачев, 1987 Гачев Г. Национальные образы мира // Вопросы литературы. - 1987.-№ 10. - С. 156-191
6. Зубец О.П. Размышления о любви (Любовь как нравственное явление). -М.: Знание, 1989.-64 с. I
7. Кант И. Трактаты и письма. М.: Наука, 1980. — 709 с.
8. Макарова F.A. Концепт «любовь» в языках разных типов. -Йошкар-Ола: МарГТУ, 2001. 210 с.
9. Мирзозаде Х. М. Рудаки — основоположник таджикской классической литературы. — М.: Знание, 1958 98 с.
10. Рудаки. Лирика / Пер. с фарси В. Левика и С. Липкина. — Душанбе: Ирфон, 1978. — 128 с.
11. Словарь лингвистических терминов /под ред. О.С. Ахмановой. М.: "Современная энциклопедия", 1969. - 688с.
12. Худяков А.А. Концепт и значение//Языковая личность: культурные концепты. Волгоград: Перемена, 1996. — 260 с. I
13. Шафиков С.Г. Категории и концепты в лингвистике // Вопросы языкознания. 2007. -№2. - С. 3-17.

14. Языкознание. Большой энциклопедический словарь / Гл. ред. В.Н. Ярцева. 2-е изд. -М.: 2000. 685с.
15. Damasio A. Concepts in the brain // Mind and Language. Oxford: Blackwell Publishing, 1989. - Vol.4. №1-2. - P. 24-28.

ГАЗЕЛЬ – КОНЦЕПТ ЛЮБВИ В ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКОМ МИРОВОЗЗРЕНИИ

В статье рассматривается термин «газель» как концепт любви в таджикско-персидском мировоззрении и указываются лексические и терминологические значения в историческом развитии. Объясняется, что газель описывает красоту влюбленности и тонко передает душевное состояние, успокаивая и навевая приятное настроение влюбленному человеку. Проведя анализ, можно сказать, что тематика газелей охватывает не только интимные переживания человека, но и вопросы общественной жизни. Также отмечается, что существует несколько видов газели в поэтических формах. Кроме того, рассматривается происхождение газели на разных этапах ее развития и подчеркивается роль Рудаки в введении термина «газель» в обиход. В заключении автор утверждает, что с помощью мастеров слова газель формировалась как самостоятельный вид поэзии и закладывала свой прочный фундамент в каждом веке.

Ключевые слова: газель, концепт, описание любви, мировоззрение, поэзия, лексическое и терминологическое значения, лирическое стихотворение, содержание и тематика, искусство слова, толкование.

GHAZAL - THE CONCEPT OF LOVE IN THE TAJIK-PERSIAN WORLDVIEW.

The article examines the term “ghazal” as a concept of love in the Tajik-Persian worldview and indicates lexical and terminological meanings in historical development. It is explained that ghazal describes the beauty of falling in love and subtly conveys the state of mind, soothing and putting the person in love in a pleasant mood. Having analyzed it can be said that the subject matter of ghazals covers not only the intimate experiences of a person but also issues of social life. It is also noted that several types of ghazals are in poetic forms. In addition, the origin of the ghazal at different stages of its development is examined and Rudaki's role in introducing the term “ghazal” into common usage is emphasized. In conclusion, the author argues that with the help of the masters of the word, the ghazal was formed as an independent type of poetry and laid its solid foundation in each century.

Keywords: ghazal, concept, description of love, worldview, poetry, lexical and terminological meanings, lyric poem, content and theme, word arts, interpretations.

ҒАЗАЛ - КОНСЕПСИЯИ МУҲАББАТ ДАР ҶАҲОНБИНИИ ТОҶИКӢ-ФОРСӢ

Дар мақола истилоҳи ғазел ҳамчун мафҳуми муҳаббат дар ҷаҳонбинии тоҷикӣ-форсӣ баррасӣ шуда, инчунин, маъноҳои лексикӣ ва истилоҳотӣ дар рушди таърихӣ низ акс ёфтааст. Фаҳмонда мешавад, ки ғазал зеброи ошиқиро тасвир мекунад ва ҳолати рӯҳиро ба таври нозук ифода карда, инсонро ором ва ба рӯҳияи хуш меорад. Пас аз таҳлил, метавон гуфт, ки мавзуи ғазал на танҳо таҷрибаи ишқварзии инсон, балки масъалаҳои ҳаёти иҷтимоиро низ дар бар мегирад. Инчунин, қайд карда мешавад, ки якчанд намуди ғазалҳо аз рӯйи шаклҳои шеърӣ низ мавҷуданд. Илова бар ин, пайдоиши ғазал дар марҳилаҳои гуногуни рушди он баррасӣ шуда, Рӯдакӣ дар ворид кардани истилоҳи "ғазал" нақши муҳим дорад. Дар охир муаллиф изҳор медорад, ки бо кӯмаки устодони калима ғазал ҳамчун як навъи мустақили шеър ташаккул ёфта, дар ҳар аср заминаи устувори худро гузоштааст.

Калидвожаҳо: *ғазал, мафҳум, тавсифи муҳаббат, ҷаҳонбинӣ, шеър, маъноҳои лексикӣ ва истилоҳотӣ, шеърҳои лирикӣ, мазмун ва мавзуот, санъати калима, тафсир.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Нигораи Сафаралӣ *- ДДОТ ба номи С. Айнӣ, ассистенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиети руси факултети забон ва адабиети рус. Нишонӣ: 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Тел.: 901919185, E-mail: nigora_radzhabova@bk.ru*

Сведения об авторе: Нигораи Сафарали *– ТГПУ им. С. Айни, ассистент кафедры методики и преподавания русского языка и литературы факультета русского языка и литературы. Адрес: 734003, город Душанбе, проспект Рудаки 121. Тел.: 901919185, E-mail: nigora_radzhabova@bk.ru*

About the author: Nigorai Safarali *- TSPU named S. Aini, Assistant of the Department of Methodology and Teaching of Russian Language and Literature, Faculty of Russian Language and Literature. Address: 734003, Dushanbe city, Rudaki Avenue 121. Phone.: 901919185, E-mail: nigora_radzhabova@bk.ru*

ТДУ: 808.03

ШАРҲИ МУХТАССАРИ МАСОИЛИ НАЗАРИЯВИИ ТАРҶУМАИ БАДЕӢ

Нозимов Исомуддин Сафаралиевич

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Имрӯзҳо инсоният бо роҳи густариши робита ва вобастагии мутақобилаи кишварҳо, халқҳо ва маданиятҳои гуногун инкишоф меёбад. Мардумоне, ки дорои фарҳанг, таърих, анъана, забон ва мазҳабҳои гуногун мебошанд, тавассути муоширати байнифарҳангӣ инкишоф ёфта, якҷоя амал мекунанд ва бо ин васила ба ҳамдигар таъсир мерасонанд. Афзудани муносибатҳои байнифарҳангии халқҳо дар баробари ҷиҳатҳои мусбат, ҷиҳатҳои манфӣ низ дорад. Тафовутҳо дар фарҳанги халқиятҳои гуногунзабон боиси бархӯрди фарҳангӣ мегардад. Дар бештари ҳолатҳо сабаби асосии чунин низоъҳо надонистани вижагиҳои фарҳангӣ, дар сатҳи як фард ё як гурӯҳи иҷтимоӣ ва инчунин, дар сатҳи давлатҳои алоҳида мебошад.

Дар чунин вазъият бо мақсади коҳиш додани шиддати муноқишаҳо, ноил шудан ба ҳадафҳои муоширати байнифарҳангӣ ва дарёфтани ҷанбаҳои мусбати робитаҳои байнифарҳангӣ зарурати таҳқиқи масъалаҳои муоширати байнифарҳангӣ ва нақши тарҷума дар ин раванд ба миён меояд, ки барои ҳамдигарфаҳмии мардумони дорои фарҳанг ва забони гуногун шароити мусоид фароҳам меорад. Бояд ёдовар шуд, ки тарҷумаи бадеӣ яке аз воситаҳои муоширати байнифарҳангӣ ба ҳисоб рафта, он пеш аз ҳама ҳусни тафоҳуми субъектҳои муоширатро таъмин менамояд. Ҳамин тавр, ворид шудан ба фарҳанги мардумони гуногунзабон ва гуногунфарҳанг тавассути тарҷума, хусусан, тарҷумаи бадеӣ имконпазир мегардад.

Тарҷумаи бадеӣ яке аз навъҳои фаъолияти тарҷумонӣ буда, он ба “Тарҷумаи осори бадеӣ” машғул мебошад [8, 75]. Вазифаи асосии он эҷод кардани асари нави бадеӣ дар забони тарҷума мебошад, ки тавонад ба хонанда таъсири бадеию эстетикӣ расонад [8, 102]. Ин гуфтаҳо ақидаи забоншинос Ю.П. Солодубро дар хусуси он, ки “Вазифаи асосии матни бадеӣ ба ҷуз аз интиқоли маълумот, ба хонанда ё шунаванда таъсири эстетикӣ ва эмотсиоанлӣ расонидан аст” [12, 21] тасдиқ менамояд. Дар баробари вазифаҳои эстетикии матни бадеӣ он ҳамчун шакли махсуси муошират арзёбӣ мегардад, ки дар раванди он ҳар як иштироккунанда (муаллиф - хонанда) дорои мақсадҳои муайян, маҷмуи маҳоратҳои коммуникативӣ ва донишҳои фарҳангӣ мебошанд. Маҳз бо назардошти он, ки муаллиф ва хонандаи асари бадеӣ метавонад омилҳои хеле гуногуни коммуникативӣ (донишҳои забонӣ, фарҳангӣ ва ғайра)-ро доро бошанд, фаъолияти тарҷумон ҳамчун миёнрав дар раванди муоширати бадеии фарҳангӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки вазифаи асосии тарҷума коммуникативӣ, яъне таъмини робитаи муаллиф ва хонанда мебошад.

Тарҷумаи бадеӣ як навъи махсуси муоширати байнизабонӣ буда, он пайванди фарҳангҳо, тафаккури мардумони гуногунзабон, адабиёт, даврони таърихӣ, дараҷаҳои рушд, анъанаҳо ва муносибатҳои гуногун ба ҳисоб меравад. Тарҷумаи бадеӣ ҳамчун фаъолияти мураккаб ва гуногунҷанбаи инсонӣ ба фарҳанги халқҳои гуногун таъсир расонида, боиси ғанигардии осори бадеии онҳо мегардад. Ақидаи мазкур аз тарафи С.С. Холботурова чунон баён гардидааст: “Тарҷумаи бадеӣ ҳамчун як навъи махсуси муоширати байнизабонӣ муддати тӯлонӣ ба таъсири мутақобила ва ғанӣ шудани фарҳанги халқҳои гуногун хизмат карда истодааст” [15, 3].

Тарҷумаи бадеӣ назар ба дигар навъи тарҷумаҳо мушкил арзёбӣ мегардад. Мушкилоти асосии тарҷумаи бадеӣ дар баёни маънӣ, интиқоли услуби хоси муаллифи асар, зебогии он ва воситаҳои баёни дар матн истифодашаванда зоҳир меёбад. Ба матнҳои бадеӣ хушобурангӣ хос мебошад. Хушобурангӣ ҷузъи ҷудонашавандаи санъати калом буда, маҳз тавассути он воқеияти бадеӣ ба вуҷуд меояд. Интиқоли хушобурангӣ дар матнҳои бадеӣ ҳангоми тарҷума ба фардияти эҷодии тарҷумон вобастагӣ дорад. Мафҳуми “фардияти эҷодии тарҷумон” дар тарҷумаи матнҳои бадеӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Новобаста аз оне, ки кӯшиши дур кардани фардияти эҷодии мутарҷим аз назария мушоҳида мешавад,

мавҷудияти он пурра инкор намегардад. Аз ин рӯ, дар назарияи тарҷума муайян кардани қонуниятҳои фардии тарҷумон ҳатмӣ мебошад. “Муайян кардани қонуниятҳои фардияти эҷодии тарҷумон, омӯзиши он ва муайян намудани мавқеи объективии онро дар низоми методологии тарҷума дар назар дорад” [4, 63].

Ҳамин тавр, тарҷумаи бадеӣ яке аз намудҳои муошират байнифарҳангӣ ба шумор рафта, ба фаҳмиши ҳувияти фарҳангӣ мусоидат менамояд. Тарҷума тафсири асл дар заминаи фарҳанги дигар мебошад. Барои тарҷумаи бадеӣ вазифаи фарҳангӣ бартарият дорад. Дар сурати баробаразриш будани фарҳанги матнҳои бадеии забони асл ва тарҷума, хонанда дар бораи фарҳанги дигар маълумоти мувофиқ пайдо менамояд. Миёни тарҷумаи бадеӣ ва дигар навъҳои тарҷума тафовути зиёд ба назар мерасад. Яке аз фарқиятҳои ин навъи тарҷума аз дигар намудҳои тарҷума дар он аст, ки тарҷумаи бадеӣ ба тарҷумаи асарҳои дорои хусусиятҳои бадеию ахлоқидошта равона шудааст. Забоншинос А. Лилова чунин қайд мекунад: “Матни бадеӣ аз матни илмӣ на танҳо аз ҷиҳати шакл, балки аз ҷиҳати мазмун низ фарқ мекунад ва роҳҳои гуногуни таҷдиди онҳоро дар тарҷума муайян мекунад” [9, 145]. Мутолиаи асари бадеӣ барои тақвият бахшидани афкори маънавию зеҳнии шахс мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, хонандаи асари бадеӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад, то на танҳо осори адибони ватанӣ, балки адибони хориҷиро низ мутолиа намояд. Аз ин рӯ, мақсади осори бадеӣ ҳар чӣ наздиктар ошно намудани хонанда бо эҷодиёти нависанда, хусусиятҳои хоси фарҳангу тамаддуни соҳибзабонони забони аслӣ, тарзи ҳаёту зиндагонӣ ва таърихи онҳо мебошад.

Вижагиҳои забонии матнҳои бадеӣ бештар дар лексика зоҳир меёбад. Бой будан аз захираи лексикӣ хоси матнҳои бадеӣ мебошад. Дар матнҳои бадеӣ қолабҳои махсуси тайёр вуҷуд надоранд, ки дар ҳама ҳолатҳо метавон аз онҳо истифода кард. Лозим ба ёдоварист, ки мавҷудияти қолабҳои тайёри ибораву ҷумлаҳо дар забони аслӣ ва забони тарҷума кори тарҷумонро осон мегардонад, ки ҳолати мазкур дар раванди тарҷумаи бадеӣ ба назар намерасад, зеро дар матни бадеӣ қолабҳои тайёри ибораву ҷумлаҳо вуҷуд надоранд.

Дар ҳар як ҷомеаи этникӣ низоми забон имкони муайян ва ошкор кардани вижагиҳои миллию фарҳангиро фароҳам меорад, яъне забон маълумот дар бораи як фарҳангро ба фарҳанги дигар интиқол медиҳад. Вижагиҳои фарҳанги миллӣ, анъана, расму ойин, таърих ва тафаккури соҳибзабонон бештар дар матнҳои бадеӣ таҷассум меёбад ва ҳар як матни бадеӣ дар доираи фарҳанги муайян эҷод мешавад. Ин аст, ки тарҷумаи бадеӣ дар густариш додани муошират байнифарҳангӣ мусоидат менамояд. Бинобар ақидаи намояндагони тарҷумаи бадеӣ Н.Н. Фаттахова [14], М.М. Бахтин [2], С. Болотнова [3], Т.К. Донская [7] матн бояд ҳамчун як воҳиди фарҳанг таҳқиқ ва омӯхта шавад. Ҳамин тавр, “хусусиятҳои миллию фарҳангӣ дар матнҳои бадеӣ равшан зоҳир меёбанд. Онҳо манбаи фарҳангу маданият буда, на танҳо маводи лексикию грамматикӣ, балки, маълумоти бойи фарҳангиро дар бар мегиранд” [17, 229]. Дар матнҳои бадеӣ фарҳанги мардумӣ таҷассум меёбад, ки боиси истифода шудани воҳидҳои лексикие мегардад, ки бо фарҳангу тамаддуни соҳибзабонони забони аслӣ, тарзи ҳаёту зиндагонӣ ва таърихи онҳо мебошад.

Вижагиҳои забонии матнҳои бадеӣ бештар дар лексика зоҳир меёбад. Бой будан аз захираи лексикӣ хоси матнҳои бадеӣ мебошад. Дар матнҳои бадеӣ қолабҳои махсуси тайёр вуҷуд надоранд, ки дар ҳама ҳолатҳо метавон аз онҳо истифода кард. Лозим ба ёдоварист, ки мавҷудияти қолабҳои тайёри ибораву ҷумлаҳо дар забони аслӣ ва забони тарҷума кори тарҷумонро осон мегардонад, ки ҳолати мазкур дар раванди тарҷумаи бадеӣ ба назар намерасад, зеро дар матни бадеӣ қолабҳои тайёри ибораву ҷумлаҳо вуҷуд надоранд.

Дар ҳар як ҷомеаи этникӣ низоми забон имкони муайян ва ошкор кардани вижагиҳои миллию фарҳангиро фароҳам меорад, яъне забон маълумот дар бораи як фарҳангро ба фарҳанги дигар интиқол медиҳад. Вижагиҳои фарҳанги миллӣ, анъана, расму ойин, таърих ва тафаккури соҳибзабонон бештар дар матнҳои бадеӣ таҷассум меёбад ва ҳар як матни бадеӣ дар доираи фарҳанги муайян эҷод мешавад. Ин аст, ки тарҷумаи бадеӣ дар густариш додани муошират байнифарҳангӣ мусоидат менамояд. Бинобар ақидаи намояндагони тарҷумаи бадеӣ Н.Н. Фаттахова [14], М.М. Бахтин [2], С. Болотнова [3], Т.К. Донская [7]

матн бояд ҳамчун як воҳиди фарҳанг таҳқиқ ва омӯхта шавад. Ҳамин тавр, “хусусиятҳои миллию фарҳангӣ дар матнҳои бадеӣ равшан зоҳир меёбанд. Онҳо манбаи фарҳангу маданият буда, на танҳо маводи лексикию грамматикӣ, балки, маълумоти бойи фарҳангиро дар бар мегиранд” [17, 229]. Дар матнҳои бадеӣ фарҳанги мардумӣ таҷассум меёбад, ки боиси истифода шудани воҳидҳои лексикие мегардад, ки бо вижагиҳои тафаккур ва ҳаёти иҷтимоии соҳибзабонон алоқаманд буда, дар дигар забонҳо муодили худро надоранд. Асоси пайдоиши воҳидҳои луғавии бемуодилро гуногунии тасвири забонии ҷаҳон, фарҳанг ва тарзи зиндагӣ ташкил медиҳад. Мавриди зикр аст, ки зери мафҳуми “бемуодилӣ” дар назарияи тарҷума “тарҷуманопазирӣ” фаҳмида мешавад, аммо интиқоли онҳо аз як забон ба забони дигар тавассути роҳҳои гуногун имконпазир мебошад. Чӣ тавре ки тарҷумашинос Л.С. Бархударов қайд менамояд: “Албатта, тарҷумаи вожаҳое, ки дар забони тарҷума таносуб надоранд, мушкили муайянеро ба миён меорад, аммо ин мушкилӣ бартарафшаванда аст” [1, 97]. Тарҷумаи бадеӣ ба тарҷумаи воҳидҳои лексикии бемуодил равона гардидааст, зеро дар матнҳои бадеӣ назар ба дигар навъи матнҳо бештар ба назар мерасад ва тарҷумаи чунин воҳидҳои лексикӣ аз тарҷумон маҳорату малаки баланди тарҷумониро тақозо менамояд.

Дар баробари вожаҳои бемуодил дар матнҳои бадеӣ ибораҳои рехта ва воҳидҳои фразеологӣ низ зиёд ба назар мерасанд, ки на ҳамаи онҳо дар забони тарҷума муодили худро доранд. Дар ин сурат, тарҷумонро зарур аст, ки усули мувофиқи тарҷумаи онҳоро миёни усулҳои асосии тарҷума интихоб намуда, мутобиқати онҳоро дар забони тарҷума ёбад. Тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ аз як забон ба забони дигар душвориҳои назаррасеро ба бор меорад [5, 111]. Дар вақти тарҷума вазифаи тарҷумон на танҳо аз ифода кардани маънои воҳиди фразеологӣ дар забони тарҷума иборат аст, балки таҷассум кардани фасоҳату хушобурангӣ, вазифаи услубӣ ва хусусиятҳои контекстии он низ аҳаммияти калон дорад. Ҳангоми кор бо воҳидҳои фразеологӣ ба мутарҷим на танҳо донистани хуби забонҳои аслӣ ва тарҷума кифоя аст, балки, инчунин, аз тарҷумон талаб карда мешавад, то ҷанбаҳои услубӣ, фарҳангию таърихии матни аслиро таҳлил карда, маънои воҳидҳои фразеологиро хуб дарк карда, бо назардошти хусусиятҳои хоси тарҷумаи воҳиди фразеологӣ, онро ба забони тарҷума дуруст интиқол диҳад.

Хулоса, ҳар гуна тарҷума на танҳо таъсири мутақобилаи ду низоми забон, балки таъсири мутақобилаи фарҳангҳои гуногун арзёбӣ мегардад. Аз ин бармеояд, ки тарҷумон бояд доир ба фарҳанги халқи дигар, ки шакли махсуси ташкили тасаввуротҳо дар бораи ҷаҳон дар шуури ҷамъиятӣ мебошад ва он тафовутҳое, ки дар навъи ҷаҳонбинии мардумони гуногунзабону гуногунфарҳанг мавҷуданд, дониш ва маълумоти комилан пурра дошта бошад. Хусусан матнҳои бадеӣ воситаи инъикоси маданияту фарҳанги халқ, вокеияте мебошанд, ки дар он соҳибзабонон зиндагӣ мекунанд ва он тавассути фаҳмиши субъективии муаллиф дар матн баён гардидааст. Аз ин рӯ, ҳангоми тарҷумаи матни бадеӣ аз тарҷумон на танҳо донистани забон талаб карда мешавад, балки тарҷумон бояд аз фарҳангу маданият, тарзи зиндагӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва эътиқоди динии соҳибзабонон огоҳ бошад, зеро “бидуни донистани хусусиятҳои фарҳанг, таърих, меъёрҳои ахлоқӣ, эътиқодҳои динии мардуме, ки тавассути тарҷума ба ҳамдигар муошират мекунанд, дуруст ва ба таври муносиб дарк намудани ҳар ду ҷониб имконнопазир аст” [13, 85]. Ҳангоми эҷоди матни бадеӣ нависанда аз воситаҳои гуногуни забонӣ истифода мекунад, ки вижагиҳои фарҳанги ин ё он халқро дар бар мегиранд. Тарҷумаи чунин воситаҳои забонӣ барои муаррифии ин асар дар муҳити фарҳанги дигар душвориҳои муайянеро ба бор меорад. Мақсади асосии тарҷумаи бадеӣ маҳз аз бартараф намудани чунин душвориҳо иборат мебошад.

Тарҷумаи бадеӣ дар ташаккули адабиёти тоҷик нақши бориз дошта, он таърихи тулонӣ дорад. Чӣ тавре ки Л. Демидчик қайд менамояд: «Решаҳои таърихии тарҷума дар анъанаҳои миллии тоҷикон аз умқи асрҳои дуродур, ба он замонҳое мерасад, ки ҳанӯз ба забони порсии дарӣ адабиёт ташаккул наёфта буд. Баъдина дар ташаккули адабиёти тоҷику форс дар пайдоиши ёдгориҳои бузурги мероси бадеии халқҳои форсизабон фаъолона ширкат намудаанд» [6, 118].

Дар таърихи адабиёти тоҷик тарҷумаи бадеӣ аз замонҳое сарчашма мегирад, ки забон

ва адабиёти форсӣ-дарӣ ҳанӯз ташаккул наёфта буд. Тавре аз адабиёти илмӣ бармеояд, таҳрири нави “Авесто” дар замони Ардашери Бобокон аз ҷониби мутахассисон ҳамчун аввалин намунаи тарҷумаи бадеӣ эътироф шудааст. Таърихи рушди тарҷумаи бадеиро таҳлил карда, забоншиносон Нағзибекова М.Б. ва Муллоҷонова З.А. тарҷумаро ҳамчун ҷузъи адабиёти миллӣ ба таври зайл даврабандӣ намудаанд [10, 89]:

Давраи I. Тарҷума аз замонҳои қадим – Ба ин давра тарҷума аз асри 9. то нимаи аввали асри 19 дохил мешавад, ки он дар навбати худ ба ду зина: а) асрҳои IX-XV ва б) асрҳои XVI-XIX ҷудо мешавад.

Давраи II. Ин давра аз нимаи дуюми асри 19 оғоз гардидааст. — Аҳмади Дониш, муосирон ва пайравони ӯ, нақши онҳо дар омӯзиш ва тарғиби забон ва адабиёти рус, илму санъати рус («Наводир-ул-вақоеъ» ва дигар асарҳои ин давра).

Давраи III-юм оғози асри 20. Солҳои 10-20-ум, аз ҷумла солҳои пирӯзии ҳукумати нав дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистонро дар бар мегирад.

Давраи IV. Ба ин давра солҳои 20-40 асри XX то охири Ҷанги Бузурги Ватанӣ дохил мешавад.

Давраи V фарогири солҳои 50-80-уми асри XX то аввали солҳои 90-ум мебошад.

Ба давраи VI солҳои 90-уми асри XX ва ибтидои ҳазораи солҳои III-ум дохил мешаванд.

Роҷеъ ба марҳилабандии таърихи рушди тарҷума, хусусан тарҷумаи бадеӣ фикру ақидаи забоншиносону тарҷумашиносон гуногун мебошад.

Забоншиноси дигар тоҷик Носирзода С. таърихи густариши тарҷумаро вобаста ба афзоиши таъсири забонҳои алоҳида ба марҳилаҳои зерин ҷудо намудааст [11]:

1.Тарҷума аз забони арабӣ, ки дар навбати худ ба ду давра ҷудо мешавад. Давраи аввал аз оғози истилои араб оғоз шуда то охири асри XI давом мекунад. Дар ин давра тарҷума аз забони арабӣ бештар аз рӯйи зарурат сурат гирифта, аз вожаҳо ва таркибҳои асили тоҷикӣ ба таври васеъ истифода шуда аст. Давраи дувум аз аввали садаи XII, аз давраи Салҷуқиён шурӯъ шуда, хусусияти хоси ин давра бештар зери таъсири забони арабӣ қарор гирифтани забони тарҷума мебошад.

2. Тарҷума аз забони арабӣ ва забонҳои дигар дар асрҳои XVI - XIX. Ин давра бештар ба рушди забони тоҷикӣ дар Ҳинд бастагӣ дорад. Ба хотири ташаккули тарҷума аз забонҳои дигар дар дарбори Темуриёни Хинд Доруттарҷума, муассисаи махсус таъсис меёбад, ки дар ин муассиса тарҷума аз забонҳои арабӣ, санскрит, англисӣ ва ғайра ба роҳ монда мешавад.

3.Тарҷума аз забонҳои ғарбӣ. Ин марҳила аз охири асри XIX оғоз шуда, барои забони тоҷикӣ дар ин марҳила забони русӣ ҳамчун манбаи тарҷума хидмат кардааст. Махсусан, дар давраи шӯравии рушди забони тоҷикӣ тарҷума аз забони русӣ ба андозае вусъат гирифт, ки забони мо зери таъсири он ба тарҷумазадагӣ гирифтор шуда, то имрӯз таъсири он ҳис мешавад.

4.Тарҷума дар даврони Истиқлол. Дар ин марҳила ҳарчанд тарҷума аз забони русӣ ва ба воситаи забони рус мавқеи асосӣ дошта бошад ҳам, оҳиста-оҳиста тарҷума аз забонҳои дигар, махсусан аз забони англисӣ вусъат меёбад.

Марҳилаҳои таърихи густариши тарҷума аз он далолат медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тарҷумаи бадеӣ таваҷҷуҳи хосса дода мешавад. Дар замони Истиқлол низ ба тарҷумаи бадеӣ эътибори махсус дода мешавад ва ин масъала борҳо аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид гардидааст: “Дар айни замон тарҷумаи бадеӣ омили муҳимми таҳкими робитаҳои адабист. Бояд беҳтарин осори адабиёти ҷаҳонӣ ба тоҷикӣ тарҷума шавад ва асарҳои беҳтарини адабиёти мо ба забонҳои дигар баргардонда шаванд” [16]. Ҳамин тавр, тарҷума омили муҳимми таҳкими робитаҳои адабӣ буда, дар рушди онҳо нақши муҳим дорад.

Муқарриз: Турсунов Ф.М., д.и.ф., профессор

Рӯйхати адабиёт:

1. Бархударов, Л.С. Язык и перевод: Вопросы общей и частной теории перевода / Л. С.

Бархударов – М., Международный отношения, 2010–240 с.
2. Бахтин, М.М. Проблема текста в лингвистике, филологии и других гуманитарных науках: Опыт философского анализа // Русская словесность: Антология / М.М. Бахтин. – М.: Academia, 1997. – С. 227–249.
3. Болотнова, Н.С. Филологический анализ текста / Н.С. Болотнова. – М., 2009. – 520 с.
4. Гачечиладзе, Г. Художественный перевод и литературные взаимосвязи / Г. Гачечиладзе. – М.: Наука, 1980. – 2-е изд. – 255 с.
5. Годочкина, Т.А., Минеева, О.А. Особенности функционирования английских заимствований (на материале немецкого языка) // Академия педагогических идей Новация / Т.А. Годочкина, О.А. Минеева. – 2017. – № 10. – С. 110-115.,
6. Демидчик, Л.Н. Таҳаввули тарҷумаи реалистӣ дар адабиёти тоҷик [Матн] / Л.Н. Демидчик // Садои Шарқ. –1985. – №10. – С. 118-122.
7. Донская, Т.К. И мы сохраним тебя, русская речь: сборник избранных статей / Т.К. Донская. – СПб.: Изд-во РГПУ, 2009. – 142 с.
8. Комиссаров, В.Н. Теория перевода. Лингвистические аспекты / В.Н. Комиссаров. – М., 1990. – 235 с.
9. Лилова, А. Введение в общую теорию перевода / Пер. с болг.; Под общ. ред. П.М. То-пера / А. Лилова. – М.: Высшая школа, 1985. – 255с.
10. Нагзибекова, М.Б. Об истории художественного перевода в Таджикистане / М.Б.Нагзибекова, З.А., Муллоджанова // Вестник Московского государственного лингвистического ун-та. Вып. 11 (722). Языкознание. – Москва, ИПК МГЛУ “Рема”, 2015. – С. 88-95
11. Носирзода, С. Тарҷума ва забони адабӣ [манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://iza.tj/sites/default/files/documents/Article/tarchuma_va_zaboni_adabi-asli.pdf
12. Солодуб, Ю.П. Теория и практика художественного перевода: учеб. пособие для студ. лингв. фак. вузов / Ю.П. Солодуб, Ф.Б. Альбрехт, А.Ю. Кузнецов. – М.: Академия, 2005. – 304 с.
13. Тюленей, С.В. Теория перевода: учебное пособие / С.В. Тюленей. – М.: Гардарики, 2004. – 336 с.
14. Фаттахова, Н.Н. Народные приметы в разноструктурных языках / Н.Н.Фаттахова, М.А. Кулькова. – М.: ФЛИНТА: Наука, 2013. – 248 с.]
15. Холботурова, С.С. Особенности перевода поэзии Александра Блока на таджикский язык: автор. дис...канд. филол. наук: 10.01.08. / С.С Холботурова. – Душанбе, 2019. – 26 с.
16. Эмомалӣ Раҳмон. Мулоқот бо зиёиён. 19. 03.2008 [манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://prezident.tj
17. Юсупова, Ф. Художественный текст как единица культуры: лингвометодический аспект // Филология и культура. Philology and culture / Ф. Юсупова. – Казан, 2014. – №4(38). – С. 229-234.

ШАРҲИ МУХТАССАРИ МАСОИЛИ НАЗАРИЯВИИ ТАРҶУМАИ БАДЕӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф масъалаҳои назарияии тарҷумаи бадеӣ дар тарҷумашиносиро мавриди таҳқиқ қарор дода, мавқеи тарҷумаи бадеиро дар назария ва амалияии умумии тарҷума нишон додааст. Муаллиф қайд намудааст, тарҷумаи бадеӣ дар рушд ва таҳким додани муошарати байнифарҳангӣ ва робитаҳои адабӣ нақши бориз дорад. Воридшавӣ ба фарҳанг, тамаддун, урфу одат, анъана ва расму оини соҳибзабонон забонҳои гуногун тавассути тарҷумаи бадеӣ сурат мегирад.

Дар қисмати муқаддима муаллиф дар бораи тарҷумаи бадеӣ маълумот дода, онро дар асоси ақидаи забониносон шарҳ додааст. Нақши тарҷумаи бадеӣ дар густариши робитаҳои адабию фарҳангӣ нишон дода шудааст.

Дар қисмати асосии мақола вазифаҳо ва вижагиҳои тарҷумаи бадеӣ таҳлил гардидаанд. Мавқеи тарҷумаи бадеӣ дар назария ва амалияи умумии тарҷума муайян гардидааст. Инчунин, дар мақола муаллиф марҳилаҳои рушди тарҷума, хусусан тарҷумаи

бадеиро дар асоси фикру ақидаи забоншиносон-тарҷумашиносон таҳлил намудааст.

Муаллиф бар он ақидааст, ки тарҷумаи бадеӣ назар ба дигар навъҳои тарҷума мушкил аст. Мушкилии асосии тарҷумаи бадеиро муаллиф дар баёни маънӣ, интиқоли услуби хоси муаллифи асар, зебогии он ва воситаҳои баёни дар матн истифодашаванда мебинад. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки ҳангоми кор бо тарҷумаи бадеӣ аз тарҷумон на танҳо донистани забон, балки огоҳ будан аз фарҳангу маданият, тарзи зиндагӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва эътиқоди динии соҳибзабонон талаб карда мешавад, зеро дар сурати надонистани хусусиятҳои фарҳанг, таърих, меъёрҳои ахлоқӣ, эътиқодҳои динии мардумони матни аслӣ дуруст ва ба таври муносиб дарк намудан ва интиқол додани он ба забони тарҷума ғайриимкон аст.

Калидвожаҳо: *тарҷума, равобити адабӣ, муносбатҳои байнифарҳангӣ, тарҷумаи бадеӣ, вазифа, мақсад, вижагиҳо, мушкилот, марҳилаҳои рушди тарҷумаи бадеӣ.*

КРАТКИЙ ОБЗОР ТЕОРЕТИЧЕСКИХ ВОПРОСОВ ХУДОЖЕСТВЕННОГО ПЕРЕВОДА

В данной статье автор исследовал теоретические вопросы художественного перевода в переводоведении и показал место художественного перевода в общей теории и практике перевода. Автор отметил, что художественный перевод играет значительную роль в развитии и укреплении межкультурной коммуникации и литературных связей. Знакомство с культурой, цивилизацией, обычаями, традициями и обычаями носителей разных языков происходит посредством художественного перевода.

В предисловии автор дал информацию о художественном переводе и объяснил его, опираясь на мнение лингвистов-переводчиков. Показана роль художественного перевода в расширении литературных и культурных связей.

В основной части статьи анализируются задачи и особенности художественного перевода. Определено место художественного перевода в общей теории и практике перевода. Также в статье автор проанализировал этапы развития перевода, особенно художественного перевода, опираясь на мнения лингвистов-переводчиков.

Автор считает, что художественный перевод сложнее других видов перевода. Основную трудность художественного перевода автор видит в интерпретации смысла, передаче авторского стиля, его красоты и выразительных средств, используемых в тексте. Автор пришел к выводу, что при работе с художественным переводом от переводчика требуется не только знание языка, но и знание культуры, образа жизни, моральных норм и религиозных убеждений носителей языка, поскольку если не знать особенностей культуры, истории, моральных норм, религиозных убеждений народа оригинального текста, невозможно правильно и адекватно понять и передать его на другой язык.

Ключевые слова: *перевод, литературные связи, межкультурные связи, художественный перевод, задача, цель, особенности, проблемы, этапы развития художественного перевода.*

BRIEF OVERVIEW OF THEORETICAL ISSUES OF LITERARY TRANSLATION

In this article, the author explored the theoretical issues of literary translation in translation studies and showed the place of literary translation in the general theory and practice of translation. The author noted that literary translation plays a significant role in the development and strengthening of intercultural communication and literary ties. Acquaintance with the culture, civilization, customs, traditions and customs of speakers of different languages occurs through literary translation.

In the preface, the author gave information about literary translation and explained it, based on the opinion of linguists and translators. The role of literary translation in expanding literary and cultural ties is shown.

The main part of the article analyzes the tasks and features of literary translation. The place of literary translation in the general theory and practice of translation is determined. Also in the

article, the author analyzed the stages of development of translation, especially literary translation, based on the opinions of linguists and translators.

The author believes that literary translation is more complex than other types of translation. The author sees the main difficulty of literary translation in the interpretation of meaning, the transmission of the author's style, its beauty and expressive means used in the text. The author came to the conclusion that when working with literary translation, the from translator not only knowing the language is required, but also to know the culture, lifestyle, moral standards and religious beliefs of native speakers, since if they do not know the peculiarities of culture, history, moral norms, religious beliefs people of the original text, it is impossible to correctly and adequately understand and convey it into the translated language.

Key words: *translation, literary connections, intercultural connections, literary translation, task, goal, features, problems, stages of development of literary translation.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Нозимов Исомуддин Сафаралиевич *- Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, унвонҷӯй. Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: +992938730000*

Сведения об авторе: Нозимов Исомуддин Сафаралиевич *- Таджикский международного университета иностранных языков имени Сотима Улугзаде, соискатель. Адрес: 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. Тел.: +992938730000*

Information about the author: Nozimov Isomuddin Safaralievich - Tajik *International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, applicant Address: 17/6 Muhammadiev str., Dushanbe, 734019. Telegram: +992938730000*

ТДУ: 891.550

СОХТИ КОМПОЗИТСИОНИИ МАКТУБҲОИ МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ

Нормаҳмедов Ирфон

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Композитсия ё устухонбандӣ аз рукнҳои муҳимми асари бадеӣ ба ҳисоб меравад ва ҳар асари манзум ва мансур сохтор ва қолаби муайяни нигориш дорад ва робитаву алоқамандии қисматҳои таркибии асари бадеиро дар адабиётшиносӣ сохти композитсионӣ ё устухонбандӣ меноманд. Мактубҳои Мавлоно Ҷалолуддин ба монанди номаҳои дигари давраи классикии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ сохтори муайяни композитсионӣ доранд, ки аслан аз се бахши асосӣ иборатанд:

1. Оғоз, ё муқаддимаи номаҳо;
2. Матн, ё худ рукни асосии нома;
3. Хотима.

Бахши аввали номаҳо, дар навбати худ ба қисматҳои дигар, ба монанди хитоб, алқоб ва дуо ҷудо мешаванд. Вобаста ба ҳамин сохтор ба таҳқиқи сохти композитсионии мактубҳои Мавлоно Ҷалолуддин мепардозем, ки ҳар яке аз баҳсу пайгириҳои ҷудогона иборатанд. Тавре қаблан ёддошт карда будем, ҳамаи мактубҳои Мавлоно аз нигоҳи сохтор комиланд ва ягон мактуб нотамом ва нокомил нест ва дар равиши кор мо мактубҳоро аз нигоҳи сохтор ба таҳқиқ гирифтаем.

Аз 154 мактуби Мавлоно 145 адади он бо ҷумлаи арабии **“Аллоҳу муфаттиҳул абвоб” (Худованд кушояндаи дарҳост)** оғоз мешавад, ки метавон худи ҳамин ҷумларо низ муқаддимаи мактубҳои Мавлоно ҳисобид. Аз ин миқдори умумӣ 2 адад мактуб, ки ба тариқи илова ба шумори мактубҳо илова шудаанд ва 7 адад мактубҳои манзум бе ҷумлаи арабии “**Аллоҳу муфаттиҳул абвоб”** сар мешаванд. Аз 147 мактуби асосии матни китоби “Мактубот”-и Мавлоно Ҷалолуддин, ки ба қисмати султониёт ва ихвониёт мансубанд, 106 адади он бо ҷумлаҳои мансури зерин ба забони форсӣ-тоҷикӣ сар мешаванд: “Бори таъоло чун хоҳад, ки иноятү лутф ва нусрату давлат ва саодатро бар бандае аз бандагони хеш муқим ва пайваста гардонад, ӯро тавфиқи шукр диҳад”, “Малики таъоло ҷалла ҷалолаҳу, ки моликулмулк аст, якеро ба мулки дунё махсус гардонад ва тоҷи иззат бар фарқи ӯ ниҳад”, “Ҳамвора айём ва аъвои соҳибаъзам дастури муаззами осафи замон масруф ва мустағарриқ бод”, “Футуҳоти ғайбию мавоҳиби осмонӣ ва иқболи дуҷаҳонӣ нисори давлати маликулумаро вал акобир бод”, “Тавфиқи хайру тоат, ки сармояи ҳамаи саодатҳост, муяссари рӯзгори мубораки амири диндор доим бод”, “Сояи маъдалати маликулумаро, аъзами ҳумоюн Парвонабек бар нофаи халоиқ мустадом бод”, “Дили хайрандеш ва ҷони оқибатбини фарзанди мухлис пайваста бар маорифи қабул ва мадорифи қурб мутараққӣ бод” ва монанди инҳо. Инчунин, 5 мактуби Мавлоно – мактубҳои рақами 3, 63, 77, 116, 118 бо шеър ба забони форсӣ-тоҷикӣ, ки аз як ва ду байт иборатанд, сар мешавад.

30 адад мактуби Мавлоно – мактубҳои рақами 4, 6, 7, 12, 16, 19, 25, 34, 42, 44, 46, 49, 50, 51, 53, 65, 67, 68, 69, 71, 76, 88, 95, 101, 105, 115, 117, 123, 125, 128 ба забони арабӣ оғоз мешавад, ки бо ибораҳои: “Аллоҳу муфаттиҳул абвоб ва мусаббитул асбоб” (Худованд кушояндаи дарҳост ва сабаби сабабҳо), “Ҳақ таъоло ҷалла ҷалолаҳу” (Ҳақ таъолои бузургу шукуҳманд), “Қола таъоло” (Худованд фармудааст), “Қолан набиюс салал лоҳу” (Пайғамбар фармудааст, дуруд бар ӯ), “Алҳамду лил лоҳи таъоло” (Шукр бар Худованд), “Фахрул мударрисин” (Ифтихори мударрисон) ва ғайра иншо шудаанд. Чаҳор адад мактубҳои Мавлоно – мактубҳои 13, 14, 40 ва 64 пурра ба забони арабӣ навишта шудаанд ва 6 мактуб – мактубҳои рақамҳои 15, 31, 52, 53, 54, 128 бо шеър ба забони арабӣ оғоз мешаванд. Аз 7 намунаи мактубҳои манзуми Мавлоно 2 тояш ба забони форсӣ-тоҷикии бо арабӣ омехта навишта шуда, 5 тояш пурра ба забони форсӣ-тоҷикӣ иншо шудаанд.

Акнун чанд намунаи мактубҳои Мавлоно Ҷалолуддинро аз нигоҳи сохти композитсионӣ, ки фарогири қисматҳои: а) оғоз, ё муқаддимаи номаҳо, б) матн, ё худ рукни асосии нома, в) хотима ва ҷузъҳои дигаранд мебошанд, баррасӣ мекунем.

1. Оғоз, ки қисми аввали мактуб ё номаҳои султониёт ва ихвониёт маҳсуб мешавад ва онро дар каломи манзум ҳусни матлаъ ва дар осори адабӣ ҳусни оғоз меҳисобанд. Оғози мактубҳои расмӣ ё султониёт аз бахшҳои зерин иборат аст:

1. Зикри номи тарафайн дар нома ва мақсади навиштан.

2. Дуо. Дуо аз бахшҳои муҳимми номаҳо маҳсуб мешавад ва ба сурати ҳатмӣ навишта мешавад ва дар асоси он дараҷаи ҳусни таваҷҷуҳи нависандаро ба шахси нигаронида шуда пайдо кардан мумкин аст.

3. Зикри лақаб аз қисми таркибии дуо ба ҳисоб меравад, ки хосатан баъд аз калима ва ибораи аввал ёд мешавад.

Ба номаи зер таваҷҷуҳ мекунем, ки Мавлоно ба фарзандаш Баҳоуддин Валад, ба ҷиҳати ҳурмату эҳтиром ва пос доштани хотири Салоҳуддини Заркӯб, ки анис ва ҷалиси ӯ буд, навиштааст : “Айёму авқоти фарзанди азизи мухлиси равшандил, зуфунуни руҳонӣ, васеуссадр, рафеулқадр, ифтихорулуламо вал орифин Салоулҳақ (Салоҳуддини Заркӯб – Н.И.) ваддин дар беҳтарин макосиб ва олитарин матолиб гузорад ва рафиуддараҷоти серони руҳи мутаҳҳари қудси ӯро дар аълалмароқи соир дорад”. Ин бахши нома бевосита ба қисмати “оғоз” дахл дорад ва Мавлоно зикри номи тарафайнро овардааст ва мақсади навиштанро ифода кардааст. Дар давоми мактуб, ки қисми дуо сар мешавад, Мавлоно чунин фармудааст: “Салому таҳият аз ин волиди мухлис мутолиа фармояд ва маълум аст, ки қисмати раббонӣ ва тақдири осмонӣ аҳволи иҷтимои дӯстону муҳиббонро чун мавҷи дарё дар ҷазру мад медорад ва ба ҳар ду ҳол чун ба ҳақиқат бингарӣ ҷамъанд, мин ҳайси маънӣ дар такмили ҳоли ҳамдигаранд. Байт:

Харфурӯшона яке бо дигаре дар ҷанганд,
Лек чун дарнигарӣ, муттафиқи як коранд.

Бо ин ҳама қодир бар итлоқ, ки қудрати ӯ мутасаввир нест бар як сифат, балки шомил аст бар ҳама авсофу ҳама аҳвол, қодир аст, ки зоҳиран ва ботинан дӯстонро ҷамъ дорад ва ин ғарази маънавиро мавқуфи иҷтимоъи зоҳир сурат надорад. Ба сурату маънӣ ҷамъашон дорад, то на зоҳир гирён бошад аз фироқ ва на ботин гирён бошад аз фавт” . Дар қисми сеюм, ки лақаб бояд ёд шавад, Мавлоно дар аввали дуо ибораи “аз ин волиди мухлис мутолиа фармояд”, яъне Баҳоуддин Валадро, ки ишора ба фарзандаш аст, дар назар дорад [1, с. 25-26].

Дар номаи дигар Мавлоно, дар қисмати оғоз, ки ба яке аз ҳокимони вақти Салҷуқӣ Ноиббек навиштааст, ин талабот ба пуррагӣ риоя шудааст: “Саодату иқболи давлат ва тавфиқи тоату тайсири ибодат, ки олиҳиммат, латифидрок, содиқил фаросат, улуғ қутлуғ, ноширил эҳсон Ноиббек, адомаллоҳу улувваҳу, пайваста бод авлиё мастуру аъдо мақҳур ва тоат мабрур”, ки дар ин ҷо зикри мухотаб муайян ва мушаххас аст. Дар ин ҷо дар баробари вожаҳои муқаддимавии арабӣ ду калимаи туркӣ “улуғ қутлуғ”, ки маънои бузург ва бошукуҳро дорад, оварда шудааст. Баъдан, қисми дуо ва мақсади нома муайян ва сар мешавад: “Салому дуо аз сари сидқу сафо расонида меояд ва орзумандӣ ба мулоқоти муборакаш дам ба дам афзун аст. Омин, ё раббал оламин. Орандаи таҳият Шамсуддин Муҳаммад писари Ҷамолуддин, фарзанди азизи мухлис сахт муқилул ҳол ва бенавост ва падари ӯ Ҷамолуддин Амир Аҳмад, аз кӯчакӣ фарзанд ва пайвастаи ин доӣ будааст. Таваққуъ аст, аз макорими ахлоқи подшоҳӣ фармояд ва ӯро ба шуғле, ки лоиқи ӯ бошад, аз бандагони худ гардонад, то мушарраф гардад”. Дар ниҳоят, бахши баёни лақаб ё оварандаи мактуб нигошта шудааст, ки ӯ Шамсуддин Муҳаммад аст. Ва ҷамъбасти мактуб бо дуо ба охир мерасад: “Ва бад-он фароғат ба дуои давлат машғул бошад. Ҷовид муғиси халоиқ бод. Доӣ миннатдори ин хоҳад будан ва ба лутфҳои беҳади собиқ лоҳиқ гардад” [1, с. 44-45].

Номаи дигари Мавлоно, ки аз номи Низомуддин – писари устоди Мавлоно Сайид Бурҳонуддини Тирмизӣ – домоди Ҳусомуддин Ҳасани Чалабӣ, ба подшоҳ ба ҷиҳати зулм кардан ва иҷозати сафар надодани ҳокими вақт навишта шудааст, низ фарогири талаби оғози нома мебошад: “Сояи адлу эҳсони худойгони олам бар сари оламиён солҳои дароз бепоён густурда бод”, ки қисми оғоз буда, номи подшоҳ аз тарафи Мавлоно баён мегардад. Баъд, баёни матлаб ва мақсад ифода мегардад: “Бар раъйи муаллои худойгони олам арз дошта

мешавад, ҳоли бандаи камина, ки домоди шайхулмашоих Ҳусомулҳаққи ваддин, ки имрӯз ороми дил ва равшании чашми ин падар аст, барои худойгони олам пӯшида нест, ки чандин карат азимати сафар кард, ин доӣ бо ҳазор ло биҳӣ (не гуфтан – Н.И.) монеъ шуд“. Ва охири нома бо иноят хостан ва дуо ба охир мерасад: “... Иноятӣ подшоҳони худойгони олам бар ҳама аҳли хайр ва дарвешонро бад-ин падар чашм дорам, ки ба ишорати худойгони ҷаҳонпаноҳ, Сикандари замон зулми ин волӣ ва тааддии ӯ аз ин каминаи бандагон дафъ шавад, то ба фароғати комил эмин чун кабутарони Каъба ба дуои давлати қоҳира машғул бошад. Вассалом. Алмуфтахару би дуоҳи, Муҳаммад бинни Муҳаммад, бинни Алҳасан Албалхӣ” [1, с. 135-136]. Ин мактуби Мавлоно бо чунин имзои ӯ, яъне овардани ному насабаш ба охир мерасад, ки дар камтар номаҳояш ба назар мерасанд.

2. Матн. Матни аслии нома дар таркиби мактуботи Мавлоно Ҷалолуддин бевосита баъд аз қисмати дуъо оғоз мешавад. Мундариҷа ва муҳтавои матни аслӣ ба моҳият ва мундариҷаи нома ва мақсади навиштани он гиреҳ мехурад ва алоқаманд аст. Дар ҳамаи анвои номаҳо, чӣ султониёт ва ихвониёт ин матлаб аз ҳамин мавқеъ оғоз мешавад, вале баъзе фарқиятҳо низ дида мешавад, ба монанди ин ки хонанда мақсади нигорандаро аз оғоз дарк мекунад ва муҳтавои номаро мефаҳмад. Ҳаҷму андозаи матн дар номаҳои султониёт ва ихвониёт ба матлаби мавриди назари нависандаи нома алоқаманд аст, вале дар ҳар сурат матни аслии нома бахши муҳимми он мебошад ва аз нигоҳи ҳаҷм аз қисматҳои оғоз ва анҷом васеътар буда, матлаби нависанда дар он баён мегардад.

Матни номаи рақами аввали “Мактубот”-и Мавлоно Ҷалолуддинро, ки ҳаҷман калон аст, вобаста ба ин талабот баррасӣ менамоем: “...Қадру завқи ёрони дин ҳар кӣ хоҳад, ки омӯзад, аз фарзанди амир, сипаҳсолори олам, одили муқбил, Наҷмуддини динпарвар, худотарси ҳалими карим аст ва гувоҳӣ диҳад, ки он фарзанди азиз, чунонки дар ин сафари дароз ғариб будааст, дар шаҳри хеш ҳам ғариб аст... Аз андаруни дилу ҷон ҳавохоҳи давлаташ будаам, Аллоҳ таъоло ба иллате, агарчи мулозими сурат набудаам, мулозими ҳавохоҳӣ ва давлатҷӯӣ будаам... Мақсуди дигар он, ки ҳар боре лутфу раҳмате ва подшоҳие аз ҷаноби мустатоб, шоҳи олам нав ба нав ба самъи ин падар мерасад, шод мешудам... Шарафи ҳар ошиқе ба қадри шарафи маъшуқи ӯст, маъшуқи ҳар ки латифтару зарифтар ва шарифҷавҳартар, ошиқи ӯ азизтар... Мурғи рӯзро бар мурғи шаб тарҷеҳ аст, чандон ки нурро бар зулмат, ки он ошиқи нури офтоб аст ва мурғи шаб – ошиқи зулмат. Ва шарҳи ин масъала ҳам итноби азим ва шоху бехи бисёр дорад. Аз ҷумлаи он чи фол гирифтам, бар боло гирифтани оташи иқбол ва давлати шоҳи олам ва ғолиб шудани шамшери низофи фармонаш яке он буд, ки офтоби инояташ бар бандааш, фарзанди азиз Наҷмуддин афзун шуд ва ӯро махсустар кард, ҳам дар боргоҳи ҳукм ва пояи тахт ва ҳам дар боргоҳи ҳилм ва раҳмати дили муборакаш. Худ чӣ ҷои ин аст, ки худ ҷумла ишорот ва андешаҳои шоҳи олам хуҷаста аст ва ҳумоюну муяссарул иқбол аст дам ба дам, ки ҳама хотири муборакаш сӯйи заифону мазлумон нигарон ва чашмаш сӯйи додхоҳону муҳтоҷон мултафит аст” [2, с. 16-18].

Аз ин пораи матн, ки қисмати асосии мактуб аст, ба хубӣ ба назар мерасад, ки Мавлоно Ҷалолуддин ин номаро ба подшоҳи вақт роҷеъ ба дастгириву ёрии подшоҳ ба яке аз шогирдонаш навиштааст. Дар нома изҳори сипосу ихлоси шахсии Мавлоно ба подшоҳ ба ҷиҳати дастгирӣ ва ёрии бедареғи ӯ ба Наҷмуддин баён гардидааст, ки ин нукта дар ҷумлаҳои зер: “Аз ҷумлаи он чи фол гирифтам, бар боло гирифтани оташи иқбол ва давлати шоҳи олам ва ғолиб шудани шамшери низофи фармонаш яке он буд, ки офтоби инояташ бар бандааш, фарзанди азиз Наҷмуддин афзун шуд ва ӯро махсустар кард, ҳам дар боргоҳи ҳукм ва пояи тахт ва ҳам дар боргоҳи ҳилм ва раҳмати дили муборакаш” ва “... ки худ ҷумла ишорот ва андешаҳои шоҳи олам хуҷаста аст ва ҳумоюну муяссарулиқбол аст, дам ба дам, ки ҳама хотири муборакаш сӯйи заифону мазлумон нигарон ва чашмаш сӯйи додхоҳону муҳтоҷон мултафит аст”, ба хубӣ ошкор мегардад ва ин бахш матлаби асосии Мавлоноро дар мактуб ба таври возеҳ нишон медиҳад ва бахши муҳим аст. Охири ин мактуби Мавлоно бо дуову сано аз даргоҳи Худованд ба мухотаб ба охир мерасад ва мусаннифи нома ба дарозо накашидани матни онро сабаб пеш меоварад: “Ва ҳар сатре аз ин нома нуктаест, ки шарҳ

мебояд кардан, аммо аз айби татвил (зиёд сухан нагуфтан – Н.И.) тарсонам ва аз Худо хоҳонам, ки бар хотири отир ва замири мунир возеҳ ва макшуф гардад” [2, с.18].

Тарзу тартиби баёни матлаби аслӣ дар номаҳои Мавлоно, ки ба дӯстону фарзандонаш навиштааст, аз номаҳои султониёт каме фарқ доранд ва дар ин гуна номаҳо нахуст, пайваста ба матни дуъо шукри мунъим (тавонгар, соҳибнеъмат) оварда мешавад, ки дар порае ба забони форсӣ-тоҷикӣ ё арабӣ баён шудааст, дигар васфи шахси мухотаб ва сеюм арзу сипоси нависандаи нома ба мунъим, ки нисбат ба ӯ меҳрубониҳо намудааст, ифода меёбад ва ин бахш ба наср навишта шуда, бо пораи шеърӣ ва баъзан бе шеър идома ва ҷамъбаст мегардад.

Мактуби зерро, ки фарогири ҳамин матлабҳост ва ба Заҳируддин ном шогирди Мавлоно навишта шудааст, баррасӣ мекунем: “Амири амирзода, муҳсини мухлиси олиҳиммат... Заҳируддин... Шафеъ гирифт волид ва доиро дар муболиға кардан ва илҳоҳ кардан, лек татвил нарафт аз хавфи малолат ҷисми наҳифи муртози валад адомаллоҳу улувваҳу. Умед аст, ки шафоати ин волид мақбул бошад ва сахтсоиқу муштоқ аст ва муҳтоҷ ба иршод бошад ва муовинати ин волид ва аҳдҳо дорад, ки нафсу мол фидои шумо дорад ва ҳеч дареғ надорад ва волидро худ ин даъвати кори худ буд. Байт:

Модари Мӯсоям, ки аз шоҳам,
Шири фарзандро баҳо хоҳам.
Вассалом” [2, с. 26-27].

Дар ин матн, дар аввал зикри номи мухотаб – Заҳируддин, баъд матни дуъову шукри соҳибнеъмат ба ҷумлаи арабӣ, сеюм васфи толиби илм будан, фозиливу хушахлоқиву соҳибэҳтиром буданаш низ ба арабӣ омада, арзу сипоси нависанда (яъне Мавлоно) бо ҷумлаи: “... Умед аст, ки шафоати ин волид мақбул бошад ва сахтсоиқу муштоқ аст ва муҳтоҷ ба иршод бошад” оварда шудааст. Ва ниҳоят матлаб бо байти шеър ба охир расида, ҷумлаи дуъо “Вассалом” бахши ҷамъбасти нома аст.

Ин нукта дар номаҳои хурдтар ҳамин тавр ҷамъбаст мегарданд, вале дар номаҳои калонҳаҷм нависанда ихтиёр дорад, ки матлаби дигарро низ баён намояд. Дар қисмати аввали номаи дигар, ки ҳаҷман калон аст, Мавлоно сифату шуҳрати вазир Парвонабекро мекунад ва баъд аз салому дуъо чунин таъкид намудааст: “Дароз гуфтан ҳоҷат нест, ки дар замири подшоҳонаи Парвонаи аъзам шафие дароям, ки дароз кашад дар накӯгӯии ин доъиён ба амир. Ҷовид муҳсин бод ва ин бахшиш маликулумароро бошад ва ҳадя ба вақти ҳоҷат мақбул бошад. Абвоби иҷобат ва иноятӣ осмони қарини зоти мутаҳҳар ва мунаввар кушода ва пайваста рӯзгори ҳумоюнашро аз ғурури дорулғурур маъсум дорад. Саломи таҳият аз ин доъии мухлис мутолиа фармояд ва тақсири омадан ба обу гил ба хидмат бар бегонагӣ ва фаромӯшӣ ҳамл нафармояд, миёни дилҳо то дилҳо роҳест дар дида. Байт:

Гар шаш ҷиҳат баста шавад, бок мадор,
К-аз қаъри ниҳодат суйи ҷонон роҳест.

Ин сухан ҳамчун фазоили маликулвузаро поён ва ниҳоят надорад. Омин!”.

Дар давоми мактуб, баъд аз баёни матлаби қаблан овардашуда Мавлоно ба вазир Парвона навиштааст: “Фарзанди мо Низомуддин ғариқи он ниам ва ишқи он карами маликулвузарост. Агар бад хидмате карда бошад, иноятро аз ӯ кӯтоҳ накунанд ва вайро ба ғазаб гирифтор нагардонанд. Ва тамом он гоҳ шод шавам. Ҳангоми риққат аст ва вақти марҳамату шафқат:

Бишнав сухану панди Саноиву нигаҳ дор,
К-арзад сухани банда саное бишунидан.

Ҷовид муҳсин ва ваҳҳоб, муассир ва муфаззал бод. Омин, ё раббалоламин!” [2, с. 80-82].

Анҷом. Анҷоми номаҳои Мавлоно Ҷалолуддин бо сабки хосе навишта шудаанд ва аз сабки муншиёни касбӣ фарқ доранд. Аксари номаҳо анҷоми кӯтоҳ доранд, ки бо дуъову сано ба даргоҳи Худованд ба охир мерасанд ва дар баъзе номаҳои Мавлоно бахши анҷом бо як ё ду калима ифода шудааст, мисли “Абад”, “Обод” “Вассалом”, “То бод, чунин бодо”, яъне матни мактуб ба охир мерасад ва он анҷом меёбад. Анҷоми мактубҳои Мавлоно бо ҷумлаҳое ба забони форсӣ-тоҷикӣ ва аксаран ба забони арабии зерин ҷамъбаст гардидаанд: “Ҷовид мунаввару муаттар ва муфаззалу муқаддам бод. Омин!”, “Омин, ё раббалоламин!”,

“Вассалом”, “Тавфиқ музоаф бод!”, “Иншоаллоҳу таъоло”, “Ҷовид муваффақу муайяд бод!”, “Эзидаш мустадом дорад”, “Ҷовид маснади хайрот ва масдари саодат бод, вассалом”, “Пайваста муҳсин бод”, “Мақбулу мабрур бод”, “Валлоҳу аълам бис савоб”, “Таммат” ва ғайра. Ҳамаи номаҳои Мавлоно бо ҳамин гуна дуъову сано ба охир мерасанд.

Мактубҳои рақами 5, 46, 141, 142, 146-и Мавлоно аз нигоҳи ҳаҷм хурданд ва аз 3 - 4 ҷумла иборатанд, вале бо ин кӯтоҳӣ аз нигоҳи сохти композитсионӣ муҳтавову мундариҷаи номаро пурра ифода мекунанд. Мактуби рақами 142 аз чаҳор ҷумла иборат аст, вале ҳамаи бахшҳои нома, аз ҷумла оғоз, матн ва анҷомро фаро гирифтааст: “Тавфиқи хайрот пазируфта ва ҳасанот мақбулу муяссар ва марғуби хотири ашрафи хайрандеши олиназар, амири соҳибуд давлатайн бод!”, ки ин қисмати оғоз аст ва маълум аст, ки мактуб ба подшоҳ навишта шудааст ва бо чанд калимаи арабӣ дуъову сано баён гардидааст, аз ҷумла: “... Адомаллоҳу улувваҳу ва тақаббала ҳасанотаҳу”, ки маънояш ба забони тоҷикӣ “боландагиву дарозумрӣ ва корҳои хайраш зиёд бод” мебошад. Баъд матлаби асосӣ ё матн оғоз машавад, ки дар ин ҷо нависанда мақсади аслиро баён мекунад, ки муҳофизату амнияти сафари чанд нафар акобири замонашро аз ҳуҷуми душманон дархост кардааст: “Ва чун аҳволи латиф ва маъдалату хайргустарӣ ва фарҳангу тадбиру ислоҳи мулк ҷиҳати осоиши дарвешон ва дафъи ташвишҳо аз заифон. Ҳар саъй ва андешаву саҳри хасабе, ки раъйе кунад ҷиҳати муҳофизати раъият аз барои Худо муқобил бошад ба тоати аҳли хофиқин, зеро он тоату эминӣ ба саъй ва дабби ӯ дафъи даббоб ва тоғиёт тавонанд кардан. Ранҷи он акобири мо дар ин сафар ва дабби муҳофизати суғур ва атроф мақбул бод. Индаллоҳи таъоло” [2, с. 224]. Дар охири мактуб дархости нависанда барои муҳофизати мусофирон баён гардидааст, ки хоси бахши анҷоми номаҳо ба ҳисоб меравад.

Номаи дигар, низ аз ҷиҳати ҳаҷм хурд буда, аз чаҳор ҷумла тартиб ёфтааст, вале ҳамаи талаботи номанигориро фаро гирифтааст. Ҷумлаи аввали ин нома ба забони арабист, ки ва аз муҳтавояш маълум аст, ки ба вазири вақт ба ҷиҳати дастгирии Маҷидуддин ном шогирди Мавлоно навишта шудааст: “... Салом ва таҳият мутолиа фармоед ва орзуманди муҷолисат донад, аммо дил ва хотири аҳволи маҳмудам сутудаи он азиз аст, ҳар рӯз маҳмудтар бод. Фарзанди мухлис Маҷидуддин аз муҳиббон ва ҳавохоҳони он хидмат аст ва аз дуогӯёни он давлат, бо эътимоди лутфи ҷабалӣ ва карами унсурии зоти шарифи шумо, калимае аз рӯйи шафоат мегӯяд. Агар надонад, одоб гуфтан адаби муҳаббати шумо дар синаи ӯ муқаррар аст, умед аст, ки тасдиқ фармояд. Ҷовид муҳсин бод. Вассалом” [2, с. 86].

Дар ин нома бахши оғоз ду ҷумлаи аввал аст ва матни асосиву матлаби нависанда аз ду ҷумлаи мураккаб фароҳам омадааст, ки мазмуни фишурдаи он чунин аст: “Маҷидуддин аз муҳиббону ҳавохоҳон ва дуогӯёни он давлат аст ва ба шумо аз рӯйи шафоат калимае мегӯяд ва ҳарчанд барои баёни суханаш мушкилӣ мекашад, муҳаббати шумо дар синаи ӯ муқаррар аст” ва дар давоми ин ҷумла Мавлоно таъкид мекунад, ки: “умед аст, ки тасдиқ фармояд”, яъне ин хоҳиши ӯро ичро кунад, ки ин нукта яке аз талаботи бахши анҷоми номаҳову дуо ва ҷумлаи охирин мебошад, ки дар ин номаи хурдҳаҷм ба пуррагӣ ҳамаи талаботи сохти композитсионии номанависӣ риоя шудааст.

Ҳамин тавр, ҷумлаи охири номаҳои Мавлоно бахши анҷом мебошад, ки аз нигоҳи сохти композитсионӣ дорои вежагиҳои зерин мебошанд:

- ҳамаи номаҳо маъмулан аз се бахши асосӣ: оғоз, матн ва анҷом таркиб ёфтаанд, ки ҳар кадом боз вежагиҳои сохтириву муҳтавоии хоссе доранд;

- ҳамаи мактубҳои Мавлоно Ҷалолуддин аз нигоҳи сохти композитсионӣ комиланд ва сохтори муайян доранд;

- оғоз ва анҷоми номаҳое, ки ба қисмати султониёт мансубанд, мухотаби онҳо ҳокимони вақт, яъне подшоҳ, вазир ва ҳокимони маҳаллӣ буда, ҳамгун ҳастанд;

- дар номаҳои султониёт ва ихвониёт дар қисмати дуову таҳият сифатҳои зиёди мухотаб, аз ҷумла қиблаи иқбол, малики мумаҷҷид, малики одил, ягонаи олам, нодираи замон, гузидаи Раҳмон, султони султонон, амири раббонӣ, маликулвузаро, фарзанди мухлис, қурратулуюн (нури чашмон), фахрул хавотин ва ғайра баён мегардад;

- дар бахши дуъо ва тавсифи мухотабон Мавлоно Ҷалолуддин вожаҳо таъбирҳо ва ҷумлаҳоеро ба кор бурдааст, ки арзандаи ном ва мақоми онҳо мебошанд, ки бо ҷумлаҳои тавсифии: “Офтоби иқболи маликулумаро, амири раббонӣ, дар буруҷи саодату сиёдат ва шодкомию баландномӣ мудом тобон бод” ва “Хайроту ҳасаноту садақоти амир, сипаҳсолори аҷалли кабир, олими одил, худотарси раббониҳикмат ба ҳазрати зулҷалоли валикром мақбулу мабрур бод” ва монади инҳо баён гардидаанд;

- на дар ҳамаи мактубҳои Мавлоно зикри номи оварандаи номаҳо ва таърихи китобати онҳо дарҷ гардидааст;

- бахши анҷоми ҳамаи номаҳои султониёт ва ихвониёти Мавлоно бо дуъову сано ба охир расидаанд.

Муқарриз: Турсунов Ғ.А., н.и.ф., дотсенти ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

АДАБИЁТ:

1. Румӣ, Мавлоно Ҷалолуддин. Мактубот (номаҳо). Ба хатти кирилии тоҷикӣ. Таҳияи гурӯҳе аз устодон ва донишҷӯёни Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода /Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. –Душанбе:Ирфон, 2017. – 244 с.
2. Румӣ, Ҷалолуддин. Мактуботи Ҷалолуддин. Бо пешгуфтори Валад Чалабӣ. Таҳия ва танзими Аҳмади Рамзӣ /Ҷалолуддини Румӣ. – Анқара:Чопхонаи “Субот”, 1336 ҳ. (1958 м.). – 174 с.
3. Румӣ, Ҷалолуддин. Маҷолиси сабъа. Таҳияи Мақсудов Ҳ, Сафаров М, Турсунов Ғ, Эшонов А. /Ҷалолуддини Румӣ. – Душанбе:Ирфон, 2014. – 178 с.
4. Румӣ, Ҷалолуддин. Фиҳӣ мо фиҳӣ (мунтахаби мақолот) /Ҷалолуддини Румӣ. –Душанбе:Ирфон, 2007. – 276 с.
5. Румӣ, Ҷалолуддин. Девони кабир. Ҷилди 1. /Ҷалолуддини Румӣ. – Душанбе:Адиб, 1992. – 448 с.
6. Румӣ, Ҷалолуддин. Девони кабир. Ҷилдҳои 1-2. /Ҷалолуддини Румӣ. – Душанбе:Адиб, 2007. – 976 с.
7. Румӣ, Ҷалолуддин. Девони кабир. Ҷилдҳои 3-4. /Ҷалолуддини Румӣ. –Душанбе:Адиб, 2009. – 780 с.
8. Румӣ, Ҷалолуддин. Девони кабир. Ҷилди 1. /Ҷалолуддини Румӣ. – Душанбе:Адиб, 1992. – 448 с.
9. Румӣ, Ҷалолуддин. Девони кабир. Ҷилдҳои 1-2. /Ҷалолуддини Румӣ. – Душанбе:Адиб, 2007. – 976 с.
10. Румӣ, Ҷалолуддин. Девони кабир. Ҷилдҳои 3-4. /Ҷалолуддини Румӣ. –Душанбе:Адиб, 2009. – 780 с.

СОХТИ КОМПОЗИТСИОНИИ МАКТУБҲОИ МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ

Номаҳои Мавлоно, ки ҳамчун намунаи жанри номанигорӣ дар асри XIII ба шумор мераванд ба фарзандону ёру дӯстон ва шогирдонаш навишта шуда, баъдан дар шакли китоби алоҳида ҷилд карда шудаанд.

Дар ин мақола чанд намунаи мактубҳои Мавлоно Ҷалолуддинро аз нигоҳи сохти композитсионӣ, ки фарогири қисматҳои: а) оғоз, б) матн, в) хотима ва ҷузъҳои дигар мебошанд, баррасӣ карда шудаанд.

Мактубҳои Мавлоно аз нигоҳи сохтор комиланд ва ягон мактуб нотамом ва нокомил нест. Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ дар ин номаҳо аз оёту ҳадис, ҳикоятҳои дилпазир, ашъори арабиву форсӣ, амсолу ҳикам, луғоту иборoти ҷолибро мавриди истифода қарор додааст. Бахусус, пораҳои зиёди шеърӣ, ки дар номаҳои Мавлоно ба забонҳои форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ оварда шудаанд, машҳуранд ва шоирону адибони баъдӣ дар мактубҳои худ аз онҳо истифода кардаанд.

Мавлоно дар мактубҳояш шеваи баён ва сабки муншиёни асримиёнагиро дар қолаб ва сохтори мактубҳо то ҳадде нигоҳ дошта, номаҳояшро бо шева ва сабки хоси худаш иншо кардааст, ки аз ҳунари баланди нависандагӣ дарак медиҳанд. Дар мактубҳои Мавлоно қисматҳои асосии номанигорӣ, аз ҷумла наъту ҳамду сано, қисми муроҷиат, мазмуни асосии нома, баёни мақсади асосӣ, эҳтиромоти хулосавиву ниҳоӣ қайд шудаанд.

Калидвожаҳо: *асар, композитсия, манзум, шукуҳманд, ҳурмату эҳтиром, маликулвузаро, нома, ашъор, эпистолярӣ, сӯфӣ, иқтибос, хайргустарӣ, нигоранда, шева ва сабк.*

КОМПОЗИЦИОННЫЙ СТРОЙ ПИСЕМ МАВЛОНО ДЖАЛОЛУДДИНА БАЛХИ

Письма Мавлоно, считающиеся образцом эпистолярного жанра литературы XIII века, были написаны его детям, друзьям и ученикам, а затем переплетены в отдельную книгу.

В данной статье рассматриваются несколько образцов писем Мавлоно Джалолуддина с точки зрения композиционной структуры, которая включает в себя: а) начало, б) текст, в) заключение и другие части.

Письма Мавлоно завершены с точки зрения структуры, и ни одно из писем не является неполным. В этих письмах Мавлоно Джалолуддин Балхи использовал стихи и хадисы, приятные рассказы, арабские и персидские стихи, пословицы и поговорки, интересную лексику и выражения. В частности, известны многие поэтические произведения, вошедшие в письма Мавлоно на персидско-таджикском и арабском языках, а позднее поэты и писатели использовали их в своих письмах.

В своих письмах Мавлоно в известной степени сохранил стиль средневековых писцов по форме и строению письма, а свои письма писал в своем особом стиле, что свидетельствует о его высоком искусстве писательской деятельности. В письмах Мавлоно отмечаются основные части письма, включая приветствие, часть обращения, основное содержание письма, изложение основной цели, вступительное и заключительное почтение.

Ключевые слова: *произведение, сочинение, стихотворение, росошный, уважение, величественный, письмо, поэзия, эпистолярный, суфий, цитата, доброжелательство, писатель, стиль.*

THE COMPOSITIONAL STRUCTURE OF MAWLANA JALALUDDIN BALKHI'S LETTERS

Mawlana's letters, considered an example of the epistolary genre of literature of the XIIIth century, were written to his children, friends and students, and then bound into a separate book.

This article examines several samples of Mawlana Jalaluddin's letters from the point of view of compositional structure, which includes: a) beginning, b) text, c) conclusion and other parts.

Mawlana's letters are complete in terms of structure and none of the letters is incomplete. In these letters, Mawlana Jalaluddin Balkhi used poetry and hadith, pleasant stories, Arabic and Persian poetry, proverbs and sayings, interesting vocabulary and expressions. In particular, many poetic works are known that were included in Mawlana's letters in the Persian-Tajik and Arabic languages, and later poets and writers used them in their letters.

In his letters, Mawlana, to a certain extent, preserved the style of medieval scribes in the form and structure of the letter, and wrote his letters in his own special style, which testifies to his high art of writing. Mawlana's letters note the main parts of the letter, including the greeting, the address part, the main content of the letter, the statement of the main purpose, the conclusion and the final respect.

Key words: *work, essay, poem, beautiful, respect, honor, letter, poetry, epistolary, Sufi, quote, goodwill, writer, style.*

Дар бораи муаллиф: Нормаҳмедов Ирфон — *Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, муаллими калони кафедраи тарҷумонии забонҳои Шарқ. Нишонӣ: 734019, ш. Мухаммадиева 17/6, телефон. 934-014-014. Почтаи электронӣ: n.irfonjon@gmail.com*

Сведения об авторе: Нормахмедов Ирфон – *Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, старший преподаватель кафедры перевода восточных языков. Адрес: 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, тел. 934-014-014. E-mail: n.irfonjon@gmail.com*

About the author: Normakhmedov Irfon – *Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, teacher of the department of translation of oriental languages, , Address: 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., tel. 934-014-014. E-mail: n.irfonjon@gmail.com*

ТДУ: 891.550.09

ТАВСИФИ НУСХАҲОИ ХАТТИИ ДЕВОНИ БЕДИЛ ДАР КИТОБХОНАҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Одинаев О. Н.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Теъдоди нусхаҳои хаттии осори Мирзо Абдулқодири Бедил дар миёни мардуми форсизабон ва китобхонаҳои ҷаҳон ба ҳадде зиёд мебошанд, ки наметавон шумораи дақиқи онҳоро зикр намуд. Ба қавли бедилшиноси номвари тоҷикӣ устод Бобобек Раҳимӣ: «Чунончи, дар китобхонаҳои шаҳрҳои Душанбе, Самарқанд, Тошканд, Санкт Петербург, Ашқобод ва Боку беш аз ҳазор нусхаи хаттии осори шоирро дидан мумкин аст» [3, 364]. Аксари ин нусхаҳоро гузидаи девони ғазалиёт ҳамроҳи рубоиёти Бедил ташкил медиҳанд. Ин худ далел бар маҳбубият ва ҷой доштани ин шоири маҳбуб дар қалби мардуми замонаш ва баъдиниён мебошад. Зеро шеъри Бедил ҷаззобият ва кашишеро дорад, ки хонандаро ба сӯи худ ҷалб мекунад. Шафеии Кадканӣ дар китоби «Шоири оинаҳо» мегӯяд: «Бедил кишварест, ки ба даст овардани визои мусофират бадон, ба осонӣ ҳосил намешавад ва ба ҳар кас иҷозаи вуруд намедиҳад, вале агар касе ин визоро гирифт, тақозои иқомати доим хоҳад кард» [2, 9]. Бале, воқеан он касоне, ки мазомини олии шеъри Абулмаониро дарк карда буданд, пайваста дар шарҳу нашри осори гаронбаҳои ӯ кӯшиш ба харҷ дода, умри азизи хешро вақфи ин кор намудаанд. Шеъри Абулмаонӣ на танҳо қалби мардуми форсизабони сарзамини Ҳиндро тасхир намуд, балки овозаву маҳбубияти ӯ аз марзҳои Шибҳи Қора убур кард. Бедил тавонист Фарорудро, ки маҳди шеъри форсист, бо сабки хосси худ зери таъсир қарор дода, бештарин ҷойро дар қалби мардуми ин сарзамин пайдо кунад. Ин маҳбубият ба ҳадде расид, ки ҳатто дар мадориси Бухоро, ки Қуббатулисломи замон буд, дарси ҷудогонаи Бедилхонӣ ташкил намуданд. Чуноне устод Айнӣ менависанд: «Бедил дар байни оммаи халқи Осиёи Миёна, хусусан дар байни тоҷикон ва ӯзбекон, шӯҳрати калон дорад. Аз вақте, ки нусхаи дастнависи асарҳои ӯ ба ин сарзамин омадааст, мунтахаби ғазалиёт ва рубоиёташ ба мактабҳои ибтидоии кӯҳна даромадааст. Дар мактабҳои кӯҳна баъд аз Қуръон ва дарсҳои динӣ аз адабиёти тоҷикӣ якум хоҷа Ҳофиз, дуйум Мирзо Бедилро мехонданд. Мунтахаби девони Бедилро дар мактабҳо бо расми хатти худаш- бо хатти шикастаи бедилӣ хононда шогирдонро ба хонда тавонистани онгуна хат ҳам водор мекарданд» [1, 117]. Ҳамчунин дар чойхонаҳо, масоҷид ва мадрасаҳои ин манотиқ маҳофили бедилхонӣ баргузор намуда, ашъори Абулмаониро шарҳу тавзеҳ мекарданд. Устод Айнӣ дар асари илмии худ «Мирзо Абдулқодири Бедил» ин ҳолатро чунин зикр кардааст: «Дар мадрасаҳои Бухоро, Самарқанд ва Хуҷанд аз ҳаваскорони бедилдӯст даврaҳои алоҳида ташкил карда ва дар атрофи ягон бедилшинос ғун шуда, дар шабҳои таътил бедилхонӣ мекарданд. Дар Ленинобод (Хуҷанди пештара) ҳатто дар чойхонаҳо куллиёт ва девони ғазалиёти Бедил ёфт мешуд, ки босаводони бедилдӯст дар давраи чойнӯшӣ бедилхонӣ мекарданд ва бесаводон ба онҳо гӯш дода, ба қадри фаҳмашон фоида мебурданд» [1, 117]. Дар чунин маҳофил нафарони хушхатте вуҷуд доштанд, ки ашъори Бедилро рӯнавис мекарданд. Аксари ин нусхаҳои навишташуда, даст ба даст, то замони мо омада расидаанд. Аз сабаби зиёд будани ин нусхаҳо, мо наметавонем ба тавсифи ҳар кадом аз онҳо пардозем. Ин ҷо танҳо мехоҳем дар бораи он нусхаҳое, ки маълуму машҳуранд, мухтасаран маълумот диҳем. Аммо дар мавриди чанд нусхае, ки дар замони худи Бедил китобат шудаанд ва ё таърихи китобаташон ба замони ӯ хеле наздик буда, маълумоти муфассалтарро пешниҳод менамоем.

Дар аксар китобхонаҳо ва осорхонаҳои кишварҳои Осиёи Миёна ва собиқ Иттиҳоди Шуравӣ нусхаҳои хаттии осори Бедил нигоҳдорӣ мешаванд. Аз рӯи таърихи китобати нусхаҳои дар Тоҷикистон воқеъбуда, метавон дар ҷои аввал нусхаеро зикр намуд, ки таҳти №715 дар маркази фарҳангии ба номи Шарифҷон Ҳусейзодаи назди кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон маҳфуз аст. Нусха аз 414 саҳифа иборат буда, бо хати настаълиқи моил ба шикаста навишта шудааст. Нусхаи мазкур дар худ 510 ғазал (4000 байт) ва 26 рубоиро ҷой додааст. Санаи китобате, ки дар

охирин варақи нусха нишон дода шудааст, 1102 ҳичрӣ (1690-1691) мебошад ва нусха аз тарафи Муҳиддин ибни мулло Муҳаммадлатиф китобат шудааст.

Дуввумин нусхае, ки қобили зикр аст дар ҳамин китобхона таҳти №592 маҳфуз мебошад. Номи котиби он дар ҳеҷ ҷое навишта нашудааст. Соли китобати он бошад дар ду ҷой 1151 (1738-1739) нишон дода шудааст. Мутаассифона чанд варақи аввали ғазалиёт пора шуда, аз байн рафтаанд.

Нусхаи дигаре вуҷуд дорад, ки дар шаҳри Душанбе дар Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон таҳти №1145 маҳфуз аст. Нусхаи номбурда дар соли 1230 (1815) дар мадрасаи Бибихалифаи Бухоро рӯйнавис шудааст.

Нусхаи №2465 Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон низ қобили зикр аст. Ин нусха соли 1259 ҳичрӣ (1843) китобат шуда, тақрибан тамоми ашъори лирикии шоирро фарогир мебошад. Баъзе аз ғазалу қасидаву қитъаҳои нусхаи мазкур аз рӯи мазмунашон унвонгузрӣ низ шудаанд.

Дар Осорхонаи таърихии шаҳри Панҷакент нусхае аз куллиёти Абулмаонӣ таҳти № 186 маҳфуз буд. Нусха дар худ ғазалиёт, таркиббанд, тарҷеъбанд, рубоиёт, «Никот», бахше аз «Чаҳор унсур», порае аз маснавии «Муҳити аъзам» ва қисме дигар аз ашъори гуногунро ҷой додааст. Вале дар ҷараёни суҳбат бо масъулини ин осорхона маълум гаардид, ки он ба китобхонаи миллии Тоҷикистон интиқол дода шудааст. Аммо дар ин осорхона таҳти шумораи 1313 бо номи «Баёзи Бедил» маҳфуз аст, вале ҳангоми мутолеаи нусха маълум гардид, ки он аз мунтахаби осори манзум ва мансури Бедил ба қалами Ҳаким Мир Алӣ дар таърихи рабеъул аввали санаи 1317 мутобиқ ба соли 1902 мелодӣ китобат шудааст. Дар бораи ҷои китобати нусха маълумоте ба даст наёмад. Ба таъкиди мураттибони феҳристи нусхаҳои хаттии ин осорхон байтҳо бо шакли урев дохили ҷадвали сурх дар ду сутун бо 4 хати рости зарҳалдор китобат шудааст. Дастнавис бо ду намуди хати форсии мушкилхон китобат шуда, охири китоб бо дасти котиби ғайр бо байтҳо ба итмом мерасад.

Аз ин ҷо равшан мегардад, ки танҳо ба хотири он ки аз миёни осори Мирзо Абдулқодири Бедил дар он намунаҳо баргузида шудааст, он ҳамчун баёз унвон гирифтааст. Ҳамчунин 9 нусхаи хаттӣ ва чопи сангии дигар аз Девони Бедил дар ин осорхона мавҷуд аст, ки бештари онҳо шакли мунтахаби ғазалиёти шоир ба шумор мераванд.

Аз нусхаҳои мавҷудбуда дар Ӯзбекистон метавон дар ҷои аввал нусхаи хаттии куллиёти осори Бедилро, ки дар китобхонаи Институти шарқшиносии АИ Ӯзбекистон таҳти №2858 нигоҳдорӣ мешавад, зикр намуд. Таърихи китобати нусхаи мазкур соли 1216 (1801-1802) буда, он дар худ девони ашъор, маснавиҳои «Тилисми ҳайрат», «Муҳити аъзам», «Ирфон» ва ҳамчунин асарҳои насрии шоир «Чаҳор унсур» ва «Никот»-ро ҷой додааст [3, 368].

Дигар нусхае, ки дар ҳамин китобхона мавҷуд аст, нусхаи №1880 мебошад. Ин нусха соли 1267 (1850-1851) китобат шуда, аз нигоҳи ҳаҷм нисбат ба нусхаи қаблӣ комилтар мебошад. Мундариҷаи нусхаи мазкур дарбаргирандаи девони ғазалу қасида ва дигар ашъори лирикии шоир, маснавиҳои «Ирфон», «Тилисми ҳайрат», «Муҳити аъзам», «Тури маърифат» ва асарҳои насрии «Никот»-у «Руқаот» мебошад [3, 368].

Устод Бобобек Раҳимӣ дар китоби худ «Ошноӣ бо Бедил» дар мақолае таҳти унвони «Чанд сухан дар бораи баъзе нусхаҳои хаттии осори Бедил» чунин менависад: «Чандин нусхаи хаттии девони Бедилро дар китобхонаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд низ дидан мумкин аст. Дар феҳристи мухтасари нусхаҳои хаттии ин Донишгоҳ, ки бо номи «Список восточных рукописей фундаментальной библиотеки Самаркандского университета имени Алишера Навои» (составители А. Пулатов, Х. К. Ахроров. Самарканд, 1977) ба табъ расидааст, аксари онҳо бо санаҳои китобаташон зикр гардидаанд. Яке аз нусхаҳои ин Донишгоҳ нусхаи қарни XVII қаламдод шудааст. Гумони ғолиб бар он аст, ки санаи китобат дар худи нусха сабт наёфтааст ва ин фикр тахмини мураттибони феҳрист аст. Аз ин рӯ худи нусхаро надида, ба ақидаи онҳо ҳамроҳ шудан душвор аст. Зоҳиран, қадимтарин нусхаи девони Бедил дар ин китобхона нусхаи соли 1184 (1770-1771) аст, ки дар шаҳри Бухоро

китобат шудааст. Бо истиснои ду нусхаи мазкур нусхаҳои дигари девон, ки наздик ба 50 адад ҳастанд, ҳама дар асрҳои 13-14 ҳиҷрӣ рӯйнавис шудаанд» [3, 379].

Аз гуфтаи устод Бобобек Раҳимӣ маълум мегардад, ки танҳо дар китобхонаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд наздик ба панҷоҳу ду нусхаи хаттии девони Бедил маҳфуз аст. Бобобек Раҳимӣ дар ҷои дигари ҳамин мақола мегӯяд: «Дар Институти осори хаттии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ чанд нусхаи қадимаи девони Бедил маҳфуз будааст. Дар ҷилди дуввуми феҳристи ин муассиса, ки аз тавсифи нусхаҳои форсӣ иборат аст, се нусха аз девони Бедил қайд гардидааст, ки дутои онҳо, гӯё, дар замони зиндагии шоир китобат шуда бошанд. Яке нусхаи №3797\1 аст, ки санаи китобаташ 1125 ҳиҷрӣ (1713 милодӣ) нишон дода шудааст. Дигаре №3473, ки соли 1133 ҳиҷрӣ (1720 милодӣ) рӯйнавис шуда будааст» [3, 381].

Абулмаонӣ Бедил дар миёни мардуми афғон низ аз шуҳрату мақоми волое бархурдор аст. Аз ин лиҳоз дар китобхонаҳои кишвари Афғонистон нусхаҳои хаттии зиёде аз Бедил вуҷуд дорад, ки ба бархе аз онҳо ишора мешавад. Серж Буркуй дар асари худ «Нусхаҳои хаттии Афғонистон» аз чанд нусхаи хатти девони Бедил ном бурдааст, ки яке аз онҳо таҳти №225 дар Музеи Кобул нигоҳдорӣ мешавад. Нусхаи мазкур соли 1120 ҳиҷрӣ (1708-1709) китобат шудааст.

Нусхаи №117\14 дар Архиви милии Афғонистон низ зикраш аз аҳамият холӣ нест. Танҳо ғазалиёти дар ин нусха мавҷудбуда бисту ҳашт ҳазор байт мебошанд. Ғайр аз ғазалиёт дар ин нусха боз муқаддима, таркиббанду тарҷеъбанд, қасидаву мухаммас, қитъаҳо ва маснавиёти шоир низ ҷой доранд. Аз ин лиҳоз ин нусхаро ба гурӯҳи комилтарин нусхаҳои Бедил метавон шомил кард. Нусхаро солҳои 1241-1242 (1825-1827) Муҳаммадлатиф ибни мулло Муҳаммадшарифи Шаҳрисабзӣ китобат кардааст.

Дигар нусхае, ки ин ҷо зикрашро муҳим мебинем, нусхаи хаттии куллиёти Бедил мебошад. Ин нусха таҳти №52\22 дар Архиви миллии Афғонистон маҳфуз буда, аз комилтарин нусхаҳои куллиёти маълум дар ин кишвар маҳсуб меёбад. Нусхаи мазкур дар худ ғазалиёт, мухаммасот, қасидаву қитъа, маснавиҳои шоир, асарҳои насрии «Никот», «Чаҳор унсур», «Руқаот» ва ҳамчунин ҳудуди дусад рубоиро дар худ ҷой додааст. Ин нусха солҳои 1245-1247 ҳиҷрӣ (1829-1832 милодӣ) аз тарафи Муҳаммадқосим ибни мулло Шафеъулло ном шахсе китобат шудааст.

Дигар нусхае, ки дар Архиви миллии Афғонистон маҳфуз аст, нусхаи №137/7 мебошад. Ин нусха дар соли 1246-1247 ҳиҷрӣ (1830-1832) аз тарафи Муҳаммадюнусхоҷа ибни Бобохоҷа ном шахсе китобат шудааст. Ин нусха дар худ муқаддимаи девон, ғазалиёт, зиёда аз сесад рубоӣ, тарҷеъбанду таркиббанд, қасоид, мухаммас, қитъа ва маснавиҳои шоирро фаро гирифтааст. Ин нусха дар маҷмуъ 31535 байтро дар худ ҷой дода, аз ҷумлаи комилтарин нусхаҳои девони шоир маҳсуб мегардад.

Дар Архиви миллии Афғонистон нусхаи дигар таҳти №164\22 маҳфуз аст. Ин нусха аз муқаддима, ғазалу қасида ва маснавии «Танбеҳулмуҳаввисин» иборат мебошад. Нусха соли 1275 (1858-1859) тавассути Муҳаммадҳусайн ибни мулло Муҳаммадазим дар Ғиждувон китобат шудааст. Тибқи навиштаи худи котиб, ӯ нусхаи мазкурро аз рӯи нусхаи асл китобат кардааст.

Аз нусхаҳое, ки дар Архиви миллии Афғонистон мавҷуд мебошад, нусхаи №83\23 низ шоёни зикр аст. Ин нусха, ки «Девони Бедил» ном дорад, яке аз бузургтарин нусхаҳои девони Абулмаонӣ маҳсуб мегардад[8]. Девон аз 1670 саҳифа иборат буда, дар ҳар саҳифаи он бистогӣ байт ҷой дода шудааст. Теъдоди абёти он наздик ба сию чаҳор ҳазор аст. Дар қайде, ки дар нусха вуҷуд дорад, шумораи ғазалҳои онро 3087 адад зикр кардааст. Тибқи ин маълумот нусхаи мазкур аз комилтарин нусхаҳои девони ғазалиёти Бедил ба ҳисоб меравад. Нусха дар ибтидои асри 20 китобат шудааст.

Дар маҷмуъ, аз баҳсу баррасиҳои анҷомёфта дар мавриди нусхаҳои хаттии Девони Бедил, ки дар китобхонаҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистону Ӯзбекистон, Афғонистон ва дигар кишварҳои ин минтақа маҳфузанд, бармеояд, ки ҳарчанд қадимтарин нусхаҳои хаттии бозмонда аз Девони Бедил дар Ҳинд боқӣ монданд, вале дар кишварҳои мавриди назари мо низ чанд нусхае ҳифз мешаванд, ки дар замони зиндагонии Бедил китобат

шудаанд. Аз ҷумлаи онҳо яке аз дар китобхонаи маркази мероси хаттии ба номи Шарифҷон Ҳусейнзодаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон нигаҳдорӣ мешавад. Нуфузи маҳфилҳои бедилхонӣ дар шаҳрҳои Самарқанду Бухорову Хуҷанд, Панҷакенту Исфара, Истаравшан, Ҳисор низ аз ҷумлаи омили муҳиме ба шумор меравад, ки ба китобати рӯзафзуни нусхаҳои хаттии Девони Бедил омил омадааст. Ҳарчанд бештари ин нусхаҳо сурати комил нестанд ва баргузидаи Девони Бедил ба шумор мераванд, вале ин нукта аз маҳфуз мондани нусхаҳои зиёди мунтахаби ғазалиёти Бедил дар китобхонаҳои шахсӣ паём мерасонад.

Муқарриз: Суфизода Ш.З., д.и.ф., профессор

АДАБИЁТ:

1. Айнӣ, Садриддин. Куллиёт. Ҷ.11. китоби якум. / Садриддин Айнӣ.–Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963.– 507 с.
2. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Шоири оинаҳо [баррасии сабки ҳиндӣ ва шеъри Бедил] / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ.–Теҳрон: Огоҳ, 1366.–338 с.
3. Раҳимӣ, Бобобек. Ошноӣ бо Бедил / Бобобек Раҳимӣ.–Душанбе: Ирфон, 2009.–568 с.
4. Раҳимӣ, Бобобек. Зиндагиномаи Бедил / Бобобек Раҳимӣ.–Душанбе: Эр-граф, 2017.–496 с.
5. Раҳимӣ, Бобобек. Тавсифи осори Бедил / Бобобек Раҳимӣ.– Душанбе: Эр-граф, 2018.– 208 с.
6. Суфиев, Ш. З. Саки-Наме в системе персоязычной литературе XVI-XVII веков : специальность 10.01.06: автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата филологических наук / Суфиев Шодимахмад Зикриёевич. – Москва, 1990. – 17 с. – EDN ZLNOXX.
7. Суфиев, Ш. З. Об истоках формирования жанра хамрийат в персидско-таджикской литературе / Ш. З. Суфиев // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2012. – № 3(38). – С. 205-215. – EDN RCTNML.
8. Суфиев, Ш. З. О концепте вина в персидско-таджикской литературе х-Х1 веков / Ш. З. Суфиев // Вестник Педагогического университета. – 2013. – № 6-1(55). – С. 298-302. – EDN SAUDYJ.

ТАВСИФИ НУСХАҲОИ ХАТТИИ ДЕВОНИ БЕДИЛ ДАР КИТОБХОНАҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Мақола ба таҳқиқу баррасии нусхашиносии Девони Бедил дар китобхонаҳои Осиёи Марказӣ ихтисос ёфтааст. Дар ҷараёни баррасиҳои хеш муаллифи мақола муқаррар сохтааст, ки ҳарчанд қадимтарин нусхаҳои хаттии Девони Бедил дар китобхонаҳои Ҳинд маҳфузанд ва яке аз онҳо нусхаи китобхонаи Ризо Ромпур мебошад, вале дар китобхонаи кишварҳои Осиёи Марказӣ низ нусхаҳое маҳфузанд, ки дар замони зиндагонии Бедил китобат шудаанд. Ба андешаи муҳаққиқи ҷавон яке аз сабабҳои аслии афзудани теъдоди нусхаҳои хаттии Девони Бедил дар китобхонаҳои Осиёи Миёна нуфузи маҳфилҳои бедилхонӣ дар шаҳрҳои қадимаи ин минтақа ба шумор меравад.

Вожагони калидӣ: *Бедил, нусхашиносӣ, нусхаҳои хаттӣ, Девон, ғазалиёт, рубоиёт, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Афғонистон.*

ОПИСАНИЕ РУКОПИСЕЙ ДИВАНА БЕДИЛА ДЕХЛАВИ В БИБЛИОТЕКАХ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

Статья посвящена изучению рукописей «Дивана Бедиля» в библиотеках Средней Азии. В ходе своих исследований автор статьи установил, что хотя древнейшие рукописи «Дивана Бедиля» сохранились в индийских библиотеках, одним из них является экземпляр библиотеки Резы Ромпура, существуют рукописи и в библиотеках стран Центральной Азии, скопированные во времена жизни Бедиля. По мнению молодого исследователя, одной из основных причин увеличения количества рукописей «Бедильского Дивана» в библиотеках Средней Азии является влияние кружков бедилочтения в древних городах этого региона.

Ключевые слова: *Бедил, рукописоведение, рукописи, Диван, газели, рубаият, Таджикистан, Узбекистан, Афганистан.*

DESCRIPTION OF MANUSCRIPTS OF DIVAN BEDIL DEHLAVI IN LIBRARIES OF CENTRAL ASIAN COUNTRIES

The article is dedicated to the study of Divan Bedil manuscripts in the libraries of Central Asia. Throughout the research, the author established that although the oldest manuscripts of the «Divan of Bedil» are preserved in Indian libraries, with one of them being a copy from the Reza Rompur library, there are also manuscripts in the libraries of Central Asian countries that were copied during Bedil's lifetime. According to the young researcher, one of the main reasons for the increase in the number of Bedil Divan manuscripts in the libraries of Central Asia is the influence of Bedil Reading circles in the ancient cities of this region.

Key words: *Bedil, manuscript studying, manuscript, divan, gazelle, rubaiyat, Tajikistan, Uzbekistan, Afghanistan.*

Маълумот дар бораи муаллиф*:* ***Одинаев Одинамуҳаммад Ниёзович*** *- Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, унвонҷӯи кафедраи адабиёти классикии тоҷик. Тел: +992886126161, e-mail. oon0102@mail.ru*

Сведение об автора: Одинаев Одинамухаммад Ниёзович *- Худжандский государственный университет имени академик Б.Г. Гафурова, соискатель кафедры таджикской классической литературы. Тел: +992886126161, e-mail. oon0102@mail.ru*

Information about the author*:* ***Odinamuhammad Odinaev Niyozovich*** *- Khujand State University, named after academician B.G. Ghafurov, searcher of the department of Tajik Classical Literature. Phon: +992886126161, e-mail. oon0102@mail.ru.*

ТДУ: 891.550

РУҶУЪҲОИ ЛИРИКИЮ ПУБЛИТСИСТӢ ДАР ПОВЕСТИ «ОДИНА»-и САДРИДДИН АЙНӢ

Пиров М.М.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Яке аз нахустин асарҳои насри бадеӣ, ки марому мақсад ва методологияи эҷодии пешгирифтаи устод Садриддин Айниро муайян кардааст, повести «Одина» мебошад. Повести «Одина» барои ҳалли муаммоҳои муҳимми адабиётшиносӣ матолиби зиёд медиҳад. Хосса, омӯзиши руҷӯъҳои лирикӣ ҳамчун воситаи ифодаи мақсаду ғояи асар дорои аҳамияти муҳим мебошад. Ин масъала то ҳол аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳлил қарор нагирифтааст. Ин ҷо то андозае дар мавриди руҷӯъҳои лирикии публитсистӣ, ки дар ин повест мавқеи аз ҳама намоён доранд ва нақши онҳоро дар ифодаи мақсаду ғояи асар муайян хоҳем кард.

Повести «Одина» - и устод Айнӣ соли 1924 навишта шуда, аз шумораҳои аввалини рӯзномаи нахустини тоҷикӣ – «Овози тоҷик» нашраш шурӯъ гардидааст. Он минбаъд бо номҳои гуногун ва таҳрирҳои ҷузъӣ бознашр шуд. Ин масъала – нашрҳои гуногуни повест дар таҳқиқоти А.Кӯчаров мавриди баррасӣ қарор гирифтааст [9].

Ногуфта намонад, аз таҳқиқотҳое, ки ба ҳаёт ва эҷодиёти устод Айнӣ бахшида шудаанд, бештарашон дар бораи повести «Одина» баҳс мекунанд. Ин сабаб дорад, зеро «Одина» «нахустин намунаи насри нави адабиёти тоҷик» маҳсуб ёфта, дар он бисёр хусусиятҳои осори минбаъдаи бадеии адиб инъикос гардидааст.

Ба қавли муҳаққиқ Е.Шаталов, қаҳрамони асосии қисса «Одина» аввал «фарзанди табиат» буд; дар охир ба «фарзанди ҷамъият» табдил ёфт [22, с. 198]. Дар ҳақиқат, Одина дар солҳое, ки дар деҳа дар хизмати Арбоб Камол буд, ба рафти об зиндагӣ мекард, ҳар чӣ арбобаш медод, ба он қаноат мекард, яъне, дар ӯ симои ҳақиқии мардуми одии замон ифода ёфта буд. Баъди муҳоҷират ва мардикорӣ дар шаҳрҳои калон, шиносоӣ бо одамони ҷаҳонбиниашон дигар чашми ӯ кушода гардид. Акнун ӯ ба фарзанди ҷамъият табдил ёфт. Устод Айнӣ маҳз ҳамин таҳаввулоти инсон ва сабабу оқибатҳои онро тасвир кардааст. Одина роҳи таъмини зиндагии осударо меҷусту бас.

Ҳодисаи ба мардикорӣ ба шаҳрҳои саноатӣ рафтани мардуми кӯҳистони тоҷик ҳам маҳз аз ҳамин ҷиҳат аҳамияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ дошт. Одинаи устод Айнӣ ҳам мисли ҳазорҳо мардони деҳотӣ аз «ҷойҳои дурафтода», аз зулму асорат, аз ҷаҳолати феодалӣ халос шуда, ба «гирдоби ҳаёти ҷамъиятӣ» дохил шуд. Ӯ дар роҳи ҷустуҷӯи хушбахтӣ ба маъно ва моҳияти зиндагии воқеӣ сарфаҳм рафт. Деҳқонони хонахаробшуда «дар шаҳрҳо ба гирдоби ҳаёти ҳозираи ҷамъиятӣ кашида мешуданд ва бо ин ба ҷабру зулми зиёд нигоҳ накарда, дараҷаи фаҳмиш ва шуурнокии онҳо баландтар бардошта мешуд» [20, с. 95].

Дар повести «Одина» ташаккули образи як инсони одӣ, тоҷики камбағал ва ҷаҳонбиниаш танги кӯҳистонӣ то ба дараҷаи шахсияти рӯ ба истиқлолияти афкор инъикос ёфтааст. Дар амалисозии ин ҳадафи эҷодии муаллиф ба ӯ руҷӯъҳои лирикӣ кумаки калон расонданд. Омӯзиши повести мазкур бори аввал бо мақолаи Раҳим Ҳошим шурӯъ шуд [15, с. 37-41]. Зани эроние мақолаи мазкурро хонда, хоҳиши ба даст овардани ин китобро кард [1, с. 6]. Диққати хонандагонро мазмун, лиризми асар, ки дар руҷӯъҳои лирикӣ нағзтар ифода меёбанд, ба худ ҷалб мекард.

Дар китобу мақолаҳои муаллифони дигар асосан аҳамияти иҷтимоии асар, баёни сюжет, таҳлили забону услуб ва баъзе образҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд [17, 18, 19, 21]. Шоир Боқӣ Раҳимзода низ қувваи реализм, сеҳри ҳақиқатнигорӣ ва каломи зебои қалами устод Айниро мушоҳида кардааст: «Ҳеч кас намегӯяд ва гуфта ҳам наметавонад, ки дар тасвирҳои устод ягон нодурустӣ ё дар тасвири табиат ё дар тасвири зиндагонии одамон мавҷуд аст» [16, с. 168]. Сабаби инро дар он донистан мумкин аст, ки аз воқеияти тасвир устод Айнӣ ба ваҷд омада, худ тавассути руҷӯъҳои лирикӣ бо хонанда ба сухан даромадааст, ё бо нолаву фиғони қаҳрамонҳо сӯзи дили онҳоро шунавонидааст.

Бори аввал дар бораи порчаҳои сухани муаллиф муҳаққиқ М.Шакурӣ ҳарф ба миён гузошта, дар таҳқиқоти хеш оид ба «Ёддоштҳо» қайд карда, ки: «порчаҳои маълумоти таърихӣ ва новеллаҳои лирикиро, пеш аз ҳама, Садриддин Айнӣ дар «Одина» истифода бурдааст» [24, с. 114]. Маҳз дар ин қайди М.Шукурӣ нахустин бор дар мавриди хусусиятҳои ручӯъҳои лирикӣ дар асари бадеӣ сухан ба миён гузошта шуда, онҳо дар повести «Одина» ба ду намуд: «порчаҳои дорои маълумоти таърихӣ» ва «хусусияти ручӯи лирикӣ» дошташуда ҷудо гардидаанд. Дар зимн муҳаққиқи мазкур мавқеи муҳимми порчаҳои ба корпартоӣ ва воқеаҳои инқилобӣ бахшидашударо қайд менамояд. Зикр мекунад, ки онҳо ба «мақолаи публитсистӣ» монанданд. «Оҳанги публитсистӣ муҳимтарин василаи зоҳир кардани рӯҳи инқилобии замон аст»,- ба хулоса омадааст ӯ.

Қаҳрамонҳо ва саргузашти онҳо дар «Одина» бофтаи хаёли нависанда бошанд ҳам, хишти онҳо дар заминаи воқеаҳои таърихӣ гузошта шудаанд. Аз ин рӯ, дар хусусияти реалистӣ пайдо кардани асар нақши порчаҳои публитсистӣ хеле калон мебошад. Дар бобҳо ва порчаҳое, ки воқеаҳои инқилобӣ ё вазъи замони пеш аз он тасвир ёфтаанд, факту санад ва ҳуҷҷатҳо хеле зиёданд. Ҳуҷҷатнокӣ моҳияти таърихии асарро нишон додааст [24, с. 97-98].

Б.Нозимов дар бораи банду басти «Одина» се мақола навиштааст: якумӣ ба забони персонажҳо [11], дигаре ба ташаккули характерҳои типии повести «Одина» оид буда [12], сеюмӣ ба масъалаи мавриди назари мо то андозае алоқамандӣ дошта, ба инкишофи характерҳои повест вобаста ба композитсия бахшида шудааст [13]. Зеро ручӯъҳои лирикӣ ҷузъи композитсияи асар мебошанд.

Масъалаи мазкурро муҳаққиқ А.Кӯчаров вобаста ба истифода шудани порчаҳои шеърӣ дар «Одина» ба миён гузоштааст. Чӣ тавре ки маълум аст, порчаҳои шеърӣ, аз ҷумла, байти дар повест ҳамчун эпилог овардаи устод Айнӣ: «*Зи сар бигзашт бе ту оби чашмам, Яке аз саргузаштам бе ту ин аст*» ҳам, ручӯи лирикӣ маҳсуб меёбад, зеро аз матн ва банду басти асар ҷудо мебошад. Ин байт танҳо баъди нашри соли 1927 дар эпилог истифода шудааст ва устод Айнӣ ҷойи муаллифи онро бо се нуқта ишора кардааст. Дар мавриди истифодаи порчаҳои шеърӣ ин муҳаққиқ ба хулоса омада, ки: «Онҳо ба мазмуну ғояи асар таъсири амиқи мусбат мерасонанд» [8, с. 96-108]. Бояд гуфт, ки порчаҳои шеърӣ бо ручӯъҳои лирикии асари мазкур пайвандии маъноӣ ва ғоявӣ доранд.

А.Набиев ба аҳамияти тасвири психологӣ дахл намуда, қайд карда, ки дар повести «Одина» - и устод Айнӣ рӯҳи тарғиботии солҳои аввали инқилоб пурзӯр мебошад [10, с. 67]. Моҳияти порчаҳои таърихӣ ва вазифаҳои онҳоро Л.Н.Демидчик низ таҳлил карда, дар бораи боби «Кӯҳистони Бухоро» менависад, ки дар он Садриддин Айнӣ нақлро аз гузашта ба имрӯз овардааст [5, с. 47]. Аз иқтибосҳои истифодашуда дар ин асар бовар ҳосил хоҳем кард, ки устод Айнӣ, дар ҳақиқат, аз рӯйи ҳадафи ғоявии хеш вазъи гузаштаро бо имрӯза муқоиса бинмудааст. Дар ин маврид, ба қавли муҳаққиқи мазкур, нависанда «муҷассамаи одилу баинсоф аст, ки ҷиноятқориҳои мудҳиши амиронро як-як фош менамояд» [5, с. 52].

Аз нигоҳи сатҳии баррасии асарҳои таҳқиқотии бахшида ба повести «Одина» - и устод Айнӣ бармеояд, ки онҳо ба мавзуи масъалаҳои муҳим бахшида шуда бошанд ҳам, дар мавриди мавзуи назари мо – ручӯъҳои лирикӣ ва публитсистӣ танҳо мушоҳидаҳои умумӣ баён гардидаанд.

Ручӯъҳои публитсистӣ дар повести «Одина» аз қисми дувуми асар шурӯъ шуда, қариб ҳамаи ҳар панҷ боб: «Зовуди пахта», «Одина дар зовуд», «Корпартоӣ», «Ҳамдардон», «Феврал-марти соли 1917» - ро фаро гирифтаанд ва бо суруди инқилобии «Марши ҳуррият», ки муаллифаш худи муаллиф аст, ба охир мерасанд. Мазмуни ин бобҳо аз он иборат аст, ки нахуст хонанда бо заводи пахта, тарз ва шароити кор шинос карда мешавад; дар ин бора дар поварақ ба таври эзоҳ омадааст, Айнӣ солҳои 1915-1916 дар заводи пахтае коргар буда, таассуроти хешро дар ин боб муфассал овардааст. Сипас, аз воқеаҳои аввалини сиёсӣ дар Осиёи Миёна, чун корпартоӣ, шиорпартоӣ, муборизаи лафзӣ ва ниҳоят, мусаллаҳона нақл мешавад, ки ба инқилоби февралӣ анҷом меёбад.

Ба ҳаёти ҷамъиятӣ дохил шудани Одина, баланд гаштани шуури ҷамъиятии ӯ аз сафар ба мардикорӣ шурӯъ мешавад. Вақте ки қаҳрамони мо ба завод меояд, нависанда боби

«Зовуди пахта» - ро шурӯъ намуда, ки пурра руҷӯи лирикист ва аз номи муаллиф нақл шудааст, онро метавон руҷӯи публитсистӣ ё як мақолаи алоҳидаи публитсистӣ номид. Бо ин ҷумлаҳо шурӯъ мешавад: «Дар Андиҷон ба наздикии роҳи оҳан дар майдони фарохе як иморати бисёр бузургеро мебинед. Дару девори ин бино он қадар баланду назаррабо бошад ҳам, бо мӯриҳои сар ба фалак кашидааш, ки нафаси қиромези онҳо рӯи ҳаворо чун абри сиёҳ фурӯ мегирад, аз як фарсах роҳ диққати бинандагонро ба тарафи худ мекашад» [2, с. 37]. Махсусияти ин мақола – руҷӯи лирикӣ, аз он иборат аст, ки то андозае ба репортажҳои имрӯза монанд мебошад: «Агар шумо зовудро тамошо кардан мехоҳед, марҳамат карда аз ҳамин дари хурдакак, ки «дари партоваш» меноманд, ба дарун дароед»; «Акнун биёед, биравем ба мошинахона…» ва ғайра. Бо чунин ифодаҳо устод Айнӣ ба шинос намудани даруну беруни завод, тарзи кори он, шароити вазнини коргарон камар бастааст.

Чуноне мушоҳида мешавад, нависанда дар тасвири завод усули муроҷиат ба хонандаро истифода бурда: «Пас, фарзанди инсон бо ин ҳолати парешон чаро ин ҷо нишастааст?» [2, с. 44]. Дар муроҷиати мазкур истифода шудани факту рақамҳои аниқ воқеӣ будани қиссаро нишон медиҳад: «Агар шумо дар мавсими кори солҳои 1915-16 ба ин зовуд меомадед, дар охири сафи ин меҳнатрӯзиён як ҷавони 17-18-соларо медидед…». Дар ин ҷумла ба он ишора шуда, ки дар солҳои зикршуда, ки Айнӣ ҳам он ҷо буд, чунин ҷавонони деҳотӣ, монанди Одина дар ин завод зиёд буданд. Ҳадафи нависанда ба хонанда нишон додани тарзи кори заводи пахта, маишату истироҳати хӯҷаинҳо ва машаққати коргарон мебошад. Чӣ тавре ки худи нависанда дар «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам» ишора кардааст, бобҳои «Зовуди пахта», «Одина дар зовуд», "Ҳамдардон» дар натиҷаи таассуроти ҳақиқии худи ӯ ба вуҷуд омадаанд [3, с. 67]. Дар ин се боб устод Айнӣ бевосита ба хонанда муроҷиат кардааст. Яке аз талаботи публитсистика низ ҳамин аст: муроҷиат ба хонанда дар масъалаи ҳалли ягон мушкил ё баёни мушкилоти мавҷуда. Ин гуна руҷӯъҳо таъсири эмотсионалии муроҷиати публистсистиро зиёд мегардонанд: «Ман ба шумо маслиҳат медиҳам, ки аз дидани ин манзара сарсарӣ нагузаред!» [2, с. 38]. Нависанда дар саҳифаҳои зиёд бо хонанда саволу ҷавоб мекунад; аз ӯ дахолати фаъолонаро талаб менамояд: «Акнун мулоҳиза намоед: монанди шумо як фарзанди одам, дар даруни ин хонае, ки шумо як дақиқа тоби истодан надоред, чӣ гуна рӯзе дувоздаҳ соат истода кор мекунад?!..?» [2, с. 39]. Забон ва сабки баёни порча аз он далолат мекунад, ки нидо ва дигар намудҳои руҷӯъҳои лирикӣ бо ҳамдигар алоқаманданд, зеро дар асл, ҳамаи намудҳои руҷӯъҳои лирикӣ ифодаи ҳаяҷони муаллиф ва қаҳрамонҳо мебошанд.

Дар повести «Одина» ҳаёти маънавӣ пайванд бо ҳаёти ҷамъиятӣ тасвир ёфтааст. Ҳаёти ҷамъиятӣ дар он солҳо хеле пурошӯб ва муташанниҷ буд. Дар тасвири ин воқеаҳои пуршӯру шар ва ҳодисаҳои муҳимми таърихӣ Айнӣ аз руҷӯи лирикӣ фаровон истифода кардааст, ҳар чор фасли боби дувум руҷӯи лирикии публистсистӣ мебошанд. Ин бобҳо аз як тараф, бо рафти сюжети асар гӯё алоқаманд нестанд, аммо аз тарафи дигар, барои дарки маъною ҳадафи асар кумак мерасонанд: «Соли 1915 ҳосилоти пахта аз ҳад зиёд шуда буд. Бо вуҷуди ин саноати бофандагии Русия ба муносибати ҷанги умумӣ аз хориҷ пахта дароварда наметавонист ва инчунин, пахта ғайр аз бофандагӣ ба асбоби ҷанг ҳам сарф мешуд, бозори пахта аз одат берун гарм шуда рафт» [2, с. 47]. Тавассути ин руҷӯи лирикии публитсистӣ ва таърихӣ нависанда хоста, ки хонандаро барои дарки воқеаҳои баъдинаи асар омода созад. Дар ин мақола шароит ва воқеияти таърихӣ тасвир ёфтааст. Дар ҳақиқат, аз хабару мақолаҳои «Бухорои шариф» дарёфтан мумкин аст, ки ҳанӯз дар ҳамон солҳо (1912) ҳукумати Русия талаботи хариди пахтаро аз заминҳои Осиёи Миёна зиёд карда, воридсозии онро аз Аврупо ва Амрико бо сабаби гаронии нарх зарур намедонист. Аз ин бармеояд, ки факту рақамҳое, ки дар ин руҷӯи публитсистӣ омадаанд, ба воқеияти ҳамон солҳо мувофиқат мекунанд.

С.Айнӣ дар боби сеюми ин қисм «Ҳамдардон» тавассути руҷӯъ ташаккули шуури мардумро нишон медиҳад: «Аммо дар солҳои охирӣ аҳвол дигаргун шудан гирифт: нахустин коргарони европагӣ, ки ба ҷамъиятҳои махфии револютсионӣ аъзо буданд, ба ташвиқот сар карданд, бо шиори «Пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо як шавед!» ҳамаи мардикоронро ба

бародарӣ чеғ заданд» [2, с. 53]. Дар ин порча ҳам яке аз хусусиятҳои дигари намуди нидо – муроҷиат ва шиор ба назар мерасад, ки аз тавъам будани тамоми намудҳои руҷӯи лирикӣ дарак медиҳад. Порчаҳои публитсистӣ барои ифодаи мақсади рӯзмарраи нависанда имконияти васеъ доранд. Таъсирбахшии онҳоро ҳаяҷону самимият ва шиору нидову муроҷиатҳо баланд мебардоранд. Дар чунин порчаҳо устод Айнӣ ба рӯҳияи ҷамъиятӣ ва сиёсии хонанда таъсир расонданӣ мешавад. Ин хусусият дар боби чоруми ин қисм – «Феврал-марти соли 1917» барҷаста аён мегардад. Нависанда доир ба ҳодисаҳои муҳимми он давра бо сухани оташини публитсистӣ баромад карда, мегӯяд: «Аз аввалҳои моҳи феврали соли 1917 сар карда, нолиданҳо аз ҳукумати подшоҳӣ, аз таҳҳонаҳо, аз хонаҳои зеризаминӣ ба майдонҳои кушода баромадан гирифт… Дар мамлакат нон нест, пӯшокӣ нест, дору ва даво нест; дар сафи ҷанг тир нест, милтиқ нест, тӯп нест, касалхона нест. Хоҳ дар сафи ҷанг бошад, хоҳ паси ҷанг, танҳо як чиз ҳаст: марг! Мурдан! Аз гуруснагӣ, аз барҳнагӣ, аз бепарастории мурдан!.. Дар ҳар куҷо ва ба ҳар ҳол мурдан, мурдан, мурдан буду бас» [2, с. 58-59]. Ҳар ду порчаи иқтибосшуда аз баланд шудани мафкураи сиёсии нависанда дарак медиҳанд, ин маънои онро дорад, ки устод Айнӣ дар мавриди муборизаи сиёсӣ ба хулосаи муайян омадааст: инқилоб!

Аён аст, ки устод Садриддин Айнӣ сиёсатмадори касбӣ ё узви ягон ҳизб набуд. Аммо дар ин порча ҳамчун донандаи вазъи ҷомеа ва сиёсатмадори матин баромад кардааст. Қисмати дувуми ин порчаи публитсистӣ аз шоирии устод дарак медиҳад, ки дар он аз санъати такрори малеҳ босамар истифода шудааст. Хусусияти назаррас ва аҳамияти бузург ва таъсирбахшии руҷӯъҳои лирикӣ, аз ҷумла, публитсистӣ ва таърихӣ дар ҳамин аст. Ин ҷо устод Айнӣ чун публитсисти оташинсухан баромад кардааст. «Мулоҳизаҳои ҳаяҷономези публитсистӣ… – қайд кардааст М.Шакурӣ, – барои амиқтар намудор кардани моҳияти рӯйдодҳо ёрмандӣ мекунанд» [25, с. 135]. Хуллас, рӯҳи ватандӯстию шаҳрвандӣ дар аксар руҷӯи публитсистии «Одина», пеш аз ҳама, дар мисоли боло ба дараҷаи олӣ расидааст.

Чунин руҷӯъҳои лирикии дорои аҳамияти публитсистӣ, мутаассифона, дар адабиёти имрӯзаи тоҷик кам дида мешавад. Аммо намунааш дар адабиёти рус мавҷуд аст: «Дар сарҳадҳо дар он сол долу зарби пурфалокати дигаре сурат гирифта буд: аҷал коркунонро чангол зада мебурд ва казакзанҳои сарлуч ба мурдаҳояшон видоъкунон овоз меандохтанд: «Вой, ҷону ҷигарам!.. Маро ба кӣ партофта рафтӣ?!.. Боди шарқӣ гиряву навҳаи занон ва модаронашонро ба гӯши онҳо намерасонд» [23, с. 408]. Ҳам руҷӯи лирикии публитсистии устод Айнӣ ва ҳам ин порчаи публитсистии М.Шолохов бо услуби хуби публитсистӣ офарида шудаанд.

Дар повести «Одина» аз қисми дувум сар карда, ҷанбаи субъективизм ва публитсистика вобаста ба шароити таърихӣ торафт пурқувват мегардад. Аз ин рӯ, мулоҳизаҳои муҳаққиқон В. Панкина ва И.Брагинский дар мавриди он ки образи Одина ташаккул наёфтааст ва асар бештар ҷанбаи тасвирӣ дорад, ба ҳақиқат рост намеояд. Устод Айнӣ ба публитсистика ва тасвири ҳаёти ҷамъиятӣ чунон зиёд рӯ оварда, ки бобҳои яклухтро ба мулоҳизаҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ бахшидааст. Ӯ акнун дар тасвири воқеаҳо тамошобин набуда, ба ҳодисаҳо баҳо медиҳад ва хонандаро аз пайи хулосаҳои худ мебарад. Дар порчаи зер бошад, ҳатто, ҳукми қатъӣ бароварда, ки намунааш дар адабиёти бадеӣ кам вомехӯрад: «4 марти соли 1917 (ба ҳисоби куҳна буд) чархҳои завод бо губчак-гарданаҳои хӯрдашуда, бо дандонаҳои судашуда ва бо тасмаҳои фасурдаи худ монанди идораҳои ҳукумати подшоҳӣ базӯр мегаштанд». [2, с. 59]. Нависанда бо суханҳои тавсифӣ чархҳои куҳнаи заводро ба ҳукумати фасурдае монанд карда, ки боқӣ монданаш имкон надорад. Сипас, бар асари ҳодисаи нохуш ҷасадҳои порашударо ба майдон бароварда, митинг сар кардани коргарон тасвир ёфтааст. Аз пайи ин руҷӯи лирикии дигар омадааст: «Дар ҳақиқат ҳам, хабари бекор шудани подшоҳ, ки сабаби кушода шудани дари саодат ба рӯи коргарон аст, шоёни табрик буд, ки ин хабар митинги нафрату норозигиро ба намоиши шодӣ бадал карда, маҷлиси мотамро маҳфили тӯй ва суруд гардонид» [2, с. 61]. Руҷӯҳои лирикии зикршуда дар натиҷаи аз воқеаҳо ба ҳаяҷон омадани нависанда ба миён омадаанд ва вазъи рӯҳии ӯ ва қаҳрамонҳоро ифода кардаанд. Дар онҳо оҳанги публитсистии асар («4 марти соли 1917», «идораҳои ҳукумати подшоҳӣ», «митинг»,

«маҷлис») ба шеърият ва бадеият («гарданаҳои хӯрдашуда, бо дандонаҳои судашуда», «дари саодат», «намоиши шодӣ», «маҳфили тӯй ва суруд» омехта гаштааст.

Устод Айнӣ ҳодисаи муҳим – инқилоби февралиро дар охири боб оварда, суруди «Марши ҳуррият» - ро барои баёни эҳсосоти худ ва ранҷбарон ба он илова кардааст. Ин порчаи шеърӣ ҳам сухани муаллиф буда, вазифаи руҷӯи лирикиро иҷро мекунад, ки бо шиору хитобаҳо ва даъват саршор мебошад.

Дар қисми сеюми асар хонанда ба сюжети асар – идомаи саргузашти Одина, ворид мегардад. Аммо дар ин қисм ҳам руҷӯъҳои публитсистӣ ягон-ягон вомехӯранд. Тасвири воқеаи Инқилоби октябр дар қисми чоруми асар дар дохили суҳбати шарикони пешқадами Одина омадааст. Дар ин қисмат руҷӯъҳои публитсистӣ ва таърихӣ бештар ба чашм мерасанд. Онҳо, асосан, аз забони муаллиф омадаанд, зеро баррасии масъалаҳои мазкур қувваи донишу ҷаҳонбинии бештарро мехоҳад: «Роҳбар ва доҳии ягонаи коргарон рафиқ Ленин бо дониш ва таҷрибаҳои худ ин воқеаҳоро пеш аз вуқуъаш медонист, бинобар ин, ӯ Револютсияи февралро на мақсади охирӣ, балки дарвозаи револютсияи бузурги иҷтимоӣ дониста, ба револютсияи дувум ҳозирӣ медид» [2, с. 117]. Ҳақиқат ва мазмуни аслии чунин як воқеаи таърихиро танҳо муаллиф метавонист баён кунад, зеро коргарону деҳқонони ҳамсуҳбати Одина ҳоло на ба ҳамаи воқеоти рӯйдода баҳо дода метавонистанд. Аз забони онҳо фақат мулоҳиза ва шиорҳои содае ба монанди: «Молодетс, зинда бош, Ленин!» – садо додааст.

Қисми «Соли 1918» руҷӯи таърихӣ ва публитсистӣ мебошад. Чунин сарлавҳа гузоштанро муҳаққиқ Е.Журбина аз намунаи баёни афкори муаллиф шуморида, зикр бинмуда, ки: «муаллиф, ҳатто, дар сарлавҳа мақсади худро баён кардааст» [7, с. 132]. Он чунин шурӯъ шуда: «Соли 1918 барои меҳнаткашони Туркистон бисёр бад омад. Соли 1917 дар Осиёи Миёна бебориш ва хушксолӣ шуда, қаҳтӣ рӯй дода буд… Дар зимистони он сол мамлакат ранги як биёбони беобу алаферо гирифт». [2, с. 126]. Бо санаву макону замони муайян омадани руҷӯъҳои публитсистӣ аҳамияти илмӣ ва таърихии онҳоро баланд мебардорад. Намунаи чунин руҷӯъҳои таърихиро дар повести Н. Думбадзе «Кукарача» метавон дид: «Ин ҳодиса 21 июни соли 1941 рӯй дод. Ва рӯзи дигараш аллакай фаромӯш гашт. 22 июн тамоми халқ аз хабари мудҳиш ҳайрон монд – ба мамлакати мо Германияи фашистӣ ҳамла кард» [6, с. 79]. Дар ин порчаҳо овардани санаи аниқи таърихӣ бесабаб нест. Онҳо нахуст ҳадафи иншои асарро то андозае ифшо созанд, дувум, дар он воқеаи муҳимми ҳаёти шахсии нависанда ёдовар шудааст.

Боби баъдинаи «Кӯҳистони Бухоро» чунин вазъиятро дар шакли публитсистию таърихӣ дар қисмати имрӯзаи Тоҷикистони шарқӣ ифода кардааст. Ин як навъ гардиши таърихии муаллиф ба гузашта мебошад. Нависанда вазъияти кӯҳистони Бухороро баъд аз воқеаҳои инқилобии Русия ва Туркистон нақл карда, қайд намуда, ки новобаста ба зӯрию режими сахти амир фақирони Бухоро ба мубориза бархостанд. Онҳо бисёр даҳшатҳои дар замони сулолаи манғитӣ ба сарашон омадаро дар ёд доранд. Устод дар ин руҷӯи таърихӣ таърихи ин даҳшатҳоро ёдовар шудааст: «Кӯҳистони Бухоро, ки ба дасти амирон афтидан боз рӯйи беҳбудиро надидааст, дар соли 1918 бисёртар ба тангӣ афтода буд» [2, с. 130]. Аҳамияти боби мазкурро Л.Н.Демидчик низ зикр карда: «дар он муаллиф «сабабҳои пӯсидани сохти феодалиро нишон додааст» [5, с. 47]. Вазифаи ин руҷӯи публитсистӣ ба хонандагон нишон додани ҳақиқати сохти амирӣ мебошад. Дар чунин руҷӯъҳо «образи типии амирон» [5, с. 47], «коргарон ва деҳқонони ҷомеа» [14, с. 105] ва ғайраро мушоҳида кардан мумкин аст. Яъне, руҷӯъҳои лирикӣ дар офаридани образҳо, характеру хислатҳои типии одамон воситаи муҳимми тасвир мебошанд.

Устод Айнӣ дар бобҳои баъдина низ услуби публитсистиро идома дода, дар онҳо азобу машаққатҳои халқи тоҷикро баъди инқилоб ҳам нишон додааст; қайд мекунад, ки танҳо баъди тақсимоти миллии соли 1924 халқ то андозае қомати худро рост кард; ҳоло Одина, Гулбибӣ, Шариф, Шоҳмирзо ва Бибиоишаҳои дигар дар ҷамъияти нав зиндагӣ доранд.

Руҷӯъҳои публитсистию таърихӣ аҳамияти таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ғоявӣ ва бадеӣ доранд. Нахуст, онҳо дорои факту далелҳои таърихӣ, солу моҳи аниқ чун «инқилоби феврал», инқилоби октябр», «соли 1918» ва ғайра мебошанд, аз ин рӯ, ҷанбаи таърихӣ ва

иҷтимоиашон баланд аст, Илова ба ин, руҷӯъҳои лирикии публитсистӣ аз эҳсосу ҳаяҷон, самимият, оҳанги бадеият орӣ нестанд.

Ба ин монанд боби охирини «Одина» – «Хотима» низ мақсаду мароми нависандаро аз эҷоди асари мазкур ифода кардааст ва дорои чандин руҷӯи таърихии муҳим мебошад. Ҷумлаҳои «Оқибат тақсими ҳудуди миллӣ, ки дар соли 1925 дар Осиёи Миёна ба амал омад, субҳи содиқи саодат ва озодиро аз уфуқи кӯҳистони тоҷик ҳам намоён кунонд»; «Имрӯз Тоҷикистони Шӯроӣ гул кард, фардо ба олами Шарқ меваҳои ширин хоҳад дод»… [2, с. 190] руҷӯи публитсистианд, ки бевосита аз забони муаллиф нақл шудаанд ва дар онҳо ифодаю калимаҳои бо обу ранг чун «субҳи содиқ», «уфуқ», «гул кардан», «меваҳои ширин» мавҷуданд, ки бадеият ва таъсирбахшии чунин намуди руҷӯъҳоро баланд бардоштаанд.

Дар солҳои пурталотуми 20-30-юми асри бист талабот чунин буд, ки эҷодкорон пешсафи ҷомеа бошанд ва мардумро ба роҳи рост ва дуруст ҳидоят намоянд. Нависандагон бо эҷоди хеш стратегия ва тактикаи ҳизб ва давлати навини шуравиро бояд ифода мекарданд, ғояҳои ҳизби коммунистро тарғиб менамуданд. Руҷӯъҳои публитсистии устод Айнӣ низ дар повести «Одина» аз чунин рангубори сиёсӣ ва иҷтимоӣ орӣ нестанд. Аз ин рӯ, хусусияти тарғиботӣ ва ташвиқотии асарҳои насрии устод Айнӣ дар он солҳо ғайр аз объективият аз субъективизм низ саршор мебошад. Чунин ҷанбаи субъективизм бештар дар руҷӯъҳои лирикии публитсистӣ ба чашм мерасанд. Аз онҳо хайрхоҳии нависанда ба халқи меҳнаткаш, бадбиниаш ба сармоядорон, муллоҳо ва ҳокимони даврони пешин ба назар мерасад. Чунончӣ, мақсади боби «Зовуди пахта» муқоисаи синфҳои ба ҳам зид – сармоядорӣ ва коргарон, мебошад. Дар он нисбат ба мардикорон ва коргарони одӣ ифодаҳои «коргарони моҳир», «рангҳои парида», «чашмони дарунрафта», «биниҳои теғкашида», «дастҳо қубла зада», «кафида ва хуншоршуда», «пойҳо обила карда ва ҷароҳат пайдо карда ва либосҳо дарида», «сиёҳбахтон» ба кор рафта, ҷойи кору истироҳати соҳибони корхона ба таври «зебо ва батартиб ороёфта» тасвир шудаанд. Дар бисёр руҷӯъҳои публитсистию таърихии «Одина» (аз ҷумла, дар боби «Кӯҳистони Бухоро», «Зовуди пахта» ва ғайра) нафрату лаънат ба корфармоён ба гӯш мерасад. Аз ин рӯ, дар руҷӯъҳои публитсистию таърихӣ «бадбинии нависандаро ба симои сохти куҳнаи тасвиркардааш пай бурдан мумкин аст» [4, с. 87]. Чунончӣ, дар боби «Феврал-марти соли 1917» дар тасвири вазъи кунунии ҷомеа ва корхонаҳои саноатӣ ифодаҳои «хиёнатҳои аҳли дарбор, гурусначашмӣ ва ҳаннотии аҳли бозор.., ба ҷони одамон савдогарӣ кардани идораҳои ҳарбӣ», «бозиҳои мурдоркорона», «гарданаҳои хӯрдашуда, бо дандонаҳои судашуда бо тасмаҳои фарсудаи худ монанди идораҳои ҳукумати подшоҳӣ», «монархисти сиёҳдил» ба кор бурда шудаанд, ки назари манфии нависандаро ба давлати пешин ва синфи ҳоким ифода кардааст.

Ҳаёти ҷомеа ҳамеша дар инкишоф ва тағйирёбист. Тараққиёту дигаргуниҳои замон ба қаҳрамонони повести мазкур таъсири амиқ расонданд, ҳаёти онҳо ранги дигар гирифт. Азбаски фаҳмиш ва ҷаҳонбинии синфи ранҷбар пеш нарафта буд, онҳо наметавонистанд чун дар Русия тарафдори инқилоб бошанд ва дар ин роҳ хизмате кунанд. Барои аз доираи танги худ баромадан ба онҳо ҳодисаҳои ҷамъиятӣ мусоидат менамуданд. Аммо ин кор алҳол амалӣ нагашта буд ва инқилоб то андозае ба шакли тайёр аз шаҳрҳои марказии Русия ба Осиёи Миёна интиқол дода шуд. Бо вуҷуди ин, зисту зиндагии тоқатфарсо дар ҳавлии Арбоб Камол, воқеаҳои таърихии мардикоргирии амир, корпартоии коргарони завод, инқилобҳои февралӣ ва октябрӣ имконият доданд, ки Одина то андозае ба ҷараёни ҳодисаҳои ҷамъият шиносо гардад ва чашмаш кушода шавад, бидонад, ки ин арбобкамолҳо на танҳо дар деҳаи дурдасти онҳо, балки дар шаҳрҳои калони мамлакат ҳам ҳастанд ва бояд бо онҳо мубориза бурд.

Дар руҷӯъҳо баробари воқеаҳои муҳимми сиёсӣ ва иҷтимоии замон талаботи иқтисодии мамлакат, вазъи саноат ва ғайра низ инъикос ёфтаанд. Чунончӣ, маълум мегардад, ки ба муносибати Ҷанги Якуми Ҷаҳон соли 1915 Русия ба пахта эҳтиёҷи бештар пайдо кард ва ин боиси зиёд кардани кишти пахта дар Осиёи Миёна ва сохтмони заводҳои нав гардид. Воқеаи мазкур яке аз сабабҳои рӯй додани корпартоӣ гардида, ки дар боби ҳамном ба тарзи руҷӯи публитсистӣ пешниҳод шудааст. Ҳамин тавр, руҷӯъҳои лирикии публитсистӣ дар асарҳои

насрӣ мақоми бузург доранд: «Онҳо барои баҳо додан ба ҳодисаҳо, муайян кардани вақт, ҷой, характери ҳодисаҳо ва умуман, барои ба замон пайвастани ҳодисаҳо заруранд». Нависанда воқеаҳои таърихиро пайдарпай ва дурусту айнан нақл мекунад. Аз ин рӯ, фикри муҳаққиқон дуруст аст, ки: «Порчаҳои таърихӣ-хронологӣ барои нишон додани ҳолати конкретии таърихӣ зарур буданд». Принсипи таърихияти асари бадеӣ дар повести «Одина» бо руҷӯъҳои публитсистию таърихии он риоя шудааст.

Маҳз бо назардошти чунин хизматҳои бузурги устод Айнӣ дар худшиносии миллӣ ва инъикоси масъалаҳои муҳимми таърихӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии халқу давлат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дуруст таъкид кардаанд, ки мавсуф: “тимсоли зиёии пешқадаме мебошад, ки тамоми умр ва фаъолияти серҷабҳаашро сарфи хизмат ба миллати хеш кардааст” [26, с. 285]. Дар руҷӯъҳои публитсистӣ ва таърихии повести “Одина” чунин як хизмати босазои устод Айнӣ равшан мушоҳида мешавад.

Муқарриз: Абдураҳимов Б., н.и.ф., дотсенти ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

АДАБИЁТ:

1. Аз Теҳрон. Аз як духтари эронӣ. / Аз Теҳрон // Раҳбари дониш. -1928. – Август-сентябр. - №8-9 (11-12).
2. Айнӣ С. Одина / Садриддин Айнӣ. - Душанбе: Адиб, 2014, - 192 с.
3. Айнӣ, С. Одина. / Садриддин Айнӣ. Куллиёт, ҷ.1. - Сталинобод: Нашр. давл. Тоҷикистон, 1958. – 456 с.
4. Брагинский И. Проблемы творчества Садриддина Айни / И.Брагинский. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 135 с.
5. Демидчик Л. Таърихи адабиёти советии тоҷик /Л.Демидчик. Ҷилби 3. – Душанбе: Дониш, 1978. – 365 с.
6. Думбадзе Н. Кукарача / Н.Думбадзе. - Тарҷ. А.Самад. – Душанбе: Адиб, 2004. – 213 с.
7. Журбина Е. Повест с двумя сюжетами /Е.Журбина. – Москва: Советский писатель, 1974. – 321 с.
8. Кӯчаров А. Порчаҳои шеърии повести «Одина» ва истифодаи он дар нашрҳои минбаъда // Чанд мулоҳизаи адабӣ. Маҷмуаи илмӣ, ҷ.92. – Душанбе: ИДПТ, 1974. – 298 с.
9. Кӯчаров А. Нашрҳои «Одина» / А.Кӯчаров // Тоҷикистони Советӣ. – 1978. - 29 март. - №24.
10. Набиев А. Анъанаҳои тасвири психологӣ дар эҷодиёти устод Айнӣ ва насри муосири тоҷик / Ахбороти АИ Тоҷикистон. – 1978, №2/92.
11. Нозимов Б. Оид ба забони персонажҳои «Одина» -и С.Айнӣ // Масъалаҳои забони тоҷикӣ. Маҷмуи мақолаҳо. – Душанбе: 1967. – 120 с.
12. Нозимов Б. Оид ба ташаккули характерҳои типӣ дар повести «Одина» // Маҷмуи филологӣ. – Душанбе: 1971. – 120 с.
13. Нозимов Б. Композитсия ҳамчун равиши мантиқии такомули характер дар повести «Одина» -и С.Айнӣ. // Материалы IV республиканских конференций молодых учённых Тадж. ССР. – Душанбе: 1973. 258 с.
14. Панкин В. Аввалин повести советии тоҷик / В.Панкин // Шарқи Сурх. – 1957, №7.
15. Р.М. Якумин қиссаи инқилобии тоҷик «Одина» -и асари Садриддин Айнӣ / Р.М. // Раҳбари дониш. – 1928, - №6 (9).
16. Раҳимзода Б. Саъдии замон // Ҷашнномаи Айнӣ, ҷ.3. – Душанбе: Дониш, 1966. – 264 с.
17. Раҳим Ҳошим. Ҳамсоли республика / Р.Ҳошим // Садои Шарқ. – 1974. - №10.
18. Сайфуллоев А. Мактаби Айнӣ /А.Сайфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 236 с.
19. Салимов Ю. Повести «Одина» ва насри ривоятии тоҷик / Ю.Салимов // Садои Шарқ. - 1977, - №2.
20. Табаров С. Тасвири ҳаёти иҷтимоии халқи меҳнатӣ дар солҳои аввали асри XX дар адабиёти тоҷик / С.Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1956. – 178 с.
21. Ҳусейзода Х. Забон ва услуби «Одина» -и устод Айнӣ / Х.Ҳусейнзода. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 212 с.
22. Шаталов Е. Время-метод-характер. / Е. Шаталов. - Москва: Просвещение, 1976. – 236 с.

23. Шолохов М. Дони ором / М.Шолохов. ҷ. 1. – Душанбе: Адиб, 1958. – 408 с.
24. Шукуров М. Хусусияти ғоявию бадеии «Ёддоштҳо» -и устод Айнӣ / М.Шукуров. – Душанбе: Дониш, 1966. – 187 с.
25. Шукуров М. Садоқат ба идеалҳои олии замон / М.Шукуров // - Садои Шарқ. – 1980, - №7.
26. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор / Эмомалӣ Раҳмон. –Душанбе: ЭР-граф, 2015. – 336 с.

РУҶУЪҲОИ ЛИРИКИЮ ПУБЛИТСИСТӢ ДАР ПОВЕСТИ «ОДИНА»-И САДРИДДИН АЙНӢ

Повести устод Садриддин Айнӣ “Одина” яке аз асарҳои муҳимми бадеӣ мебошад, ки дар он принсип ва услуби тасвири бадеии мавсуф ба вуҷуд омада, минбаъд ташаккул ёфтааст. Аз ин рӯ, дар бораи ин асар таҳқиқоти зиёд анҷом дода шудаанд. Аммо дар бораи яке аз хусусиятҳои хос ва фарқкунандаи он – истифодаи руҷӯъҳои лирикии шакли публитсистӣ ва таърихӣ пажуҳиши пурра анҷом наёфтааст. Бинобар ин, дар мақолаи фавқ ҷой, мақом ва вазифаҳои руҷӯъҳо, ки дар “Одина” мақоми вижа доранд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муҳаққиқ кӯшида, ки дар заминаи маводи зиёди гирдовардааш нахуст бевосита пиромуни повести “Одина”, омилҳои таълифи он, назари мунаққидон ба повест, таҳрирҳо дар нашрҳои минбаъда таҳқиқ анҷом дода, сипас, аҳамият, моҳият ва вазифаҳои руҷӯъҳои публитсистию таърихӣ дар асари мазкурро мавриди пажуҳиши густурда қарор диҳад. Мақолаи мазкур дорои арзиши баланди бадеӣ дар адабиётшиносии тоҷик мебошад.

Калидвожаҳо*: руҷӯи лирикии публитсистӣ, таърихӣ, мақсаду ғояи асар, факту рақам, субъективизм, тарғибот, бадеият, повест, асари адабӣ*

ЛИРИКО-ПУБЛИЦИСТИЧЕСКИЕ ОТСТУПЛЕНИЯ В ПОВЕСТИ САДРИДДИНА АЙНИ "ОДИНА"

Повесть Садриддина Айни “Одина” является одним из важнейших художественных произведений, в котором зародились и в дальнейшем сформировались принципы и вышеупомянутый стиль художественного образа. Поэтому было проведено много исследований по данному произведению. Однако одна из его отличительных черт — использование публицистических и историко-лирических методов до конца не исследована. В связи с этим, в данной статье рассматривается место, статус и функции отступлений, имеющих особый статус в “Одине”. Исследователь, на основе собранного им большого количества материала, сначала непосредственно исследует содержание повести “Одина”, факторы ее написанния, взгляды критиков на повесть, редакции в последующих изданиях, а затем, в дальнейшем, широко исследует значение, суть и задачи публицистических и исторических отступлений в данном произведении. Данная статья имеет высокую художественную ценность в таджикском литературоведении.

Ключевые слова: *лирико-публицистические отступления, исторический, цель и идея произведения, факты и цифры, субъективизм, пропаганда, художественность, повесть, литературное произведение.*

LYRICO-PUBLICIST DIRECTIONS IN THE STORY “ODINA” BY SADRIDDINA AINI

The story of Sadriddin Aini “Odina” is one of the most important works of art, in which the principles and style of artistic description were born and subsequently formed. Therefore, a lot of research has been done on this work. But one of its characteristic and distinctive features - the use of lyrical directions, publicistic and historical forms - has not been fully studied. Therefore, the article examines the place, status and tasks of areas that have a special status in “Odina”. The researcher tried on the basis of the numerous materials he collected, to first directly examine the story “Odina”, the factors of its composition, the views of critics on the story, edits in subsequent editions, and then the meaning, character and objectives. The publicistic and historical references in

this work have been subject to extensive research. This article has high artistic value in Tajik literature.

Keywords: *lyrical publicist directions, historical, purpose and idea of production, fact and number, subjectivism, propaganda, mockery, novel, literary production*

Маълумот дар бораи муаллиф: Пиров Мунаввар Мираҳмадович *– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, докторант (PhD)-и кафедраи назария ва таърихи адабиёт. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+992) 902 66 3202. E-mail: munavar.98@mail.ru*

Сведения об авторе: Пиров Мунаввар Мирахмадович *- Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, докторант (PhD) кафедры теории и истории литературы. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.: (+992) 902 66 3202. E-mail: munavar.98@mail.ru*

Information about the author: Pirov Munavar Mirahmadovich *- Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, PhD student at the Department of Theory and History of Literature. Address: 17/6 Muhammadiev str., Dushanbe, 734019, Republic of Tajikistan, tel.: (+992) 902 66 3202. E-mail: munavar.98@mail.ru*

УДК: 894.361

РОЛЬ ЖАНРА ГОШУКОТВОРЧЕСТВА В ПОЭЗИИ ОСНОВОПОЛОЖНИКА ТУРКМЕНСКОЙ КЛАССИЧЕСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ МАХТУМКУЛИ ФРАГИ

Раджабова К.Х.

Таджикский междунароный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде

Стихи Махтумкули любимы народом, передаются от поколения к поколению музыкантами и сказителями. Нередко поэт рвёт установившуюся традицию и создаёт собственные образы, почерпнутые из круга жизненных наблюдений человека того времени. Его стихотворения приближены к народной речи, построены в народной силлабической системе. В результате поэзия Махтумкули очень близка народу, значительная часть его строк получила вторую жизнь в качестве как пословиц и поговорок.

Исследование вопросов поэтики и эволюции жанров всегда выступает в качестве одной из актуальных неотложных задач литературоведения. Основная часть творчества поэта Махтумкули относится к жанру гошука.

Благодаря гошукотворчеству: «поэт стал основателем нового этапа в развитии туркменской литературы. Он создал свою школу гошука. Его творчество, основанное на разработке лирического жанра, стало средоточием туркменской литературы XVIII века. Уже в древние времена гошук выработал оригинальную форму, в которой строфы рифмовались в виде А - Б - А - Б, В - В - В - Б, Г - Г - Г - В... По форме у него имеется сходство с мурабба, сформировавшейся в XII -XIV веках в арабско-персидской поэзии. И это явление послужило причиной появления и бытования неверного представления о том, что гошук возник на основе мурабба» [1, с. 5].

Е.Э. Бертельс сопоставил мастерство Махтумкули с волшебной чашей легендарного Джемшида: «если затронуть её края, она станет изображать всё, что случается в мире» [6, с. 54].

В.А. Гордлевский, изучая данный вопрос, отметил: «Носящяя форму гошуков суфийская поэзия Ходжи Ахмеда позднее оказала большое влияние на литературную жизнь малоазиатских огузско-туркменских племён» [6, с.17].

В строении гошука появились такие новые формы, как «джигалы бент» – джигалы – султан, украшение - бент, украшение достойно султана; «гошаяпрак» – гоша два, япрак – листок, два одинаковых листа, двухпарные лепестки; «зынджирлама»– зынджир – цепь, не привязывай цепью; «баглама» - не завязывай; «додакдегмез» - додак – губы, дегмез – «не дотрагиваться», «не дотрагиваться до губ», «не прикасаться к губам»

Исследования Ахмета Бекмурадова свидетельствует: «Махтумкули принял на вооружение все эти находки ашыкской поэзии в плане формы. Как показывают исследования учёного», в творчестве поэта сосредоточились все специфические особенности ашыкской поэзии» [1, с. 8]. До Махтумкули туркменская литература развивалась двумя течениями: «первое из них, продолжая традиции тюркской литературы Средней Азии, опиралось в плане лирики, в основном, на создание любовных газелей, а в аспекте эпики - на написание поэм суфийско-дидактического содержания или на военно-героические сюжеты, ставшие ранее традиционными в средневековой литературе и фольклоре. Наиболее видным представителем этого направления был отец поэта - Довлетмамед Азади. **Второе направление характеризовалось** традицией создания дастанов на основе получивших ранее распространение так называемых «бродячих сюжетов» из Корана и арабско-персидской литературы. Во главе этого направления стоял Нурмухаммед Андалеб. В поэмах-дестанах Азади и Андалеба поднят ряд важных идей, связанных с туркменской жизнью» [1, с. 8].

Известный туркменский учёный, Ахмет Бекмурадов изучая поэтику произведений Махтумкули, определил следующие жанры: Ещё начиная с эпохи Ходжи Ахмеда, гошуки дидактического характера, которые содержали наставления и поучения, получили название «тюрки». Навои в своё время писал, что поэтов, создававших стихотворения такого рода, называли «тюркигоп» (тюркигоп – турки гап; туркигей - туркигуй), что они

«воспитывали народ».По мнению автора «особенность тюрки как жанровой формы - призывная интонация в самом его духе. В тюрки лирический герой поэта не участвует в лирическом сюжете. Он выступает как человек рассказывающий, оценивающий, поучающий. Тюрки до Махтумкули, созданные на принципах романтического изложения, были проникнуты, в основном, идеями призыва к духовному совершенству» [1, с. 8].

Например, в стихотворении «Пощади!», ставшем неотъемлемой частью фольклора читаем:

Не мучай друга словом безотрадным,
Голодного за стол свой посади,
Будь строг и сух с завистливым и жадным,
Любовь к труду храни в своей груди.
Приветлив будь с бездомным сиротою,
Прими его, согрей, снабди едою;
Будь с грустным добр и раздели душою
Его беду, в его дела войди.
Приказ джигиту не даётся дважды;
Удачлив тот, кто знает меру жажды;
Дела благие должен делать каждый:
Будь щедрым, бек, и право, шах, суди!
Нужда сама людей не убивает,
Зато она улыбку с губ стирает;
Хитрит собака с волком и играет,
И ты с врагом хитро себя веди.
Махтумкули дан речи дар медвяной,
Ее цветы цветут благоуханно…
И Гёр-оглы ведь умолял Рейхана!
Просящего пощади — пощади!
(«Пощади!», пер.Г. Шенгели) [5, с. 88].

А. Бекмурадов указывает:«Основным лирическим зачином в гошуках Махтумкули является обращение. Если в двухтомнике его стихотворений всего насчитывается 433 гошука, то 208 из них – обращения. Лирические зачины поэта этого типа, в свою очередь, можно подразделить на три группы: обращение к аудитории; обращение к объекту; обращение к самому себе. В такого рода лирических зачинах Махтумкули мастерски сумел разработать три риторических фигуры – обращение, восклицание, вопрос. В зависимости от своего душевного состояния и настроя, поэт обращается к тем или иным из них. Многие гошуки он начинает словами «О, друзья-мусульмане!». К этому можно добавить и слова «иллер» («люди»), «агалар» («старшие братья», «уважаемые»), «быpадарлар» («братья»). Их Махтумкули использует обычно в начале стихотворений. Если же лирический герой гневен, обижен, недоволен, тогда поэт начинает стихотворение со слов «адам» («человек»), «адамзат» («род человеческий, люди»), «адам оглы» («сын человека»). Когда он особо хочет подчеркнуть свои мысли, взгляды, то обращается к аудитории просто «сен» («ты»)» [1,с.13]

Например:
Jahan keşdesi gedalar,
Meniň kibi ýanan barmy?
Yşk aşygy perwanalar ,
Ol ataşdan ganan barmy?
Bady- saba geler bildy ,
Her jaýda bir galar boldy,
Pana nazar salar boldy,
Adalatlysoltan barmy?
Arman ýokdyr jahandan,

Erenler diýiňzybandan,
Boý satyn alyp ýamandan,
Baky ondan dynan barmy?
Saz eýlärboldyň gargydan ,
Başym bendidr bergiden ,
Murgalara bu gyrgydan,
Jahan içre aman barmy? [9].
Странники, взгляните на меня.
Кто ещё, подобно мне, томится?
Мотыльки, любовники огня,
Кто из вас к блаженству не стремится?
Ветер, ветер, ты в чужих краях
Пел в ушах, вздымал дорожный прах…
Есть ли в мире справедливый шах,
Где его счастливая столица?
Муж святой, ты видел горный рай,
Ты земной благословляешь край,
А по белу свету ходит бай.
Укажи, где нищете укрыться?
Дудку сделал я из тростника –
Ростовщик услышал должника.
Птицы вы мои! От ястребка.
Разве может спрятаться синица?
(«Лебеди», пер. А. Тарковского) [4, с. 259].

В этих стихотворениях поэт требует у себя отчёта относительно выполнения своего долга, того, что им сделано или не сделано, он проверяет себя. Это своеобразная исповедь, размышления, связанные с духовно-нравственным совершенствованием поэтической личности. Это можно видеть в стихотворении «Äleme belgilidir». Поэт, изображая своё горе, показывает внутренние противоречия**.**

Это своеобразная исповедь, размышления, связанные с духовно-нравственным совершенствованием поэтической личности. Это можно видеть в стихотворении «Äleme belgilidir». Поэт, изображая своё горе, показывает внутреннние противоречия:

Dostlar-a, dostum meniňşirin jandan söýgülidir,
Jan kibi pynhan jahanda äleme belgilidir.
Baş bile barsam aňa, handan olursa güzeri,
Tutsam ol ýerde watan, ol ýer ki anyňýoludyr.
Diýrdi ýar: Men aşygym öz elim le katl edem,
Andan owwal gam meni paýmal edip almalydyr.
Özge aşyklaryň olsa paýy bent zülp-taryna,
Men garyby-bendäniň hem eli, hem aýagydyr.
Gaýry le bezm eýleýip, eýlese hoş köňlüni ýar,
Mejlis içre ýat edip diý: “Ol garyp gaýgylydyr”.
Ýar geler, wagt-da gider, gaflata batmyş gözlerim,
Açaýyn diýsem, açylmaz, ne agyr uýkulydyr.
Bilmeýen soranlara aýdyň bu garyp adymyz,
Asly gerkez, ýurdy Etrek, ady Magtymgulydyr[9].

Друзья! У меня любимая есть, живёт она вдали,
Но славу о ней по всей земле влюблённые разнесли.
Я сердце своё ей дал снести, не знаю только пути;
Я там бы родину вновь обрёл, и счастье б мы обрели.
Я ей сказал бы: «Любовь моя! Себя уничтожу я,

Но будь моею, дай счастье мне, безумным словам внемли!»
Быть может, с другими сидит она, счастливых дум полна;
Быть может, ею приглашены, влюблённые к ней пришли.
Войди я к ней, улыбнись она, блесни глазами она,
Я там остался б навеки: мне не надо родной земли!
Коль чёрные косы крепче цепей в плену томят людей,
То я ей душою и телом раб, простёртый пред ней в пыли,
А дни идут, и пройдёт весна, а мне не расторгнуть сна;
Хочу я глаза открыть, увы: свинцом они затекли…
Коль спросят путники про меня, скажите, лицо клоня:
«Гоклен он родом, с Атрека он, а имя – Махтумкули» [4, с. 442].

Творчество гениального Фраги послужило живительным источником для яркой поэтической деятельности ряда других выдающихся представителей туркменской классической литературы. Таких, к примеру,как Кемине, с его острой, разящей и гневной сатирой, Молланепесс его полной обаяния и глубины чувств лирикой, Зелили с его поэзией высокой гражданственности.

Махтумкули страстно и горячо желал видеть свой народ свободным и счастливым, искренне верил в то, что он станет таким, призывал бороться за эту благородную и священную цель, посвятил этой цели свою изумительную поэтическую лиру.

Рецензент: Олими Х.Х., д.ф.н., доцент

Использованная литературалитература

1. Бекмурадов, А. Поэтическое мастерство Махтумкули Фраги: автореф. дис. …д-ра филол. наук: 10. 01.03 / Бекмурадов Ахмед. - Ашхабад, 1990. – 49 с.
2. Белинский, В.Г. Полн. собр. соч. Т. I / В.Г. Белинский. - М.: Изд-во АН СССР, 1953. – 605с.
3. Бертельс, Е.Изучение истории туркменской классической литературы в Советском Союзе / Е. Бертельс // Доклады советской делегации на XXIII Международном конгрессе востоковедов. – М., 1954. – С.51– 64.
4. Махтумкули Фраги. Избранные произведения/Махтумкули. – Ашхабад: Туркменгосиздат. 1960.– 442 с.
5. Махтумкули Стихотворения / Махтумкули. – Л., 1949. – 332с.
6. Махтумкули Памятник. - Ашхабад: Туркменгосиздат, 1959. – 54 с.
7. Махтумкули // Юбилейный сборник, посвященный 225-летию со дня рождения великого туркменского поэта. – Ашхабад. 1961.– 352 с.
8. http//www/ Turkmen-ru Стихи
9. http//www. Magtymguly.org / for portraits of great turkmen writers. Magtymguly.
10. http//www.Magtymguly.net/ for turkmen literature, books and turkmen related documents. Стихи.

РОЛЬ ЖАНРА ГОШУКОТВОРЧЕСТВО В ПОЭЗИИ ОСНОВОПОЛОЖНИКА ТУРКМЕНСКОЙ КЛАССИЧЕСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ МАХТУМКУЛИ ФРАГИ

В данной статье говорится о том, что Благодаря гошукотворчеству: «Махтумкули Фраги стал основателем нового этапа в развитии туркменской литературы. Он создал свою школу гошука. Его творчество, основанное на разработке лирического жанра, стало средоточием туркменской литературы XVIII века. Нередко поэт рвёт установившуюся традицию и создаёт собственные образы, почерпнутые из круга жизненных наблюдений человека того времени. Его стихотворения приближены к народной речи, построены в народной силлабической системе. В результате поэзия Махтумкули очень близка народу, значительная часть его строк получила вторую жизнь в качестве как пословиц и поговорок.

Исследование вопросов поэтики и эволюции жанров всегда выступает в качестве одной из актуальных неотложных задач литературоведения. Основная часть творчества поэта Махтумкули относится к жанру гошука. Лирические зачины поэта этого типа, в свою

очередь, можно подразделить на три группы: обращение к аудитории; обращение к объекту; обращение к самому себе.

В такого рода лирических зачинах Махтумкули мастерски сумел разработать три риторических фигуры – обращение, восклицание, вопрос. В зависимости от своего душевного состояния и настроя, поэт обращается к тем или иным из них. Многие гошуки он начинает словами «О, друзья-мусульмане!». К этому можно добавить и слова «иллер» («люди»), «агалар» («старшие братья», «уважаемые»), «бырадарлар» («братья»). Их Махтумкули использует обычно в начале стихотворений. Если же лирический герой гневен, обижен, недоволен, тогда поэт начинает стихотворение со слов «адам» («человек»), «адамзат» («род человеческий, люди»), «адам оглы» («сын человека»). Когда он особо хочет подчеркнуть свои мысли, взгляды, то обращается к аудитории просто «сен» («ты»)».

Стихи Махтумкули любимы народом, передаются от поколения к поколению музыкантами и сказителями.

Ключевые слова: *риторические фигуры, лирический герой, поколение, сказители, легендарный, чаща, продолжать традиции,гнев.*

НАҚШИ ЖАНРИ ГОШУК ДАР НАЗМИ АСОСГУЗОРИ АДАБИЁТИ КЛАССИКИИ ТУРКМАНМАХДУМҚУЛИИ ФИРОҒӢ

Дар мақолаи фавқ сухан дар бораи он меравад, ки ба туфайли эҷоди жанри гошук Махдумкулии Фироғӣ бунёдгузори марҳилаи нав дар адабиёти туркман гардид. Вай мактаби жанри гошуки худро бунёд гузошт. Эҷодиёти ӯ, ки асоси онро коркарди жанри лирикӣ ташкил медиҳад, боиси муттаҳид гардидани адабиёти туркман дар асри XVIII гардид. Бештар вақт шоир анъанаи муқарраргардидаро шикаста, образҳои худро меофарад, ки аз доираи мушоҳидаҳои зиндагии инсони ҳамон давра бармеоянд. Забони шеърҳои ӯ ба забони зиндаи халқ наздик аст ва дар вазни ҳиҷоии мардумӣ эҷод шудаанд. Ба ин сабаб аст, ки назми Махдумқулӣ барои халқи одӣ дастрасу фаҳмо аст. Бештари байтҳои ӯ дар шакли зарбулмасалу мақол дар байни мардум паҳн гардидаанд.

Таҳқиқи масъалаҳои назм ва таҳаввули жанрҳои он ҳамеша яке аз вазифаҳои муҳимму таъхирнопазири адабиётшиносон ба шумор меравад. Қисмати асосии эҷодиёти Махдумқулиро жанри гошук ташкил медиҳад. Оғозҳои лирикии шоири ин навъи шеърро, дар навбати худ, метавон ба се гурӯҳ ҷудо кард: муроҷиат ба хонандагон; муроҷиат ба объект; муроҷиат ба худ.

Дар чунин оғозҳои лирикӣ Махдумқулӣ тавонист се тарзи баён – муроҷиат, хитоб ва саволро коркард намояд. Шоир вобаста ба холати руҳӣ ва кайфияти худ ба ин ё он он мурочиат мекунад. Бисёре аз гошукҳои худро бо суханони “Эй дӯстон- мусулмонон!” оғоз мекунад. Ба ин метавон калимаҳои “иллер” (“одамон”), “ағалар” (“акаҳо”,“муҳтарамон”), “биродарлар” (“бародарон”)-ро ҳам илова кард. Чунин ифодаҳоро Махдумқулӣ одатан дар оғози шеър ба кор мебарад. Агар қаҳрамони лирикӣ хашмгин, ранҷида ва норозӣ бошад, онгоҳ шоир шеърро бо калимаҳои “адам” (“одам”), “адамзат” (“зоти инсон, одамон”), “адам оғлӣ”(“писари инсон”) оғоз мекунад. Вақте ки шоир мехоҳад махсусан, назару андешаҳои худро қайд намояд, он гоҳ вай ба хонандагон ба таври одӣ бо калимаи “сен” (“ту”) муроҷиат мекунад.

Ашъори Махдумқулиро халқ дӯст медорад ва онҳо аз насл ба насл тавассути ҳофизон ва ровиён интиқол дода мешаванд.

Калидвожаҳо: *ибораҳои риторикӣ, қаҳрамони лирикӣ, насли одамон, ровиён, афсонавӣ, дарахтзори ҷом, идомаи анъанаҳо, қаҳр.*

THE ROLE OF THE GENRE OF GOSHUK CREATIVE IN THE POETRY OF THE FOUNDER OF TURKMEN CLASSICAL LITERATURE MAGTYMGULYPYRAGI

This article says that thanks to the creativity of the state: “MagtymgulyPyragibecame the founder of a new stage in the development of Turkmen literature. He created his own goshuk school. His work, based on the development of the lyrical genre, became the focus of Turkmen

literature of the 18th century. Often the poet breaks with the established tradition and creates his own images, drawn from the life observations of a person of that time. His poems are close to folk speech, constructed in the folk syllabic system. As a result, Magtymguly's poetry is very close to the people; a significant part of his lines received a second life as proverbs and sayings.

The study of issues of poetics and the evolution of genres always acts as one of the current urgent tasks of literary criticism. The main part of the poet Magtymguly's work belongs to the goshuk genre. The lyrical beginnings of a poet of this type, in turn, can be divided into three groups: appeal to the audience; access to an object; turning to oneself. In this kind of lyrical beginning, Magtymguly masterfully managed to develop three rhetorical figures - appeal, exclamation and question. Depending on his state of mind and mood, the poet turns to one or another of them. He begins many goshuks with the words "Oh, Muslim friends!" To this we can add the words "iller" ("people"), "agalar" ("elder brothers", "respected"), "byradarlar" ("brothers"). Magtymguly usually uses them at the beginning of poems.If the lyrical hero is angry, offended, dissatisfied, then the poet begins the poem with the words "adam" ("man"), "adamzat" ("human race, people"), "adamogly" ("son of man"). When he especially wants to emphasize his thoughts and views, he simply addresses the audience as "sen" ("you")." Magtymguly's poems are loved by the people and are passed down from generation to generation by musicians and storytellers.

Keywords: *rhetorical figures, lyrical hero, generation, storytellers, legendary, thicket, continue traditions, anger*.

Маълумот дар бораи муаллиф: Раҷабова Қаноат Ҳоҷиматовна *- Донишгохи байналмиллалии забонҳои хоричии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти рус. Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+972) 918-80-56-55; Emal: Surad92@ mail. ru*

Сведения об авторе: Раджабова Каноат Ходжиматовна *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и истории русской литературы. Адрес: 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.: (+992)918 80 56 55; E-mail: Suhrod92@mail.ru*

Information about the author: Radjabova Kanoat Khodjimatovna *- Tajik international university of foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Theory and History of Russian Literature. Address: 734019, 17/6 Muhammadiev st., Dushanbe, phone: (+992)918805655, E-mail: Suhrod92@mail.ru*

ТДУ: 891.550

АНДЕШАҲОИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ ДОИР БА МАРТАБАИ ИНСОН ДАР ДОСТОНИ “ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН”

Раҳимова М.И.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

“Чизеро намедонам, ки беҳтару мураккабтар ва аҷибтар аз инсон бошад...”
А.М. Горкий

Ин гуфта бешубҳа шаҳодат ба он аст, ки дар тамаддуни бадеӣ чун дар худи зиндагӣ чизи асосӣ инсон мебошад ва он маҳз дар маркази диққати адабиёту санъат бо тамоми камоли фаъолият ва ҳаёти маънавияш меистад. Аз сабаби он, ки инсон маҷмӯи тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, ба доираи назари адабиёт ва чашмандози адибон низ инсон бо тамоми олами ӯро фарогирифта дохил мешавад.

Маълум аст, ки дар тамоми таърихи афкори ҷамъиятиву сиёсӣ ва адабиву эстетикии мардуми дунё инсон муҳимтарин мавзуи таваҷҷуҳ ба ҳисоб мерафт.

Бузургтарин мутафаккирони гузашта масъалаи инсон, пайдоишу моҳият ва маъниву мақсади ҳаёти ӯро бо ҷиҳатҳои мухталиф ва ба таври гуногун мавриди баҳс қарор додаанд. Дар давраи мо низ тавассути як қатор сабабҳои иҷтимоиву таърихӣ ин масъала беш аз пеш масъалаи замонавии аср қарор гирифта истодааст.

Ҷараёни босуръати инкишофи зиндагӣ дар давраи ҳозира дар баробари муаммои махсусиятҳои ташаккули давлату мамлакат ва миллат масъалаи мавқеи инсони ҷудогонаро низ ба миён мегузорад, ки сарнавишти ӯро аллакай ҷудо ва новобаста аз кулли башар тасаввур кардан маҳол аст. Ҳамчунин, масъалаи инсондӯстиву инсонпарварӣ ҳатман дар алоқамандии бевосита бо муайян намудани дастовардҳои мавҷудаи минбаъдаи сайёра ҳал карда мешавад. Ин аст, ки дар давраи ҳозира ба инсон- моҳияту таъинот ва вазифаи ӯ, дирӯзу имрӯз ва фардои ӯ таваҷҷуҳи беандоза зоҳир шуда истодааст ва масъалаи инсондӯстӣ низ бо ҷиҳатҳои гуногуни худ дар ҳоли ҳозир диққати олимонро ба худ ҷалб намуда истодааст. Ин масъала умдатарин масъалаи афкори ҳозираи адабиву эстетикӣ ба ҳисоб рафта, дар маркази диққати адабиёт ва санъат меистад. Зимнан бояд қайд кард, ки ҷиҳати гуманистии омӯзиши адабиёти бадеӣ рӯз то рӯз ба мадди назари на танҳо адабиётшиносон, балки файласуфону равоншиносон, ҳуқуқшиносон, омӯзгорону таърихшиносон ва дигар олимон низ дохил шудааст, ки ба ин махсусан таҳқиқотҳои ба адабиёти шуравию хориҷӣ бахшидаи олимони давраҳои гуногун шаҳодат медиҳанд.

Маълум аст, ки маҳз афкори инсондӯстиву ватанпарварона ва ғояҳои пешқадаму аслии Абдураҳмони Ҷомӣ ӯро бузургтарин фарди замони худ гардонидааст. Афкори инсондӯстии мутафаккир кулли осори ӯро фаро гирифтааст. Ҳамчун шоир ва мутафаккири бузург Абдураҳмони Ҷомӣ ба инсон назари хос дошта, маъниву мақсади ҳастии ӯро дар давраи муайяни таърихӣ ба таври хос шарҳ додааст. Дар тамоми соҳаҳои эҷодии шоир инсон ба мавқеи намоёне сазовор буда, камолоти маънавӣ ва бузургии ҷисмонии ӯ ноҳият нозук ва латиф васф карда шудааст. Вобаста ба муҳтавои ҳар як асари адиб ва тамсилоти хоси мундариҷавии онҳо доираи назар ва вусъати диди фалсафӣ-эстетикии шоир нисбат ба инсон тағйир меёбад ва ба нияти эҷодии муаллиф мувофиқат мекунад. Ин аст, ки андешаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ оид ба инсон ва мақоми он дар ҳаёти иҷтимоӣ дар тамоми осори бадеиаш дар баробари ҷиҳати зиёди умумӣ боз дар асарҳои ҷудогонаи ӯ дорои нишонаҳои махсуси фарқкунанда низ мебошад, ки ин аз махсусиятҳои идеявӣ-тематикии он асарҳо сар задааст.

Аз ин рӯ, вобаста ба он мулоҳизаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ оид ба инсон дар осори бадеии ӯ як силсилаи махсус ва муайянеро ташкил медиҳад. Афкори инсонпарваронаи шоир дар достонҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ ва ғазалҳояш низ ба назар мерасанд. Хусусан, ин пайванди ҷанбаҳои лирикӣ ва эпикии баён дар достонҳои ишқӣ-романтикии Абдураҳмони Ҷомӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар онҳо тарзи хоси тасвири характеру шахсияти инсон дида мешавад.

Образи қаҳрамонон дар онҳо тавассути рафтору кирдор ва олами эҳсосоташон кушода мешавад. Ҷомӣ онҳоро дар дами ҳодисаҳои мухталиф мегузорад, дар вазъияту шароитҳои гуногун ба амал водор мукунад ва ҳаяҷону изтироби самимии онҳоро дар лаҳзаҳои гуногуни зиндагӣ манзури мо мегардонад. Шоир олами ботинии қаҳрамонони худро дар инкишофи батадриҷ нишон медиҳад.

Бояд гуфт, ки мафҳуми инсон дар тамаддуни бадеӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини раванди адабӣ ба ҳисоб меравад, ки моҳияти он аз равшан сохтани тасаввуроти адиб оид ба инсон, мояи зиндагӣ ва бахти ӯ возеҳ мегардад. Дарки бадеии ҳастии инсон ва нуқтаи назари эстетикӣ маҳз дар мафҳуми инсон узван воқеъ мегарданд. Аз ин рӯ, барои равшан сохтани ҷиҳатҳои мухталафи мафҳуми инсон бояд маънӣ ва мақсади ҳаёти инсон ошкор сохта шаванд. Дар навбати худ таҳқиқи масъалаи маънии ҳаёти инсон ба аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ соҳиб мебошад, ки тавассути он мавқеи инсон дар зиндагӣ нишон дода мешавад.

Сармояи маҳрамӣ зи ишқ аст,
Бал к-одамӣ одамӣ зи ишқ аст.
Ҳар кас, ки на ошиқ, одамӣ нест,
Шоистаи базми маҳрамӣ нест.

Дар достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Абдураҳмони Ҷомӣ, ки ба яке аз мавзуъҳои анъанавии адабиёт - ишқи поку самимӣ бахшида шудааст, шоир тамоми махлуқоту мавҷудоти оламро зодаи ишқ шуморида, достони худро низ чун “суруди ҷонбахши ишқи поки инсонӣ, ишқи пуршӯру ҳарорати марғубе” [2, с, 47] пешкаши мардум намудааст. Аз ин бармеояд, ки новобаста ба унсурҳои фаровони афкори тасаввуфии муаллиф арзиши аслии достони ӯро маҳз “тасвири ишқи ҳақиқии инсонӣ, аҳду вафо, рафоқату садоқат барои ғояҳои баланди инсонӣ [2, саҳ.51] фароҳам меоварад.

Дар достони мазкур андешаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ оид ба инсон нишонаҳои умдатарини одамиятро тобеи мазмуни ишқ гардонида, ошиқро пайваста дил дар кафи даст ҷӯёи васли ҷонон дар назар ҷилвагар месозад. Дар ин асар ҳатто афкори тасаввуфи шоир оид ба мақоми инсон ва таъиноти он “дар либоси шеър, дар пардаи мафҳумҳои ишқӣ, ба воситаи ҳаракату амалиёти қаҳрамонҳои асар инъикос гардидааст” [2, саҳ.49] .

Андешаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ низ ба он масъалаҳои муҳими ҳаётие нигаронида шудааст, ки аз шарҳи маънии ҳаёти инсон, тафсири мақсади ҳастии инсон ва ифшои мақоми хирад дар таъин намудани маънӣ ва мақсади зиндагии инсон иборат мебошад.

Қобили қайд аст, ки ҳалли масъалаҳои мазкур ба дараҷаи намоёне аз хусусиятҳои жанри достон низ сарчашма мегирад. Ин аст, ки дар асар мо ду роҳи ифодаёбии андешаҳои шоирро оид ба инсон мушоҳида карда метавонем:

1. Ифодаи таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ дар бораи камолоти инсон ва мартабаи он дар қисмати нақлии достон, ки дорои ҷанбаи эпикӣ мебошад ва ба хислату характер, рафтору кирдор, қавлу амал, фикру ҳис, завқу эҳтирос, портрету шахсият ва андешаву ҷаҳонбинии қаҳрамонони асар пайванди ногусастание дорад. Зиёда аз ин, ҳаяҷону изтироб ва ҳиссиёту тасаввуроти шоирро низ дар бораи қаҳрамонони асари худ мансуби услуби мазкури тавсир донистан мумкин аст, ки дар лаҳзаҳои мухталиф ин ё он амали қаҳрамонони худро ё дастгирӣ мекунад ва ё ба зери маломат мегирад.

2. Шарҳи бадеии маъниву мақсади ҳастии инсон ва ифшои мартабаи хирад зимни таъини мояи ҳаёт ва дар афкори назариявии шоири мутафаккир, ки дар қисматҳои гуногуни асар ба ягон муносибати муайяне чун руҷуъҳои лирикӣ таъкид меёбанд. Дар ин ҳиссаи асар Абдураҳмони Ҷомӣ андешаҳои худро оид ба инсон ба масъалаҳои муҳимтарини тарбиявӣ - ахлоқӣ ва фалсафӣ - иҷтимоӣ алоқаманд мегардонад.

Вале бояд эътироф кард, ки дар достони “Лайлӣ ва Маҷнун”- и Абдураҳмони Ҷомӣ асоси тасвири бадеии инсон ба мавқеи сазовортаре соҳиб мебошад. Ин аст, ки мафҳуми инсон характери мухташамиро касб мекунад ва ҳамон масъалаҳои яклухтеро фаро мегирад, ки ба амалиёти қаҳрамонони асар бевосита дахл доранд ва дар бораи ягон нишонаи кулии одамият маълумоти зарурие медиҳанд. Аз ин нуқтаи назар мафҳуми инсон алоқамандона ба

хатти сужет ва сохти композитсионии асар, идея ва ҷаҳонбинии муаллифи он, ҳаёт ва фаъолияти иштироккунандагони маснавии мазкур бо ду зинаи асосӣ ба назар мерасад, ки ба даврони хушу озоди ишқварзии Лайливу Маҷнун ва замони расман мамнӯи аҳди мушоҳидаи онон вобаста мебошад.

Шоир пеш аз тасвири воқеаву ҳодисаҳо моро аз мақсади худ огоҳ мекунонад:

Чун қуръа задам ба фоли маймун,
Афтод ба шарҳи ҳоли Маҷнун [2, саҳ.11] .

Яъне шоир ба тасвири ҳамон воқеаву ҳодисаҳое камар бастааст, ки ба ҳоли табоҳи Маҷнуни ошиқ - инсон алоқаманд мебошанд.

Маҷнун чун дар аввал фарзанди азизу нозпарварди падару модар ва аз ҳама ташвишҳои зиндагӣ фориғу бехабар тасвир шудааст. Ӯ ҳоло на моҳияти ишқ ва на вуҷуди маъшуқаро фаҳмида наметавонад. Маънии ҳастии худро танҳо дар хуш гузаронидани даврони кӯдакӣ мебинад ва ба мақсадҳои кӯдаконаи худ низ ноил мегардад. Азбаски алҳол гирифтори ишқи Лайлӣ нагашта буд, ба ҳар зебосанаме майл мекард ва дар ҷустуҷӯи он ҷамилаҳо ба қабилаҳои мухталиф мерафт. Аммо ҳиссиёти зотии ошиқона ӯро ба ин ҳол намегузорад, ӯ дар роҳи ба даст овардани мақсади аслии ҳаётӣ ва дарёфтани маънии ҳақиқии зиндагӣ аз ҳама гуна рафтори содиркардааш пушаймон мешавад ва побанди хирад гардида, аз ҳама гуна лаззатҳои лаҳзагӣ рӯ метобад.

Ҳанӯз аз нахустин мушоҳидаи дидори Лайлӣ Маҷнун мафтуни вай мегардад ва давоми баъдинаи зиндагии худро низ маҳз ба ӯ вобаста медонад.

Дар тасвири Абдураҳмони Ҷомӣ Лайливу Маҷнун ҳар ду дар ишқи ҳамдигар комилан содиқанд ва ҳастии худро низ бе ҳамдигар тамоман тасаввур карда наметавонанд. Онҳо дар роҳи васли ҳамдигар суботкорона мекӯшанд, зеро яқин медонанд, моли ҳастии онҳоро маҳз самараи ишқи поку самимиашон фароҳам меоварад. Аз ин рӯ, ҷудоиро барои худ даҳшати марговар ҳисобида, ба қароре меоянд, ки:

Дур аз дилбар чӣ гуна бошанд,
Бе якдигар чӣ гуна бошанд? [2, саҳ.12] .

Ҳангоми аз назди Маҷнун маротибаи аввал дур шудани Лайлӣ ӯ:

“Лайлӣ” мегуфту ашк мерехт,
В-аз панҷа ба фарқ, хок мебехт.
“Лайлӣ” мегуфту оҳ мекард,
Оҳаш ба сипеҳр роҳ мекард [2, саҳ.29] .

Аммо ин ҳолат танҳо ба Маҷнун хос нест. Лайлӣ низ аз дасти фироқ ба дод омада, зиндагии бе ёрро барои худ марг меҳисобад ва фарёд мекунад:

“...Доғе, ки марост дар дил аз вай,
Ранҷе, ки марост ҳосил аз вай,
Гар ба дили вай зи сад яке ҳаст,
Умеди висолаш андаке ҳаст.
Гар нест, зиҳӣ бало, ки афтод,
Ин мурдани нав муборакам бод!” [2, саҳ.31] .

Маҷнун дар тасвири шоир дар давраҳои аввали муошиқа ошиқи босубот ва ғайратманд аст. Дар назари ӯ ҳар сахтие, ки барои Лайлӣ ба ӯ рост меояд, ҳеҷ менамояд, зеро Лайлӣ умеди ояндаи зиндагии Маҷнун мебошад:

Чун мехам агар расад бар сар санг,
З-ин ҷо накунам ба рафтан оҳанг.
Ҳарчанд диҳанд печутобам,
Худро ба ту баста чун танобам,
Бар бори ту ман ниҳода доим,
Ҳастам чу сутун ситода қоим [2, саҳ.32] .

Лайлӣ бошад, бо вуҷуди аз ғам борӣ будан, аз дили зори худ шиква оғоз карда наметавонад, зеро розеро, ки Маҷнун гуфта метавонад, ӯ ба ҷуз нуҳуфтани он чорае надорад. Хуллас, ҳарду ҳамдами ҳамдигар гашта, асоси ишқи хешро маҳкам мекунанд ва дар шеваи

ишқ зиндагонӣ ба сар мебаранд. Лайливу Маҷнун ҳарду дар амалиёти худ эҳтиёткоранд. Чунончи, Лайлӣ барои санҷидани дараҷаи садоқати Маҷун дар ишқ ӯро ба тарзҳои тамоман тоқатфарсо дар кӯраи имтиҳон мегудозад ва баъди ҳамаи ин ба хулоса меояд, ки Маҷнун ба ишқи ӯ комилан сазовор мебошад. Абдураҳмони Ҷомӣ дар ин ҳолат мақсади ҳастии Лайлиро аз забони худи ӯ ба Маҷнун муроҷиаткунон баён месозад.

Шуд дар рӯхи ӯ зи зулф хандон,
Гуфт: "Эй шаҳи хайли дардмандон.
Мо ҳар ду-ду ёри меҳрубонем,
В-аз захмаи ишқ дар фиғонем.
Бегонатанему ошнодил,
Пурчанг забону пурсафо дил.
Чин дар абрӯ агар фигандам,
То зан набарӣ, ки кинписандам.
Бар рӯй гирех миёни мардум,
Бошад гирехи забони мардум.
Ишқат, ки бувад зи нақди ҷон беҳ,
Чун ганҷ зи дидаҳо ниҳон беҳ [2, саҳ.42] .

Маҷнун бе ишқи Лайлӣ худро аз ҷумлаи зиндагон намеҳисобад ва мақсади ягонаи ҳастии хешро низ аз ишқварзӣ иборат медонад.

Оре, назанам нафас зи инкор,
Ишқ аст маро дар ин ҷаҳон кор.
Ҳошо, ки аз ин роҳ истам ман,
Ҷуз зинда ба ишқ нестам ман.
Ҳар кас, ки на роҳи ишқ варзад,
Дар мазҳаби ман ҷаве наярзад.
Ишқ аст халосии дили мард,
Аз гардиши чархи божгунгард [2, саҳ.52] .

Бале, аз ҳама гуна сахтиҳо ба сарбаландӣ раҳоӣ ёфтан ба ошиқ маҳз тавассути ишқи пок имконпазир мебошад. Ин аст, ки дар тасвири Абдураҳмони Ҷомӣ Маҷнун ҳатто аз раъйи падари худ рӯ метобад ва васли хубони хирадманду маъшуқони покниятро барои хеш кайфу сурури ҷовидонӣ меҳисобад:

Хубон, ки сиришта з-обу хоканд,
Гар покдилӣ, зи асли поканд....
Ҳусни азал аст асли эшон,
Айши абад аст васли эшон [2, саҳ.53] .

Дар андешаҳои инсонпарваронаи шоир оид ба ишқи ҳақиқии инсонӣ ҳама дар тариқаи муҳаббат баробарҳуқуқанд ва ишқи аслӣ низ ба нисбати мардум дахле надорад. Ин фикри худро ӯ аз забони ошиқи асил - Маҷнун бо чунин тарзи марғубу дилкаше ифода мекунад:

Ошиқ, ба насаб чӣ кор дорад?
К-аз ҳар чӣ, на ишқ, ор дорад.
Ҳар кас, ки бувад фитодаи ишқ,
Фарзанди дил асту зодаи ишқ.
Аз нисбати обу гил бурида,
Дар равзаи ҷону дил чарида.
Модар нашиносаду падар низ,
Аз айб раҳида, аз ҳунар низ [2, саҳ.53] .

Модоме ки маъниву мақсади ҳаёт дар назари инсони ошиқ чунин бошад, табиист, ки ҳатто кинаву адовати қабилавӣ ҳам ба он халал оварда наметавонад:

Моро, ки зи меҳр сина чок аст,
Аз кинаи дигарон чӣ бок аст?
Лайлӣ чу зи меҳри ман занад дам,
Аз кини қабила кай хурам ғам?

Ман худ зи ҳама ҷаҳон ба тангам,
Бо ҳар кӣ, на ӯ бувад, ба ҷангам [2, саҳ.54] .

Маҷнун, ки дар тасвири Ҷомӣ ошиқи ҳақиқӣ мебошад, гуноҳи худро дар тамоми фаъолияташ маҳз аз ишқ иборат медонад ва бо қатъияти тамом изҳор мекунад, ки дар ин ҳолат ӯ тайёр аст, то ба охири умр гунаҳгор бимонад.

Покам зи гуноҳи печ дар печ,
Ишқ аст гуноҳи ман, дигар ҳеҷ.
Онро, ки бувад ҳамин гуноҳаш,
Бар бегунаҳӣ бас ин гуноҳаш.
Ҳошо, ки агар фалак шавад меғ,
Борон гардад ба фарқи ман теғ.
Аз ёр тавонадам буридан?!
Сар бар дари дигаре кашидан?!...
То ҳашр раҳи вафош гирам,
Ҳар лаҳза ба хоки пош мирам [2, саҳ.62- 63] .

Лайлӣ, ки маънии аслии ҳаёти худро дар васли Маҷнун медид ва самараи мақсади ҳастии худро низ аз гулшани муҳаббати ӯ мебардошт, суҳбати ҳамдигарро аз ҳаҷгузорӣ авлотар медонад:

Гуфт: “ Эй раҳи сидқ манҳаҷи ту,
Ту хаҷҷи манию ман ҳаҷи ту.
Гар чеҳра ба васли ҳам фурӯзем,
З-он беҳ, ки ба ҳаҷри ҳам бисӯзем.
Рӯзе, ки ман аз ту дур бошам,
Ҳуд гӯ, ки чӣ сон сабур бошам?
Ту шод ба шуғли ҳаҷгузорӣ,
Ман зор ба кунҷи сӯгворӣ” [2, саҳ.66] .

Баъди “воқиф шудани қабилаи Лайлӣ аз ишқи Маҷнун бо вай ва манъ кардан вайро аз мулоқот бо Лайлӣ” ошиқу маъшуқ бо таъқидҳои зиёд ба ҳамдигар пурсабру ботаҳаммул буданро талқин мекунанд ва мояи ҳастии хешро низ дар сабри бобарокат мебинанд. Дар ин маврид андешаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ зимни монологҳои равонии қаҳрамонон мувофиқи шартҳои муайян ошкор мегардад. Чунончи, Маҷнун барои таскини худ аз дили хеш сабуриро дархост мекунад ва ҳаҷри писандидаи дилбарро барояш васли беҳтарин меҳисобад:

... К-эй дил, пас аз ин сабур мебош,
В-аз ҳар чӣ, на сабр, дур мабош.
Гар радди ту кард ёр, ғам нест,
Он рад зи қабули ғайр кам нест
[2, саҳ.75] .

Бале, маънии ҳастии ошиқро ҳам,ба назари Ҷомӣ, маҳз нигарони тамоми лутфу марҳамат ва нозу карашмаи маъшуқа будани вай фароҳам меоварад. Ин аст, ки ӯ дар роҳи васли ҷонон “оҳуи дашту кабки водӣ” ва “хорокани куҳи номуродӣ” мегардад ва сабрро ягона пешаи худ қарор медиҳад. Барои вай ягона “сармояи айшу рӯзгораш” дар лаҳзаҳои маҳҷурӣ бар рег навиштани номи ӯ ва аз қатраи хуни ҷигар сириштани симои ӯ ба ҳисоб меравад. Танҳо сабр ва умед ба ояндаи накӯ ба ӯ қувваи тоза мебахшид ва дар ҷустуҷӯи маъниву мақсади аслии ҳаёт ба вай имкониятеро пеш меовард. Ҳолати нотавонии Маҷнун зуҳури “ як навъи эътироз аст, ки ӯ ба муҳити худ кардааст” [2, саҳ.71] . Садоқату ҷонсупорӣ ва вафодории вай ишқи саркашу пуршӯрашро ба роҳи ягонаи кӯшиш расидан ба васли ёр ҳидоят мекунад ва чун инсони воқеӣ дар ӯ дар ҳама вазъияту шароит ҳисси меҳрубониро ба Лайлӣ бедор месозад. Дар роҳи ишқ “гуфтори ӯ ҳеҷ гоҳ аз кирдораш тафовуте надорад. ” [2, саҳ.73] . Агар дар мавриде касеро барои ба аҳди хеш вафо накардан маломат карда бошад, то ба охир ин амали худро дастури ҳаётии хеш меҳисобид ва ба он амал мекард, зеро барои вай қавлу амал чизи тамоман муқаддасе ба ҳисоб мерафт. Ин аст, ки ҳисссиёти самимонаи худро ӯ бо роҳу воситаҳои гуногун тақвия медиҳад. Муроҷиат ба боди кӯи Лайлӣ, пазироии

ҳайвоноти мухталиф ва азиз донистани кулли ашёе, ки ягон нишонаи мушобеҳ ба омоли Лайлӣ доштанд, бешубҳа таъкиди рафтори маъниофарини ӯ дар роҳи ишқи ҷонона мебошад. Асли вуҷуди худро Маҷнун иборат аз он медонад, ки мабодо аз ягон рафтору амали норавои ӯ ҷузъиёти мушобеҳ ба нишонаҳои шахсияти Лайлӣ халал напазиранд, зеро ба даст омадани дурри мақсуд, ба назари ӯ, аз зинаҳое дар навбати худ иборат мебошад, ки парҳезу худдории Маҷнун аз омоли ношоиста дар тариқаи ишқи Лайлӣ остонаеро барои онҳо ба хотир меоварад. Аз ин рӯ, метавон изҳор дошт, ки дар андешаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ оид ба инсон мартабаи хирад, яъне қобилияти зеҳнии инсон дар таъин кардани маъниву мақсади зиндагии ӯ ба дараҷаи олие васф шудааст. Маҷнун бо вуҷуди дар роҳи ишқ девона гаштанаш ҳар як рафтору кирдори худро аввал дар тарозуи ақл баркашида, баъд ба воқеъ гаштани он камар мебаст. Яъне хирад дар вуҷуди Маҷнун ҳам нозири вақт ва ҳам ҳомии омоли ӯ мебошад. Ҳоли дили зор ва гирифтории худро аз ишқ бо вуҷуди имтиҳони бузурге дар зиндагии хеш донистанаш ӯ ҳаргиз дар симои дигарон дидан намехост. Ӯ ба дигарон зиндагии хушу босаодатро орзу мекард:

Аз ман то марг раҳ басе нест,
Имрӯз ба рӯзи ман касе нест.
Дил пурдард асту сина пурсӯз,
Ё раб, ки мабод кас бад-ин рӯз!
Хуш он, к-ин рӯз ҳам намонад,
Теғи аҷалам зи ғам раҳонад [2, саҳ.144] .

Лайлӣ аз сабаби он, ки Маҷнун “сабру дилу дини” худро фидояш ва ҷонро ҳадафи болояш кардааст, дар ишқи ӯ то ба охир содиқ мемонад.

Хулосаи андешаҳои Ҷомӣ оид ба инсони ошиқ аз забони худи ошиқ, яъне Маҷнун чунин баён шудааст:

К-оваҳ, ки зи доғи ишқ мурдам,
Бар бистари ҳаҷр ҷон супурдам... [2, саҳ.216] .

Лайлӣ ки дар тасвири шоир маъшуқаи вафодору ҳалим, пурсабру босадоқат, халқдӯсту накӯкор, саховатманду беғараз ва покдоману хушгуфтор ба назар мерасад, баъди марги Маҷнун зиндагиро ба худ раво намебинад ва рахти сафар барбаста васият мекунад, ки ӯро дар пеши пои Маҷнун бигӯронанд, то дар рӯзи ҳашр бо ҳам якҷоя бархезанд ва ба висоли якдигар бирасанд.

Оре, ин аст маъшуқаи ҳақиқӣ, ки фароҳам омадани маънии ҳаёти худ ва воқеъ гаштани мақсади ҳастии худро маҳз ба амали якҷояи худ ва ошиқи худ вобаста медонад. Ин аст, ки ба умеди васли ёри маҳбуб ӯ ба ягон сафсатае побанд намегардад ва иффати хешро то ба охир нигоҳ медорад.

Ин аст андешаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ оид ба зебоии ҳақиқии маънавиии маъшуқа, ки пеш аз ҳама инсони солимақл ва дурандеш мебошад.

Инак, аз гузоришоти боло бармеояд, ки дар достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Абдураҳмони Ҷомӣ ақидаҳои шоир оид ба инсон бештар дар асоси шартҳои эпикии тасвири бадеии инсон дар партави образҳои асосии асар ташаккул ёфта, таҳаввули муайянеро аз сар мегузаронидааст, ки ба чаҳор равия вобаста мебошад:

1. Характеристикаи муаллиф оид ба маъниву мақсади ҳаёти қаҳрамонон:

2.Ифшои бохирадонаи мояи ҳастии ҳамдигар дар мулоқотҳои худи иштироккунандагони асар:

3. Характеристикаи ҳамдигарии қаҳрамонон дар лаҳзаҳои танҳоӣ ва зимни мулоқот бо шахсони дигар:

4. Дар монологҳои психологии худ маъниву мақсади зиндагии хешро ошкор сохтани ҳар як қаҳрамони асар.

Ҳиссаҳои лирикие, ки дар қисматҳои ҷудогонаи достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Абдураҳмони Ҷомӣ оварда шудаанд, вобаста ба мавқеи истифодашавиашон дорои хусусиятҳои мухталиф мебошанд.

Як ҷиҳати муҳим ва умумӣ барои тамоми он ҳиссаҳои лирикӣ он аст, ки дар онҳо низ чун дар қисмати асосии асар мафҳуми бадеии муайяне оид ба инсон ифода ёфтааст. Шаҳодат ба ин гуфта ҳамин аст, ки зимни тасвири маъниву мақсади ҳаёти инсон дар онҳо тамоми паҳлуҳои идеологии эҷодиёти муаллиф узван ба ҳамдигар алоқаманд карда шудаанд. Аз ин рӯ, гуфта метавонем, ки аз ҷиҳати моҳияти худ онҳо тамоми унсурҳои муҳимтарини ҷаҳонбинии шоири мутафаккирро ифода мекунанд. Вале чизи дигаре ҳам қобили арз мебошад, ки меҳвари асосӣ дар андешаҳои инсондӯстонаи шоир дар ин ҳиссаҳо пеш аз ҳама афкори тарбиявӣ-ахлоқии ӯ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, фаҳмиши инсон низ маҳз тавассути дарки қобилиятҳои зеҳнӣ ва нишонаҳои маънавии тинати ӯ даст медиҳад.

Ҳиссаҳои лирикии достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Абдураҳмони Ҷомиро аз рӯи мавқеъ ва зуҳури мафҳуми инсон дар онҳо ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1. Ҳиссаҳои лирикие, ки дар аввали бобҳои асар оварда шудаанд ва аз чигунагии мафҳуми бадеии инсон огоҳӣ медиҳанд. Дар онҳо зимни фаҳмиши мояи ҳастии инсон пеш аз ҳама масъалаҳои ишқи поки инсонӣ, ба аҳд вафо кардани одам, ба ғаммозӣ напардохтани вай ва ғайраҳо дар назар дошта шудаанд.

Чунончи, дар порчаи зерин пеш аз баёни мақсади асосӣ, ки иборат аз тасвири вазъияти ошиқ дар зинаҳои аввалини ишқ ва оғози бемаломату безарари муҳаббат мебошад, ҳолати хуши ошиқ баён ёфта аз оқибати ногувори он дарак дода шудааст:

Ишқ-аввали ӯ суруду шодист,
Берун з-оҳанги номуродист.
Не ранҷи ғаромат аст дар вай,
Не захми маломат аст дар вай.
Сармояи роҳату сурур аст,
Аз суду зиёни даҳр дур аст [2, саҳ.12] .

2. Ҳиссаҳои лирикие, ки дар миёнаҳои бобҳои асар оварда шудаанд ва таҳаввули андешаҳои шоирро оид ба инсон шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Ин қабил ҳиссаҳои лирикӣ дар достон ба андозаи фаровон истифода шудаанд, ки ба фикри мо, ба пурзӯр будани ҷанбаи эпикии баён вобаста мебошад. Фикри дар қисмати асосии асар овардашуда ҳатман бо мулоҳизаҳои лирикии шоир тафсиру эзоҳ меёбад.

Масъалаҳои асосие, ки дар ин гурӯҳи ҳиссаҳои лирикӣ зимни фаҳмиши бадеии асоси ҳастии инсон тафсил меёбанд, пеш аз ҳама ба ишқи самимии инсонӣ ва паҳлуҳои он вобаста мебошад. Барои камолоти инсон шарту воситаҳои сершумор пешниҳод шудаанд. Аз рӯи таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ ишқбозӣ ҳунари накӯест, ки на ҳама ба он сазовор мебошанд. Ин корро танҳо аз маъшуқаи накӯсиришт чашмдор будан лозим меояд, зеро “маъшуқаи аслзишт” (ифодаи Ҷомӣ) лоиқ ба он намебошад. Ошиқ дар роҳи ишқи маъшуқаи хушҷамол ҳатман ба сахтиву залолат рӯ ба рӯ меояд. Ба назари шоир, агар маъшуқа хушандом бошаду аз айб низ холӣ набошад, оташи ишқи ӯ зуд хомӯш мегардад ва маъшуқиаш ҳам завол мепазирад.

Чунончи, дар боби “Рафтани Маҷнун дар қофилаи Лайлӣ ба Каъба ва дар маносики ҳаҷ бо вай ишқ бохтан” ягон лаҳза дар маҳҷурӣ аз ҳамдигар ба хушӣ зиста натавонистани ошиқу маъшукро хотиррасон карда истода, ин матлабро бо байти зерин тавзеҳ медиҳад:

Як лаҳза, ки сар рафиқи тан нест,
Танро имкони зистан нест [2, саҳ.143] .

3. Ҳиссаҳои лирикие, ки дар охири бобҳои асар оварда шудаанд андешаҳои муаллифро оид ба инсон хулоса мекунанд. Нишонаи муҳимтарини ин қабил ҳиссаҳои лирикӣ ба амри замон ва вазъияти даврон вобастагӣ доштан, ба даст овардани маънии зиндагӣ ва амалӣ гардидани мақсадҳои ҳаётии инсон мебошад.

Хулоса, ҳиссаҳои лирикӣ низ дар достони “Лайлӣ ва Маҷнун” зимни фаҳмиши маъниву мақсади ҳастии инсон ба мартабаи сазоворе соҳиб буда, ҳиссиёту таассурот ва изтиробу ҳаяҷоноти муаллифро оид ба сифатҳои аслии инсонӣ ифода мекунанд. Дар онҳо мафҳуми бадеии инсон ба таври системавӣ таҳаввул ёфта, мақоми инсон дар зиндагӣ ошкор сохта шудааст. Онҳо дар достони мазкур ҳам ба вазифаи остонаи фаҳмиши бадеии инсон,

ҳам ба вазифаи шарҳу эзоҳи мафҳуми инсон ва ҳам ба вазифаи натиҷабарорӣ аз шарҳи маъниву мақсади ҳастии инсон омада, андешаҳои муаллифро оид ба инсон ба як тартиби муайян ва дар қолиби махсус дар назар намудор месозанд.

Инак, аз тамоми гузоришоти боло бо чунин хулосае омадан мумкин мегардад, ки зуҳуроти мафҳуми бадеии инсон дар достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Абдураҳмони Ҷомӣ ба таври махсусе амалӣ гашта будааст, ки бевосита ба хусусиятҳои жанрии асар, сохти композитсионии он ва ифодаёбии идеяи муаллиф дар партави образҳои асосии он алоқаманд мебошад. Аммо бояд хотиррасон кард, ки меҳвари асосиву муайянкунандаи хусусиятҳои андешаҳои муаллиф оид ба инсон маҳз тамоилоти умумии идеявӣ-тематикии достон мебошад, ки ба масъалаи ишқ вобастагии қавӣ дорад.

Хулоса, достони “Лайлӣ ва Маҷнун” аз ҷиҳати зуҳури фаҳмиши бадеии инсон дар эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ асари комилан мустақил ва дар адабиёти классикии форс-тоҷик достони олие мебошад, ки дар он масъалаи инсон ва камолоти маънавии он ба тарзи махсус ба пеш гузошта ва ҳал карда шудааст.

Муқарриз: Салими Хатлонӣ, д.и.ф., профессори ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

Феҳристи адабиёт:

1. Афсаҳзод, А. Баҳористон ва шуҳрати он [Матн] / Аълохон Афсаҳзод - Душанбе, 1966.
2. Афсаҳзод, А. Достони “Лайлӣ ва Маҷнун”- и Абдураҳмони Ҷомӣ[Матн] / Аълохон Афсаҳзод.- Душанбе: Дониш, 1970.- 262с.
3. Афсаҳзод, А. Ҷомӣ- адиб ва мутафаккир[Матн] / Аълохон Афсаҳзод. - Душанбе: Ирфон,1989.- 454с.
4. Афсаҳзод, А. Абдураҳмони Ҷомӣ [Матн] / Аълохон Афсаҳзод. – Душанбе: Маориф, 1978. – 190 с.
5. Афсаҳзод, А. Ҷомӣ - шоири ғазалсаро [Матн] / Аълохон Афсаҳзод. – Душанбе: Маориф, 1989.
6. Афсаҳзод, А.Таҳаввули афкори Абдураҳмони Ҷомӣ [Матн] /. - Душанбе: Дониш, 1981.
7. Афсаҳзод, А. Рӯзгор ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ [Матн] /.- Душанбе: Дониш, 1980.
8. Афсаҳзод, А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуввуми асри XV [Матн] /.- Душанбе : Дониш, 1987.
9. Айнӣ, К. Предисловия к “Саламан и Абсал ” Джами.- Душанбе, 1967.
10. Амиркулов, С. Муқоисаи достонҳои Юсуф ва Зулайхо –и Ҳозиқ ва Ҷомӣ // маҷмӯаи мақолаҳои “Ҷашнномаи Ҷомӣ”.- Ленинобод, 1966.
11. 11.Ҷомӣ, А. Осори мунтахаб [Матн] / Абдураҳмони Ҷомӣ ҷ.1-5.- Душанбе, 1964.
12. Ҷомӣ, А. Баҳористон[Матн] / Абдураҳмони Ҷомӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008.- 204 с.

АНДЕШАҲОИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ ДОИР БА МАРТАБАИ ИНСОН ДАР ДОСТОНИ “ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН”

Дар мақола сухан дар бораи андешаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ доир ба мартабаи инсон дар достони “Лайлӣ ва Маҷнун” меравад, ки афкори инсонпарваронаи шоир дар он бо тарзи хоси тасвири характеру шахсияти инсон ба назар мерасад. Образи қаҳрамонон дар достон тавассути рафтору кирдор ва олами эҳсосоташон кушода мешавад.

Масъалаи инсондӯстиву инсонпарварӣ ҳатман дар алоқамандии бевосита бо муайян намудани дастовардҳои мавҷудаи минбаъдаи сайёра ҳал карда мешавад. Ин масъала умдатарин масъалаи афкори ҳозираи адабиву эстетикӣ ба ҳисоб рафта, дар маркази диққати адабиёт ва санъат меистад.

Маълум аст, ки маҳз афкори инсондӯстиву ватанпарварона ва ғояҳои пешқадаму аслии Абдураҳмони Ҷомӣ ӯро бузургтарин фарди замони худ гардонидааст. Афкори инсондӯстии мутафаккир кулли осори ӯро фаро гирифтааст. Ҳамчун шоир ва мутафаккири бузург Абдураҳмони Ҷомӣ ба инсон назари хос дошта, маъниву мақсади ҳастии ӯро дар давраи муайяни таърихӣ ба таври хос шарҳ додааст.

Дар достони “Лайлӣ ва Маҷнун”- и Абдураҳмони Ҷомӣ асоси тасвири бадеии инсон ба мавқеи сазовортаре соҳиб мебошад. Ин аст, ки мафҳуми инсон характери муҳташамиро касб мекунад ва ҳамон масъалаҳои яклухтеро фаро мегирад, ки ба амалиёти қаҳрамонони асар бевосита дахл доранд ва дар бораи ягон нишонаи кулии одамият маълумоти зарурие медиҳанд.

Достони “Лайлӣ ва Маҷнун” аз ҷиҳати зуҳури фаҳмиши бадеии инсон дар эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ асари комилан мустақил ва дар адабиёти классикии форс-тоҷик достони олие мебошад, ки дар он масъалаи инсон ва камолоти маънавии он ба тарзи махсус ба пеш гузошта ва ҳал карда шудааст.

Калидвожаҳо: Абдураҳмони Ҷомӣ, достон, достони ишқӣ-романтикии “Лайлӣ ва Маҷнун”, мартабаи инсон, дарки бадеӣ, афкори инсондӯстиву инсонпарварона, маъниву мақсади ҳаёти инсон, камолоти маънавӣ.

РАЗМЫШЛЕНИЯ АБДУРАХМОНА ДЖАМИ О СТАТУСЕ ЧЕЛОВЕКА В ПОВЕСТИ «ЛАЙЛИ И МЕДЖНУН»

В статье говорится о мыслях Абдуррахмана Джами о статусе человека в поэмы «Лейли и Меджнун», в которой гуманистический взгляд поэта отражен в особом способе изображения характера и личности человека. Образ героев повести раскрывается через их поступки и мир эмоций.

Вопрос гуманности и гуманизма должен решаться в непосредственной связи с определением будущих достижений планеты. Этот вопрос считается основным вопросом современной литературно-эстетической мысли и находится в центре внимания литературы и искусства.

Понятно, что именно гуманитарно-патриотические мысли, оригинальные и прогрессивные идеи Абдуррахмана Джами сделали его величайшим человеком своего времени. Мысль о гуманизме мыслителя охватывает все его произведения. Будучи великим поэтом и мыслителем, Абдуррахман Джами имел особый взгляд на человека и по-особому объяснял смысл и цель его существования в определенный исторический период.

В поэме Абдуррахмана Джами «Лейли и Меджнун» основа художественного образа человека занимает более достойное положение. Именно поэтому понятие человека приобретает комплексный характер и охватывает общие вопросы, которые непосредственно связаны с действиями героев произведения и дают необходимую информацию о некоторых основных признаках человечности.

Поэма «Лейли и Меджнун» является совершенно самостоятельным произведением с точки зрения художественного осмысления человека в творчестве Абдуррахмана Джами, и это великий рассказ в персидско-таджикской классической литературе, в котором рассматривается вопрос о человеке и его духовной зрелости выдвигается и решается особым образом.

Ключевые слова: *Абдуррахман Джами, поэма, романтическая история любви «Лейли и Меджнун», статус человека, художественное понимание, гуманистические и гуманитарные мысли, смысл и цель человеческой жизни, духовная зрелость.*

ABDURAHMAN JAMI'S REFLECTIONS ON HUMAN STATUS IN THE STORY «LEYLI AND MAJNUN»

The article talks about the thoughts of Abdurrahman Jami about the status of man in the poem “Leili and Majnun”, in which the poet’s humanistic view is reflected in a special way of depicting the character and personality of a person. The image of the heroes of the story is revealed through their actions and the world of emotions.

The issue of humanity and humanism must be resolved in direct connection with determining the future achievements of the planet. This question is considered the main question of modern literary-aesthetic thought and is the focus of literature and art.

It is clear that it was Abdurrahman Jami’s humanitarian and patriotic thoughts, original and progressive ideas that made him the greatest man of his time. The idea of the thinker’s humanism

covers all of his works. Being a great poet and thinker, Abdurrahmani Jami had a special view of man and explained in a special way the meaning and purpose of his existence in a certain historical period.

In Abdurrahman Jami's story “Leili and Majnun” the basis of the artistic image of a person occupies a more worthy position. That is why the concept of man acquires a complex character and covers general issues that are directly related to the actions of the heroes of the work and provide the necessary information about some of the basic signs of humanity.

The story “Leili and Majnun” is a completely independent work from the point of view of the artistic understanding of man in the work of Abdurrahman Jami, and this is a great story in Persian-Tajik classical literature, in which the question of man and his spiritual maturity is raised and resolved in a special way.

Key words: Abdurrahmani Jami, story, romantic love story “Leili and Majnun”, human status, artistic understanding, humanistic and humanitarian thoughts, the meaning and purpose of human life, spiritual maturity.

***Маълумот дар бораи муаллиф*: *Раҳимова Мушкинисо Исрафиловна* -** *номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода,734019, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев,17/6, тел:(+992927011473, 909337316).*

Сведения об авторе: Рахимова Мушкинисо Исрафиловна *– кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и истории литературы ТМУИЯ имени Сотима Улугзаде, 734019, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6, Тел: (+992927011473, 909337316).*

Information about the author: Rahimova Mushkiniso Israfilovna *– Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Theory and History of Literature, Sotim Ulughzoda State University, 734019, Dushanbe, Muhammadiev Street, 17/6, Tel: (+992927011473, 909337316)*

ТДУ: 891.550

ТАВСИФИ ЧЕҲРАҲОИ МОНДАГОР ВА НОМҲОИ ТАЪРИХӢ ДАР ШЕЪРИ МУҲАММАД ҒОИБ

Салими Хатлонӣ, Раҷабалиева Шаҳло

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Васфи чеҳраҳои таърихӣ аз қадимулайём яке аз мавзуҳои мубрам ва пураҳаммияту мондагори адабиёт ба шумор рафта, дар эҷодиёти адибони классик ва ҳам дар шеъру осори мансури адибони муосир ба фаровонӣ истифода шудааст. Шоирону нависандагон ва муаррихони форс-тоҷик аз азал саъй кардаанд, ки дар нигоштаҳои худ аз қаҳрамониву корномаҳои чеҳраҳои мондагор ва нобиғаҳои даврони худ фаровон ёдоварӣ намоянд ва мақсуд аз чунин нигориш, низ бар он аст, ки то тавонанд лаҳазоти таърихӣ ва воқеияти мушорикати ашхоси мондагор ва хушноми миллиро дар осори худ сабт ва барои рӯнамоӣ ба ояндагон ҳифз дошта бошанд. Аз ҷумла, бахусус шоирон бо таваҷҷуҳ бар чунин мавзуъҳо, яъне бо истифодаи чунин мушаххасот, дар мисраъҳои шеърӣ, номи асарҳо ва ё корномаҳои бемисли гузаштагон ва муосирони шинохтаи хешро бо мақсади офаридани тасвирҳои далолатбор ба шаҳодат ба кор бурда, барои нишон додани ҳақиқати таърихӣ иқдомоти боровар гирифтаанд. Айни тамоюл буд, ки то имрӯз, ба хусус бо истифода аз унсурҳои таърихсоз, устураҳо ва коромади талмеҳот, асомии қаҳрамонон ва таърихномаҳо дар “Шоҳнома”-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ дар бораи шоҳон ва ҷашнҳои миллӣ, корномаҳои ҷавонмардони миллати тоҷик, панду андарзи бузургон ва шинохти қаламраву миллат ба ҳақиқат ёд шудааст ва ин шоҳасари таърихӣ бо далолати нишон дода тавонистани чунин ҳақиқати таърихӣ аҳамияти худрото кунун ва баъдҳо низ бетағйир нигоҳ медорад.

Мавриди истифода қарор гирифтани чунин шаҳодат ва истидлоли таърихӣ, ҳамзамон бештар ба тариқи санъати бадеии талмеҳ ва ё ҳам гоҳо дар тасвирҳои ҷудогонаи аҳли қалам, дар адабиёти муосир низ ба сифату сурати нақши устураҳо дар офариниши асар корбурд гардидааст, ки намунаи барҷастаи чунин тасвирнигориро дар адабиёти гуногунжанр, бахусус дар осори шоирони солҳои 30-50-уми асри гузашта чун устодон Абулқосим Лоҳутиву Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Муъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, солҳои 60-70-ум ва баъдҳо, бештар дар ашъори шоирони ватансаро ва ҳомиёни таърихи миллат Ғоиб Сафарзода, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Ҳақназар Ғоиб ва дигарон низ зиёд метавон дучор омад, ки ин раванд дар эҷодиёти шоирони солҳои 80-ум ва бештар замони соҳибистиқлолии кишварамон, бештар ва хеле бо равнақ идома ёфтааст. Бояд бо таваҷҷуҳ бар ин назар афзуд, ки дар ин миён болои кор овардани ин мавзуи дорои мундариҷаи ғоявӣ ва шаҳодатдиҳанда бар манобеи таърихӣ аз назари шоири хушкалом ва саршори илҳом Муҳаммад Ғоиб низ дур намондааст.

Дар ҳар сурат, месазад гуфт, ки Муҳаммад Ғоиб шоирест ватансаро ва тараннумгари ёдвораҳои таъриху тамаддун ва дар сурудани тамоми навъи ашъор соҳиби сабку салиқаи худ аст ва дунёро ба чашми ботини худ менигарад ва манзари манзурро аз дидгоҳи худ, бо истифода аз санъатҳои тасвирсози бадеӣ ба тасвир мекашад, чунон ки адабиётшиноси зиндаёд Маъруф Раҷабӣ бо таваҷҷуҳ ба тарзи фарқкунандаи эҷодиёт ва салиқаи шеърофарии ӯ дар миёни ҳамсолонаш, дар мақолаи худ “Замини шеър барӯманд аст”, назарашро ба эҷодиёти ин шоир иброз дошта, фармуда буд, хеле бамаврид аст, ки ин ҷо зикр шавад. Чунон ки мефармояд: “Эҷодиёти шоир бо равонӣ ва ташбеҳу истиораҳои тоза ва дарёфти роҳи ҳалли хуби мавзуъ, аз офаридаҳои дигар ҳамсолонаш фарқ мекунад” [8, с. 22]

Новобаст ба ин ҳам, дар мавриди ашъори гуногунмазмун ва пурмуҳтаво ва вусъатбори лирикӣ, аз ҷумла сиёсиву иҷтимоӣ ва ошиқонаҳои Муҳаммад Ғоиб метавон ба сароҳати маънӣ ва бо диққат сухан гуфт, зеро ин шоир ба ҳар мавзуе, ки таваҷҷуҳ карда бошад, албатта пеш аз ҳама барои офаридани манзараҳои ҷолиб, ба тавассути мақсади пешгузоштааш дар бораи мавзуи мунтахаб ва минҷумла қаҳрамони фардии шеъраш, ки аз ҳар манзаре рӯнамо гашта бошад, худро муваззаф ва масъули дақиқназарӣ ва сароҳатнигарӣ дар тасвир мешуморад, чунон ки, ҳамзамон дар офаридани сувари вобастаи мазмун, хоҳ аз

қаҳрамони лирикӣ сухан дар миён мегузорад ва хоҳ дар мундариҷаи иҷтимоӣ ва ё сиёсиву таърихӣ ва ё, ҳаммонанди ин, ки ба тавсифи чеҳраҳои таърихӣ мепардозад, мувафақу комёб аст.

Ӯ худро меросбари ҳақиқӣ ва давомдиҳандаи муътақиди иқдомоти ин силсилаи шеърпардоз ва маъниофар, яъне бузургони адабиёти тоҷик меҳисобад, ки дар маҷмуъ ба гузаштаи ғаноманди таърихӣ ва фарҳангиву тамаддунии хеш хеле бо сароҳат ва ифтихори бесобиқа муносибат намуда, хотиротеро дар авроқи ҷовидонаи адабиёт сабт кардаанд ва бо хотирдории хеш, Муҳаммад Ғоиб дар ашъори худ аз ному нишон ва корномаҳои таърихии эшон бо далоили фаровон ёд мекунад, ки ин ҳама дар ашъори мухталифи шоир нақши нозудуданӣ пайдо кардаанд. Чунон ки аз корномаҳои таърихӣ гуфта бошанд ва ё аз самимияту муҳаббату садоқати инсонҳои асил ва ё аз ҷаҳонситониву куштору ғорату хунрезиҳо... аммо ҳар он чи, ки сутудаанд, ба сифати ёдномаҳои таърихӣ боқӣ монда ва имрӯзҳо низ ба ҳайсиияти сарчашмаҳои адабиву таърихӣ хидматгузор мебошанд ва дар саҳифаи эҷодии ҳар шоиру нависанда низ нақши мабдоӣ ва ё сарчашмавиро матраҳ мекунанд. Ин аст ки мо намунаи чунин ёдвораҳои таърихиро дар эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб ба фузунӣ дучор меоем, ки низ метавонанд минбаъд ба сифати сарчашмаҳо барои офаридани осори тозатару мондагор заминаи мусоид фароҳам ованд.

Бояд иқрор кард, ки Муҳаммад Ғоиб аз шоирони хушноми имрӯз аст, ки бо ашъори ғиноӣ ва бавижа “ватаннома”-ҳо ва нигоштаҳои тавсифиву иҷтимоии хеш, амали неку сутудании гузаштагони таърихиро дар қолаби чаҳорпораву ғазалу рубоӣ, дубайтӣ ва қитъаҳои пурмуҳтаво, ба манзури ҳаводорони каломи бадеъ ҳаволат кардааст, ки метавон ба намунаи ашъоре ва ё тасвири шеърие чунин, дар саросари осори ӯ, ки ҳамзамон идомаи чунин анъанаи офариниш дар адабиёт маҳсуб гардида ва ному нишони гузаштагонамонро гиромӣ доштааст, ба сароҳат дучор омад. Чунон ки дар абёти зерин, ки дар шеъри “Бузург” болои кор овардааст:

...Зи дунё ҳам равад,ҳаргиз нагардад,
Бузург аз хотири дунё фаромӯш,
Бузург аз ҷовидонӣ нома дорад,
Бузургонро ҷаҳон гирад дар оғӯш.
Ба хомӯшии худ овоза дорад,
Ба он ранге, ба дунё Шоҳи Хомӯш. [7, с. 45]

Ҳамин мавзуъ, яъне истифодаи ному корномаҳои шахсиятҳои пурмоя ва сармояи ифтихору номовари таърихӣ, аз ҷумла сифати кору рӯзгор ва панду андарзҳои маърифатпарвароне чун аҳли адаб, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалии Сино, Мавлонои Балхӣ, Саъдӣ ва Ҳофизи Шерозӣ, қаҳрамониҳои Рустаму Фаридун, Коваю Спитамен, Темурмалику Восеъ ва садҳо бузургону қаҳрамонони дигарро Муҳаммад Ғоиб дар шеърҳои “Панди куҳан”, “Резаборон”, “Улуғзода”, “Пуштибон”, “Восеъ”, “Тоҷик”, “Ранҷи Фирдавсӣ”, “Эътиқоднома”, “Таъкид”, “Накҳати Ватан”, “Аламнома”, “Бозгашт”, “Ҳасрати мулк”, “Бонги таърих”, “Сарнавишт”, “То қиёмат мулкдор осуда нест”, “Зиндагибахш” ва ғайраҳо бо сарбаландию сарфарозӣ ба қалам додааст ва ҳатто дар шеърҳои бахшида ба қаҳрамонони миллат “Эмомалӣ Раҳмон”, “Мирзо Турсунзода”, “Бобоҷон Ғафуров”, “Айнӣ”, “Нусратулло Махсум”, “Шириншоҳ Шоҳтемур”, аз қаҳрамониву ҷасорати онҳо тавсиф намуда, паҳлуҳои ибратомӯзи рӯзгори ин абармардони таърихии милати тоҷикро бо каломи сареҳ барои ояндагон боз ҳам равшантар инъикос намудааст.

Шоир дар ин мисраъҳои зер, аз қавми ориёӣ будани аҷдод ва гузаштагонамон ёдовар гардида, дар идома аз ноҳақиҳои Маҳмуди Ғазнавӣ нисбат ба Фирдавсии Тӯсӣ гиллагузор мешавад ва ҷое дигар барои қадршиносиву муҳтарам доштани бузургонамон андарз медиҳад ва ба таъкид изҳор медорад, ки мурдаҳоро мадҳ кардан ва ё онҳоро соҳибӣ кардан суд надорад, беҳтараш зиндаҳоро соҳиб бошем ва бо дастгирию дилгарм доштан ва арҷ гузоштани манзалати бузургони миллат некназар ва хушком бошем. Чунончи, бо истифода аз санъати талмеҳ, бо овардани асомии “рахшдор”, яъне номи ҷовидонпаҳлавони “Шоҳнома”, Рустами Дастон, шоҳи вақт Маҳмуд, номи мушаххаси Фирдавсӣ ва монанди

чунин чеҳраҳои таърихӣ, моро ба санавишти саргузаштии таърихӣ ва воқеӣ ҳам ошно мегардонад ва ҳам андарзи ҳушмандӣ медиҳад:

Аз нажоди ориё ҳастем, ори мо куҷост?
Мерасад бонги саворон Рахшдори мо куҷост?
Қадрдониҳои баъди марг ҷосусӣ бувад,
Ҳиммати Маҳмуд бар Фирдавсии Тӯсӣ бувад. [7, с. 46]

Айни чунин посдориву муҳтарам доштани аҳли маърифатро дар шеъри “Бонги таърих” низ дучор меоем, ки шоир ба қадри аҳли дониш расидаандро бо гиромидошт ёдоварӣ намуда, ҳифз кардани сарчашмаҳо ва маъхазҳои таърихиро, ки аз дасти лашкариёни муғул ба боди нестӣ расиданд, инчунин носипосию нотавонбинӣ нисбат ба шоирон ва қатли бархе аз онҳо ва сабабҳои ба хок яксон шудани ободиҳои сарзамин ва қаламрави аҷдодиро, сахт маҳкум мекунад. Чунон ки нангин будани чунин саҳифаҳои таърихиро дар чанд мисраи зер шоир ба риштаи назм кашида ва барои пойдории номи мардон, забони миллат ва устувории он бо ифтихормандӣ афзудааст:

Даври Сомонӣ буд даври илм,
Қадри мардони бохирад афзуд.
Сӯхт шояд зи оҳи Фирдавсӣ,
Пояи тахти давлати Маҳмуд.
Буд муғул аз даранда ҳам бадтар,
Кард садҳо навиштаро нобуд.
Баъди куштор, қотили Аттор,
Гуфт бо зиндагии худ падруд.
Зори дармон шуд он ки бар Сино,
Ҷаврҳо карду ҳам ҷазо фармуд.
Ҳарфи Ҳофиз ба Ланг хуш афтод,
Хол шуд нуқтаи хати мақсуд.
Тоҷик аз ҳар ҳаводиси айём,
Ҳифз танҳо забони худ бинмуд. [8, с.12]

Чунон ки бармеояд, номҳои Сомонӣ, Фирдавсӣ, Маҳмуд, Аттор, Сино, Ҳофиз ва ҳатто “забон”, ки ба устура бадал гаштаанд, инчунин номҳои манфури таърихӣ бо ҷаҳонситонон Маҳмуди Ғазнавӣ, қавми муғул ва Темури Ланг, дар шеъри боло тасвири дархурди мақсади шоир гардидаанд.

Ба ҳамин монанд, метавон ба шеъри хеле самимона сурудаи шоир, ки “Пуштибон” унвон гирифтааст, ба тавассути арзи ақидаи Муҳаммад Ғоиб, бештар ба ҷанбаҳои ҳам лирикии иҷтимоӣ ва ҳам ба дарунмояи он дар шинохти маъонии бештар марбут ба ҳифзи номус ва назари маърифатгарои адибони номвари тоҷик, аз ҷумла Ҳофиз, Бедил, Анварӣ, Сино ва дигарон, инчунин маъруфияти “забони дарӣ”-ии модарӣ, ки имрӯзҳо ба тавассути чунин анвои асотир номи миллати мо ҷаҳоншумул гардидааст, барои рӯшани андохтан ба мақсади шоир бештар ноил гардем. Чунон ки мегӯяд:

Мисли Ҳофиз ёфтан амри маҳол,
Бо ҳазорон ранг маънӣ гуфтааст.
Мисли Бедил ку дигар нозукхаёл?
Олами асрор, рози хуфта аст...

Гар намебуданд садҳо пуштибон,
Рӯдакӣ гумном буду Анварӣ.
Заҳмати Сино, пайи ҳифзи забон,
Дод умри тоза бар лафзи дарӣ. [8, с. 130]

Муҳаммад Ғоиб дар шеъри “Тоҷик” низ бо тавсиф аз номи қаҳрамонони таърихӣ ва макони басарбарандаи воқеот, бо ифтихормандӣ бар дастоварди тамаддунии миллати хеш

садо баланд кардааст, ки гузаштагони миллатҳои дигар агар барои наслҳояшон ғаму озор, нотавонбинӣ боқӣ гузошта бошанд, ниёгони дурандеши мо бароямон ашъор ва фарҳанги пурғановату рангин боқӣ гузоштаанд ва шукргузор аст, ки мардумони олам аҷдоди моро бо фарҳангу маданият он бештар мешиносанд. Чунон ки мегӯяд:

Дар ҳама рӯи замин донанд аҷдоди маро,
Лафзи ман гуфтори ман, табъи худододи маро...
Гар зи аҷдоде ба авлодаш ғаму озор монд,
Лек аз аҷдоди дурандеши ман ашъор монд... [8, с.238]

-бо ин ифтихороти тавъам ҳамчунон бо рӯнамоии воқеаҳои таърихӣ, ки бар асари таҳоҷуми Искандар сурат гирифтаанд, ёд овардани номи мушаххаси Хайём, Сино, Бедил, Рӯдакӣ, Ҳофиз, ё амокини таърихӣ, монанди Аҷам, Чилдухтарон, Бадахшон, Зарафшон, Хатлон ва дар маҷмуъ Ватан – Тоҷикистонро мавриди ситоиш қарор медиҳад, ки албатта саршор аз тасвирҳои пурмуҳтаво мебошанд.

Ҳамзамон бо ифтихормандӣ аз номи чунин қаҳрамонии мардони шуҷоъ ва ё родмардони бемисоли осори таърихии адабиётамон аз ҷумла қаҳрамонони манфӣ ва мусбат, амсоли Маҳмуд, Деви сафед, Заҳҳок, Аҳриман, Искандар ва, ё дар мисоли Ҷамшед, Салм, Тур, Эраҷ, Фаридун, Ковус Афросиёб, Рустам, Сом, Золи Зар, Таҳмина, Таҳмтан, Сиёвуш, Суҳроб, Тӯс, Гурӯй, Исфандиёр, Доро, Искандар, Бежан, Фурӯд, Баҳман, Шедасп, ки дар шеъри “Ранҷи Фирдавсӣ” болои кор омадаанд, ба далолат мехонем:

Зории Эраҷ нарезонад сиришки Салму Тур,
Дар сари ин қисса дил обу ҷигар хун мешавад.
Аз ҷаҳони подшоҳӣ бурда ҳасратҳо ба гӯр,
Сад пушаймон аз хатои худ Фаредун мешавад.

Ва, ё дар қитъаи зер мехонем:

Ҷабри Ковус аст беҳ аз шафқати Афросиёб,
Кушта мегардад Сиёвуш охир аз дасти Гуруй.

Ва, ҳаммонанд бар тасвири чунин номҳои мондагор ба шаҳодат мегирем, ки мефармояд:

Бар димоғам мерасад аз оташи дардода дуд,
Бехиёнат нест рашк, аз роҳ гардон Тӯсро.
Дасти тири Бежан аз тан мекашад ҷони Фуруд,
Мезанад барҳам умеди Рустаму Ковусро. [7,с. 241]

-ва чандин асомии дигар, ки зикрашон дар боло рафт, муҷиби омӯзиш беда ва ин ҳама аз ҳунари тасвирофарии Муҳаммад Ғоиб ба шумор меравад, ки ба тавассути чунин усули коргирӣ ба тариқи корбурди талмеҳот ва исмҳои асотирӣ дар шеъри хеш, хонандаро дар ҷаҳони бадеии офаридаи Фирдавсии Тӯсӣ сайр медиҳад, чунон ки намунаи мушаххаси он дар шеъри фавқуззикр ба мушоҳида расид.

Муҳаммад Ғоиб ба ин тавассут, бо тавоҷҷуҳ бар нигоштани асомии чеҳраҳои мондагори таърихӣ, ҳамчунон бар маросиму урфу одоти миллӣ рӯ оварда, бо ёдоварӣ аз ҷашнҳои мутамаддин ва фарҳангии миллат, монанди Меҳргон, Наврӯз, Сада ва ғайра, бори дигар ба тариқи рисолати шеъри худ барои баҳрабардорӣ аз расму оинҳои мардумии мо, ки ба чунин воқеоти таърихӣ иртиботи қавӣ доранд, даъват ба амал меорад ва ба ин тариқ хонандаи хешро ба гузаштаи таърихии аҷодонамон ошно мегардонад. Ин, ки мегӯяд:

Бехато донем аз он рӯзи ҷашни Меҳргон,
Бехато донем аз он ҷашни Наврӯзу Сада. [7, с.246]

Шоир дар шеъри дигари хеш, ки бо унвони “Сарнавишт” болои кор омадааст, бо истифода аз номи 12 шахсиятҳои таърихӣ ва се шаҳри бостонӣ, тавонистааст, ки маънии амиқи шеър ва ба тавассути тасвирҳои барҷой, мантиқ ва муҳтавои онро бо рангомезии воқеот ва гузашти дирӯзи рӯзгори иҷтимоиву сиёсии миллат, бо моҳияти сирф таърихӣ дар пешорӯи хонанда қарор диҳад, чунон ки муҷассам доштани симову чеҳраҳое, ки бо доштани ифтихору ғурури миллӣ, дастболоиву ғолибият, мардонагиву ҷасорати хеш дар набардҳо ва кашмакашҳои дар тули таърих рухдода ҳиммат гумоштаанд, низ пораҳои шеъри ӯро пурҷозиба кардаанд ва дар кори истифода аз чунин чеҳраҳои таърихӣ ба сифати талмеҳ дар шеъри худ комёб шудааст.

Шоир, дар маврид, ҳамзамон ба тавассути ёдоварӣ бар исми қаҳрамонон ва ё исмҳои таърихӣ, саъй мекунад, ки хонанда ва ҳаводори каломи хешро бо гузаштаи таърихӣ ва имрӯзи он ба муқоиса гирад ва онро ба манзараҳои воқеӣ, ҳолоти табиат ва ҳоҷоти инсон, аз ҷумла дастовардҳои замони соҳибистиқлолии кишвар, дар зери парчами ваҳдат ва пайгирӣ бар иқдомоти Пешвои миллат бештар ошно гардонад. Чунон ки дар шеъри зерин гуфтаст:

Бигзаранд аз кӯчаи андешаи ман Коваҳо,
Қисса доранд аз дарахтони бузургам новаҳо.
Гар Фаридун дод барҳам шавкати Заҳҳокро,
Пок кард аз гарди заҳролуд обу хокро.
Он Куруши зарбазан ларзонд тахти даврро,
Вожгун кард ӯ сутуну пояҳои ҷаврро.
Он Амири Ҳамзаи ман шуд сипар шамшерро,
Дӯст медоранд мардони Хуросон шерро.
Дошт Искандар ҳам аз Испитамени ман ҳазар,
Дар диёри ман шуд ӯ маҳрум аз шаҳди зафар.
Хӯрд дар Хатлон шикасти сахт урдуи араб,
Дар нигоҳи лашкараш шуд рӯзи равшан тирашаб.
Хонд Исмоил девори Бухоро хешро,
Марҳами осудагӣ шуд синаҳои решро.
Қаҳрамон Темурмалик бархост зидди душманам,
Гуфт: -Гӯри хасми худро бо силоҳам меканам. [8, с. 8]

Дар ин шеър, шоир бо мақсади тасвири симои душман, онро бо калимаю ибораҳое, ки дорои сифати марбут ба аъмоли зишти инсонҳои палид аст, монанди морпарварҳо, Заҳҳок, гарди заҳролуд, овози хасм, пояҳои ҷавр, урдуи араб, гӯри хасм, инчунин таъбир кардани мафҳуми “фанди душман дар либоси дӯст” моҳирона мавриди истифода қарор додааст, ки таъкидҳои ӯ хонандаро ба дунёи таърих ва ҷонбозиҳои абармардони илму сиёсат сари зонуи андеша менишонад ва ҳам барои шинохти неку бад ҳушдор медиҳад.

Қаҳрамониҳои аҷдодони моро шоир дар ибора ва ҷумлаҳои ба вусъати абри баҳорон гиристан, овози мардони ҷасур, бабри хашм, ғуррамаргон, зарбазан, сипар, дӯст доштани мардони Хуросон шерро, маргаш ҷовидонӣ кард номи Меҳан, девори Бухоро, кандани гӯри хасм бо силоҳи хеш, хуфтаи айёмро бедор кардан, мастҳоро ҳушёр кардан дар шеъри “Худшиносӣ” ва чунин навъи ному асомии қаҳрамонони таърихиро дар дигар ашъори хеш низ фаровон ба қалам додааст, ин маҳорати шоирона ифтихории миллиро дар ниҳоди ҳар як нафар хонанда метавонад бедор намояд.

Ба ҳамин монанд, дар ин ашъор ёдоварӣ аз номи қаҳрамонони халқ, монанди тасвири симо ва шахси Восеъ низ ҷолиби диққат расидааст. Барои мисол, дар маврид мебояд ба абёти мақтаи ин шеъер бештар бодиққат буд, ки ба тавассути муассир доштани ҳунари шоирии хеш, Муҳаммад Ғоиб гузаштаи таърихии мардуми тоҷикро бо як дилгармиву самимият дар қиёс ба имрӯзи он пайванд медиҳад ва чунон ки мехонем, бо мурури овардану тавъам дидани номи Пешвои миллат, ки дар иҷобати корномаҳои хеш чун гузаштагони хеш бо матонат ва садоқат аст ва беш аз дигарон барои истиқлолият ва якпорчагии Ватану миллат шукргузорӣ мекунад, мегӯяд:

Мастҳоро шӯриши Восеъ агар ҳушёр кард,

Хуфтаи айёмро Айнӣ зи нав бедор кард.
Дорад акнун кишвари ман Пешвои хешро,
Ҳам нишону ҳам суруду ҳам ливои хешро [8, с. 9]

Муҳаммад Ғоиб, ҳамчунон, дар шеъри “Восеъ” - қаҳрамони халқи тоҷик, шуҷоати далерии мардумро дар симои як фарди тоҷик қаламдод намуда, ба ин тариқ рӯзгори мардуми нодору кутаҳдаст ва амалдорони золиму хунхорро дар шеъри худ ба ҷилва оварда, барои шукргузории халқ, ки ба тавассути иқдомоти созандаи Пешвои миллат ба бор омадааст, даъват ба амал меорад.

Дар баробари ин ҳама, яке аз аз паҳлуҳои тавсифии шеъри Муҳаммад Ғоибро, ба ҳақиқат шинохтани чеҳра ва симои сиёсӣ ва иҷтимоии Роҳбари давлат ва иқдомоти созанда ва хирадмандонаи он ташаккул додааст, ки айни ашъор дар саросари осори ӯ хеле пурмуҳтаво ва тасвирбор расидаанд ва шоир дар асл ситоишгари заҳматҳои шаборӯзӣ, ободгарӣ, инчунин бо замонати дар ҳифзи ному нишон ва мероси ниёгон, намунаи ибрат будани Пешворо бештар ба тасвир гирифтааст, ки шоистаи таҳсин аст. Зеро амин аст, ки танҳо бо ибтикори Пешво, Тоҷикистони ба гирдоби нобудӣ расида, наҷот дода шуд ва ба як кишвари пешрафта ва шукӯфон табдил ёфт.

Қудрати ин некҷӯ бадхоҳро дар ҷо шинонд,
Мулки худ аз вартаи нобуд гардидан раҳонд.
Зиндагиро дар диёри ғайр дур аз марг хонд,
Кард халқаш ҷамъ, осори парешонӣ намонд. [8, с. 30].

Чунон ки шоир барои намуна дар шеъри “Даъват” бо ёдоварӣ аз корнамоиҳо ва дастовардҳои мардуми тоҷик дар тули таърих аз насли Тоҷикистони соҳибистиқлол даъват менамояд, ки бояд ба ҳарфи роҳбар гуш диҳем ва Тоҷикистонро дигар бояд кунем. Роҳбар, гуфта, шоир Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар назар доранд, ки дар тамоми баромадҳои худ бо ифтихор аз гузашта ёдоварӣ намуда, мардумро ба меҳандӯстӣ, илмомӯзӣ ва худшиносии миллӣ даъват менамоянд.

Шоир ба тариқи ин шеъри худ, бо огоҳ сохтани насли ҷавон аз гузаштаи пурифтихори миллати тоҷик мусоидат менамояд ва даъват ба амал меорад, ки:

Гӯш ҳарфи роҳбар бояд кунем,
Дасти нанги худ сипар бояд кунем.
Дар ҳама майдон зафар бояд кунем,
Тоҷикистонро дигар бояд кунем.
Хоки мулки хеш зар бояд кунем.
Боз тоҷи худ ба сар бояд кунем,
Тоҷикистонро дигар бояд кунем. [8, с. 15].

Ҳамин силсила, яъне ёдоварӣ аз гузашта дар шеъри “Улуғзода”, ки посдорандаи ҳувияти миллии тоҷикон аст, қавитар гаштааст. Дар ин шеър шоир бо ёдоварӣ аз мафҳумоти Ҷоми Ҷам, аҳди Самонӣ, Панҷрӯд, забони Рӯдакӣ, шавкати Маҳмуд, Оли Сомон ва ғайра, саъй кардааст, ки бо назар кардан ба номи бархе аз шахсиятҳо, ба гузаштаи таърихии мардум низ мутаваҷҷеҳ бошад, то тавонанд хонандаи хешро низ аз чунин сайри таърихӣ ком бахшояд. Чунон ки меситояд:

...Сорбонҳо раҳ ба раҳ ганҷинааш ҷамъ ованд,
Ҷоми Ҷамро аз булури синааш ҷамъ ованд...
Мисли ӯ ҳаргиз надонад аҳди Сомонро касе,
Рӯзгори пурғаму дарди ниёгонро касе.
Муддате будаст гӯӣ дар канори Панҷрӯд,
Ӯ шунидаст аз забони Рӯдакӣ шеъру суруд.
Шавкати Маҳмуду ёди Пири Тӯсӣ дар сараш,

Мешавад ҳайрон ҳанӯз аз зиндагиву довараш...
Гӯиё пире зи аҳди Оли Сомон мондааст,
Ин бузург аз ҳамнишинони бузургон мондааст. [7, с.179]

Ҳамчунон, агар ба доираи ашъори ба Ватан бахшида ва ё бо руҷуъ ба мавзуъҳои таърихӣ иншонамудаи Муҳаммад Ғоиб назар афканем, пеш аз ҳама таваҷҷуҳи моро симои чеҳраҳои мушаххаси мусбат ва манфӣ, инчунин амокини таърихӣ бештар ба худ ҷалб мекунанд, ки албатта мувофиқи мақсади шоир болои кор омадаанд. Аз ҷумла чунин манзараҳоро на танҳо дар ашъори махсус, балки дар ғазалҳову дубайтиву рубоӣ ва чаҳорпораҳои шоир батадриҷ дучор меоем ва намунаи дигари он метавонанд манзумаҳо ва драммаҳои манзуми шоир ба шумор раванд.

Чунон ки мо ба тариқи шеъри “Эътиқоднома” ва ҳам драммаи манзуми “Шоҳи Ҳамадон” бе муболиға ба номҳои маъруф, чеҳраҳои ирфонӣ ва фарҳангу адабиёт, аз ҷумла, Қавомуддини Бадахшонӣ, Эмом Нуриддин Ҷаъфари Бадахшӣ, Хоҷа Исҳоқи Валӣ, Шоҳи Хомӯш, Амир Темур, ёрони Кашмириву Афғониву Ҳиндиву Арабу Эрону Чинӣ ва ҳолномаи таърихии ин давр бештар ошно гардидем.

Айни чунин тасвирҳоро дар манзумаи “Девори хотира”-и шоир низ метавон ба мушоҳида гирифт, ки бо таваҷҷуҳ бар асомии чеҳраҳои маданиву фарҳангӣ ва амокини таърихӣ, тасвирҳои ҷолиб офаридааст.

Муҳаммад Ғоиб дар ашъори хеш, ба чеҳраҳо ва симоҳои шинохтаи замони муосир низ аз нигоҳи ҳақиқатбин назар андохта, дар кори тавсифи онҳо бо хулосабарорӣ дар кору фаъолият ва муҳтарам дарёфтани шахсияти онҳо бештар таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Чунон ки дар саросари ин ашъор ба чашм мехӯранд, шоир аз номҳои шинохташуда ва дар миёни мардум эътирофгардидае бештар ёд кардааст, дар асл арзандаи тавсиф мебошанд. Аз ҷумла дар ашъори бахшида ба собиқадори Ҷанги Бузурги Ватанӣ Гадо Ҳошим, ҳунарманди мардумии Иттиҳоди Шӯравӣ ва маҳбуби дилҳо Ҳошим Гадо, ҷаҳонпаҳлавони машҳур бо ибораи тахаллусшудаи “ҳалӯки Искандарӣ” Искандаршоҳи Раҳматулло, устод Иноят Иззатов, қаҳрамони миллӣ Аҳмадшоҳи Масъуд, шоирон Ғаффор Мирзо, Ашур Сафар, Бозор Собир ва Лоиқ Шералӣ, нависандагон Ҷумъа Одина, Сайф Раҳим, қаҳрамони қиссаву достонҳо, ки барои ҳифзи ғаллазор ба коми оташ рафт Талбак Лолаев ва дигар тавсифоти ӯ, хеле ҷолибанд, ки бештар ба ҳақиқати ҳолу рӯзгор ва шахсияти ин зумра нигаронида шудаанд.

Дар хулоса бояд афзуд, ки шеъри Муҳаммад Ғоиб дар замони бархӯрди тамаддунҳо ва азбайнравии баъзе миллатҳо, ки аз таърихи гузаштаи худ хуб бархурдор нестанд, ҷиҳати худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ ибратомӯз буда, дар ниҳоят барои насли оянда, ҷиҳати худсозӣ ва худшиносии милӣ муҳим ва зарурӣ мебошад.

Тавсифи чеҳраҳои мондагор ва симоҳои таърихӣ дар ашъори ин шоирро, ки хеле фаровон истифода шудаанд, метавон ба сифати дарси адаб ва шоистаи таҳсин истиқбол кард.

Муқарриз: Салими Хатлонӣ, д.и.ф., профессори ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода

Рӯйхати адабиёт:

1. Акбаров Ю.Ҷустуҷӯҳои эҷодию ахлоқӣ. – Душанбе: Ифон, 990. - 260 с.
2. Аристотел, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд, Насириддини Тӯсӣ. Фанни шеър. (Танзим, тасҳеҳ ва тавзеҳоти Ш.Ҳусейнзода ва Х.Шарифов). – Душанбе: Ирфон, 1985. - 192 с.
3. Асозода Худойназар. Таърихи адабиёти тоҷик. (давраи нав). Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. - 672 с.
4. Асозода, Худойназар. Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ. – Душанбе: Маориф, 1999. - 448 с.
5. Зеҳнӣ, Тӯрақул. Чанд сухани судманд. – Душанбе: Ирфон, 1984. - 156 с.
6. Зеҳнӣ, Тӯрақул. Санъати сухан. – Душанбе: Адиб, 2017. - 400 с.
7. Муҳаммад Ғоиб. Девон. – Душанбе: Пайванд, 2009. - 1016 с.
8. Муҳаммад Ғоиб. Чашмаи саодат. – Душанбе: Эр-граф, 2020.
9. Шакурӣ М. Нигоҳе ба адабиёти асри бистуми тоҷик. – Душанбе, 2006. - 455 с.
10. Шарифов Х. Шоири бузург. (Анъанаҳои адабӣ). – Душанбе: Деваштич, 2007. - 476 с.

ТАВСИФИ ЧЕҲРАҲОИ МОНДАГОР ВА НОМҲОИ ТАЪРИХӢ ДАР ШЕЪРИ МУҲАММАД ҒОИБ

Мақолаи мазкур назару андешаи Муҳаммад Ғоибро бо эҳсосоти ботинии ин шоири дақиқбин ба мавзуи чеҳраҳои таърихӣ дар ашъори ӯ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Афкоре, ки дар ин мақола мураттаб шудаанд, дар тавсифи чеҳраҳои мондагори таърихӣ болои кор омада, бештар ба назари шоиронаи Муҳаммад Ғоиб дар ин мавзуъ дахл дошта, ифшогари рози ватандӯстонаи шоир мебошанд, ки дар саросари ашъори ӯ ба чашм мерасанд.

Калидвожаҳо: *Ватан, Сомонӣ, Пешво, Тоҷикистон, Фирдавсӣ, Сино, тоҷик, таърих, истиқлол, ишқ, худшиносӣ, ватанпарастӣ, садоқат.*

ОПИСАНИЕ ВЫДАЮЩИХСЯ ИСТОРИЧЕСКИХ ЛИЧНОСТЕЙ В ПОЭЗИИ МУХАММАДА ГОИБА

В данной статье рассматриваются взгляды Мухаммада Гоиба и внутренние переживания этого проницательного поэта на тему исторических личностей в его стихах.

Мысли, собранные в данной статье, используются при описании исторических личностей, они больше связаны с поэтическим взглядом Мухаммада Гоиба на эту тему и раскрывают патриотическое чувство поэта, которое прослеживается во всех его стихах.

Ключевые слова: *Родина, Сомони, Лидер, Таджикистан, Фирдавси, Сино, таджик, история, независимость, любовь, самопознание, верность к отчизне, преданность.*

DESCRIPTION OF PROMINENT HISTORICAL FIGURES IN THE POETRY OF MUHAMMAD GHOIB

This article carefully examines the thoughts and views of Muhammad Goib and the inner feelings of a gifted poet on the topic of historical figures in his poetry.

The thoughts collected in this article are devoted to historical figures and famous names that are based on the poetic feeling of Muhammad Goib, as well as his generalizing views on the topic that can be traced throughout the poet's entire cycle of poems.

Key words*: Motherland, Somoni, Leader, Tajikistan, Firdavsi, Sino, Tajik, history, independence, love, self-knowledge, loyalty to the homeland, devotion.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Салими Хатлонӣ *- Донишгоҳи байналмилалии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёт. Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, ул. Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: (+992) 883001154*

Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна *- Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим улуғзода, унвонҷӯйи кафедраи назария ва таърихи адабиёт.* ***Сурога:*** *734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: (+992) 981-01-86-86; E-mail: javoni1986@mail.ru*

Сведения об авторах: Салими Хатлони *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, доктор филологических наук, профессор кафедры теории и истории литературы. Адрес: 734019, г. Душанбе, ул. Муохаммадиева, 17/6. Тел.: (+992) 883001154*

Раджабалиева Шахло Раджабалиевна *- Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде соискатель кафедры теория и история литературы факультета филология и журналистики. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. Тел.: (+992) 981-01-86-86; E-mail: javoni1986@mail.ru*

Information about the authors: Salimi Khatloni *– Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and History of Literature. Address: 734019, Dushanbe, st. Muhammadiev, 17/6. Tel.: (+992) 883001154.*

Radjabalieva Shahlo Radjabalieva *- Tajik International University of Foreign Languages of named after Sotim Ulughzoda, Degree applicant Teory and history of philology and journalism faculty. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Muhammadiev, 17/6. Tel.: (+992) 981-01-86-86. E-mail: javoni1986@mail.ru*

ТДУ: 891.550

АНДАР МАТНШИНОСИИ «НАМУНАИ АДАБИЁТИ ТОҶИК»

Саидов Саидумрон
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

«Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Садриддин Айнӣ баробари арзиши таърихиву сиёсӣ, ки мавҷудияти миллати тоҷик ва забону адабиёти онро аз даврони Сомониён то садаи бистум дар назди рақибони миллати тоҷик собит намуд ҳамзамон дорои қиммати баланди адабӣ ва илмӣ низ ҳаст, ки аз ҷониби суханшиносони ватаниву хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

“Намунаи адабиёти тоҷик», ки соли 1926 дар шаҳри Маскав ба табъ расид чун нахусттазкираи адабиёти давраи навини тоҷик пазируфта шудааст. Боиси хушнудист,ки дар даврони Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи эътибори хоса гузоштан ба масъалаи худшиносии миллӣ аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди табъу нашри ҷадиди «Намунаи адабиёти тоҷик» донишмандону суханшиносони кишвар афкору андешаҳо хешро баён карданд ва муҳимтар аз ҳама ин китоби пуразиш чанд дафъа нашр гардид.

Дар соли 2010 нахуст дар нашриёти “Адиб” бо таҳия ва тасҳеҳи адабиётшинос Мубашири Акбарзод, сониян аз ҷониби Институти “Ҷамъияти кушода”-и Бунёди Мадад дар Тоҷикистон ва Бунёди адабии Айнӣ бо кӯшиш ва эҳтимоми Камолиддин Айнӣ ва Низом Қосим, нашр шудани «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Садриддин Айнӣ аз рӯйдодҳои муҳими илм ва адабиёт маҳсуб мешавад. Ҳар ду китоб ҳам гузашта аз анотатсияи начандон тӯлонӣ бо сарсухани Абулқосим Лоҳутӣ ва муқаддимаи устод Садриддин Айнӣ оғоз ёфтааст. Фарзанди муаллифи тазкира донишманди фақид Камолиддин Айнӣ дар ҳар ду нусхаи китоб мақолаеро бо номи “Шиносномаи миллати тоҷик” ҷой додааст, ки дар он баробари чандин масъалаҳои марбут ба ҳаёт ва фаъолияти устод Садриддин Айнӣ, дар бораи ҳадафи таълиф ва таърихи нигориши «Намунаи адабиёти тоҷик» сухан рафтааст. Камолиддин Айнӣ дар ин мақола дар баробари масоили гуногуни таърихиву адабӣ ишора бар он мекунад,ки нусхаи мазкур “бо дар назар гирифтани ислоҳоту изофоте, ки устод Айнӣ ба он пардохтаанд, ба табъ мерасад”[1, с. 23]. Чопи ин ду китоб ба хати сирилик барои хонандаи имрӯз имконияти хуберо дар шинохти заҳмат ва хидмати бузурги устод Садриддин Айнӣ фароҳам оварад.

Аслан масъалаи табъу нашр ва чи гуна сурат гирифтани чопи ҷадиди он ҳанӯз барвақттар аз ҷониби суханшиносон ба миён гузошта шуда буд. Аз ҷумла адабиётшиноси маъруфи тоҷик шодравон Абдулманнони Насриддин мақолаеро бо номи “Нашри нави “Намунаи адабиёти тоҷик” чигуна бояд сурат бигирад?” нахуст дар ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» (3-10-уми ноябри соли 2005) сониян дар китоби «Чиҳил мақола» (Хуҷанд, 2007 саҳ. 366-384) муҷаддадан чоп намуд. Абдулманнон Насриддин дар ин мақола дар баробари зикри заҳматҳои фаровони устод Садриддин Айнӣ аз мавҷудияти ниёзи хонандагон ба чопи ҷадиди ин асари беҳамто ишора менамояд. Ҳамзамон суханшинос аз он ёд мекунад, ки дар вақти ҷамъоварӣ ва танзиму таҳрири «Намунаи адабиёти тоҷик” ағлаби манобеи дастраси имрӯз зери назари устод қарор надошт. Ба қавли муаллифи мақола “ Он устоди фарзона бар мабнои нусхаҳои хаттӣ, дастхатҳои ноқис ва гоҳе авқот дорои иштибоҳот корашро ба субут расонид. Табъи салим, донишу фаросати камназири устод С.Айнӣ боис гардид, ки бисёре аз иштибоҳоти нусханависон дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ба ислоҳ бирасад ва барои алоқамандон матни ба асл наздик манзур гардад” (4, 366). Баробари зикри омилҳои дигари тасҳиф дар китоб муаллиф пешниҳод мекунад, ки ҳини нашри нави асари мазкур таҳиягарон ва мусаҳҳеҳон бояд дар тасҳеҳи ғалатҳои мавҷуда мутобиқ ба меъёр ва талаботи илми матншиносӣ кореро ба анҷом расонанд, ки ин асари пуразиш аз назари сиҳҳатии матн қобили таҳсин бошад. Зеро ин амали хайр имкон медиҳад ба китоби «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Садриддин Айнӣ ҷилои тозаи маънавӣ эҳдо намояд.

Бо мақсади равшан намудани ҳадаф ва саҳме дар ин кори хайр гузоштан Абдулманнон Насриддин «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро бо диққати хос мутолиа намуда, ба

хотири дарёфти нусхаҳои асил ё ба асл наздик онро бо сарчашмаҳои мўътамад муқоиса менамояд.Ин амали хешро донишманд бо он асоснок менамояд,ки худи устод Садриддин Айнӣ дар чанд ҷойи «Намунаи адабиёти тоҷик» ишора кардаанд, ки нусхаҳои истифодакардаи ў нуқсон доранд, китоб тадвину такмили бештар мехоҳад"[4, с. 368]. Ё худ дар анҷоми сарсухани худ устод Садриддин Айнӣ менависанд:" Ба ҳар ҳол, бо ҳама нуқсону камии татаббўи ҷомеъ ин маҷмўа дар ин боб муқаддимаворӣ хидмат хоҳад кард. Аммо тадвину такмили ин мавзўъ, чунон ки бояду шояд, хидмати ҷавонони мустаиду фаъолро мунтазир аст» [2, с. 10].

Абдулманнони Насриддин барои дастёб шудан дар бартараф намудани тасҳифоти матни китоб ба сарчашмаҳои мўътамад ва нусхаҳои қаламие чун «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ, «Музаккир-ул-аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ, «Музокир-ул-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ муроҷиат менамояд. Муаллифи мақола баъди муқоисаву муқобала бо нусхаҳои дар боло зикр ёфта ва сарчашмаҳои дигар ба хулосаи саҳеҳи илмӣ мерасад,ки "ғалатҳои бисёре, ки дар ин китоб роҳ ёфтааст, аз нуқсу иштибоҳоти сарчашмаҳои истифодакардаи ў (С.Айнӣ.С.С) ва бештар аз саҳлангории ноширон рух додааст" (4, 371)

Бо мақсади огоҳ шудан аз дараҷаи мавриди эътибор қарор гирифтани тасҳеҳоти матншиноси маъруф аз ҷониби таҳиягарон ва мусаҳҳеҳони ду нашри «Намунаи адабиёти тоҷик» мо назаре андўхтем ба ин нусхаҳо ва ба назар расид,ки дар ағлаби маврид тасҳеҳоти Абдулманнон Насриддин мавриди эътибори таҳиягорон қарор нагирифтааст.

Чунончи байти Амир Муиззӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» чунин сабт шудааст:

Бингар, ки шаҷар ҳаст пур аз анбари соро,
Бингар, ки чаман ҳаст пур аз лўълўи маншур. (2, 23).

Муаллифи мақола дар тасҳеҳи ин байт меорад:

"Ибораи «лўълўи маншур» маънои мувофиқ надорад. Аслан ин ибора «лўълўи мансур» ба маънои «гавҳару марворидҳои фаровон нисор кардан ва парокандан» меояд. Дар навишт ба алифбои арабӣ «мансур» ба «со» - и мусалласа навишта мешавад, яъне аз он «мансур», ки ба «сод» менависанд, куллан фарқ дорад".....

Ин байт дар нусхаи нашриёти "Адиб"(с.35) тасҳеҳ ёфтааст вале дар чопи Бунёди адабии Айнӣ (с.23) ҳамон шакли нодуруст ба назар мерасад.

Байти зерини Қатрони Табрезӣ.
Аз насими сунбулу гул гашт чун қар-қиз (?) боғ,
В-аз дами зулфи бути ман гашт чун мушкўй кўй.
(саҳ.44)

Устод С.Айнӣ дар байти боло баъди калимаи «қар-қиз» аломати суол гузошта, чунин сабт карда,ки дар ду нусхаи тозанашри зикрёфта ба ҳамон шакли нодуруст насб шудааст ва устод Садриддин Айнӣ бо умеди тасҳеҳ намудани муҳаққиқони сонӣ ба вожаи шубҳаноки байт аломати суол гузоштаанд аз ҷониби адабиётшинос Абдулманнон Насриддин ба тариқи зайл тасҳеҳ шудааст:

"Дар «Лубоб-ул-албоб» ин калима «қарқир» (ҷилди 2, саҳ. 210), дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳ нашри Муҳаммад Рамазонӣ (саҳ.55) низ «қарқир» зикр ёфтааст. Варианти «қар-қиз» дар ҳеч китоби дигар ғайр аз «Намунаи адабиёти тоҷик» дида нашуд. Ризоқулихони Ҳидоят байти болоиро чунин сабт кардааст:

Аз насими сунбулу гул гашт чун Хархир боғ
В-аз даму зулфи бути ман гашт чун мушкўй кўй.
(Маҷмаъ-ул-фусаҳо, ҷилди 1, саҳ.1696)

«Хархир»-ро муаллифи «Луғатнома» чунин тавзеҳ додааст: «Номи шаҳрест аз Хито, ки мушку ҷомаи абрешим аз он ҷо оваранд». (3.9663) Ҳамин муаллиф тазаккур медиҳад, ки «Хархиз» ҳам гуфтаанд номи ин шаҳрро. Шавоҳиди шеърӣ, ки аз осори Манучеҳрӣ, Носири Хусрав, Саноӣ, Масъуди Саъди Салмон ва Низомии Ганҷавӣ иқтибос ёфта, гувоҳ аст, ки «Хархир» ва «Хархиз» ҳамчун ватани мушки ноб шуҳрат дошт ва дар шеъри форсӣ

хушбӯиро ба он тамсил меоварданд. «Қарқир» ва «қарқиз» нусхаи тасҳифшуда аз «Хархир» ва «Хархиз» мебошад. Бо шарҳи ин калима ва дар мисраи дувум ба ҷои «дами зулф» «даму зулф» навиштан маънои байт комилан фаҳмо хоҳад шуд.” (4.376)

Воқеан ба тавзеҳот ва тасҳеҳоти муаллиф ҷои эрод нест ва дар сурати дохил шудани ин нусхаи байт дар нашрҳои зикрёфта амали шоистае хоҳад буд дар матншиносии “Намунаи адабиёти тоҷик”.

Ё худ дар асоси сарчашмаҳои мӯътамад муаллифи мақола мисраи аввали байти Қатрони Табрезӣ

Кӯж гардад бар сипеҳри ишқи ӯ ҳар моҳ моҳ
Хуни дил ҳар шаб кунад з-ин чашми ман бероҳ роҳ.(4, 46)-ро

дар шакли “Кӯж гардад бар сипеҳр аз ишқи ӯ ҳар моҳ моҳ” тасҳеҳ менамояд, ки ин низ аз назари мусаҳҳеҳони ду нашри нав дур мондааст.

Боиси зикр аст, дар раванди баргардон ё бозчопи ин ё он китоб ё нусхаи қаламӣ,ки арзиши таърихӣ дорад таҳрир ё тағйир додани матн бе асоси илмӣ қобили қабул нест.Таҳиягарони ин ду нашр низ маҳз аз рӯи ҳамин меъёр амал кардаанд,ки аз назари одоб ва талаботи илм дуруст аст. Вале он таҳсифоте,ки дар ин нашрҳо рух додааст бидуни ихтиёри муаллиф сар задааст ва Устод Айнӣ чунон ки зикраш рафт дар поёни сарсухани худ иҷозаи таҳрирро барои ояндагон вогузоштаанд. Чунончи ба қавли Абдулманнони Насриддин ”Устод Садриддин Айнӣ бо эътимод ба Давлатшоҳи Самарқандӣ зодгоҳи Қатронро Тирмиз ҳисобида, Ҳаким Қатрон ибни Мансури Тирмизӣ навиштааст. Маълум аст, ки Қатрон аз нахустин шоирони бузурги ҳавзаи Озарбойҷон аст ва зодгоҳаш шаҳри Табрез мебошад.”(3.377) Мусаллам аст,ки дар давоми бештар аз ҳаштод сол иттилооти зиёде оид ба зиндагинома ва фаъолияти Қатрон ба даст омад ва шубҳае намондааст,ки зодгоҳи ин суханвар Табрез мебошад.Аз ин рӯ дар ҳошияи саҳифаи марбут ба Қатрон зикри зодгоҳи аслии шоир айни матлаб будӣ.

Тасҳеҳи Абдулманнони Насриддин дар заминаи нусхаҳои ба асл наздики суханварон, ки муттассифона дастраси устод Садриддин Айнӣ набуд мавриди шеъри Ашрафии Самарқандӣ,

Сабо бехирадвор бар бӯстон
Зи рухсори ӯ дур бояд ниқоб

ки дар ҳар ду нусха насб шудааст қобили қабул мебошад:

Сабо бехабарвор дар бӯстон
Зи рухсори ӯ даррабояд ниқоб.

Ин ҷо чанд намунаҳои дигарро зикр мекунем,ки шакли дурусти онҳо қобили қабул буда, муттассифона аз ҷониби мусанифони нашрҳои “Намунаи адабиёти тоҷик” сарфи назар шудааст:

Аз Сӯзании Самарқандӣ:

Чун бар ҳавои тан дили ман гашт подшоҳ
Омад ба пеши синаи ман ар саф сипоҳ(2, 35)

Шакли дурусти он дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳ, чопи Муҳаммад Рамазонӣ:

Чун бар ҳавои дил тани ман гашт подшоҳ,
Омад ба пеши синаи ман аз сафаҳ сипоҳ. (7, 110)

Асириддини Ахсикатӣ:

Донӣ бад-ин бухури музаввар кӣ хуш бувад?
Ҳар кас, ки бедимоғтар аз **гӯйи миҷмар** аст.
Аз ашк хоҳ сим, ки нақди **муваққаҳ** аст,
В-аз чеҳра ҷӯй зар, ки тилои муанбар аст. (4, 40)

Дурусташ
Донӣ бад-ин бухури музаввар кӣ хуш бувад?
Ҳар кас, ки бедимоғтар аз кӯйи миҷмар аст.
Аз ашк хоҳ сим, ки нақди **мураввақ** аст,
В-аз чеҳра ҷӯй зар, ки тилои муанбар аст.

Бисотӣ
Он парирух бо Бисотӣ гуфт аз рӯи итоб
Гирди ин бозӣ магард, ар дил намехоҳад зи мот(4, 73)

Нусхаи саҳеҳ:
Он парирух бо Бисотӣ гуфт аз рӯи итоб:
«Гирди ин бозӣ магард, оё наметарсӣ зи мот”(7, 330)

Устод Садриддин Айнӣ дар охирсухани “Намунаи адабиёти тоҷик” таҳти унвони “Як-ду сухан дар хотима” менависанд ”Ҳар чи бошад осон буд ё мушкил, нек шуд ё бад, мотирёлу матолиби муҳима ба як ҷо ғун шуд. Аз ин намунаҳо фоида бурда, ба усули морксистӣ таърихи адабиёт навиштан, китобҳои қироати адабия тартиб додан, ба иборати дигар ин мавзӯъро чунончи бояду шояд, тадвину такмил намудан, чунончи ба муқаддима арз карда шуд хидмати ҷавонони фаъолро мунтазир аст”.(3.408) Ин навиштаи устод барои ояндагон дар мавриди такмил ва таҳрири минбаъдаи “Намунаи адабиёти тоҷик” майдони густурдаеро во мекунад, ки дар ниҳоят мақсади аслии муаллифи китоб куллан ба иҷро мерасад. Барои кори нотамоми устодро ба марҳалаи камол расонидан гузашта аз чопу нашри он месазад ба масоили зерин эътибор дод:

1. Дар вақти чопи ҷадиди “Намунаи адабиёти тоҷик” мавриди муқоисаву муқобала қарор додани матни китоб бо маъхаз ва сарчашмаҳои қаламӣ ё ба асл наздики суханварон зарурати таърихӣ маҳсуб мешавад. Аз ҷумла маводи фарҳангҳои тафсирӣ дар муаййан кардани шакли саҳеҳи вожаву иборот ниҳоят бузург аст. Ин асари устод худ сарчашмаи мӯътамададест ва арзиши баланди таърихиро дорост. Зеро баъзе аз сарчашмаҳои нодири мавриди истифодаи устод қарор гирифта аз байн рафтааст. Аз ин рӯ месазад, ки дар заминаи муқоисаи текстологӣ нусхаи илмӣ-интиқодии он нашр гардад.

2. Мусаллам аст, дар замони таълифи китоб на ҳамаи сарчашмаҳо зери дасти устод Садриддин Айнӣ қарор дошт. Зикри ду тазкираи маъруф “Лубоб-ул-албоб”- и Муҳаммад Авфии Бухороӣ ва “Музакир-ул-асҳоб”- Малеҳои Самарқандӣ кофист, ки чи қадар мавод ва маълумот аз асари Устод бурун афтодааст. Аз ин рӯ бо истифодаи сарчашмаҳои мӯътамади адабӣ, илмӣ ва таърихӣ такмил додани “Намунаи адабиёти тоҷик” айни матлаб хоҳад буд. Ин аз як ҷониб маънии воқеан зинда кардани ном ва китоби мондагори устод Садриддин Айнӣ бошад, аз ҷониби дигар бо ин амал як тазкираи пурмӯҳтаво ва саҳеҳи суханварони Моваруннаҳр тасниф мегардад. Гузашта аз ин бо ворид шудани суханвароне монанди Заҳирии Самарқандӣ, Муҳаммад Авфии Бухороӣ, Сайфи Фарғонӣ, Мулҳами Бухороӣ, Нозили Хуҷандӣ, Шайдои Хуҷандӣ, ки маҳз бинобар дар як муддати кӯтоҳ иншо шудани асар аз он берун афтода буд, руҳи поки Устод Садриддин Айниро шод хоҳад кард.

3.Дар матншиносии муосир мутобиқати тадқиқоти илмиву текстологӣ камтар ба назар мерасад. Ҳини нашри ин ё он матни осори классикон ё муосир ба инобат гирифтани андеша пешниҳод, тасҳеҳ ва ё танқеҳи муҳаққиқи дигарро ками дар кам мусаннифон ба эътибор мегиранд. Аз ин рӯ дар раванди чопи ҷадиди “Намунаи адабиёти тоҷик” принсипи мутобиқати тадқиқоти текстологӣ муҳим аст.Тақозои қонуни матншиносист,ки назари муҳаққиқи дигарро ё қабул медорӣ ё рад, вале муҳим ин аст,ки бар он ишора намоӣ ва ба фикр эҳтиром гузорӣ. Ба иборати дигар кори матншиносӣ амали дастҷамъист ва нашри “Намунаи адабиёти тоҷик” низ инро тақозо мекунад.

Ҳамин тариқ чопи ҷадиди “Намунаи адабиёти тоҷик” бо фарогирии матолиби тоза,ки ба номи Қаҳрамони Тоҷикистон, асосгузори адабиёти навини тоҷик устод Садриддин Айнӣ дар таърих сабт хоҳад шуд боиси адои қарзи ворисӣ ва ватандории пайравони аслии ин фарзонафарзанди миллат мегардад.

Муқарриз: Тоҷибой Султонзода, доктори илмҳои филологӣ

Адабиёт:

1. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик. – Душанбе: Адиб, 2010. - 448 с.
2. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик. – Душанбе: Бунёди адабии Айнӣ, 2010. – 420 с.
3. 3.Аллома Деҳхудо. Луғатнома. Зери назари дуктур Муҳаммад Муин ва дуктур Сайид Ҷаъфар Шаҳидӣ. – Теҳрон: Муассисаи луғатномаи Деҳхудо, соли 1337 ҳ.қ, ҷилди 7, 11199 с.
4. 4.Насриддин Абдулманнон. Чиҳил мақола. – Хуҷанд: Нашриёти Раҳим Ҷалил, 2007. - 577 с.
5. Рахмон Эмомалӣ. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016. - 363 с
6. Рахмон Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих . Аз ориён то Сомониён, дар се китоб. – Душанбе: Ирфон, 2002. - 2006
7. Самарқандӣ Д. Тазкират-уш-шуаро. Таҳияи Мухлиса Нуруллоева. – Хуҷанд: Ношир, 2015. – 544 с.
8. Суфизода, Ш. З. корбурди авзони шеърӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ / Ш. З. Суфизода, Ш. Р. Шарипов // Вестник института языков. – 2023. – No. 1(49). – P. 141-150. – EDN ZLVFAG.
9. Суфизода, Ш. З. Зуҳури нави назарияи адабиёт дар пажуҳиши Шафеии Кадканӣ / Ш. З. Суфизода // Вестник института языков. – 2023. – No. 3(51). – P. 139-144. – EDN KAHFZQ.
10. Суфизода, Ш. З. Такомули назарияи матншиносии Бертелс Е. Э.: аз М. Усмонов то А. Насриддин / Ш. З. Суфизода // Вестник института языков. – 2023. – No. 4(52). – P. 160-164. – EDN XSNCPW.

АНДАР МАТНШИНОСИИ «НАМУНАИ АДАБИЁТИ ТОҶИК»

Дар мақола сухан дар бораи масъалаи матншиносии асари безаволи устод Садриддин Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» меравад. Аз назари муаллиф ин китоб дар баробари арзиши баланди таърихиву сиёсӣ доштанаш ҳамзамон дорои қиммати баланди адабӣ ва илмӣ низ ҳаст, ки аз ҷониби суханшиносони ватаниву хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Муаллиф зимни омӯзиши ду нусхаи “Намунаи адабиёти тоҷик” мавриди муқоисаву муқобала қарор додани матни китобро бо маъхаз ва сарчашмаҳои қаламӣ ё ба асл наздики суханварон зарурати таърихӣ меҳисобад ва дар барбари тазкираву девон ва сарчашмаҳои гуногуни илмиву таърихӣ маводи фарҳангҳои тафсириро дар муаййан кардани шакли саҳеҳи вожаву иборот муҳим арзёбӣ менамояд. Дар мақола баъзе тасҳифоти маҷуда,ки бинобар баргадон аз хатти арабиасос рӯи кор омадааст тасҳеҳ ёфта муаллиф пешниҳод мекунад, ки ворид шудани суханвароне монанди Заҳирии Самарқандӣ, Муҳаммад Авфии Бухоройӣ, Сайфи Фарғонӣ,Мулҳами Бухоройӣ, Нозили Хуҷандӣ, Шайдои Хуҷандӣ ба асар, ки маҳз бинобар дар як муддати кӯтоҳ иншо шудани асар аз он берун афтода буд, муфид хоҳад буд.

Ҳамчунин муаллиф бар он ақида аст, ки дар матншиносии муосир мутобиқати тадқиқоти илмиву текстологӣ роҳзандозӣ шуда, ҳини нашри ин ё он матни осори классикон ё муосир ба инобат гирифтани андеша пешниҳод, тасҳеҳ ва ё танқеҳи муҳаққиқи дигар айни матлаб хоҳад буд.

Калидвожаҳо: *Садриддин Айнӣ, “Намунаи адабиёти тоҷик”, матншиносӣ, фарҳангҳои тафсирӣ, тазкираҳо, тасҳеҳ, нусхаи илмиву интиқодӣ.*

О ТЕКСТОЛОГИЧЕСКОМ АНАЛИЗЕ «НАМУНАИ АДАБИЁТИ ТОҶИК” («ОБРАЗЦА ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ»)

В статье рассматривается вопрос текстологического исследования произведения Садриддина Айны «Намунаи адабиёти точик” («Образца таджикской литературы»). С точки зрения автора, эта книга, наряду с ее высокой исторической и политической ценностью, имеет также особую литературную и научную ценность, которую изучают отечественные и зарубежные исследователи.

В ходе исследования двух версий этой произведений автор считает исторической необходимостью сравнить и сопоставить текст книги с письменными источниками а также комментариями и диванами, различных научных и исторических источниках. Автор а также считает важным материали толковых словарей которое используется для определения

правильной формы слов и словосочетаний данного произведение. В статье исправлены некоторые ошибки, возникавшие при конвертации из арабской графики. Автор предлагает включить в произведение таких писателей, как Захири Самарканди, Мухаммад Авфи Бухараи, Саиф Фаргани, Мулхами Бухараи, Нозил Худжанди, Шайда Худжанди, которые были исключены из него именно потому, что произведение было написано в короткий период времени.

Также автор придерживается мнения, что в современной текстологии установилась совместимость научных и текстологических исследований и важно будет учитывать мнения, поправки и критику других исследователей при публикации того или иного текста классических произведений. или современные произведения.

Ключевые слова: *Садриддин Айни, образец таджикской литературы, текстология, толковые словари, тазкира, корректирование, научно-критическая версия.*

ON THE TEXTUAL ANALYSIS OF “NAMUNAI ADABIYOTI TOHIK” ("SAMPLES OF TAJIK LITERATURE")

The article discusses the issue of textual research of Sadriddin Aina’s work “Namunai adabiyoti tojik” (“Samples of Tajik literature”). From the author's point of view, this book, along with its high historical and political value, also has a special literary and scientific value, which is being studied by domestic and foreign researchers. n the course of studying two versions of this work, the author considers it a historical necessity to compare and contrast the text of the book with written sources, as well as commentaries and divans, various scientific and historical sources. The author also considers important the material of explanatory dictionaries, which is used to determine the correct form of words and phrases in a given work.

The article corrects some errors that occurred during conversion from Arabic graphics. The author proposes to include in the work such writers as Zahiri Samarkandi, Muhammad Avfi Bukharay, Saif Farghani, Mulhami Bukharay, Nozil Khujandi, Shaida Khujandi, who were excluded from it precisely because the work was written in a short period of time.

The author is also of the opinion that in modern textual criticism, the compatibility of scientific and textual studies has been established and it will be important to take into account the opinions, amendments and criticism of other researchers when publishing a particular text of classical works. or contemporary works.

Key words: *Sadriddin Aini, “Namunai adabiyoti tohik” (“Sample of Tajik literature”) textual research, explanatory dictionaries, tezkira, scientific-critical version.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Саидов Саидумрон, *Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, номзади илмҳои филология, дотсент. Нишона: 735696, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, Ҷамоати деҳоти Ёва,кӯчаи Абдуманнон Насриддинов 11. Тел.: (+992) 927727707. Почтаи электронӣ: saidzoda1968@mail.ru*

Сведения об авторе: Саидов Саидумрон, *Худжандский государственный университет имени академика Бобожана Гафурова. Кандидат филологических наук, доцент. Адрес: 735696, Республика Таджикистан, Бободжон Гафуровский район, Джамоат Ява, улица Абдуманнона Насриддинова, 11. Тел.: (+992) 927727707. Электронная почта: saidzoda1968@mail.ru*

Information about the author: Saidov Saidumron, *Khujand State University named after Academician Bobozhan Gafurov. Candidate of Philological Sciences, Associate Professor. Address: 735696, Republic of Tajikistan, Bobojon Gafurov district, Jamoat Java, Abdumannon Nasriddinov street, 11. Tel.: (+992) 927727707. Email: saidzoda1968@mail.ru*

ТДУ: 001.1575

МАСЪАЛАҲОИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ДАР ОСОРИ ИЛМИИ АКАДЕМИК МАҲМАДУЛЛО ЛУТФУЛЛОЗОДА

Гулназарзода Ж.Б., Шосаидзода С.Ҳ.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар замони муосир сифати таҳсилот яке аз аввлавиятҳои рақобатпазири ҳама гуна муассисаи таълимӣ ба шумор меравад. Зеро имконияти қонеъгардонии талабот оид ба инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти фаъол ва созанда ба сифати таҳсилот вобастагии амиқ дошта, он ҳамчун натиҷаи мустақими раванди таълим бозтоби сатҳи салоҳиятнокиии ҳайати устодону профессорон, ҳолати таъминот бо маводи таълимию методӣ, вазъи заминаи моддию техникӣ, аз ҷумла, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, дараҷаи ташаккул ва рушди неруи зеҳнии таълимгирандагон мебошад. Бинобар муҳиммияти масъала дар сиёсати давлатии соҳаи идоракунии низоми маориф ба назорати ҷамъиятию давлатии сифати таҳсилот афзалияти бештар дода мешавад. Зеро таҳсилот воситаи асосию муҳимтарини ташаккулу рушди зеҳнию фарҳангӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, техникию технологӣ ва маънавии ҷомеа маҳсуб меёбад.

Бо шарофати файзу баракати Истиқлол ва фазои мусоид, ки туфайли ин рӯйдоди муҳимми сиёсӣ фароҳам омад, дар сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии оқилонаи Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маориф мавқеи меҳвариро ишғол намуда, самти афзалиятноку стратегии сиёсати давлати тозаистиқлоли мо эълон гардид, доираи он беш аз пеш васеътар ва мақсаду мароми он комилтару ҳадафрас гардиданд. Президенти малакат ба муҳимтарин мақсаду вазифаҳо дар соҳаи илму маориф ишора карда, аз ҷумла зикр менамояд, ки: «илму маориф омили муҳимтарини рушду пешрафти ҳар як давлату миллат мебошад. Зеро инкишофи ҷомеа, тараққиёти устувори иқтисодӣ, таъмини амнияти милливу давлатӣ ва ноил шудан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисод, техника, технология ва илму фарҳанг, пеш аз, ҳама ба рушди маориф, ташкили раванди бонизом ва босифати таълиму тарбияи насли нав вобаста мебошад» [2, с. 326].

Ҳамчун мавзуи таҳқиқи илмӣ заминаҳои пажуҳиши масъалаҳои вобаста ба сифати таҳсилот ва мониторинги сифати он ҳанӯз дар ибтидои асри XX гузошта шуда, дар педагогикаи шуравӣ солҳои 90-уми асри гузашта дар осори илмии муҳаққиқон В.И. Андреев, В.П. Беспалько, А.Н. Майоров, С.Е. Шишов ва дигарон ба назар мерасад. Вале таҳқурсии назариявии андешаҳои илмии олимони номбурда асосан дар заминаи назария ва методологияи идоракунии таҳсилот, ки аз ҷониби муҳаққиқон Ю.В. Васильев. Ю.А. Конаржевский, В.С. Лазарев, А.М. Моисеев, А. Орлов, В.П. Симонов, П.И. Третьяков ва дигарон пешниҳоду асоснок гардида буд, такя менамуд. Дар осори илмии муҳаққиқони номбурда принсип ва функсияҳои идоракунии раванди таҳсилот, аз ҷумла сифати он, мундариҷаи фаъолияти идоракунӣ дар соҳаи таҳсилот муайян ва моҳияти он ошкор карда шуда, онҳо барои коркарди низоми мониторинг ҳамчун асоси илмӣ хизмат кардаанд. Солҳои охир шумораи осори илмӣ, ки мустақиман ба мавзуи сифати таҳсилот бахшида шуда, дар онҳо технологияҳо ва механизмҳои идоракунии он коркард шудаанд, ба маротиб афзудааст. Дар ин радиф метавон асару мақолаҳои муҳаққиқони хориҷӣ С.Г. Воровщиков, С.А. Гильманов, В.И. Загвязинский, В.П. Панасюк, М.М. Поташник, Д.В. Татяченко, Е.А. Ямбург ва дигаронро номбар кард [2, с. 213].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба мавзуи баланд бардоштани сифати таҳсилот шумораи зиёди осори илмӣ, аз ҷумла таҳқиқоти диссертатсионӣ бахшида шудаанд. Асару мақолаҳои А.А. Абдуллоева, Т.Б. Ғаниев, Қ.Х. Қадамов, Ш.К. Каримзода А.Х. Катаев, З.А. Катаева, С.И. Мараҷабов, Ш.С. Муродова, Р.К. Раҷабов, А.Б. Мирсаидов, Б.Х. Нарзуллоев, Н.З. Раҷабова, Н.С. Сангинов, У.А. Сатторов, Х.Н. Фақеров, Н.Н. Шоев, З.Р. Шарипов, Ф.

Шарифзода ва дигарон ҷанбаҳои гуногуни салоҳиятнокӣ ва сифати таҳсилотро инъикос менамоянд.

Дар радифи муҳаққиқоне, ки ба масъалаи сифати таҳсилот таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, оид ба баланд бардоштани он дар зинаҳои гуногуни таҳсилот андешаҳои ҷолиб иброз намудааст, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Маҳмадулло Лутфуллоев (Маҳмадулло Лутфуллозода) ҷойгоҳи хос дорад. Зеро ба андешаи пажуҳишгарони осори ӯ «дар асару мақолаҳои устод роҳҳои беҳтарини таълиму тарбияи инсон нишон дода шудаанд», бинобар ин, бояд «мактаби академик М. Лутфуллоев ҳатман омӯхта, таҳқиқ карда шавад» [10].

Баланд бардоштани сифати таҳсилот аз мавзуҳоест, ки онро муҳаққиқ дар аксарияти асару мақолаҳои хеш [3;4;5;6;7;8;9] ва дигарон, мавриди таҳқиқи амиқи илмӣ қарор дода, тавсияҳои илман асоснок манзур намудааст. Ба ақидаи ӯ «сифати таҳсилот яке аз омилҳои муҳими рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат буда, рақобатпазирии онро дар ҷаҳони муосир таъмин менамояд. Вай яке аз шартҳои инкишофи шахс ва муайянкунандаи арзишҳои ӯ ҳамчун инсон мебошад» [4, с. 92].

Мавриди зикр аст, ки дар адабиёти илмӣ, махсусан дар адабиёти илмӣ ба забони тоҷикӣ, баъзан муаллифон байни мафҳумҳои «сифати таҳсилот» ва «сифати таълим» фарқ нагузошта, ҳатто онҳоро ҳаммаъно арзёбӣ мекунанд, ки ин комилан хато аст. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» «*сифати таълим* – тарзи ташкили дуруст ва самараноки раванди таълим, ки дар натиҷаи он шахс соҳиби таҳсилот мегардад» маънидод шуда, «*сифати таҳсилот* – маҷмуи нишондиҳандаҳои стандартҳои давлатии таҳсилот ва талаботи давлатӣ» арзёбӣ гардидааст» [2].

Ба андешаи академик Маҳмадулло Лутфуллозода мафҳуми «сифати таҳсилот» дар шароити имрӯза маънои васеъ дошта, паҳлӯҳои зайлро фаро мегирад:

« - комёбиҳои талабагон, ки дар натиҷаи машғулиятҳои маълумотию маърифатӣ ба даст меоранд;

- салоҳиятнокии хонандагон, ки қобилияти мустақилона амал кардани онҳоро дар шароити ғайристандартӣ тарбия ва таъмин менамояд;

- фаъолияти эҷодии талабаҳо инкишоф ёфта, барои рушди неруҳои зеҳнии ҷомеа имконият пайдо мешавад;

- талабагонро водор менамояд, ки ба таҳсилоти муттасил машғул шуда, тамоми умр биомӯзанд;

- сифати таҳсилот барои пойдорӣ ва тарбияи андешаи миллӣ, ифтихор, ваҳдат ва худшиносӣ мусоидат менамояд» [4, с. 92].

Муҳаққиқ мафҳумҳои «сифати таҳсилот» ва «сифати таълим»-ро дар ҳамбастагии зич барасӣ намуда, натиҷаи сифати таҳсилотро ҳамчун комёбии таълимгирандагон, ташаккули ҳамон намуди салоҳиятнокӣ, ки зуҳури қобилиятҳои эҷодии онҳоро дар шароити ғайристандартӣ таъмин карда, ба рушди онҳо кӯмак мерасонад, ҳамчунин, талабагонро барои тамои умр таҳсил кардан (таҳсилоти муттасил) водор сохта, ба пойдорӣ ва тарбияи андешаи миллӣ, ифтихор, ва ваҳдату худшиносӣ мусоидат менамояд, маънидод кардааст.

Ба андешаи инҷониб, манзури устод Маҳмадулло Лутфуллозода ин бозтоби се қисми таркибии зерини сифати таҳсилот аст, - якум, *сифати шароит барои таҳсил*, дуюм, - *сифати раванди таълиму тарбия* ва сеюм, - *сифати натиҷаи таҳсил*, ки дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва ҳаёти шахсии таълимгиранда зоҳир мегардад. Ба ибораи дигар, сифати таҳсилот ин дархости донишҳои андӯхтаи таълимгиранда дар шароиту макони мушаххас ҷиҳати истифодаи онҳо барои ноил гардидан ба мақсади мушаххас ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии хатмкардаи муассисаи таълимӣ мебошад.

Ба *сифати шароит барои таҳсил* метавон нишондиҳандаҳои сифати заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, неруи кадрӣ, корҳои илмию методӣ, заминаи моддию техникӣ, ҳавасмандгардонии меҳнати ҳайати устодону профессорон, фазои равонӣ дар муассисаи таълимӣ ва идоракунии раванди таҳсилотро ворид кард.

Ба *сифати раванди таълиму тарбия* нишондиҳандаҳои сифати мундариҷаи таҳсилот, сифати таълим ва сифати таълимоте (назария, консепсия), ки мавриди омӯзиш қарор дода шудааст, дохил мешаванд.

Ба ҳамин монанд метавон *сифати натиҷаи таҳсилотро* тавсиф намуд, ки он аз нишондиҳандаҳои зерин иборат аст: сифати омодагии касбӣ (натиҷаи таълиме, ки аз худ шудааст, яъне донишу малака ва маҳорате, ки ташаккул ёфтаанд), сатҳи пешбурди фаъолияти эҷодӣ, сатҳи ташаккул ва рушди тарбияи хатмкарда, сатҳи рушди равонӣ, зеҳнию ақлонӣ ва иҷтимоӣ, сатҳи мутобиқшавии иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, вазъи саломатӣ, ташаккули салоҳиятҳои асосӣ (умумӣ ва касбӣ).

Тавре ки Пешвои муаззами миллат зикр намуданд, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи кишварҳоест, ки «шумораи аҳолии қобили меҳнат мунтазам рӯ ба афзоиш буда, дар панҷ соли охир 8, 4 фоиз зиёд гардидааст. Инчунин, суръати афзоиши аҳолӣ нисбат ба суръати афзоиши қувваи корӣ 2,5 баробар зиёд мебошад» [1, с. 44-45].

Ҳаминро низ таъкид кардан ҷоиз аст, ки агар «соли 2017 низоми маорифи кишвар 2,1 миллион нафарро ба таҳсил фаро гирифта бошад, пас дар соли 2023 ин нишондиҳанда ба 2, 6 миллион нафар расидааст. Тибқи дурнамо ин шумора то соли 2025 ба 2,7 миллион нафар мерасад» [1, с. 41]. Бинобар ин, Сарвари давлат қайд намуданд, ки «дар чунин шароит омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулони соҳа ва аҳли маориф мебошад» [1, с. 42].

Агар андешаҳои илмии устод Маҳмадулло Лутфуллозодаро дар заминаи таҳлилҳои хеле амиқ ва дастурҳои ояндабини Пешвои миллат нисбат ба мактабу маориф ва сифати таҳсилот мавриди баррасӣ қарор диҳем, метавон зикр кард, ки неруи инсонии ҳар кишвар омили муҳимтарини рушди устувору бамайлони иқтисоди миллӣ маҳсуб ёфта, моро ҳамвора водор месозад, ки нисбати сифати таълиму тарбияи мутахассисони наве, ки ҳамасола вориди бозори меҳнат мегарданд, тадбирҳои беш аз пеш самарабахш андешем.

Академик Маҳмадулло Лутфуллозода аз зумраи муҳаққиқонест, ки ба таҳқиқи мафҳумҳои «сифати таълим» ва «сифати таҳсилот» тӯли солҳои зиёд машғул буда, дар ин самт муносибат ва андешаҳои хос дорад. Метавон зикр кард, ки муносибат ва нигоҳи ӯро нисбат ба ин мафҳумҳо ҳанӯз аз саҳифаҳои «Алифбо», ки насли муосири миллати тоҷик аз он баҳраманд гардидаанд, пайдо кардан мумкин аст. Ҳаминро низ зикр кардан ҷоиз аст, ки ин мавзуъро муҳаққиқ дар асараш (дар ҳаммуаллифӣ) «Лутфуллоев М., Котибова Ш. Омодагӣ ба саводомӯзӣ (даврaҳои омодагӣ ба мактаб ва тоалифбо дар синфи якум). - Душанбе, 2015.- 111 с.» низ мавриди баррасӣ қарор додааст. Яъне муаллиф, ҷонибдори он аст, ки ба сифати таълиму тарбия ва дар маҷмуъ, сифати таҳсилот ҳанӯз аз марҳилаи то омодагӣ ба мактаб таваҷҷуҳ намоем, танҳо дар ҳамин сурат ба натиҷаи дилхоҳ расидан мумкин аст.

Муҳаққиқ вобаста ба шароит ва ҳар як марҳилаи ҳаёт вазифаҳои таълим, аз ҷумла сифати таҳсилотро мушаххас намуда, зикр мекунад, ки «вазъ ва шароити имрӯза назди сифати таҳсилот нисбат ба солҳои пешин (маҷмуаи муайяни дониш, маҳорату малакаҳо) вазифаҳои дигар мегузорад:

- мехонам, ки хондан, маърифат, яъне фикр карданро ёд гирам;

- ба фаъолияти минбаъда омода шавам, созанда, офаранда бошам, худро ҷузъи таркибии табиат донам;

- мехонам, ки бо дигар халқҳо дар муҳити сулҳу оштӣ зиндагӣ карданро ёд гирам, бо таърих, анъана ва фарҳанги онҳо шинос шавам;

- мехоҳам зиндагиамро худам биофарам. Инҳоянд он майлҳои (мотиви) асосии таҳсил, ки ҳар як талаба назди худ мегузорад» [5, с. 8-9].

Яке аз хусусиятҳои хоси осори илмии академик Маҳмадулло Лутфуллозода бахшида ба сифати таҳсилот аз он иборат аст, ки онҳо дар радифи андешаҳои пурқимати назариявӣ тавсияву дастурҳои арзишманди таълимию методиро низ фаро гирифтаанд, ки истифодаи

онҳо, бешак, ба баланд гардидани сифати таҳсилот мусоидат хоҳанд кард. Масалан, муҳаққиқ аз норасоии китобҳои дарсӣ дар солҳои 90-уми асри гузашта ёдовар шуда, дар тавсеаи андешаи педагоги машҳури чех Я.А. Коменский (1592-1670) зикр мекунад, ки «ҳеҷ кас нақши китоби дарсиро дар андӯхтани дониш инкор накардааст, вале набояд фаромӯш кард, ки манбаи асосӣ худи табиат бо тамоми чизу ашёҳояш, замину осмонаш, сангу кулӯху паррандаю чаррандааш, дарахту гулу буттааш, обу кӯҳу сарватҳояш…; худи ҷамъият бо тамоми муҳиташ, ҳастию фаъолияташ, гузаштаю имрӯзааш, қонуну қоидаҳояш…; худи зиндагӣ бо тамоми буду нобудаш, талхию ширинаш, пастию баландиаш…бошад» [4, с.67]. Зеро, ба ақидаи муҳаққиқ, мисолу аёният бештар барои эҳсоси дониш замина гузошта, қобилияти аёниро инкишоф медиҳад ва барои он ки раванди таълим яктарафа ҷараён нагирад, мисолҳои аёниро бо мақсади рушди қобилияти ақлонӣ, инкишофи зеҳн ва тафаккури мантиқию интиқодӣ истифода бурдан лозим аст.

Дар баробари ин, академик бевосита ба сифати китобҳои дарсӣ ишора карда, онро «оинаи фан» меномад ва аз ҷумла сифатҳои зерини китоби дарсиро зикр мекунад:

Якум, китоби дарсӣ бояд мувофиқи барномаи таълим ва дархости стандарти давлатии маълумот таълиф гардад;

Дуюм, дар китоби дарсӣ фалсафаи фан, асосҳои илм, илмият, қоидаҳо, қонунҳо, мафҳумҳо таърифот, далелҳо ҳама равшан баён ёфта бошанд;

Сеюм, китоби дарсӣ талабаҳоро ба хушбинии зиндагӣ, фаъолияти эҷодӣ ва боварӣ ба худу неруи зеҳни худ ҳидоят намояд;

Чорум, дастгоҳи (аппарати) педагогию методии китоби дарсӣ, аз қабили саволу супориш, машқу алгоритмҳо (тестҳо) устувор, боварибахш, дастрас бошанд;

Панҷум, мазмуни китоби дарсӣ, матну машқҳо оммафаҳм навишта шуда бошанд;

Шашум, китоби дарсӣ ҳадалимкон ба расму нақшаҳо, ҷадвалу ишораҳо оро ёфта бошад;

Ҳафтум, китоби дарсӣ аз нигоҳи зоҳирӣ ранга, мустаҳкам ва бо қағази сифатноку бадошт чоп шавад [6, с.115].

Мусаллам аст, ки манзури устод Маҳмадулло Лутфуллозода пеш аз ҳама сифати китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аст, вале дар баробари ин, қисми муайяни ин сифатҳоро бояд китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ низ доро бошанд.

Ба андешаи устод Маҳмадулло Лутфуллозода, нақши китоби дарсӣ дар баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот бағоят бузург аст. Зеро китоби дарсӣ бояд ба дархости ҷомеа, аз ҷумла таълимгирандаву устод ва падару модар ҷавобгӯ бошад. Ба андешаи ӯ китоби дарсии хуб ҳамонест, ки:

- шавқу рағбати маърифатҷӯйии бачаҳо, шӯълаи илму донишро дар қалби онҳо бедор намояд;
- роҳ ва тарзҳои андӯхтани донишро пас аз мактаб, яъне дар давоми умр ёд диҳад;
- талабаҳоро ба худомӯзӣ ва мустақилият раҳнамун созад;
- фикр кардан, мулоҳиза рондан, хулоса баровардаанро омӯзонад;
- барои таъмини фаъолияти муназзами таълимӣ ва мақсадноки талабаҳо ҳам дар синф ва ҳам дар хона нақш бозад;
- чи муаллим ва чи талабаҳо аз он қаноатманд бошанд [6, с.114].

Агар мо сифати баъзе китобҳои дарсиро дар заминаи тавсифоти устод Маҳмадулло Лутфуллозода арзёбӣ кунем, онҳо ба талаботи имрӯзи ҳаёти ҷомеа ҷавобгӯ нестанд. Аз ин рӯ, Пешвои миллат Вазорати маориф ва илмро вазифадор намуд, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо барои татбиқи лоиҳаи сармоягузории давлатии «Муҳити таълим - асоси таҳсилоти босифат» «Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро таҳия намоянд ва дар ҷараёни амалисозии он «муҳити мусоид барои дастрасӣ ба таҳсилот, таълиму тарбияи самарабахш, *таълифи китобҳои дарсии насли нав*, баланд бардоштани сифати таҳсилот, таҳлил ва арзёбии раванди таълиму тарбия ва беҳтар кардани инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ таъмин карда шавад» [11, с.44].

Современное общество неразрывно связано с процессом цифровизации. Одним из ключевых направлений этой тенденции является цифровое образование. Значение аудиовизуальных и интерактивных технологий растет с каждым годом, становясь неотъемлемой частью современного образовательного процесса. Одной из главных целей на занятиях является формирование прочных знаний, навыков и компетенций студентов. Этому способствуют возможности интерактивных досок, которые позволяют сочетать современные и традиционные методы преподавания литературы. Доски, мел, карточки с упражнениями и бумажные плакаты - это составляющие методики преподавания, связанные с прошлым [1,с.50].

Это оборудование позволяет существенно упростить работу учителя с мультимедийными программами. На уроках литературы наши студенты смотрят и разбирают документальные фильмы о литературе, на уроках учителя демонстрируют мультимедийные материалы, которые упрощают понимание сложных тем.

Но самое главное, уроки становятся более интересными и эффективными, у обучающихся повышаются показатели усвоения материалов.

Традиционная школьная меловая доска постепенно уступает место новым требованиям и ожиданиям в сфере образования. С развитием технологий и появлением новых поколений обучающихся, которые выросли в цифровой эпохе, возникает необходимость в более интерактивном и визуально насыщенном обучении. Педагоги сталкиваются с растущими запросами на инновационные методы обучения, которые учитывают потребности современных обучающихся.

Идея о внедрении интерактивных досок становится все более актуальной для тех, кто стремится к улучшению организации и информационного наполнения учебного процесса. Эти новые технологии позволяют создавать более динамичные и привлекательные уроки, адаптированные к потребностям современного обучения. В результате, внедрение интерактивных досок может способствовать более эффективному и интересному обучению, соответствующему требованиям современного мира. Использование интерактивной доски на занятиях литературы представляет собой эффективный способ вовлечения обучающихся, современный инструмент обучения, способствующий активизации образовательного процесса. При использовании интерактивной доски на уроках литературы, преподаватель может создавать динамичные занятия, которые сочетают в себе различные виды информации: текст, графику, аудио и видео материалы. Это значительно увеличивает визуальное восприятие и запоминание учебного материала. [2, с. 80].

Интерактивная доска способствует обучающимся учиться более эффективно за счет наглядного представления информации, участия в интерактивных заданиях и играх, а также возможности взаимодействия с доской. Ребята могут решать задания, составлять предложения, складывать и разбирать слова, а также обсуждать литературные произведения с помощью интерактивных средств.

Интерактивная доска также позволяет преподавателю проиллюстрировать и объяснить концепции и правила более наглядно, привлекая внимание обучающихся. Кроме того, с ее помощью преподаватель может создавать собственные цифровые учебные ресурсы, разнообразить занятие, уровень знаний и интересы обучающихся.

Таким образом, использование интерактивной доски на занятиях литературы позволяет сделать обучение более увлекательным, результативным и эффективным,

развивать навыки и современные технологии обучения аудиторной и внеаудиторной деятельности [2, с. 83].

Эффективное использование интерактивных досок на практике оказывается более результативным по сравнению с традиционными досками или проекторами. Благодаря интерактивному подходу к обучению улучшается коммуникация с обучающимися, что способствует более быстрому и эффективному усвоению информации и, следовательно, повышению качества образования. В своей педагогической деятельности для оптимизации учебного процесса с использованием новых информационных технологий я активно применяю компьютер: на уроках, на факультативах, во внеаудиторной работе по литературе, при проведении исследовательской работы и в качестве куратора и руководителя педпрактики. Нам думается, что использование интерактивной доски не должно быть обязательным на каждом уроке, так как это зависит от особенностей предмета "Литература". Преподаватель может обращаться к возможностям интерактивной доски только тогда, когда видит очевидную эффективность и целесообразность такого подхода и применяет компьютер с интерактивной доской на различных этапах обучающего процесса, превращая её для преподавателя, в рабочий инструмент, объект обучения и игровую среду [3, с. 11].

Эффективное использование интерактивной доски особенно полезно на этапе объяснения нового материала. Это позволяет учитывать возрастные и психологические особенности обучающихся, а также позволяет каждому студенту выбрать ту форму задания, которая лучше всего соответствует его способности восприятия (аудиальный, кинестетический, визуальный), что облегчает усвоение учебного материала.

Теоретический материал параграфа может быть представлен в виде схематичных диаграмм или таблиц. Визуальные средства, такие как самостоятельное создание схемы или заполнение таблицы, помогают развивать у обучающихся навыки анализа, выделения основного, обобщения информации и краткого изложения мыслей. Благодаря этому улучшаются слуховая, зрительная и моторная память. Использование интерактивной доски позволяет активно вовлекать студентов в усвоение учебного материала, улучшая темп проведения занятия и его эффективность. Преподаватели литературы хорошо знают, что запоминание и анализ художественного произведения по литературе может быть сложным процессом. В этом им помогает интерактивная доска. Через неё обучающимся представляется тест произведения для запоминания, сведения о его происхождении и значении не знакомых слов и выражений. Студенты могут формировать словосочетания как в тетради, так и на доске, записывать слова с общим корнем. Использование гиперссылок для словарных слов позволяет создание различных типов словарей: словарь ФЕ, этимологический словарь соловарь синонимов. Словарӣ Ожегова и др. Студентам поручается работа по наполнению страниц в таких словарях как индивидуальное домашнее задание, что способствует повышению их мотивации к изучению предмета и активности на занятии. Конкретные примеры применения интерактивной доски для обучения и формирования словарного запаса могут включать: 1. Интерактивный урок по правописанию слов: студенты могут видеть слово на доске, проанализировать его состав, правильное написание, и составить из него словосочетания и предложения, а затем и связный текст. Это усиливает запоминание информации и понимание правил правописания. 2. Проведение урока с использованием гиперссылок на дополнительные ресурсы: учитель может создать интерактивный словарь на доске, где слова-гиперссылки ведут к подробным описаниям, иллюстрациям или аудиофайлам, помогающим более глубоко усвоить значения слов. 3. Создание коллективного орфографического словаря: студенты могут работать в группах или индивидуально на доске, добавляя слова с ошибками, их правильное написание и объяснение их значений. 4. Исследование и создание тематических словарей: студенты могут исследовать топики, например, "роман", "лирика", "драматургия" и заполнять соответствующие страницы в словаре, используя интерактивную доску для представления собранной информации [3, с. 100]

Такие подходы позволяют более интерактивно и эффективно учить, и запоминать новые слова, а также способствуют развитию навыков чтения и аудирования.

Широкие возможности открывает использование интерактивной доски при работе с литературным текстом, с текстом художественного произведения. Использование интерактивной доски при работе с текстом может включать следующие конкретные и подробные примеры:

1. **Анализ текста с выделением ключевых моментов**. Учитель может вместе со студентами разбирать текст на ключевые моменты или события при помощи интерактивных функций доски. На доске можно выделить заголовки, отдельные абзацы, основные идеи и ключевые слова.

2. **Декодирование неизвестных слов**. При обнаружении незнакомых слов в тексте, преподаватель может использовать интерактивную доску для объяснения значения, происхождения и правильного произношения этих слов. Это помогает студентам лучше понять контекст и осмыслить содержание текста.

3.**Обсуждение текста в группе**. С помощью интерактивной доски преподаватель может организовать обсуждение текста, предложив обучающимся вносить свои мысли и идеи непосредственно на доску. Студенты могут акцентировать внимание на некоторые компоненты текста, делать аннотации и формулировать вопросы.

4. **Создание коллективной концепции текста.** В группах студенты могут использовать интерактивную доску для создания коллективной концепции текста. Они могут выделять главные идеи, строить связи зависимости между разными частями текста, а также указывать важные детали.

5. **Использование мультимедийных ресурсов.** Преподаватель или студенты могут использовать интерактивную доску для показа связанных мультимедийных ресурсов, таких как видео, аудио или изображения, чтобы получить дополнительный контекст и визуальные образцы.

Таким образом, использование интерактивной доски при работе с текстом не только улучшает понимание и анализ текста, но и способствует активному участию обучающихся в учебном процессе, развивая их критическое мышление и умения работы с текстом [3, с. 120]

Работа с умной доской требует предварительной подготовки определённого материала, например:

1. Подготовка текста для разностороннего анализа, учитывая правильную интонацию и выразительное чтение. Текст должен содержать достаточное количество заданий для анализа сюжета текста художественного произведения.

2. Представление текста. Перед занятием установить интерактивную доску и открыть подготовленный текст. Выделить разными цветами отдельные элементы текста (образы героев произведения,сюжет и его анализ), на которые следует обратить внимание.

3.Художественный анализ. (ЛАХТ) Попросить студентов находить и анализировать абзацы,где есть портретная – образная характеристика образа героев произведения,находить тропы в тексте.

4. Закрепление изученного. Представить вопросы с правильными ответами, которые могут быть открыты поэтапно на доске. Подведение итогов работы над текстом, обсуждение результатов и анализ ошибок. С помощью данных шагов можно эффективно использовать интерактивную доску для разностороннего анализа текста и закрепления изученного, стимулируя активное участие обучающихся и развивая их языковые навыки.

Хорошим подспорьем в организации работы с интерактивной доской могут послужить такие российские ресурсы, как http://school-collection.edu.ru/, http://digital-edu.ru/fcior/152/, http://www.km-school.ru/company/KM.asp, http://slova.org.ru/, и др.

Сайт http://school-collection.edu.ru/ - образовательный портал, где собраны различные образовательные материалы, ресурсы и инструменты для преподавателей и студентов . На этом сайте доступны учебные материалы, методические пособия, онлайн-курсы, тесты и другие образовательные ресурсы, которые помогут в обучении и самообразовании. Он

представляет собой онлайн-платформу для обучения и развития цифровых навыков. На этом ресурсе представлены курсы по цифровой грамотности, информационным технологиям, программированию, кибербезопасности и другим аспектам цифрового образования. Учащиеся и преподаватели могут использовать этот ресурс для повышения своих знаний и навыков в области цифровой сферы.

Онлайн ресурс http://slova.org.ru/ является одним из наиболее популярных источников классической русской и зарубежной литературы в интернете. Здесь собраны произведения таких известных писателей, как Александр Пушкин, Лев Толстой, Антон Чехов, Федор Достоевский, Николай Гоголь и другие выдающиеся литераторы. Ресурс предоставляет бесплатный доступ к широкому выбору литературных произведений, включая романы, рассказы, пьесы, стихи и другие формы литературы. Все тексты доступны для чтения онлайн без необходимости загрузки или регистрации.

http://slova.org.ru/ представляет удобный способ ознакомиться с творчеством великих писателей и поэтов как для широкой аудитории, так и для студентов, учащихся и всех, кто интересуется литературой. Структура сайта организована таким образом, чтобы пользователь мог легко найти нужное произведение, обеспечивая доступ к литературному наследию в любое удобное время и место.

"Кирилл и Мефодий – КМ-Школа" – это образовательный проект, который вдохновлён именами двух великих святых братьев-просветителей Кирилла и Мефодия, создателей славянской письменности и основателей славянской письменности. Этот проект представляет собой современную образовательную платформу, ориентированную на развитие комплексных знаний и навыков учащихся.

Эффективность программы также обеспечивается использованием интерактивной доски, которая позволяет учителям не только использовать готовые электронные ресурсы, но и создавать собственные материалы для уроков.

Рецензент: Товбаева М.М., к.п.н., доцент

Список использованной литературы:

1. Давыдов, В. В. Проблема развивающего обучения / В. В.Давыдов. - М., 2003.
2. Иванова А. С., Горохова Р. И Внеклассная работа с использованием ИКТ/ ИТО-Марий Эл-2007 / Внедрение ИКТ в практику управления образованием: [эл. ресурс] http://ito.edu.ru/2007/MariyEl/III/III-0-11.html
3. Краевский В. В. Методология педагогики: Пособие для педагогов-исследователей. -. Чебоксары: Изд-во Чуваш, ун-та, 2001. - 244 с.
4. Личностно-ориентированный учебно-воспитательный процесс и развитие одаренности / Н.Ю. Синягина Е.Г. Чирковская (методическое пособие) / Под ред. А.А. Деркача, И.В. Калиш. -М., "Вузовская книга", 2001г. - 131с.
5. Маджидов, Х.М., Мирзоев Р.Р., Автоматизация учебного процесса гарантия повышения качества подготовки специалистов // Вестник Педагогического университета. - Душанбе, 2009. - №3(35). - С. 129-131.
6. Марданова, Г.М. Технология развития креативного потенциала учащихся общеобразовательной школы: автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата педагогических наук. - Ижевск, 2005. – 24 с.
7. Мунавварова, Т.З. Педагогическая подготовка студентов исторических факультетов к учительской работе: автореф. дисс. канд. пед. наук: 13.00.01. - Душанбе, 1981. - 20 с.
8. Савченко Н. А. Использование мультимедиа-технологий в общем среднем образовании. Электронное пособие для педагогов / М.: 2006.
9. Сангинов Н.С., Салимов Н.С. Кредитная система образования – Душанбе: Ирфон. –2005. – 200 с.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНТЕРАКТИВНОЙ ДОСКИ НА ЗАНЯТИЯХ ПО РУССКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

В статье анализируются различные методы и направления применения информационных технологий в учебных практиках с целью повышения эффективности обучения и развития обучающихся. Особое внимание уделяется примерам успешного внедрения информационных технологий в учебный процесс, их влиянию на обучаемых и методам оценки результатов. Результаты исследования позволяют выявить перспективы дальнейшего развития использования информационных технологий в образовании и оптимизировать их применение для достижения лучших результатов в учебных практиках.

Ключевые слова: *информационные технологии, образование, учебные практики, методы применения, эффективность обучения, развитие обучающихся.*

ИСТИФОДАИ ТАХТАИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР ДАРСХОИ АДАБИЁТ РУС

Дар мақола усулҳо ва самтҳои гуногуни истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар амалияи таълимӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии таълим ва рушди донишҷӯён таҳлил карда шудааст. Ба мисолҳои татбиқи бомуваффақияти технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим, таъсири онҳо ба донишҷӯён ва усулҳои баҳодиҳии натиҷаҳо диққати махсус дода мешавад. Натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳад, ки дурнамои рушди минбаъдаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар таълими фанни адабиёт муайян карда шуда, истифодаи онҳо барои ба даст овардани натиҷаҳои беҳтар дар амалияи таълимӣ оптимизатсия карда шавад.

Вожаҳои калидӣ: *технологияҳои иттилоотӣ, таълим, амалияи таълим, усулҳо ва методҳои таълим, самаранокии таълим, рушди толибилмон.*

MODERN INFORMATION TECHNOLOGIES IN EDUCATIONAL PRACTICES: METHODS AND DIRECTIONS OF APPLICATION

The article analyzes various methods and directions of application of information technologies in educational practices in order to increase the effectiveness of training and development of students. Particular attention is paid to examples of successful implementation of information technologies in the educational process, their impact on students and methods for assessing results. The results of the study make it possible to identify prospects for the further development of the use of information technologies in education and optimize their use to achieve better results in educational practices.

Keywords*: information technology, education, educational practices, application methods, teaching effectiveness, student development.*

Маълумот дар бора муаллиф: Қаҳорова Н.Ш. – *Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, муаллими калони кафедраи назария ва таърихи адабиёти рус. Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/8. Тел.: 919007919*

Сведения об авторе: Кахорова Н.Ш. – *Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, старший преподаватель кафедры теории и истории русской литературы. Адрес: 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/8. Тел.: 919007919*

Information about the author: N.S. Kakhorova *–Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, Senior lecturer at the Department of Theory and History of Russian Literature. Address: 17/6 Muhammadiev str., Dushanbe, 734019. Tel.: 919007919*

УДК: 491.550

АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ-АХЛОҚИИ ПАНДУ ҲИКМАТ ВА ИСТИФОДАИ ОН ДАР ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Пӯлотова Шоира Солиҷоновна

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Панду андарзҳои форсии тоҷикӣ аз шоҳкорҳое ҳастанд, ки бо камоли устодиву ҳунармандӣ, ба зеботарин ваҳҷ эҷод гашта, барои тарбияи инсони комил дастури муфиду арзанда ба шумор меравад ва мавзуъҳои мухталифи рӯзгорро ба таври муҷазу муассир инъикос менамояд. Халқи тоҷик дар тамоми давру замонҳо ҷонибдори созандагӣ, эҷод, бунёдкориву пешрафти илму дониш буданд, ба иттиҳоду ҳамзистии хайрхоҳона арҷ мегузоштанд. Шахс барои дарки ҳақиқати ҳаёт бояд ақлу донишро истифода намояд, ба ҳаводиси ҷаҳон бо чашми ақл нигарад ва кӯшиши дарёфтани моҳияти онҳоро намояд. Мутафаккирони барҷаста дар осори арзишманди хеш масъалаи омӯзишу парвариши насли наврасро дар меҳвари таваҷҷуҳи худ қарор додаанд. Тамоми ҷузъиёти зиндагиро бо нигоҳи нозукбини худ ба мушоҳида гирифта, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ҳамзамононро аз роҳи баду зулм ва истибдоду вайронкорӣ боздоранд, ба ҷодаи некию накӯкорӣ ва созандагӣ раҳнамун созанд. Ҳар касе ба ҳавасҳои худ муқобилат карда тавонад, сазовори иззату эҳтиром мегардад. Шавқу рағбат ва ҳавасҳои худро идора карда тавонистан аз хирадмандист ва вазифаи инсон на танҳо ба ғами дигарон шарик шудан, балки фоида овардан мебошад. Обрӯи каси хайрхоҳу некӯкор дар назари одамони дигар меафзояд ва аз ҷойи дигар аҷру мукофоти амалро мегирад. Дар таълимоти ахлоқии Саноии Ғазнавӣ ғояи дӯстиву рафоқат чунин тазаккур ёфтааст:

Дӯстонро ба гоҳи суду зиён
Битавон диду озмуд тавон [10, с. 51].

Бино ба андешаи шоир, шахс дӯсти ҳақиқиро замони ғаму шодӣ ба дурустӣ метавонад эҳсос намояд. Дӯстӣ набояд бар пояи манфиатҳои моддӣ ва шахсӣ бунёд ёбад ва кас аз муошират муомала бо шахсоне, ки дӯстиро ба хотири ҳадафҳои ғаразнок истифода мекунанд, иҷтиноб бояд варзад. Носанҷида дӯстӣ варзидан ғаму пушаймонӣ ба бор меорад. Дӯстӣ бо одами шоиставу сазовор корест бузург ва суҳбату муошират бо одами носазовор мояи бадбахтист. Дӯстӣ ҳамон вақт самимӣ буда метавонад, ки инсон манфиатҳои рафиқи худро аз манфиатҳои худ боло гузорад. Чунон ки Саъдӣ мефармояд:

Ёр он бувад, ки сабр кунад бар ҷафои ёр,
Тарки ризои хеш кунад бар ризои ёр.

Тарбияи ҷавонон дар замони муосир бояд ба ташаккули майл ба худтакмилдиҳӣ ва ҳадафҳои муайяни ҳаётӣ дар шуури онҳо равона карда шавад. Дар интихоби роҳи зиндагӣ ҷаҳонбинӣ нақши арзанда дорад ва таҳти мафҳуми ҷаҳонбинӣ маҷмуи ақидаҳои инсон нисбат ба ҷомеа, табиат ва худ идрок карда мегардад. Мусаллам аст, ки ҳангоми ба таври сатҳӣ донишазхудкунӣ, ҷаҳонбинии илмии шахс ташаккул намеёбад ва таҳсил ҳеҷ ҳосиле ба бор намеорад. Вақте кас кӯшиши фаҳмидани ҳаётро менамояд, низоми ҷамъбасткардаи ақоид, эътиқодот ва ғояҳое, ки шахс дар он муносибати худро ба муҳити иҷтимоӣ ифода карда, тамоми донишҳои дар бораи ҷаҳон андӯхтааш муттаҳид мешавад. Густариши ҷаҳонбинӣ ба рушди шахс таъсиргузор аст ва азхудкунии арзишҳои миллӣ дар раванди таълим ба унвони ташаккули маънавият хидмат мекунад.

Таълим ва омӯзиши забони тоҷикӣ тавассути истифодаи панду ҳикматҳои ниёкон чун омили бузурги тарбияи ахлоқӣ-маънавии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мақоми баландро соҳиб буда, дар ташаккули фарҳанги нутқ ва рушди шахсият такони бузург мебахшад. Маълум аст, ки хонандагон тавассути омӯзиши андарзу ҳикматҳо беҳтарин хислатҳои одамиро касб мекунанд. Аз ҷумла, ватандӯстӣ, одамият, меҳнатдӯстӣ, роҳ ба ҷониби ваҳдат аз беҳтарин неъмат, орзуву ормонҳои инсонӣ буда, наврасонро ба дарки таҳкими давлат ва давлатдорӣ, рушду нумӯи миллат, озодию ободӣ аз давраи мактабхонӣ раҳнамун месозад.

Хонандагон дар вақти таҳлили матну машқҳо аз рӯйи андарзу ҳикматҳо моҳияти ваҳдату ҳамдилӣ, истиқлолу ободии кишварро ҳифз кардану пойдор нигоҳ доштан, ягонагии мардумро ба дил парваридан тасаввуроти комил пайдо мекунанд. Дарки сулҳпарварӣ ва дӯстии байни ашхос ҳангоми омӯзиши осори арзишманди шоиру нависандагони барҷастаи форс-тоҷик аз ҷониби муҳассилин судманд буда, роҷеъ ба ин масъала афкори ҷолиб ба тарзи бадеъ изҳор гаштаанд. Дар навиштаи ҳозир кӯшиш шудааст, ки инъикоси масоили ваҳдати инсонҳо дар асоси намунаҳои ашъори бузургон мавриди баррасӣ қарор гирад. Дар талқини ғояи ягонагию ваҳдати ҳамаи мардуми рӯйи Замин шеъри маъруфи Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёна дар синфи V таълим дода мешавад, мувофиқи мақсад аст:

Банӣ Одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд… [7, с.122].

Чунин ба назар мерасад, ки дар адабиёти ҷаҳон чунин шеър, ки дар он ғояи баланди инсондӯстӣ ва ваҳдату ягонагии мардум ба ин ҳад барҷаста ва возеҳ ифода ёфта бошад, хеле кам аст. Беҳуда нест, ки ин мероси адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, ин шоҳкории боазамати Саъдӣ сақфи маҷлисгоҳи ЮНЕСКО-ро зебу зинат медиҳад ва бино бар ишораи Садриддин Айнӣ: “Асарҳои Саъдӣ хазинаи суханҳои пурҳикматанд. Саъдӣ шоир ва нависандаи рӯйиҷаҳонист”. Аз панду андарзҳои Саъдӣ барои хонандагони синфҳои V ва IX ба таври фаровон пешкаш шудааст. Аз ҷумла, қитъаи зерин аз “Гулистон”:

Эй забардасти зердастозор,
Гарм то кай бимонад ин бозор?
Ба чӣ кор оядат ҷаҳондорӣ?
Мурданат беҳ, ки мардумозорӣ! [6, с. 113].

«Гарм будани бозор» воҳиди фразеологии бисёр маъмул аст ва киноя аз пурравнақ гаштани кору бори дунявӣ. Шоир маргро барои ашхосе, ки ба хотири молу мулк ва шукуҳу шуҳрат ба мардумозориву ситамкорӣ мепардозанд, беҳтар медонад ва ҳушдор месозад, ки дилбастагӣ ба ин ҷаҳону сарвату сармоя нашояд, зеро рӯзе мерасад, ки бозори ин шахсони фосид ба касод мерасад:

Ман он мӯрам, ки дар поям бимоланд,
На занбӯрам, ки аз нешам биноланд.
Куҷо худ шукри ин неъмат гузорам,
Ки зӯри мардумозорӣ надорам [6,с.114].

Қаҳрамони ин қитъа бо камоли аҷз изҳор медорад, ки ман он мӯрчаи нотавонам поймоли касон ва занбӯр нестам, ки аз дасти нешам нолаву фарёд кунанд. Шукри бахшишу ҳадяи Худовандро дорам, ки ҳаргиз бар касе ранҷу озорро раво намебинам. Абдулманнони Насриддин дар шарҳи ин қитъа овардааст: “Чун касрати мол боиси ғурур ва нофармонӣ аст ва безарӣ муҷиби тавозуъ ва қадрдонӣ аст, лиҳозо одамиро бояд ки дараҷаи қаноат гузошта, ба ҳирс наяфтад, то ба баракати он ба иззати дунё фоиз гардад” [5,с.227].

Роҷеъ ба таълимоти ахлоқии Саъдии Шерозӣ адабиётшиноси эронӣ Абдулҳусайни Заринкӯб мегӯяд: «…дар ахлоқ он чи мояи нафрати Саъдист, чизест, ки инсонро аз он чи лозимаи одамият аст, дур мекунад ва ба зиштию пастӣ мекашад. Назди вай ахлоқ василаест, ки инсонро ба камоли одамият мерасонад ва вуҷуди ӯро бо риштаи муҳаббат ба саросари коинот мепайвандад» [4, с.242].

Ҳамин «ахлоқ» аст, ки шахсро ба камоли одамият мерасонад ва аз муассиртарин воситаи ташаккулу тарбияи шуури ваҳдату ҳамдилӣ мебошад. Аз диди Саъдӣ фазилатҳои ахлоқӣ аз худ пайдо намешаванд, балки дар муҳити муайян, дар ҷараёни муносибатҳои иҷтимоӣ ва муҳайё будани шароити зарурӣ ба вуҷуд меоянд ва камол меёбанд. Мувофиқи ин андеша агар поксириштонро дар муҳити фосид ё, баръакс, муфсидонро дар муҳити солим парваранд, онҳо таҳти таъсири тарбият сирати худро тағйир медиҳанд. Ба ин маънӣ дар «Бӯстон» мехонем:

Бо бадон ёр гашт ҳамсари Лут,
Хонадони нубувваташ гум гашт.

Саги асҳоби Қаҳф рӯзе чанд,
Пайи некон гирифту мардум шуд [8, с.62].

Саъдии Шерозӣ дар қатори дигар муаллимони ахлоқи илму адаби гузашта собит мекунад, ки одам некахлоқ ё бадахлоқ зода намешавад ва ӯ зотан некӯкор ё бадкирдор нахоҳад буд, балки тадриҷан дар натиҷаи таъсири омилҳои муайяни ахлоқӣ хулқу атвори вежаеро мепазирад. Агар омилҳо мусбат бошанд, одам фазилатҳои ҳамидаро пазируфта, хушахлоқ ба камол мерасад ва баръакс, агар дар муҳити бад ба воя расад, бадкирдору разил хоҳад шуд. Саъдӣ аксар маврид мавқеи иҷтимоии мардумро сарфи назар карда, ба тақсимоти табақавӣ ва баробарии табиии умумии онҳоро муқобил гузошта, ба намояндагони табақаи сарватманд муроҷиат карда мегӯяд:

Дар кам зи хештан ба ҳақорат нигоҳ макун,
Гар беҳтарӣ ба мол, ба гавҳар баробарӣ.

Ин байти воқеан устодонаи Саъдӣ, ки бо шеъри «Банӣ Одам аъзои якдигаранд» ҳамоҳангии комил дорад, бар хилофи тафовути табақавию таассуби қавмии мардум, ки зодаи иҷтимои давр буд, ғояи зотан баробар будани онҳоро пеш мегузошт. Ин нукта ва таъкиди «дар кам зи хештан ба ҳақорат нигоҳ накардан» яке аз унсурҳои асосии тарбияву ташаккули шуури таҳаммулпазирӣ ба ҳисоб меравад. Ба афтодагон дасти ёрӣ дароз кардан, ба онҳо мадад расонидан, айбу эрод нагирифтанро ҳанӯз сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ талқин кардааст:

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.

Пас аз тақрибан 1050 сол ин фикри пурқимату ҳикматноки Рӯдакиро дар либоси дигар дорандаи Ҷоизаи Нобел, нависандаи маъруф Габриэл Гарсиа Маркес баён кардааст: «Инсон танҳо дар як ҳолат метавонад ба инсони дигар аз боло ба поён нигарад: танҳо дар ҳолати ба афтода барои бархостан даст дароз кардан». Якаслии ҳамаи дину мазҳабҳоро Ҷалолуддини Румӣ дар дафтарҳои «Маснавии маънавӣ» ба таври гуногун талқин кардааст. Масалан, дар қиссаи «Пеш рафтани Дақуқӣ ба имомати он қавм»-и дафтари севум омадааст:

З-он ки худ мамдуҳ ҷуз як беш нест,
Кешҳо з-ин рӯй ҷуз як кеш нест [7, 3; с.2126].

Дар шарҳи ин байт бисёр ҷолиб омадааст: «Мамдуҳи ҳақиқӣ беш аз як мамдуҳ нест ва соири мамдуҳон мазҳаре аз мазоҳири мамдуҳи ҳақиқӣ ба шумор мераванд. Ба ҳамин далел аст, ки ваҳдати адён вуҷуд дорад [3, 3, 3 / 551]. Аз ин нуктаи назар, асли ягонагии мазҳабҳои мухталиф қариб дар эҷодиёти тамоми бузургони шеъру адаби форсу тоҷик сабт шудааст. Ҳофиз бесабаб нагуфтааст:

Ҳама кас толиби ёранд чӣ ҳушёру чӣ маст,
Ҳама ҷо хонаи ишқ аст чӣ масҷид, чӣ куништ.

Шарҳнигори маъруф Судии Буснавӣ дар тавзеҳи ин байти Хоҷа Ҳофиз чунин шарҳе дорад: «Ҳар касе хостори Ёр аст, чӣ ҳушёру чӣ маст ва ҳама ҷо хонаи ишқ аст, чӣ масҷид бошад ва чӣ калисо, яъне ҳар оқилу лояқил толиби Ёр аст. Хулоса, солеҳу толеҳ ҳамагӣ толиби Ӯянд ва ҳар гӯшае аз масҷиду калисо хонаи ибодати Ӯст. Ҳосил ин, ки дини ислом монанди соири адён нест, ки салавоту ибодат ба як маҳал махсус бошад ва дар ҷойи дигар ҷоиз набошад, балки дар дини ислом ҳар ҷо ки тоҳир бошад, қобили ибодат аст, чӣ масҷид бошад ва чӣ майхона. Чунон ки шоир мефармояд:

Гаҳ муътакифи дайраму гаҳ сокини масҷид,
Яъне ки туро металабам хона ба хона [9,с. 174].

Идроки асли моҳияти иттиҳод, ҳамдиливу ҳамбастагӣ ва рафоқат, ки дар ҷавонмардию лутф, фазлу эҳсон ва ба даст овардани дил ифода меёбад, тавассути мутолиаву ҳифзи осори барҷастаи ниёкон, ки саршори панду андарз аст, ба даст меояд. Бино ба таъкиди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Эмомалӣ Раҳмон: “Дар тӯли ҳазорсолаҳо моро мутафаккирони оламшумуламон ҳамеша ба озодандешиву истиқлолият, худогоҳиву худшиносӣ, ваҳдату

ҳамзистӣ, ҳамкориву ҳамбастагӣ ва созандагиву бунёдкорӣ раҳнамоӣ кардаанд. Аз ҷумла, Мавлоно Ҷалолуддини ҳамчун як фарди озодандеш ва инсонпарвар ғояҳои абадзиндаи ваҳдату дӯстӣ ва ҳамдиливу ҳамгироии инсонҳоро шиори зиндагӣ ва маънии ҳаёт дониста, ба инсони огоҳу бедордил, худшиносу худогоҳ ва бофарҳангу некхоҳ арҷи бузург гузоштааст" [2,с.115].

Баррасии андешаҳои ахлоқиву ирфонии Ҷалолуддини Румӣ тақозои давр буда, он дар қонеъ гардонидани ниёзҳои ахлоқию иҷтимоии ҷомеаи кунунии мо судманд хоҳад буд. Шоир дар ҳикояи «Қиссаи ҳудҳуд ва Сулаймон (а.)» – «Дар баёни он ки чун қазо ояд, чашмҳои равшан баста шавад» дар "Маснавии маънавӣ" мегӯяд:

Эй басо ҳиндуву турки ҳамзабон,
Эй басо ду турк чун бегонагон.
Пас забони маҳрамӣ худ дигар аст,
Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст [7, 1; с.1214-1215].

Дар тавзеҳи ин байтҳо шарҳнигор Карими Замонӣ аз осори мансури Мавлоно намуна овардааст: «…асли қаробат ва маҳрамият аз ошноӣ ва ҳамбастагии дилҳо ҳосил меояд, чи бисёр авқот, ки ду нафар зоҳиран ҳамзабон нестанд, вале ҳамдилӣ доранд. Шоире тозизабон ба боргоҳи подшоҳе туркзабон меравад ва дар мадҳи ӯ ашъоре ба арабӣ мехонад ва он шоҳ низ бо шунидани ҳар байт аксуламали муносиб аз худ нишон медиҳад. Ин масъала сабаби тааҷҷуби ҳуззор мешавад ва аз худ мепурсанд: «Чӣ гуна мумкин аст, шоҳе, ки арабӣ намедонад, ба мавқеъ аксуламали муносиб ва мутобиқ ба мазмуни ашъор аз худ нишон диҳад?». Пас, маълум шуд, ки мақсуд асл аст» [3, 1; с.403-404].

Худшиносиву худогоҳӣ аз унсурҳои асосии иттиҳоду ҳамбастагӣ маҳсуб ёфта, яке аз шартҳои муҳимтарини худшиносӣ дар феълу хӯйи худ аз байн бурдани хислатҳои манфӣ аст. Румӣ мегӯяд:

Ин ҷаҳон кӯҳ асту феъли мо нидо,
Сӯйи мо ояд нидоҳоро садо [7, 1; с.215].

Ин ҷаҳон монанди кӯҳ аст ва аъмоли мо монанди бонгу фарёдест, ки дар кӯҳ танин меафканад ва дубора ба сӯйи мо боз мегардад. Ҳар амале, ки анҷом медиҳем, албатта, натиҷаи онро мебинем. Лозим ба таъкид аст, ки ин маъноро Мавлоно дар чанд ҳикояи «Маснавӣ» ифода намудааст. Дар дафтари чорум омадааст:

Ҷумла донанд ин, агар ту награвӣ,
Ҳар чӣ мекориш, рӯзе бидравӣ [7, 3; с.4788].

Дар қиссаи «Назар кардани шер дар чоҳ ва дидани акси худро ва он харгӯшро» Румӣ нуктаи мазкурро нисбатан муфассал баён мекунад:

Эй басо зулме, ки бинӣ дар касон,
Хӯйи ту бошад дар эшон, эй фалон… [7, 1; с.1328-1332].

Румӣ ин ҷо ба хулосае мерасад, ки одамӣ бояд, қабл аз ҳама, феълу рафтори худро нарму мулоим созад, то ҷавобан аз дигаре муомалаву муносибати мувофикро бинад. Гузаштагони мо ба нармсуханӣ ва ширингуфторӣ, ки ҷузъи ахлоқи ҳамида ва меҳру муҳаббати байниҳамдигарист, диққати ҷиддӣ додаанд. Дар осори шоирони форсу тоҷик матлаби зиёде оид ба забон, ки ҳам сабаби озори касон ва ҳам боиси фараҳу шодии одамон шуда метавонад, зикр шудааст. Дар тарбияи таҳаммулпазирии хонандагон фаҳмонидани фазилатҳои нармсуханӣ бо андарзҳои ҳакимона судманд дониста мешавад. Румӣ низ ба тарбияи ин сифати инсонӣ аҳаммият додааст:

Эй забон, ҳам ганҷи бепоён туӣ,
Эй забон, ҳам ранҷи бедармон туӣ [7, 1; с.1712-1713].

Ҳамаи мутафаккирону бузургони тоҷик ба ташаккул ва такмили ахлоқи ҳамида, ки дар муҳити иҷтимоӣ ва хонавода бо таъсири тарбияву парвариш сурат мегирад, аҳаммияти ҷиддӣ додаанд. Аз назари Бедили Деҳлавӣ танҳо дар сояи ваҳдат пешрафту оромиву осоиштагӣ имконпазир аст ва роҳи расидан ба саодати поянда аз ин неъмати бузург ба даст меояд:

Зулмати моро фурӯғи нури ваҳдат ҷозиб аст,
Соя аз худ меравад охир ба тарфи офтоб.

Дар замони муосир, ки аз як тараф, ба туфайли раванди ҷаҳонишавӣ ба ҳам наздик гардидани кишвару халқҳо, аз тарафи дигар, ба сабабҳои маълум муҳоҷирати анбуҳи бузурги одамон аз як қитъа ба қитъаи дигар ба вуқуъ мепайвандад ва бархӯрди тамаддунҳои мухталиф ба амал меояд, масъалаи тавҳиду ягонагӣ ва ташаккули он дар шуури наврасону ҷавонон аҳаммияти бештар касб мекунад. Ташаккули ҳисси иттиҳоду ҳамдигарфаҳмӣ аз мутолиаи осори бузургони илму адаб ва ҳосили донишу маърифат имкон дорад.

Дар асоси сиёсати маънавимеҳвари Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари анҷоми корҳои бузурги фарҳангӣ бо дарки баланди нукоти омӯзандаи панду андарзҳои ҳакимонаи осори ниёкон дар солҳои истиқлоли миллӣ дар радифи самтҳои гуногуни илму маърифат ба мутолиаи китоб низ диққати хоса зоҳир гаштааст. Марҳала ба марҳала фарҳангу маорифи кишвар ҷойгоҳи худро дарёфта ва дар таъйини самтҳои асосии омӯзиш нақш гузошта ва бахусус ба тарғибу интишори ашъори суханварони классикии форс-тоҷик таваҷҷуҳи бештар зоҳир гашта истодааст. Барои ин ки арзишҳои бузурги маънавии миллатро ҳар шахс фаро гирифта тавонад, бояд ба он аз аввалин зинаҳои таҳсилот замина гузошта шавад. Ҷой додани намунаҳо аз адабиёти гузашта бо фарогирии беҳтарин намунаҳои панду ҳикматҳои халқӣ шуруъ аз синфҳои ибтидоӣ дар китобҳои дарсӣ судманд маҳсуб меёбад. Воқеан ҳам, дар ташаккули андешаи миллӣ, рушди иқтидори зеҳнӣ ва таҳкими истиқлоли давлатӣ нақши китоб хеле бузург аст. Аз ин лиҳоз, чанд соли охир дар тамоми қаламрави кишвар озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” доир гашта истодааст ва ҳадафи баргузории он чунин шарҳ дода ёфтааст: “Озмун бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти нерӯи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, такмили захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ миёни аҳолии кишвар, аз ҷумла, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо, ходимони илм), калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун, омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, кормандони фарҳангу санъат ва дигар табақаҳои аҳолии кишвар доир мегардад” [1].

Роҳандозию баргузории озмуни мазкур аз шоёнтарин иқдомҳои фарҳангии ҳукумат аст ва баргузории он лаёқату маҳорати эҷодкорию маърифатпарвариро тақвият бахшида, барои дарёфти дӯстдорони каломи бадеъ, истеъдодҳои нодир аз байни наврасону ҷавонон ва ба ин васила арҷгузорӣ ба фарҳангу маънавият, ҳувияту худшиносии миллӣ мусоидат карда, фурӯғи донишро дар фазои кишвар фузунтар мегардонад. Муҳиммияти ҳифзи ашъори классикон, ки саршор аз панду андарз аст, аз ҷониби муҳаққиқон чунин қайд гаштааст: “Ҳамбастагии саводу маънавият иборат аз он хоҳад буд, ки саводомӯзӣ бештар бар матни классикӣ такя меоварад. Ҳангоми саводомӯзӣ на сухани обшустаи матбуоти имрӯз, балки сухани волои классикӣ мавқеъи асосӣ дошта бошад. Фаровон аз бар кардани порчаҳои матни классикӣ дар кӯдакистон ва мактаби миёна бояд аз тарзҳои асосии омӯзиш қарор бигирад. Чунонки имрӯз мактаббачаҳои Фаронса он миқдор шеър аз ёд мекунанд, ки дар ду-се сол як девонро ташкил менамояд, чунонки дар кӯдакистонҳои Эрон кӯдак, ки севу ним сол дорад, дар як сол 130 шеъри хурду калон ҳифз мекунад, дар мактаби тоҷикӣ низ аз бар кардани шеър ва насри классикӣ ва муосир воситаи асосии саводбарорӣ, забономӯзӣ, тараққии ёду ҳофиза бояд бошад” [11,с.140]. Барои шукуфоӣ ва пешрафтҳои фаннӣ зимни таълими фанни забони тоҷикӣ ба коркарди порчаҳои ҳикамӣ бояд такя кард, зеро он руҳу равони насли наврас ва ҷавонро парвариш дода, дили аҳли ҷомеаро ба асолати фарҳанги миллӣ гарм мекунад. Мутолиаву ҳифзи ашъори гаронмояи суханварон ҳар як сокини кишварро ба неъмати бузург - иттиҳод ва бародарӣ даъват мекунад. Тафаккур аз вазъи андуҳбори гузашта ва муқоисаи он парокандагӣ бо ваҳдати имрӯз ҳар яки моро ҳушдор медиҳад, ки огоҳона амният, оромиву осудагӣ ва сулҳу ваҳдати миллиро арҷ гузорем. Аз ихтилофоту тафриқа, кинаву бадхоҳӣ дурӣ ҷӯем ва сӯйи маърифату худшиносӣ роҳ ёбем. Парвариши ин гуна сифатҳо барои дарки арзишҳои миллӣ, боз кардани дарҳои маънӣ, бархурдорӣ аз ганҷинаи забони модарӣ мусоидат мекунад ва дар ҳама ҷода онҳоро комёбу муваффақ мегардонад.

Муқарриз: Неъматов С.Э. – д.и.п., профессор

Адабиёт:

1. Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баргузор кардани озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» дар соли 2022
2. Ваҳдат ва раванди гуфтугӯи тамаддунҳо (Дар партави асарҳо, мақолаҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон).- Душанбе: Адиб, 2015.-464 саҳ.
3. Замонӣ, Карим. Шарҳи ҷомеи «Маснавии маънавӣ». Дар 7 ҷилд. –Теҳрон: Иттилоот, 1392
4. Заринкӯб Абдулҳусайн. Бо корвони ҳулла. – Теҳрон, 1965. – С. 242.
5. Куллиёти осор. Абдулманнони Насриддин. Иборат аз 7 ҷилд, ҷ.5.-Хуҷанд: Хуросон, 2013.- 586 саҳ.
6. Мирзод Т., Ҳамидов Р., Пирзод М. Адабиёти тоҷик (китоби дарсӣ барои синфи V). – Душанбе: АВА, 2008.- 304 саҳ.
7. Румӣ, Ҷалолуддин. Маснавии маънавӣ. Бар асоси матни Р. Николсон ва муқобила бо нусхаҳои дигар. – Теҳрон: Нашри замон, 2001. – 730 с.
8. Саъдии Шерозӣ. Гулистон / Тасҳеҳ ва тавзеҳи Ғуломҳусайни Юсуфӣ. – Теҳрон: Хоразмӣ, 1374.
9. Судӣ, Муҳаммад Афандии Буснавӣ. Шарҳи Судӣ бар Ҳофиз/ Тарҷумаи доктор Исмат Сатторзода. ҷ.1. - Теҳрон, 1372. – 636 с.
10. Ҳадиқат-ул-ҳақиқат ва шариат-ул-тариқат: аз гуфтори Абдулмаҷид Мавдуд ибни Одам Саноии Ғазнавӣ / Бо ҷамъу тасҳеҳи Мударриси Разавӣ. - Теҳрон, 1329. – 740 с.
11. Шакурӣ, М. Инсонгароии омӯзиш ва забони миллӣ. –Душанбе: Пайванд, 2002. – 148 с.

АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ-АХЛОҚИИ ПАНДУ ҲИКМАТ ВА ИСТИФОДАИ ОН ДАР ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақола аз нақши панду андарзҳои форсии тоҷикӣ ҳамчун беҳтарин воситаи тарбияи инсони комил, ки мавзуъҳои мухталифи рӯзгорро ба таври муҷазу муассир инъикос менамояд, сухан рафтааст. Масъалаи омӯзиши панду ҳикмат ва андарзҳои ниёкони бузурги халқи тоҷик дар таълими фанни забони тоҷикӣ, тараннуми дӯстиву рафоқат ва таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ ҳамчун омили муҳимми тарбияи насли наврас мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Қайд мегардад, ки инсон барои дарки ҳақиқати ҳаёт бояд ақлу донишро истифода намояд, ба ҳаводиси ҷаҳон бо чашми ақл нигарад ва кӯшиши дарёфтани моҳияти онҳоро намояд. Дар осори бузургон ба масъалаи омӯзишу парвариши насли наврас, раҳнамун сохтани онҳо ба ҷодаи некию накӯкорӣ, бунёдкориву созандагӣ, нармсуханиву таҳаммулпазирӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гашта, вазифаи омӯзгор аст, ки дар заминаи андарзномаҳо ҳамзамононро аз роҳи баду зулм ва истибдоду вайронкорӣ боздоранд. Ташвиқу тарғиби хонандагон ба мутолиаву ҳифзи асарҳои бадеӣ тавассути коркарди ҷиҳати лингвистии афоризмҳо, ҳифзу мутолиаи осори адабӣ, ки саршор аз панду ҳикматанд, ба манфиати кор дониста шудааст. Муаллиф ширкат варзидани хонандагонро дар озмунҳои умумиҷумҳурӣ, аз қабили “Фурӯғи субҳи доной китоб аст” ва нақши осори барҷастаи адабӣ, махсусан, ашъори гаронмояи Абӯабдулло Рӯдакӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҷалолуддини Балхӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдулқодири Бедилро дар ташаккули маърифату ахлоқ ва инсонгароиву ҳамдилӣ ва баланд бардоштани ҳувияти миллӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои фарҳангӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, такмили забондонӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ инкишофи ва рушди қобилияти эҷодиву зеҳнии муҳассилин муҳим арзёбӣ намудааст. Анҷом пазируфтани ин гуна тасмиму ташаббусҳо дар пешрафти фарҳангу маорифи кишвар, таъйини низому самтҳои асосии омӯзиш ва махсусан тарғибу интишори ашъори суханварони классикии форс-тоҷик натиҷаи таваҷҷуҳу дастгириҳои ҳукумати кишвар дониста шуда, бо истинод ба таъкиду ишораҳои пажӯҳишгарон муносибати нав ба тарбияи маънавии мактаббачагон дар заминаи арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ таъкид гардидааст.

***Калидвожаҳо**: сулҳу ваҳдати миллӣ, Саъдии Шерозӣ, «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Румӣ, китоби дарсӣ, тарбияи хонандагон, ахлоқи нек, ҳамдилӣ, панду ҳикмат, таълими забони тоҷикӣ.*

НАЦИОНАЛЬНО-НРАВСТВЕННЫЕ ЦЕННОСТИ НАЗИДАНИЙ И ИХ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПРИ ОБУЧЕНИИ ТАДЖИКСКОМУ ЯЗЫКУ

В статье говорится о роли персидско-таджикских афоризмов как лучшего средства воспитания целостной личности, прекрасно и эффективно отражающей различные темы повседневной жизни. Обсуждается вопрос изучения мудрости и традиций великих предков таджикского народа при преподавании предмета таджикский язык, а также воспевание дружбы и укрепления мира и национального единства как важный фактор воспитания подрастающего поколения. Отмечается, что для того, чтобы понять правду жизни, человеку следует воспользоваться разумом и знаниями, посмотреть на мировые события глазами разума и попытаться найти их суть. В произведениях великих поэтов особое внимание уделялось вопросу образования и воспитания подрастающего поколения, направляя его на путь добра, творчества, кротости и толерантности. Полезным считается поощрение учащихся к чтению и сохранению произведений искусства посредством лингвистической обработки афоризмов, сохранения и чтения литературных произведений, полных советом и мудрости. Автор подчеркивает, что участие студентов в национальных конкурсах, таких как «Фуруги субхи донои китоб аст» и роль выдающихся литературных произведений, особенно стихов Абуабдуллы Рудаки, Саади Ширози, Джалалуддина Балхи, Хафиза Ширози, Абдулкадира Бедиля считаются важными в формировании знаний, нравственности, гуманизма и единства, повышение и укрепление национального самосознания, почитание культурной ценности, совершенствовании языковых навыков, укреплении духовного мира, развитии творческих и интеллектуальных способностей учителей. Завершение таких решений и инициатив в развитии культуры и образования страны, определение основных систем и направлений изучения, а особенно пропаганда и публикация стихов персидско-таджикских классиков, считается результатом внимание и поддержка правительства страны. Ссылаясь на акценты и намеки исследователей, подчеркивается новый подход к духовному воспитанию школьников на основе национальных и общечеловеческих ценностей.

***Ключевые слова:** мир и национальное единство, Саади Ширози, «Маснави махнави» Джалалуддин Руми, учебник, воспитание учащихся, хорошие нравы, сопереживание, советы и мудрость, обучение таджикскому языку.*

NATIONAL-MORAL VALUES OF ADMONITIONS AND THEIR USE IN TAJIK LANGUAGE TEACHING

The article talks about the role of persian-tajik customs as the best means of educating a holistic personality that perfectly and effectively reflects various topics of everyday life. The issue of studying the wisdom and traditions of the great ancestors of the tajik people in teaching the tajik language, the anthem of friendship and strengthening national peace and unity as an important factor in the education of the tajik people, especially the younger generation, is discussed. It is noted that in order to understand the truth of life, a person should use reason and knowledge, look at world events through the eyes of reason and try to find their essence. In the works of great poets, special attention was paid to the issue of education and upbringing of the younger generation, directing them towards the path of goodness, creativity, meekness and tolerance. It is considered useful to encourage students to read and memorize works of art through linguistic processing of aphorisms, full of advice and wisdom from literary works. The author emphasizes that the participation of students in national competitions such as “The Dawn of Wisdom - Book” and the role of outstanding literary works, especially the poems of Abuabdullah Rudaki, Saadi Shirozi, Jalaluddin Balkhi, Hafiz Shirozi, Abdulkadir Bedil are considered important in the formation of knowledge, morality, humanism and unity, increasing and strengthening national identity, honoring cultural values, improving language skills, strengthening the spiritual world, developing the creative

and intellectual abilities of teachers. The attention and support of the country's government is considered to be the result of the adoption of such decisions and initiatives in the development of the country's culture and education, the determination of the main systems and areas of education, especially the promotion and publication of poems by persian-tajik classics.

The author emphasizes that students' participation in national competitions such as "Furugi subhi donoi kitob ast" and the role of outstanding literary works, especially poems by Abuabdullah Rudaki, Saadi Shirozi, Jalaluddin Balkhi, Hafiz Shirozi, Abdulkadir Bedil are considered important in the formation of knowledge, morality, humanism and unity, raising and strengthening national consciousness, honoring cultural values, improving language skills, enhancing spiritual peace, and developing the creative and intellectual abilities of teachers. The attention and support of the government of the country is considered the result of taking such decisions and initiatives in the development of culture and education of the country, determining the main systems and directions of education, especially the promotion and publication of poems of persian-tajik classics.

***Keywords**: Tajik language, teaching, national moral values, peace and unity, reading books, "Masnavi Ma'navi"-Jaloluddin Balkhi, education of pupils, good morals, edification and saying.*

***Маълумот дар бораи муаллиф: Пӯлотова Шоира Солиҷоновна**, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, тел.: 92 770 45 80, E-mail: shoira.pulotova@inbox.ru*

***Сведения об авторе: Пулатова Шоира Салиджановна**, Худжандский государственный университет имени академика Б.Г.Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры методики преподавания таджикского языка и литературы. Адрес: Республика Таджикистан, г. Худжанд, тел.: 92770 45 80, E-mail: shoira.pulotova@inbox.ru*

***Information about the author: Pulatova Shoira Salijonovna**, Khujand State University named after academician B.G.Gafurov, candidate of in Sciences Philological, Associate Professor, the Department of Tajik Language and Literature. Address: Republic of Tajikistan, Khujand, phone: 92 770 45 80, E-mail: shoira.pulotova@inbox.ru*

ТДУ: 378

МАСЪАЛАҲОИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ДАР ПЕДАГОГИКАИ МУОСИРИ ТОҶИК

Раҷабова Ф.О.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Масъалаи баланд бардоштани сатҳу сифати таълим яке аз самтҳои асосии раванди таълим ба шумор рафта, омода намудани мутахассисони баландихтисос аз он вобастагии калон дорад. Аз ин ҷост, ки сиёсати имрӯзаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, пеш аз ҳама, ба ҳалли масъалаҳои муҳимтарин аз қабили баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси дар бозори меҳнат рақобатпазир ва воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ равона карда шудааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26.12.2018) қайд намуданд, ки «…дар соҳаи маориф ду проблемаи асосии ҳалталаб вуҷуд дорад. Якум, норасоии кадрҳои соҳибкасби омӯзгорӣ ва дуюм, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти кишвар…» [6].

Бояд қайд намуд, ки иштирокчиёни ҷараёни таълим - донишҷӯ, падару модар ва омӯзгор оид ба сифати таҳсилот тасаввуроти гуногун доранд. Аз ин рӯ, барои кушодани моҳияти маҳфуми «сифати таҳсилот» мо бояд фарқи ин мафҳумро аз маҳфуми «сифати таълим» муайян намоем. Дар моддаи 1-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» омадааст, ки:

- «сифати таълим - тарзи ташкили дуруст ва самараноки раванди таълим, ки дар натиҷаи он шахс соҳиби таҳсилот мегардад;

- сифати таҳсилот - маҷмӯи нишондиҳандаҳои стандартҳои давлатии таҳсилот ва талаботи давлатӣ» [1, с.74].

Ба андешаи мо, сифати таҳсилот ҳамчун низоми доимоамалкунанда дар муассисаҳои таълимӣ ба ҳисоб рафта, барои боз ҳам беҳтар намудани сифати таълим, ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва паҳн кардани иттилоот оид ба таҳсилот ва қисмҳои алоҳидаи он равона карда шудааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ ба муносибати Рӯзи дониш, ҳангоми кушодашавии бинои нави Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон якуми сентябри соли 2019 чунин қайд намуда буданд: «Сифати таҳсилот дар оянда низ ҳамчун масъалаи муҳимтарини соҳаи маориф боқӣ мемонад. Қобили зикр аст, ки барои таъмин намудани сифати таълим то имрӯз аз ҷониби Ҳукумати мамлакат, вазорату идораҳои дахлдор ва худи муассисаҳои таълимӣ корҳои зиёде амалӣ гардидаанд, вале барои ислоҳи вазъ дар ин самт бояд тадбирҳои ҷиддӣ ва қатъӣ андешида шаванд» [7].

Мутобиқи моддаи 27-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» идоракунии сифати таҳсилот сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи маорифро амалӣ карда, низоми ягонаи миллии баҳогузорӣ ба сифати таҳсилотро муайян ва самаранокии онро таъмин менамояд. Идоракунии сифати таҳсилот бо усулҳои баҳогузории дохилӣ ва берунӣ дар асоси натиҷаҳои мониторинг ва қабули қарорҳои идоракунӣ дар муассисаҳои таълимӣ амалӣ мегардад [1, с.75].

Стандартҳои давлатии таҳсилот маҷмуи меъёрҳое мебошанд, ки мазмуни таҳсилот, моҳияту муҳлати таълим, ҳаҷми сарбории таълимӣ, сатҳи азхудкунии донишро аз тарафи таълимгирандагон ифода намуда, талаботи асосӣ ба таъмини раванди таълим, мазмуну мундариҷаи барномаҳои таълимӣ ва баҳогузории сатҳи донишро дар муассисаҳои таълимӣ бо назардошти дастовардҳои миллӣ ва умумибашарӣ муайян мекунанд.

Дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ иҷрои стандартҳои давлатии таҳсилот ҳатмӣ буда, тартиби таҳия, тасдиқ ва ҷорӣ кардани стандартҳои давлатии таҳсилотро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

Бояд гуфт, ки зери мафҳуми сифати таҳсилот мо натиҷаи пешрафти донишомӯзонро дар назар дорем, ки онҳо бо баҳои хубу аъло мехонанд. Тибқи меъёрҳои муайянкунанда айни замон дар ҳамаи зинаҳои таълим асосан ҳамин ченак истифода бурда мешавад. Сатҳи донишазхудкунӣ, дараҷаи аз худ кардани донишҳо, маҳорат ва малакаҳое, ки барномаи таълимӣ аз нуқтаи назари мукаммалии онҳо, амиқӣ ва мустаҳкамӣ муқаррар кардааст, маҳсуб ёфта, натиҷаи он тавассути холҳои баҳогузорӣ ифода ва муайян карда мешавад.

Дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ ва ҷамъбасти нуқтаи назари муҳаққиқон, мутахассисон, олимон-педагогҳо мо ба хулосае омадем, ки сифати таҳсилот маҷмӯи салоҳияти таълимӣ (фаннӣ) ва худшиносии касбӣ мебошад, ки имкон медиҳад дар ин ё он соҳаи ихтисос ва касби интихоб карда шуда, бо дарки нақш ва масъулияти ҷамъиятии худ, барои натиҷаҳои меҳнат (таҳсил, фаъолият), фаъолияти муваффақона бурда шавад.

Ҳадафи асосии низоми идоракунии сифати таҳсилот дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама, таҳлили ҳамаҷонибаи сифати воқеии таълим, танзими ҳуҷҷатгузорӣ ва муайянкунии самтҳои беҳдошти он мебошад.

Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 талабот ба таҳсилотро, пеш аз ҳама, дар баланд бардоштани сифати таълим дар назар дорад [8]. Дар раванди ноил шудан ба таҳсилоти босифат омили асосӣ ва муҳим технологияи фаъолияти педагогӣ ба шумор меравад. Дар зери мафҳуми технологияи фаъолияти педагогӣ, пеш аз ҳама, санъати ташкили раванди таълим дар назар дошта шуда, дар ин раванд бояд ҳаракати мунтазам аз ҳадафҳои гузошташуда ба натиҷаҳои интизорӣ оварда расонад. Технологияи фаъолияти педагогӣ раванди ҳамкориҳои судманд байни омӯзгорон ва донишҷӯён тавассути иштироки фаъолона, амиқ ва ҳамаҷониба дар фаъолияти таълимӣ ба шумор меравад [5, с.17].

Масъалаи баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар асарҳои олимон-педагогҳои муосири тоҷик М. Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, И. Каримова, С. Сулаймони, Х. Раҳимзода, А. Нуров, Б. Раҳимов, К. Қодиров, С. Негматов, Б. Маджидова, Х. Сангинов, Х. Афзалов, А.Мирализода, Н. Юнусова, Л. Файзализода, Т. Зиёзода, Л. Иматзода, Ф. Гулмадов ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Яке аз олимони пурмаҳсули соҳаи педагогикаи муосири тоҷик академик Маҳмадулло Лутфуллозода дар таҳия ва таҳрири бисёр санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти олии давлатӣ ва Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ саҳми фаъол гузоштааст, ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи миллии таҳсилот, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; стандартҳои давлатӣ ва таълимӣ ва ғайраҳо.

Ба андешаи академик М. Лутфуллозода тарбия, махсусан тарбияи миллӣ, хусусиятхои хоси худро дорад ва аз ин ҷост, ки Консепсияи миллии таҳсилот ҳуҷҷати дурнамо на танҳо барои талабагону донишҷуён, балки санади барномавии тарбияи миллии мардум низ мебошад [3, с.85].

Академик М. Лутфуллозода асарҳои зиёди таълимӣ, илмӣ, дастуру тавсияҳои методӣ ва мақолаҳои гуногунмазмун таҳия ва нашр намудааст, ки бештари онҳо дастраси муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон гардидаанд, аз қабили: «Субҳи дониш», «Наҳви забони модарӣ», «Асосҳои омӯзиш», «Педагогикаи шафқат», «Дарс», «Эҳёи педагогикаи Аҷам», «Тоҷикистон - Ватанам, ифтихорам», «Тоҷикистони соҳибистиқлол ва масъалаҳои тарбия», «Дидактикаи муосир», «Қиссаи оғози тарбия», «Таълими алифбо», «Истиқлолияти Тоҷикистон ва маорифи навин», «Шарафномаи миллат», «Фарзанд - ҳадяи Худованд» ва ғайраҳо.

Академик М. Лутфуллозода дар коркарду корбаст кардани барномаҳои таълимии мактабҳо ҳам хизмати арзанда кардаанд. (Барномаҳои таълимии забони модарӣ; барномаҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ; барномаи забони модарӣ; забони модарӣ барои шуъбаи методикаи таълими ибтидоии факултаи педагогика; «Одобнома» ва ғайра).

Ба андешаи академик М. Лутфуллозода мактаб чун рукни мустақил ва симои ҳақиқии худ ва ба пояи маданияти миллӣ, забон, таъриху анъанаҳои мардумӣ арзи вуҷуд мекунад. Ҳар гуна мактаб, аз ҷумла мактаби миллӣ дар афрухтани нури маърифат ва ахлоқи маънавӣ

ва инкишофи шахсият ба методология такя намояд, ки аз фалсафаи пешқадами мардуми бумию умумибашарӣ бархурдор бошад [2, с.189].

Ҳар як мактаби миллӣ, аз ҷумла мактаби миллии тоҷик, дорои хусусиятҳои хос ва низоми мустақили педагогӣ буда, мақсаду мазмун маълумот, шаклҳои ташкили кори омӯзишу парвариш, усул, тарз ва воситаҳои таълими худро дорад [3, с.122].

Ҳамин тариқ, фаъолияти илмию таҳқиқотии академик М. Лутфуллозода дар инкишофи мактаб ва педагогикаи тоҷик хеле бузург аст. Ӯ дар инъикоси арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар ҳуҷҷатҳои давлатӣ ва меъёрии таҳсилот ва тарбия саҳми арзанда гузоштааст. Маҳз дар асари гаронбаҳои илмию педагогии ӯ «Педагогикаи миллии халқи тоҷик» ғояҳои худинкишоф ва такмилдиҳии мактаби тоҷик равшан карда шудааст.

Дар шароите, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳи рушди инноватсионӣ гузаштааст, масъалаи баланд бардоштани сатҳи самаранокии омода кардани мутахассисон боз ҳам муҳимтар мегардад. Вобаста ба ин, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифодаи усулҳои муосири таълим бо татбиқи технологияҳои рақамӣ бояд ба роҳ монда шавад.

Ба ақидаи А.М Миралиев ва Ф.Ф. Шарипов муносибати хуби омӯзгорон ҳам дар аудитория ва ҳам берун аз он, сатҳи қаноатмандии донишҷӯёнро дар раванди таълим ба таври назаррас афзоиш медиҳад [4, с.257].

Зарурати баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот ислоҳоти кулии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, ҳамоҳангсозии низоми миллии таҳсилотро ба Стандартҳои ҷаҳонӣ тариқи гузариш ба низоми бисёрзинагии таҳсилот ва технологияи кредитӣ-модулии таълим, талаб мекунад. Дар ин раванди гузариш муассисаҳои таълимиро зарур аст, ки санадҳои меъёрию ҳуқуқиро вобаста ба талаботи замон ва арзишҳои миллӣ мутобиқ сохта, дар омода намудани Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва нақшаҳои таълимӣ пешоҳанг ва фаъол бошад. Дар баробари ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилот гузариш ба низоми сезинагии таълим ва мутобиқ сохтани низоми таълим ба низоми байналмилалии муосир талаби замон мебошад. Ба ин хотир вобаста ба иҷрои дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба низоми сезинагӣ: бакалавр (мутахассис), магистратура ва докторантураи Ph.D гузаштанд.

Бояд таъкид намуд, ки дар баробари танзими ҳуҷҷатгузории раванди таълим муассисаҳои таълимиро зарур аст, ки ба сифати омода намудани мутахассисони ба бозори меҳнат ҷавобгӯ диққати хоса равона созанд. Аз ин рӯ, дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ворид гардидани муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба фазои байналмилалии таҳсилот ва эътироф гардидани санадҳои меъёрии танзимкунандаи соҳаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ аз ҷониби ниҳодҳои дахлдори хориҷӣ зарурати таъсиси сохтори идоракунандаи сифат дар муассисаҳои таълимӣ пайдо гардид. Ба ин хотир қаблан дар назди Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шуъбаи назорати сифати таҳсилот таъсис дода шудааст, ки мақсади асосии он назорат ва баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Ба андешаи мо, омилҳои асосии ба сифати таҳсилот таъсиррасонанда инҳо ба шумор мераванд:

- банақшагирии ҷараёни таълим;
- таъмини методӣ ва моддию техникии ҷараёни таълим;
- таъмини ҷараёнии таълим бо мутахассисон (иқтидори зеҳнии муассисаи таълимӣ):
- истифодаи васеи усулҳои муосири таълим;
- ҳавасмандгардонии донишандӯзон дар ҷараёни таълим;
- назорат ва мониторинги сифати таҳсилот ва ғайраҳо.

Сифати таълим на танҳо аз сифати дониш, малака ва маҳорати азхудшуда, балки аз раванди дуруст ташкил кардашудаи таълим, ки хусусияти тарбиявӣ дошта, дорои арзишҳои ахлоқию маънавӣ мебошад, вобаста аст [9, с.305].

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккул ва татбиқи системаи самараноки таълими босифат, ки барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти воқеии мамлакат ва

манфиатҳои миллӣ нигаронида шудааст, корҳои зиёде анҷом дода мешавад: таҳрири барномаҳои таълимӣ, стандартҳои таълимӣ, омодасозии мутахассисони баландихтисоси педагогӣ, таъминоти мувофиқи ташкилию методии ҷараёни таълим.

Яке аз воситаҳои таъмини сифати таҳсилот дар низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ ва дар асоси натиҷаҳои он гирифтани иҷозатнома барои ташкили фаъолияти таълимӣ ба шумор меравад. Аттестатсия ва аккредитатсияи муассисаҳои таълимӣ дар панҷ сол як маротиба аз ҷониби Агентии давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

Бояд қайд намуд, ки бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми назорати дохилии сифат амалӣ карда мешавад. Натиҷаҳои назорати сифати таҳсилот дар вақти сессияҳои имтиҳонӣ ва имтиҳони давлатии хатм аз ҷониби шӯрои таълимӣ-методии муассисаи таҳсилоти олии касбии баррасӣ шуда, дар он мундариҷа ва мазмуни барномаҳои таҳсилот, технологияҳои таълимӣ, рушди малакаҳои амалии донишҷӯён, сифати таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва таълимӣ муҳокима карда мешаванд. Инчунин, бо мақсади бо истеҳсолот пайвастани раванди таълим корфармоёни корхонаҳои шакли моликияташон гуногун дар ҷараёни ташкил ва гузаронидани ҷараёни таълим иштирок мекунанд.

Таҳлили натиҷаҳои сессияҳои имтиҳонӣ ва имтиҳонҳои давлатии ҳар сол аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, дар он нишондиҳандаҳои сифати таълими донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ арзёбӣ карда мешавад. Мувофиқи стандартҳои байналхалқӣ низоми баҳодиҳии сатҳи донишу малака ва маҳорати донишҷӯён аз рӯйи натиҷаҳои ҷамъбастии омӯзишӣ, яъне тавассути ҷорӣ кардани муносибати босалоҳият ба таълим арзёбӣ карда мешавад. Аттестатсияи кормандони соҳаи таҳсилоти олии касбӣ аз ҷониби комиссияҳои озмунӣ гузаронида шуда, фаъолияти ҳайати профессорону устодон барои ҳар 5 сол баҳогузорӣ карда мешавад.

Ба андешаи мо, дар шароити муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати такмили низоми баҳодиҳии ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мувофиқи меъёрҳои нав, бо тавассути истифодаи технологияҳои рақамӣ (масалан, меъёрҳои рейтингии баҳодиҳии ҳайати профессорону устодон, кор дар реҷаи мустақим ё онлайн), ба миён омадааст.

Бояд гуфт, ки сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таркиби ҳайати профессорону омӯзгорон, шумораи таҷрибаомӯзӣ ва курсҳои такмили ихтисос, иштирок дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, маводи таҳия ва чопшуда ва ғайра сахт вобастагӣ дорад.

Ба андешаи мо, самтҳои асосии баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ояндаи наздик инҳо мебошанд:

- тараққӣ додани системаи аттестатсияи омӯзгорон ва аккредитатсияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
- таҳия ва қабули барномаҳои таълимии ягона, аз ҷумла тавассути татбиқ кардани системаи таҳияи модулии барномаҳои таълимӣ;
- бо ҳам пайвастани донишҳои назариявӣ ва малакаву маҳорати амалии донишҷӯён (аз ҷумла, ҷалби корфармоён, стейкхолдерҳо дар ҷараёни таҳияи барномаҳои таълимӣ, бунёди синфхонаҳои таълимии истеҳсолӣ дар корхонаву ташкилотҳо, ташкили таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва пеш аз хатмкунӣ дар субъектҳои хоҷагидории шакли моликияташон гуногун);
- беҳтар намудани мазмун ва сифати корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва амалӣ-таҷрибавӣ;
- бо назардошти талаботи муосири ҷомеа ташкил намудани ихтисосҳои нав (аз ҷумла, вобаста ба рақамикунонии иқтисодиёт, ташкили “иқтисоди сабз” ва ғайра).

Муқарриз: Шосиадзода С., н.и.п., дотсент

Адабиёт:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, №7

2. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир. - Душанбе. - 2010. - 432 с.
3. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи Аҷам. - Душанбе: Дониш. - 1997. - 150 с.
4. Миралиев А.М., Шарипов Ф.Ф. Информатизация - ключевое направление развития системы образования Республики Таджикистан // Вестник Таджикского национального университета. - 2014. - №3-3. - С. 254-260.
5. Мирзоева Н.Р. Теория и технология качественного образования в современной школе Республики Таджикистан. Автореферат дисс… на соиск. уч. степ. кандидата педагогических наук. – Душанбе. - 2023. - 32 с.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2018 [Захираи электронӣ]//www.president.tj
7. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Рӯзи дониш 01.09.2019. [Захираи электронӣ]//www.president.tj
8. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526
9. Сысоева Е.Ю. Инновационные методы обучения в системе профессионального образования // Балтийский гуманитарный журнал. - 2018. Т.7. - №1(22). - С. 299-307.
10. Шишов С.Е. Мониторинг качества образования в ВУЗ. - М.: Вердана. - 2015. - 321 с.

МАСЪАЛАҲОИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ДАР ПЕДАГОГИКАИ МУОСИРИ ТОҶИК

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот аз нигоҳи олимон-педагогҳои тоҷик мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Қайд шудааст, ки яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси дар бозори меҳнат рақобатпазир ба шумор меравад. Муаллиф дар асоси қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳияти маҳфумҳои «сифати таҳсилот» ва «сифати таълим»-ро кушода, фарқи онҳоро муайян кардааст. Ба андешаи муаллиф ҳадафи асосии низоми идоракунии сифати таҳсилот дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама, таҳлили ҳамаҷонибаи сифати воқеии таълим, танзими ҳуҷҷатгузорӣ ва муайянкунии самтҳои бехдошти он мебошад.

Муаллиф афкори академики машҳури тоҷик М. Лутфуллозодаро дар самти сифати таҳсилот таҳқиқ намуда, саҳми муносиби ӯро дар таҳия ва таҳрири бисёр санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маорифи ҷумҳурӣ таъкид намудааст. Омилҳои асосии ба сифати таҳсилот таъсиррасонанда аз ҷониби муаллиф муайян карда шудаанд. Ба андешаи муаллиф, яке аз воситаҳои таъмини сифати таҳсилот дар низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ мебошад. Муаллиф самтҳои асосии баланд бардоштани сифати таҳсилотро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ояндаи наздик муайян намудааст.

Калидвожаҳо: *сифати таҳсилот, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, идораи сифати таҳсилот, стандартҳои давлатии таҳсилот, барномаи таълимӣ, технологияи фаъолияти педагогӣ, технологияҳои рақамӣ, назорати сифати таҳсилот, аттестатсия, аккредатсия.*

ВОПРОСЫ КАЧЕСТВА ОБРАЗОВАНИЯ В СОВРЕМЕННОЙ ТАДЖИКСКОЙ ПЕДАГОГИКЕ

В данной статье исследуются вопросы повышения уровня и качества образования с точки зрения таджикских ученых-педагогов. Было отмечено, что одной из основных целей Правительства Республики Таджикистан в сфере образования является повышение уровня и качества образования, подготовка высококвалифицированных специалистов, конкурентоспособных на рынке труда. На основе действующего законодательства Республики Таджикистан автор раскрыл сущность терминов «качество образования» и «качество обучения» и определил их различие. По мнению автора, основной целью системы

управления качеством образования во всех высших профессиональных учебных заведениях республики является, прежде всего, комплексный анализ фактического качества образования, регламентация документации и определение направлений ее улучшения.

Автором исследованы труды известного таджикского академика М. Лутфуллозода по вопросам качества образования и подчеркнута его значительный вклад в разработку и редактирование многих нормативно-правовых документов в сфере образования республики. Автором выделены основные факторы, влияющие на качество образования. По мнению автора, одним из средств обеспечения качества образования в системе высшего профессионального образования Республики Таджикистан является государственная аттестация и аккредитация. Автор определил основные направления повышения качества образования в высших профессиональных учебных заведениях Республики Таджикистан на ближайшую перспективу.

Ключевые слова: *качество образования, учреждения высшего профессионального образования, управление качеством образования, государственные стандарты образования, образовательная программа, технология педагогической деятельности, цифровые технологии, контроль качества образования, аттестация, аккредитация.*

QUALITY OF EDUCATION IN MODERN TAJIK PEDAGOGY

This article examines the issues of improving the level and quality of education from the point of view of Tajik academics. It was noted that one of the main goals of the Government of the Republic of Tajikistan in the field of education is to improve the level and quality of education, train highly qualified specialists who are competitive in the labor market. Based on the current legislation of the Republic of Tajikistan, the author revealed the essence of the terms "quality of education" and "quality of training" and determined their difference. According to the author, the main goal of the quality management system of education in all higher professional educational institutions of the republic is, first of all, a comprehensive analysis of the actual quality of education, regulation of documentation and determination of directions for its improvement. The author studied the works of the famous Tajik academician M. Lutfullozoda on the quality of education and emphasized his significant contribution to the development and editing of many regulatory documents in the field of education of the republic.

The author identified the main factors influencing the quality of education. According to the author, one of the means of ensuring the quality of education in the system of higher professional education of the Republic of Tajikistan is state certification and accreditation. The author identified the main areas of improving the quality of education in higher professional educational institutions of the Republic of Tajikistan in the near future.

Keywords: *quality of education, institutions of higher professional education, quality management of education, state standards of education, educational program, technology of pedagogical activity, digital technologies, quality control of education, certification, accreditation.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Раҷабова Фирӯза Олмаҳмадовна *- номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи психологияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. Тел.: 93-567-10-84. E-mail: f.o.rajabova@mail.ru*

Сведения об авторе: Раджабова Фируза Олмахмадовна *- кандидат педагогических наук, доцент, зав. кафедры психологии Таджикского международного университета иностранных языков имени Сотима Улугзаде. Тел.: 93-567-10-84. E-mail: f.o.rajabova@mail.ru*

Information about author: Rajabova Firuza Olmahmadovna *- candidate of the pedagogical sciences, associate professor, head Department of Psychology, Tajik International University of Foreign Languages named after S. Ulughzoda. Tel.: 93-567-10-84. E-mail: f.o.rajabova@mail.ru*

УДК: 4+491.71

РАЗВИТИЕ РЕЧИ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ РУССКОГО ЯЗЫКА В НАЦИОНАЛЬНОЙ АУДИТОРИИ

Рахимзода Саодат Джумахон
Таджикский национальный университет

Изучение русского языка в национальной аудитории на языке оригинала требует от учащихся высокого уровня владения русской речью. Этот уровень не может быть достигнуть только на занятия языком. Поэтому на уроках русского языка ведется целенаправленная работа по развитию русской речи учащихся.

Лингвисты требуют знания литературного языка в такой мере, чтобы «уметь грамматически и фонетически правильно, лексико-семантически точно, стилистически дифференцированно и выразительно говорить, выражать мысли и чувства в соответствующей форме устной речи, прежде всего в наиболее популярных сферах ее применения, а также владеть необходимыми в повседневной жизни широких масс наиболее распространенными формами письменной речи» [2, с. 56]

Такой уровень владений русской речи для учащегося национальной группы будет возможным при условии, что специфика орфоэпии, грамматической структуры и лексики родного языка не будет проявляться в произношении грамматическом и лексико-семантическом оформлении русской речи.

В.В. Виноградов писал, что «высокая культура разговорной речи, хорошее знание и чутье родного языка, умение пользоваться его выразительными средствами, его стилистическим многообразием - самая лучшая опора и самая надежная рекомендация для каждого человека в его общественной жизни и творческой деятельности» [4, с. 95]. При помощи русского языка можно выразить тончайшие оттенки мысли, раскрыть самые глубокие чувства. Нет такого понятия, которое нельзя было бы назвать русским словом. Читая произведения великих писателей, мы погружаемся в мир, созданный их фантазией, следим за мыслями и поведением героев и подчас забываем, что литература -искусство слова. Как всякое искусство, она выражает многообразие человеческого бытия, помогает познать жизнь и ее законы, создает художественные образы, используя все богатства языка. Все, о чем мы узнаем из книг, воплощено в слове, вне слова не существует знаний.

Волшебные краски русской природы, описание богатой духовной жизни людей, весь необъятный мир человеческих чувств - все воссоздается писателем с помощью тех слов, которые служат нам в повседневной жизни. Не случайно язык называют одним из самых удивительных орудий в руках человечества. Надо только уметь им пользоваться. Вот для этого-то и необходимо нашим детям изучать стилистику - науку об умелом выборе языковых средств. Чем грамотнее человек, тем более требователен он к своей речи, тем острее он понимает, как важно учиться хорошему слогу [7, с. 36]. Замечательные русские писатели неустанно работали над совершенствованием и обогащением художественной речи. Русский язык всегда был их гордостью, вселял в них веру в могучие силы и великое предназначение русского народа. «Во дни сомнений, во дни тягостных раздумий о судьбах моей родины - ты один мне поддержка и опора, о великий, могучий, правдивый и свободный русский язык!» - писал И.С. Тургенев. Именно поэтому педагоги уделяют значительное внимание на уроках литературы формированию речи школьников в процессе изучения художественных произведений. Ведь устная и письменная речь находятся в тесной взаимосвязи. Как правило, обучение устному ответу требует предварительного составления плана, тезисов, записи отдельных положений будущих высказываний. В то же время любая письменная творческая работа включает в себя устные ответы на вопросы, пересказы художественного текста, устные сочинения... Таким образом, устная речь способствует овладению умениями письменной речи, а письменная речь, в свою очередь, помогает развитию образной, выразительной и логически правильной последовательной речи устной. И все же нередко именно стилистические недочеты в школьных творческих работах становятся главной

причиной низких оценок. Каждый учитель на уроках литературы страдает из-за того, что дети не могут полностью осознать сугубо языковые средства создания литературных образов, впечатлений, ассоциаций. Творчески работающий преподаватель всегда стремится к тому, чтобы помочь ученикам вникнуть в проблемы, связанные с употреблением языковых средств. Но изучение художественного произведения не должно превращаться в набор эпитетов, сравнений и других средств выразительности. Анализ образных средств языка должен проводиться лишь в той мере, в какой он помогает учащимся почувствовать целостность художественного образа и понять его содержание.

Устанавливая оптимальный уровень развития речи учащихся национальной школы, нельзя не учитывать тех условий, в которых происходит изучение второго языка.

Характер двуязычия в условиях национальных республик, воздействие местной среды, не может не повлиять на русскую речь учащихся.

Свободная русская речь учащихся национальной школы в широком смысле должна приближаться к культурной речи носителей языка (русских), а в узком смысле – это тот оптимальный уровень, которого может достичь учащийся национальной школы в пределах изученной лексики и грамматических правил.

При определении оптимальных условий, которые позволят максимально приблизить речь учащихся национальной школы к уровню свободной речи носителей языка, следует исходить из того, что речь – явление не только лингвистического, но и психологического порядка.

Она должна быть содержательна, понятна (соответствовать развитию, знания и интересам слушателей), выразительна (языковая форма речи должна учитывать обстановку и назначение устного выступления), обращена к слушателям и т.п.

Чтобы правильно организовать процесс развития свободной речи, необходимо учет целого ряда психологических факторов.

Современная советская психология рассматривает речь как сложный вид человеческой деятельности, связанный не только с мышлением человека, но и с поведением. Как и любая другая деятельность, речевое действие мотивированно. Целенаправленно и совершается в какой-то ситуации.

Следовательно, речь учащихся будет только тогда естественной устной речью, речевым поступком, когда она будет исходить из внутренней потребности самовыражения, будет содержать новую информацию и в речи будет выступать собственное отношение говорящего описываемой действительности.

Чтобы говорить на втором языке, учащихся должен уметь произносить звуки так, чтобы их могли понять; уметь соответствии с речевой ситуацией быстро отобрать нужные языковые средства; уметь связать отобранные элементы в целое, отвечающее нормам данного языка; приобрести опыт коммуникативного поведения (уметь начать или продолжить разговор, быстро реагировать на слова собеседника).

Свободная речь – это естественная речевая деятельность учащихся, предполагающая такой уровень развития речевых умений и навыков, который позволяет, разнообразно комбинируя изученный материал, свободно и относительно правильно выражать свои мысли в самых различных ситуациях [6, с.156].

Под относительной правильностью подразумевается отсутствие нарушений с точки зрения системы русского языка в пределах изученного учащимся и адекватный, правильный отбор языковых средств в соответствии с речевой ситуацией.

Естественной является такая речевая деятельность ученика, которая нужна ему для осуществления реального общения (коммуникации) на русском языке в реальной жизни, а также для нормального протекания учебного процесса на русском языке на уроках русского языка и русского языка, предусматривающего реальное общение и усвоение знаний. Естественной можно назвать всякую речевую деятельность, которая при относительной правильности потребует большой самостоятельности учащихся (правда, установить с полной достоверностью границы «своих» и «не своих» мыслей – задача весьма трудная).

Психологи условно выделяют три вида деятельности, ведущих к овладению учебным материалом: репродуктивная деятельность, во время которой проявляется активность памяти, направленной на воспроизведение готового материала; репродуктивная мыслительная деятельность, связанная с привычным способом рассуждения; и наконец, продуктивная деятельность, связанная с решением познавательных задач и дающая какой-либо новый познавательный результат.

К первому виду учебной деятельности на уроках русского языка в национальной школе, очевидно, следует отнести чтение стихотворного или прозаического текста наизусть.

Репродуктивной мыслительной деятельностью для учащихся национальной школы будет простой пересказ содержания художественного произведения произведения, биографии писателя или учебной статьи. Так как этот вид деятельности потребует не только работы памяти, но и понимания, осознания слов и логических связей между ними; он потребует также определенных мыслительных операций; группировки мыслей, выделение смысловых опорных пунктов, соотнесения содержания разных частей текста друг с другом, выявление главного. Пересказ текста для учащихся национальной школы представляет собой самую простую аналитико-синтетическую мыслительную деятельность. С точки зрения развития речи пересказ будет совершенствовать навыки и умения подготовленной речи и закрепит изученный лексико-грамматический материал. Поэтому он является необходимым звеном в учебном процессе, но ограничиваться им в целях развития свободной речи нельзя.

Без сомнения, стимулировать самостоятельное мышление на втором языке будет третий вид учебной деятельности – решение познавательных задач на уроках русского языка. Его можно осуществлять через анализ идейно-художественной системы литературного произведения, который требует таких мыслительных операций, как логическое аргументирование, сравнение, анализ, синтез, абстрагирование и обобщение фактов. В результате вырабатываются новые связи, на основе которых ученик приходит к новым самостоятельным суждениям и выводам.

Ученик осознает, что выполняет на уроке не столько коммуникативную, столько учебную задачу. Он не чувствует себя равноправным собеседником, поскольку учитель может в любой момент прервать его, чтобы исправить ошибку или сделать критические замечания.

Речевая деятельность учащихся на уроках русского языка не вполне соответствует коммуникативным целям изучения языка еще и потому, что ученик чаще говорит со всеми и для всех, не обращаясь ни к кому персонально. Рассказ его не требует ответа, обмена мыслями. Задача учащихся, слушающих говорящего, чаще всего сводится к фиксированию и исправлению ошибок в речи товарища, т. е. они выполняют ту же роль учителя и поэтому не могут быть равноправными собеседниками отвечающего. В силу этого на уроках русского языка не всегда воспитывается умение начать разговор по собственной инициативе, продолжить, поддержать его, возразит говорящему[8, с.36].

В большей мере свободно говорить по-русски может научить анализ художественных произведений, проводимый в форме беседы.

Формированию навыков правильного коммуникативного поведения можно подчинить также диспуты, тематические беседы и внеклассную работу, создав для этого определенную психологическую обстановку.

Коммуникативная природа свободной речи (будет ли это речевая деятельность, побуждаемая анализом художественных произведении или реагированием на реальную действительность) требует от учащихся постоянного переключения внимания на содержание высказываемого. Вопрос «Как сказать?» при порождении такой речи не является первостепенным, поэтому возникает другая опасность: новая лексика, не освоенная прочно учащимися в плане выражения (который связан с выявлением значений языковых средств), может стать серьезной причиной всевозможных речевых недочетов. Возникает необходимость предварительного знакомства со словом, т. е. семантизации, лексического освоения языкового материала, а также знания его грамматической характеристики.

Следовательно, нужен тщательный анализ языкового материала, с одной стороны, и специальные занятия по усвоению лексики – с другой стороны. Освоение лексики должно происходить условиях, требующих интенсивной мыслительной деятельности учащихся, а также максимально приближенных к реальному акту коммуникации.

Руководя развитием свободной речи, учитель должен определить для себя и критерии ее оценки, иначе он не сумеет судить об успехах обучаемых.

Оценивая речь учащихся, учитель учитывает и объем высказывания, и пользование учеником активизируемой лексики (правильность, выразительность речи). Показателем развитости речевых механизмов считают самоконтроль говорящего; выделяют 4 уровня этого самоконтроля: I уровень – нет сличения речевого действия с программой (содержанием высказывания); II уровень – сличение есть, но по произвольно осознаваемой схеме выполнение программы; III уровень – сличение есть, но ошибка осознается в контексте, т. е. после звучания целого; IV уровень – ошибка исправляется. Названные уровни могут быть использованы и в национальной школе как общие показатели степени развития русской речи учащихся свидетельствовать о степени выработки умения и навыка использования активизируемой лексики в речи. Судить о выразительности свободной речи учащихся можно по количеству употребленной оценочно-эмоциональной лексики, выражающей определительные отношения – признаки предметов и действий.

Лексический материал, отобранный для активизации по вышеназванным принципам, должен в основном обеспечить лексическую наполняемость речевого общения учащихся. Воссоздавать реальную действительность при речевом общении помогает ситуативность. Под ситуацией подразумевается обычно совокупность речевых и неречевых условий, необходимых и достаточных для осуществления речевого действия. Учитывается мотив деятельности, цель действия и т. д., а в условиях диалогического общения – контакт (предшествующая реплика). Учителю следует четко представлять, в каких типичных речевых ситуациях будет происходить порождение свободной речи. Он должен заранее знать тематику ситуаций. Поэтому методический аппарат по развитию речи должен быть построен на основе анализа текста художественного произведения. Так выявляются и возможные речевые ситуации, и тематически связанная лексика речевых ситуаций.

Важно знать, какие возможности предоставляет язык изучаемых художественных произведений для развития свободной речи и каковы трудности его восприятия, освоения. Художественные произведения дают богатый лексический материал для адекватного описания наиболее типичных жизненных ситуаций и в какой-то мере могут заменить настоящую языковую среду, без которой знакомство с русским языком было бы неполным.

Запас слов и форм художественных произведений можно систематически анализировать по объему, сочетаемости слов в отличие от слов и форм обычной разговорной речи. Богатство художественной прозы и тем более драмы диалогическими построениям приближает их язык к нормам живой устной речи. Разнообразные синтаксические конструкции служат учащимся моделями, по которым они могут строить предложения. Эмоциональная насыщенность художественных текстов способствует более прочному запоминанию лексического материала и семантико-синтаксических норм его употребления.

Первая трудность, с которой сталкивается учитель, организуя развитие речи на материале художественных произведений, -та, что язык художественных произведений нельзя отождествлять полностью с литературным языком, так как литературный язык представлен не только художественными произведениями. Язык научной и научно-технической русского языка, язык публицистики, официально-деловых документов также входит в состав общенародного литературного языка, влияя, в свою очередь, на его развитие. К тому же язык художественных произведений всегда индивидуален.

Вторая трудность состоит в том, что язык классических произведений, которые изучаются в школе, представляет собой художественную речь в ее высшем воплощении. Он выполняет не только коммуникативную функцию, но и эстетическую. «обычный способ создания художественной речи – это употребление слово в необычной ассоциации.

Художественная речь производит впечатление некоторой новизны в общении со словами». Это новизна достигается путем отбора слов различной языковой среды (введение варваризмов, диалектизмов, архаизмов, неологизмов) и изменения значения слова (поэтическая семантика, тропы).

Но если в художественном произведении всякое отступление от нормы мотивированно эстетической потребностью, то литературный язык, как язык, выполняющий роль посредника в обмене информацией между самыми различными носителями языка, строго нормативен; ему присуща некоторая стабильность и некоторая стандартность.

Анализ языка художественных произведений, включенных в программу национальной школы, показывает необходимость раскрытия и основного и дополнительного значения слова.

Следует отметить также, что стихотворный размер в силу той роли, которую ритм приобретает в организации стиха, может содействовать формированию норм правильного русского произношения и ударения (если ударения в стихотворном тексте не отличается от норм современного русского языка). Ритмически организованная речь легче запоминается как речевой образец, потому что в ней много звуковых, ритмических интонационных повторов, семантических и синтаксических параллелизмов, которые способствуют активизации памяти. При достаточной языковой подготовке и умелом подходе стихотворные произведение как источник развития свободной речи могут способствовать воспитанию внимательного отношения к слову. Ученику приходится задерживать внимание на каждом слове, чтобы прислушаться к нему, и, следовательно, восприятие каждого отдельного слово обостряется. Слово в стихах приобретает больший вес, чем в прозе. Стихотворный текс, способствуя запоминанию логически законченных периодов речи, развитием подготовленную речь (заучивание наизусть) и может использоваться в определенных ситуациях [6, с.188].

Чтобы художественные тексты способствовали развитию свободной речи учащихся национальной школы, нужно предварительная подготовка к их изучению учителя и ученика. Кроме того, в целях развития речи нельзя ограничиваться словарем художественных произведений. При отборе языкового материала следует учитывать не только частотность и значимость активизируемых слов для раскрытия идейно-художественного содержания произведения, но и его коммуникативную ценность, степень трудности его усвоения.

Таким образом, процесс развития свободной речи должен рассматриваться в неразрывной связи с процессом изучения художественного произведения, его анализом.

Итак, обозначив проблему владения языком, хочется обратить внимание на то, что мы должны видеть цепь связанных между собой понятий: речь как инструмент общения, язык как систему механизмов и принципов его использования, и словесность как «совокупный продукт» использования языка.

Рецензент: Хасанова Ш.Р., к.ф.н., доцент ТМУИЯ им. С. Улугзаде

Литература

1. Выготский, Л. С. Мышление и речь. 5-е изд., испр. - М.: Лабиринт, 1999. 352 с.
2. Ладыженская, Т.А. Речевые ситуации при обучении устным высказываниям // Русский язык в национальной школе. – 1974. – № 5. - С. 40-44.
3. Ладыженская, Т. А. Система работы по развитию связной устной речи учащихся. - М., 1974. - 360 с.
4. Махмудова, И. Г. Сборник текстов для изложений в IV-VIII классах дагестанской национальной школы. - Махачкала: Дагучпед-гиз, 1984. - 120 с.
5. Методика развития речи на уроках русского языка / Под ред. Т. А. Ладыженской. - М.: Просвещение, 1980. - 240 с.
6. Митрофанова, О. Д., Костомаров В. Г. Принцип активной коммуникативности // Русский язык в национальной школе. - 1983. - № 1. С. 17-23.
7. Морозова, И. Д. Виды изложений и методика их проведе-ния: пос. для учи-теля. - М.: Просвещение, 1984. - 128 с.

8. Практическая методика обучения русскому языку в средних и старших классах / Под ред. Е. А. Быстровой. - Л.: Просвещение, 1988. - 271 с.

9. Тлехурай, М.К. Лингвометодические основы развития связной речи учащихся начальных классов адыгейской школы: дис. ... на соиск. учен. степ. канд. педагог. наук. - Майкоп, 1999. - 171 с.

10. Шхапацева, М.Х. Обучение синтаксическому строю русского языка: пособие для учителей общеобразовательных школ Республики Адыгея. - Майкоп, 1993. 333 с.

РАЗВИТИЕ РЕЧИ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ РУССКОГО ЯЗЫКА В НАЦИОНАЛЬНОЙ АУДИТОРИИ

Развитие русской речи в процессе изучения русского языка во многом зависит от тематики и лексики программных произведений. Согласно коммуникативной теории речи, каждый говорящий пользуется незначительной долей языка. Значит, языковой материал, отобранный на основе учета принципа значимости активизируемых слов для раскрытия и усвоения идейно-тематического содержания художественного произведения, в сущности представит собой структурно-смысловой костяк данного произведения, будет надежной опорой для развития свободной речи и обеспечит понимание текстов. Однако для функционального общения учащихся в реальной жизни этой лексики недостаточно, потому что не всегда важные для данного произведения слова отмечены индексом частотности в частотных словарях современного русского языка. Поэтому необходимы коррективы, учитывающие коммуникативную ценность слов для освещения определенных тем, а также для повседневной речевой практики учащихся. В статье рассматривается способы развития речи учащихся на занятиях русского языка в национальной аудитории. Приводится несколько вариантов работ для развития речи.

Ключевые слова: *русский язык, развитие речи, занятие, словарь, свободная речь, практика, способы, текст, художественный, национальный.*

ИНКИШОФИ НУТҚ ДАР РАВАНДИ ОМУЗИШИ ЗАБОНИ РУСӢ БАРОИ АУДИТОРИЯИ МИЛЛӢ

Инкишофи нутки русӣ дар процесси омузиши забони русӣ бештар ба мавзуъ ва лексикаи асарҳои программавӣ вобаста аст. Тибқи назарияи коммуникативии нутқ ҳар як сухангӯ миқдори ками забонро истифода мебарад. Ин чунин маъно дорад, ки маводи забоние, ки дар асоси ба назар гирифтани принсипи аҳамияти вожаҳои фаъол барои ифшо ва азхудкунии мазмуни ғоявию мавзӯии асари бадеӣ интихоб шудаанд, аслан пояи сохторӣ ва маъноии ин асарро ифода мекунанд, такягоҳи боэътимоди инкишофи озодии баён шуда, фаҳмиши матнҳоро таъмин мекунад. Аммо барои муошират функсионалии хонандагон дар ҳаёти воқеӣ ин луғат кофӣ нест, зеро дар лугатҳои басомади забони муосири русӣ калимаҳои барои кори додашуда на ҳамеша бо индекси басомад қайд карда мешаванд. Аз ин рӯ, барои ба назар гирифтани арзиши коммуникативии калимаҳо барои фарогирии мавзӯъҳои муайян, инчунин барои амалияи ҳаррӯзаи нутқи донишҷӯён ислоҳот лозим аст. Дар мақола роҳҳои инкишоф додани нутқи талабагон дар синфҳои забони русӣ дар синфхои миллӣ сухан меравад. Якчанд вариантҳои кор оид ба рушди нутқ оварда шудаанд.

Калидвожаҳо: *забони русӣ, рушди нутқ, дарс, луғат, сухани озод, амалия, усул, матн, бадеӣ, миллӣ.*

SPEECH DEVELOPMENT IN THE PROCESS OF STUDYING THE RUSSIAN LANGUAGE IN THE NATIONAL AUDIENCE

The development of Russian speech in the process of learning the Russian language largely depends on the topics and vocabulary of program works. According to the communicative theory of speech, each speaker uses a small amount of language. This means that linguistic material, selected on the basis of taking into account the principle of the significance of activated words for the disclosure and assimilation of the ideological and thematic content of a work of art, will essentially represent the structural and semantic backbone of this work, will be a reliable support for the

development of free speech and will ensure the understanding of texts. However, for functional communication of students in real life, this vocabulary is not enough, because words that are important for a given work are not always marked with a frequency index in frequency dictionaries of the modern Russian language. Therefore, adjustments are needed to take into account the communicative value of words for covering certain topics, as well as for students' everyday speech practice. The article discusses ways to develop students' speech in Russian language classes in a national classroom. Several options for working on speech development are given.

Key words: *Russian language, speech development, lesson, dictionary, free speech, practice, methods, text, artistic, national*

Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳимзода Саодат Ҷумъахон*, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи забони русӣ барои факултетҳои ғайрифилологии факултети филологияи рус. Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел: +992904424116*

Сведение об авторе: Рахимзода Саодат Джумахон*, Таджикский национальный университет, ассистент кафедры русского языка для нефилологических факультетов факультета русской филологии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел.: +992904424116*

Information about the author: Rahimzoda Saodat Dzhumakhon*, Tajik National University, assistant at the Department of Russian Language for Non-Philological Faculties, Faculty of Russian Philology. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone:+992904424116*

ТДУ: 37

РОҶЕЪ БА МУҲИМТАРИН ХУСУСИЯТҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНА ВА ОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН

Саидмуродова Сурайё

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Руҷуи таърихӣ. Тавре ки манбаъҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, дар Эрон то нимаи асри XIX низоми таҳсилоти динӣ бартарӣ дошт. Нахустин муассисаи таълимии дунявии навъи аврупоӣ бо номи “Дорулфунун” (Хонаи илмҳо), ки дар он мутахассисони низомӣ, омӯзгорон ва мансабдорон таълим мегирифтанд, соли 1852 дар Теҳрон таъсис дода шуд. Соли 1898 ҷамъияти маориф таъсис ёфт, ки ба шарофати он шумораи зиёди мактабҳои дунявӣ-динӣ дар Эрон боз шуданд. Дар саргаҳи ин таҳаввулот роҳбарони шинохтаи маорифпарвари кишвар меистоданд, ки аввалин иқдомотро барои ҳамгироӣ бо низоми таҳсилоти аврупоӣ ба миён гузошта буданд. Ҳамон тавре ки муаллифи китоби “Муруре бар таърихи адаб ва адабиёти имрӯзи Эрон” қайд кардааст, “Зуҳури марди ягона ҳамчун Мирзо Тақихон Амири Кабир ва андешаҳои баланди ӯ дар заминаи ислоҳоти мухталиф ва хосса таъсиси нахустин мадраса дар Эрон бо номи “Дорулфунун”, ки яке аз бузургтарин иқдомоти ӯ буд, дар таҳаввул ва дигаргунии фазои фикрии мардуми Эрон таъсири босазо дошт” [9, с. 7].

Курси “Тадқиқот дар амал” ба омӯзгорони оянда тарзи ташкили фаъолияти тадқиқотии хонандагонро меомӯзонад. Дар амал донишҷӯён дарсҳои худро аз рӯи модели нав гузаронданд: кӯшиш мекунем → мушоҳида мекунем → хулоса мебарорем → татбиқ мекунем → андеша мекунем. Ин модел ба хонандагон имкон медиҳад, ки худашон дониш гиранд.

Дар мақола инчунин салоҳиятҳое оварда шудаанд, ки барои омӯзгори ояндаи забони русӣ ҳамчун забони дуюм заруранд. Ин фаҳмиши хусусиятҳо ва мушкилоте, ки гӯяндагони забонҳои дигар ҳангоми омӯзиши забони русӣ дучор мешаванд, қобилияти мутобиқ кардани мавод ва усулҳои таълимӣ ба контекстҳои гуногуни фарҳангӣ ва забонӣ, таҳияи муносибати инфиродӣ ба омӯзиш, қобилияти ҳавасмандкунӣ ва дастгирии хонандагон, малакаҳои арзёбӣ ва ислоҳи хатогиҳои забонӣ.

Ҳамин тавр, муаллиф ба хулосае меояд, ки ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба раванди таълим тағйироти барномаҳои таълимӣ, усулҳои таълим ва воситаҳои баҳодиҳиро тақозо мекунад. Ин, дар навбати худ, тайёр кардани омӯзгоронеро тақозо мекунад, ки дар доираи методологияи нав кор карда тавонанд ва дар шогирдони худ салоҳиятҳоро инкишоф диҳанд.

Калидвожаҳо: раванди таълим, салоҳият ва салоҳиятнокӣ, муносибати босалоҳият, модели таълим, технологияҳои нав, ташаккули салоҳияти коммуникатсионӣ, ташкили раванди таълиму тарбия, тадқиқот дар дарс, омӯзиши омехта, модул.

COMPETENCE-BASED EDUCATION AS A FACTOR IN IMPROVING THE QUALITY OF TRAINING OF SPECIALISTS - FUTURE TEACHERS OF RUSSIAN AS A SECOND LANGUAGE

The article, prepared within the framework of the project "Qualimetry as a Tool for Assessing the Quality of Higher Professional Education," addresses issues related to the quality of training for future teachers, specifically Russian language teachers for Tajik schools. Since 2014, the competency-based approach has been promoted in educational institutions in Tajikistan, and the author provides a detailed analysis of its integration into training programs for future educators. In particular, the article analyzes several pilot courses: "Introduction to Competency-Based Education," "Blended Learning," "Action Research," and "Pedagogical Practice." These courses, part of the project's training programs, were conducted in a mixed format using the Moodle educational platform across three universities in Tajikistan. The courses focused on the development of six competencies: organization of the learning process, organization of the teaching process, selection of content, content planning, selection of materials, and organization of the assessment process. The "Action Research" course specifically trains future teachers in organizing student research activities. In practice, students conducted their lessons using a new model: try → observe → draw conclusions → apply → reflect. This model empowers students to independently acquire knowledge.

The article also delineates the essential competencies required for a future teacher of Russian as a second language. These include understanding the characteristics and challenges faced by speakers of other languages when learning Russian, the ability to adapt educational materials and methods to diverse cultural and linguistic contexts, developing individualized learning approaches, motivating and supporting students, and possessing skills in assessing and correcting language errors.

The author concludes that the implementation of a competency-based approach necessitates changes in training programs, teaching methods, and assessment tools. Consequently, it requires the training of teachers capable of operating within the new methodology and fostering these competencies in their students.

***Keywords**: educational process, competence and competency, competency-based edication, teaching model, new technologies, formation of communicative competence, organization of the learning and teaching process, classroom research, blended learning, module.*

***Маълумот дар бораи муаллиф**: **Товбаева Мавлуда Мусулмоновна** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти рус. Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Мухаммадиев 17/6. Тел.: моб.: (+992) 935877250. E-mail: tavbaeva_mavluda@mail.ru*

***Сведения об авторе: Товбаева Мавлуда Мусулмоновна** – Таджикский международный университет иностранных языков им. Сотима Улугзаде, кандидат педагогических наук, доцент кафедры методики преподавания русского языка и литературы. Адрес: 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, тел. (992) 935 87 72 50. Электронная почта: tavbaeva_mavluda@mail.ru*

***Information about the author: Tovbayeva Mavluda Musulmonovna** – Tajik international university of foreign languages named after Sotim Ulughzoda, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Methods of Teaching Russian Language and Literature. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. Phone: (+992) 935877250. E-mail: tavbaeva_mavluda@mail.ru*

ТДУ: 43

МЕТОДИКАИ МУАЙЯН КАРДАНИ ҚОБИЛИЯТИ ТАФРИҚАВИИ САВОЛҲОИ ТЕСТӢ АЗ ФАННИ ЗАБОНИ ОЛМОНӢ

Хусравбекова Б.Д.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Санҷиши тестӣ методи стандартонидаест, ки барои арзёбии сифатӣ ва миқдории дастовардҳои имтиҳонсупоранда пешбинӣ шудааст [1, 2. с. 6-13]. Тест ҳамчун методи босифаттарини арзёбӣ воқеиятро бо роҳи стандартикунонии раванди гузаронидани тест ва санҷиши натиҷаҳои саволҳо ифода менамояд. Боэътимодии усули тестгузаронӣ дар он зоҳир мегардад, ки дониш ва малакаю маҳорати имтҳонсупорандагон дар шароити баробар – ҳам дар вақти санҷиш ва ҳам дар вақти баҳогузорӣ арзёбӣ мегардад, ки дар натиҷа омили инсонӣ – субъективизми имтиҳонгир аз байн меравад. Барои ҳамин тест ҳамчун абзори ташхисӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳияи абзори босифат раванди мураккаб, дарозмуддат ва сермасраф аст. Тесте, ки мувофиқи меъёрҳои тестшиносӣ дуруст таҳия шудааст, маълумоти муфассали сифативу миқдориро дар бораи дастовардҳои имтиҳонсупорандагон пешниҳод менамояд, дараҷаи паст ва баланди дониши онҳоро муайян карда, камбудиҳои дар фанни таълимӣ ҷой доштаашонро равшан инъикос мекунад. Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаҳои назариявии тест ва санҷиши педагогӣ хеле муҳим аст.

Барои муайян намудани сифати тест ва саволҳои тест таҳлили параметрҳои психометрӣ ва оморӣ бояд гузаронид. Дар мақола усули муайян намуданим яке аз параметрҳои муҳимтарини саволҳои тестро пешниҳод мекунем, ки он қобилияти тавфриқавӣ мебошад [3 с.7, 4]. Бо ёрии ин параметр муайян намудан мумкин аст, ки чӣ тавр саволи тест имтиҳонсупорандагонро ба зергурӯҳҳои дараҷаи донишашон баланд ва паст ҷудо мекунад. Дискриминатсия – қобилияти саволи тест барои муайян кардани донишҷӯёни дараҷаи донишашон аъло ва ғайриқаноатбахш ва ба тафриқа ҷудо кардани онҳо аз рӯи сатҳи омодагӣ мебошад. Дискриминтасияи баланд онро ифода мекунад, ки саволи тест дуруст ва босифат таҳия шудааст. Дар тести дуруст таҳиягардида, ки ба ҳамаи меъёрҳои тестшиносӣ ҷавобгӯ мебошад, саволу масъалаҳое бояд ворид намуд, ки қобилияти тафриқавии ё худ дискриминатсияи баланд дошта бошанд.

Барои фарқ кардани имтиҳонсупорандагоне, ки омодагии хуб ё суст доранд, қувваи дискриминативӣ ё худ қобилияти дискриминативии саволҳои тестро арзёбӣ бояд намуд [5 с. 41-42, 6]. Саволҳои тестии босифат қобилияти баланди дискриманативӣ доранд, яъне қобилияти хуби фарқ кардани имтиҳонсупорандагонро доранд. Инчунин, қимати баланди дискриминатсия боэътимод будани саволро муайян мекунад. Аз ин рӯ, саволҳои тест хуб ва ба меъёр нигаронидашуда ҳисобида мешаванд, агар қувваи дискриминтавии онҳо баланд бошад.

Одатан, барои ҳисоб кардани қувваи дискриминтавии саволҳо, методи гурӯҳҳои канориро истифода мебаранд, ки он бо формулаи зарин ифода карда мешавад:

$$r_{disj} = p_{1j} - p_{0j} (1)$$

Дар ин формула,

$r_{dis\,j}$ – нишондиҳандаи дискриминатсияи саволи *j-юми* тест;

p_{1j} – ҳиссаи имтиҳонсупорандагоне, ки саволи *j*-ро дар зергурӯҳи дараҷаи донишашон аъло дуруст ҳал карданд;

p_{0j} – ҳиссаи имтиҳонсупорандагоне, ки саволи *j*-ро дар зергурӯҳи дараҷаи донишашон ғайриқаноатбахш дуруст ҳал карданд;

Инчунин, қобилияти тафриқавии саволро бо формулаи зерин муайян кардан мумкин аст:

$$r_{dis} = \frac{N_{nmax}}{N_{max}} - \frac{N_{nmin}}{N_{min}} \qquad (2)$$

Дар ин формула,

N_{nmax} – шумораи имтиҳонсупорандагоне дар зергурӯҳи дараҷаи донишашон аъло, ки саволро дуруст ҳал карданд;
N_{nmin} – шумораи имтиҳонсупорандагон дар зергурӯҳи дараҷаи донишашон ғайриқаноатбахш, ки саволро дуруст ҳал карданд;
N_{max}– шумораи умумии имтиҳонсупорандагон дар зергурӯҳи дараҷаи донишашон аъло;
N_{min}– шумораи умумии имтиҳонсупорандагон дар зергурӯҳи дараҷаи донишашон ғайриқаноатбахш;

Меъёрҳои нишондиҳандаи дискриминатсияи саволҳои тест дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

Ҷадвали 1. Меъёрҳои нишондиҳандаи дискриминатсияи саволҳо

Нишондиҳандаи дискриминатсия (r_{dis})	**Сифати савол**
– 1 – 0,10	Хеле паст
0,11 – 0,20	Паст
0,21 - 0,30	Миёна
0,31 - 0,40	Хуб
0,41 - 0,60	Хеле хуб
0,61 – 1	Аъло

Қиматҳои нишондиҳандаи дискриминатсия r_{dis} барои саволҳои тест метавонанд дар ҳудуди [–1; 1] ҷой гиранд.

Агар ҳамаи имтиҳонсупорандагон дар зергурӯҳи дараҷаи донишашон аъло саволи тестиро дуруст ҳал кунанд ва ягон имтиҳонсупоранда дар зергурӯҳи дараҷаи донишашон ғайричаноатбахш ин саволро дуруст иҷро карда натавонад, он гоҳ ин савол қобилияти тафриқавии баландтарин дорад.

Агар дар ҳар ду зергурӯҳ ҳиссаи имтиҳонсупорандагоне, ки ба савол дуруст ҷавоб доданд, баробар бошад, қимати нишондиҳандаи дискриминатсияи ин савол ба сифр баробар аст.

Агар ҳамаи имтиҳонсупорандагони дараҷаи донишашон аъло ба савол нодуруст ҷавоб диҳанд ва ҳамаи имтиҳонсупорандагони дараҷаи донишашон ғайриқаноатбахш ба ин савол дуруст ҷавоб диҳанд, пас нишондиҳандаи дискриминатсияи ин савол қимати пасттарин ва манфиро мегирад (r_{dis} = - 1). Саволҳое, ки нишондиҳандаи дискриминатсияи онҳо ба r_{dis} = 0 ё $r_{dis} < 0$ баробар аст, бояд аз тест хориҷ карда шаванд.

Саволҳои дараҷаи душвориашон баланд аст, қобилияти тафриқавии баланд доранд ва саволҳое, ки дараҷаи душвориашон миёна аст, метавонанд ҳам қобилияти тафриқавии паст ва ҳам баланд дошта бошанд.

Ҳангоми таҳия намудани тести ниҳоӣ саволҳоеро интихоб намудан зарур аст, ки аз рӯйи мазмун дуруст бошанд [7, с.41-43, 8]. Агар санҷиш танҳо аз як фан ба роҳ монда шуда бошад, пас тести таҳияшуда бояд гомогенӣ бошад. Гомогенӣ чунин маъно дорад, ки дар тести таҳияшуда саволҳо танҳо аз як фан ворид мешаванд.

Муайян кардани қобилияти тафриқавии саволи тестро дар мисоли забони олмонӣ дида мебароем: Фарз мекунем, ки дар имтиҳон аз фанни забони олмонӣ чунин савол ба донишҷӯён пешниҳод гардид:

Савол: Das Dreirad gehört dem _____ Kind.

A) kleinem B) kleine C) kleines D) kleinen

Барои ҳисоб кардани қобилияти тафриқавӣ омӯзгор метавонад, усули гурӯҳҳои канориро истифода намояд [9. С.51-64, 10 с.16-20].

Масалан, дар имтиҳон ҳамагӣ 100 донишҷӯ иштирок намуд. Омӯзгор ин миқдор донишҷӯро вобаста ба холҳои бадастовардаашон ба 5 зергугурӯҳ 20%-ӣ тақсим мекунад. Дар ҳар як зергурӯҳ 20 донишҷӯ ҷой дода мешавад. Омӯзгор донишҷӯёнро вобаста ба холҳояшон мувофиқи ҷадвали 2 тақсим бояд намуд. Фарз мекунем, ки холи ҳадди аксар аз тест 40 бошад.

Ҷадвали 2. Тақсими донишҷӯён ба зергурӯҳҳо

	Шумораи донишҷӯён	**Фоизи донишҷӯён (%)**	**Холи ҳадди ақал**	**Холи миёна**	**Холди ҳадди аксар**
Зергурӯҳи 1	20	20%	30	35	40
Зергурӯҳи 2	20	20%	20	25	29
Зергурӯҳи 3	20	20%	10	15	19
Зергурӯҳи 4	20	20%	6	7	9
Зергурӯҳи 5	20	20%	0	3	5

Дар зергурӯҳи 1 омӯзгор донишҷӯёни дараҷаи донишашон аълоро ҷой дода, дар зергурӯҳи 5 бошад, донишҷӯёни дараҷаи донишашон ғайриқаноатбахшро ҷойгир мекунад. Фарз мекунем, ки ба саволи пешниҳодшуда донишҷӯён чунин ҷавоб доданд (Ҷавдали 2):

Ҷадвали 2. Натиҷаи донишҷӯён

	A	**B**	**C**	**D**
Зергурӯҳи 1	0.13	0.10	0.08	<u>0.90</u>
Зергурӯҳи 2	0.27	0.22	0.20	<u>0.31</u>
Зергурӯҳи 3	0.25	0.27	0.24	<u>0.23</u>
Зергурӯҳи 4	0.22	0.31	0.26	<u>0.20</u>
Зергурӯҳи 5	0.24	0.33	0.25	<u>0.10</u>

Ҷавоби дурусти ин савол варианти D мебошад. Аз зергурӯҳи 1 ба ин савол 90%-и донишҷӯ ва аз зергурӯҳи 5 ба ин савол 10%-и донишҷӯ дуруст ҷавоб дод. Омӯзгор бо истифода аз формулаи 1 қобиляти тафириқавии ин саволро муайян мекунад:

$$r_{disj} = p_{1j} - p_{0j} = 0{,}90 - 0{,}10 = 0{,}80$$

Қобилияти тафриқавии ин савол 0,8 аст, ё худ қобилияти тафриқавии ин савол «Аъло» аст (ҷадвали 1), яъне бо ин савол омӯзгор метавонад, донишҷӯёни аълохонро аз сустхон ҷудо кунад.

Саволи дигарро дида мебароем:

Савол: Nicht weit von uns gibt es _____ Apotheke

A) die B) eine C) der D) einer

Фарз мекунем, ки ба саволи пешниҳодшуда донишҷӯён чунин ҷавоб доданд (Ҷавдали 3):

Ҷадвали 3. Натиҷаи донишҷӯён

	A	**B**	**C**	**D**
Зергурӯҳи 1	0.16	<u>0.35</u>	0.10	0.48
Зергурӯҳи 2	0.16	<u>0.12</u>	0.10	0.45
Зергурӯҳи 3	0.18	<u>0.08</u>	0.12	0.39
Зергурӯҳи 4	0.17	<u>0.10</u>	0.12	0.37
Зергурӯҳи 5	0.22	<u>0.35</u>	0.16	0.29

Ҷавоби дурусти ин савол варианти B мебошад. Аз зергурӯҳи 1 ба ин савол 35%-и донишҷӯ ва аз зергурӯҳи 5 низ ба ин савол 35%-и донишҷӯ дуруст ҷавоб дод. Омӯзгор бо истифода аз формулаи 1 қобиляти тафириқавии ин саволро муайян мекунад:

$$r_{disj} = p_{1j} - p_{0j} = 0{,}35 - 0{,}35 = 0$$

Қобилияти тафриқавии ин савол ба сифр баробар аст, ё худ қобилияти тафриқавии ин савол «Хеле паст» аст (ҷадвали 1), яъне бо ин савол омӯзгор наметавонад, донишҷӯёни аълохонро аз сустхон ҷудо кунад. Чунки ҳар ду зергурӯҳ ба ин савол якхела ҷавоб доданд. Шояд ин савол ниҳоят осон бошад?

Саволи дигарро дида мебароем:

Савол: Hier gibt es _____ Universitäten

A) eine B) einer C) viele D) am meiste

Фарз мекунем, ки ба саволи пешниҳодшуда донишҷӯён чунин ҷавоб доданд (Ҷавдали 4):

Ҷадвали 4. Натиҷаи донишҷӯён

	A	**B**	**C**	**D**
Зергурӯҳи 1	0.12	0.16	0.15	0.01
Зергурӯҳи 2	0.22	0.20	0.57	0.01
Зергурӯҳи 3	0.24	0.23	0.51	0.01
Зергурӯҳи 4	0.30	0.24	0.42	0.03
Зергурӯҳи 5	0.31	0.24	0.35	0.12

Ҷавоби дурусти ин савол варианти С мебошад. Аз зергурӯҳи 1 ба ин савол 15%-и донишҷӯ ва аз зергурӯҳи 5 ба ин савол 35%-и донишҷӯ дуруст ҷавоб дод. Омӯзгор бо истифода аз формулаи 1 қобиляти тафириқавии ин саволро муайян мекунад:

$$r_{disj} = p_{1j} - p_{0j} = 0{,}15 - 0{,}35 = -20$$

Қобилияти тафриқавии ин савол аз сифр хурдтар аст, яъне манфӣ аст, ё худ қобилияти тафриқавии ин савол «Хеле паст» аст (ҷадвали 1), чунки миқдори донишҷӯёни дараҷаи донишашон паст назар ба миқдори донишҷӯёни дараҷаи донишашон баланд ба ин савол бисёртар ҷавоби дуруст доданд. Аз нуқтаи назари омӯзгор ин ҳолат номумкин аст. Пас ин савол низ ба меъёри тестшиносӣ ҷавобгӯ нест. Ин саволро дар имтиҳон набояд истифода намуд.

Ҳамин тариқ, чуноне, ки дар боло қайд кардем, коэффитсиенти тафриқавӣ метавонад қиматҳоро аз - 1 то +1 гирад. Натиҷаи $r_{dis} \geq 0{,}3$ қаноатбахш ҳисобида мешавад. Агар коэффисиенти тафриқавӣ ба сифр наздик бошад, пас гуфтан мумкин аст, ки савол нодуруст таҳия гардидаст.

Мақола барои таҳиякунандагони тестҳои педагогӣ бо мақсади таҳия намудани тести педагогии босифат пешбинӣ шудааст. Баъзе намунаҳои муайян намудани қобилияти тафриқавии саволҳои тест, ки дар мақола пешниҳод шудаанд, метавонанд аз ҷониби таҳиягарони навкор ҳангоми таҳияи саволҳои тестӣ истифода шаванд. Таҳиягарони навкор бояд ба таҳияи саволҳои тестӣ ва тестҳо, ҳамчун усули аз ҷиҳати илмӣ асосноккардашуда диққати ҷиддӣ диҳанд.

Ҳамин тариқ, бо саволҳои сифаташон паст абзори педагогиие таҳия мешавад, ки ба меъёрҳои сифат мувофиқ набуда, пас аз истифодаи ин абзори сифаташ паст, ҳангоми санҷиши донишу малакаи донишҷӯён натиҷаҳои нодурустро ба даст овардан мумкин аст.

Муқарриз: Камолова Б., н.и.п., дотсент

Адабиёт:

1. Аванесов, В.С. Методологические и теоретические основы тестового педагогического контроля. Дисс. соиск. уч. степ. докт. пед. наук. С-Пб. государственный университет / В.С. Аванесов // 1994. – 339 с.
2. Шестернинов, Е.Е. Педагогические тесты: надежный способ оценки и повышения уровня знаний / Е.Е. Шестернинов // Директор школы. – 2003. – № 9. – С.6-13.
3. Baker, F.B. The Basics of Item Response Theory/ F.B. Baker // 2 ed. Hieneman, Portsmouth, – New Hempshire, 2001. – p. 7.

4. Челышкова, М. Б. Разработка педагогических тестов на основе современных математических моделей / М.Б. Челышкова // – Москва. – 1995.
5. Крокер, Л. Учебник. Введение в классическую и современную теорию тестов / Л. Крокер, Дж. Алгина // – Москва. «Логос». – 2012. С. 41 – 42.
6. *Челышкова, М.Б.* Теория и практика конструирования педагогических тестов: учеб. пособие. / М.Б. Челышкова // – М.: «Логос», – 2001. – 432 с.
7. Хусравбеков, Л.Д. Оценивание надёжности теста по физике / **Л.Д. Хусравбеков**, Д.С. Шерматов, Т.Б. Бобоев. // Актуальные проблемы естественных и гуманитарных наук. Материалы научно-практической конференции «IX-Ломоносовские чтения». – Душанбе. – 2018. – С.41-43.
8. Майоров, А. Н. Теория и практика создания тестов для системы образования / А. Н. Майоров // – М.: Интеллект-центр, 2002. – 296 с.
9. Примбетова, Г.С. Психометрический анализ результатов тестирования в рамках внешней оценки учебных достижений в 2014 году/ Г.С. Примбетова, А.М. Искакова // Журнал. Качество образования в Евразии. – 2014. – С. 51-64 с.
10. Kelley, T.L. Selection of groups for the validation of test items / T.L. Kelley // Journal of Educational Psychology. – 1939. – №30. – p.16 -20.

МУАЙЯН КАРДАНИ ҚОБИЛИЯТИ ТАФРИҚАВИИ САВОЛҲОИ ТЕСТӢ АЗ ФАННИ ЗАБОНИ ОЛМОНӢ

Таҳияи асбоби баландсифат раванди мураккаб ва гаронбаҳоест, ки вақти зиёдро метелабад. Санҷиш, ки мувофиқи меъёрҳои илми тестӣ дуруст тарҳрезӣ шудааст, дар бораи дастовардҳои хонандагон маълумоти муфассали сифатӣ ва миқдорӣ медиҳад, сатҳи паст ва баланди дониши онҳоро муайян мекунад ва камбудиҳои онҳоро дар мавзӯи таълимӣ равшан инъикос мекунад. Аз ин рӯ, омӯхтани масъалаҳои назариявии санҷиш ва санҷиши тестӣ хеле муҳим аст.

Дар мақола усули муайян кардани коэффисиенти қобилияти дифференсиалии супоришҳои тестӣ тибқи назарияи классикии тест пешниҳод шудааст. Усули муайян кардани қудрати табъизи супоришҳои тестӣ дар асоси модели математикӣ пешниҳод шудааст. Баҳодиҳии коэффисиенти қобилияти дифференсионии баъзе намунаҳои супоришҳои тестӣ аз забони олмонӣ гузаронида шуд. Формулаҳое пешниҳод карда мешаванд, ки мувофиқи онҳо таҳиягарони супоришҳои тестӣ ва омӯзгорон қобилияти фарққунандаи супоришҳои тестиро ба осонӣ муайян карда метавонанд. Методологияи пешниҳодшударо омӯзгорони муассисаҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ бо мақсади баҳодиҳии донишу малакаи донишҷӯён дар имтиҳонҳои ҷорӣ, инчунин ҳангоми таҳияи воситаҳои баландсифати педагогӣ истифода бурда метавонанд.

Калидвожаҳо: *таҳлил, омор, психометрия, тест, қобилияти дифференсионӣ, супоришҳои тестӣ, қудрати дискриминативӣ, донишҷӯён.*

МЕТОДИКА ОЦЕНИВАНИЯ ДИФФЕРЕНЦИРУЮЩЕЙ СПОСОБНОСТИ ТЕСТОВЫХ ЗАДАНИЙ ПО НЕМЕЦКОМУ ЯЗЫКУ

Разработка качественного инструмента – сложный, трудоёмкий и дорогостоящий процесс. Тест, правильно разработанный в соответствии со стандартами тестовой науки, даёт подробную качественную и количественную информацию о достижениях испытуемых, определяет низкий и высокий уровень их знаний, чётко отражает их недостатки по учебному предмету. Поэтому очень важно исследовать теоретические вопросы теста и педагогического теста.

В статье предложена методика выявления коэффициента дифференцирующей способности тестовых заданий, согласно классической теории тестов. Предложена методика определения дискриминатваиной силы тестовых заданий на основе математической модели. Произведена оценка коэффициента диференцирующей способности некоторых образцов тестовых заданий по немецкому языку. Предложены формулы, согласно которым разработчики тестовых заданий, преподователи могут легко выявить диференцирующую

способность тестовых заданий. Предложенную методику могуть использовать преподователи государственных учреждений высшего профисионального образования с целю оценивания знаний и умений студентов на текущих экзаменах, а также при разработки качественных педагогических интструментов.

Ключевые слова: *анализ, статистика, психометрия, тест, дифференцирующая способность, тестовые задания, дискриминативная сила, студенты.*

METHODOLOGY OF ESTIMATION OF DIFFERENTIATION ABILITY OF TEST ITEMS OF GERMAN

Developing a quality tool is a complex, time-consuming and expensive process. The test, which is properly developed in accordance with the standards of test science, provides detailed qualitative and quantitative information about the achievements of the students, determines the low and high level of their knowledge, and clearly reflects their shortcomings in the academic subject. Therefore, it is very important to investigate the theoretical issues of the test and the pedagogical test.

The article proposes a methodology of revealing the coefficient of differentiating power of test items according to the classical theory of tests. The method of determining the discriminating power of test items on the basis of mathematical model is proposed. The estimation of the coefficient of the discriminating power of some samples of test items in German is made. The formulas according to which the developers of test items or teachers can easily reveal the discriminating power of test items are offered. The offered methodology can be used by teachers of state institutions of higher vocational education with the purpose of estimation of knowledge and skills of students on current examinations, and also development of qualitative pedagogical tools.

Key words: *analysis, statistics, psychometrics, test, difficulty, test tasks, discriminative power, students.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Хусравбекова Баҳри Давлатбековна *- Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ассистенти кафедраи забонҳои романӣ-германӣ, унвонҷӯй. Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, кучаи Муҳаммадиев, 17/6. E-mail: ominasb@mail ru.Тел.:(+992)931560106*

Сведения об авторе: Хусравбекова Бахри Давлатбековна *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотим Улугзаде, ассистент кафедры романо-германских языков, соискатель. Адрес: 734019, г.Душанбе,улица Мухаммадиева, 17/6. E-mail: omina sb @ mail ru.Тел.:(+992)931560106*

Information about the author: Khusravbekova Bahri Davlatbekovna *- Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, assistant of the Department of Romano-Germanic Languages, applicant. Address:734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. E-mail: ominasb@mail.ru, Тел.:(+992)931560106*

ТДУ: 930.85

НИГОҲЕ БА ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ПАҲНШАВИИ ҲИЗБУ ҲАРАКАТҲОИ ДИНӢ-ИФРОТӢ ДАР ОСИЁИ МИЁНА ВА ТОҶИКИСТОН

Миракзода Ф.Ю., Азизмуродов М.Р.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар солҳои охир ҷаҳон шоҳиди афзоиши ҳаракатҳои ифротгароӣ ва динӣ-сиёсӣ гардид, ки ба сохторҳои сиёсии минтақаҳои мухталиф, аз ҷумла, Осиёи Миёна, таъсири ҷиддӣ расониданд. Ҳизбу ҳаракатҳои динӣ-ифротӣ ҳамчун воситаи асосии идомаи ихтилофҳои сиёсӣ ва мазҳабӣ баромад намуда, ба амнияти миллӣ ва суботи минтақа таҳдид мекунанд. Паҳншавии ин гурӯҳҳо дар Тоҷикистон ва Афғонистон, ки ба сабаби вазъияти сиёсӣ ва геополитикӣ заминаҳои мусоид фароҳам овардааст, мавриди таҳқиқи густурда қарор дорад. Дар ин мақола мо ба таърихи пайдоиш, паҳншавӣ ва таъсири ин ҳаракатҳои ифротӣ дар Осиёи Миёна ва Тоҷикистон назар мекунем, бо таъкид ба омилҳои асосии рушди ифротгароӣ ва пайомадҳои он барои амнияти минтақа.

Мувофиқи таҳқиқоти илмӣ, дар натиҷаи ин моҷароҳо дар кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна як қатор гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ, ба монанди Ҷамоат ал-муслимин (ки баъдтар, дар соли 1978, номи Ат-Такфир вал-ҳиҷраро гирифт), Ат-Таҳрир ал-Исломия ва Ал-Ҷиҳод ал-Муқаддас дар Миср пайдо шуданд. Илова бар ин, дар Фаластин гурӯҳи “Ҷиҳоди Исломӣ”, дар Лубнон “Ҳизбуллоҳ”, ва гурӯҳи шадидан ифротию террористии "Давлати Исломӣ" зуҳур ёфтанд. Ин гурӯҳҳои ифротгаро сабаби марги бисёре аз одамон гардида, инчунин, бисёр иншооти фарҳангӣ, иқтисодӣ ва маишӣ аз амалиёти онҳо дар Ироқ ва Сурияро вайрон шуданд.

Мувофиқи назарияи муҳаққиқи тоҷик Маҳмадизода Н., Афғонистон имрӯз ба маркази ҷангҳои геополитикӣ байни давлатҳои қудратманд, аз ҷумла, ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Русия, Чин, Эрон ва кишварҳои арабӣ табдил ёфтааст. Дар ин раванд, ифротгароии динӣ дар Афғонистон ба қувваи харобкор табдил ёфта, амалиёти низомии ИМА ва ҳампаймонҳояш дар ин кишвар на танҳо бар зиддиятҳо хотима набахшид, балки ба афзоиши ифротгароӣ сабаб гардид. Ин нооромиҳои дохилӣ барои амнияти кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки бо Афғонистон ҳамсарҳаданд, таҳдидҳои ҷиддӣ ба бор меоранд.

Бо дарназардошти ин вазъ, зарур аст, ки ташаббуси пешниҳодкардаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба кӯмак расондан дар раванди сулҳи Афғонистон равона шудааст, ба таври ҷиддӣ баррасӣ ва пуштибонӣ карда шавад. Тоҷикистон, ки бо Афғонистон марзи тӯлонӣ дорад ва онҳоро робитаҳои таърихӣ, фарҳангӣ, динӣ ва қавмӣ мепайвандад, хуб дарк менамояд, ки ҳал кардани мушкилоти Афғонистон танҳо бо роҳи мусолиматомез мумкин аст [4, 112-115].

Ташаббуси Президенти Тоҷикистон ба он нигаронида шудааст, ки кушодани гиреҳҳои печидаи душвориҳои мардуми афғон танҳо тавассути бартараф кардани масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ имкон дошта, ба эътибор гирифтани хусусиятҳои бисёрқавмию бисёрмазҳабии ин давлат муҳим аст, Ин ҷиҳат дар таҷрибаи муносибатҳои дипломатии Иттиҳоди Шӯравӣ ва Афғонистон низ мушоҳида шудааст[1, 25].

Тибқи андешаи муҳаққиқи рус ва мутахассиси варзида В.Г. Коргун, Иттиҳоди Шӯравӣ дар чаҳорчӯби сектори давлатӣ ба Афғонистон кӯмаки иқтисодӣ мерасонид ва барои ислоҳоти инқилобии ин кишвар замина фароҳам меовард.

Бо ин мақсад, артиши Афғонистон модернизатсия гардида, идеологияи марксистӣ ташвиқу тарғиб карда мешуд ва дар симои Ҳизби Халқӣ-Демократии Афғонистон пешбарандаи ғояи инқилобӣ бунёд карда мешуд [1, 25].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки пас аз таҳкими мавқеи Иттиҳоди Шуравӣ дар Афғонистон, Иёлоти Муттаҳида ба гурӯҳҳои динии ифротгаро таваҷҷуҳ кард, то онҳоро дар муборизаи худ истифода барад. Амрико дар ин ҳамкорӣ бо гурӯҳҳои динии ифротгаро муваффақ ҳам шуд, ки ин ба якчанд омил вобаста буд, аз ҷумла, ҳодисаҳои сиёсӣ дар Афғонистон ворид шудани артиши Шуравӣ ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар ин кишвар.

Илова бар ин, вазъияти он замон боиси ворид шудани гурӯҳҳои мухталифи ифротгаро аз тамоми кишварҳои исломӣ ба Афғонистон гардид. Эълони ҷиҳод дар Афғонистон барои тамоми мусалмонон, махсусан барои онҳое, ки ақидаҳои тундгароёна доштанд, аҳамияти калон дошт [3, 100].

Ҳамчунин, бояд қайд кард, ки дар кишварҳои мисли Арабистони Саудӣ, Қувайт, Қатар ва Баҳрайн мазҳаби суннӣ ҳамчун дини расмӣ эълон шудааст. Асоси ақидатии суннигароиро дар ин кишварҳо мактаби каломии Салафия ташкил медиҳад, ки маънои бозгашт ба "салафи солеҳ" ё аввалин пайравони исломро дорад. Ҳаракати салафия тақрибан дар асри IV-уми ҳичрӣ ба вуҷуд омад, ки ба тозагии ислом ва бозгашт ба замони Паёмбар даъват мекард. Салафиҳои аввал пайравони имом Аҳмади Ҳанбал буданд. Дар асри XVIII дар минтақаи Наҷд (Ҳиҷоз) ҳаракати ваҳҳобият пайдо шуд, ки даъват ба муттаҳидшавии аъроб ва берун кардани туркон аз Ҳиҷоз мекард. Ба ин ақидаи сиёсӣ ҷомаи динӣ пӯшонида шуд. Ҳаракати ваҳҳобӣ ба номи асосгузори худ, шайх Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб (1699-1792) номгузорӣ шуд. Ваҳҳобиён талаби бозгашти ислом ба шакли аслии он ва поксозии ислом аз бидъатро доштанд, ҳамчунин, онҳо аъробро таҳти парчами "исломи аслӣ" ба ҷанг алайҳи муртадҳо ва мушрикин (аз ҷумла, туркҳо) даъват мекарданд.

Моҳияти асосии ваҳҳобият дар асри XVIII ба тавҳид, рад кардани тавассул, тарки зиёрати қубур ва аркони муқаддас ва поксозии ислом аз бидъатҳо тамаркуз дошт.

Бар пояи назарияи бархе аз муаррихон, аз ҷумла, олими рус В.Боровиков, ваҳҳобиён кулли мазҳабҳои дигари аҳли суннатро рад мекунанд ва онҳоро бидъат мешуморанд. Ба таъбири дигар, ваҳҳобият як равияи фаромазҳабист, ки сахт ба ягон мазҳаби суннӣ вобаста нест, гарчанде ки пайравони салафӣ-ваҳҳобӣ асосан аз мазҳаби ҳанбалия мебошанд. Ба андешаи исломшиноси рус А.А.Игнатенко, ин бештар ба он маъност, ки салафиҳо ба осори Аҳмад ибни Ҳанбал муроҷиат мекунанд ва аз роҳу равиши ӯ дар масъалаи тавҳид пайравӣ мекунанд. Баъзе муҳаққиқон инро яке аз сабабҳои густариши ваҳҳобият дар ҷаҳон, аз ҷумла, дар Қафқози Шимолӣ, Тоҷикистон, Бошқирдистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон медонанд, ки дар ин минтақаҳо мазҳабҳои ҳанафӣ ва шофеъӣ роиҷанд. Дар ғарб, хусусан дар ИМА, ва дар Русия ва дигар кишварҳо, аз ҷумла дар Осиёи Миёна, олимон ва сиёсатмадорон мафҳумҳои салафия ва ваҳҳобиятро ба ифротгароии исломӣ алоқаманд карданд.

Бар асоси маълумоти илмӣ, дар соли 1932 подшоҳ Ибни Саъуд давлати Саъудиҳоро ба номи Арабистони Саъудӣ номгузорӣ намуд ва ба кишвар рӯҳониёни бонуфуз аз як қатор кишварҳои исломӣ даъват карда шуданд. Аз ҷумла, Иттиҳоди Шуравӣ, ки соли 1926 истиқлолияти Саъудиро расман эътироф намуда буд, низ якчанд рӯҳониро фиристод. Дар ин чорабинии таърихӣ 3 рӯҳонӣ аз водии Фарғона иштирок доштанд. Онҳо дар тӯли чанд рӯз дар Арабистони Саъудӣ қарор доштанд ва ҳамин муддати кӯтоҳ барои ваҳҳобӣ шудани онҳо кифоя буд. Баъди бозгашт, онҳо ба тарғиби ваҳҳобият машғул шуда, чанд мақола дар маҷаллаи "Мусалмонони Осиёи Миёна" нашр карданд.

Муҳаққиқон бар ин назаранд, ки воридшавии ақоиди салафигарӣ ва ваҳҳобигарӣ ба фазои пасошуравӣ дар солҳои 1970-ум оғоз ёфтааст. Маҳз дар ҳамин давра лоиҳаи Ҳаракати байналмилалии исломии ифротгаро ташаккул ёфт, ки ҳадафи он барқарорсозии "низоми исломӣ" дар ин минтақаҳо буд. Барои баррасии ин лоиҳа дар як қатор шаҳрҳои Арабистони Саудӣ ва Лондон машваратҳо доир гардид. Дар натиҷаи ин машваратҳо тасмим гирифта шуд, ки як гурӯҳи мутахассисони англисӣ (бо иштироки Хадамоти марказии иктишофии ИМА (CIA)) таъсис дода шавад. Вазифаи ин гурӯҳ роҳбарӣ ба раванди исломикунонӣ дар минтақаҳои пасошуравӣ буд, ва ин равand бо номи "Исломикунонии идорашаванда" машҳур шуд. Ин коршиносон нақшаи интиқоли аъзои ҳаракатҳои бунёдгаро, аз ҷумла мубаллиғони

салафӣ ва ваҳҳобиро аз Шарқи Наздик ба ҳудудҳои собиқи Иттиҳоди Шуравӣ тарҳрезӣ намуданд. Ҳаракати Исломии Ӯзбекистон (ҲИУ) барои ҷалби ҷавонон дар ҳудудҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Қазоқистон фаъолияти васеъеро оғоз намуд. Қобили зикр аст, ки роҳбари ҲИУ Усмон Одил моҳи апрели соли 2012 дар Афғонистон кушта шуд ва роҳбарии ҳаракатро Усмон Ғозӣ ба уҳда гирифт, ки соли 2014 расман аз "Давлати исломӣ" тарафдорӣ кард.

Тибқи маълумотҳои дастрас, дар солҳои 1990 Хадамоти марказии иктишофии ИМА (CIA- СРУ) бо истифода аз "омили исломӣ", бахусус пайравони салафия, кӯшиши ба вуҷуд овардани ихтилоф миёни мусалмонони Русия ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказиро роҳандозӣ намуд. Дар иртибот бо ин, СРУ як воҳиди махсуси 5000-нафара таъсис дод, ки буҷаи он 5 миллиард долларро ташкил медод. Барои амалӣ намудани ин нақша, СРУ бо хадамоти ҷосусии Англия, Қатар ва Арабистони Саудӣ ҳамкории зич дошт. Ин кишварҳо манфиатдор буданд, ки дар ҳудудҳои пасошуравӣ салафия ва ваҳҳобият ба унвони динҳои расмӣ эътироф шаванд. Дар соли 1973 дар Афғонистон сохти подшоҳӣ сарнагун шуда, ин кишвар ба ҷумҳурӣ табдил ёфт. Соли 1978 нерӯҳои демократӣ ба қудрат расиданд ва Афғонистон ҷумҳурӣ эълон шуд. Ҷанги шаҳрвандӣ оғоз гардид ва баъд аз вуруди нерӯҳои Иттиҳоди Шуравӣ, 25,000 муҷоҳиди салафӣ бо роҳбарии мубаллиғони машҳур Абдуллоҳ Аъзам ва Усома бин Лодан ба Афғонистон барои ҷиҳод омаданд. Дар моҳи апрели соли 1992 шӯришчиён Кобулро ишғол карданд ва аз соли 1995 дар Афғонистон ҳаракати нави ифротӣ - Толибон, рӯи кор омад, ки аз Покистон ёрӣ мегирифт.

Дар соли 1996 Толибон шаҳри Кобулро зери назорат гирифтанд ва Афғонистонро ба як кишвари исломӣ табдил доданд. Лодан бошад, ҳанӯз соли 1988 дар Афғонистон ташкилоти худ, "Ал-Қоида"-ро таъсис дод. Ин созмон аслан аз салафиҳо ва ваҳҳобиҳо иборат буд, ки намояндагиҳои худро дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон доштанд. "Ал-Қоида" сохтори шабакавӣ дошт, ки маҳз ба ин далел аз байн бурданаш бисёр душвор буд. Шиори асосии роҳбарони он "Барпо кардани хилофати исломӣ бо пойтахти Арабистони Саудӣ то соли 2100" буд. Дар таркиби ин хилофат мебоист 54 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла давлатҳои Осиёи Миёна, Қафқози Шимолӣ, Бошқирдистон ва Тоҷикистон шомил мешуданд.

Дар охири соли 2001 дар Афғонистон давлати муваққатӣ таъсис ёфт. Соли 2004 Ҳомид Карзай ҳамчун президент интихоб шуд. Дар соли 2014 Ашраф Ғанӣ ба мақоми президентӣ расид ва барои ҳифзи ваҳдати миллӣ мансаби Раиси Давлат таъсис ёфт, ки онро Абдуллоҳ Абдуллоҳ ба уҳда гирифт. Бо вуҷуди ин, "Толибон" аз 29 вилоят 11 вилояти Афғонистонро таҳти назорат доштанд ва дар ин манотиқ ҷанг идома дошт.

Ба таъбири дигар, ваҳҳобиҳо ҳар мусалмонеро, ки ба ӯ шак доранд, дар сафи "мунофиқон" дохил мекунанд. Масалан, муфтии собиқи Арабистони Саудӣ, Бин Боз, таъкид мекард, ки "ҳар мусалмоне, ки ошкоро ё пинҳонӣ дастуроти динро вайрон мекунад, бояд бидонад, ки ӯ мушрик мешавад ва бояд зиндонӣ ё кушта шавад." Инчунин, ваҳҳобиҳо пайравони ҳар гуна ҳаракатҳои фикриро, ба истиснои ваҳҳобият, дар қатори кофирон қарор медиҳанд. Пайравӣ аз ҳаракатҳое ба монанди коммунизм, секуляризм, демократия ва ғайра ба унвони иртидод дар дин қаламдод мешавад (Фавзон ал Фавзон, "Китоби тавҳид", Махачқалъа, 1997, саҳ. 64). Касоне ки шариатро ҳамчун манбаи ягонаи ҳуқуқӣ рад мекунанд, низ ба ин гурӯҳ шомил мешаванд. Ба андешаи Фавзон, ҳар гуна фаъолияти қонунгузорӣ ё маъмурӣ аз ҷониби инсон, ки ба ҷои Аллоҳ гузошта мешавад, куфр маҳсуб меёбад.

Уламои ифротии ваҳҳобӣ таълимоти зиддиинсонии "Дӯст доштан ва нафрат доштан" (Ал вилоя ва ал бароя)-ро коркард карданд, ки асли он, масалан, дар китоби Солеҳ бин Фавзон ал-Фавзон "Дӯстӣ ва адами мушорикат дар ислом" баён шудааст. Дар ин китоб инсоният ба се гурӯҳ тақсим мешавад:

1. Гурӯҳе, ки бояд дӯст дошта шаванд ва нисбаташон душманӣ нишон дода нашавад;
2. Гурӯҳе, ки бояд танҳо душманӣ варзид;
3. Гурӯҳе, ки аз як тараф сазовори дӯстӣ ва аз ҷониби дигар сазовори душманӣ ҳастанд, ба ин гурӯҳ мусалмононе, ки ақидаҳои ваҳҳобиятро қабул намекунанд, шомил мешаванд.

Дар баробари ин, дар солҳои 1990 дар кишварҳои Осиёи Миёна ва Русия насли нави салафиҳо ва ваҳҳобиҳо зуҳур карданд. Салафиҳои Арабистони Саудӣ, Қатар, Баҳрайн ва Қувайт пайравони мазҳаби имом Аҳмад ибни Ҳанбаланд. Вале, салафиҳои Қафқози Шимолӣ, Тоҷикистон, Бошқирдистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, ба андешаи олими маъруфи Курдистон мавлавӣ Абдуллоҳ Абдулазизи Хиртолӣ, мазҳабро инкор мекунанд ва худро ломазҳаб мешуморанд.

Ин гурӯҳ Шайх Муҳаммад Насриддин Албониро (1914-1999) ҳамчун пешвои рӯҳонии худ қабул доранд. Албонӣ дар осори худ фиқҳи ҳанафиро бо Инҷил муқоиса мекард, гарчанде ки ин нукта дар баъзе аз асарҳои баъдинаи ӯ ҳазф гардидааст. Вай талаб мекард, ки ибодоти мусалмонон тибқи фиқҳи мактаби маданӣ, ки аз фиқҳи мактаби кӯфӣ фарқ дорад, анҷом дода шаванд. Дар қатори Албонӣ, инчунин Марвон ал-Қайсӣ (Фаронса), Муҳаммад Ҷамил Зино, Бен Боз, Солеҳ Фавзон, Сулаймон ат-Тамимӣ, Юсуф Қарзовӣ ва дигарон низ ҳамчун пешвоёни муосири ҳаракати салафӣ шинохта шудаанд. Дар Осиёи Миёна, дар баробари салафиҳо, гурӯҳҳои "Ҳизб-ут-таҳрир", Ҷамоати таблиғ ва даъват, Ҳаракати исломии Ӯзбекистон (ҲИУ), ва "Ҷамоати Ансоруллоҳ" низ ҳамчун ифротиёни исломӣ шинохта мешаванд. Ин гурӯҳҳо низ дар ҷодаи исломигардонии ҷомеаҳои Осиёи Миёна фаъолона саҳмгузоранд. Масалан, "Ҷамоати таблиғ" ба риояи шариат бечунучаро даъват мекунад, дар ҳоле ки "Ҳизб-ут-таҳрир" барои барпо намудани хилофати ягона мусалмононро ташвиқ мекунад. Ҳаракати исломии Ӯзбекистон мақсади аввалиндараҷаи худ ишғоли водии Фарғона ва барпо намудани давлати исломӣ дар ин минтақа медонад. Қадами баъдии онҳо ишғоли тамоми Ӯзбекистон ва баъд Қирғизистон ва Тоҷикистон бо мақсади ташкили хилофати исломӣ мебошад.

Дар соли 1929 дар Миср Ҳасан ал-Банно ташкилоти "Бародарони мусалмон" (Ихвон-ал-муслимин)-ро таъсис дод, ки бо мурури замон ба як ҳаракати фарогир табдил ёфт ва берун аз хоки Миср низ фаъол гардид. Намояндагиҳои ин ҳаракат дар бисёр кишварҳои арабӣ пайдо шуданд. Ақидаи ҳаракат асосан бар пояи салафизм буда, онҳо бо мақсади барканор кардани низомҳои дунявӣ дар кишварҳои арабӣ мубориза мебаранд. Ҳасан ал-Банно ва дигар назарияпардозони ҳаракат, аз ҷумла Сайид Қутб (ки ба қатл расид), Мустафо Шукрӣ, Абдуссалом Фараҷ, ва Ҷуҳаймон ал-Аттабӣ, аз пешвоёни маъруфи ин ҳаракат мебошанд. Салафият дар Миср баъди шикасти кишвар дар ҷанги шашрӯза бо Исроил фаъол гашт. Солҳои 2011-12 "Бародарони мусалмон" тавонистанд сохторҳои конститутсионии давлатҳои Миср, Либия, Марокаш, Яман ва Тунисро тағйир диҳанд. Айни замон Сурия, ки охирин кишвари дунявӣ дар минтақа мебошад, дар ҳолати ноустувор қарор дорад. Дар моҳи октябри соли 2011 ҳаракати исломгароёни Миср бо табаддулоти давлатӣ Ҳусни Муборакро аз қудрат дур карданд ва ӯро ба зиндон фиристоданд[9].

Дар асоси баррасии сарчашмаҳои мавҷуда, омилҳои геополитикии паҳншавии гурӯҳҳои динӣ-ифротиро метавон ба таври зайл шарҳ дод:

- то пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, ҷаҳони ислом ҳамчун майдони асосии мухолифати байни Амрико ва Иттиҳоди Шуравӣ амал мекард. Маҳз дар ин замина, ифротгароии динӣ ба марҳилаи нави рушд ворид гардид. Дар ин давра, паҳншавии ифротгароии динӣ дорои хусусиятҳои мушаххас ва ҳадафманд буд;
- воситаҳои асосии паҳншавии ифротгароии динӣ дар ҷаҳон, моҷароҳои зиёди минтақавӣ буданд, ки бар асари мухолифатҳои геополитикӣ байни Амрико ва Иттиҳоди Шуравӣ ба вуҷуд омада, дар аксар мавридҳо аз тарафи ин қудратҳо тарҳрезӣ мешуданд. Истифодаи омили исломӣ дар моҷароҳои мазкур, дар шароити табиӣ ва сунъӣ, ба пайдоиши гурӯҳҳои зиёди динӣ-ифротӣ мусоидат намуд, ки аз номи ислом амал мекарданд;
- пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, моҷароҳо на танҳо аз байн нарафтанд, балки шиддат гирифтанд. Дар натиҷа, ҳалқаҳои муайяни моҷароҳои минтақавӣ ба вуҷуд омаданд, ки гарчанде расман бо якдигар алоқаманд набошанд, дар вобастагии тарафайн қарор доштанд [6, 170-175].

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, гурӯҳҳои зиёди динӣ-ифротӣ дар ҳудуди Афғонистон боқӣ монданд. Тоҷикистон, ки бо Афғонистон сарҳади тӯлонӣ дорад, ба майдони нави воридшавии чунин гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ мубаддал гардид. Илова бар ин, омили дигари паҳншавии гурӯҳҳои ифротӣ - омили ҷаҳонишавӣ - низ ба ин раванд мусоидат намудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷаҳонишавӣ ба таври мустақим омилҳои дигарро қувват мебахшад. Ҷаҳонишавии сиёсати ҷаҳонӣ, тавсеаи ҳаракатҳои озодихоҳӣ, хизматрасониҳо, воситаҳои молиявӣ ва иттилоотро аз тариқи сарҳадоти давлатӣ таъмин намуда, “имкониятҳои рушди иқтисодиёт, баланд бардоштани сатҳ ва сифати маориф ва тандурустӣ”-ро фароҳам меорад [6, 171].

Бо вуҷуди ин, яке аз омилҳои берунаи ташаккули гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ дар шароити Тоҷикистон ба ҷаҳонишавӣ рабт дорад. Дар ҳоле ки сухан аз ҷаҳонишавӣ меравад, бояд як қатор нишондиҳандаҳои он дар фазои сиёсии минтақавӣ низ зоҳир мешаванд. Чунин нишондиҳандаҳо на танҳо ба сиёсати ҷаҳонӣ марбутанд, балки "унсури муҳимми гузариши дохили давлатӣ низ ба ҳисоб мераванд." Дар бисёр кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон, таъсири манфии ҷаҳонишавӣ ба таври возеҳ ба мушоҳида мерасад. Ин таъсирот, ки боиси паҳн шудани гурӯҳҳои ифротӣ мешаванд, ба амнияти маънавии кишварҳо хатар эҷод мекунанд. Дар ин замина, ҳаракатҳои мухталифи эътирозӣ ба вуҷуд омадаанд, ки ба шаклҳои терроризм, ифротгароӣ ва фундаментализм табдил ёфтаанд. Бинобар ин, зарур аст, ки сабабҳои пайдоиши гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ дар Тоҷикистонро аз дидгоҳи ҷаҳонишавӣ баррасӣ намоем, то методҳои мубориза ва пешгирии ин падидаҳо коркард шаванд.

Равандҳои ҷаҳонишавӣ, пеш аз ҳама, ба халалдор гардидани тавозуни низоми раддабандии иҷтимоӣ оварда мерасонад. Ҷаҳонишавӣ боиси болоравии нобаробарии моликият ва нобаробарии истеъмолӣ гардида, дар оғози ҳазорсолаи сеюми мелодӣ даромади сарикасӣ дар тамоми кишварҳои Ғарб то даҳ маротиба аз даромади сарикасии тамоми кишварҳои рӯ ба инкишоф баландтар гардид [11, 671]. Аз ин омор метавон хулоса кард, ки натиҷаҳои мусбии ҷаҳонишавӣ, асосан ба элитаҳои сиёсии кишварҳои Ғарб, ширкатҳои трансмиллӣ ва ҳукуматҳои ғарбӣ тааллуқ доранд.

То фурӯпошии лагери сотсиалистӣ, мухолифати асосии марҳилаи қаблӣ – яъне мухолифати байни ду низом – капитализм ва сотсиализм, ба равандҳои сиёсӣ ва иҷтимоии ҷаҳонӣ таъсири бузург дошт. Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ, мухолифати асосие, ки равандҳои сиёсӣ ва рушди ҷаҳони муосирро муайян мекунад, ба мухолифати фарҳангӣ-арзишӣ байни Ғарб ва Шарқ табдил ёфт. Кишварҳои тараққикардаи Ғарб, бо такя ба қувваи иқтисодӣ ва сиёсии худ, равандҳои ҷаҳонишавиро ба самти ғарбгароӣ равона карданд, ки ин раванд аслан як падидаи манфӣ мебошад, ки решаҳои таърихии он ба асрҳои миёна бармегардад. Ғарб тавонист раванди ҷаҳонишавиро ба манфиатҳои худ мутобиқ созад ва бо дастгирӣ ё мухолифати худ нисбати гурӯҳҳои гуногун дар кишварҳои алоҳида, муноқишаҳои сиёсиро барангезад. Дар чунин шароит метавон аз мавҷудияти "сиёсати дугона" ё "духӯра" сухан ронд, ки имрӯз бисёр мушоҳида мешавад.

Гарчанде ки як қатор кишварҳои Ғарб мубориза бо терроризмро сареҳан эълон намудаанд, аммо дар айни ҳол, баъзе аз ин кишварҳо гурӯҳҳои динӣ-ифротиро бавосита дастгирӣ мекунанд. Ин вазъият яке аз омилҳои асосии рушди гурӯҳҳои ифротӣ ба шумор меравад.

Баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ, як қатор кишварҳои исломӣ ҷараёнҳои динӣ-ифротиро, ки дар ҳудуди Тоҷикистон фаъол буданд, дастгирӣ карда, ба онҳо кӯмак мерасониданд. Маълум аст, ки ёрии ҳамаҷонибаи ин кишварҳо ба ин гурӯҳҳо таъсири ҷиддӣ гузошта, фаъолияти тахрибкоронаи онҳоро тақвият мебахшид ва амнияти миллии Тоҷикистонро зери хатар мегузошт. Ҳамзамон, гурӯҳҳои ифротии динӣ бо амалиётҳои ифротӣ обрӯи Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ коста намуда, ба иқтисодиёти кишвар низ зарба мерасонданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон таҳмилӣ буд ва бархе кишварҳо барои расидан ба манфиатҳои геополитикии худ, гурӯҳҳои гуногуни ифротиро дастгирӣ мекарданд. Кишварҳое чун Эрон, Покистон, Афғонистон ва Арабистони Саудӣ дар ҳодисаҳои сиёсии солҳои 90-уми Тоҷикистон бо воситаҳои мустақим

ва ғайримустақим иштирок доштанд. Тибқи таҳқиқоти муҳаққиқи тоҷик Маҳмадизода Н., сарвазири вақти Покистон Зиёулҳақ ният дошт, нуфузи худро дар кишварҳои Осиёи Миёна тавассути гурӯҳҳои ифротӣ густариш диҳад, ки ин гурӯҳҳо дар Тоҷикистон низ хеле фаъол буданд [5, 172].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамоишҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангиву тамаддунӣ, ки тибқи намунаҳои аз тарафи Ғарб пешниҳодшуда амалӣ мешаванд, ба мухолифатҳои гуногун дар арсаи байналмилалӣ сабаб мешаванд. Ба назари мо, мухолифат дар заминаи иқтисодӣ, идеологӣ, динӣ ва сиёсӣ як раванди табиӣ мебошад. Ин мухолифат ба раванди ҷаҳонишавӣ, ки хусусияти фаромиллӣ дорад, вобаста аст ва на танҳо аз сарҳадҳои ҷуғрофӣ, этникӣ ё мазҳабӣ, балки аз сатҳи рушди иқтисодӣ ва сиёсӣ низ таъсир мегирад. Ҳамзамон, дар шароити имрӯза, яке аз мухолифони асосии раванди ҷаҳонишавӣ гурӯҳҳои мухталифи ифротӣ маҳсуб меёбанд.

Ҷаҳонишавӣ, бо сиёсати умумии универсалии худ, аз ҷониби аксари аҳолии кишварҳои исломӣ ҳамчун таҳдид ба асосҳои тамаддун ва арзишҳои фарҳангӣ ва динии ҷомеаҳои мусулмонӣ арзёбӣ мегардад. Бинобар ин, равандҳои ҷаҳонишавӣ дар ҷаҳони ислом сабаби афзоиши эҳсосоти зиддиғарбӣ мегардад. Дар натиҷа, дар бисёре аз кишварҳои мусалмон, хусусан дар Шарқи Наздик ва Миёна, амалҳои ифротгароии динӣ бештар ба назар мерасанд.

Таҳлилгарон, аз ҷумла муҳаққиқи рус Л. Сюкияйнен, равандҳои фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротиро дар шароити ҷаҳонишавӣ баррасӣ карда, чунин самтҳоро муайян мекунанд:

- мусулмонон, ки афкори ифротгароиро дастгирӣ намекунанд;
- ҳокимиятҳо, ки гӯё аз арзишҳои исломӣ дур шудаанд;
- мухолифони сиёсӣ дар дохили кишварҳои мусулмонӣ;
- кишварҳои ғайриисломӣ;
- тамаддуни Ғарб.

Гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ барои расидан ба ҳадафҳои худ барномаҳои ғоявӣ таҳия намуда, исломро барои асоснок кардани фаъолияташон истифода мебаранд. Ин боиси ҷалби ҷавонон ба ин ҳаракатҳо мегардад.

Имрӯз, дар шароити ҷаҳонишавӣ, миқдори зиёди гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ амал мекунанд, ки барои бунёди давлати исломӣ кӯшиш мекунанд. Сатҳи таъсири онҳо афзоиш ёфтааст, ва мавҷудияти шабакаҳои ҷаҳонии ҷалбкунӣ, омӯзиши аъзоён ва марказҳои маблағгузорӣ ин нуктаро тасдиқ мекунанд. Дар натиҷа, ҷомеаҳои ҷаҳонӣ маҷбур мешаванд, ки бар зидди терроризм ва ифротгароӣ муттаҳид шаванд.

Дар ҳоле ки дар охири асри XIX ва аввали асри XX гурӯҳҳои ифротӣ асосан дар сатҳи минтақавӣ фаъолият мекарданд, имрӯз бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ, онҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ амал мекунанд ва хеле хатарноктар шудаанд[8].

Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як вазъияти сиёсӣ-идеологӣ гирифтор шуд, ки гурӯҳҳои мухталиф, бо дастгирии хориҷӣ, нерӯҳои нав, бахусус, ҷавононро ҷалб намуда, кӯшиши ба даст овардани қудрати сиёсиро доштанд.

Салафиён низ талоши худро дар солҳои 1990-ум дар Тоҷикистон бо ҳадафи мушаххас оғоз намуданд. Зикр бояд кард, ки як қисми масъулону аъзоёни шадидан мутаассиб ва гурӯҳи ифротию террористии ҲНИ, ки бо амалҳои тахрибкоронаи худ сабабгори оғози ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон гардиданд, ба ин ҳаракат марбут буданд. Тибқи назарияи муҳаққиқи тоҷик Ҷ.З. Маҷидзода, пешвоён ва пайравони ин равия дар Тоҷикистон бо номҳои гуногун ва бо ҳадафҳои мушаххас зуҳур намуда, фаъолияти ошкору пинҳонии даъватии худро роҳандозӣ намудаанд. Онҳо, ки аз номи ислом амал мекунанд, бо шиори "Руҷӯъ ба Қуръону суннат" талош мекунанд, ки ваҳдати мусалмононро халалдор намоянд ва заминаҳои барои душманони ислом фоидаоварро муҳайё созанд. Бо баҳонаи поксозии ақидаи исломӣ ва пайравӣ ба суннати набавӣ, онҳо аз дониш ва огоҳии нокифояи ҷавонони мусалмон аз мероси миллӣ, фарҳанг ва арзишҳои исломӣ суиистифода намуда, онҳоро ба сафи худ ҷалб мекунанд [7, 235-236].

Муҳаққиқи рус Л.Б. Маевская дар таҳлили ҳаёт ва фаъолияти Ибни Таймия таъкид мекунад, ки таълимоти ӯ, бо гузашти асрҳо, ба ташаккулёбии гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ таъсир расонидааст. Гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ дар ташаккули идеологияи худ ақидаҳои Ибни Таймияро ҳамчун асос қабул намудаанд. Унсурҳои таълимоти ӯро дар идеологияи гурӯҳҳои ифротӣ, ба монанди "Салафия", "Ваҳҳобия", "Ҷамоати исломӣ", ва "Ҳизб-ут-Таҳрир" метавон мушоҳида намуд [2]. Аз ин рӯ, барои пешгирии густариши ин гурӯҳҳо зарур аст, ки паҳншавии таълимоти динӣ-ифротии Ибни Таймия маҳдуд карда шавад.

Муҳаққиқи тоҷик Н.Д. Маҳмадизода қайд мекунад, ки дар Тоҷикистон то ибтидои соли 2008 ҳазорҳо нафар пайравони салафия ба қайд гирифта шудаанд. Ин гурӯҳи динӣ-ифротӣ дар охири солҳои 1980-ум ва ибтидои солҳои 1990-ум пайдо шуда, таълимоти ҷудоихоҳонаи худро дар байни аҳолӣ, бахусус ҷавонон, паҳн мекунад. Яке аз мақсадҳои онҳо мубориза бар зидди шиагаро̄й бо тавассути таҳқир ва кофир эълон кардани шиаҳо мебошад. Гурӯҳҳои салафӣ дар Тоҷикистон аз хориҷа хуб маблағгузорӣ мешаванд ва тавассути паҳн намудани аудио, видео ва адабиёти дорои мазмуни динӣ-ифротӣ амал мекунанд [5, 54].

Гурӯҳи "Салафия", ки аз ҷониби Суди Олии Тоҷикистон дар соли 2009 ҳамчун иттиҳоди ифротӣ эътироф шуда, фаъолияташ дар қаламрави кишвар манъ шудааст, то ба имрӯз тавассути сармоягузорони хориҷӣ ва минтақавӣ маблағгузорӣ мешавад ва ҳамчун воситаи тарҳи сиёсӣ барои барангехтани ихтилофоти динию дунявӣ истифода мегардад [2].

Кор бо ҷавонон яке аз ҳадафҳои асосии барномасозону сенариянависони муосири ин равияи динӣ-ифротӣ мебошад. Аз ин рӯ, пешвоёни салафӣ аз усулҳои равонӣ, сиёсӣ, мафкуравӣ ва иҷтимоӣ барои таъсир ба насли ҷавон истифода мебаранд.

Ҳамин тавр, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки паҳншавии ҳизбу ҳаракатҳои динӣ-ифротӣ дар Осиёи Миёна, бахусус, дар Тоҷикистон, натиҷаи омилҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Ҷаҳонишавӣ, манфиатҳои геополитикӣ ва истифодаи дин ҳамчун воситаи идораи сиёсӣ дар ин минтақа мавқеи калидӣ доштаанд. Гурӯҳҳои ифротӣ на танҳо амнияти миллии кишварҳоро таҳдид мекунанд, балки суботи минтақавиро низ ба хатари ҷиддӣ меандозанд. Барои пешгирӣ аз рушди минбаъдаи ифротгароӣ, сиёсати муассири миллӣ ва ҳамкории байналмилалӣ барои муқовимат бо ин падидаи харобкор муҳим аст. Бо дарназардошти таҳлилҳо, пешниҳодҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ РАҲМОН дар робита ба кумак расондан ба раванди сулҳи Афғонистон, аҳамияти бузург доранд ва метавонанд дар танзими вазъият нақши калидӣ дошта бошанд.

Муқарриз: Карамхудев Ш.Х., д.и.ф., профессор

Адабиёт:

1. Коргун, В.Г. Афганистан на крутых поворотах истории XX века [Текст] / В.Г. Коргун // Мусульманские страны у границ СНГ. – М.: Институт востоковедения РАН, «Крафт+», 2001. – С.25.
2. Маевская, Л.Б. Идеология ибн Таймии как фундамент для формирования ваххабизма [Текст] / Л.Б. Маевская // Вопросы духовной культуры – исторические науки [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://dspace.nbuv.gov.ua/bitstream/handle/-123456789/46501/30
3. Марсден, П. Талибан. Война и религия в Афганистане [Текст] / П. Марсден. – М.: ООО «Городец-издат», 2002. – С.100.
4. Махмадиев, Н.Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане [Матн]: монография / Н.Д. Махмадиев. – Душанбе: Ирфон, 2013. – С.112-115.
5. Махмадиев, Н.Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане [Матн]: монография / Н.Д. Махмадиев. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 172 с.
6. Маҳмадизода, Н.Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он: таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ [Матн]: Дисс... д-три. илм. фал. / Маҳмадизода Нозим Давлатмурод. – Душанбе, 2020. – С.170-175.

7. Маҷидзода, Ч.З. Ҷинояткории муташаккил ва трансмиллӣ [Матн] / Ч.З. Маҷидзода. – Душанбе, 2014. – С.235-236.
8. Миракзода, Ф. Ю. Аз таърихи омӯзиши масъалаи ифротгароӣ / Ф. Ю. Миракзода, М. Р. Азизмуродов // Вестник института языков. – 2022. – No. 4(48). – P. 233-239. – EDN MENSEH.
9. Назиров Д. Радикализми исломӣ ва ифротгароии динӣ дар осиёи миёна http://cccp.tj/tj/2016-02-23-16-45-52/bojgoni/item/6320-radikalizmi-islomi-va-ifrotgaroii-dini-dar-osiei-miena.html
10. Сюкияйнен, Л. Религиозный экстремизм: правовые, политические и идеологические аспекты [Текст] / Л. Сюкияйнен // Религиозный экстремизм в Центральной Азии: Материалы международной научно-практической конференции. – Душанбе: Деваштич, 2002. – С.25.
11. Milanivich, B. The faces of Globalization: Against Globalization as Who know it [Text] / B. Milanivich // World Development. – Vol.31. – №4. – P.671.

НИГОҲЕ БА ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ПАҲНШАВИИ ҲИЗБУ ҲАРАКАТҲОИ ДИНӢ-ИФРОТӢ ДАР ОСИЁИ МИЁНА ВА ТОҶИКИСТОН

Ташаккулёбии давлат ва давлатдории миллӣ ва нигаҳдории соҳибистиқлолӣ ҷомеаро водор ба он мекунад, ки сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро бо роҳу равишҳои хоссае амалӣ намуда, дар байни давлатҳои дигар мавқеи шоистаи худро пайдо намояд. Ҳар як давлат кӯшиш менамояд, ки истиқлол ва ҳимояи манфиатҳои миллии худро дар сатҳи зарурӣ ҳимоят намуда, рушду инкишофи минбаъда ва марҳила ба марҳилаи онҳоро таъмин намояд. Дар раванди амалӣ намудани ин хостаҳои давлати миллӣ ва соҳибистиқлол монеаҳое пайдо мегарданд, ки на танҳо ҳимояи манфиатҳои миллиро халалдор месозанд, балки баъзан дар амал татбиқ намудани мақсадҳои миллиро ғайриимкон мегардонанд. Монеаҳои мазкур таҳдидҳое мебошанд, ки ба ҳаёти осоиштаи шахс, ҷомеа ва давлат таъсири манфӣ расонида, вазъияти муътадили дохилӣ ва муносибатҳои бонизоми ҷамъиятиро халадор месозанд.

Дар байни таҳдиду хатарҳои замони муосир ва авомили хатарзо барои ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ифротгароии динӣ зуҳуроте мебошад, ки ба сохтори конститутсионии давлат, истиқлолияти давлатӣ ва умуман ба амнияти миллии кишвар метавонад таъсири манфӣ расонад. Аз ин рӯ, омӯзиши ифротгароии динӣ, сабабҳои зуҳур ва бурузи он, заминаҳои инкишофи он, моҳияту табиат ва хосияти он ва ниҳоятан роҳу усулҳои муассири мубориза бар зиддӣ ин падидаи номатлуб муҳим мебошанд.

Калидвожаҳо: *таърих, дин, ифротгароии динӣ, ҳизбу ҳаракатҳои динӣ-ифротӣ, Осиёи Миёна, Тоҷикистон, пайдоиш, паҳншавӣ.*

ВЗГЛЯД НА ИСТОРИЮ ЗАРОЖДЕНИЯ И РАСПРОСТРАНЕНИЯ РЕЛИГИОЗНО-ЭКСТРЕМИСТСКИХ ПАРТИЙ И ДВИЖЕНИЙ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ И ТАДЖИКИСТАНЕ

Формирование государственной и национальной государственности и сохранение независимости вынуждает общество реализовывать свою внутреннюю и внешнюю политику особыми способами и находить достойное положение среди других государств. Каждое государство старается защищать свою независимость и защиту национальных интересов на необходимом уровне, обеспечивать их дальнейшее развитие шаг за шагом. В процессе реализации этих пожеланий национального и независимого государства возникают препятствия, которые не только нарушают защиту национальных интересов, но порой делают невозможным осуществление национальных целей. Эти препятствия являются угрозами, оказывающими негативное воздействие на мирную жизнь человека, общества и государства, нарушающими нормальную внутреннюю обстановку и упорядоченные общественные отношения.

Среди угроз и опасностей современности и опасных факторов для политической и общественной жизни – это религиозный экстремизм, явление, способное оказать негативное

влияние на конституционное устройство государства, государственную независимость и национальную безопасность страны в целом. Поэтому важно изучение религиозного экстремизма, причин его зарождения и распространения.

Ключевые слова: *история, религия, религиозный экстремизм, религиозно-экстремистские партии и движения, Центральная Азия, Таджикистан, происхождение, распространение.*

A LOOK AT THE HISTORY OF THE ORIGIN AND SPREAD OF RELIGIOUS-EXTREMIST PARTIES AND MOVEMENTS IN CENTRAL ASIA AND TAJIKISTAN

The formation of the state and national statehood and the preservation of independence forces the society to implement its internal and foreign policy in special ways and find a worthy position among other states. Each state tries to protect its independence and protection of national interests at the necessary level, to ensure their further development and step by step. In the process of implementing these wishes of the national and independent state, there are obstacles that not only disrupt the protection of national interests, but sometimes make it impossible to implement national goals. These obstacles are threats that have a negative impact on the peaceful life of a person, society and the state, disrupting the normal internal situation and orderly public relations.

Among the threats and dangers of modern times and dangerous factors for political and social life, religious extremism is a phenomenon that can have a negative impact on the constitutional structure of the state, state independence and national security of the country in general. Therefore, the study of religious extremism, the reasons for its appearance and appearance, the foundations of its development, its essence, nature and characteristics, and finally the effective ways and methods of combating this undesirable phenomenon are important.

Keywords: *history, religion, religious extremism, religious-extremist parties and movements, Central Asia, Tajikistan, origin, spread.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Миракзода Фаридун Юсуфӣ *– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илми таърих, дотсент, сардори раёсати илм ва инноватсия. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.:(+992)93 4137333, E-mail: mastchoh94@mail.ru*

Азизмуродов Муҳаммадсалим Раҳимович *– Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, муаллими калони кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: (+992) 935652184, E-mail: boghbon@bk.ru*

Сведения об авторах: Миракзода Фаридун Юсуфи – *Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, кандидат исторических наук, доцент, начальник управления науки и инновации. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6. Тел.: (+992) 93 4137333, E-mail: mastchoh94@mail.ru*

Азизмуродов Мухаммадсалим Рахимович *– Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, старший преподаватель кафедры философии и политологии. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6. Тел.: (+992) 93 5652184, E-mail: boghbon@bk.ru*

Information about the authors: Mirakzoda Faridun Yusufi *- Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor, Head of Science and Innovation Department. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., Phone: (+992) 93 4137333, E-mail: mastchoh94@mail.ru*

Azizmurodov Muhammadsalim Rahimovich *– Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, senior lecturer of the Philosophy and Politics Chair. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., Phone: (+992) 93 5652184, E-mail: boghbon@bk.ru*

ТДУ: 94(41/99)

ОҒОЗИ РОБИТАҲОИ БАЙНИФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

Мирсаидова Г.Т.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Таърихи муносибатҳои мардуми русу тоҷик бештар аз ҳазор сол таърихро дар бар мегирад.

Асоси ба ҳамдигар наздик будани ин ду халқро решаҳои умумии генезиси ҳинду-аврупоӣ, наздикии антропологӣ ва нажодӣ ва мансуб ба гуруҳи ягонаи забонҳои ҳинду-аврупоӣ ташкил медиҳанд. Бояд гуфт, ки дар маъхазҳои хаттии Шарқ номи «Рус»-ро муаррих Табарӣ, ки дар ибтидои асри Х зиндагӣ кардааст, дар воқеаҳои ба соли 644 тааллуқдошта қайд намудааст. Олим, шоир ва ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ (934 - 1021) дар достони машҳури худ «Шоҳнома» дар бораи сарвати бузурги шоҳи Сосониён Хусрави II Парвиз нақл карда, ба яке аз ганҷҳои бешумори ба ӯ тааллуқдошта ишора карда менависад: “он аз маснуоти заргарӣ иборат буд, ки дар Чин, Ҳиндустон, Хазария ва Русия ҷамъоварӣ карда шудаанд”[10].

Мустаҳкам намудани ҳамкории зич ва минбаъд ҳам самарабахш инкишоф додани муносибатҳои байни давлатҳо, алоқа дар соҳаи фарҳанг, илм ва маорифи маданӣ яке аз воситаҳои асосии пеш бурдани ҳамкориҳои байнидавлатӣ мебошад, ки ҳамаи давлатҳои соҳибихтиёр ба он диққати калон медиҳанд. Дар мавриди равобити байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар солҳои истиқлолият гарчанде тадқиқотҳои зиёде бурда шудаанд, лекин аз тарафйи муҳақиқон баъзе ҷанбаҳои ин робитаҳо ба мисли самти байнифарҳангӣ камтар мариди таҳқиқот қарор гирифта шудаанд. Соҳаи фарҳанг нақши бузурги пайвандсозро мебозад ва ба мустаҳкам намудани моирифпарварӣ дар ҳар ду давлат мусоидат менамояд. Дар ин самт баргузории чорабиниҳои фарҳангии мутақобилан аз ҷониби ҳарду давлат роҳандозӣ мегарданд.

Дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон Федератсияи Россия миёни ҳамёрони асосии кишвар дар миқёси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мавқеи хоса дошта, чун шарики асосии стратегӣ эътироф шудааст[4, с. 54].

Федератсияи Россия яке аз аввалин давлатҳоест, ки истиқлолият ва соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохтааст. Заминаи шаклҳои нави ҳамкориро дар шароити рушди мустақилона, протокол дар бораи муқаррар намудани муносибатҳои дипломатӣ миёни ду кишвар асос гузошт, ки 8 апрели соли 1992 дар шаҳри Душанбе ба имзо расид.

Санаи 4 майи соли 1992 дар шаҳри Душанбе Сафорати Федератсияи Россия фаъолияти худро оғоз кард.

Дар таърихи 8 июни соли 1993 Намояндагии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Москва ба Намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия табдил дода, 18 декабри ҳамон сол дар заминаи он Сафорат таъсис дода шуд. Алҳол дар шаҳрҳои Екатеринбург ва Уфа консулгариҳои генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, ки ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон дар минтақаҳои Россия ва густариш бахшидан ба ҳамкориҳо нақши муҳим дорад [7].

Аз соли 1992 то 2013 миёни Тоҷикистону Россия зиёда аз 230 созишномаи байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравии танзимкунандаи аксарияти соҳаҳои ҳамкорӣ ба имзо расидааст. Санади муҳимтарини байнидавлатӣ – Аҳднома дар бораи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ёрии тарафайн ба ҳисоб меравад, ки 25 майи соли 1993 ба имзо расидааст. Миёни ду кишвар робитаҳои фаъоли сиёсӣ ва алоқаҳои бевосита дар сатҳи олӣ ба роҳ монда шудаанд. Роҳбарони ҳарду давлат мунтазам дар доираи сафарҳои расмӣ ва корӣ, инчунин зимни ҳамоишҳои гуногуни байналмилалӣ мулоқоту вохӯриҳои зиёди судманд анҷом медиҳанд, ки дар рафти онҳо муҳимтарин масъалаҳои ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистону Россия ба таври мушаххас баррасӣ мегарданд[7].

Навгони ин таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки робитаҳои ду халқи бародар, ки дар як давлати воҳид зиёда аз 70 сол ҳаёт ба сар мебурданд ба баррасии ва навсозии комил ниёз дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федретасияи Россия, ки рамзи ягонаи далатдориро доранд ва аз мероси ягонаи Иттиҳоди Шуравӣ баҳравар ҳастанд, кушиш ба харҷ дода истодаанд, ки арзишҳои созандаи замони Шуравиро пойдор нигоҳ доранд.

Баъди тезу тунд шудани вазъияти сиёси дар Европаи Шарқӣ ва муташанниҷ шудани вазъияти муносибати Федеретсияи Россия бо Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои НАТО Ҳукумати Федеретсияи Россия кушиш ба харҷ дода истодааст, ки муносибатҳои худро дар самтҳои гуногун бо давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳарчи баштар азнавсозӣ намояд ва равнақ диҳад.

Дар ин мақола мо кушиш намудем, ки бештар оғози робитаҳои байнифарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россияро мавриди баррасӣ қарор диҳем, ки барои таҳқиоти ояндаамон заминаҳои омӯзиши ин масъаларо равшан андозем.

Аввалин ва асоситарин санади ҳуқуқӣ дар соҳаи муносибатҳои байни фарҳангӣ шартномаи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва кӯмаки мутақобилаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия мебошад, ки 25 майи соли 1993 ба имзо расида буд. [1, с. 24] Дар моддаи 21-уми шартномаи мазкур таъкид шудааст, ки ҳарду давлат дар бораи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва кӯмаки мутақобила байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия саъю кӯшиши онҳо дар бобати вусъат додани ҳамкорӣ дар соҳаи маданият, илм ва маориф. Қобили зикр аст, ки ҳарду давлат ҷиҳати рушду густариши ин робитаҳо на танҳо байни ташкилотҳои давлатӣ, балки бо ташкилоту муассисаҳои ғайриҳукуматие, ки ҳадафу вазифаашон амалӣ намудани лоиҳаҳо ва чорабиниҳои муштараки бунёдҳо ва иттиҳодияҳои фарҳангӣ мебошад, ҳамкориҳо доранд. Илова бар ин, дар созишнома ҳамчунин таъкид шудааст, ки ҳарду ҷониб дар бораи кушодани марказҳои фарҳангӣ дар қаламрави якдигар созишномаҳои алоҳида банданд [9, с. 140].

Дар асоси омӯзиши созишномаву шартномаҳои басташуда ва таҳлили онҳо муайян намудем, ки талаботи асосии муносибатҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар соҳаи фарҳанг инчунин шартномаи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ёрии ҳамдигарӣ мебошад. Байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар созишномаҳои зерини шартномавӣ байни ҳарду давлат инъикос ёфтааст:

1.Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Маскав дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, илмию техникӣ ва фарҳангӣ (07.07.1995.)

2.Созишнома байни Ҳукумати Федератсияи Русия ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг, илм ва техника, маориф, тандурустӣ, иттилоот, варзиш ва сайёҳӣ (19.09.1995).

3.Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Русия дар бораи тартиб ва шартҳои қабул ва паҳн кардани барномаҳои ташкилотҳои телевизион ва радиои Русия дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон (16.04.1999).

4.Барномаи ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар соҳаи гуманитарӣ барои солҳои 1999-2002 (10.08.1999)

5.Протоколи Вазорати фарҳанги Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1999-2003.

6. Ёддошти тафоҳум байни Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Федератсияи Русия дар соҳаи тайёр намудани кадрҳо (28.05.2002)

7. Ёддошти тафоҳум дар бораи натиҷаҳои гуфтушуниди вазири фарҳанги Федератсияи Русия Швидкой ва вазири фарҳанги Тоҷикистон Олимов К.О. дар бораи фаъолияти якҷояи тараққиёти Театри давлатии драмавии русии ба номи В. Маяковскийи Ҷумҳурии Тоҷикистон (31.05.2002);

8. Барномаи ҳамкорӣ байни Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанг ва коммуникатсияи оммавии Федератсияи Россия барои солҳои 2004-2006 (04.08.2004).

9.Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати вилояти Саратов дар бораи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, илмию техникӣ ва фарҳангӣ.

10.Созишномаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанг ва коммуникатсияи оммавии Федератсияи Россия дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг.

Натиҷаҳои ба даст овардашуда, дар давоми солҳои сохибихтиёрӣ аз рӯи созишномаҳои дар боло зикршуда ба даст оварда шудаанд, нишон медиҳанд, ки тарафҳо дар инкишоф, тарбия ва такмили ихтисоси кормандони соҳаи маданият ва санъат дар каламрави хар ду давлат саҳми арзанда гузоштаанд.Ҳамкори аз солҳои 1991-2016 дар соҳаи ҳамкориҳои башардӯстонаи ду кишвар барои муайян кардани дурнамои минбаъдаи равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия аҳамияти муҳим дорад. Дар солҳои истиқлолияти ду кишвар ҳамкориҳо дар соҳаҳои фарҳанг, илм ва маориф беш аз пеш фаъолона инкишоф ёфтанд [11, с. 39].

Маълум аст, ки фарҳанг ҳамеша дар рушди муносибатҳои байнидавлатии ду кишвар нақши муҳим бозидааст ва мебозад. Бо вуҷуди он ки пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ байни ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ на танҳо равобити иқтисодӣ, балки робитаҳои фарҳангӣ низ канда шуданд, аммо пас аз як муддати муайян ҳамкориҳои фарҳангӣ ва маърифатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарор шуд. Федерасияи Россия фаъолона шурӯъ намуд.Вохуриҳои гуногуни пурсамари ходимони маданият ва адабиёти ҳар ду мамлакат ба инкишофи муваффакиятноки онҳо махсусан мусоидат карданд. Дар ҷумҳури ҳар сол намоишҳои гуногун ва турҳои ходимони машҳури маданияти Федерасияи Россия барпо мегарданд. Масалан, дар шаҳри Душанбе тури артисткаи Халқии СССР Иосиф Кобзон, консерти пианино навоз Валерий Шкаруп, гурӯҳи «На-на» ва «Блестящие», сарояндагон Олег Газманов, Дмитрий Маликов, Леди Дэйн, Анастасия ва бисёр дигарон барпо гардид муваффақияти калон ба даст оварданд [1, с. 29].

Ҳамин тариқ, муносибатҳои Тоҷикистону Русия дар соҳаи фарҳанг пурсамар инкишоф ёфтанд.Мунтазам тарҷума шудани асарҳои нависандагон ва шоирони тоҷик ба забони русӣ ва асарҳои шоирону нависандагони рус ба забони тоҷикӣ аз ҳамкории зичи аъзоёни Иттифоқи нависандагони ҳар ду мамлакат шаҳодат медиҳад [8, с. 25].

Тарғиби фарҳанг, забон ва дигар арзишҳои маънавии халқҳои Тоҷикистон ва Россия дар муносибатҳои дуҷониба ҷойгоҳи хоса дорад. Баҳри таҳкими робитаҳо дар ин самт Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи таъсис ва шартҳои фаъолияти марказҳои фарҳангию иттилоотӣ ба имзо расонида шудааст. Бояд зикр кард, ки таъсиси чунин марказҳо барои рушди ояндаи ҳамкориҳо дар соҳаи илму маориф,фарҳанг, технологияи инноватсионӣ аҳамияти муҳим хоҳад дошт.Қобил ба ёдоварист, ки дар ду даҳаи даврони соҳибистиқлолӣ пайваста баргузор шудани рӯзҳои фарҳангии ҳарду кишвар ва дигар чорабиниҳои илмию адабӣ дар шаҳрҳои Москваю Санкт-Петербург ва Душанбе ба ҳукми анъана даромада, дар рушду таҳкими бештари робитаҳои таърихан дӯстонаи мардуми тоҷику рус нақши муҳимро мебозад [2, с.14].

Ҳамкориҳои ду кишвар дар соҳаи илм, маориф, фарҳанг ва технологияҳои инноватсионӣ низ босамар тавсеа меёбанд. Ин раванд бо таъсисёбии намояндагии КВД «Россотрудничество», Маркази иттилоотию фарҳангии Бунёди «Русский мир» дар Тоҷикистон боз ҳам тақвият ёфт. Айни замон дар Тоҷикистон дар баробари Донишгоҳи Славянии Тоҷикистону Россия, инчунин филиали ду донишгоҳи пуриқтидори Москва – Донишгоҳи давлатии Россия ба номи М.Ломоносов ва донишкадаи хӯла ва пӯлоди Москва фаъолият доранд.

Тӯли солҳои охир теъдоди умумии донишҷӯёни Тоҷикистон, ки дар мактабҳои олии Федератсияи Россия таҳсил мекунанд, зиёда аз 5 ҳазор нафарро ташкил дода, рӯй ба афзоиш дорад.

Тарғиби фарҳанг, забон ва дигар арзишҳои маънавии халқҳои Тоҷикистон ва Россия дар муносибатҳои дуҷониба мақоми хоса доранд. Баргузории Рӯзҳои фарҳангӣ ва Рӯзҳои адабиёти ду кишвар дар қаламрави якдигар (1997, 1999, 2004, 2005, 2008) анъанавӣ гардидаанд.

Бо итминон собит намудан мумкин аст, ки муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Россия бо назардошти воқеияти муосир устуворона ва давра ба давра тамоюлот ба таъмиқу тавсеа доранд. Дар ҳошияи афзун гардидани нақши дипломатияи иқтисодӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ, муносибатҳои миёни Тоҷикистону Россия боз ҳам тақвият ёфта, онҳо торафт ҷабҳаҳои нав ба нави ҳамкориро мувофиқи имконият, ниёзмандӣ манфиатҳои мутақобила ва наздикии мавқеъ оид ба сиёсати минтақавӣ ва ҷаҳонӣ фарогиранд[1].

Бо ҷамъбасти гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки ҳамкориҳо дар соҳаҳои маориф, илм ва фарҳанг дар давраи аввали истиқлолият пеш аз ҳама ба ҳифзи фазои ягонаи илмӣ-фарҳангӣ ва маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия нигаронида шудаанд. Асоси ҳуқуқии ҳамкориҳои фарҳангии Тоҷикистону Русияро Созишнома байни ҳукуматҳои Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаҳои фарҳанг, илм, тандурустӣ, иттилоот, варзиш ва сайёҳӣ ташкил дод, ки соли 1995 ба имзо расида буд.

Ҳамин тавр, доираи муносибатҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаи Тоҷикистону Россия фарогир ва дорои хусусияти доимо рушдкунанда буда, ҳарду кишвар дар таърихи ҳанӯз начандон тӯлонии соҳибистиқлолӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳамкорӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардиданд.

Муқарриз: Қобилов М.З., доктор (PhD) дар самти муносибатҳои байналмилалӣ

Адабиёт:

1. Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи моддии муносибатҳои байналхалқӣ. Папкаи Федератсияи Русия. — Л. 39.
2. Дипломатия Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз / Зери таҳрири Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифӣ. – Душанбе, 2009. – 167 с.
3. Зарифӣ Ҳ. Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масири истиқлолият. – Душанбе: Ирфон, 2011. - 109 с.
4. Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол. – Душанбе, 2016. – 234 с.
5. Пирназарова П.А. Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар соҳаи маориф, илм ва фарҳанг. – Душанбе, 2013. – 223 с.
6. Посольство России в Таджикистане, Посольство России в Республике Таджикистан, Посольство РФ в РТ | Об истории российско-таджикских отношений. Дата обращения: 7 ноября 2023. http://www.rusemb.tj/ru/index/index/pageId/88.
7. Посольство Таджикистана в России. Посолство Республики Таджкистан в Российской Федерации. Тоҷикистон ва Россияро таърихан муносибатҳои чандинасраи дӯстона ба ҳам мепайвандад. https://mfa.tj/tg/moscow/munosibatho/tadzhikistan-rossiya.
8. Сайидзода, З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: Бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ. – Душанбе, 2016. – 216 с.
9. Салимӣ, Н., Шарифзода А. Тоҷики оламшумул. – Душанбе, 2022. – 364 с.
10. Сатторзода, А. Дипломатияи парлумонӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2000-2010). – Душанбе: Истеъдод, 2010, 140 с.
11. Шарифзода, А., Сатторзода, А. Асосгузори давлати навини Тоҷикон [Матн] / А. Шарифзода, А. Сатторзода. – Душанбе: Ирфон, 2022. – 368 с.

ОҒОЗИ РОБИТАҲОИ БАЙНИФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

Мақолаи мазкур ба ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар соҳаи фарҳанг бахшида шудааст, мавзуи мубрам дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ мебошад.

Дар мақола таъкид карда мешавад, ки мустаҳкам намудани ҳамкории зич ва боз ҳам самарабахш инкишоф додани муносибатҳои байни давлатҳо, алоқа дар соҳаи фарҳанг, илм ва маориф яке аз воситаҳои асосии пеш бурдани ҳамкории ҳаматарафа мебошад, ки ҳамаи давлатҳои соҳибихтиёр ба он аҳмияти калон медиҳанд. Дар мавриди равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия дар солҳои истиқлолият бошад, онҳо дар таҳкими

робитаҳо нақши бузург доранд ва ҳарду кишвар чорабиниҳои фарҳангии мутақобилан баргузор мекунанд.

Калидвожаҳо: *Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Русия, фарҳанг, давлати муштарак, Иттиҳоди Шӯравӣ, ҳамкориҳои дуҷониба, дурнамо.*

НАЧАЛО МЕЖКУЛЬТУРНОГО СОТРУДНИЧЕСТВА МЕЖДУ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН И РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИЕЙ

Статья посвоящается сотрудничеству между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией в области культуры и является актульной темой в области международных отношений.

В статье подчеркивается, что укрепление тесного сотрудничества и более эффективное развитие отношений между государствами, общения в сфере культуры, науки и образования является одним из основных средств содействия всестороннему сотрудничеству, которому все суверенные государства придают большое значение. Что касается отношений между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией за годы независимости, то они играют большую роль в укреплении связей, и обе страны проводят взаимные культурные мероприятия.

Ключевые слова: *Республика Таджикистан, Российская Федерация, культура, совместное государство, Советский Союз, двустороннее сотрудничество, перспектива*.

THE START OF INTERCULTURAL COOPERATION BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND RUSSIAN FEDERATION

The article dedicated cooperation between the Republic of Tajikistan and the Russian Federation in the field of culture is a hot topic in the field of international relations.

The author studied the cooperation between the Russian Federation and the Republic of Tajikistan in the field of culture and came to certain conclusions. The article emphasizes that strengthening close cooperation and further effective development of relations between states, communication in the field of culture, science and cultural education is one of the main means of promoting comprehensive cooperation, to which all sovereign states pay great attention. As for the relations between the Republic of Tajikistan and the Russian Federation during the years of independence, they play a big role in building ties, and both countries organize mutual cultural events.

Keywords: *Republic of Tajikistan, Russian Federation, culture, joint state, Soviet Union, bilateral cooperation, prospects.*

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мирсаидова Гулизор Талабовна****, Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, асисстенти кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангӣ. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6. Тел. 988255820; почтаи электронӣ: gmirsaidova@internet.ru*

Сведения об авторе: Мирсаидова Гулизор Талабовна*, Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, асисстент кафедры истории и межкультурной коммуникации. Адрес: 734019,Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. Тел.: 988255820; (+992 37) 232 50 00; E-mail: gmirsaidova@internet.ru*

Information about the authors: Mirsaidova Gulizor Talabovna*, Tajik International University of Foreign Languages of named after Sotim Ulughzoda, assistant of the department of history and intercultural communication. Address: 17/6 Muhammadiev str., Dushanbe, Tajikistan. Phone: 988255820; e-mail: gmirsaidova@internet.ru*

ТДУ: 902.7

МОҲИЯТИ ТАЪРИХИИ ШАҲР ВА ШАҲРДОРИИ ҲИРОТ ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ҲУНАРҲОИ МИЛЛӢ (АСРИ XIV-XV)

Низомов А., Ахмедов З.Ш.
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ шаҳри Ҳирот яке аз марказҳои кадимтарини фарҳангӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба шумор меравад, номи қадимии ин шаҳр аслан “Орӣ ё Арӣ” буда, баъдан бо мурури замон ва гардиши айём ба “Ҳарӣ” табдил ёфтааст. Онро ақвоми қадими ориёӣ пас аз ҳиҷрат ба эронзамин дар соҳили Орирӯд (Ҳарирӯд) бунёд карда будаанд, ки минбаъд пойтахти давлати Ориён гардид [1].

Дар тавсифи шаҳри Ҳирот навиштаанд, ки он аз қадимулайём яке аз шаҳрҳои бузурги билоди Хуросон аст ва ҳанӯз дар асрҳои V-VI ҳиҷрӣ макони басо ободе ба шумор мерафтааст, ки баъдан бо дасти чингизиён хеле хароб гардидааст[1].

Яъне Ҳирот аз қадимулайём яке аз шаҳрҳои ободу зебо ва сернуфузи сарзамини Хуросон ба шумор мерафт ва дар тӯли мавҷудияташ ҳодиса ва фоҷиъаҳои зиёдеро аз сар гузаронидааст. Масалан, маълум аст, ки соли 1221 милодӣ ин шаҳр дар қатори дигар шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон мавриди ҳамлаи лашкари муғул қарор гирифта, мардуми он далерона бо чингизиён ҷангиданд, вале дар натиҷаи нобаробарии қувваҳо оқибат шикаст хӯрданд.

Оид ба анъанаҳои шаҳрдорӣ – дар Ҳироти охири асри XIV аввали асри XV қайд намудан зарур аст, ки Ҳирот воқеан ба маънои аслиаш ҳамчун шаҳри бузург (мисли Риму Димишқ ё худ Балху Бухоро) мавҷудият доштааст.

Аз назари илми фарҳангшиносӣ ва аз таърихи шаҳрдорӣ дар олам аниқ гардидааст, ки бунёди шаҳр ҳамчун ниҳоди хоси иҷтимоӣ пайваста ба рушди илму маориф, иқтисодиёту тиҷорат, тараққии анвои ҳунарҳо вазифаи бузургеро анҷом додааст. Маҳз ҳамин намуд сифатҳои шаҳр, ки маъмулан дар он қишрҳои гуногуни мардум, қавму миллатҳои мухталиф, ҳунармандону тоҷирон, олимону шоирон, хаттотон якҷоя умр ба сар мебурданд, дар натиҷаи ба вуҷуд оварда шудани бозори рақобат, табдили бору амволи гуногун ба рушди кулли соҳаҳои зиндагии мардум сабаб мешуданд. Маълум аст, ки истилоҳи “мадина” (аз ҳамин ҷо инчунин “маданият”) аз арабӣ ба маънои ифодаи шаҳр омадааст.

Дар шаҳрҳои бузург одатан мафкураи табақаҳои миёнаи шаҳрнишинон, ки маҳз онҳо истеъмолкунандаи намунаҳои ҳунар ба шумор мерафтанд, бо роҳи инкишофи завқи бадеӣ, боло рафтани дараҷаи зеҳнӣ ва дорои имкониятҳои баҳодиҳӣ ба намунаҳои осори бадеӣ (шеъру мусиқӣ, кандакориву наққошӣ ва ғ.) сатҳи рақобатро дар ҳамаи соҳаҳо таъмин мекарданд.

Дар Ҳирот низ маъмулан як намуд «низоми доираи ҳунармандон» мавҷуд буд, ки онро асосан косибон ташкил мекарданд. Яъне маълум мегардад, ки дар асрҳои XIV-XV дар ду пойтахти давлати Темурӣ - Самарқанд ва Ҳирот кулли анвои ҳунарҳо – наққошӣ, мусиқӣ, меъморӣ, хаттотӣ ва ғ. ба авҷи олии худ расида буд.

Биноҳои мадрасаву масоҷид, мақбараҳои то замони мо расидаи он давра дар бораи комёбиҳои бузурги санъати меъморӣ ва ороишгарии он давра шаҳодат медиҳанд.

Яке аз хусусиятҳои санъати меъмории он давра пеш аз ҳама тамоюли ҳашаматхохӣ ва таҷаммулписандӣ ба шумор мерафт. Дар санъати тасвирӣ бештар инъикоси нафиси наботот, хатҳои пурпечутоби ҳандасӣ, рангҳои асили табиӣ (аксаран, гаммаи рангҳои кабуду сафеду нилобӣ), тарҳи аҷиби луоби нилгун истифода мешуданд. Гуфтан зарур аст, ки ҳамин гуна ҳашамат ва бузургманишӣ хоси табиии фарҳанги замон буд ва албатта ҳамаи ин ба ҷониби қудратии сарварони замон равона шуда буд.

Ҳамаи ин бешубҳа ба анвои дигари ҳунарҳо – мусиқӣ, сароядагӣ, хаттотӣ, китобдорӣ таъсири бевосита мерасонид ва дар мазмуну мундариҷаи асарҳои санъат айнан ҳамин минвол ҳашаматпарастӣ ворид мешуд.

Маълум аст, ки шаҳри Ҳирот махсусан дар давраи ҳукмронии Султон Ҳусайни Бойқаро (1469-1506) ба яке аз марказҳои бузурги тамаддун ва фарҳангии замон табдил ёфт ва албатта бояд эътироф намуд, ки дар рушди фарҳанг ва ободии маърифати Ҳирот ва минтақаи атрофи он саҳми таърихии Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ва шоир Алишер Навоӣ хеле бузург аст [2].

Минбаъд шаҳри Ҳирот дар сояи маърифатпарварии ин ду шахсияти бузург ба маркази илмиву фарҳангӣ ва адабии на танҳо Хуросону Мовароуннаҳр, балки тамоми манотиқи атроф мубаддал гардид. Муҳим аст, зикр намоем, ки аз ҳамин давра ба дарбори сарварони Ҳирот ҳазорон нафар донишмандони машҳур, меъморон, мусиқишиносон, рассомон, наққошон, хушнависон, заргарон, саҳҳофон аз Мовароуннаҳр, Хуросон, Форс, Ироқ, Қафқоз, Ҳиндустон даъват мешуданд ва муддатҳои дароз дар ҳамин шаҳр зиндагӣ ва эҷод менамуданд.

Рушди илму ҳунар дар Ҳирот албатта ҳанӯз аз замони Шоҳрух низ ба назар мерасид, вале бояд эътироф намуд, ки маҳз дар нимаи дувуми асри XV, яъне дар айёми ҳукмронии Султон Ҳусайн Бойқаро (1469–1506) Ҳирот аз нав ба яке аз калонтарин марказҳои илму маърифат дар минтақаи бузурги Хуросон табдил ёфт.

Хурӯши бемислу монанди иҷтимоӣ, рушди тиҷорат, сохтмони мадрасаҳои нав сабаб шуданд, ки ба Ҳирот аз тамоми гӯшаву канорҳои Мовароуннаҳр ва Хуросон беҳтарин ҳунармандон, шоирону донишмандон, ходимони варзидаи соҳаҳои гуногуни илму санъат сафар карданд ва макони зисти худро интихоб намуданд.

Чунин авҷи рушди соҳаҳои шаҳрдорӣ (савдо, таълим дар мадрасаҳо, рушди китобдорӣ, хаттотӣ ва ғ.) самараи хуб нишон дод ва дар андак муддат Ҳирот воқеан ба маркази бузурги маданӣ (шояд чун вориси Самарқанду Бухоро) ва макони баргузории чорабиниҳои бонуфузи илмиву фарҳангӣ мубаддал шуд.

Маълум аст, ки сарварии ин давраи рушду такомули маърифатро дар Ҳирот бузургтарин шахсиятҳои давр орифи бузург, шоир ва мутафаккир Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ (1414-1492) ва ҳамчунин Мир Алишер Навоӣ (вазири вақти Султон Ҳусайни Бойқаро) бар ӯҳда доштанд. Мавлоно Ҷомӣ, ки худ аслан аз деҳаи Ҷом, наздикии Нишопур буд, дар Ҳирот таҳсил намуда, минбаъд фаъолияти илмӣ ва адабиашро маҳз дар ҳамин шаҳр идома додааст. Аз тарҷимаи ҳоли Мавлоно Ҷомӣ маълум аст, ки ӯ дар ин муддат якчанд маротиба ба Самарқанд барои идомаи таҳсил сафар кардааст.

Дар мазмуни аксари асарҳои Мавлоно асосан ғояҳои инсониятпарварона мавриди таҳлили бадеӣ қарор гирифтааст. Фарзанди барӯманди Ҳирот Мавлоно Ҷомӣ шояд аз таассуроти сафарҳояш ба Самарқанд ҳамеша дар нияти он буд, ки Ҳиротро чун маркази бузурги фарҳангӣ бинад. Барои ҳамин ҳам ӯ бо истифода аз маълумоти уламои пешина (Абунасри Форобӣ, Шайх Низомии Ганҷавӣ ва диг.) барои рушду нумуи Ҳирот, тарбияи насли нави эҷодкорон (шоирону олимон) заҳмати бисёр кашидааст [3].

Дар асри XV махсусан санъати хаттотӣ ва китобсозӣ ривоҷ намуд. Ин равияи ҳунари олӣ ба рушди илму ҳунари мусиқӣ низ бетаъсир намондааст, зеро дар ҳамин давра Камолиддин Биноӣ, шоир, мусиқидон, хаттот ва меъмори бузурги тоҷик, ки аз ҷумла ба омӯхтани илми мусиқӣ рағбати калон дошт, рисолаи маъруфи хешро оид ба назарияи Дувоздаҳмақом бо хати зебои худаш таълиф намудааст.

Дар масъалаи ҷалби аҳли ҳунарҳои зебо ва ашхоси шуҳратманд ягон шаҳр баробари Ҳирот қарор надошт. Дар нимаи аввали асри XV дар Ҳирот - Бойсунқар (бародари Улуғбек) ба сифати шахсияти маъруфи замон, қадршинос ва ҳомии илму маърифат ном бароварда буд. Ӯ дар дарбораш китобхонае бунёд карда, онро ба махзани маърифат ва коргоҳи аҳли илм табдил дод. Айнан дар ҳамин китобхона беҳтарин наққошон (миниётурсозҳо), хаттотон ва саҳҳофон самаранок фаолият мекарданд.

Мактаби хеле бузурги миниётурсозии Ҳирот дар нимаи дуюми асри XV тавассути теъдоди хеле калони аҳли ҳунари наққошӣ ба авҷи тараққиёти худ расид. Дар байни онҳо Камолиддини Беҳзод (тав. байни солҳои 1450-1460 - ваф. соли 1536/37) мақоми бузург дошт ва мероси хеле ғании ҳунарӣ боқӣ гузоштааст. Дар муҳтавои санъати миниатюра дар

баробари тасвири саҳнаҳои таърихӣ, симоҳои бузургони замон, наққошон ҳамеша ба инъикоси созҳои мусиқӣ, даврaҳои ҳунармандон (ансамблҳо иборат аз иҷрокунандагони созҳои гуногун) таваҷҷуҳ зоҳир менамуданд.

Чуноне ки болотар зикр гардид, дар шаҳри Ҳирот расми хеле наҷиби ҷалб ва тарбия намудани истеъдодҳои ҷавон ҷорӣ гардида буд. Масалан, маълум аст, ки яке аз чеҳраҳои маъруфи он давр - Мираки Наққош замоне аз қобилияти фавқулодаи Камолиддин Беҳзоди ҷавон огоҳ шуда, минбаъд ӯро сарпарастӣ мекунад.

Дар тарбия ва ба воя расонидани Беҳзод ҳамчунин шоири бузург Алишер Навоӣ низ ғамхор ва мададгор гардида, барои рушду такомули истеъдодаш имкониятҳои зарурӣ фароҳам овардааст. Минбаъд шогирди меҳрубон ҷавобан ба ин ғамхориҳо дар осораш нахустин шуда симоҳои Навоӣ ва Ҷомиро тасвир намудааст.

Яке аз омилҳои хеле муҳимми ба сатҳи баланд расидани илму ҳунар дар Ҳирот албатта таваҷҷуҳи хосаи давлатдорон ва фароҳам овардани шароити мусоид барои илмомӯзӣ буд. Нахуст бояд ёдовар гардид, ки дар ин давра дар сохтори девондории дарбори Ҳусайн Бойқаро бузургтарин дар минтақа китобхонаи дорои ҳазорҳо нусха китобҳои нодир бунёд мегардад ва тибқи маълумотҳо ӯ ба якборагӣ барои таҳсили беш аз даҳ ҳазор толибилмони ҷавон аз минтақаҳои атрофи Ҳирот сарпарастии моддӣ ва маънавиро ба уҳда мегирад.

Баъдан, дар нимаи дуюми аср Алишер Навоӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, ки маслиҳатгари асосии Султон Ҳусайн Бойқаро маҳсуб меёфтанд, бо ҳар роҳ ба дарбор соҳибистеъдодҳо – шоирону олимон, мусиқачиёну сарояндагонро бо ҳидояти хеш ба дарбор ҷалб менамуданд ва ба онҳо мадади ҳамаҷониба мерасониданд.

Маълум аст, ки дар нимаи аввали асри XV давлатдории темуриён ба ду бахш тақсим гардид, яъне яке дар Ҳирот (Хуросону Мовароуннаҳр) таҳти сарварии Шоҳрух ва дуввумӣ дар Самарқанд таҳти сарварии набераи Темур Улуғбек.

Тавре зикр гардид, маҳз дар ҳамин шаҳрҳои бузург, ки воқеан ба маркази илму маърифат табдил ёфта буданд, минбаъд анвои мухталифи ҳунарҳои зебо аз қабили наққошӣ, меъморӣ, саҳҳофӣ, мусиқӣ, хаттотӣ ба дараҷаи олӣ ривоҷу равнақ меёбанд.

Бино ба ахбори муаррих, сафири испонӣ Гонзалес де Клавихо, мисли расми маъмулии ҳамаи дарборҳои бузург, дар Ҳирот низ нақши муғанниён, сарояндагону мутрибон дар айёми баргузории маросимҳои давлатӣ, меҳмондориҳои ҳоким, умуман дар ташкили расми фароғати аҳли дарбор хеле назаррас буд.

Масалан Клавихо Гонзалес менависад: «Дар раҷаи (ҳамоиш, сафкашии) бошукӯҳе, ки пас аз бозгашти Темур ба Самарқанд аз юриши ҳафтсола баргузор карда шуда буд, дар сафи пеш аввалин шуда санъатгарон ва ҳунармандон бо асбоб ва абзорҳои худ қарор доштанд. Сипас машоих ва уламо ва судур ва қуззот ва асҳоби мазҳаб меомаданд...»[4, с. 12]

Дар ҷойи дигар оид ба баргузории тӯйи арӯсӣ Клавихо зикр намудааст, ки: «Дар маҷлиси сурӣ, ки шоҳзода хонум Хонзода, ҳамсари Мироншоҳ ба ифтихори арусии яке аз бастагони худ ва Темур тартиб дода буд, гурӯҳе аз сурудхонон, ки ҳамроҳи хондан бо олоти мусиқӣ оҳанг менавохтанд, ҳозир буданд»[5, с. 261].

Ин ва дигар ахбори таърихӣ далели онанд, ки воқеан ҳунари мусиқӣ, ширкати муғанниёну мутрибон, соатҳои дароз ҳунарнамоӣ намудани онҳо дар маҷлисҳои хосаи дарбор маҳз аз нуфузи бемайлони санъат ва эҳтироми ҷомеа ба намудҳои ҳунарҳои зебо дарак медиҳанд. Ин маврид бояд ёдовар гардид, ки ҳамаи ин амалҳо дар замоне рух медоданд, ки мусиқӣ, истифодаи созҳои мусиқӣ, расми гӯш кардани мусиқӣ аслан дар зери танқиди аҳли фатво қарор гирифта буд, яъне дар он давра ҳам дар қавоиди шариат мусиқӣ гӯё манъ гардида буд.

Қатъи назар аз ин ҳолат чи дар сатҳи дарбор ва чи дар байни мардуми одӣ суруду мусиқӣ ҷойгоҳи худро ҳифз менамуд, ҳунармандон обрӯ ва нуфузи балнд доштанд, хусусан мусиқии навъи дувоздаҳмақом рушду нумуъ пайдо карда буд.

Ҳамин буд, ки бо фатвои орифони замон Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишер Навоӣ аҳли маърифат ба илми мусиқӣ низ майлу рағбат пайдо карданд. Дар ҳамин

давра шахсан Мавлоно Ҷомӣ ба таълифи рисолаи махсус доир ба илми мусиқӣ шуруъ намуд, Алишер Навоӣ, ки худаш ҳамчунин мусиқидон ва навозанда, ҳатто бастакор буд, оҳангҳо эҷод мекард [6].

Камолиддин Биноӣ низ рисолаи махсусеро оид ба илми мусиқӣ навишта, онро бо ҳунари хаттотии худ оро дод. Андаке қабл муаллифони дигар, аз ҷумла Маҳмуд Ҳусайнӣ бо истифода аз маълумоти хеле фарохи таърихӣ доир ба рушди илму амали мусиқӣ дар манотиқи атроф рисолаи мусиқии хешро "Қонуни илмӣ ва амалии мусиқӣ" номгузорӣ кард. Яъне маълум мегардад, ки дар баробари рушди мусиқӣ ҳамчун намуди ҳунари ирфонӣ, олимони Ҳирот рӯ ба таҳқиқи нозукиҳои назариявии мусиқӣ оварда, бо ҳамин дар байни аҳли ҳунар мусиқиро ба сифати бузургтарин омили тарбияи инсон муаррифӣ намуданд [7].

Дар замони ҳукмронии Темуриён ба шаҳри Ҳирот бо даъвати бевоситаи Султон Ҳусайн Бойқаро теъдоди беандоза зиёди олимону шоирон, ҳунармандону косибон, аз ҷумла аҳли ҳунари мусиқӣ – сарояндагону мутрибон ҷалб гардида буданд.

Масалан, бино ба маълумоти Зайниддин Восифӣ дар баробари бузургони шеъру адаб ба мисоли Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Мир Алишери Навоӣ, Мавлоно Биноӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Мавлоно Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Мавлоно Наргисӣ, Камолиддини Беҳзод, Хоҷа Маҷудуддини Вазир, Мавлоно Алии Сафӣ, Мавлоно Мирхонд, Мавлоно Сайфии Бухорӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ ва дигарон дар шаҳри Ҳирот Ҳофиз Басир, Ҳофиз Мир, Ҳофиз Ҳасан Алӣ, Ҳофиз Ҷомӣ, Ҳофиз Султон, Маҳмуди Айшӣ, Шоҳмуҳаммади Хонанда, Ҳофиз Турбатӣ ва Ҳофиз Чароғдон, ҳамчунин Ҳасани Нойӣ, Устод Қулмуҳаммади Удӣ, Устод Ҳасани Балабонӣ, Устод Алии Хонақоҳӣ, Устод Муҳаммадӣ, Устод Аҳмади Ғиҷҷакӣ ва Устод Алии Танбӯрӣ зиндагӣ ва эҷод мекарданд, даъват шуда буданд [8, с. 57].

Хушбахтона, доир ба вазъи ҳаёти фарҳангӣ, аз ҷумла мусиқии он давра маълумоти хеле зиёди таърихӣ дастраси замони мо гардидаанд.

Масалан, дар бисёре аз сарчашмаҳои хаттӣ, аз ҷумла дар ёддоштҳои Зайниддин Маҳмуди Восифӣ (Бадоеъ-ул-вақоеъ) оид ба ҳаёту фаолияти эҷодӣ ва набзи фарҳангии давра маълумоти хеле аҷоиб ва шавқовар зикр ёфтаанд. Восифӣ оид ба шахсияти шоирону навозандагон, вазъи иҷтимоии замон, рӯҳияи вазнини мардуми одӣ, қисмати хароби иддаи хеле зиёди ҳунармандони берун аз доираи дарбор қиссаҳои зиёд нақл намудааст.

Маълум аст, ки иддаи хеле ками онҳо шоири касбӣ буданд ва аксарашон танҳо як намуд дилбастагии шахсӣ дар баробари ҳунарҳои адабӣ дошта, танҳо ҳунари хеш ва айёми фароғати худро ба шеъру сурудхонӣ сарф мекарданд.

Дар Ҳирот расм чунин буд, ки аҳли ҳунар бештар шоирон, навозандагон ва базлагӯён на танҳо дар маҷлисҳои дарбор, балки асосан дар паҳлуи дуконҳои саҳҳофӣ ва китобфурӯшӣ ё худ дар коргоҳи ин ё он косибон, дар майдону бозорҳои шаҳр маҷлисҳои шеъру сурудхонӣ ва мушоираҳо баргузор мекарданд. Таърихан аниқ аст, ки айнан ҳамин гуна маҳфилҳои адабӣ ва ҳунарӣ дар шаҳрҳои дигари давлати темуриён, масалан дар Самарқанд низ барпо карда мешуданд.

Аз маълумоти дар боло зикр гардида аён мешавад, ки шаҳри Ҳирот воқеан дар асрҳои XIV-XV ба яке аз марказҳои бузургтарини минтақа табдил ёфта, аҳолии он, аҳли ҳунар, давлатдорон, косибон, шоирон ва олимони он дар рушди фарҳанги давраи худ саҳми хеле бузург гузоштаанд.

Масалан, дар нимаи аввали асри XV яке аз мусиқидонони маъруфи тоҷик Абдулқодир Мароғай дар рисолаи машҳури хеш "Мақосид-ул-алҳон" доираи комили назарияи мусиқӣ ва маълумоти дақиқеро оид ба ҳаёти фарҳангии Самарқанду Бухоро фароҳам овардааст.

Назари муҳаққиқонаи Мароғай оид ба хусусиятҳои низоми Дувоздаҳмақом, ки муаллиф онро бо тасвири расмҳои аниқ ва нақшаҳои дақиқи руйи қоғаз овардааш исбот намудааст, минбаъд барои аҳли ҳунар, эҷодкорони суруду мусиқӣ ҳамчун дастурамал хизмат намудааст.

Бояд зикр намуд, ки дар рисолаҳои мусиқии Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Камолиддин Биноӣ ишорае ба матни Мароғай мавҷуд нест, вале ба ҳар ҳол мо метавонем, тахмин созем, ки ақидаҳои илмии Мароғай ба мазмуну муҳтавои осори Ҷомӣ низ бетаъсир набудааст [9].

Масъалаи дигаре, ки маҳз ба замони рушди санъати мусиқӣ ва сарояндагӣ дар Ҳирот иртибот дорад, ин пайдо шудан, аниқтараш хеле устувор гардидани суннатҳои "зуллисонайн" (дузабонӣ) дар олами мусиқӣ мебошад. Мароғай чандин карат нақл намудааст, ки аҳли ҳунар дар назди ҳокимони туркзабон баъзан кӯшиш мекарданд, ки якчанд таронаҳоро ҳатман ба забони туркӣ сароянд.

Ин расм дар Самарқанд маъруф буд, вале андаке баъд дар Ҳирот, пас аз таълифи иддаи хеле зиёди ғазалҳои туркӣ аз ҷониби Алишер Навоӣ (бештари онҳо айнан дар қолаби баҳрҳои маъмулии ғазалиёти форсӣ-тоҷикӣ, хусусан ҳазаҷ ва рамал буданд), доираи иҷрои оҳангҳои Дувоздаҳмақом хеле васеъ мегардад.

Яъне дар замоне, ки дар сатҳи баланди давлатдорӣ намояндагони туркзабон соҳиби қудрат гардида буданд, бечунучаро дар доираи мундариҷоти намунаҳои назму мусиқӣ тағйироти муайян ҳамчун зарурати замон ворид мегардад.

Зиёда аз ин, маҳз дар ҳамин давра дар доираи иҷрогарии оҳангҳои Дувоздаҳмақом дар баробари ашъори тоҷикӣ, туркӣ ҳамчунин матнҳои арабӣ ва ҳатто ҳиндӣ низ истифода карда мешудаанд.

Яъне маълум мешавад, ки дар паҳнои олами атроф - ҳудуди Осиёи Миёна, Афғонистон, Эрон, Озарбойҷон, мамолики араб (Ироқ, Мағриб) ва Ҳиндустон, ҷараёни хеле муҳими таърихии таъсиррасонии тамаддунҳо оғоз мегардад. Мусиқии тоҷикӣ тавассути садҳо корвонҳои тиҷоративу фарҳангӣ ба нимҷазираи Араб, ба Алҷазоиру Марокаш ворид мегардад[7].

Дар самти дигар суннатҳои бойи мусиқии Ҳирот бо дасту ҳунари намояндагони манотиқи ҳамсоя минбаъд ба рушди ҳунари мақомсароӣ дар Фарғонаву Тошканд, Самарқанду Бухоро ва Хуҷандшаҳр низ таъсири беандоза бузург расонидааст. Дар ин хусус масалан, Дарвешалӣ Чангии Бухороӣ дар рисолаи "Туҳфат-ус-сурур" зикр намудааст[10].

Хулоса, муайян гардид, ки тамаддуни Ҳирот, аз ҷумла рушди хеле баланди ҳунарҳои зебо – мусиқӣ, меъморӣ, хаттотӣ, мутрибӣ, инчунин таълифоти ба илми мусиқӣ бахшидаи орифони Ҳирот -Абдурраҳмони Ҷомӣ, Камолиддин Биноӣ, инчунин шоири маъруфи ӯзбек Алишер Навоӣ дар таърихи рушду нумуи ҳунар дар Мовароуннаҳр ва Хуросон нақши хеле бузург доштааст.

Муқарриз: Миракзода Ф.Ю., н.и.т., дотсент

Руйхати адабиёт:

1. Халилуллоҳи, Х. Осори Ҳирот. Чопи сангӣ, 1309 ҳиҷрии шамсӣ.
2. Афсаҳзод, А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуввуми асри XV. – Душанбе: Дониш, 1987. - 262 с.
3. Айнӣ, С. Восифӣ ва хулосаи Бадоеъ-ул-вақоеъ. – Душанбе: Ирфон, 1977. - 162 с.
4. Иқтибос аз китоби Эҳсон Ёршотир «Шеъри форсӣ дар аҳди Шоҳрух».
5. Сафарномаи Клавихо. Тарҷимаи Масъуд Раҷабниё, Теҳрон, 1371.
6. Каримова, З.Г. Навои в муыке. – Ташкент: 1988, 143 с.
7. Низомов, А. Таърихи мусиқии тоҷик. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2014. – 382 с.
8. Зайнуддин Маҳмуди Восифӣ. Бадоеъ-ул-вақоеъ. – Душанбе: Адиб, 2017. - 479 с.
9. Мароғай, А. "Мақосид-ул-алҳон" / Таҳия ва нашри Тақӣ Бинеш. - Теҳрон, 1344)
10. Дарвешалии Чангӣ. "Туҳфат-ус-сурур". (Рисолаи мусиқӣ). - Душанбе. – 2022. – 197 с.

МОҲИЯТИ ТАЪРИХИИ ШАҲР ВА ШАҲРДОРИИ ҲИРОТ ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ҲУНАРҲОИ МИЛЛӢ (АСРИ XIV-XV)

Дар мақола муаллиф моҳияти таърихии шаҳр ва шаҳрдории Ҳирот дар ташаккул ва рушди ҳунарҳои миллии асрҳои XIV-XV аз ҷумла мусиқиро таҳлилу баррасӣ намуда, ҳамчунин вазъи рушду ривоҷи ҳунарҳои зебо: наққошӣ, хаттотӣ, саҳҳофӣ ва мусиқии ҳирфавии тоҷикро шарҳ додааст.

Аз муҳтавои мақола аён мешавад, ки шаҳри Ҳирот воқеан дар асрҳои XIV-XV ба яке аз марказҳои бузургтарини минтақа табдил ёфта, аҳолии он, аҳли ҳунар, давлатдорон, косибон, шоирон ва олимони он дар рушди фарҳанги даврои худ саҳми хеле бузург гузоштаанд. Ин ва дигар ахбори

таърихӣ далели онанд, ки воқеан ҳунари мусиқӣ, ширкати муғанниёну мутрибон, соатҳои дароз ҳунарнамоӣ намудани онҳо дар маҷлисҳои хосаи дарбор маҳз аз нуфузи бемайлони санъат ва эҳтироми ҷомеа ба намудҳои ҳунарҳои зебо дарак медиҳанд.

Калидвожаҳо: *Ориён, Ҳичрӣ, Мовароуннаҳр, Хуросон, Димишқ, Балх, Бухоро, Шаҳрисабз, Самарқанд, Қафқоз, Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишер Навоӣ, Султон Ҳусайни Бойқаро, Камолиддини Беҳзод, Мираки Наққош, Хонзода, Дувоздаҳмақом, Мароғаӣ, Камолиддин Биноӣ, Мағриб, Хуҷанд.*

ИСТОРИЧЕСКАЯ СУЩНОСТЬ И МУНИЦИПАЛИТЕТ ГЕРАТА В СТАНОВЛЕНИИ И РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНЫХ РЕМЁСЕЛ (XIV-XV ВЕКА)

В статье рассматривается историческая роль и вклад крупнейшего средневекового города Герата в становлении и развитии многих видов народных ремесел, книжного дела, музыки, поэзии, а также анализируется социальное состояние городского общества, бытование многих форм культурной деятельности, проведение фестивалей песен и музыки.

Из содержания статьи можно сделать вывод о том, что город Герат становится в XIV-XV веках одним из крупнейших культурных и административных центров региона, а его население - художники, государственные деятели, ремесленники, поэты и ученые внесли большой вклад в развитие культуры и музыкального искусства своего времени. Эти и другие исторические факты доказывают, что музыкальное искусство, компания певцов и их многочисленные выступления на специальных фестивалях и народных праздниках являются доказательством непрекращающегося влияния искусства.

Ключевые слова: *Ориан, Хиджра, Моваруннахр, Хорасан, Дамаск, Балх, Бухара, Шахрисабз, Самарканд, Кафказ, Нуриддин Абдуррахмани Джами, Алишер Навои, Султан Хоссейни Бойкаро, Камолиддин Бехзод, Мираки Наккош, Ханзода, Дувоздахмаком, Марогаи, Камолиддин Бинои, Магриб, Худжанд.*

THE HISTORICAL ESSENCE OF THE CITY AND THE MUNICIPALITY OF HERAT IN THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF NATIONAL CRAFTS (XIV-XV CENTURIES)

In the article, the author analyzed and considered the historical essence of the Herat city and the city administration of in the formation and development of national crafts of the XIV-XV centuries, and at the same time explained the state of development and development of beautiful crafts, including professional Tajik music. From the above-mentioned information, it is clear that the city of Herat became one of the largest centers of the region in the 14th-15th centuries, and its population, artists, statesmen, artisans, poets and scientists made a great contribution to the development of the culture of their time. These and other historical facts prove that the art of music, the company of singers and singers, their long hours of performance in special court gatherings are proof of the unceasing influence of art and society's respect for beautiful arts.

Key words: *Orian, Hijri, Movarunnahr, Khorasan, Damascus, Balkh, Bukhara, Shahrisabz, Samarkand, Kafkaz, Nuriddin Abdurrahmani Jami, Alisher Navoi, Sultan Hosseini Boykaro, Kamoliddin Behzod, Miraki Naqqosh, Khanzoda, Duvozdahmaqom, Marogai, Kamoliddin Binoi, Maghrib, Khujand.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Низомӣ Аслиддин, *Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои санъатшиносӣ, мудири шуъбаи санъатшиносӣ. Нишонӣ: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел.: (+992)934031950. E-mail: asnizamov@yandex.ru*

Ахмедов Зуҳриддин, *Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа. Сатторов, докторант (PhD). Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел: +992555559100. E-mail: zukhuriddinakhmed@yandex.ru*

Сведения об авторах: Низами Аслиддин*, Национальная академия наук Таджикистана, доктор искусствоведения, заведующий отделс искусствознания. Адрес: 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33. Тел. (+992934031950). E-mail: asnizamov@yandex.ru*

Ахмедов Зухриддин, *Таджикская национальная консерватория имени Талабхуджи Сатторова, докторант (PhD). Адрес: 734025, г. Душанбе, пр, Рудаки, 33. Тел.: (+992555559100). E-mail: zukhuriddinakhmed@yandex.ru*

Information about the authors: Nizami Asliddin, *National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Art History, Head of the Department of Art History. Address: 734025, Dushanbe, Rudaki Ave., 33. Tel. (+992934031950). E-mail: asnizamov@yandex.ru*

Akhmedov Zuhriddin, *Tajik National Conservatory named after Talabhudzhi Sattorov, doctoral student (PhD). Address: 734025, Dushanbe, 33 Rudaki Ave. Tel.: (+992555559100). E-mail: zukhuriddinakhmed@yandex.ru*

ТДУ: 78.072 (575.3)

РУШДИ МУСИҚИИ ПОЛИФОНИИ ТОҶИК ДАР АСРҲОИ XX-XXI

Убайдзода Б.А.
Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов

Дар мусиқии академии тоҷик асарҳо дар жанрҳои алоҳидаи полифонӣ – *фуга, инвенсия, пассакалия, канон, фугетта, фугато* хеле зиёданд. Жанрҳои алоҳидаи полифонӣ аллакай дар осори композиторони наслҳои аввал мушоҳида мешаванд. Байни композиторони тоҷик қариб композиторе нест, ки ба ягон жанри полифонӣ рӯ наоварда бошад. Дар миёни композиторони тоҷик Александр Ленский (1910-1978), Шарофиддин Сайфиддинов (1929-2014), Дамир Дӯстмуҳаммадов (1941-2003) ва Аъзам Солиев (1941-2013) дар осори худ бештар ба полифония таваҷҷӯҳ додаанд. Аз ҷумла, Александр Ленский – панҷ фуга [7, с. 96], Шарофиддин Сайфиддинов – нӯҳ фуга [16, с. 3], Дамир Дӯстмуҳаммадов – панҷ фуга [16, с. 48], ду триову се миниатюраи полифонӣ (бо сохтори имитатсионӣ), Аъзам Солиев – ҳафт фуга [16, с. 63], як триои полифонӣ (бо сохтори имитатсионӣ) ва Фирӯз Баҳор «24 прелюдия ва фуга» ва дигарон доранд.

Аввалин фугаҳои тоҷикро таҳти унвони «*Ду прелюдия ва фуга дар асоси оҳангҳои халқии тоҷикӣ*» соли 1940 Александр Ленский навиштааст [8]. Ин шояд нахустин талқиноти ҳамҷояшавии мустақили мусиқии халқии тоҷик бо полифония бошад.

Байни композиторони Тоҷикистон Фирӯз Баҳор композиторест, ки яке аз услубҳои эҷоди худро полифония интихоб кардааст. Ф. Баҳор қариб дар тамоми асарҳои худ баёни полифониро аслан истифода мебарад. Муҳаққиқ В. Задератский полифонияро ҳамчун «Санъати оҳангӣ» муайян мекунад [6, с. 95]. Фуга «жанре, ки дар худ ғановатмандии кулли полифонияро дар бар гирифтааст» [15, с. 975] аз мадди назари ин композитор дур буда наметавонист. Ӯ дорои асарҳои сершумори полифонист, аз ҷумла, пйесаҳои полифонии «*Дар кӯҳи баланд*», [17, с. 9] «*Канон*», [17, с. 10] «*Мусоҳиба*»; силсилаҳои хурди алоҳида чун прелюдия ва фуга D-dur, «Прелюдия ва Lento» барои оркестри камеравӣ, прелюдия ва фуга E-dur ва дигарон аст. Илова бар ин, Фирӯз Баҳор барои кӯдакон пйесаҳои дорои техникаи полифонӣ бо унвони маҷмуаи «*Пйесаҳо барои Зӯҳро*» навиштааст [14]. Ӯ фугаро дӯст медошт. Дар таърихи ташаккули фуга нақши калонро кансона, речеркар, капричио ва фантазия бозидаанд. Мусиқишиносон қайд мекунанд, ки «дар мавридҳои зиёд композиторон дар ҷустуҷӯйи имкониятҳои семантикии истифода нашуда буда, онро бо мазмуни лаҳнӣ-гармонии ғайри суннатӣ пур мекунанд» [15, с. 988]. Дар умум, полифонияи композитор Фирӯз Баҳор шунавандагони синну соли хурд, миёна ва калонро фарогир аст. Тавре, ки мусиқишиноси маъруфи рус А.Н. Серов қайд мекунад «полифонияро ба маънои том ба воситаи якҷояшавии гармонии якчанд оҳанги ҳамзамон садодиҳанда фаҳмидан мумкин аст. Дар нутқи муқаррарӣ ҳамҷоя сухан гуфтани якчанд кас имконнопазир аст. Дар мусиқӣ ин муҷиза воқеист ва он яке аз хусусиятҳои эстетикии санъати мусиқиро ташкил медиҳанд» [12, с. 344]. «Полифония яке аз василаҳои муҳими композитсияи мусиқӣ ва ифодаи бадеист» [12, с. 344].

Ва ниҳоят Фирӯз Баҳор ягона композитори Тоҷикистон аст, ки эҷоди жанри бузургсилсилаи «*24 прелюдия ва фуга*»-ро ба ӯҳда гирифтааст.

Он дар асоси лаҳн, зарб ва оҳангҳои миллии тоҷикӣ эҷод шудааст. Мусиқишинос Л. Назарова ба мусиқии халқии мамолики шарқ таваҷҷуҳ зоҳир карданро яке аз хусусиятҳои услуби Ф. Баҳор мешуморад «Истифодаи рангҳои садои мусиқӣ, бидуни шак яке аз паҳлуҳои қавии лаёқати композитор Фирӯз Баҳор мебошад» [11, с. 40]. Ин силсила пайвандгари санъати мусиқии аврупоӣ ва санъати мусиқии тоҷикӣ мебошад. Зеро дар силсилаи «*24 прелюдия ва фуга*»-и Фирӯз Баҳор на танҳо суннатҳои мусиқии миллии тоҷикӣ (оҳанг, зарб, лаҳн), балки унсурҳои мусиқии *давраи Барокко* ва *давраи Модернӣ* низ устодона ворид шудааст. «Барои забони гармонӣ ба бисёр асарҳои Ф. Баҳор якҷояшавии политоналӣ хос аст» [4, с. 77]. «Дар асарҳои Ф. Баҳор зарби остинатӣ ҳамчун унсури драматургӣ ва сохторӣ, нақши муҳимро мебозад» [4, с. 77]. Тартиби сохтории ин силсилаи бузург аз рӯӣ давраи

квинтоӣ ба амал оварда шудааст. Ин силсилаи бузург аз соли 1985 то 2002 навишта шуда, таҳти эҷоди 38 қарор дорад [7, с. 47].

Фирӯз Баҳор ягона композитори тоҷик аст, ки пас аз 258 сол аз эҷоди силсилаи полифонии И.С. Бах (1744), соли 2002 «24 прелюдия ва фуга»-и худро навиштааст. Ин силсила ба асарҳои нодире шомил аст, ки симои мусиқии миллиро бениҳояд ифтихорманд гардонидааст.

Дар умум, Фирӯз Баҳор яке аз ду композитори Осиёи марказӣ аст, ки ба ин жанр рӯ овардааст. Муносибати ӯ ба полифония хеле самимист. Дар эҷодиёти Фирӯз Баҳор ин муносибат хеле равшан иникос ёфтааст. Зуҳуроти онро дар панҷ ифодаи эҷодии ӯ қайд кардан мумкин аст: жанр, услуби баён (фактура), унсури ифода, забони полифонӣ ва тафаккури полифонӣ. Чунин хусусиятҳои эҷодӣ ба ӯ имкон дод, ки ба жанри нодири «24 прелюдия ва фуга» рӯ оварад.

Таърихи ин жанр дар мусиқӣ хеле диққатҷалбкунанда аст. Аввалин бор ба ин жанр композитори олмонӣ И.С. Бах дар асри XVII рӯ овардааст. Маълум аст, ки ӯ силсилаи бузурги полифониро иборат аз «48 прелюдия ва фуга»-ро дар ду ҷилд (ҳар як ҷилд иборат аз «24 прелюдия ва фуга») зери унвони «Клавири хубтемператсияшуда» (*Das Wohltemperierte Clavier*) эҷод намудааст. Идомадиҳандагони силсилаҳои бузурги полифонии суннатӣ, ки ба талқиноти И.С. Бах пайравӣ кардаанд, дар мусиқии композиторӣ начандон зиёданд, аз ҷумла, силсилаи полифонии «48 прелюдия ва фуга»-и К. Черни (1830), «24 прелюдия ва фуга»-и В.П. Задератский (1937), «24 прелюдия ва фуга»-и Д.Д. Шостакович (1951), «24 прелюдия ва фуга»-и Р. Шедрин (1964), «24 прелюдия ва фуга»-и И. Еличёва (1970), «34 прелюдия и фуга»-и В. Бибик (1973), «24 прелюдия ва фуга»-и Г. Мушел (1975), «24 прелюдия ва фуга»-и К. Сорокин (1977), «24 прелюдия ва фуга»-и А. Флярковский (1992), «24 прелюдия ва фуга»-и С. Слонимский (1994), «24 прелюдия ва фуга»-и Н. Капустин (1996) ва «24 прелюдия ва фуга»-и Ф. Баҳор (2010).

Полифония дар асри XX даври тиллоии инкишофро аз сар гузаронид. Дар илми мусиқӣ силсилаҳои полифониро бо унвонҳои «силсилаи хурд» [9, с. 219] ва «силсилаҳои бузург» (Т. Ливанова) [9, с. 211] ном мегиранд. Дар эҷодиёти композиторон «силсилаи бузург» талқиноти гуногунро пайдо кардааст. Он силсилаҳое, ки дар пайравии талқиноти И.С. Бах офарида шудаанд, дар мусиқишиносӣ унвони шартии «силсилаҳои бузурги полифонии суннатӣ»-ро гирифтаанд. Силсилаҳоеро, ки дар он дигаргунсозӣ ва талқини нави сохторӣ дида мешавад, «силсилаҳои бузурги полифонии ғайрисуннатӣ» ном мебаранд. Аслан ин радабандӣ аз навъи силсилаи хурди полифонӣ бармеояд. Ду қисми силсила тибқи суннат ҳамон аст, ки дар худ прелюдия ва фугаро дар бар мегирад ва он силсилаи бузурги полифонии суннатӣ маҳсуб меёбад. Вале асоси силсилаи бузурги полифонии ғайрисуннатиро силсилаи хурди полифоние ташкил медиҳад, ки фантазия ва фуга, речитатив ва фуга ва амсоли онҳоро дар бар мегирад.

Дар заминаи силсилаҳои суннатии полифонӣ талқинҳои дигари эҷодӣ пайдо шудаанд, ки онҳоро метавон чӣ тавре, ки қайд кардем, шартан ба силсилаи бузурги ғайрисуннатӣ дохил намуд. Силсилаи бузурги ғайрисуннатӣ дорои якчанд хусусияти худ аст:

- дар силсила гарчанде жанри сирф полифонии фуга нигоҳ дошта шавад ҳам, лекин он бо жанрҳои дигари мусиқӣ, аз қабили речитатив, интерлюдия, фантазия ва ғайра ҳамҷоя силсиларо ташкил мекунад;
- теъдоди силсилаҳои хурд дар онҳо гуногунанд, аз ҷумла, 4, 5, 7 ва ғайра;

Асоси лаҳнӣ ва ҳатто тартиби лаҳнӣ дар силсилаҳои хурди полифонӣ бо системаи мажор-минор маҳдуд нест. Силсилаҳо на танҳо дар низоми мажору минор, балки дар сирф диатоника ва ё пентатоника низ офарида шудаанд.

Ба ақидаи санъатшиноси шинохтаи рус И.И. Васирук[3] ҷолибияти эҷоди силсилаи калон ин шарҳи тавоноии композитор аст, ки «мушкилоти рӯзмарраи ҷаҳонро дар эҷодиёташ инъикос карда, таърихан дарҷ мекунад» ва боз чунин мешуморад, ки «дар силсилаи калон, композитор имкони возеҳ кушодани мавзӯи эстетикиро дорад, ки онро хубтару пурра мекушояд» [2, с. 57]. Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз зиёд шудани таваҷҷуҳ ба полифония дар асри XX, пайдоиши силсилаи нави полифонӣ ҳамеша як воқеаи муҳим хоҳад монд, зеро он аз маҳорати композиторӣ, камолоти бадеӣ ва аз ҷиддӣ будани ниятҳои эҷодии композитор дарак медиҳад. Силсилаи полифонии «24 прелюдия ва фуга»-и композитори тоҷик, бе ягон шубҳа як падидаи нодир аст, ки на танҳо барои мусиқии тоҷик, балки барои мусиқии ҷаҳон, арзиши мубодилаи афкори мусиқӣ дорад. Тавоноии ин асари Фирӯз Баҳор дар он аст, ки ба ҷаҳониён сатҳи баланди тафаккури полифонии композитори тоҷикро нишон медиҳад.

Соли 2008 силсилаи полифонии «24 прелюдия ва фуга»-и Фирӯз Баҳор дар озмуни байналмилалии композиторон ба номи С.С. Прокофиев (Санкт-Петербург, Россия) сазовори ҷойи якум мегардад [3, с. 64]. Дар ибтидо композитори тоҷик Ф. Баҳор, «6 прелюдия ва фуга» менависад, ки дар шаҳри Москва аз ҷониби Н.И. Пейко ва А.И. Пирумов соли 1987 иҷро мешаванд. Пас аз иҷрои «6 прелюдия ва фуга», мунаққидони мусиқӣ иқдоми композиторро хуб пазируфта, ӯро таърифу таҳсин менамоянд. Муваффақияти ин консерт ба композитор илҳоми бузург бахшид ва ба эҷоди идомаи ин силсила баргардонид. Дар нимаи дуюми соли 1996 Фирӯз Баҳор бо оилаи худ ба Ҷумҳурии Федеративии Олмон кӯчид. Такмилдиҳии ниҳоии силсилаи «24 прелюдия ва фуга» аллакай дар Берлин ба итмом мерасад, «баъзе прелюдияҳо ва фугаҳо ихтисор мешаванд, баъзеҳо тағйир меёбанд» [3, с. 66].

Аз ибтидо «24 прелюдия ва фуга» чун силсила дар тафаккури композитор тавлид ёфта, «як барномаи консертиро ташкил мекард» [3, с. 117]. Вақти садодиҳии силсила аз аввал то охир дар барномаи Sibelius 90 дақиқаро фаро мегирад, ки дар ҳақиқат вақти як консерти том аст. Аммо консерт бахшида ба силсилаи полифонии «24 прелюдия ва фуга» ҳанӯз садо надодааст. Силсилаҳои хурди алоҳида аз ҷониби пианинонавозони дохилу хориҷ низ иҷро шудаанд. То озмуни композиторон ба номи С.С. Прокофиев аз ҷониби пианинонавоз В. Скориков дар моҳи майи соли 1988 дар III-Фестивали байналмилалии мусиқӣ дар толори Қасри Юсупов «6 прелюдия ва фуга» иҷро шуд. Соли 2008 дар озмуни байналмилалии композиторон ба номи С.С. Прокофиев (дар Санкт-Петербург, Россия) А. Ковалев танҳо панҷ прелюдия ва фугаро иҷро кард. Ин ҳам бошад прелюдия ва фугаи №5, 6, 8, 15 ва №24 мебошад. Дар толори Иттифоқи композиторони шаҳри Москва «6 прелюдия ва фуга»-ро Галина Ширинская соли 1986 иҷро намудааст, ки ба ақидаи муаллиф, аввалин иҷрокунанда аст. Соли 2018 бошад прелюдия ва фугаи d-moll (№24)-ро Убайдзода Бахтиёр аввалин маротиба дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон иҷро кард, ки ин ҳам имтиҳони хатм буд. Лек мутаассифона ҳанӯз силсилаи полифонии «24 прелюдия ва фуга» дар шакли пурра иҷро нашудааст.

Силсилаи «24 прелюдия ва фуга» яке аз намунаи омезиши усулҳои ғарбӣ ва шарқӣ ба ҳисоб рафта, пеш аз ҳама он назар ба сохтор дар оҳанг ва лаҳн зоҳир гардидааст. Асоси сохтори ҳар гуна силсила албатта лаҳн аст. Тибқи анъанаи силсилаи полифонии И. С. Бах, силсилаи полифонии Ф. Баҳор фарогири 24 лаҳн аст. Композитор Фирӯз Баҳор тартиботи лаҳнии онро дигар карда, дар даври квинтоӣ навиштааст. Дар ин тартибот, ҳар як лаҳни мажорӣ мувозии минорӣ дошта, лаҳнҳои диезӣ афзоишёбандаанд, лаҳнҳои бемолӣ бошад коҳишёбанда. Пеш аз Фирӯз Баҳор композиторон Д. Шостакович ва Р. Шедрин ва дигарон низ тартиботи давраи квинтоиро дар силсилаҳои полифонии худ истифода бурдаанд [5].

Хусусияти дигари силсила дар он аст, ки прелюдия ва фугаҳо дар фазои мусиқии миллии тоҷикӣ эҷод шудаанд. Ба монеаҳои сохтории яке аз мушкилтарин жанри силсилавӣ-полифонӣ нигоҳ накарда, Ф. Баҳор аз асоси мусиқии миллии тоҷик дур намеравад, зеро

[3] Васирук Ирина Ивановна – мутахассисӣ соҳаи полифоня, мусиқишинос, номзади илмҳои санъатшиносӣ (2008), аъзои Шурои таърих ва назарияи мусиқӣ, лауреати озмун дар миёни донишгоҳҳо барои беҳтарин китоби илмӣ (2012).

мусиқии миллӣ дар хуни ӯ ҷорист. Ин аст, ки силсилаи полифонии Ф. Баҳор дар байни силсилаҳои бузурги полифонии композиторони дигар, тафовут дорад.

Бояд қайд кард, ки ғояи якҷо кардани сохтори мусиқии аврупоӣ бо мусиқии миллӣ дар таҳияи силсилаи полифонӣ барои композитор тасодуфи нест, баръакс, он солҳо ба камол расида, комилан дар ӯ табии шудааст. Фирӯз Баҳор ҳамеша дар ҷустуҷӯ қарор дорад. Аз ин рӯ, мавзӯҳои Прелюдия ва фугаро аз фазои мусиқии миллӣ дақиқ ва амиқ ҷустуҷу карда, пасон эҷод кардааст. Ба гуфтаи мусиқишинос Э.Р. Гейзер «бештари прелюдия ва фугаҳо дар асоси маводҳои мусиқии миллии тоҷикӣ, навишта шудаанд» [3, с. 64].

Композитор Ф. Баҳор ҷонибдори мусиқии барномавӣ ё мусиқии сюжетӣ нест[4]. Вале ӯ рангорангии мусиқии миллиро хеле хуб эҳсос мекунад. Бинобар ин ӯ силсилаи худро бо санъати тасвирӣ низ алоқаманд намуда, номи онро «Нақши паранд» ниҳодааст. Чунин маҷмӯаҳои полифонӣ, ки ба санъати тасвири алоқаманд аст, дар эҷодиёти композиторони дигар низ вохӯрдан мумкин аст: Ван Лисан (1981) маҷмӯаи полифонии «Тян-Шан», ки дар он ҳар як силсила номгузорӣ шудааст, мисол «Мусаввара», «Нақш» ва ғайра. «Ба замми ин дар муқаддимаи ин силсилаҳо композитор шеърро истифода бурдааст» [1, с. 115]. Г. Мушел бошад силсилаҳои хурди худро мусаввара номидааст.

Барои Фирӯз Баҳор яке аз вазифаҳо, ин ҷори намудани монодия дар силсилаи полифонӣ буд. Барои ҷори намудани монодия дар силсилаи полифонӣ, эҷоди импровизатсия дар Прелюдия лозим шуд. Дар ин ҳол Прелюдия аз доираи жанри худ берун шуда мебарояд. Ба он навоварӣ дароварда шуд. Дар ин вазъ зарурияти модулятсияҳо пеш омад, ва ҳалли худро ёфт. Аммо, ин усулҳо бештар дар худи мавзӯъ возеҳанд, ки бо импровизатсия тавсиф шудаанд. Ин ба он оварда расонид, ки сароҳанги фугаҳо дарозтар шаванд. Ҷолиб он аст, ки дар маҷмӯъ Фирӯз Баҳор дар асарҳояш аз иқтибос овардани оҳангҳои халқӣ даст кашидааст. Ӯ ба худ ҳадаф гузоштааст, ки композитор бояд ғояҳои худро дошта бошад. Чи тавре, ки худ қайд мекунад «эҷодиёти композитор дастоварди худашро бояд тасниф кунад» [3, с. 77]. Аммо, пас аз таҳлил мо гуфта метавонем, ки композитор дар силсилаи «24 прелюдия ва фуга» мақсаду ҳадафи худро қисман иваз карда, як қатор манбаъҳои фолклориро низ истифода бурдааст. Ҷолиб он аст, ки муроҷиат ба фолклор дар доираи силсилаи калони полифонӣ дар аксар асарҳои композиторони хориҷӣ низ дида мешавад. Барои мисол мо «24 прелюдия ва фуга»-и И. Елчева (1970) ва «Хаёлот ва фуга»-и Н. Полинскиро (1986) меномем. Дар силсилаҳои полифонии композиторони дар боло қайд шуда, (А. Хачатурян, А. Пирумов, Г. Чеботарян, Г. Мушел ва дигарон) мусиқии фолклорӣ истифода шудааст. Чунон, ки И.И. Васирук гуфтааст, муроҷиат ба фолклор дар силсилаҳои калони полифонӣ «мавзӯъҳо аз сарчашмаҳо, хотираи гузаштагонро инъикос карда онҳоро ҳифз мекунанд» асоси воқеи дорад [2, с. 59].

Дар силсила чунин сароҳангҳо якчандтоанд. Ҳамин тавр, мавзӯи фугаи №5 D-dur як суруди халқӣ будааст, ки онро композитор аз овози модараш – овозхон Мулук Баҳор сабт кардааст; сароҳанги фугаи №6 h-moll суруди халқии арманӣ аст, ки онро Комитас навиштааст. Мавзӯи фугаи №15 Des-dur дар асоси мусиқии суннатии тоҷик, дар вазни мутақориби «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ навишта шудааст. Сароҳанги ин фугаро Фирӯз Баҳор аз овози муаллифи тарҷумаи русии «Шоҳнома» ва ҳамсари Абулқосим Лоҳутӣ Сесилия Бенсиановна сабт кардааст [10]. Хислати аҷиби дигари силсилаи хурди №18 (f-moll), дар он аст, ки мавзӯи Прелюдия суруди халқии черкесӣ ва аз фуга бошад суруди халқии маҷорист [13, с. 133].

Композитор пас аз дарк кардани равияи нави мусиқӣ мақсади эҷодӣ маънавиро дар худ ҷустуҷу карда дигар мекунад. Ҳарчанд ҳатто дар даври эҷодӣ бомувафақият ва дарёфти усулҳои нав низ қарор дошт. Чунон, ки дар суҳбатҳо муаллиф иқрор шуд, хоҳишманди офаридани «кори зинда» ҳастам, ки дар он таассуроти худро ва тасвирҳои дар худ доштаро

[4] Ф. Баҳор: «Ман боварӣ дорам, ки мусиқӣ инъикосӣ муаллиф буда, чорчубаи эҷодӣ надорад» [3, с. 70].

дар мусиқи инъикос карда тавонам [10]. Ғояи эҷодӣ мусиқии «тасвирӣ» натанҳо дар силсилаи полифонии Ф. Баҳор, балки дар силсилаи полифонии композитори дигари Осиёи Марказӣ Г. Мушел низ дида мешавад. Дар силсилаи «24 прелюдия ва фуга»-и Г. Мушел чунин силсилаҳое, ки ба тасвир наздиканд, номидан мумкин аст: силсилаи №8 «Хотираи Навоӣ», №15 «Хотираи Мясковский» ва ғайра. Тамоюл ба таври қатъӣ, инъикос кардани шаклҳои полифонӣ дар фазои мусиқии миллӣ, ки ба фарҳанги бою ғании миллати куҳанбунёд ва тамаддунофари тоҷикон хос аст дарҷ мегардад. Он бошад дар «24 прелюдия ва фуга»-и Ф. Баҳор аъло ба назар мерасанд. «Ман худро як рассоми миллӣ ҳис мекунам» – мегӯяд композитор Фирӯз Баҳор [3, с. 72]. Ғайр аз он, дар заминаи таърихи рушди мусиқии миллӣ, силсилаи «24 прелюдия ва фуга»-и Ф. Баҳор метавонад ҳамчун меъроси хуб барои фарҳанги мусиқӣ бошад.

Муқарриз: Миршакар З.М., и.в. профессор

Рӯйхати адабиёт:

1. Ван Ин. Интеграция национальных традиций и европейского музыкального опыта в творчестве китайского композитора Ван Лисана // Изв. Рос. гос. пед. ун-та им. А.И. Герцена – 2008. – Вып. 70. – С. 111 – 116.
2. Васирук И.И. Художественно-содержательные особенности больших полифонических циклов XX века // Изв. Рос.гос. пед. ун-та им. А.И. Герцена. – 2008. – Вып. 61.– С. 57 – 60.
3. Гейзер Э. Композитор – профессия замечательная! / Э. Гейзер, Ф. Бахор. – Санкт-Петербург: Алетейя, 2012. – 128 с.
4. Гейзер Э.Р. Инструментальная музыка композиторов Таджикистана (Традиции и современность). - Душанбе: Дониш, 1987. – 166 с.
5. Д. Шостакович «24 прелюдия ва фуга» (1951) ва Р. Шедрин «24 прелюдия ва фуга» (1964)
6. Задерацкий В. Полифония в инструментальных произведениях Д. Шостаковича. –М.: Музыка, 1969. – 272 с.
7. Композиторон ва мусиқишиносони Тоҷикистон. Маълумотнома / Мураттибон Ф. Азизӣ, Қ. Ҳикматов, Н. Ҳакимов – Душанбе, 2011. – 288 с.
8. Ленский, А. Ду прелюдия ва фуга дар асоси оҳангҳои тоҷикӣ. – Душанбе, 1940. – 18 с. Дастхат
9. Ливанова, Т. Музыкальная драматургия И. С. Баха и её исторические связи. Часть1: Симфонизм. – Москва: «Госмузиздат», 1948. – 230 с.
10. Мусоҳиба бо Ф. Баҳор 24.01.2016 // Б.А. Убайдзода. Бойгонии шахсӣ
11. Назарова Л. Чувство времени // Назарова Л. Музыкальная культура Таджикистана. XX – начало XXI столетий (тенденции, проблемы). Статья разных времён. – Душанбе, 2009. – С. 38 – 40.
12. Протопопов В.В. Полифония / Музыкальная энциклопедия. в 6-ти томах. Гл. ред. Ю.В. Келдыш. – Т. 4. – Москва: «Сов. энцикл», 1981. – С. 344 – 364.
13. Тончук П.О. Фуга как универсальный художественный концепт (на примере цикла «Рисунки по шелку» Ф. Бахора) дисс. на соиск. уч. ст. канд. иск. - ния. – Новосибирск, 2016. – 222 с.
14. Ф. Баҳор. Альбом для Зухры. Москва: «Советский композитор», 1982. – 43 с.
15. Фраенов, В.П. Фуга / Музыкальная энциклопедия. в 6-ти томах. Гл. ред. Ю.В. Келдыш. – Т. 5. – Москва: «Сов. энцикл», 1981. – С. 975–993.
16. Фуга таджикских композиторов. Составитель и редакция Ёдгоров А. – Душанбе: «Госкомиздата Таджикского ССР», 1984. – 107 с.
17. Хрестоматия. Маҷмуаи асарҳои полифонӣ, сонатинаҳо ва вариатсияҳо барои ф-но. Мураттиб ва муҳаррири мусиқӣ Убайдзода Б. Душанбе: «Нашри Камол», 2020. – 71 с.

РУШДИ МУСИҚИИ ПОЛИФОНИИ ТОҶИК ДАР АСРҲОИ XX-XXI

Дар илми мусиқии муосир омӯзиш ва таҳлили асарҳои композиторон аҳамияти аввалиндараҷа доранд. Зеро композиторони тоҷик дар жанрҳои гуногуни мусиқӣ асарҳо эҷод карда, дар рушди мусиқии миллӣ ва ҷаҳонӣ саҳми арзанда гузошта истодаанд. Ин асарҳо барои мусиқии миллии тоҷик дар ҷаҳони имрӯза арзиши бузургро пайдо карда, ташаккули мусиқии композитории тоҷикро таъмин намудаанд. Дар осори композиторони тоҷик дар жанрҳои алоҳидаи полифонӣ аз ҷумла, фуга, инвенсия, пассакалия, канон, фугетта ва фугато ҷо доранд. Ва байни композиторони тоҷик то имрӯз қариб композиторе нест, ки ба ягон жанри полифонӣ рӯ наоварда бошад. Дар миёни ин композиторон Александр Ленский (1910-1978), Шарофиддин Сайфиддинов (1929-2014), Дамир Дӯстмуҳаммадов (1941-2003) ва Аъзам Солиев (1941-2013) дар осори худ бештар ба полифония таваҷҷӯҳ додаанд. Аз ҷумла, Александр Ленский – панҷ фуга, Шарофиддин Сайфиддинов – нӯҳ фуга, Дамир Дӯстмуҳаммадов – панҷ фуга, ду триову се миниатюраи полифонӣ (бо сохтори имитатсионӣ), Аъзам Солиев – ҳафт фуга, як триои полифонӣ (бо сохтори имитатсионӣ) ва Фирӯз Баҳор – «24 прелюдия ва фуга» доранд. Аз байни композиторони насли аввал Александр Ленский якбора ба жанри силсилаи полифонии прелюдия ва фуга рӯ оварда, дар асоси оҳангҳои халқии тоҷикӣ ду силсилаи худро офарид (1940). Шояд ин нахустин талқиноти ҳамҷояшавии мусиқии халқии тоҷик бо полифония бошад дар жанри мустақил. Байни композиторони Тоҷикистон Фирӯз Баҳор композиторест, ки яке аз услубҳои эҷоди худро полифония интихоб кардааст. Фирӯз Баҳор дар жанри сирф ғарбиаврупоӣ, бо забони мусиқии тоҷикӣ эҷод мекунад. Бояд қайд кард, ки «24 прелюдия ва фуга»-и Фирӯз Баҳор ягона асарест дар мусиқии тоҷик, ки дар ин жанри бузургсилсила навишта шудааст. ин асар наинки дар мусиқишиносӣ таҳлил нашудааст, балки то ҳол чоп нашудааст.

Калидвожаҳо: *прелюдия, фуга, инвенсия, пассакалия, канон, фугетта, фугато, канон, интерлюдия, стретто.*

РАЗВИТИЕ ПОЛИФОНИЧЕСКОЙ МУЗЫКИ КОМПОЗИТОРОВ ТАДЖИКИСТАНА В XX-XXI ВВ.

Изучение и анализ творчества композиторов имеют первостепенное значение в современной музыкальной науке. Потому что таджикские композиторы создают произведения в различных музыкальных жанрах и вносят ценный вклад в развитие национальной и мировой музыки. Эти произведения приобрели большое значение для таджикской национальной музыки в современном мире и обеспечили формирование таджикской композиционной музыки. В творчестве таджикских композиторов выделяются отдельные полифонические жанры, такие как фуга, инвенция, пассакалья, канон, фугетта и фугато. А среди таджикских композиторов почти нет композитора, который не обращался бы к какому-либо полифоническому жанру. Среди этих композиторов больше внимания полифонии в своих произведениях уделяли Александр Ленский (1910-1978), Шарафиддин Сайфиддинов (1929-2014), Дамир Достмухаммадов (1941-2003) и Азам Солиев (1941-2013). В частности, Александр Ленский - пять фуг, Шарофиддин Сайфиддинов - девять фуг, Дамир Достмухаммадов - пять фуг, два трио и три полифонические миниатюры (с имитационной структурой), Азам Солиев - семь фуг, одно полифоническое трио (с имитационной структурой) и Фируз Бахор. – у нее «24 прелюдии и фуги». Среди композиторов первого поколения Александр Ленский сразу обратился к жанру полифонических прелюдий и фуг и создал две на основе таджикских народных мелодий (1940). Пожалуй, это первая интерпретация слияния таджикской народной музыки с полифонией в самостоятельный жанр. Среди композиторов Таджикистана Фируз Бахор – композитор, выбравший полифонию в качестве одного из своих творческих стилей. Фируз Бахар сочиняет в чисто западноевропейском жанре, но на таджикском языке. Следует отметить, что «24 прелюдии и фуги» Фируза Бахара – единственное произведение в таджикской музыке, написанное в этом жанре эта работа не анализировалась в музҷковедение, и оно даже не опубликована.

Ключевые слова: *прелюдия, фуга, инвенсия, пассакалия, канон, фугетта, фугато, канон, интерлюдия, стретто.*

MUSICAL DEVELOPMENT TAJIK POLYPHONY IN XX-XXI CENTURIES

Study and analysis of composers' works are of primary importance in modern music science. Because Tajik composers create works in various genres of music and make a valuable contribution to the development of national and world music. These works have gained great value for Tajik national music in today's world and have ensured the formation of Tajik compositional music. In the works of Tajik composers, there are separate polyphonic genres such as fugue, invention, passacaglia, canon, fugetta and fugato. And among the Tajik composers, there is almost no composer who did not turn to some polyphonic genre. Among these composers, Alexander Lensky (1910-1978), Sharafiddin Saifiddinov (1929-2014), Damir Dostmuhammadov (1941-2003) and Azam Soliev (1941-2013) paid more attention to polyphony in their works. In particular, Alexander Lensky - five fugues, Sharofiddin Saifiddinov - nine fugues, Damir Dostmuhammadov - five fugues, two trios and three polyphonic miniatures (with imitation structure), Azam Soliev - seven fugues, one polyphonic trio (with imitation structure) and Firuz Bahor - They have "24 preludes and fugues". Among the composers of the first generation, Alexander Lensky immediately turned to the genre of polyphonic prelude and fugue series and created two series based on Tajik folk melodies (1940). Perhaps this is the first interpretation of the fusion of Tajik folk music with polyphony in an independent genre. Among the composers of Tajikistan, Firuz Bahor is a composer who chose polyphony as one of his creative styles. Firuz Bahar composes in the purely Western European genre, in the Tajik language. It should be noted that "24 preludes and fugues" by Firuz Bahar is the only work in Tajik music written in this genre. this work has not been analyzed in musicology, but has not been published yet.

Keywords: *prelude, fugue, invention, passacalia, canon, fugetta, fugato, canon, interlude, stretto.*

Маълумот дар бораи муаллиф*:* ***Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ*** *– Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов, докторант (PhD). Нишонӣ: шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳусейнзода 155. Телефон: (+992)917406046. E-mail: ahrorb93@mail.ru*

Сведения об авторе*:* ***Убайдзода Бахтиёр Ахрори*** *– Таджикская национальная консерватория имени Талабхуджи Сатторова, докторант (PhD). Адрес: г. Душанбе, Хусейнзода, 155. Телефон: (+992) 917406046. E-mail: ahrorb93@mail.ru*

Information about author: Ubaidzoda Bakhtiyor Ahrori – *Tajik National conservatory, doctorant (PhD). Adress: Dushanbe, Huseynzoda Str., 155. Телефон: (+992) 917406046. E-mail: ahrorb93@mail.ru*

ТДУ: 9(4/5)

КУЛЬТУРА ФЕОДАЛЬНОГО УПРАВЛЕНИЯ ОБЩЕСТВ ЗАПАДА И ВОСТОКА ПЕРИОДА X-XV ВЕКОВ

Саидасанов Юсуф Шанавалшоевич
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев

Одним из важнейших направлений сравнительного анализа средневековых обществ составляет политическая культура и структура политических организаций этих обществ, которые отражают исторические особенности их деятельности. Изучение данного вопроса является актуальным и в наше время, именно в истории прошлого мы находим ответы на нашу современную действительность. Безусловно, один из главных источников истинного национального самосознания - это постоянное обращение к прошлому своего народа, сохранение культурного наследия предков и бережное отношение к памяти великих сынов нации [1, 8]. Хотя развитие общества на Востоке и на Западе периода X-XV веков имело свои особенности, однако в целом, в обеих регионах мы можем наблюдать аналогичные феодальные производственные отношения, построенные на владение землей со стороны крупных землевладельцев, которые были в основном военные правители или частные военные организационные структуры и средние землевладельцы. Но данный строй все больше имел военизированный характер, поскольку именно военные служители являлись владельцами основных производительных сил и война была источником всего богатства верхних слоев средневекового общества. Так например на Востоке в период правления Сельджуков, значительную роль в организации производства получило институт «икта», при котором основные земельные наделы находились в качестве военных заслуг (икта) в руках военных эмиров. На Западе же данный институт был применен в форме бенефициев введенный Карлом Мартеллом, а также применение института бургов Генрихом Птицеловом и насаждением фемной системы и института стратиотов Львом Исавром, которые имели сходственное значение в обеих обществах – как на Западе так и на Востоке и суть их состояло в военно-феодальном правление [6, с. 67]. В сущности и на Западе и на Востоке основу этой формы ведения хозяйства составляли военные предводители, которые рассматривались в качестве основных землевладельцев в средневековом обществе. Но несмотря на концептуальные и формационные сходства, феодальный строй на Востоке и на Западе имел различия, связанные с способами ведения хозяйства. Вместе с тем спорным является различие в причинах и формах перехода восточного общества в феодальный строй. Предпринималось много попыток обнаружить сходство, но при более близком рассмотрении надуманные аналогии не выдерживали проверки действительностью. Как отмечает Тойнби «феодальные системы Западной Европы, Византийской империи и мусульманских обществ Египта, Турции, Индостана, не говоря уже о феодализме в Японии, должны рассматриваться как совершенно различные институты»[8, с. 67].

Однако прогрессивным элементом западного общества была его парламентская система управления. В системе западного общества уже к XIV веку гегемония правителей на решение важных государственных вопросов было ограничено парламентом как в Англии и Генеральными штатами во Франции. В отличие от Востока, европейцы не нуждались в сверхмощном государстве, которое объединило регион против мощного врага. К концу эпохи Средневековья потенциал Европы позволяло ей противостоять всем нашествиям без тотальной мобилизации ресурсов [10, с. 120].

Сходства и различия форм управления Запада и Востока особенно отчетливо наблюдалось на тех территориях, которые составляли «линию разлома» этих цивилизаций. Эти границы принадлежали государствам Сельджуков, Багдадскому халифату, Фатимидскому халифату на Востоке и на Западе они начинались с границ графства Португазии, Королевства Леона и Кастилии на Пиренеях, далее шли вдоль морского побережья Королевства Франции и Бургундии и охватывали морские и сухопутные границы Византийской империи. Также на Западе сельджуки граничили с Византийским Никейским

государством по линии Инеболу — Эскишехир — Кютахья — Денизли — Бодрум. На севере им принадлежала незначительная часть побережья Черного моря и два порта — Синоп и Самсун. На северо-востоке государство Сельджуков граничило с вассальной византийской Трабзонской империей и Грузией; на востоке — с армянскими государствами; на юго-востоке и юге — с курдскими княжествами, франками (Антиохия) и вассальным армянским государством в Киликии. Сельджукам принадлежало побережье Средиземного моря от Антальи на западе до Силифке на востоке [9, с. 227]. Таким образом эти территории разделяли не только государства, но и цивилизации и религии двух обществ – Запада и Востока. Средневековые формы правления Запада и Востока носили характер тирании и единовластия.

Отмечая форму управления стран Запада и Востока, стоит отметить, что на Востоке в основном во главе государств стояли халифы и султаны. Халиф считался одновременно и духовным лидером, когда как султан являлся чисто светским правителем. Институт халифа действовало в основном на территории Багдадского халифата и халифата Фатимидов. Но основное различие в системе управления Запада и Востока было в управление на уровне местного самоуправления и управления городами-государствами. На Западе города-государства объединялись в союзы и таким образом создавали конфедераций городов для создания коллективной защиты перед внешними военными вызовами. На Востоке же местные правители надеялись на защиту единого суверена в виде султана, который отвечал за безопасность местных правителей перед лицом внешней угрозы, но те в свою очередь поставляли за счет населения областей определенное количество войск в распоряжение султана случае начало войны. Так, например в административно-территориальном отношении государство сельджуков в середине XIII века входили более 30 вилайетов, которые разделялись на три группы: Во главе вилайетов первого типа (к ним относилось большинство провинций) стоял генерал-губернатор, который именовался субаши. Субаши являлись командующими войсками вилайетов. Эти войска состояли из кавалерии, точно определенный контингент которой, должны были обучать, вооружать, экипировать и содержать владельцы икта. В административном центре вилайета находились чиновники, задачей которых был контроль за правильностью уплаты налогов, которые являлись основным источником доходов государства. Собираемые в вилайетах налоги направлялись в столицу. Они поступали в Большой диван в департамент муставфи. Часть налогов, они назывались «русуми урфия» (riisum-i orfiye), поступала в казну султана и являлась его личными доходами. Второй тип вилайетов возглавляли не субаши, а мелики, то есть, дети и родственники султана. Они были полностью независимы от дивана и подчинялись непосредственно султану. В случае войны мелики были обязаны направлять в армию султана свои войска. Третьим типом вилайетов были пограничные вилайеты, или уджи. Уджами у сельджуков было принято называть земли, граничившие с христианскими государствами. Но использовался этот термин исключительно применительно к границе с Византией [9, с. 155]. Парадигмой для системы управления восточной цивилизации служило форма управления государства Саманидов. У Саманидов также заимствовали систему подготовки кадров и язык ведения государственной документации. К тому же, во многих, если не во всех государственно-управленческих структурах должности первых министров и высших сановников занимали таджики и персы, соответственно на таджикско-персидском велись государственные документации. Также как и светские должности в системе управления, высшее духовное сословие общества состояло из таджикских *мулл и кази*. А для легитимизации власти новых завоевателей или узурпаторов – тюрок и арабов, местным *улама* пришлось создавать мифологические генеалогии [1, с. 7]. Причиной господства таджикско-персидской элиты в науке и управления состояло в том, что эти народы являлись создателями городской управленческой культуры, что вынуждало правителей прибегнуть к их услугам и традициям в управление государством.

Для правителей военно-феодального строя Востока основное беспокойство вызывало укрепление безопасности государства и поэтому подготовка к войне и содержание армии

составляло основное звено в управление страной. Поэтому для обеспечения постоянной боеготовоности армии и снятие этих расходов с государства, на Востоке был создан институт «икта», согласно которому земля находилась в руках военных эмиров и служителей султанов, его родственников. Суть системы «икта» заключалась в следующем. За службу в ополчении государство выделяло земельные наделы. Такие земли, точнее получаемые с них доходы, назывались икта. Владельцам (условным) наделов разрешалось собирать и оставлять себе налоги с проживавшего на их землях населения. Обладатель надела (икта) был обязан отобрать из числа местных жителей определенное (в зависимости от размеров икта) число молодых людей, вооружить и полностью экипировать их, посадить на коней, обучить военному делу и содержать за свой счет. После объявления мобилизации владелец икта вместе со своим отрядом, командиром которого он являлся, был обязан встать под знамена султана. Кроме того, в случае мобилизации свои войска в состав вооруженных сил империи были обязаны направить правители вассальных государств.

Владельцы икта могли сдавать эти земли в аренду, но все кто жил и работал на этих землях составляли военный отряд землевладельца. Таким образом, военная организация Великих Сельджуков состояла из постоянной профессиональной армии (гулямов), кавалерийского ополчения, которое формировали и содержали владельцы икта, а также войск вассальных государств. Каждый землевладелец был объязан в случае войны прибыть в условленное место с отрядом, снаряжение которого было также поручено землевладельцам. Институт икта широко используемый тюркскими правителями существенно ограничило свободы оседлого населения. Молодежь проживающая на территорию владельца икта не имело права заниматься никаким делом помимо обучения военным делом. По сути молодых людей использовали для увеличения количество армии не учитывая при этом желание, способности и талант молодого человека. Всю сушность данного института можно проследить на следующем примере сельджукидов периода правления Кайкубада. В начале 1220-х годов Алаэддин Кейкубад выделил Кемаледдину Камьяру вилайет Зара с доходом 100 тысяч дирхемов качестве икта. Камьяр был обязан обучить, вооружить и содержать 60 воинов. То есть, во времена Алаэддина Кейкубада владельцы икта были обязаны подготовить, вооружить и содержать одного кавалериста с каждых 1670 дирхемов дохода.При объявлении мобилизации владелец икта во главе своего кавалерийского отряда был обязан в кратчайшие сроки прибыть к субаши. В свою очередь субаши во главе войск вилайета прибывал в указанное султаном место сбора войск. Мобилизация объявлялась следующим образом: султан издавал письменные именные указы о сборе войск. На указы ставилась тугра, после чего нарочные доставляли их главам субъектов сельджукского государства. От сроков мобилизации часто зависел успех военной кампании. Поэтому за нерасторопность, а тем более невыполнение подобных указов следовало серьезное наказание.

Сельджукам и их военачальникам, не сразу порвавшим со своими кочевыми традициями, икта, как особая форма держания земли, пришлась очень по душе и потому, что она допускала возможность взимать налоги и повинности с крестьян, не переходя на оседлое состояние, не становясь оседлыми землевладельцами. Именно Низам аль-Мульком была проведена реформа, положившая начало массовой раздаче воинам земельных наделов. Если раньше государство выплачивало им жалованье из казны, то теперь взамен этого стали раздавать икта.

Низам аль-Мульк написал трактат «Сиасет-наме», в котором изложил не только свое политическое кредо, но и политическую практику сельджукского государства, а также ряд административно-политических рецептов. В этом трактате есть специальная глава, озаглавленная «О мукта (владелец участка выданного ему за службу), о разузнавании, как они обращаются с народом»: «Мукта… пусть знают, что по отношению к народу им не приказано ничего, кроме как собирать добрым образом законную подать. Если кто из народа захочет отправиться ко двору, чтобы открыть свои обстоятельства, пусть к тому не чинят помехи; любому, кто сделает иначе, пусть укоротят руки, пусть от него отберут икта и

накажут, чтобы показать пример другим. Им следует знать, что царство и народ принадлежат султану».[7, с. 8]

Внедрение формы икта в большей мере было обусловлено необходимостью постоянного содержания армии. В условиях, когда власть часто менялась под влиянием нашествий, правители путем организации икта страховали себя в случае нападения на их страну и могли в кратчайшие сроки собрать укомплектованную и боеспособную армию. Например, отсутствие этой системы у Саманидов привело к тому, что в момент нападения на их страну, они не смогли собрать необходимое количество войск. Влияние института икта на развитие общества Востока бесспорно было отрицательным. Во первых таким образом снижалось производительность в сельской местности, поскольку молодежь под разными предлогами покидало сельские местности и переселялось в город. Во-вторых, постоянные войны приводили к снижению числа населения в сельских местностях, а прибытие новых переселенцев из числа кочевников, разоряло многочислненные селения превращая их в пастбища для прибывших кочевников.

Еще одним фактором сдерживания роста Востока была единовластие султанов, как формы тирании, которая на Востоке, по степени своей жестокости во многом превзошла западную систему управления государством по степени тоталитарности. В обществах восточного типа власть была эквивалентна собственности, в то время как в обществах западного типа со времен Венецианской республики произошло разделение собственности (денег) и власти, которая могла быть «просто» наемной, а ее главной функцией являлась функция управления [2, с. 67].

